ISSN 2413-516X

ПАЁМИ
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
Бахши илмҳои филологӣ
2020. №2

ВЕСТНИК
ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
Серия филологических наук
2020. №2

BULLETIN
OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
Series of philology
2020. No.2

МАРКАЗИ
ТАБЪУ НАШР, БАРГАРДОН ВА ТАРҶУМА
ДУШАНБЕ – 2020

ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
БАХШИ ИЛМҲОИ ФИЛОЛОГӢ

Муассиси маҷалла:
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Маҷалла соли 2012 таъсис дода шудааст.
Дар як сол 8 шумора нашр мегардад.

САРМУҲАРРИР:

Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич — *Доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

Исмонов Кароматулло — *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, директори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ

Раҳмонзода Абдуҷаббор Азиз — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Юсуфзода Носирҷон Салимӣ — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Раҳматуллозода Сахидод — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Назарзода Сайфиддин — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, сарходими илмии Институти забон ва адабиёти ба номи А.Рӯдакии АИ ҶТ, узви вобастаи АИ ҶТ*

Исмоилов Шамсулло Исмоилович — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикӣ ва назарияи забоншиносии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода*

Абдуллозода Масрур Аҳмад — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи ватанӣ ва байналмилалии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон*

Абдусатторов Абдушукур — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Кучарзода Аламхон — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, узви вобастаи АИ ҶТ*

Саидов Ҳалимҷон Азизович — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Мамадназаров Абдусалом — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони англисии факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Муродов Мурод — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи матбуоти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Нағзибекова Меҳриниссо Бозоровна — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Хоҷаев Давлатбек — *Доктори илмҳои филология, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Дӯстов Ҳамрохон Ҷумаевич — *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони адабии муосири тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ
– 2020. – №2. ISSN 2413-516X
Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон №0038/ЖР-97 ба қайд гирифта шудааст.
Маҷалла дар Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи ДМТ барои нашр таҳия мегардад.
Нишонии Марказ:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Сомонаи маҷалла: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Маҷалла ба Феҳристи нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Русия аз 03.06.2016, №1924 ворид гардидааст.

Маҷалла мақолаҳои илмии соҳаҳои илмҳои филологиро барои чоп қабул менамояд: **10.01.00 – Адабиётшиносӣ; 10.02.00 – Забоншиносӣ.**

Маҷалла дар Индекси иқтибосҳои илмии Русия (РИНЦ) ворид карда шудааст ва пайваста дар системаи индексатсионии мазкур дар бораи шумораҳои чопшуда маълумот ворид менамояд. Маҷалла сомонаи расмии худро дорад, ки дар он матни мукаммали маводи чопӣ ҷойгир карда шудааст (www.vestnik-tnu.com).© ДМТ, 2020

ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
СЕРИЯ ФИЛОЛОГИЧЕСКИХ НАУК
Учредитель журнала:
Таджикский национальный университет
Журнал основан в 2012 г. Выходит 8 раз в год.

ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР ЖУРНАЛА:

Хушвахтзода Кобилджон Хушвахт — *Доктор экономических наук, ректор Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)*

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич — *Доктор химических наук, профессор, проректор по науке Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)*

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

Исмонов Кароматулло — *Кандидат филологических наук, доцент, директор Издательского центра Таджикского национального университета*

РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:

Рахмонзода Абдуджаббор Азиз — *Доктор филологических наук, профессор, академик Академии наук Республики Таджикистан, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета*

Юсуфзода Носирджон Салими — *Доктор филологических наук, профессор, академик Академии наук Республики Таджикистан*

Рахматуллозода Сахидод — *Доктор филологических наук, профессор, член-корреспондент Академии наук Республики Таджикистан*

Назарзода Сайфиддин — *Доктор филологических наук, профессор, ведущий научный сотрудник Института языка и литературы им. А.Рудаки Академии наук Республики Таджикистан*

Исмоилов Шамсулло Исмоилович — *Доктор филологических наук, профессор кафедры таджикского языка и теории языкознания Таджикского государственного института языков им. Сотима Улугзаде*

Абдуллозода Масрур Ахмад — *Доктор филологических наук, профессор кафедры отечественной и международной журналистики Российско-Таджикского (славянского) университета*

Абдусатторов Абдушукур — *Доктор филологических наук, профессор кафедры истории таджикской литературы Таджикского национального университета*

Кучарзода Аламхон — *Доктор филологических наук, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета, член-корреспондентАкадемии наук Республики Таджикистан*

Саидов Халимджон Азизович — *Доктор филологических наук, профессор общеуниверситетской кафедрой английского языка Таджикского национального университета*

Мамадназаров Абдусалом — *Доктор филологических наук, профессор кафедры английского языка факультета языков Азии и Европы Таджикского национального университета*

Муродов Мурод — *Доктор филологических наук, профессор кафедры печати Таджикского национального университета*

Нагзибекова Мехриниссо Бозоровна — *Доктор филологических наук, профессор кафедры общего языкознания и сравнительной типологии Таджикского национального университета*

Ходжаев Давлатбек — *Доктор филологических наук, профессор кафедры истории языка и типологии Таджикского национального университета*

Дустов Хамрохон Джумаевич — *Кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедрой современного таджикского литературного языка Таджикского национального университета*

Вестник Таджикского национального университета.
Серия филологичесих наук.
– 2020. – №2. ISSN 2413-516X
Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан №0038/ЖР-97
Журнал подготавливается к изданию в Издательском центре ТНУ.
Адрес Издательского центра:
734025, Республика Таджикистан,
г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Журнал включен в Перечень рецензируемых научных изданий, рекомендованных ВАК Минобрнауки Российской Федерации от 03.06.2016, №1924.

Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: **10.01.00 – Литературоведения; 10.02.00 – Языкознание.**

Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных.

Журнал имеет официальный сайт (www.vestnik-tnu.com), в котором размещаются полнотекстовые версии опубликованных материалов.

© ТНУ, 2020

BULLETIN OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
SERIES OF PHILOLOGY
Founder of journal:
TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
The journal is established in 2012. Issued 8 times a year.

CHIEF EDITOR:

Khushvakhtzoda Kobiljon Khushvakht	*Doctor of Economic Sciences, Professor, Rector of the Tajik National University*

DEPUTY CHIEF EDITOR:

Safarmamadov Safarmamad Muborakshoevich	*Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-Rector for Science of the Tajik National University*

DEPUTY CHIEF EDITOR:

Ismonov Karomatullo	*Candidate of philology sciences, associate professor, director of the Publishing Center of the Tajik National University*

EDITORIAL BOARD:

Rahmonzoda Abdujabbor Aziz	*Doctor of Philology, Professor, Academician of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University*
Yusufzoda Nosirjon Salimi	*Doctor of Philology, Professor, Academician of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan*
Khorkashev Sakhidod	*Doctor of Philology, Professor, Corresponding Member of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan*
Nazarzoda Saifiddin	*Doctor of Philology, professor, leading researcher of the Institute of Language and Literature named after A. Rudaki of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan*
Ismoilov Shamsullo Ismoilovich	*Doctor of Philology, Professor of the Tajik language and theory of linguistics of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulugzoda*
Abdullozoda Masrur Akhmad	*Doctor of Philology, Professor of the Department of National and International Journalism of the Russian-Tajik (Slavonic) University*
Abdusattorov Abdushukur	*Doctor of Philology, Professor of the Department of the History of Tajik Literature of the Tajik National University*
Kucharzoda Alamkhon	*Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University, Corresponding Member of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan*
Saidov Khalimdzhon Azizovich	*Doctor of Philology, Professor of the Department of English Language of the Tajik National University*
Mamadnazarov Abdusalom	*Doctor of Philology, Professor of the English Department of the Faculty of Languages of Asia and Europe of the Tajik National University*
Murodov Murod	*Doctor of Philology, Professor of the Department of Printing of the Tajik National University*
Nagzibekova Mekhrinisso Bozorovna	*Doctor of Philology, Professor of the Department of General Linguistics and Comparative Typology of the Tajik National University*
Khodzhaev Davlatbek	*Doctor of Philology, Professor of the Department of Language History and Typology of the Tajik National University*
Dustov Khamrokhon Dzhumaevich	*Candidate of Philology, assistant professor, Head of the Department of Modern Tajik Literary Language of the Tajik National University*

Bulletin of the Tajik National University. Series of philology
– 2020. – №2. ISSN 2413-516X
The journal is registered in the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan.
The journal is being prepared for publication in the Publishing Center of TNU.
Address of the Publishing Center:
17, Rudaki avenue, Dushanbe, 734025, Republic of Tajikistan,
Web site: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Tel.: (+992 37) 227-74-41

The journal is included in the List of peer-reviewed scientific publications recommended by the Higher Attestation Commission of the Ministry of Education and Science of the Russian Federation from 03.06.2016, No. 1924.

The journal accepts scientific articles on the following branches of science: **10.01.00 - Literary studies; 10.02.00 - Linguistics.**

The journal is included in the database of the Russian Scientific Citation Index (RSCI), and regularly provides information to the RSCI in the form of metadata.

The journal has an official website (www.vestnik-tnu.com), which houses full-text versions of published materials.© TNU, 2020

УДК: 491.550

МАВҚЕИ ИФОДАҲОИ МАҶОЗӢ ВА ТОБИШҲОИ МАЪНОИИ ОНҲО ДАР ДОСТОНИ «ЛАЙЛӢ ВА МАҶНУН»-И НИЗОМИИ ГАНҶАВӢ

Саломиён М., Зайдуллои Хайрулло
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Яке аз масъалаҳои мубрами илми луғатшиносии муосир аниқ муқаррар намудани анвои маъноҳои луғавии калима мебошад. То имрӯз дар ин бобат ақидаҳои мухталиф мавҷуд аст. Муҳаққиқон маъноҳои луғавии калимаро бо тариқи гуногун муайян карда, онҳоро ба номинативӣ, мафҳумӣ, казионалӣ ва монанди инҳо ҷудо намудаанд. Дар забоншиносии тоҷик низ дар ин мавзӯъ ягон муназзамиро мушоҳида наметавон кард. Баъзеҳо маъноҳои луғавиро ба асливу маҷозӣ, гурӯҳи дигар ба маъноҳои асосиву иловагӣ ҷудо кардаанд. Мавриди тазаккур аст, ки равияи дуюм дар муқаррар намудани анвои маъноҳои луғавии калима равияи тоза буда, он дар кушодани мушкилоти маъноҳои луғавии калима ва маънидоди воқеии сермаъноии он натиҷаҳои самарабахш дода метавонад.

Сермаъно шудани калима бо усули маҷозӣ маънои аслии калимаро инкишоф медиҳад. Маҷоз ҳамчун усули маъмули сермаъношавии калима анвои зиёде дорад. Усулҳои киноя, метаномия, метафора, синекдоха аз ҳамин ҷумла мебошанд.

Маҷоз дар забони осори бадеӣ, махсусан жанрҳои ғаноӣ (лирикӣ) нисбат ба забони гуфтугӯӣ бештар истеъмол меёбад. Агар маҷози забони гуфтугӯӣ аз рӯйи зарурати иҷтимоӣ (ном ниҳодан ба мафҳумҳои гуногун) бунёд ёбад, маҷози адабӣ – бадеӣ аз рӯйи зарурати ҳиссӣ (эмотсионалӣ) эстетикӣ арзи ҳастӣ мекунад. Зеро ҳар як адиб барои пуробуранг ва дилнишин гардидани суханаш калимаҳоро ба маъноҳои гуногун истифода менамояд ва аз рӯйи хусусияти сифатию монандӣ ва алоқамандии онҳо образҳое меофарад, ки ба дили хонандааш зуд роҳ ёбад ва ӯро мутаассир созад [6, с.27].

Дар маснавии «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Низомии Ганҷавӣ истифодаи маҷоз бо санъатҳои ташбеҳ, киноя, истиора ва ғайра зиёд ба назар мерасад. Шоир барои он аз маҷоз истифода кардааст, ки дар маънии маҷозӣ ҳусни калима ё ибора афзун мегардад ва он ба хонанда ё шунаванда таъсири бештаре мебахшад.

Дар ашъори ҳаким Низомии Ганҷавӣ, хусусан дар маснавии “Лайлӣ ва Маҷнун”-и ӯ ба таври васеъ ифодаи маҷоз васеъ ба кор рафтааст ва таъсири сухани шоирона дар он хеле қавӣ аст.

Аксарияти ифодаҳои маҷозии Низомӣ имрӯз ҳам мавриди истеъмол қарор доранд.

Ибораи “дарси айём” ба маънои таҷрибаи рӯзгор ва гардиши айём ба кор рафтааст:

Эй бар варақи ту *дарси айём*,
З-оғоз расида то ба анҷом [1, с.6].

Вожаи *аблақ* дар луғат ба маънои чизи дуранг, сафеду сиёҳ, ало [12, с.30] тафсир шудааст ва ибораи аблақи субҳ ба маънои лаҳзаи оғози дамидани субҳ ба кор рафтааст.

Калимаи адҳам дар луғат ба маънои тира, сиёҳ; сурхи ҷигариранг. 2. аспи сиёҳ. 3. киноя аз шаб. [12, с.40] тафсир шудааст ва Низомии Ганҷавӣ ибораи “адҳами шом”-ро маҷозан ба маънои оғози лаҳзаи дамидани шом онро ду маротиба истифода кардааст.

Аз муқоисаи чунин ифодаҳои маҷозӣ бармеояд, ки шоир дар баробари маҷоз ба муносибати зидмаъноии онҳо низ таваҷҷуҳ зоҳир кардааст. Тавре ки мушоҳида мешавад, дар байни ифодаҳои маҷозии *аблақи субҳ* ва *адҳами шом* муносибати антонимӣ ба назар мерасад. Яъне дар назар омадани чунин ифодаҳои маҷозӣ барои муайян гардидани тобишҳои маъноии онҳо мусоидат менамояд ва боиси ҷалби бештари таваҷҷуҳи хонанда мегардад.

Бар *аблақи субҳ*у *адҳами шом*,
Ҳукми ту зад ин тавилаи бом [1, с.7].

Ибораи *ҳаққи дастранҷ* ба маънои музди меҳнат, подоши меҳнат ба кор рафтааст:

Ҳар дам на ба *ҳаққи дастранҷе*,
Бахшӣ ба мани хароб ганҷе [1, с.7].

Вожаи “оташ” дар ибораҳои маҷозӣ тобиши маънои *авҷ гирифтан*-ро ифода мекунад, масалан, дар қолаби ибораҳои *оташи ишқ*, *оташи меҳр, оташи кина* ва Низомӣ *оташи зулм*-ро низ ба ҳамин маъно истифода кардааст.

Ибораи маҷозии *дуди мазлум* бошад, ба маънои *оҳи дили бечора* ё касе, ки зулм дидааст, истифода шудааст:

Аз *оташи зулму дуди мазлум*,
Аҳволи ҳама турост маълум [1, с.7].

Калимаи “шарбат” афшураи ҳар меваеро мегӯянд ва ибораи маҷозии “шарбати лутф” ба маънои лутфу меҳрубонӣ ва некӣ ба кор рафтааст:

Ё *шарбати лутф* дор пешам,
Ё қаҳр макун ба қаҳри хешам [1, с.8].

Вожаи “*чароғ*” рамзи рӯшноӣ аст ва ибораи маҷозии *чароғи чашм* ба маънои азизу маҳбуб ва муътабар истифода шудааст:

Хоки ту адими рӯйи одам,
Рӯи ту чароғи чашми олам [1, с.12].

Ибораи “сарои фонӣ” киноя аз дунёи фонӣ ва муваққатӣ (ҷаҳони ҳастӣ) аст:

Сар барзада аз *сарои фонӣ*,
Бар авҷи сарои уммаҳонӣ [1, с.13].

Ибораи “майдони сухан” ба маънои имконоти васеи сухангӯйӣ, истеъдоди баланд доштан дар суханварӣ омадааст:

Майдони сухан марост имрӯз,
Беҳ з-ин сухане куҷост имрӯз? [1, с.34].

Ибораи “дили танг” дар луғат ба маънои дили бесабру қарор, бетоқатӣ [12, с.446] шарҳ гардидааст ва дар ин байт низ ба маънои дили ғамгин ва зери фишор қарордошта омадааст:

Дар май ба умеди он занам чанг,
То бозкушояд ин *дили танг* [1, с.39].

Ибораи “сухани обдор” ба маънои гапи таъсирбахш, гапи фасеҳу балеғ [12, с.277] шарҳ гардидааст ва дар байти зерин ҳам ба ҳамин маъно ба кор рафтааст, ки имрӯзҳо низ мавриди истеъмол қарор дорад:

Гарчи *сухан обдор* бинам,
Бар оташи тез кай нишинам? [1, с.57].

Ибораи “дили гарм” ба маънои дили умедвор ва ибораи “дами сард” киноя аз оҳи пурдарди навмедона аст:

Эй саври ҷавонаи ҷавонмард,
В-эй бо дили гарму бо дами сард! [1, с.80].

Ибораи “хӯйи хом” ба маънои хислати нокомил, бетаҷрибагӣ аст:

Оҷиз шудаам зи хӯи хомат,
К-охир чӣ тавон ниҳод номат? [1, с.120].

Ибораи “дами сард” киноя аз оҳи пурдарди навмедона [12, с.403) аст:

Барбанд ҳанутам аз гули зард,
Кофур фишонам аз дами сард! [1, с.188].

Ифодаҳои маҷозӣ дар натиҷаҳои доираи васеи истеъмол пайдо кардан вижагии воҳидҳои фразеологиро касб менамоянд ва дар натиҷа дар баробари услуби бадеӣ ба услуби гуфтугӯйи низ ба таври васеъ мавриди истеъмол қарор мегиранд. Масалан, дар мисолҳои зерин воҳидҳои фразеологие истифода шудаанд, ки бунёди онҳо ифодаҳои маҷозӣ будааст.

Ибораи “ба хештан наомадан” ба маънои ба худ наомадан, аз худ бе худ будан аст:

Ҷуз «ё Раб»-аш аз даҳан наёмад,
Як лаҳза ба хештан наёмад [1, с.152].

Ибораи “забон дароз доштан” ба маънои забондарозӣ кардан; бо густохӣ ва ҷуръат гап задан; забони *касе* дароз шудан ба гуфтани чизе ҷасорат пайдо кардан, дар гап ҷуръатнок шудан; шарҳ гардидааст [12, с.499]:

На ҳар ки забон дароз дорад,
Захм аз тани хеш боздорад [1, с.155].

Ибораи “димоғи хуш доштан” ба маънои табъи хуш доштан, хурсанд будан аст:

Бо он ки маро димоғ хуш аст,
Н-аз май, ки зи бӯи май шавам маст [1, с.175].

Ибораи “гармии оташи ҷавонӣ” ба маънои ҷӯшу хурӯши айёми ҷавонӣ аст:

Ин шуъла, ки ҷӯши меҳрубонист.
Аз гармии оташи ҷавонист! [1, с.180].

Ибораи “хира мондани ҳуш” ба маънои ҳайрон шудан, лол шудан, дар ҳайрат мондан аз таъсири чизе омадааст:

Ҳар ҷо ки яке қасида хондӣ,
Ҳуши шунаванда хира мондӣ [1, с.181].

Дар байти зерин ибораҳои “тан ба хок додан” ва “ҷони пок додан” ҳарду ба маънии вафот кардан, аз дунё гузаштан омадаанд:

Дар меҳри ту тан ба хок медод,
Бар ёди ту *ҷони пок медод* [1, с.188].

Ибораи “раҳилнома бархондан” киноя аз вафот кардан аст:

В-охир чу ба кори хеш дармонд,
Ӯ низ *раҳилнома бархонд* [1, с.193].

Ибораи “ба навҳа дида тар кардан” ба маънои гиря кардан аст:

Он навҳагарӣ дар ӯ асар кард,
Ӯ низ *ба навҳа дида тар кард* [1, с.195].

Хулоса, дар маснавии “Лайлӣ ва Маҷнун” мисолҳои зиёдеро дар шакли ифодаи маҷози исмӣ пайдо намудан мумкин аст. Вале мо бо чанд мисоле, ки дар боло овардем, иктифо менамоем.

Аз таҳлил, баррасӣ ва муқоисаи ифодаҳои маҷозии маснавии «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Низомии Ганҷавӣ бармеояд, ки шоир дар шинохти маънои аслию маҷозии калимаҳо истеъдоди баланд ва ҳунари волои суханшиносӣ дорад.

Шоири нуқтасанҷ дар баробари истифодаи васеи калимаҳо ба маънои маҷозӣ дар рушду инкишофи тобишҳои маъноии нақши мондагоре гузоштааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдуқодиров А. Забон ва услуби назми Мирзо Турсунзода / А. Абдуқодиров. – Душанбе: Дониш, 1978. – 124 с.
2. Камолиддинов Б. Забон ва услуби Ҳаким Карим / Б.Камолиддинов. – Душанбе: Ирфон, 1967. – 186 с.
3. Қосимова М.Н. Мухтасар оид ба истилоҳоти забоншиносии пешини тоҷик / М.Н. Қосимова. – Душанбе, 2003. – 112 с.
4. Маҷидов Ҳ. Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик / Ҳ. Маҷидов. – Душанбе: УДТ, 1982. – 120 с.
5. Назаров М.Н. Вижагиҳои маъноӣ, услубӣ ва сохтории вожаҳои ифодагари гулу гиёҳ дар забони ғазалиёти шоирони асрҳои XII-XIV форсу тоҷик: автореферати диссертатсия номзади илмҳои филологӣ / М.Н.Назаров. – Душанбе, 2019. – 29 с.
6. Саломов М. Вижагиҳои савтӣ, маъноӣ ва маҷозию фразеологии забони шеъри тоҷикӣ / М. Саломов. – Душанбе: Пойтахт, 2017. – 266 с.
7. Саломов М. Ифодаи маҷоз дар ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ / М. Саломов. – Душанбе, 2001. – 138 с.
8. Саломов М. Ифодаи маҷоз. Сохтор ва корбасти воҳидҳои забони тоҷикӣ / М. Саломов. – Душанбе, 1999. – С.48-52.
9. Тоиров У. Каломи манзум / У. Тоиров ва дигарон. – Душанбе: Шарқи озод, 2005. – 455 с.
10. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. (Иборат аз ду ҷилд). – Душанбе, 2008. – 1900 с.
11. Шарифов Х. Каломи бадеъ / Х. Шарифов. – Душанбе: Маориф, 1991. – 160 с.
12. Шарифов Х. Назмшиносӣ / Х. Шарифов, У. Тоиров. – Душанбе: Ҳумо, 2015. – 384 с.

МАВҚЕИ ИФОДАҲОИ МАҶОЗӢ ВА ТОБИШҲОИ МАЪНОИИ ОНҲО ДАР ДОСТОНИ «ЛАЙЛӢ ВА МАҶНУН»-И НИЗОМИИ ГАНҶАВӢ

Мақолаи мазкур дар бораи ифодаи маҷоз дар яке аз маснавиҳои машҳури Ҳаким Низомии Ганҷавӣ «Лайлӣ ва Маҷнун» мураттаб гардидааст. Маҷоз барои мухтасар, вале образнок ва ҷозибаноктар тасвир

намудани предмет ва ҳодисаҳои гуногун ба адиб имкониятҳои зиёде пеш меоварад. Маҷоз дар забони шеъри форс-тоҷик хеле фаровон истифода мешавад ва мисоли ин гуфтаҳо маснавии мазкур мебошад, ки ифодаи маҷоз дар ин маснавӣ зиёд ба назар мерасад. Дар маснавии «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Низомии Ганҷавӣ истифодаи маҷоз бо санъатҳои ташбеҳ, киноя, истиора ва ғайра зиёд ба назар мерасад. Шоир барои он аз маҷоз истифода кардааст, ки дар маънии маҷозӣ ҳусни калима ё ибора афзун мегардад ва он ба хонанда ё шунаванда таъсири бештаре мебахшад. Ибораҳои маҷозӣ дар ин маснавӣ, ба монанди *оташи зулм, чароғи чашм, дили гарм, сухани обдор, дили танг* ва ғайраҳо истифода шудаанд, ки забони шеъри шоирро хеле образноку ҷозибанок гардонидаанд. Таҳлилу баррасии маснавии «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Низомии Ганҷавӣ нишон дод, ки ифодаҳои маҷозӣ дар ин асар хеле зиёд истифода шудааст ва дар истифодаи маҷоз ин шоири тавоно тавонистааст онро бо истифода аз санъатҳои ташбеҳу истиора ва киноя обуранг диҳад.

Калидвожаҳо: маҷоз, маснавӣ, Лайлӣ, Маҷнун, Низомии Ганҷавӣ, забони тоҷикӣ, ибора, ифодаи маҷозӣ.

РОЛЬ АЛЛЕГОРИЧЕСКИХ ВЫРАЖЕНИЙ И ИХ СМЫСЛОВЫХ ОСОБЕННОСТЕЙ В «ЛЕЙЛИ И МЕДЖНУН» НИЗАМИ ГАНДЖАВИ

В данной статье описано выражение аллегории в одном из известных месневи Хакима Низами Ганджави «Лейли и Меджнун». Аллегория предоставляет писателю множество возможностей: кратко, но образно и ярко описать различные предметы и события. Аллегория широко используется в языке персидско-таджикской поэзии, и примером этого является данное месневи, в котором она часто используется. В «Лейли и Меджнун» Низами Ганджави рассматривается использование аллегорий с метафорами и иносказаниями. Поэт использует аллегории, чтобы увеличить значение слова или фразы, и это оказывает большое влияние на читателя или слушателя. В данной статье используются очень много словосочетаний с аллегорическими фигурами из произведения поэта, которые делают язык поэмы очень образным и привлекательным. Анализ месневи «Лейли и Меджнун» Хакима Низами Ганджави показал, что в этом произведении аллегорические выражения используются широко, а в использовании аллегорий этот искусный поэт смог изобразить аллегорические фигуры с использованием таких литературных приёмов как метафора и аллегория.

Ключевые слова: метафора, месневи, Лейли, Меджнун, Низами Ганджави, таджикский язык, фраза, метафорическое выражение, аллегория.

THE ROLE OF ALLEGORICAL EXPRESSIONS AND THEIR SEMANTIC FEATURES IN "LAYLI AND MAJNUN" BY NIZAMI GANJAVI

This article describes the expression of the allegory in one of the famous messages of Hakim Nizami Ganjavi "Layli and Majnun". Allegory provides the writer with many opportunities: to briefly, but figuratively and vividly describe various objects and events. Allegory is widely used in the language of Persian-Tajik poetry, and this mesnevi is an example of this, in which it is often used. Nizami Ganjavi's Layli and Majnun explores the use of allegories with metaphors and allegories. The poet uses allegories to increase the meaning of a word or phrase, and this has a great impact on the reader or listener. This article uses a lot of phrases with allegorical figures from the poet's work, which make the language of the poem very figurative and attractive. An analysis of the mesnevi "Layli and Majnun" by Hakim Nizami Ganjavi showed that in this work allegorical expressions are widely used, and in the use of allegories, this skillful poet was able to depict allegorical figures using such literary devices as metaphor and allegory.

Key words: metaphor, mesnevi, Leyli, Majnun, Nizami Gandzhavi, Tajik language, phrase, metaphorical expression, allegory

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Саломиён М.*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дотсенти кафедраи таърихи забон ва типология. **Суроғa:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ, 17
Зайдуллои Хайрулло – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри кафедраи таърихи забон ва типология. **Суроғa:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ, 17.
E-mail: **Zaydullo_Kh@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-61-71-36**

Сведение об авторах: ***Саломиён М.*** - Таджикский национальный университет, доцент кафедры истории языка и типологии. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17
Зайдуллои Хайрулло – - Таджикский национальный университет, магистр кафедры истории языка и типологии. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17.
E-mail: **Zaydullo_Kh@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-61-71-36**

Information about the authors: ***Salomiyon M.*** - Tajik National University, Associate Professor of the Department of the History of Language and Typology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17
Saydulloi Khairullo - - Tajik National University, Master of the Department of History of Language and Typology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17.
E-mail: **Zaydullo_Kh@mail.ru.** Tel.: **(+992) 918-61-71-36**

УДК: 811.21/.22-3

ТАНОСУБҲОИ МАЪНОӢ ДАР МАЪНОШИНОСӢ

Гулназарова Ж.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Нишон додани маъно чун воситаи мухобират дар системаи забон дар таносуб, муносибати байниҳамдигарӣ ва мавқеи воҳидҳои забон дар системаи он моҳияти ин хусусияти забонист. Аз ин ҷост, ки муносибати мушаххаси воҳидҳои забони дар як сатҳи системаи забон ҷойдошта ба ду қисмати асосӣ ҷудо шудааст. Дар забон мавриде мешавад, ки калимаҳо бо ҳамдигар алоқаманд гардида, байни ҳам муносибате пайдо мекунанд ва ин алоқамандӣ то андозае аст, ки наметавон дар як маврид ду аломатро баён кард, яъне байни онҳо ҳадде ҳанӯз вуҷуд дорад, ки инро муносибати парадигматикӣ мегӯянд (истилоҳи «парадигма» аз забони юнонии қадим гирифта шуда, маъноияш намуна, мисол мебошад [ниг.: 10, с.140]. Инчунин мавриде ҳам мавҷуд аст, ки ду ва зиёда аломати забон дар нутқ нисбат ба дигар аломатҳои дар як маврид истифодашаванда таносуб ва алоқаи бештар доранд, ин аломатҳо дар якҷоягӣ метавонанд матлабу мақсадро муайян кунанд ва ин аломатҳо синтагма («синтагма» низ аз забони юнонии қадим буда, маъноияш якҷояшавӣ, пайвастшавӣ, муттафиқ шудан (соединение) аст) ва муносибати байни онҳо таносуби синтагматикӣ номида мешаванд. Ин муносибатҳои маъноиро аввалин бор Фердинанд де Соссюр муайян кардааст [ниг.: 12, с.155]. Барномаи дар таносуб бо якдигар омӯхтани ин муносибатҳои маъноиро Л. Елмслев пешниҳод намудааст. Маънои тамоми воҳидҳои забонро дар муқоиса бо якдигар якуякбора омӯхтан ягон самара ва натиҷае нахоҳад дод. Аз ин рӯ, ба қисматҳо ҷудо кардан ва дар шакли муқоисавӣ омӯхтани маънои онҳо бештар хусусиятҳои умумӣ ва тафриқавиро дараҷа ба дараҷа дар системаи забон муайян месозад. Ҳангоми муқоисаи маъноӣ ду лексемаи муқоисашаванда бояд аз ҷиҳате умумият дошта бошанд ва ҳамон моҳияти умумӣ қодир бошад, ки дар рафти муқоиса асос шавад. Ин нишонаро нишонаи умумии (интегралӣ) маъноӣ ва нишонаҳоеро, ки дар рафти муқоиса ва таносуб тафовутро нишон медиҳанд, нишонаҳои тафриқавии (дифференсиалӣ) маъноӣ меноманд. Истифодаи калима дар ду самт созгор мегардад: яке – имконияти интихоби калима, яъне таносуби маъноӣ бо дигар калимаҳое, ки байни онҳо «муҳити мундариҷавӣ»-и маъмулӣ муайян шудааст ва дигаре – имконияти таносуб бо калимаҳои дигар, ки дар натиҷаи санҷишу омӯзиш маънодории ҳар як калима муайян мегардад. Дар қисмати интихобӣ метавон калимаро чун аъзои парадигмаи луғавӣ-маъноӣ, аниқтараш гурӯҳи парадигмаҳои дар заминаи ин ё он хусусияти маъноӣ муттаҳидшуда таҳлилу таҳқиқ кард. Гурӯҳи калимаҳоеро, ки аз рӯйи муносибат ва таносуби маъноӣ муттаҳиданд, парадигмаҳои луғавӣ-маъноӣ меноманд. Ба категорияҳои маъноӣ ҷудо намудани феъл дар натиҷаи таҳлили хусусиятҳои ба худ хосси ҷузъҳо ва маънои онҳо бештар ба назар мерасад. Таносуб ё муносибат мисли маъно хусусияти асосии калимаҳо мебошад. Дар мувофиқа бо маъно ва шакли овозӣ хусусият ва сифати ин ё он калимаро ошкору аниқ кардан вазифаи асосии таснифоти маъноӣ мебошад.

Пеш аз ҳама бояд қайд кард, ки калимаҳо дар заминаи дорои кадом маъно буданашон ба ҳамдигар мувофиқат мекунанд ва ба таври умумӣ ва хулосавӣ ашё ва падидаи ҳақиқатро инъикос менамоянд.

Пас, омӯзишу таҳқиқ нишон медиҳад, ки маънои калима ва таносуб дар ҳолати мутеъ будан қарор доранд. Як калима пеш аз он ки бо калимаи дигар дар таносуби муайян ояд, бояд худ дорои маънои муайяне бошад.

Қонуни созгори маъноӣ талаб мекунад, ки калимаҳои ҳангоми нутқ ба ҳам мувофиқ ва созгоршуда бояд дар ифодаи маъноҳои худ ақаллан як маъно (сема)-и умумӣ дошта бошанд.

Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки таносуби калимаҳо дар ҳолати таъсири қонуни муайяншуда воситаи муҳим ва асосӣ барои ҷудо ва муайян сохтани маъноҳои мухталифи калимаҳо маҳсуб меёбад.

Агар муносибати маъноии парадигматикӣ таносуби маъноии аломатҳоро дар низом, яъне дар забон нишон диҳад, муносибати маъноии синтагматикӣ дар матн муайян мегардад. Инчунин ин таносуб воҳидҳои асосии синтагмаҳои гуногунро месозад. Ҳар забон сатҳи асосии воҳидҳои аломатӣ – парадигма ва сатҳи синтагмаҳо - воҳидҳои мураккабро дорост. Бояд зикр кард, ки маъно қобилият аст ва маънодорӣ (значимость) - усул ва тарз.

Агар парадигма чун воҳид ва мафҳуми асосии маънои луғавӣ дар зинаи аввал истад, синтагмаи маъноӣ дар зинаи дуюм ҷо мегирад. Ҷузъҳои силсилавии парадигма маъно ва ҷамъшавандаҳои маъноӣ аст, ҷузъҳои силсилавии синтагмаи маъноӣ маъно ва мувофиқати маъноҳо мебошад. Вобаста ба ин тафриқаи парадигмаи маъноӣ ва синтагмаи маъноӣ муайян мегардад. Намудҳои маъно аз рӯйи вазифа, сохт ва хусусияти ҷузъҳои ба ин ё он гурӯҳ дохилшаванда ва алоқамандии онҳо бо маънои умумиашон (архисема) муайян мегарданд. Вобаста ба ин маъноҳои аслӣ ва иловагӣ мавқеи муҳим доранд.

Дар ин маврид аввал типология - муқоисаи сохтории ҷузъҳо (маъно ва ҷамъшавандаҳои маъноӣ) бояд муайян шавад. Аз рӯйи навъи муносибат, таносуб, ки дар асоси онҳо ҷузъҳои маъноҳо маҳфузанд, муносибатҳои парадигматикӣ ва синтагматикӣ муайян мешаванд. Муносибати парадигматикӣ таносуби мутақобиларо дар таркиби парадигмаҳои луғавӣ ва грамматикӣ нишон медиҳад. Ҷузъҳои асосӣ ва дуюмдараҷа муайян мешаванд. Масалан, маънои *ҳолат* дар феълҳои *нишастан, хобидан, истодан, хестан, дароз кашидан, каҷпаҳлу задан, афтидан, аз ҳуш рафтан* асосӣ аст ва вобаста ба тарзи ифода ва баён маъноҳои дигар дар заминаи маънои асосӣ ҷудо мешаванд. Хусусияти умумӣ (*ҳолат*) ва тафриқавӣ (*хобидан, дароз кашидан, каҷпаҳлу задан, аз ҳуш рафтан*) пайдо мешавад. Дар муносибати синтагматикӣ таносуби маъноии калима дар ибора, ҷумла ва матн ва валентнокии маъноии он муайян мегардад.

Д.Н. Шмелёв ду тарзи асосии муносибатҳои маъноиро (парадигматикӣ ва синтагматикӣ) ҷудо менамояд ва дигар муносибатҳои маъноиро вобаста ба мавқеъ, сабаб, тарз ва шакли истифодаи маънои калима ба ин ё он гурӯҳи муносибатҳои маъноӣ мансуб медонад. Аз он ҷумла қайд мекунад, ки муносибатҳои парадигматикӣ ва синтагматикӣ бо ҳам алоқаманданд: агар калима аъзои ин ё он парадигма бошад, имконияти алоқаи синтагматикиро муайян мекунад, аммо ҳамзамон худи ҳамон тааллуқ доштани калима ба ин ё он парадигма метавонад таносуби умумӣ, муносибати синтагматикиро нишон диҳад [ниг.: 15, с.130].

Агар таносуби парадикматикӣ семантикаи луғавиро ҳамчун система инъикос кунад, муносибати синтагматикӣ имконият фароҳам меорад, ки ин система амал кунад ва маъноҳои луғавӣ дар ифода тавассути воҳидҳои калонтар муттаҳид шаванд.

Таносуби синтагматикӣ аз рӯйи маъноҳо муносибати якҷояи калимаҳои забон, ки дар натиҷаи ба ҳам омаданашон пайдо шудаанд, мебошад. Аз ин рӯ метавон гуфт, ки синтагма дар мувофиқати маъноии ба ҳам омадани чанд калима ё дигар воҳидҳои забон, ки дар муносибати синтагматикӣ мебошанд, ба вуҷуд меояд.

Муносибати синтагматикӣ дар фарқият бо таносуби парадигматикӣ монандӣ ва фарқияти воҳидҳои (аломат) забонро нишон намедиҳад, балки фақат мавқеи воҳидҳои дар раванди муошират дар ин муносибат ё таносуб дохилшуда ва ҳамроҳшударо, ки ба ҳамдигар таъсири маъноӣ мерасонанд, муайян мекунад. Таносуби синтагматикӣ муносибати маъноиро дар ибора, ҷумла ва матн нишон медиҳад. Масалан, ибораи *ҳавои гарм.* Маъноҳои алоҳида дар ибора алоқамандӣ пайдо мекунанд. Маъноҳои ҷузъҳои ибора метавонанд аз рӯйи маъноҳои гуногун ҳархела алоқаманд шаванд. Масалан, ибораи *тарҷумаҳои Бозор Собир* метавонад чунин маъно дошта бошад: 1. *Асарҳое, ки Бозор Собир тарҷума кардааст; 2. Асарҳои тарҷумашудаи Бозор Собир.* Ё ин ки *расми Беҳзод*: *1.Расме, ки дар он симои Беҳзод кашида шудааст; 2.Расме, ки Беҳзод кашидааст; 3.Расме, ки аз Беҳзод аст.* Дар ин маврид ё доир ба гуногунии маъноҳои он ва омонимшавии алоқаи изофӣ метавон гуфт.Омӯзиши таносуби синтагматикӣ нисбат ба таносуби парадигматикӣ дертар оғоз гардид.Дар мавриди синтагма назарияи Ш. Балли бо номи плеоназми (избыточность) грамматикӣ пешниҳод шудааст. Як мафҳум дар синтагма барои

ифодаи чанд маъно меояд. Дар кадом маврид синтагма пайдо мешавад? Дар воҳиди аз калима васеътари забон (ду ва ё чанд калима) ҳангоми алоқаманд шудан ҳар як ҷузъ ба ғайр аз маънои худ бояд дар асоси ақаллан як маънои умумӣ онҳо ба ҳам оянд. Дар забоншиносии фаронсавӣ барои ифодаи ин маънои умумӣ истилоҳи **классемаро** интихоб карданд. Дар як ахбор классемаҳо чанд маротиба истифода мешаванд, ки дар натиҷа алоқамандии онҳоро нишон медиҳад, ки такрори (итератсия) аз рӯйи зарурат, такрори ҳатмии маъно мебошад.

Оид ба таносуби синтагматикӣ олими даниягӣ О. Есперсен дар китоби худ «Фалсафаи грамматика» (1958) андешаҳои ҷолиб иброз кардааст. Ӯ пешниҳод намудааст, ки дар ин таносуб тобеият бештар матраҳ шавад ва синтагмаҳои аз се калима иборатбударо бештар таҳлил кардааст. Ин синтагмаҳоро ҳангоми тобеият ба ду гурӯҳ: **нексус** ва **юнксия** ҷудо намудааст. Агар дар ин синтагмаҳо феъл бошад, феълҳои тасрифӣ дар навъи нексус ҳамчун ҷузъи дуюми синтагма **аднекс** номида шудааст ва дар навъи **юнксия** феълҳои ғайритасрифӣ (агар бошад) ҳамчун ҷузъи дуюми синтагма **адъюнкт** номгузорӣ шудааст. Ачиб ин аст, ки О. Есперсен феълро дар муносибат бо исм дувумдараҷа нишон додааст ва хулоса мекунад, ки фарқи нисбии нексус аз юнксия иборат аз он аст, ки дар навъи юнксия адъюнкт бо калимаи аввал метавонад танҳо як маъноро ифода кунад (муқоиса шавад: *Расми кашидаи Беҳзод – Расми Беҳзод; шахси сода – гӯл*) ва дар баъзе маврид бо як ифодаи номинативӣ иваз шуда метавонад, аммо нексус ду мафҳумро дар худ доро аст ва феъл (аднекс) дар он чизи навро алоқаманд мекунад. Ба мисли:*Инчунин гуфт хирадманд…* [Ҷомӣ 1989 а, с. 349].

Яъне, дар ин синтагма ҷузъи дуюм (гуфт) ҳатман ба худ ҷузъи дигарро талаб ва тобеъ мекунад (чӣ гуфт? кӣ гуфт?).

О. Есперсен вобаста ба навъҳои юнксия тип ё намуди адъюнктро ҷудо кардааст. Типи маҳдудшуда (рестрективӣ) дар мисоли *садбарги сурх,* калимаи *сурх* ифодаи маҳдудшаванда ва типи номаҳдуд (норестрективӣ): *дӯсти азиз*, калимаи *азиз* ифодаи номаҳдуд. Баъзе ҳолат метавонад вобаста ба ахбор калимаи ҳамон як синтагма ҳам рестрективӣ ва ҳам норестрективӣ бошад. Масалан, дар ибораи *фарзанди дӯстдошта* калимаи *дӯстдошта* рестрективӣ аст, агар фарзанд ягона набошад, агар фарзанд ягона бошад, ба типи норестрективӣ дохил мешавад.

Олими амрикоӣ У. Вайнрайх бо диди муосир ба андешаҳои Н. Хомский такя намуда, калимаву ифодаҳои бенизомро **пучкаҳо** ва **класстерҳо** ва бонизомро **конфигуратсия** гуфтааст. Тавассути ин мафҳумҳо метавон ҳам маънои калимаи алоҳида ва ҳам маънои синтагмаро нишон дод ва ду навъи қолаб (коструксия)-ро пешниҳод кардааст. Дар ҳар ду назария мафҳуми предикатсия мавқеи муҳим дорад (ҳарчанд ки О. Есперсен ин истилоҳро мавриди истифода қарор надодааст).

Мафҳуми предикат ба забоншиносӣ аз мантиқ ва фалсафа омадааст. Сараввал предикат як аъзои мулоҳиза (суждение), ки бо субъект муқобилгузорӣ шудааст, маҳсуб меёфт. Предикат онест, ки дар бораи субъект гуфта мешавад. Ба маънои васеъ – моҳияти як, ду, се ё чанд объекти алоҳида мебошад. Предикатсия амалиётест, ки дар он моҳияти предикати мушаххас бо объекти мушаххас тасвир меёбад. Объектҳои мушаххасе, ки дар предикатсия иштирок мекунанд, актант номида мешаванд ва дар натиҷаи предикатсия муносибати актанто-предикативӣ ба вуҷуд меояд.

Ин раванд дар забоншиносӣ сараввал барои объектҳои синтаксисӣ мавриди истифода қарор гирифт. Предикати типӣ феъл маҳсуб меёфт. Дар таҳқиқоти Л. Тенйер (Теньер) феъл ҳамчун маркази наҳвии ҷумла нишон дода шудааст.

Ю.Д. Апресян ва И.А. Мелчук ин мафҳумро дар таҳқиқоти худ барои тасвири объектҳои маъноӣ истифода намудаанд, яъне доир ба предикатҳои маъноӣ (сараввал маънои феъл, аммо на танҳо маънои он), валентнокӣ ва актантҳо баҳс карданд. Калимаҳои дорои маънои предикативӣ қодиранд, ки аз рӯйи маъно калимаҳои дигарро ба худ тобеъ кунанд, бо онҳо дар алоқаи маъноии синтагматикӣ қарор гиранд. Ин қобилият валентнокии маъноӣ (семантическая валентность) номида мешавад. Чунончи:

Шӯяд аз оби лутфу абри карам,

Аз замираш ғубори ғуссаву ғам [Ҷомӣ 1989 а,с.63].

Феъли *шустан* дар ин байт ҳафт валентнокии маъноӣ дорад: 1. *Шӯяд аз (бо) об (тоза кунад); 2. Шӯяд аз (бо) лутф (меҳрубонӣ намояд); 3. Шӯяд аз (бо) абр (борад, резад); 4. Шӯяд аз (бо) карам (хайру саҳо намояд); 5. Шӯяд аз замир (аз дил барорад); 6. Шӯяд ғубор (тоза кунад); 7. Шӯяд ғуссаву ғам (нест кунад).*

Бояд зикр кард, ки барои тасвири таносуби актантӣ-предикативӣ нишон додани танҳо акти предикатсия кифоя нест, муҳити махсуси маъноии калима бо маъноии предикативӣ ҳатман ба инобат гирифта мешавад. Доир ба ин масъала гуфтаҳои И.А. Мелчук дар мавриди шарҳи тафсирии калимаи маъноии предикативидошта бояд шакли истифодашуда ва тағйирёфтаи он ҳангоми корбурд низ ба назар гирифта шавад ва он ҳамчун валентнокии маъноии ҳамон калима маҳсуб меёбад. Пас валентнокии маъноӣ ҳам қобилияти калима дар муносибати маъноӣ бо дигар калимаҳо ва ҳам инъикоскунандаи шаклан тағйирёбандаи ҳамон қобилият дар шарҳу тафсири маъно мебошад.

Нобиное дар шаби торик чароғе дар даст ва сабӯе бар дӯш дар роҳе ***мерафт*** [Ҷомӣ 1989 а, с.413].

Мерафт: кӣ?- *нобиное*; кай- *дар шаби торик*; бо чӣ? - *чароғе дар даст ва сабӯе бар дӯш.*

Пас валентнокии маъноӣ чунин хусусиятҳоро дорост: ҳатмияти мувофиқати маъноӣ миёни актантҳо, шумораи валентнокӣ дар калима (валентнокӣ дар калима маъмулан аз як то се ва баъзан чаҳор ва панҷто мешавад) ва барои актантҳои маъноӣ ифодаи морфологии идиоматикӣ хос будан (ин ҳолат на танҳо аз мундариҷаи мутаносиби валентнокӣ, балки аз лексемае, ки ба актант тааллуқ дорад, вобаста аст).

Барои ҷудо кардани пораи ҷумла, ки бо калимаи мавриди назар дар таносуби маъноист, истилоҳи **муҳити амали лексемаро** (сфера действия лексемы) И.М. Богуславский пешниҳод намуд [7].

Некӣ **омӯз** аз ҳама, аз кам зи худ, охир чӣ айб!

Ростӣ дар ҷадвали зар гар зи чӯби мистар аст [Ҷомӣ 1989 б, с.58].

Агар муҳити амали лексемаи *омӯхтан*ро гирем, пеш аз ҳама ба аносири *некӣ* ва *ҳама* таъсиргузор аст.

Муҳаққиқи эронӣ Парвиз Нотили Хонларӣ мегӯяд: «… бисёре аз матолиби марбут ба наҳв, яъне сохтмони ҷумла, дар форсӣ вобаста ба он (феъл - Г.Ж.) аст ва то сохтмони феъл дуруст шинохта нашавад, наметавон баҳси дақиқу комиле дар бораи ҷумла ба амал овард» [14, с.3].

Дар фарҳангҳои анъанавӣ валентнокии аввал зикр намегардад. Валентнокии маъноӣ ва валентнокии наҳвӣ дар таносуби мутақобила мебошанд ва вобаста ба ин дар фарҳанги тафсирӣ-комбинаторӣ дар модули «Маъно Матн» («Смысль ⇔ Текст») ин таносуб ба ҳисоб мегардад [ниг: 11, с.52-140].

М.А. Кронгауз алоқаи муносибати маъноии парадигматикӣ ва синтагматикиро нишон дода, қайд мекунад, ки дар матн таносуби парадигматикӣ баъзан (дар гипонимия) ҳамчун таносуби синтагматикӣ падид меояд.

Дар асоси модели вобастагӣ (модел управления) И.М. Кобозева назарияи панҷараи (решетка) Ю. Хомскийро аналоги модели вобастагӣ байни валентнокии наҳвӣ ва маъноӣ меҳисобад [9, с.146]. Панҷара-назария ба тасвири нақшҳои маъноӣ чун **агенс**, ки зери таъсири принсипҳои универсалии грамматикаи забон қарор дорад, тааллуқ дорад ва он панҷара- меъёр аст ва бояд дар панҷара меъёр ба ҳар як актанти наҳвӣ валентнокии маъноӣ хос бошад. Ҳар як панҷара - нақш метавонад танҳо ва танҳо ба як актанти наҳвӣ равона шуда бошад [ниг.: 9, с.140-146].

И.В. Арнолд дар мақолаи хеш «Лексико-семантическое поле и тематическая сетка текста» доир ба ин масъала бо диди дигар рӯ меорад. Ҳангоми баррасии матн комбинаторикаи ҳар як воҳид бояд ба инобат гирифта шавад ва дар ин маврид марзи маъноӣ ва панҷараи мавзӯиро матраҳ мекунад (тематическая сетка). Дар мавриди сермаъноӣ, ки дар марзи маъноӣ гунаҳои луғавӣ-маъноии як калима муттаҳид мешаванд ва баррасии онҳо дар асоси мутобиқати онҳо бо дигар воҳидҳо дар матн сурат мегирад, таносуби синтагматикӣ бояд дар назар гирифта шавад. Дар нишон додани таносуби

парадигматикии гурӯҳҳои луғавӣ-маъноӣ объект ва матн василаи дарку фаҳми онҳо бошад, дар омӯзиши панҷараи мавзӯӣ матн худ объекти дарк ва панҷараи мавзӯӣ воситаи шарҳу тафсири он маҳсуб меёбад. Дар ин ҳолат бояд муайян кард, ки кадом калима хусусияти сарсилсилагиро дорад ва то таносубҳои парадигматикӣ, синтагматикӣ ва байнисатҳӣ (межуровные) барқарор нагардад, муайян кардани ин хусусияти калима ғайриимкон аст. Баъд аз ин ҳолат навъ ва миқдори панҷараҳои мавзӯӣ муайян мегарданд, ки ин боз баҳси дигар аст [ниг.: 6, с.250-258].

Муҳаққиқи маъношиносӣ Куруши Сафавӣ таносуби парадигматикиро «равобити ҷонишинӣ» ва таносуби синтагматикиро «равобити ҳамнишинӣ» номида, зикр мекунад, ки дар ровобити ҷонишинӣ яке аз аносири он метавонад ҷонишини аносири ҳамгурӯҳ гардад. Дар равобити ҳамнишинӣ ҳамагӣ иртиботи як унсури забонӣ бо соири аносири ташкилдиҳандаи забон аст [ниг.: 13, с.159].

Ҳамин тариқ, дар таносуби синтагматикӣ актантҳо ва валентнокии маъноӣ, воҳидҳо ва муносибат дар нақши мундарича мавҷуданд ва дар актанту валентнокии наҳвӣ воҳид ва муносибат дар нақши ифодаи пораи гуфторанд, ки онҳо актантҳо ва валентнокии маъноиро ифода мекунанд.

Аз ин баррасӣ доир ба таносубҳои маъноӣ метавон хулоса кард:

- ду таносуби маъноӣ: парадигматикӣ ва синтагматикӣ дар маъношиносӣ мавқеи муҳим доранд;
- дар масири таърихи омӯзиши таносуби синтагматикӣ вижагиҳои он зина ба зина омӯхта шудааст;
- таносуби синтагматикӣ актантҳо ва валентнокии маъноӣ дорад;
- дар таносуби синтагматикӣ ҳатмияти равобити маъноӣ миёни аносир муҳим аст;
- вобаста ба навъҳо таносуби парадигматикӣ ва таносуби синтагматикӣ метавонанд бо ҳам оянд;
- валентнокии маъноӣ аз валентнокии наҳвӣ фарқ дорад, яке хосси мундарича ва дигаре хосси ифода аст;
- феъл дар таносуби синтагматикӣ вижагии худро дорад.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдурраҳмони Ҷомӣ. Осор. Ҷилди сеюм. “Силсилат-уз-заҳаб”, “Салмон ва Абсол”, “Туҳфат-ул-Аҳрор” / Абдурраҳмони Ҷомӣ. – Душанбе: Адиб, 1987. – 288 с.
2. Абдурраҳмони Ҷомӣ. Осор. Ҷилди ҳафтум. “Хотимат-ул-ҳаёт”, “Баҳористон” / Абдурраҳмони Ҷомӣ. – Душанбе: Адиб, 1989. – С.329-544.
3. Абдурраҳмони Ҷомӣ. Панду ҳикматҳо / Абдурраҳмони Ҷомӣ; мураттиб Зоҳир Аҳрорӣ. – Душанбе: Ирфон, 1989. – 232 с.
4. Апресян, Ю.Д. Экспериментальное исследование семантики русского глагола / Ю.Д. Апресян. – М., 1967. – 251 с.
5. Апресян, Ю.Д. Лексическая семантика / Ю.Д. Апресян. – М., 1974. – 380 с.
6. Арнольд, И.В. Семантика. Стилистика. Интертекстуальность / И.В. Арнольд. – М., 2010.– 443 с.
7. Богуславский, И.М. Сфера действия лексических единиц / И.М. Богуславский. – М., 1996.
8. Есперсен, О. Философия грамматики / О. Есперсен. – М., 1958.
9. Кобозева, И.М. Лингвистическая семантика / И.М. Кобозева. – М.: МГУ, 2007. – 352 с.
10. Кронгауз, М.А. Семантика / М. А. Кронгауз. – М., 2005. – 352 с.
11. Мельчук, И.А. Опыт теории лингвистических моделей «Смысль Текст» / И.А. Мельчук. – М., 1974. – С.52-140.
12. Реформатский, А.А. Введение в языкознание / А.А. Реформатский. – М., 1955. – 396 с.
13. Сафавӣ Куруш. Даромаде ба Маъношиносӣ / Куруши Сафавӣ. – Теҳрон, 1390. –460с.
14. Хонларӣ Парвиз Нотил. Дастури таърихи забони форсӣ / Парвиз Нотили Хонларӣ. – Теҳрон, 1372. – 279 с.
15. Шмелёв, Д.Н. Проблемы семантического анализа лексики: на материале русского языка / Д.Н. Шмелёв. – М.: Наука, 1973. – 279 с.

ТАНОСУБҲОИ МАЪНОӢ ДАР МАЪНОШИНОСӢ

Дар мақола муаллиф доир ба таносубҳои маъноӣ дар маъношиносӣ баҳс мекунад. Агар таносуби парадикматикӣ семантикаи луғавиро ҳамчун система инъикос кунад, муносибати синтагматикӣ имконият фароҳам меорад, ки ин система амал кунад ва маъноҳои луғавӣ дар ифода тавассути воҳидҳои калонтар муттаҳид шаванд. Таносуби синтагматикӣ аз рӯйи маъноҳо муносибати якҷояи калимаҳои забон аст, ки дар

натичаи ба ҳам омаданашон пайдо шудааст. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки синтагма дар мувофиқати маъноӣ ба ҳам омадани чанд калима ё дигар воҳидҳои забон, ки дар муносибати синтагматикӣ мебошанд, ба вуҷуд меояд. Дар таносуби синтагматикӣ валентнокии маъноӣ саҳмгузор аст. Ҳатмияти мувофиқати маъноӣ миёни актантҳо, шумораи валентнокӣ дар калима (валентнокӣ дар калима маъмулан аз як то се ва баъзан чаҳор ва панҷто мешавад) ва барои актантҳои маъноӣ ифодаи морфологии идиоматикӣ хос будан (ин ҳолат на танҳо аз мундариҷаи мутаносиби валентнокӣ, балки аз лексемае, ки ба актант тааллуқ дорад, вобаста аст) хусусиятҳои валентнокии маъноист. Бояд гуфт, ки дар таносуби синтагматикӣ актантҳо ва валентнокии маъноӣ, воҳидҳо ва муносибат дар нақши мундариҷа мавҷуданд ва дар актанту валентнокии наҳвӣ воҳид ва муносибат дар нақши ифодаи пораи гуфторанд, ки онҳо актантҳо ва валентнокии маъноиро ифода мекунанд.

Калидвожаҳо: калима, таносуби маъноӣ, маъношиносӣ, таносуби парадигматикӣ, синтагматикӣ, валентнокии маъноӣ, актантҳо, валентнокии наҳвӣ, предикатсия.

СЕМАНТИТЧЕСКИЕ ОТНОШЕНИЯ В СЕМАСИОЛОГИИ

В статье автор ведет дискуссию относительно семантических отношений в семасиологии. Если парадигматическое отношение отражает словарную семантику как система, синтагматическое отношение создаёт условия для функционирования данной системы и словарные значения в выражении соединяются посредством еще больших единиц. Синтагматическое отношение - это связи и зависимости между языковыми элементами, одновременно сосуществующими в тексте и речи. Поэтому, можно сказать, что синтагма возникает при семантическом соответствии нескольких слов или языковых единиц, которые находятся в синтагматическом отношении. В синтагматическом отношении семантическая валентность имеет огромное значение. Обязательность семантического соответствия между актантами, количество валентности в слове (валентность в слове существует от одной до трёх и иногда до четырех и пяти) и для семантической валентности свойственность морфологических идиоматических выражений (данное обстоятельство зависит не только от гармоничного содержания валентности, но и от лексемы, которая принадлежит актанту) является особенностью семантической валентности. Нужно отметить, что в синтагматическом отношении актанты и семантическая валентность, единицы и отношение существуют в роли содержания, а в актанте и синтаксической валентности единица и отношение существуют в роли выражения части речи, которые выражают актанты и семантическую валентность.

Ключевые слова: слова, семантическое отношение, семантика, парадигматическое отношение, синтагматическое, семантическая валентность, актанты, синтаксическая валентность, предикация.

SEMANTIC RELATIONS IN SEMASIOLOGY

In the article, the author is discussing semantic relations in semasiology. If the paradigmatic relation reflects the vocabulary semantics as a system, the syntagmatic relation creates conditions for the functioning of this system and the vocabulary meanings in the expression are connected by means of even larger units. A syntagmatic relation is the connection and dependence between linguistic elements that simultaneously coexist in text and speech. Therefore, we can say that a syntagma arises with the semantic correspondence of several words or language units that are in a syntagmatic relation. Syntagmatically, semantic valence is of great importance. Mandatory semantic correspondence between actants, the amount of valence in a word (valence in a word exists from one to three and sometimes up to four and five) and for semantic valence the property of morphological idiomatic expressions (this circumstance depends not only on the harmonious content of valency, but also on the lexeme, which belongs to the actant) is a feature of semantic valence. It should be noted that in the syntagmatic sense actants and semantic valence, units and relation exist in the role of content, and in the actant and syntactic valence, unit and relation exist in the role of expressing a part of speech that express actants and semantic valence.

Key words: words, semantic relation, semantics, paradigmatic relation, syntagmatic, semantic valence, actants, syntactic valence, predication.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Гулназарова Жило*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи таърихи забон ва типология. **Суроғa:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 918-68-19-70**

Сведения об авторе: ***Гулназарова Жило*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры истории языка и типологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. Тел.: **(+992) 918-68-19-70**

Information about the author: ***Gulnazarova Zhilo*** – Tajik National University, candidate of philological Sciences, associate Professor of language history and typology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 918-68-19-70**

УДК: 491.550+491.55

БОЗТОБИ АНДЕШАҲОИ ЗАБОНШИНОСӢ ДАР НАХУСТИН ФАРҲАНГНОМАҲОИ ФОРСИИ ТОҶИКӢ

(дар мисоли «Луғати фурс»-и Асадии Тӯсӣ ва «Сиҳоҳ-ул-фурс»-и Ҳиндушоҳи Нахҷавонӣ)

Исмонов К.Б.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Омӯзиш ва баррасии таърихи пайдоиш ва ташаккули забоншиносии миллатҳо нишон медиҳад, ки иқдоми нахустини ҳар миллате дар ин самт аз тартиб додани фарҳангҳои тафсирии якзабона ва бисёрзабона оғоз гаштааст. Таъйиди ин нукта ба таърихи ташаккули забоншиносии форсу тоҷик низ рост меояд, зеро то давраи Ислом дар Хуросону Осиёи Миёна афкори забоншиносии форсу тоҷик дар ҳоли акнун ташаккулёбӣ қарор дошта бошад ҳам, дар ин замина баъзе луғатномаҳо пайдо шуда буданд, ки дар худ шарҳҳои грамматикӣ доштанд [17, с.14].

Бо назардошти таърихи ниҳоят тӯлонӣ доштани луғатнигории тоҷик онро ба се давра ҷудо намудаанд: а) давраи луғатсозии тоисломӣ; б) асрҳои X-XV, ё ки луғатсозии минтақаи Хуросон ва в) асрҳои XVI-XIX ё ки луғатсозӣ дар сарзамини Ҳиндустон [6, с.191].

Ба таъкиди донишмандон «ҳанӯз дар давраи Сосониён як қатор фарҳангҳо (луғатҳо) мавҷуд буданд, ки аксари онҳо хусусияти таълимӣ доштанд. Ин луғатномаҳо фарҳангномаҳои забонҳои авестоӣ-порсии миёна, оромӣ-порсии миёна (паҳлавӣ) буданд, ки баъзе онҳо то замони мо омада расидаанд» [5, с.131-132]. Аз ҷумлаи нахустин фарҳангҳои қадимаи форсии тоҷикӣ «Фарҳанги Оим-Евак» (калимаи оим ба авестоӣ ва калимаи евак ба паҳлавӣ ба маънои як аст) - фарҳанги авестоӣ ба форсии миёна мебошад, ки то ҳол муаллиф ва соли таълифи он номаълум буда, онро ба давраи Сосониён нисбат медиҳанд, дар ҳоле ки таърихи нигориши онро метавон ба таври тахминӣ дар фосилаи поёни ҳукмронии Сосониён то қарни савуми ҳиҷрӣ ҷой дод. Ин фарҳангнома 880 калима, воҳиди нутқ ва ҷумлаи авестоиро ба забони форсии миёна тафсир мекунад ва наздик ба ҳазор калимаи авестоиро дар бар мегирад. Матни тафсирии паҳлавӣ 2250 калимаро ташкил медиҳад. Инчунин, дар луғат 833 калимаи оромӣ ва 24 калимаи «Позанд» мавҷуд аст. Ба ақидаи олимон, ин луғат барои онҳое, ки забони авестоиро омӯхтан мехостанд, фарҳанги таълимие будааст [5, с.132; 6, с.191]. Дар оғози ин фарҳангнома омадааст, ки «ин рисола барои шинохтани суханон ва вожагони авестоист ва ин ки занд (тарҷумаи паҳлавӣ)-и онҳо чӣ ва чӣ гуна аст. Арзиши ин фарҳанг дар он аст, ки вожаҳои мундариҷ дар мутуни авестоии асри Сосонӣ ва пас аз онро, ки акнун дар даст нест, дар бар дорад. Фарҳанг фарогири 27 боб буда, бар пояи мавзӯъ, аз қабили шумораҳо, зарфҳо, ҷонишинҳо ва ғайра мураттаб гаштааст [7, с.99-100].

Аз дигар фарҳангҳои машҳури тоисломии мардуми форсу тоҷик «Фарҳанги Паҳлавик» аст, ки аслан фарҳанги мавзӯӣ буда, наздик ба 1300 вожаи паҳлавӣ ва 630 ҳузворишро дар 31 боб фаро гирифтааст. Аслан, дар ин фарҳанг вожаҳое, ки хондани сурати навиштории онҳо барои дабирон душвор буда, гирд оварда шудааст. Душвортарин вожаҳои паҳлавӣ аз ин назар ҳузворишҳо, яъне вожаҳои оромитаборе ҳастанд, ки дар мутуни паҳлавӣ ба шакли асл навишта, вале ба шакли муодили паҳлавӣ хонда мешуданд, ба ин гуна ки «миё» менавиштанд ва «об» мехонданд ва ё «мин» менавиштанд ва «аз» мехонданд [7, с.100; 3, с.17-31].

Арзиши фарҳангҳои тоисломии форсу тоҷик, аз як тараф, дар фарогирии вожаҳову таркибҳои забонҳои авестоиву оромӣ ва паҳлавӣ бошад, аз тарафи дигар, дар шарҳу тафсири дастургуна ва таснифи дастурии вожаҳо ба шумор меравад.

Вале бо ин ҳама таърихи фарҳангнигории тоисломии форсу тоҷик мисли дигар бахшҳои забоншиносиву адабӣ норӯшан боқӣ мондаву барои тасвири чигунагии он маводи басандае дастрас нест, ба истиснои бархе маълумоту ишораҳое, ки дар зимни осори арабии аз ҷониби форситаборон таълифкарда омадааст [16, с.12].

Қобили зикр аст, ки фарҳангнависии баъдазисломии тоҷик дар пояи фарҳангнигории араб ба майдон омада, дар марҳилаи аввал танҳо ба тадвини ҳамон вожаҳову таъбирҳое равона шуда, ки дар зимни ашъори форсии тоҷикӣ омада, аммо барои хонанда як навъ ноошно будааст. «Рисолаҳои аввалин асосан аз тарафи адибон ба сифати рисолаҳои мухтасари калимаҳои душворфаҳм бо эзоҳот тартиб дода мешуданд. Ин рисолаҳо лексикаи номаълум ва ё шубҳанокро дар бар мегирифтанд ва ҳамчун манбаи захираи луғавӣ хизмат мекарданд» [4, с.66].

Бо илҳом аз фарҳангнигории араб фарҳангнигории форсии тоҷикӣ дар як замони кӯтоҳи таърихӣ пешрафти бесобиқа намуд ва чӣ тавре С.Нафисӣ ишора мекунад: «таҳияи феҳристи комил аз ҳамаи китобҳое, ки дар луғати форсӣ навиштаанд, душвор аст ва он чи то кунун тавонистаам истиқсо бикунам, шомили беш аз 200 китоб аст. Албатта, китобҳое бисёр, ки дар луғати арабӣ ба форсӣ ва дар луғати форсӣ ба туркӣ навишта шуда, ҳамчунин, китобҳое, ки аз забонҳои аврупоӣ ба форсӣ ва аз форсӣ ба забонҳои аврупоӣ таълиф кардаанд ва шумораи онҳо низ бисёр аст, аз ин адад берун аст» [9, с.71].

Донишмандон «Фарҳанги Абӯҳафси Суғдӣ» ё «Рисолаи Абӯҳафси Суғдӣ» (охири асри IX ва аввали асри X) ва «Тафосир фи луғат-ил-фурс»-и Шарафуззамон Қатрон ибни Мансури Армавиро аз нахустин фарҳангномаҳои баъдазисломии форсу тоҷик унвон мекунанд, ки, мутаассифона, ба истиснои бархе ишораву маълумотҳои дар тазкираву фарҳангномаҳои баъдӣ оиди ин ду фарҳангнома омада аз онҳо ба замони мо нусхае нарасидааст.

«Луғати фурс»-и Асадии Тӯсӣ, ки дар нимаи дуюми асри XI таълиф шудаву бештар лексикаи «фурс», яъне форсӣ-тоҷикии куҳнаро дар бар гирифтааст [4, с.67], нахустин фарҳангномаи форсии тоҷикии то замони мо расида мебошад, ки ба гунае дар он тартиби алифбоӣ риоя шудааст [14, с.13]. Соҳиби «Луғати фурс» дар мавриди сабаби таълифи ин луғат фармуда: «… ва ғарази мо дар ин луғоти форсист, ки дидам шоиронро, ки фозил буданд, вале луғоти порсӣ кам медонистанд ва Қатрони шоир китобе кард ва луғатҳо бештар маъруф буданд» [1, с.1]. Ин таъкиди Асадии Тӯсӣ ишора ба он менамояд, ки миллати тоҷик аз асри XI пештар низ ба нигоштани фарҳангнома ошноӣ доштааст [12, с.191].

Ҳарчанд дар «Луғати фурс» ба таври мустақим ба масоили дастурӣ ишора нашуда бошад ҳам, вале аз зимни ишораҳои муаллиф метавон бархе шарҳҳои дастургунаро пайдо намуд. Чунончи дар шарҳи калимаҳои «осо» ва «фом» соҳиби «Луғати фурс» мегӯяд: осо: монанд бувад, чунонки гӯй: шеросову хуросо ва туркосову монанди ин [1, с.3]; фом: гуна бошад, чунонки лаълфому дурфом ва монанди инҳо» [1, с.437]. Аз ин шарҳи соҳиби фарҳанг ба осонӣ метавон хулосагирӣ намуд, ки мавсуф ба нақши калимасозии «-осо» ва «-фом» ҳамчун ду воҳиди калимасоз, ки имрӯз бо пасванди исмсоз ёд мешаванд, ишора намудааст. Ё худ соҳиби «Луғати фурс» дар шарҳи калимаи «афдсито» оварда: «ин лафз калимаест мураккаби паҳлавӣ: афд шигифт бошад ва сито ситоиш» [1, с.5]. Таҳлили ин калима ва ишора ба мураккабиву мансуб ба забони паҳлавӣ будани он аз ҷониби Асадии Тӯсӣ ишора ба андешаҳои забоншиносӣ ва дастурии ӯ дар зимни фарҳангнома менамояд.

Нуктаи ҷолиб ин аст, ки Асадии Тӯсӣ аз падидаи забоние, ки дар забоншиносии муосири тоҷик зери истилоҳи «такрор» мавриди баррасӣ қарор гирифтаву ба сурати «калимаҳои такроре, ки компоненти якуми онҳо маънои пурра ва компоненти дуюмашон маънои иловагӣ доранд» [15, с.22] таъриф дода мешавад ва дар бештари маврид имрӯз ҳамчун бемаданиятии гуфтор унвон мешавад, бо истилоҳи итбоъ ёд кардааст. Чунончи ӯ дар шарҳи «шикасту микаст» мегӯяд: «Шикасту микаст итбоъ аст, Рӯдакӣ гуфт:

Ой аз он чун чароғи пешонӣ,
Ой аз он зулфаки шикасту микаст» [1, с.48].

Дар тафсири вожаҳои «танд ва хавнд, тарт ва март, тор ва мор ин ҳама ба як маънӣ бувад» [1, с.91] низ айни нуктаи боло дида мешавад.

Асадии Тӯсӣ дар шарҳи вожаи «инанд» овардааст: ба маънии анд бошад, ки дар шумор маҷҳул бувад ва муайян набошад то чанд аст, Рӯдакӣ гӯяд:

Ҷаҳон ин асту чунин аст то буд,

Ва ҳамчунин бувад инанд боро [1, с.93-94].

Дар ин ҷо овардани вожаи «маҷҳул» ва сипас таъбири «муайян набошад то чанд аст», аллакай, ба истифодаи истилоҳи дастурии «маҷҳул», ки аз наҳви арабӣ ба дастури классикии тоҷикӣ гузаштааст, ишора менамояд ва таъбири баъдӣ гунае таърифи ин истилоҳ ба шумор меравад.

Фарҳангномаи дигаре, ки аз нигоҳи таърихи таълиф пас аз «Луғати фурс» ва «Фарҳанги Қаввос» қарор дорад, «Сиҳоҳ-ул-фурс» мебошад, ки ба таъкиди мусаннифаш номгузориаш дар пайравӣ аз китоби «Сиҳоҳ-ул-луғат»-и Ҷавҳарӣ сурат гирифтааст: «… ин ҷумларо ба китоби «Сиҳоҳ-ул-фурс» мавсум кард, чи вазъу тартиби ин мувофиқи «Сиҳоҳ-ул-луғат»-и Ҷавҳарист… Ҳамчунон ки «Сиҳоҳ-ул-луғат» муштамил аст бар тасҳеҳи луғоти қабоили араб, ин китоб муштамил аст бар тасҳеҳи луғоти тавоифи фурс» [10, с.9-10]. Дар оғози ин китоб муқаддимае дар мавриди тартиби калимаҳо зимни луғатнома оварда шудааст, ки дар он номи ҳарфҳои арабӣ ва ҳарфҳои вижаи форсӣ бо вожаҳое, аз қабили «ҳуруфи таҳаҷҷӣ, таркиб, ҳаракат, мутаҳаррик [10, с.13-14] ёд гаштааст, ки онҳоро метавон истилоҳоти дастурӣ унвон кард.

Дар «Сиҳоҳ-ул-фурс» дар тафсири вожаҳои «нок», «сон», «бон» ва «ваш» омадааст: «нок: лафзест, ки бар мушобаҳат далолат кунад, гӯянд: ҳаваснок, ханданок, андешанок ва ғайри он» [10, с.188]; «сон чанд маънӣ дорад: аввал, санге бошад нарм, ки шамшеру корд бад-он тез кунанд; дувум, расму ниҳоду ҳол бошад; сеюм, ба маънии мушобаҳат (бошад) гӯянд: фариштасон ва одамисон» [10, с.244]; «бон: ду маънӣ дорад: аввал, лафзест, ки онро бар нигоҳдорандагони чизе итлоқ кунанд, гӯянд: дарбон, марзбон, боғбон ва ғайри он…» [10, с.232]; «ваш ба маънои фаш бувад, яъне монанд» [10, с.158].

Чи тавре дида мешавад, соҳиби «Сиҳоҳ-ул-фурс» дар баробари баёни маънои лексикии ин вожаҳо боз бо овардани чандин калимаи ба як намт сохташуда ба нақши калимасозии онҳо ишора намудааст.

Таҳлили тафсири вожаи «чаро» аз ҷониби Ҳиндушоҳи Нахҷавонӣ ифодагари маънои дастурии ин вожа аст: «чаро ду маънӣ дорад: аввал, калимаест, ки мухотаб гӯяд ва ғараз манъу инкор бошад, то хасм бар он чи гӯяд, далеле намояд ва ҳуҷҷате иқомат кунад…; дувум, чаридани чорвоён бошад дар чарогоҳ» [10, с.24]. Нуктаи ҷолиб ин ҷо он аст, ки соҳиби «Сиҳоҳ-ул-фурс» нахуст аз маънои саволии вожаи «чаро», ки имрӯз ҳамчун ҷонишини саволӣ муаррифӣ мешавад, ёд карда, пасон ба маънои чаридан ва муштақ шуданаш аз феъли чарид ишора мекунад, ки ин худ баёнгари баррасии масоили дастурӣ дар ин фарҳангнома ба шумор меравад.

Дар фарҳангҳои ин марҳилаи таърихӣ, ки ба луғатсозии Хуросон ёд мешавад, ба фарқ аз фарҳангномаҳои арабӣ, инчунин, дар тафовут аз луғатсозӣ дар сарзамини Ҳиндустон ба масоили дастурии забони форсии тоҷикӣ кам таваҷҷуҳ шудааст, ки ин, пеш аз ҳама, ба ду иллат оид мешавад: а) дар ин марҳилаи таърихӣ ҳанӯз асаре, ки ҳамгуни «ал-Муъҷам фи маоир-ил ашъор-ил-аҷам»-и Шамс Қайси Розӣ [8, с.15] бевосита ба масоили дастурии забони форсии тоҷикӣ ишора намояд, ба майдон наомада буд; б) ин фарҳангномаҳо танҳо фарогири вожаҳои ноошнои забон буданд. Аз ин рӯ, шумораи вожаҳои дар ин фарҳангномаҳо тафсиршаванда аз ҳазор то панҷҳазор вожаро дар бар мегирифту тамом [2, с.90].

Омӯзиш ва баррасии фарҳангномаҳои классикии форсии тоҷикӣ нишон медиҳад, ки онҳо бо фарогирии маълумоти зиёди забоншиносӣ, адабӣ, таърихӣ, ҷуғрофӣ, фалсафӣ ва ғ. хусусияти доиратулмаорифӣ доранд, зеро «дар онҳо на фақат инкишофи таърихии лексикаи забони тоҷикӣ инъикос ёфтааст, балки бисёр воқеаҳои таърихӣ, адабӣ ва ғайра муфассалан баён шудаанд. Фарҳангҳои қадимаи тоҷикиро ҳамчун сарчашмаҳои адабӣ низ истифода кардан мумкин аст» [13, с.6].

Ба ин тартиб, «лексикографияи тоҷику форс мутобиқан бо тараққиёти адабиёти тоҷикӣ-форсӣ инкишоф ёфта, ба илми забоншиносӣ хеле бисёр асарҳои гаронбаҳо додааст. Дар ин асарҳо миқдори бисёри лексика ва фразеология гирд оварда шудаанд, ки барои ҳарҷониба омӯхтани лексикаи забони тоҷикӣ-форсӣ материали фаровон медиҳанд» [11, с.3].

Воқеан, омӯзиши фарҳангномаҳои классикии форсу тоҷик сафҳаҳои тозаеро оид ба андешаҳои забоншиносии донишмандони ин миллат боз намуда, ҳамзамон, саҳми онҳоро дар ташаккули забоншиносии араб нишон медиҳад.

А Д А Б И Ё Т

1. Асадии Тӯсӣ. Луғати фурс / Асадии Тӯсӣ; бо тасҳеҳ ва эҳтимоми Аббос Иқбол. – Теҳрон: чопхонаи «Маҷлис», 1329 шамсӣ. – 548 с. [бо хатти форсӣ].
2. Баевский С.И. Ранняя персидская лексикография (X-XV вв.) / С.И. Баевский. – М.: Наука. Главная редакция восточной литературы, 1989. – 168 с.
3. Бахтиёрӣ О. Фарҳангнигорӣ дар Эрони бостон / О.Бахтиёрӣ // Номаи Эрони бостон. - Соли аввал, шумораи дувум, поизу зимистони 1380. С.17-31. [бо хатти форсӣ].
4. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми 1. – Душанбе: Нашриёти «Ирфон», 1973. - 452 с.
5. Қосимова М.Н. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои IX-X). Ҷилди 1. / М.Н. Қосимова. - Душанбе, 2012. – 585 с.
6. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Ҷилди 1. Луғатшиносӣ / Ҳ.Маҷидов. – Душанбе, 2007. – 243 с.
7. Мансурӣ Я. Нигоҳе ба фарҳангҳои забони паҳлавӣ / Я.Мансурӣ // Номаи фарҳангистон: таҳқиқоти эроншиносӣ. - 1378 ҳ. - №1/10. - С. 99-106. [бо хатти форсӣ].
8. Маҳинбону С. Сайре дар дастури забони форсӣ: нахустин дастурнависони забони форсӣ / С.Маҳинабону. – Теҳрон: Китобсаро, 1371. – 336 с. [бо хатти форсӣ].
9. Нафисӣ С. Фарҳангҳои порсӣ. Муқаддимаи «Бурҳони қотеъ» / С.Нафисӣ. Ҷ.1. – 1342. - С.64-77. [бо хатти форсӣ].
10. Нахҷавонӣ Ҳ.Н. Сиҳоҳ-ул-фурс / Ҳ.Н. Нахҷавонӣ; бо эҳтимоми Абдуалӣ Тоатӣ. – Теҳрон, 1976. – 343 с. [бо хатти форсӣ].
11. Отахонова А. «Фарҳангнома»-и Ҳусайн Вафоӣ / А.Отахонова. – Душанбе: Нашриёти «Дониш», 1986. – 129 с.
12. Пейсиков Л.С. Лексикология современного персидского языка / Л.С. Пейсиков. – М., 1975. – 205 с.
13. Рауфов Ҳ. «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» ҳамчун сарчашмаи лексикографияи тоҷику форс / Ҳ.Рауфов. – Душанбе, 1973. – 191 с.
14. Рубинчик Ю.А. Лексикография персидского языка / Ю.А. Рубинчик. – М.: Наука. Главная редакция восточной литературы, 1991. – 224 с.
15. Тоҳирова Қ. Лексикаи забони адабии ҳозираи тоҷик / Қ.Тоҳирова. – Душанбе: Нашриёти «Дониш», 1967. – 82 с.
16. Хоҷаев Д. Гуфтори наку куҳан нагардад / Д.Хоҷаев. – Душанбе: Шуҷоиён, 2011. - 230 с.
17. Хоҷаев Д. Афкори забоншиносии тоҷик дар асрҳои X-XVI / Д.Хоҷаев. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2013. – 344 с.

БОЗТОБИ АНДЕШАҲОИ ЗАБОНШИНОСӢ ДАР НАХУСТИН ФАРҲАНГНОМАҲОИ ФОРСИИ ТОҶИКӢ

(дар мисоли «Луғати фурс»-и Асадии Тӯсӣ ва «Сиҳоҳ-ул-фурс»-и Ҳиндушоҳи Нахҷавонӣ)

Дар мақола таъкид шудааст, ки афкори забоншиносии ҳар миллат, пеш аз ҳама, дар фарҳангномаҳо инъикос ёфтааст ва омӯзиши ин навъи осор дар баробари тасвири паҳлуҳои гуногуни савтию лексикӣ ва синтаксисиву балоғии вожаҳо боз ба ҷанбаҳои таърихӣ-этимологии онҳо ишора менамояд. Омӯзиши мавзӯъ нишон медиҳад, ки мардуми форсу тоҷик ҳанӯз дар давраи пешазисломӣ бо фарҳангнигорӣ ошно буданд, ки «Фарҳанги Оим-Евак» ва «Фаҳанги паҳлавик» таъйидгари ин гуфторанд. Вале аз баррасии мавзӯъ бармеояд, ки рушди фарҳангнигории баъдазисломии форсу тоҷик бесобиқа буда, дар пояи фарҳангнигории араб ба майдон омадааст. Қадимтарин фарҳангномаи форсии тоҷикии то имрӯз расида «Луғати фурс»-и Асадии Тӯсӣ мебошад, ки дар нимаи дуюми асри XI таълиф шудаву бештар лексикаи форсӣ-тоҷикии куҳнаро дар бар гирифтааст. Фарҳангномаи дигаре, ки аз нигоҳи таърихи таълиф пас аз «Луғати фурс» қарор дорад (асри XV), «Сиҳоҳ-ул-фурс» мебошад, ки ба таъкиди мусаннифаш-Ҳиндушоҳи Нахҷавонӣ, номгузориаш дар пайравӣ аз китоби «Сиҳоҳ-ул-луғат»-и Ҷавҳарӣ сурат гирифтааст. Дар мақола ишора ба он шудааст, ки дар ин ду фарҳангнома ҳарчанд вожаҳои ноошно оварда шуда бошанд ҳам, дар тафсири бархе аз онҳо ба қонунҳои дастурӣ ва балоғӣ ишора шудааст, ки ин аз арзиши илмӣ-таърихии онҳо дарак медиҳад. Омӯзиши фарҳангномаҳои классикии форсу тоҷик сафҳаҳои тозаеро оид ба андешаҳои забоншиносии донишмандони ин миллат боз намуда, ҳамзамон, саҳми онҳоро дар ташаккули забоншиносии араб нишон медиҳад.

Калидвожаҳо: фарҳангнигорӣ, «Луғати фурс», «Сиҳоҳ-ул-луғат», забоншиносӣ, луғат, калимасозӣ, масоили дастурӣ.

ИЗЛОЖЕНИЕ ЛИНГВИСТИЧЕСКИХ ВОЗЗРЕНИЙ В ПЕРВЫХ ПЕРСИДСКО-ТАДЖИКСКИХ СЛОВАРЯХ

(на примере «Лугати фурс» Асади Туси и «Сихох-ул-фурс» Хиндушаха Нахджавани)

В статье указано, что лингвистические воззрения каждого народа находят своё отражение, прежде всего, в словарях и изучение этого наследия наравне с описанием различных фонетическо-лексических и синтаксических форм слов и их риторики также отражает историю этимологии приведенной лексики. Изучение исторических

материалов показывает, что предкам персов и таджиков с доисламских времен была знакома значимость составления словарей, чему свидетельство “Фарханг Оим-Евак” и “Фарханг пахлавик”. Вместе с тем, следует отметить, что получившая беспрецедентное развитие персидско-таджикская лексикография в исламский период была беспорно основана на арабской лексикографии. Наиболее старинным персидским (таджикским) словарем, сохранившимся до нашего времени, является «Лугати фурс» Асади Туси, составленный во второй половине XI века и состоящий в основном из архаичной персидско-таджикской лексики. Другим значимым словарем, составленным после «Лугати фурс», является «Сихох-ул-фурс» (XV век), по утверждению составителя которого Хиндушаха Нахджавани, он так назвал свой труд в честь словаря «Сихох-ул-лугат» Джавхари. В статье указано, несмотря на то, что в обоих словарях приведена незнакомая современному читателю лексика, в разъяснении отдельных слов использованы грамматические правила и принципы риторики, что подтверждает их большую научную и историческую ценность. Изучение словарей открывает новые страницы в описании воззрений персидско-таджикских классиков о языкознании, а также показывает их значимый вклад в развитие арабского языкознания.

Ключевые слова: лексикография, «Лугати фурс», «Сихох-ул-лугат», языкознание, словарь, словообразование, грамматика.

THE PRESENTATION OF LINGUISTIC VIEWS IN THE FIRST PERSIAN-TAJIK DICTIONARIES

(on example of "Lugati furs" by Asadi Tusi and "Sihoh-ul-furs" Hindushah Nakhjavani)

The article indicates that the linguistic views of each nation are reflected, first of all, in dictionaries and the study of this heritage, along with a description of various phonetic-lexical and syntactic forms of words and their rhetoric, also reflects the history of the etymology of the given vocabulary. A study of historical materials shows that the ancestors of the Persians and Tajiks from the pre-Islamic times were familiar with the importance of compiling dictionaries, as evidenced by “Farhang Oim-Evak” and “Farhang paklavik”. At the same time, it should be noted that the Persian-Tajik lexicography in the Islamic period, which was unprecedentedly developed was indisputably based on Arabic lexicography. The oldest Persian (Tajik) dictionary that has survived to this day is "Lughati Furs" by Asadi Tusi, composed in the second half of the 11th century and consisting mainly of archaic Persian-Tajik vocabulary. Another significant dictionary compiled after Lughati Furs is Sihoh-ul-furs (XV century), according to the compiler Hindushah Nahjavani, he named his work in honor of the dictionary of “Sikhokh-ul-lugat” by Javhari. The article indicates that despite the fact that both dictionaries contain words, which are unfamiliar to the modern reader, for the explanation of particular words there are used grammar rules and principles of rhetoric, which confirms their great scientific and historical value. Studying dictionaries opens up new pages in describing the views of Persian-Tajik classics about linguistics, and also shows their significant contribution to the development of Arabic linguistics.

Key words: Lexicography, “Lugati Furs”, “Sihoh-ul-lugat”, Linguistics, dictionary, word formation, grammar.

Маълумотнома оид ба муаллиф: ***Исмонов К.Б.*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи араб. **Суроғa:** 724025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17. E-mail: **usmon1982.82@mail.ru**. Тел.: **(+992) 917-44-40-40**

Сведения об авторе: ***Исмонов К.*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры арабской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **usmon1982.82@mail.ru**. Тел.: **(+992) 917-44-40-40**

Information about the author: ***Ismonov K.*** - Tajik National University, Candidate of Philology sciences, Associate Professor of Arabic Philology Department. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **usmon1982.82@mail.ru.** Tel.: **(+992) 917-44-40-40**

УДК: 491.550

ОИД БА ВИЖАГИҲОИ АНТРОПОНИМИЯИ ТОҶИК

Қаюмова М.Б.

Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Маълумоти антропонимӣ барои таърихи забон пурқимат аст. Аз баъзе забонҳои азбайнрафта ба мо дар шакли ёдгориҳои хаттӣ танҳо номҳои хосси одамон боқӣ мондаанд. Калимаҳое ҳастанд, ки маънии пешинаи хешро гум карда, ба маънии дигар истифода мешаванд ва маънии аввалаи онҳо танҳо дар номҳо боқӣ мондаанд: **Деҳқон**, ки пеш ба маънии заминдор, мулкдор истифода мешуд, ҳоло маънои шахси бо кишту кор сарукордоштаро мефаҳмонад. **Девона** – «яздонӣ» (аз **дев** - худо + **она** – суффикс) дар давраи кунунӣ ба маънои «ноқисулақл», «девасаркарда» маъмул аст.

Омӯхтану ҷамъоварӣ ва аз ҷиҳати илмӣ таҳлил намудани ному насабҳо, тахаллусу лақабҳо на танҳо барои соҳаи забоншиносӣ, балки барои соҳаҳои таърих, этнография, фарҳанг низ қимату заруранд. Онҳо барои таҳқиқи таъриху этнография ва фарҳанг дорои маводи фаровон буда, таъриху фарҳанги чандинасраи халқ, таҳаввули вазъи сиёсӣ, иҷтимоиву маданӣ, ҷаҳонбинии фалсафӣ, динӣ, маънавию ахлоқӣ, эстетикӣ, шавқу завқ, майлу хоҳиш, донишу тафаккур, эътиқоду меҳру муҳаббати ба ниёгон ва расму ойин доштаи мардумро дар худ таҷассум менамоянд. Антропонимия метавонад дар аниқ намудани таркиби этникӣ ва кӯчиши аҳолӣ дар давраи куҳан ҳамчун манбаи пурқимати таърихӣ хизмат намояд. Аз сохтору намуд ва миқдори антропонимҳо дар кадом сатҳ ва чӣ қадар давом кардани муносибатҳои байниҳамдигарии халқу миллатҳои гуногунзабонро муайян кардан мумкин аст.

Ба гурӯҳи номҳои аслан тоҷикӣ маъмулан номҳое дохил мешаванд, ки дар асосу заминаи забони мазкур пайдо шудаанд. Пайдоиши аксари номҳои аслӣ ба бостонитарин манбаъҳои забони тоҷикӣ – ба яке аз забонҳои қадимаи гурӯҳи забонҳои ironӣ рафта мерасад.

Тариқе ки аз манбаъҳои таърихӣ маълум аст, мардуми тоҷик яке аз қавмҳои ориёӣ буда, дар асоси халқиятҳои шарқиэронии Осиёи Миёна, қабл аз ҳама, бохтариҳову суғдиён ва то дараҷаи муайяне аз дигар ҷузъҳои таркибии нажодӣ ташаккул ёфтаанд.

Нахустин сарчашмаҳои хаттии санавӣ, ки дар бораи Осиёи Миёна маълумот медиҳанд, дар асрҳои VII-VI пеш аз милод дар ин сарзамин сукунат доштани қавму тоифаҳои иронитабор - суғдиён, бохтариҳо, марғиёниҳо, хоразмиҳо, портҳо, қабилаҳои мухталифи сакоӣ ва ғайраро хотирнишон намудаанд.

Аз наздикӣ ва қаробати қабилаҳои гуногуни Ирони қадим номи умумии онҳо – «ориё» гувоҳӣ медиҳад. Ин ном ҳам дар матнҳои қадими ironӣ ва ҳиндӣ, ҳам дар сарчашмаҳои дигар ба тариқи васеъ кор фармуда шудааст.

Калимаи «ирон» низ аз шакли қадимаи «айрйа» (орӣ) дар падежи генетив «айрйоном» (ориён) табдили дифтонги «ай» ба «э» (и) ва афтодани идомаи падежии «ом» ба вуҷуд омадааст.

Тадқиқи қиёсии забон, ойин, урфу одат, дину мазҳаби қадимии ирониён ҳамгунӣ ва ягонагии онҳоро собит менамояд. Омӯзиш ва муқоисаи забонҳо метавонад ба тариқи равшан далолат кунад, ки забонҳои ironӣ дар ибтидо ҳам аз ҷиҳати сохтори сарфунаҳвӣ ва ҳам аз ҷиҳати захираи асосии луғавӣ то чӣ андоза умумият доштаанд. Забонҳо ҳамеша дар як ҳолат намондаанд. Тағйироте, ки дар забонҳои ironӣ муддати зиёда аз ҳазор соли рушди онҳо, хусусан дар қисмати савтиёт, лексика ва сарфу наҳв рух додааст, бо бисёр омилу рӯйдодҳои таърихию фарҳангӣ шарҳ дода мешавад. Аз ин лиҳоз, забонҳои аҳвоми ironӣ дар асоси ҳамин гуна тағйирот ба се марҳилаи такомул – қадим, миёна ва нав таҷзия шудаанд: 1) давраи қадим (аз давраи ба миён омадани «Авасто», тахминан аз оғози ҳазораи II қабл аз милод то асрҳои IV-III пеш аз милод, яъне то истилои Искандари Мақдунӣ); 2) давраи миёна (аз асрҳои IV-III пеш аз милод то асрҳои VII-VIII милодӣ, яъне то истилои араб); 3) давраи нав (аз асрҳои VIII-IX то имрӯз).

Забонҳои давраи қадими халқҳои иронитабор қариб аз ҳама гуна омехтагӣ бо забонҳои бегона орӣ буда, асоси онро забонҳои Ирони қадим, ки яке бо номи забон ва хатти авастоӣ дар китоби муқаддасу қадимтарини Осиёи Миёна «Авасто» ва дигаре бо номи забони форсии қадим, ки бо хатти мехӣ дар осорҳои давраи Ҳахоманишиҳо - Кӯҳи Бесутун, Тахти Ҷамшед сабт гардидаанд, ташкил медиҳанд. Забонҳои давраи миёна низ дар асоси забонҳои халқҳои иронитабор - портӣ [порсӣ], суғдӣ, хоразмӣ, сакоӣ, бохтарӣ, тахорӣ, хутанӣ ва хатти оромиасос ба вуҷуд омада, тадриҷан бо рӯйдодҳои ҷамъиятию таърихӣ забонҳои хоразмӣ, тахорӣ, бохтарӣ, сакоӣ, суғдӣ қисман аз байн рафта, қисман бо забони порсӣ омехта мегарданд. Аз ин рӯ, забони форсии миёна бо номи забони паҳлавӣ [порсӣ] низ зикр мешавад. Ба эътибор пайдо намудани забони порсӣ, пеш аз ҳама, 500 соли давлатдории портҳо сабаб гардидааст. Дар ин давр ба забони форсӣ дохил шудани баъзе калимаҳои юнонӣ ва юнонишавии баъзе калимаҳои форсӣ мушоҳида

мешаванд, ки он ҳам ба рӯйдодҳои таърихӣ - лашкаркашиҳои Искандари Мақдунӣ, таъсиси давлати Юнону Бохтар алоқаманд мебошад.

1.Муҳимтарин аз забонҳои нави халқҳои иронӣ - забони порсӣ буда, он дар охири аҳди Сосонӣ ва аввалҳои асри исломӣ бо забонҳои Суғду Бохтар пайваста, дар аҳди Саффориён, Тоҳириён, Сомониён, Ғуриён, Ғазнавиён ва дигарҳо забони умумии адабӣ ва қавми оринажод гардида, бо номи умумӣ - забони порсии нав шинохта мешавад. Ба забони форсии нав бо рӯйдодҳои таърихиву иҷтимоии асрҳои VIII-XX миқдори зиёди луғатҳои забонҳои ғайр - арабӣ, туркӣ, русию аврупоӣ ворид гардида, захираи луғавии забони мазкурро мукаммал мегардонанд. Антропонимия низ чун қисмати забон ин се марҳиларо аз сар гузаронидааст.

Доир ба давраи қадим мансуб будани ин ё он ном метавон танҳо аз рӯйи сарчашмаву ёдгориҳои хаттии бостонӣ - мадракоти ҳафриётӣ ва адабиёти қадим хулосаи муътамад баровард. Ба антропонимияи ин давр номҳое дохил мешаванд, ки ба давраи забонҳои Ирону Порси қадим марбут буда, бо антропонимияи дар ёдгориҳои ин давр мавҷуда бевосита мувофиқат мекунанд.

Қариб 90 %-и номҳои давраи қадим сохтори мураккаб дошта, мафҳуму маънои онҳоро бе таҳлили этимологӣ муайян кардан имконнопазир мебошад. Ташаккули номҳои давраи қадим бештар бо воситаи ду реша ва ё бо пасвандҳои сифати нисбии **-уа**>ф.м. ва ф.н.-о,-ӣ,**-anya**>ф.м. ва ф.н.-**ина**,-**уа+ānām** [падежи генетив]>ф.м. ва ф.н.-**и+ён**, пасванди омоморфемавии **-ān (-yān)**>ф.м. ва ф.н.-**он** (-**ён**), пасванди омоморфемавии **-ak**>ф.м. ва ф.н.-**ак**, пасванди сифати нисбии–**āp>**ф.м.**-āb//-ob(a)**>ф.н.-**о**,-ӣ сурат гирифтааст.

Аз байни номҳои тоҷикон зиёда аз 40 номро зикр кардан мумкин аст, ки ба давраи қадим тааллуқ дошта, номи қаҳрамонҳои устуравию афсонавӣ ва шахсиятҳои таърихии давраи қадимро дар худ таҷассум кардаанд.

Аноҳито (Anāhitā)**//Ноҳид (Nāhid)**(а)<ав.Anāhitā, ф.қ. Anāhitā, ф.м. ва ф.н. Anāhitā//Nāhid(a) айнан «беолоиш», «пок» (аз преф.инкории **an-**, сифати **āhit** «олуда» ва суффикси ҷинси занонаи –**ā**) номи рӯд ва фариштаи об дар «Авасто». Дар давраи миёна ва нав дар шакли кӯтоҳ (Ноҳид) номи сайёраро гирифтааст. Дар номгузории тоҷикони навоҳӣ номи мазкур дар шакли пурра ва кӯтоҳшуда бо иловаи пасванди ҷинси занонаи **-а //-о** дар номҳои занона ва дар шакли Ноҳид дар номҳои мардона вомехӯрад. **Ардашер (Ardašer)**<ф.қ.Artaxsaϑra//Artaksrks//Xsayarxsa//Kserks шакли юнонии ном], ф.м.Ardaxsir//Ardasir, ф.н.Ardasir//Ardaser «ҳокими одил» [**arta** «адл», «инсоф» ва **xsaϑra** «салтанат», «шоҳ»], номи подшоҳони Ҳахоманишӣ ва Сосонӣ, дар «Ғиёс-ул-луғот» номи Ардашер ба маънии «шермонанд», «шери хашмгин» (мураккаб аз лафзи «ард» ба маънии «хашм» ва «қаҳр» ё лафзи «урд» ба маънии «монанд» ва «назир») муайян шудааст. **Афросиёб** (Afrāsiyāb)<ав. Franrasyan, ф.м. Afrāsyāb, ф.н.Afrāsyāb//Afrosyob «қаҳҳор», «тарсовар», аз рӯйи «Авасто» ва «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ номи шоҳи Тӯронзамин. Дар номгузории мардонаи Кӯлоб якчанд ном ба қайд гирифта шудааст. **Баҳром** (Bahrām)<ав.V∂r∂ϑraγan, ф.м.Vāhrām>Bahrām, ф.н.Bahrām (аз **V∂r∂ϑra** «дузд», «пинҳонкунанда», **γan** «задан», «раҳо кардан»), айнан «раҳокунанда» аз Вритра, лақаби худои бузург Индра аст, ки ба Вритра - дузди борон ҳуҷум карда, аз абр борон меорад. Дар давраи миёна номи 5 подшоҳи Сосонӣ, дар давраи нав ба маънии фатҳ ва пирӯзӣ низ омада. **Баҳман** (Bahman)<ав.Vohumanangh//Vohumanah, ф.м.Vahman//Bahman, ф.н. Bahman (аз **vohu** «беҳ», «нек» ва **manangh//manah** «андеша) айн. «хубманиш», «андешаи нек», номи писари Исфандиёр дар «Шоҳнома», дар «Таърихи Табарӣ» – номи писари Гуштосп, яке аз ёрони Аҳурамаздо дар «Авасто». **Беҳрӯз** (Behruz) **(Bahr**<ав.Vahuraočah, ф.қ.Vahuraučah, ф.м.Vahrāz//B∂hroz, ф.н. B∂hrůz//B∂hruz (аз **vahu** «беҳ», «нек» ва **raočah** «рӯз»), айн. «рӯзи нек», номи марде дар достони қадимии «Вис ва Ромин». **Бузург** (Buzurg)//Бузрук<ф.қ.Vazrka, ф.м.Vuzruk//Vuzurg, ф.н.Buzruk//Buzurg, «кабир», «наҷиб», яке аз номҳои Зардушт. **Виса**<ав.Visya, ф.r.Viϑa «хонавода», «деҳа», «ҷамоа», унвони сарварони динии авлоду қабила, номи мушовир ва сипаҳсолор дар аҳди Афросиёб [13, с.421]. **Доро** (Doro)<ф.қ.Darayavaʰuš//Daraya, ф.м. Daryava//Dariyuš//Dārāb//Dārā,

ф.н.Dorob//Doro, «дорои некӣ», «сарватманд», номи 3 подшоҳи сулолаи Ҳахоманишиён, ки аввали солҳои 522-466 пеш аз милод салтанат рондаанд. **Дороб** (Dārāb), дар «Шоҳнома» ва «Таърихи Табарӣ» ба маънии «обмакон» низ омадааст, писари Ҳумой ва шоҳ Баҳман. **Замон** (Zamān)<ав.Zarvān, ф.м.Zarvān//Zavrān, ф.н.Zamon «замон», «ҳаёт», «умр», дар «Авасто» - номи худои марг ва посбони пули Сирот, дар замони Ҳахоманишиён - худованди макон ва замони мутлақ. **Зар[р]ина** (Zarrina) <ав. Za**ranya**, ф.м. ва ф.н. Za**rina** «тиллоӣ», номи маликаи қабилаи шакҳо ё худ сокҳо (сакоиҳо). **Исфандиёр** (Isfandiyār)<ав. Sp∂ntaδāta, Spandyāt>Spandyād>ф.м.Esfandiyār, ф.н. Esfandiyor «офаридаи муқаддас», номи муъбаде дар Ирони қадим, номи писари Кай Гуштасп дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, ки рӯинтан лақаби ӯ буд. **Комбиз** (Kāmbiz) (шакли аврупоиии Kambujiyā)<ф.қ.Kambujiyā, ф.м. ва ф.н. Kambujiyā, шоҳи II аз сулолаи Ҳахоманишиён (529-522 то милод). Дар антропонимияи шаҳр дар шакли Комбиз ду номи мардона ба қайд гирифта шудааст. **Куруш** [Kuruš]<ф.қ.Kuraus, ф.м. Kurus, ф.н. Kurus//Sirus (шакли лотинии ном), айн. «далер», «кура» (той), номи подшоҳ ва бунёдгузори давлати Ҳахоманишиён (558-529 то милод). **Қубод** (Qubād)<ав.Kavāt, ф.қ. ва ф.м. Kuvāt//Kuykuvāt>Kaykubād, ф.н. Qubod//Kayqubād «шоҳи маҳбуб», «барҳақ», «шоҳи одилу барҳақ», номи яке аз подшоҳони каёнӣ дар «Авасто» ва «Шоҳнома», номи яке аз подшоҳони Сосонӣ. **Манучеҳр** (Manučehr)<ав.Manusčiϑra, ф.м. ва ф.н. Manuchehr (аз **Manus** -номи нажод дар наздикии кӯҳи Дамованд ва ав. **čiϑra**>ф.қ. **čiϑra**, ф.м., ф.н. chehra «рӯй», «симо», мач. «нажод») «симо [нажод]-и Монуш», номи набераи Эрач аз тухми Фаридун дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ. **Мардон** (Mardān) <ав.masya>marϑiya//marϑān, ф.қmarϑiya//marϑān//Martān, ф.м. ва ф.н. Mardān//Mardān (аз **marϑ** «мард», «ба мурдан омода» ва пасвандҳои мансубии **-iya//-ān**), айн. «ба мурдан омода», мач. «далер», «шучоъ», компоненти дуюм дар номи Gayā Marϑān (Каюмарс), номи сарлашкари Форс дар аҳди Ҳахоманишиён – Мартанӣ. **Меҳрӣ** (Mehri) <ав.Miϑra, ф.қ. Mitra, ф.м. Mitra<Mehr, ф.н. Mehr//Mehri (бо иловаи пасванди мансубии – **i**), «меҳр», «офтоб», «муҳаббат», дар «Авасто» номи худои офтоб. **Меҳрдод** (Mehrdād) <ф.қ.Mitradāta ф.м.Mitridāta>Mehrdād, ф.н. Mehrdod (аз **mitra** «меҳр»+ **dāta** «додан») айн. «додаи Меҳр» (номи худои офтоб ва муҳаббат), номи ду подшоҳи Порт (171-87 пеш аз милод). **Меҳроб** (Mehrāb)<ф.қ.Mitrāp, ф.м.Mitrāp>Mehrāb, ф.н Mehrāb (аз **mitra** «меҳр» ва пасванди сифати нисбии **-āp > -āb > -ob**), «дорои меҳр», дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ номи шоҳи Кобул, бобои Рустам аз тарафи модар. Дар Кӯлоб номи мазкур ба ду маънӣ қабул шудааст: 1) форсӣ «дорои меҳр» ва 2) ар. ҷойи истодани имом вақти намози ҷамоа. **Наримон** (Narimān)<ав. ва ф.қ. Naryamanah, ф.м. Narimān ва ф.н. Narimān//Narimon «марди қавирӯҳ», «рӯҳан устувор», номи падари Сом, ниёи Рустами Дастон дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, душмани Кави Хусрав (Кайхусрав) дар «Авасто». **Озар** (Āzar) <ав.Āt∂r, ф.қ. ва ф.м. Ātar//Ātur//Ādar, ф.н.Āzar «оташ», «ахгар» [9, с.148]. Дар «Авасто» худои ҳақиқат ва писари Аҳурамаздо. Дар форсии қадим ва миёна ҷузъи аввали аксари номҳои мураккабро ташкил кардааст: Ātarxrah, Ātarden, Ātarvaxs, Ātarpāta//Ātarbād. Номи муаллифи «Динкард» (Занд-Окосия) - Отур Фарн Баг Фархзотон (Фаррухзод). Дар Кӯлоб шакли содаи он - Озар дар истеъмол аст. **Ориё** (Oriyā)<ав. airya, ф.қ. Ariya//Aryā, ф.м. Āryā, ф.н. Āriyā//Oriyā, мансуб ба нажод ва қавми ориёӣ, номи фармондеҳе дар артиши Ҳахоманишиён дар аҳди Куруши II. **Ориёмеҳр** (āriyāmehr) <ф.қ. Ariyamitra, ф.м ва ф.н. Āryamehr, сардоре дар рӯзгори Дориюши III. **Ориён** (Āriyān) (о)<ав.Airyān∂m, ф.қ.Aryānām, ф.м.Āryā//Āriyān, ф.н.Āriyān, Eron//Ēron, номи писари Ҳушанг, ҷузъи аввал дар номи волии Миср дар аҳди Камбуҷия: Ариёнтос. Дар номгузории занона шакли Ориёно (бо иловаи суффикси –**о**) маъмул мебошад. **Рудоба** (Rudāba)<ф.қ.Raoϑāba, ф.м. ва ф.н. Rudāba (аз **raoϑ** «болидан», «рустан», пасванди мансубии - **āb** ва муаннассози –**a**) айн. «дорои қади баланд», «баландболо», номи духтари Меҳробшоҳ, зани Золи Зар, модари Рустами Дастон дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ. **Рустам** (Rustam)<ав.Raoϑastaxma, ф.м. ва ф.н. Rustam (аз **raoϑ** «болидан», «рустан» ва **taxma** «қавӣ», «паҳлавон) (айн. қавиҷуссаи баланд»), образи барҷастаи афсонавӣ ва

паҳлавониву қаҳрамонӣ дар мифологияи қадим ва «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ. **Рухшона** (Ruxšāna) ф.қ.Raočanak, Ruksana//Roxana (шакли юнонии ном), ф.м. Ravsanak - Ruxsānak - Ruxsāna, ф.н. Ruxsāna//Raxsāna, Raksana (шакли аврупоии ном) «дурахшон», «равшан», «дорои нур», номи духтари Доро, зани Искандар дар «Шоҳнома», бино бар маъхазҳои таърихӣ духтари ашрофи Суғд Уксорт, зани Искандар. **Салм** (Salm)<ав.Sairima, ф.м. ва ф.н. Salm. Бино бар ривояти «Шоҳнома» писари меҳтари Фаридун буда, барои сари вақт саломат аз коми бало ҷастанаш ва ҷони хешро беҳуда ба хатар нагузоштанаш ин номро гирифтааст [9, с.186]. Аз ин ҷо бармеояд, ки Салм ба маънои «саломат», «тансиҳат», «эмин» аст. Имрӯз он дар шакли асл - Салм ва муарраб - Салам, Салим (а), Солим, Саломат, Мусаллам (а) дар лексика ва антропонимия мустаъмал мебошад. **Сиёвуш** (Siyāvuš)<ав. Syāvarsan, (аз **syāva** «сиёҳ» ва **arsan** «нар», «мард») ф.м. ва ф.н. Syāvaxs - Syāvus - Siyovus. Зумрае аз олимон Сиёвушро «дорандаи аспи сиёҳ», «сиёҳчашм» маънидод кардаанд.

А Д А БИ Ё Т

1. Майнусов, Д.Н. Антропонимы «Шахнаме» Абулкасыма Фирдоуси: (лингвистический аспект): АКД / Д.Н. Майнусов. - Душанбе, 2013. - 27 с.
2. МОЗАНДАРОНӢ, ҲУСАЙН ШАҲИД. ФАРҲАНГИ «ШОҲНОМА». НОМИ КАСОН ВА ҶОЙҲО / ҲУСАЙН ШАҲИДИ МОЗАНДАРОНӢ. - БУНЁДИ НИШОБУР, НАШРИ БАЛХ, 1337. - 814 С.
3. Нахӣ, Ҳусейн. Номнома / Ҳусейн Нахӣ. - Теҳрон, 1334. - 490 с.
4. Нушин, А. Вожаномак / А. Нушин. - Теҳрон: Муин, 1384. – 479 с.
5. ҲАЙДАРӢ, Ш. МАҚОЛАҲОИ НОМШИНОСӢ / Ш.ҲАЙДАРӢ. - ПЕРМЬ: ФОРВАРД, 2001. – 116 С.
6. Ҳайдаров, Ш. Пажӯҳиши лақабҳои мардуми ноҳияи Ашт / Ш.Ҳайдаров. - Перм: Форвард, 2001. - 116 с.
7. Пурпорсӣ, Меҳрубон . Ганҷинаи номҳои иронӣ / Гуштосп Меҳрубон Пурпорсӣ. - Теҳрон: Фуруҳар, 1362. – 124 с.
8. Разӣ, Ҳошим. Фарҳанги номҳои Авасто (иборат аз 3 ҷилд) / Ҳошим Разӣ. - Теҳрон: Фуруҳар, 1346.
9. Ризозода, Шафақ. Фарҳанги «Шоҳнома» / Шафақ Ризозода. - Теҳрон, 1971. – 271 с.
10. Ризозода, Шафақ. Сайре ба сарвати номҳои тоҷикони шаҳри Душанбе / Шафақ Ризозода // Мақолаҳои номшиносӣ.-Перм: Форвард, 2001. – 136 с.
11. Фасоӣ, Мансури Растагор. Фарҳанги номҳои «Шоҳнома». ҷ.1-2 / Мансури Растагори Фасоӣ. - Теҳрон: Муассисаи мутолиот ва таҳқиқоти фарҳангӣ, 1369. - Ҷ.1. - 594 с.
12. ФАСОӢ, МАНСУРИ РАСТАГОР. Фарҳанги номҳои «Шоҳнома» / / Мансури Растагори Фасоӣ. Ҷ.1-2. - Теҳрон: Муассисаи мутолиот ва таҳқиқоти фарҳангӣ, 1369. - Ҷ.1. – 594 с.
13. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома (иборат аз 9 ҷилд) / Абулқосим Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 1980. - Ҷ.I. - С.-421 с.

ОИД БА ВИЖАГИҲОИ АНТРОПОНИМИЯИ ТОҶИК

Мақолаи мазкур ба масъалаҳои табиат ва моҳияти антропонимияи тоҷикӣ бахшида шудааст. Ба ақидаи муаллифи мақола, маълумоти антропонимӣ барои таърихи забон пурқимат аст. Аз баъзе забонҳои азбайнрафта ба мо дар шакли ёдгориҳои хаттӣ танҳо номҳои хосси одамон боқӣ мондаанд. Калимаҳое ҳастанд, ки маънии пешинаи хешро гум карда, ба маънии дигар истифода мешаванд ва маънии аввалаи онҳо танҳо дар номҳо боқӣ мондаанд: **Деҳқон**, ки пеш ба маънии заминдор, мулкдор истифода мешуд, ҳоло маънои шахси бо кишту кор сарукор доштаро мефаҳмонад. **Девона** – «яздонӣ» (аз **дев** - худо + **она** – суффикс) дар давраи кунунӣ ба маънои «ноқисулақл», «девасаркарда» маъмул аст. Тариқе ки аз манбаъҳои таърихӣ маълум аст, мардуми тоҷик яке аз қавмҳои ориёӣ буда, дар асоси халқиятҳои шарқииронии Осиёи Миёна, қабл аз ҳама, бохтариҳову суғдиён ва то дараҷаи муайяне аз дигар ҷузъҳои таркибии нажодӣ ташаккул ёфтаанд. Нахустин сарчашмаҳои хаттии санавӣ, ки дар бораи Осиёи Миёна маълумот медиҳанд, дар асрҳои VII-VI пеш аз милод дар ин сарзамин сукунат доштани қавму тоифаҳои иронитабор - суғдиён, бохтариҳо, марғиёниҳо, хоразмиҳо, портҳо, қабилаҳои мухталифи сакоӣ ва ғайраро хотирнишон намудаанд. Мулоҳизаҳои худро ҷамъбаст намуда, муаллиф таъйид мекунад, ки тадқиқи қиёсии забон, ойин, урфу одат, дину мазҳаби қадимии ирониён ҳамгунӣ ва ягонагии онҳоро собит менамояд. Омӯзиш ва муқоисаи забонҳо метавонад ба тариқи равшан далолат кунад, ки забонҳои иронӣ дар ибтидо ҳам аз ҷиҳати сохтори сарфунаҳвӣ ва ҳам аз ҷиҳати захираи асосии луғавӣ то чӣ андоза умумият доштаанд. Забонҳо ҳамеша дар як ҳолат намондаанд. Тағйироте, ки дар забонҳои иронӣ муддати зиёда аз ҳазор соли рушди онҳо, хусусан дар қисмати савтиёт, лексика ва сарфу наҳв рух додааст, бо бисёр омилу рӯйдодҳои таърихию фарҳангӣ шарҳ дода мешавад. Аз ин лиҳоз, забонҳои аҳвоми иронӣ дар асоси ҳамин гуна тағйирот ба се марҳилаи такомул – қадим, миёна ва нав таҷзия шудаанд.

Калидвожаҳо: табиат, моҳият, ономастика, антропонимика, топонимика, хусусиятҳо, давраи нав, давраи миёна, давраи қадим, тадқиқи қиёсии забон, сарчашмаҳои хаттӣ, омӯзиш ва муқоисаи забонҳо, умумият, тағйирот, савтиёт, забонҳои иронӣ, забонҳои тоҷикӣ.

ОБ ОСОБЕННОСТЯХ ТАДЖИКСКОЙ АНТРОПОНИМИИ

Настоящая статья повящена вопросам природы и сущности таджикской антропонимии. По мнению автора статьи, антропонимические данные относительно истории языка очень ценны. Некоторые исчезнувшиеся языки оставили нам в форме письменных памятников только имена собственные людей. Существуют слова, потерявшие свои первоначальные значения, употребляющиеся с другими значениями и их начальное значение сохранилось только в именах собственных. Дехкон, ранее использовавшееся в значении землевладелец, собственник, теперь означает людей, занимающихся земледельческим хозяйством. Девона (от дива – бог, +суффикс она) на нынешнем этапе применяется в значении «умственно отсталый», «под воздействием дива». Как свидетельствуют исторические памятники, таджикский народ, являясь одним из племен арийцев, формировался на основе восточноиранских народностей Средней Азии, прежде всего, бактрийцев и согдийцев и в определенной степени также от других составных расовых компонентов. Первые хронологические источники, представляющие данные о Средней Азии, свидетельсвуют о том, что еще в VII-VI веках до нашей эры на этой территории бытовали ираноязычные этносы - согдийцы, бакрийцы, маргиянцы, хорезмийцы, парфиянцы, многочисленные сакские племена и другие. Подводя итоги, автор констатиурет, что сравнительное исследование языка, традиций, обычаев, древних религий и конфессий иранцев подтверждает их общность и единство. Изучение и сравнение языков может явно свидетельствовать, что иранские языки в начале до определенной степени имели общность как по грамматическому строю, так и лексическому составу. Языки не могут находиться в одном положении. Изменения, произошедшие в иранских языках на протяжении более тысячи лет их развития, особенно в части фонетики, лексики и грамматики, подтверждаются многими историко-культурными событиями. Данные изменения группируются в три этапа развития и совершенствования - древний, средний и новый.

Ключевые слова: природа, сущность, ономастика, антропонимика, топонимика, особенности, новый период, средний период, древний период, сравнительное изучение языков, письменные памятники, изучение и сравнение языков, общность, изменения, фонетика, иранские языки, таджикский язык.

ABOUT THE FEATURES OF TAJIK ANTHROPONYMY

This article pavamana issues of the nature and essence of the Tajik anthroponomy. According to the author, anthroponymic data on the history of the language are very valuable. Some vanished languages have left us in the form of written monuments only the names of their own people. There are words, poteryavshie their initial values, apply different values and the initial value is only preserved in proper names. Dehkan, earlier, ispolzovalsya in the value of the landowner, the owner, now means people involved in farming. Devon (from the diva – God +the suffix of it) at the current stage is used in the sense of "mentally retarded", "under the influence of a diva". According to historical monuments, the Tajik people, being one of the tribe of Aryans, was formed on the basis of East Iranian peoples of Central Asia, primarily Bactrians and soghdians, and to some extent also from other components of racial components. The first historical sources, reporting on Central Asia, testify that in the VII-VI centuries BC this area became part of common Iranian - speaking ethnic groups, the Sogdians, makrizi, margency, Khorezm, Partenza, many Saka tribes andother VA. Summing up, the author States that a comparative study of the language, traditions, customs, ancient religions and confessions of Iranians confirms their commonality and unity. The study and comparison of languages can clearly indicate that the Iranian languages at the beginning to a certain extent had a commonality in both grammatical Troy and lexical composition. Languages cannot be in the same position. The changes that have taken place in the Iranian languages for more than a thousand years of their development, especially in terms of phonetics, vocabulary and grammar, are confirmed by many historical and cultural events. These changes are grouped into three stages of development and improvement - ancient, middle and new.

Key words: nature, essence, onomastics, anthroponymy, toponymy, features, new period, middle period, ancient period, comparative study of languages, written monuments, study and comparison of languages, commonality, changes, phonetics, Iranian languages, Tajik language.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Қаюмова Мубина Бобоевна*** - Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ, мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷик. **Суроғa:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, кӯч. С.Сафаров-16. Тел.: **(+992) 987-88-66-56**

Сведения об авторе: ***Каюмова Мубина Бобоевна*** - Педагогического колледжа Кулябского государственного университета им. А.Рудаки заведующая кафедрой таджикского языка и литературы. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г.Куляб, ул. С.Сафарова - 16.Тел.: **(+992) 987-88-66-56**

Information about the author: ***Kayumova Mubina Boboyevna*** **-** College Kulob state University. A. Rudaki, head of the Department of Tajik language and literature teachers. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, S. Safarova Str. - 16. Tel.: **(+992) 987-88-66-56**

УДК:42:491.550

ЗАРБУЛМАСАЛ ВА МАҚОЛҲОИ АНГЛИСИВУ ТОҶИКӢ ДАР НАМУДИ ҶУМЛАҲОИ МУРАККАБИ ПАЙВАСТ ВА ТОБЕЪ

Азизова З.Ш.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Зарбулмасалҳо аз маъмултарин намуди эҷодиёти даҳонакии халқ буда, ғояҳои наҷиби инсониятро дар бар мегиранд. Онҳо аҳаммият ва қимати калони таърихӣ, бадеӣ ва тарбиявӣ доранд, дар инкишофи донишу маърифати одамон, завқи бадеӣ ва нутқи одамон нақши калон доранд.

Аз ин рӯ, мардум ба зарбулмасалҳо эътиқоди махсус доранд. Дар тамоми соҳаҳои ҳаёт ва фаъолияти худ онҳоро ҳамчун дастури амалиёт ба эътибор мегиранд [2, с.3].

Мо тасмим гирифтем, ки дар мақолаи мазкур сохтори синтаксисии зарбулмасал ва мақолҳои англисӣ ва тоҷикӣ, яъне истифодаи онҳоро дар шакли ҷумлаҳои гуногун мавриди таҳлил қарор диҳем.

Синтаксис яке аз шохаҳои грамматика буда, омӯзиш ва таълими таркибҳои гуногун, аз он ҷумла ҷумлаҳои сода ва мураккабро дар бар мегирад. Дар маркази омӯзиши синтаксис ҷумла бо сохтори грамматикии он ҷойгир мебошад. Синтаксис бо луғат ва морфология алоқаманд буда, шаклҳои морфологӣ, маънои онҳоро дар нуктаи муайяни ҳастии забон бо таркиби синтаксисӣ ҳамоҳанг менамояд [7, с.89].

Сохтори синтаксисии зарбулмасал ва мақолҳои англисӣ то ҳол пурра аз тарафи олимони забоншинос тадқиқ нашудааст. Дар ин соҳа корҳои алоҳида иҷро шудаанд, лекин то охир ин масъала ҳалли худро наёфтааст.

Аз нуқтаи назари сохтори синтаксисӣ зарбулмасалҳои англисӣ ба намуди ҷумлаҳои сода ва мураккаб тақсим мешаванд, зеро онҳо аз як ҷумла – сода ё якчанд ҷумла таркиб ёфтаанд. Қобили зикр аст, ки қисми асосии зарбулмасалҳои тоҷикиро ҷумлаҳои сода ташкил медиҳанд ва дар ҳарду забони муқоисашаванда миқдори онҳо зиёд мебошанд [8, с.16-17].

Зарбулмасалу мақолҳои забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ҳамчун ҷумлаҳои мураккаб омада метавонанд. Ҷумлаҳои мураккаб гуфта, чунин ҷумлаҳоро меноманд, ки дар онҳо ду ва ё зиёда ҷумлаҳои сода бо ҳам алоқаманд мешаванд. Усули пайвастшавии ҷумлаҳои сода гуногун шуда метавонад: а) баробарҳуқуқ, аз ҳамдигар вобаста не (пайваст); б) ҳамчун нобаробар, аз ҳамдигар вобаста (тобеъ).

Ҷумлаи мураккабе, ки аз ду ва ё зиёда ҷумлаҳои содаи баробарҳуқуқ таркиб ёфтааст, бо воситаи пайвандакҳои пайвасткунанда, муқоисавӣ ё ҷудоӣ пайваст мешавад, ҷумлаи мураккаби пайваст ном дорад. Таҳлили маводҳои фактологӣ собит менамояд, ки дар фонди зарбулмасал ва мақолҳои англисӣ ҷумлаҳои мураккаби пайваст, ки бе пайвандак мебошанд, аҳён вомехӯранд, аммо дар забони тоҷикӣ бошад, зиёдтар ду ҷумлаи содаи баробарҳуқуқ бо воситаи вергул ҷудо карда мешаванд:

Дар хушомадгӯй сухан бисёр, дар гарданғафс тақал бисёр [15, с.75].

Аз абри сиёҳу одами лаққӣ натарс, аз абри сафеду одами хаппакӣ тарс [15, с.23].

Роҳи ростро хатар нест, каҷрав ҳамеша дар хатар аст [15, с.155].

Қобили қайд аст, ки дар ташаккули ҷумлаҳои мураккаб нақши пайвандакҳо хеле калон мебошад. Ҳам ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва ҳам ҷумлаҳои мураккаби тобеъ мувофиқи сохт ва хусусиятҳои хоссашон пайвандакҳои махсус доранд. Пайвандакҳо аз рӯйи маъно ва вазифаашон ба гурӯҳи пайвасткунанда ва тобеъкунанда ҷудо мешаванд ва дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ва мураккаби пайваст истифода бурда мешаванд [3, с.8].

Дар забонҳои англисӣ ва тоҷикии муосир чунин намуди гурӯҳҳои пайвандакҳои пайвасткунандаро ҷудо намудан мумкин аст: 1. Паиҳам. 2. Ҷудоӣ. 3. Хилофӣ. 4. Сабабу натиҷа.

Гурӯҳи якум пайвандакҳои паиҳам барои ифодаи мувофиқати маънои ду ҷумлаи паиҳам омада хизмат мекунанд ва дар забони англисӣ ба қатори чунин пайвандакҳо инҳо

дохил мешаванд: **and, not, only, but, not only, but also, as well…as, neither… nor, both…and, nor** [9, с.338]. Пайвандакҳои паиҳами забони тоҷикӣ инҳоянд: **ва (у), аммо, вале, лекин, на фақат, танҳо** ва ғайраҳо. Онҳоро дар зарбулмасалу мақолҳо дида баромада қайд менамоем, ки онҳо пурра истифода бурда мешаванд. Мисолҳои зеринро дида мебароем:

Hope is a good breakfast, **but** a bad supper [14, с.14].

Set a beggar on horseback **and** he'll ride to the devil [14, с.58].

Neither rhyme **nor** reason [14, с.51].

Хонаи дӯстон бирӯб **ва** дари душман макӯб [15, с.185].

Ҳофиз манам***у*** бародарам мехонад [15, с.223].

Сари бегуноҳ пойи дор меравад, **аммо** на сари дор [15,с. 161].

Дар ин зарбулмасалҳо пайвандакҳои паиҳами **"but, and, neither… nor"** дар мисолҳои англисӣ ва пайвандакҳои **"ва, у, аммо"** дар мисолҳои тоҷикӣ барои ифодаи мувофиқати гуногуни маъноии ду ҷумлаи паиҳам омада хизмат мекунанд.

Гурӯҳи дуюми пайвандакҳо **or, otherwise, or else, either…or** ва ё худ, **вагарна, хоҳ...хоҳ, ё...ё** буда, онҳоро пайвандакҳои ҷудоӣ меноманд [9, с.338]. Зарбулмасалҳои дорои чунин намуди пайвандакҳоро дар мисолҳои зерин мебинем:

Mend **or** end [14, с.50].

Sink **or** swim [14, с.58]!

All promises are **either** broken **or** kept [14, с.15].

Ё ҳусни расо, **ё** мӯйи дароз [15, с.92].

Ё шаҳри азим, **ё** кӯҳи баланд [15, с.92].

Ё ба зорӣ, **ё** ба зӯрӣ, **ё** ба зар [15, с.91].

Дар мисолҳои мазкур пайвандаки ҷудоии **"or, either… or" "ё...ё"** чун воситаи алоқа истифода шуда, ҷудо ё интихоб кардани яке аз ду фикри зикршавандаро талаб менамояд. Дар мисолҳои англисии **mend** аз **end, sink** аз **swim**" ва **broken** аз **kept** ҷудо ва ё худ интихоби яке аз ду фикри зикршавандаро нишон медиҳанд. Дар мисолҳои тоҷикӣ низ чунин намуди пайвандакҳо дида мешаванд, ба монанди пайвандаки ҷудоии **ё...ё**.

Гурӯҳи сеюми пайвандакҳои пайвасткунанда **but, yet, still, nevertheless, however** мебошанд, ки онҳо пайвандакҳои хилофӣ номида мешаванд. Аз таҳлили маводҳои ҷамъомада ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки аз ин гурӯҳи пайвандакҳо бисёртар дар зарбулмасалу мақолҳои англисӣ **"but"** ва дар мақолҳои тоҷикӣ бошад, **"вале"** фаровон истифода бурда мешаванд:

Speech is silver, **but** silence is gold [14, с.59].

Poverty is not a shame, **but** the being ashamed of it is [14, с.56].

Money is a good servant, **but** a bad master [14, с.50].

Гарчӣ дур аст, **вале** рост аст [15, с.62].

Сабр талх аст, **вале** оқибаташ ширин [15, с.157].

Дар зарбулмасалҳои дар боло овардашудаи англисӣ ду ҷумлаи сода бо ёрии пайвандаки гурӯҳи сеюми **"but"** ва дар мақолҳои тоҷикӣ бо ёрии пайвандаки **"вале"** хилофи ҳамдигар гузошта шудааст.

Гурӯҳи чоруми пайвандакҳои пайвасткунанда пайвандакҳои сабабу натиҷа ном доранд, ки онҳо инҳоянд: **for, so thus, therefore, so that, accordingly, then** ва муодили онҳо дар забони тоҷикӣ **бинобар он, бинобар ин, аз ин рӯ, барои ҳамин, пас** мебошанд. Истифодаи баъзеи ин пайвандакҳоро мо дар зарбулмасалу мақолҳои забонҳои мавриди муқоиса дучор шуда метавонем [9, с.339]:

There is a place **for** everything, and everything in its place [14, с.65].

Every man **for** himself, and God **for** us all [16, с.165].

Барои кор кардан донистан даркор, **барои** донистан - хондан.

Дар зарбулмасалу мақолҳои дар боло овардашуда пайвандакҳои пайвасткунандаи сабабу натиҷаи **so, that, before, then** ва дар мисолҳои тоҷикӣ бошад, муодили онҳо **пас** истифода бурда шудааст.

Бояд зикр кард, ки зарбулмасалу мақолҳои забонҳои мавриди муқоиса ба шакли ҷумлаҳои мураккаби пайвасти бепайвандак низ дучор мешаванд, ки онҳоро дар мисолҳои поён дида метавонем:

Nothing venture, nothing gain [14, с.54].

Once bitten, twice shy [14, с.55].

Great boast, small roast [14, с.33].

Ҳусн ҳусн нест, одоб ҳусн аст [15, с.223].

Холаи ҳамакора, ҳама кораш нимкора [15, с.184].

Ҷӯя киҳо меканад, оба киҳо мехӯрад [15, с.227].

Қобили зикр аст, ки дар зарбулмасалу мақолҳои ба шакли ҷумлаҳои мураккаби пайваст омада, **намудҳои алоқаҳои семантикии** зеринро дидан мумкин аст:

Намудҳои алоқа	**Пайвандакҳо**
1.Алоқаи баръакси хилоф	But
2. Алоқаи хилофӣ – маҳдудӣ	But
3. Алоқаи пайвасту тафтишӣ	And then
4. Алоқаи пайвасту нисбӣ	And

Ҷумлаҳои дар таркиби зарбулмасалу мақолҳо дар шакли ҷумлаи мураккаби пайваст омада дар алоқаи семантикии баръакси хилоф бо пайвандаки “but” дар забони англисӣ ва дар забони тоҷикӣ бошад, тариқи пасванди “-у” пайваст карда мешаванд:

Come on horse back, **but** go away on foot – “Дард кӯҳ барин меояду мӯ барин меравад; дард хирвор – хирвор меояду мисқол – мисқол меравад”;

• Намуди дуюми алоқаи семантикӣ ин алоқаи хилофӣ – маҳдудӣ буда, он низ бо пайвандаки “but” ва дар забони тоҷикӣ “аммо” дида мешавад. Бояд қайд кард, ки баъзе зарбулмасалҳои англисӣ муодили пурраи тоҷикиашонро доранд, лекин ҳангоми тарҷума он дар шакли ҷумлаи гуногун меояд. Мисол:

The pitcher goes often to the well, **but** is broken at last [14, с.64]. “Кӯза то кай ба лаби об сиҳат рафта меояд”.

Чи хеле ки мебинем, дар забони англисӣ зарбулмасал ба шакли ҷумлаи мураккаби пайваст омада, муодили он дар забони тоҷикӣ чун ҷумлаи сода омадааст.

• Дигар намуди алоқаи семантикӣ ин пайвасту тафтишӣ (натиҷа) аст, ки он тавассути пайвандаки “and then” ба вуқӯъ меояд:

God sends meat **and then** evil sends cook. “Худо ба инсон неъмат ато кард, аммо – шайтон пазандаро”.

Дар ин мисол мо мебинем, ки зарбулмасали англисӣ муодили аниқи тоҷикиашро дорад, ки дар ҳарду забон бо як намуди ҷумла, ҷумлаи мураккаби пайваст омадааст.

• Дар зарбулмасалҳои дар шакли ҷумлаҳои мураккаби пайваст буда боз алоқаи семантикии пайвасту нисбӣ дида мешавад, ки қисматҳои он тавассути пайвандаки “and” пайваст мегардад:

1) Take care of the pence and the pounds will take care of themselves [14, с.60]. - “Эҳтиёт ними ҳаёт”.

2) There is one good wife in the country **and** every man thinks he has here. “ Ба ҳар кас бачаи худ азиз аст; Анори худ дар назари худ ширин аст.

Зарбулмасали дуюми англисӣ ҷумлаи мураккаби пайваст мебошад, ки ҷумлаи дуюми он сарҷумла шуда омада, ҷумлаи пайрав дорад ва он ҷумлаи пайрави пуркунанда мешавад.



Зарбулмасалу мақолҳо дар намуди ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар ҳар ду забон арзи ҳастӣ доранд. Ин намуди ҷумла чунин шакли сохториест, ки он аз ду ё зиёда гурӯҳҳои предикативӣ таркиб меёбад, ки онҳо муносибати тарафайни синтаксисӣ надоранд, балки яке тобеи дигар аст. Чунин пайвандакҳо дар ҷумлаи мураккаби тобеъ истифода бурда мешаванд: **since, when, after, before, till, until, as, as soon as, while** [9, с.342].

Чи хеле ки маълум аст, ҷумлаҳои пайрав аз рӯйи сохт, маъно ва вазифаашон ба ҷумлаҳои пайрави мубтадо, хабар, муайянкунанда, пуркунанда ва ҷумлаҳои пайрави ҳол ҷудо мешаванд.

Ҷумлаи пайрави мубтадо чунин сохтори предикативиест, ки онро хабари сарҷумла тавсиф менамояд, яъне ба сифати мубтадои ҷумлаи дигаре хизмат мекунад [9, с.346].

What is bred in the bone will come out in the flash [14, с.74].

Дар мисоли боло **"What is bred in the bone"** ҷумлаи пайрав буда, вазифаи синтаксисии мубтадоро ичро карда, ҷумлаи пайрави мубтадо ҳисоб мешавад, ки хабараш **"will come out"** аст. Яъне ҷумлаи аввал мубтадоест, ки хабари худро дораду мубтадо надорад, мубтадои он ҷумлаи содаи аввал маҳсуб мешавад. Мубтадои он тавассути пайвандакҷонишинҳои **"who, what, which"**, ки муодили тоҷикии онҳо **"касе ки, ҳар ки, ҳар чӣ, кадоме ки"** мебошад, ифода мешавад.

Who has a fair wife, needs more than two eyes [14, с.76].

What is done by night appears by day [14, с.74].

Who keeps company with wolf, will learn to howl [14, с.76].

Ҳар кӣ аз баландӣ афтад, дарди худ медонад [15, с.216].

Ҳар чӣ медурахшад, тилло нест [15, с.220].

Таҳлили мисолҳо нишон медиҳад, ки дар зарбулмасалҳо намуди ҷумлаи пайрави мубтадо мисли "**Who has a fair wife"** буда, сарҷумлаи он **"needs more than two eyes"** мубтадои сарҷумла ҷумлаи пайрав ҳисоб шуда, одатан дар аввал пеш аз сарҷумла меояд.

Байни ҷумлаҳои мураккаби тобеъ гурӯҳи ҷумлаҳои маҳдуди муайяни пайрав ҳастанд, ки ба вазифаи мубтадои ҷумлаи асосӣ ҷонишини нисбии **"that"** бо ҷонишини шахсӣ меоянд.

Ду намуди чунин сохти ҷумлаҳо ҳастанд:

He is lifeless, **that** is faultless [14, с.36]. – "Одамизод шири хом хӯрдааст"; Ҷумлаҳои пайраве, ки ҷонишини **"that"** дохил кардаанд, байни мубтадои "he" ва дигар сараъзоҳои ҷумла меистад.

Дар зарбулмасалҳо дар шакли **ҷумлаи пайрави пуркунанда** низ одатан ҷумлаи пайрав пас аз сарҷумла ҷойгир шуда, бо сарҷумла тавассути пайвандакҳои **"that, who, what, if, whether"** ва дар забони тоҷикӣ бошад, пайвандакҳои "ки, чӣ, оё"ва ғайра алоқаманд мешавад.

It is an ill bird **that** fouls its own nest [14, с.44].

He gives twice who gives in a trice [14, с.35].

Замини кас ба дарахт нашинон, **ки** овози тавар меояд [15, с.95].

Умеди халқ раво кун, **ки** ту ҳам умедҳо дорӣ [15, с.176].

Зарбулмасалҳо дар шакли ҷумлаҳои пайрави пуркунанда низ бо пайвандакҳои "**that, if**" ба мубтадо тобеъ карда шуда, ҷумлаи пайрав мешаванд. Қобили қайд аст, ки дар маводҳои ҷамъовардаи мо зарбулмасалҳое вомехӯранд, ки дар ҳарду забон ҳоли сарҷумла, ҳоли ҷумлаҳои пайрав мубтадои худро доранд, масалан:

It is easy to swim up **if** another holds your chin [14, с.44].

Зарбулмасалу мақолҳоро дар забонҳои мавриди муқоиса бо истифодаи **ҷумлаи пайрави муайянкунанда** бо пайвандакҳои **"who, whose, which, that, as**" муодили тоҷикии он **"ки"** мебошад, дучор шудан мумкин аст.

Handsome is **that** handsome does [14, с.34].

He works best **who** knows his trade [14, с.40].

Розе нест, **ки** раво-раво ошкор гардад [15, с.154].

Ҳаргиз нахӯрад об замине, **ки** баланд аст [15, с.215].

Ҷумлаи пайрави ҳол дар забони англисӣ ягон аъзои сарҷумларо, ки бо феъл, сифат ё зарф ифода мешавад, муайян месозад ва ба замон, макон, шарт, натиҷа ё дигар хосиятҳои амалу аломат далолат менамояд. Аз рӯйи маънои грамматикияшон ҷумлаҳои пайрави ҳолро ба якчанд навъҳо ҷудо мекунанд, лекин дар мақолаи мазкур, зарбулмасалу мақолҳоро дар шакли ҷумлаҳои пайрави ҳоли замон, макон ва шарт дида мебароем. Зарбулмасалҳо ба шакли ҷумлаҳои пайрави ҳоли замон омада, ба хабари сарҷумла тобеъ шуда, вақти баргузории амал ё ҳолати субъекти сарҷумларо ифода менамоянд. Он бо сарҷумла тавассути пайвандакҳои зерин алоқаманд мегардад: "**when, after, since, before, till, as soon as, directly**" дар забони англисӣ ва дар забони тоҷикӣ **"вақте ки, баъд аз он ки, ҳангоме ки, ҳамин ки, пеш аз оне ки"** мебошанд, ки онҳоро бо мисолҳо дида мебароем:

1) We never know the value of water **till** the well is dry [14, с.73].
2) Oak may fall **when** reeds stand the storm [14, с.54].
3) Choose an author **as** you choose a friend.
4) **When** the fox preaches, take care of your geese [14, с.75].
5) **When** the pinch comes, you remember the old shoe [14, с.75].
6) Мушти аҷал садо надорад, **баъди** задан даво надорад [15, с.127].
7) Баъд аз он ки булбул парид, **хоҳ** нола кунад, хоҳ не [15, с.49].
8) Аввал ҳамсоя хару **баъд** ҳавлӣ.
9) Аввал андеша **баъд** гуфтор.

Дар мисолҳои **якум, дуюми** забони англисӣ ва **шашум, ҳаштум ва нуҳуми** забони тоҷикӣ сарҷумлаҳо дар аввал омада, пас онҳо бо пайвандакҳои "till, when, баъди, баъд" бо ҷумлаи пайрав пайваст шудаанд. Лекин дар зарбулмасалҳои **чорум, панҷум ва ҳафтум** бошад, ҷумлаи пайрав дар аввал омадааст.

Аз таҳлили мисолҳо бармеояд, ки дар зарбулмасалҳои забони англисӣ ҷумлаи пайрави ҳоли замон пайвандаки **"when"** ва дар забони тоҷикӣ **"баъд"** назар ба дигар пайвандакҳо зиёдтар дучор мешавад.

Ҷумлаи пайрави ҳоли макон ба хабари сарҷумла тобеъ буда, вақти иҷрои амал ё ҳолатеро ифода мекунад, ки дар сарҷумла зикр шудааст. Он бо сарҷумлаи англисӣ тавассути пайвандакҳои **"wherever, where"**, муодили тоҷикии онҳо "дар ҷое ки, куҷое, ба куҷое, ба ҳар ҷое ки" алоқаманд мегардад ва онро низ дар зарбулмасалу мақолҳо дидан мумкин аст.

Where there's a will, there's away [14, с.75].

Дар ҷое ки ош аст, мулло имом - фаррош аст [15, с.77].

Куҷое ки ҷабр аст, меҳр аст [15, с.111].

Дар зарбулмасалҳои боло ҷумлаи пайрави ҳоли макон ба сарҷумла тавассути пайвандакҳои **"where", "дар куҷое ки, куҷое ки"** ба сарҷумла тобеъ шудааст.

Дар зарбулмасалу мақолҳои ҳарду забон ҷумлаҳои *пайрави ҳоли шартиро* низ дучор шудан мумкин аст, ки онҳо дар шакли ҷумлаҳои пайрави ҳоли шартӣ тавассути пайвандаки **"гар, агарчи"** бисёртар ба назар мерасанд, ки муодили англисии он **"if"** мебошад.

If the blind lead the blind, both shall fall into the ditch [14, с.41].

If you laugh before the breakfast you'll cry before supper [14, с.42].

Гар набошад тарси мурдан, зиндагӣ душвор нест [15, с.62].

Гар ту кунӣ ҳаракат, ёбӣ зари пурқимат [15, с.62].

Агарчи сухан зар аст, сукут гавҳар аст [15, с.21].

Агар хоҳӣ ҳама кас дӯсти ту бошад, кинаи мардум бар дил магир [15, с.22].

Зарбулмасалҳои боло ҷумлаҳои мураккаби тобеъ буда, ҷумлаи пайрав ба сарҷумла тавассути пайвандакҳои тобеъкунанда **"гар, агар, агарчи"** тобеъ шудааст.

Зарбулмасалҳое ҳастанд, ки дар онҳо ҷумлаҳои пайрав сабаби фаъолияти шартии сараъзоро шарҳ медиҳанд.

Хулоса, таҳлили зарбулмасал ва мақолҳои забони англисӣ ва тоҷикӣ дар шакли ҷумлаҳои мураккаби пайваст собит менамояд, ки дар онҳо пайвандакҳои паиҳами **"and"** ва **"but"** бисёртар истифода бурда мешаванд, лекин дар забони тоҷикӣ бошад,

зарбулмасалҳо бо пайвандакҳои пайвасткунанда кам дида мешаванд ва асосан алоқаи бепайвандак дар онҳо дида мешавад, яъне ду ҷумлаи сода бо воситаи вергул пайваст карда мешаванд. Зарбулмасалу мақолҳо метавонанд, дар шакли **ҷумлаҳои мураккаби тобеъ** оянд ва дар онҳо ҷумлаи пайрав ба воситаи пайвандакҳои тобеъкунанда ё бе пайвандак ба сарҷумла тобеъ мегардад. Дар зарбулмасалҳо ба шакли ҷумлаҳои мураккаби тобеъ, ҷумлаҳои пайрав ба сарҷумла тобеъ шуда, ягон аъзо ва ё тамоми сарҷумларо эзоҳ медиҳанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Азимова М.Н. Семантическая классификация фразеологизмов английского и таджикского языков / М.Н. Азимова // Учёные записки ХГУ им. Б. Гафурова. - №1. - 1998. - С.97-128.
2. Б. Тилавов. Суханҳои дилафрӯз / Тилавов Б. – Душанбе: Дониш, 1973. – 131 с.
3. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик (Синтаксис). – Душанбе: Дониш, 1984. - С.19-20.
4. Кобрина Н.А. Грамматика английского языка (Морфология. Синтаксис) / Н.А. Кобрина, Е.А. Корнеева, М.И. Оссовская, К.А. Гузеева. - Санкт-Петербург, 1999. – 496 с.
5. Кунин А.В. Поговорки и пословицы в современном английском языке / А.В. Кунин // Иностранные языки в школе. – Москва: Просвещение, 1969. - №1. – 23 с.
6. Ломтев Т.П. Предложение и его грамматические категории / Т.П. Ломтев. – Москва, 1972. – 200 с.
7. Платонова Е.Н. Грамматические средства создания обобщённого значения в языке пословиц: диссертация / Е.Н. Платонова. - Москва, 2011. – 197 с.
8. Раджабова М.М. Структурно – семантические особенности коммуникативных фразеологических единиц в таджикском и английском языках: диссертация / М.М. Раджабова. - Худжанд, 2010. – 164 с.
9. Усмонов К.У. Грамматикаи муқоисавии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ / К.У. Усмонов. - Хуҷанд, 2017. – 379 с.
10. Collis H. 101 American and English Proverbs and Saying / H.Collis. - Chicago, 1992. – 106 с.
11. Ganshina M.A. English Grammar. Higher school / M.A. Ganshina, N.M. Vasilevskaya. - Publishing House, 1964. – 540 с.
12. Gordon E.M. A Grammar of Present / E.M. Gordon. - Moscow, 1989. – 314 с.

С А Р Ч А Ш М А Ҳ О

13. Бегматова С. Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикӣ -англисӣ - русӣ / С. Бегматова. – Хуҷанд: Набӣ Фахрӣ, 2016. – 420 с.
14. Гварджаладзе И.С. Английские пословицы и поговорки / И.С. Гварджаладзе, Д.И. Мчедлишвилли. - Москва, 1979. – 77 с.
15. Писарчик А. Зарбулмасал ва мақолҳои тоҷикӣ / А. Писарчик, С.Тоҷиддинов, М.Ҳамидҷонова. - Сталинобод, 1960. – 226 с.
16. Oxford Dictionary of Proverbs. – Oxford: Oxford University Press, 2004. - 370 p.

ОИД БА НАМУДИ ҶУМЛАҲОИ МУРАККАБИ ПАЙВАСТ ВА ТОБЕЪ ДАР ЗАРБУЛМАСАЛ ВА МАҚОЛҲОИ АНГЛИСИВУ ТОҶИКӢ

Мақола ба таҳлили зарбулмасалу мақолҳо, ки ба шакли ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва тобеъ омадаанд, бахшида шудааст. Дар аввал зарбулмасалҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ дар шакли ҷумлаҳои мураккаби пайваст таҳлил гаштаанд, ки онҳо бо пайвандакҳои пайвасткунанда пайваст карда мешаванд. Дар забонҳои мавриди муқоиса чунин намуди гурӯҳҳои пайвандакҳои пайвасткунандаро ҷудо намудан мумкин аст: паиҳам, ҷудоӣ, хилофӣ, сабабу натиҷа. Инчунин, дар зарбулмасалу мақолҳо ба намуди ҷумлаҳои мураккаби пайваст алоқаҳои семантикии баръакси хилоф, хилофӣ – маҳдудӣ, пайвасту тафтишӣ, пайвасту нисбӣ дида мешаванд. Зарбулмасалҳои забонҳои муқоисашаванда метавонанд ба шакли ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дучор шаванд. Дар онҳо сарҷумла ба ҷумлаи пайрав тавассути пайвандакҳои тобеъкунанда тобеъ карда мешавад. Зарбулмасалу мақолҳо дар шакли ҷумлаҳои пайрави мубтадо, пуркунанда, муайянкунанда ва ҳол дида мешаванд. Зарбулмасалҳо дар шакли ҷумлаҳои пайрави ҳоли замон, макон ва шарт дар мақола таҳлил гаштаанд.

Калидвожаҳо: зарбулмасал ва мақолҳо, сохтори синтаксисӣ, ҷумлаҳои мураккаб, ҷумлаи мураккаби пайваст, пайвандакҳои пайвасткунанда, ҷумлаи мураккаби тобеъ, ҷумлаҳои пайрав.

АНГЛИЙСКИЕ И ТАДЖИКСКИЕ ПОСЛОВИЦЫ И ПОГОВОРКИ В ВИДЕ СЛОЖНОСОЧИНЁННЫХ И СЛОЖНОПОДЧИНЁННЫХ ПРЕДЛОЖЕНИЙ

Статья посвящается анализу пословиц и поговорок в виде сложносочинённых и сложноподчинённых предложений. В начале рассматриваются английские и таджикские пословицы в виде сложносочинённых предложений с сочинительными союзами. В сопоставляемых языках можно разделить следующие виды сочинительных союзов: последовательные, разделительные, противительные и причинно – условные. В пословицах и поговорках в виде сложносочинённых предложений также можно встретить семантические связи, такие, как противительные, противительно – лимитативные, соединительно – проверочные, соединительно – относительные. Пословицы в сопоставляемых языках могут быть в виде сложноподчинённых предложений. В них

главное предложение подчиняется придаточной с помощью подчинительных союзов. Они встречаются в виде придаточных предложений подлежащего, дополнения, определения и обстоятельства. Пословицы в виде придаточных предложений обстоятельства времени, места и условия анализированы в статье.

Ключевые слова: пословицы и поговорки, синтаксические структуры, сложные предложения, сложносочинённое предложение, сложноподчинённое предложение, придаточные предложения.

ENGLISH AND TAJIK PROVERBS AND SAYINGS IN THE FORM OF COMPOUND AND COMPLEX SENTENCES

The article is devoted to the analyses of proverbs and sayings in the form of compound and complex sentences. Proverbs and sayings in the form of compound sentences are analyzed with connective conjunctions In compared languages connective conjunctions can be: copulative, disjunctive, adversative, causative – consecutive. et Such semantic connections such as: opposite – adversative, adversative – limited, connective – checking, connective –dependence can be as well met in the proverbs and sayings. Proverbs can be in the form of compound sentences in which clauses are connected with the help of subordinating conjunctions in compared languages. Proverbs and sayings in the form compound sentences are met of the following kinds: subject, object, attributive, adverbial modifier. Subordinate clauses of adverbial modifier of time, place and conditions are analyzed in the article.

Key words: proverbs and sayings, syntactic structure, composite sentences, compound sentence, complex sentence, subordinate clauses.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Азизова Зарина Шавкатовна*** - Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, докторанти Ph.D- и кафедраи фонетика ва лексикологияи забони англисӣ. **Суроғa:** 735700,Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, хиё.Мавлонбекова, 1. E-mail: **zarina230995@mail.ru.**
Тел.: **(+992) 92-790-19-95**

Сведения об авторе: ***Азизова Зарина Шавкатовна*** - Худжандский государственный университет им. академик Б.Гафурова, докторант Ph.D кафедры фонетики и лексикологии английского языка. **Адрес:** 735700,Республика Таджикистан, г. Худжанд, проезд Мавлонбекова 1. E-mail: **zarina230995@mail.ru.** Тел.: **(+992) 92-790-19-95**

Information about the author: ***Azizova Zarina Shavkatovna*** **-** Khujand State University named after academician B.Gafurov, Doctoral student of the department phonetics and lexicology of the English language. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov passage 1. E-mail: **zarina230995@mail.ru.** Tel.: **(+992) 92-790-19-95**

УДК: 42.53

МАВҚЕИ КОНВЕРСИЯ ДАР ҒАНИГАРДОНИИ ФОНДИ ЛУҒАВИИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Аҳмадзода Фирдавси Ҳасан
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Конверсия – ин воситаи беванди калимасозӣ мебошад, ки дар натиҷаи он калимаи нав сохта мешавад. Ин калима дар баъзе аз шаклҳояш бо калимаи аслӣ мувофиқат мекунад. Ғанигардонии таркиби луғавии забони англисӣ дар тӯли асрҳо тавассути конверсия ба амал меояд. Моҳияти конверсия дар он аст, ки аз калимаи ба як ҳиссаи нутқ дахл дошта, он бидуни тағйири шакл калимаи нав месозад, ки ин калима ба дигар ҳиссаи нутқ тааллуқ дорад [1, с.83].

Аз асри XIII инҷониб дар забони англисӣ конверсия ҳамчун воситаи маъмули сохтани феълҳо ва исмҳо истифода бурда мешавад. Он пас аз нест гардидани системаи флективӣ дар забони англисӣ, ба вуҷуд омад. Шумораи зиёди калимаҳои аз ҷиҳати талаффуз фарқкунанда вале аз ҷиҳати маъно ба ҳам наздик дар давраи миёнаи забони англисӣ бо ҳам аз рӯйи шакл монанд гардиданд. Чунин монандии морфологии шаклҳои аслии исмҳо ва феълҳо пас аз он имконпазир гардид, ки масдар вазифаи пасвандии худро аз даст дод. Маҳз монандии фонетикии як қатор исмҳо ва феълҳо, ки аз як реша бунёд гардида буданд барои рушди конверсия чун воситаи калимасозӣ асос гузоштанд. Баъдан исмҳои нав аз феълҳо ва феълҳои нав аз исмҳо тавассути аналогия сохта мешуданд.

Монандии грамматикии бисёре аз феълҳо ва исмҳои забони англисӣ, ки дар натиҷаи аз байн рафтани флексия ба вуқӯъ омад, барои пайдоиши конверсия чун воситаи нави калимасозӣ дар забони англисӣ яке аз заминаҳои асосӣ гардид. Аз байнравии бандаки

исмҳо ва феълҳо натиҷаи назаррасро доро буд. Дар натиҷаи монандии калимаҳои гуногун аз рӯйи шакл, имконияти сохтани калимаҳои нав тавассути аналогия ба вуҷуд омад. Аналогия хусусияти хосси калимасозии забони англисӣ дар он давр ба шумор мерафт. Аз он ҷумла Е. Конкол панҷ воситаи амалкарди аналогияро қайд намудааст, ки дар он давр барои рушди конверсия мусоидат намудаанд:

1) Дар забони англисии қадим феълҳои сусте вуҷуд доштанд, ки онҳо аз исмҳо сохта шуда буданд: lufu-lufian, fur-furian. Дар баробари ин исмҳое буданд, ки дар натиҷаи бадалшавии овозҳои садонок аз решаи феълҳо ба вуҷуд омада буданд, мисли wyrcan – weore, sniwan – snaw. Чунин ҷуфтҳои калимаҳои дифференсиалӣ фарқияти худро аз даст доданд ва аз ҷиҳати шакл ба омонимҳои худ, ки дар натиҷаи аз байнравии флексия ба вуҷуд омада буданд, монанд гардиданд.

2) Исмҳо, ки то ин замон имконияти сохтани феълҳои якрешадорро надоштанд, ин имкониятро ба даст оварданд.

3) Баъдан тавассути конверсия феълҳои сохта бо маънои «иҷрои амале, ки ба ҳамон шахс хос аст» бунёд карда шуданд. Чунин феълҳои сохтаро дар ашъори У. Шекспир бисёр дидан мумкин аст (to bird, to calf, to dog, to horse, to mouse, to kitten etc.).

4) Ба ин гурӯҳ аслан исмҳое дохил мешаванд, ки тавассути аналогия аз феълҳо сохта шудаанд. Масалан, исми affright аз феъли to affright сохта шуда буд, чунки исми аз ҷиҳати маъно наздики fright чун феъли to fright талаффуз карда мешуд.

5) Ин намуди аналогия, аллакай, ба соҳаи риторикӣ гузаштааст. Моҳияти ин намуд дар он аст, ки дар мавқеи муайян бо пайвандаки «and» ва тавассути конверсия калимаи нав сохта мешавад.

Сабаби дигари пайдоиши конверсия дар забони англисӣ ин худ «калимасозии баръакс» ё ин ки «backformation» мебошад. Саҳми он низ дар рушди конверсия хело назаррас мебошад. Калимасозии баръакс яке аз сабабҳои пайдоиши ҷуфти калимаҳои омонимӣ гардид, ки он дар рушди конверсия таъсиррасон буд. Масалан, ҳамин тариқ тавассути калимасозии баръакс феъли to wing аз сифати winged сохта шуд, ки он дар навбати худ аз исми wing тавассути пасванди – ed сохта шуда буд.

Дар забони англисии асрҳои миёна, тақрибан то асри XV сохтани феълҳо аз исмҳо ва сифатҳо ба таври назаррас коҳиш ёфт. Сабаби ин омил дар он буд, ки дар ин давр шумораи зиёди исмҳо ва феълҳо аз забони фаронсавӣ ба забони англисӣ иқтибос мегардиданд. Масалан, дар он давр чунин ҷуфти калимаҳо «joye – хурсандӣ» ва «joyen – хурсандӣ кардан» иқтибос мегардиданд. Дар таркиби луғавии забони англисӣ ин калимаҳо таҳти таъсири аналогия бо калимаҳои ҳаммаънои худ, ки, аллакай, дар забони англисӣ вуҷуд доштанд, мутобиқ гардиданд. Иқтибоси чунин калимаҳои аз ҷиҳати грамматикӣ бо ҳам монанд барои рушди конверсия заминаи мусоидро фароҳам оварда буд [5, с.193].

Сабаби асосии пайдоиши воҳиди нави забонӣ тавассути конверсия, ин тағйирёбии фаъолияти синтаксии калима мебошад, ки дар натиҷаи он маънои калима низ иваз мегардад. Барои конверсия тағйир додани муҳити муқаррарии синтаксисии калима муҳим мебошад. Муҳити синтаксисии калима ҳангоми ворид кардани калима ба контексти нав ё ин ки ҳангоми афтидани яке аз элементҳои контекст, яъне дар натиҷаи эллипсис, дигаргун мешавад. Дар ҳолати аввал калимаи нав ҳангоми истифодаи яккаратаи ғайримуқаррарии синтаксисӣ сохта мешавад. Масалан: What is his hobby? He **gardens**. Дар ҳолати дуюм бошад, истифодаи зиёди якҷояи ду калима ба он оварда мерасонад, ки пас аз афтодани яке аз калимаҳо дигараш ҳамон мафҳумро ифода менамояд. Эллипсис ба он водор менамояд, ки тавассути конверсия сифатҳо, исмҳо сохта мешаванд. Масалан: a summit (summit conference), a commercial (commercial programme), a regular (regular visitor), newly marrieds (newly married couple).

Арбекова Т.И. дар китоби худ «Лексикология английского языка» чор намуди асосии конверсияро ҷудо менамояд:

1) Вербализатсия (сохтани феълҳо).
2) Субстантиватсия (сохтани исмҳо).

3) Адъективатсия (сохтани сифатҳо).
4) Адвербализатсия (сохтани зарфҳо) [2, с.43].

Аммо бар хилофи ин Амосова Н.Н. дар китоби худ «Этимологические основы словарного состава современного английского языка» доир ба конверсия чунин ибрози ақида намудааст: «Амалан доир ба фаъолияти конверсия мо метавонем танҳо нисбат ба сохтани исмҳо аз феълҳо ва баръакс сухан кард, зеро субстантиватсияи сифатҳо натиҷаи протсесси калимасозӣ набуда, балки ҷузъи охирин дар занҷираи протсессҳои дигар мебошад, ба мисли эллипсис» [1, с.83].

Мешков О.Д. низ ақидаи зеринро ҷонибдорӣ намуда дар китобаш «Словообразование современного английского языка» қайд менамояд, ки аз ҳама модели сермаҳсули конверсионӣ ин **N - V** мебошад. Масалан: anger – хашм – хашмгин шудан; auction – музояда – музояда гузаронидан; blackjack – калтак – бо калтак задан; book – китоб – ба китоб навиштан; broom – ҷорӯб - рӯфтан; bus – автобус – дар автобус рафтан; caution – огоҳӣ – огоҳ намудан; counterattack – зиддиҳамла – зиддиҳамла намудан; crowd – анбуҳ – ҷамъ шудан; disillusion – дилшикастагӣ – дилшикаста шудан; drink – нӯшокӣ - нӯшидан; end – охир – ба охир расидан; flicker – ҷило - дурахшидан; forecast – пешгӯӣ – пешгӯӣ намудан; interview – суҳбат – суҳбат намудан; laugh – ханда - хандидан; pleasure – роҳат – роҳат намудан; spy – ҷосус – ҷосуси намудан; weekend – охири ҳафта – дар ягон ҷо охири ҳафтаро гузаронидан [6, с.127].

Дар забони англисӣ сохтани феълҳо аз исмҳо тавассути конверсия нисбат ба сохтани исмҳо аз феъл бартарият дорад. Аз асрҳои миёна то ҳол дар забони англисӣ феълҳое боқӣ мондаанд, ки тавассути конверсия сохта шудаанд. Масалан: to age, to canker, to cap, to cook, to decease, to mouse, to occasion, to shoulder, to voice ва ғайра. Аз забони англисии давраи нав чунин феълҳо боқӣ мондаанд: to alarm, to battle, to ball, to bankrupt, to canopy, to chalk, to effect, to rival, to view, to wing, to warm ва ғайра. Дар асрҳои XVIII ва XIX шумораи зиёди феълҳо пайдо мегарданд, ки тавассути конверсия сохта шудаанд. Масалан: to badger, to beach, to capture, to feature, to blarney, to cab, to cartoon, to cash, to dial, to rubber, to zink ва ғайра. Дар асри низ ин протсесс давом меёбад: to black – out, to bulletin, to camouflage, to phone, to sandbag, to taxi ва ғайра. Аз ҳамин давра то ҳол якчанд феълҳое боқӣ мондаанд, ки таввасути конверсия аз сифат сохта шудаанд: to brisk, to dirty, to empty, to equal ва ғайра [1, с.86].

Мебояд қайд намуд, ки на ҳамаи калимаҳое, ки айни замон маҳсули конверсия дониста мешаванд бо ин восита сохта шудаанд. Бисёре аз феълҳо ва исмҳо дар даврони афтиши бандакҳо тасодуфан аз рӯйи шаклашон бо ҳам монанд шуданд. Масалан: hate – to hate, rest – to rest, smell – to smell, love – to love, work – to work, end – to end, answer – to answer ва ғайра. Баъзе аз ҷуфтҳои калимаҳои якрешадори иқтибосӣ дар ҷараёни ассимилятсия аз ҷиҳати фонетикӣ ва навишт бо ҳам монанд гардиданд: doubt – to doubt, change – to change ва ғайра.

АДАБИЁТ

1. Амосова Н.Н. Этимологические основы словарного состава современного английского языка / Н.Н. Амосова. – Москва: Изд.лит.на иняз, 1956. – 218 с.
2. Арбекова Т. И. Лексикология английского языка (практический курс) / Т.И. Арбекова. – Москва: Высшая школа, 1977. – 240 с.
3. Аракин В. Д. История английского языка: Учеб. пособие / В.Д. Аракин. – Москва: ФИЗМАТЛИТ, 2003. – 272 с.
4. Бархударов Л. С. Очерки по морфологии современного английского языка / Л.С. Бархударов. – Москва: Высшая школа, 1975. – 156 с.
5. Каращук П. М. Словообразование английского языка / П.М. Каращук. – Москва: Высшая школа, 1977. – 303 с.
6. Мешков О. Д. Словообразование современного английского языка / О.Д. Мешков. – Москва: Наука, 1976. – 245 с.

МАВҚЕИ КОНВЕРСИЯ ДАР ҒАНИГАРДОНИИ ФОНДИ ЛУҒАВИИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Дар мақолаи мазкур асосан сухан дар бораи конверсия дар забони англисӣ меравад. Аз ҷумла сабабҳои таърихии пайдоиши конверсия дар забони англисӣ дида баромада шудаанд. Конверсия ҳамчун

воситаи калимасозӣ дар забони англисӣ аз асри XIII инҷониб фаъолияти пурсамар дорад. Он дар натиҷаи аз байнравии системаи флективӣ пайдо гардид. Шумораи зиёди калимаҳои аз ҷиҳати талаффуз фарқкунанда вале аз ҷиҳати маъно ба ҳам наздик дар давраи миёнаи забони англисӣ бо ҳам аз рӯйи шакл монанд гардиданд. Маҳз монандии фонетикии як қатор исмҳо ва феълҳо, ки аз як реша бунёд гардида буданд, барои рушди конверсия чун воситаи калимасозӣ асос гузоштанд. Аз он замон то ҳол, ҷуфти сермаҳсултарини конверсионӣ N – V ва V – N дониста мешавад, яъне сохтани феълҳо аз исмҳо ва сохтани исмҳо аз феълҳо. Ҳамзамон саҳми аналогия ва риверсия дар рушди конверсия дида баромада шудааст. Аз ҷумла панҷ воситаи амалкарди аналогия ҷудо карда шудааст. Риверсия яке аз сабабҳои пайдоиши ҷуфти калимаҳои омонимӣ гардид, ки нақши он дар рушди минбаъдаи конверсия назаррас буд. Сабаби асосии пайдоиши воҳиди нави забонӣ тавассути конверсия, ин тағйирёбии фаъолияти синтаксии калима мебошад, ки дар натиҷаи он маъноии калима низ иваз мегардад.

Калидвожаҳо: конверсия, калима, калимасозӣ, ванд, исм, феъл, масдар, сифат, грамматика, флексия, аналогия.

ВКЛАД КОНВЕРСИИ В ОБОГАЩЕНИЕ СЛОВАРНОГО СОСТАВА АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА

В данной статье рассматривается процесс появления конверсии в английском языке. Особый акцент уделяеться историческим предпосылкам появления конверсии в английском языке. Начиная с XIII века конверсия является одним из продуктивных способов словообразования в английском языке. Она возникла в результате распада флективной системы. Различавшиеся по своей звуковой структуре многочисленные пары близких значению слов в среднеанглийский период уподобились друг другу по форме. Именно фонетическое совпадения целого ряда существительных и глаголов одного и того же корня и послужило в качестве словообразовательной модели для развития конверсии. Согласно мнению большинства учёных, самой продуктивной парой конверсионных слов являются N – V и V – N, то есть образования глаголов от существительных и обратно. Также исследуется роль аналогии и реверсии в развитии конверсии. Отмечается пять разновидностей действия аналогии, способствовавших развитию конверсии в тот период. Процесс обратного словообразования или так называемая реверсия также оказался одной из причин создания омонимичных пар слов, влиявших на развитие конверсии. Основной предпосылкой образования новой языковой единицы путем конверсии является синтаксическое изменение функционирования слова, сопровождаемое изменением значения.

Ключевые слова: конверсия, слово, словообразование, аффикс, существительное, глагол, инфинитив, прилагательное, грамматика, флексия, аналогия.

POSITION OF CONVERSION IN ENRICHMENT OF ENGLISH VOCABULARY

In this article reviewed the appearance of conversion in English language. Special emphasis is given to historical background for conversion in English language. Since XIII century conversion is one of the most productive ways to word – formation in English language. It was the result of the collapse of inflection system. Numerous pairs of similar words in the Middle English period, which differed in their sound structure, became similar to each other in form. It was the phonetic coincidence of a number of nouns and verbs of the same root that served as a derivational model for the development of conversion. According to the opinion of the majority of scientists the most productive pair of conversion words is N – V and V – N, namely formation verbs from nouns and vice versa. Also the role of analogy and reversion on developing of conversion is studied here. There are five types of analogy action that contributed to the development of conversion in that period. The process of inverse word formation or the so-called reversion also turned out to be one of the reasons for creating homonymous pairs of words that influenced the development of conversion. The main prerequisite for the formation of a new language unit through conversion is a change in the syntactic change in the functioning of a word, followed by a change in meaning.

Key words: conversion, word, word – formation, affix, noun, verb, infinitive, adjective, grammar, inflection, analogy.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Аҳмадзода Фирдавс Хасан*** – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, докторанти Ph.D-и кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ. Суроғa: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 121. E-mail: FirdavsAhmadov10@gmail.com. Тел.: **(+992) 501-04-42-51**

Сведения об авторе: ***Ахмадзода Фирдавси Хасан*** – Таджикский государственный педагогический университет им. С. Айни, докторант Ph.D кафедры языкознания и сравнительной типологии. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 121. E-mail: **FirdavsAhmadov10@gmail.com.** Тел.: **(+992) 501-04-42-51**

Information about the author: ***Akhmadzoda Firdavsi Hasan*** **- T**ajik State Pedagogical University named after S. Aini, Ph.D. candidate of the Department of Linguistics and Comparative Typology. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121. E-mail: **FirdavsAhmadov10@gmail.com.** Tel .: **(+992) 501-04-42-51**

УДК: 491.550

МУЛОҲИЗАҲО ПЕРОМУНИ ТАСНИФИ УСЛУБҲОИ НУТҚ

Бобоев Б.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Масъалаи услуб, ки муҳаққиқони забоншинос онро яке аз қисмҳои марказии услуби лингвистӣ маҳсуб медонанд, ҳар хел маънидод мегардад ва дар фаҳмиши он ягонагии андешаҳо ҳанӯз вуҷуд надорад. Мутолиаю баррасии асарҳои забоншиносони рус ин нуктаро баръало ошкор месозанд. Масалан, доир ба масъалаҳои мафҳуми услуби функсионалӣ, усули тасниф ва мавқеи услуби бадеӣ гуногунандешӣ ба назар мерасад. Табиист, ки муносибати гуногун ба шарҳу маънидоди услуб нуқтаи назари мухталифро ба бор меорад. Ҳангоми тасниф ва ё шарҳи услубҳои забон ба назар нагирифтани гуногуннавъии онҳо боис мегардад, ки таснифот носаҳеҳ анҷом дода шавад. Масалан, забоншинос В.П. Мурат чунин таснифи услуби функсионалиро пешниҳод менамояд: «1) гуфтугӯӣ - бадеӣ; 2) назмӣ (поэтикӣ); 3) рӯзномавӣ - сиёсӣ; 4) расмӣ - корӣ; 5) илмӣ; 6) касбӣ - техникӣ; 7) одӣ - бетакаллуфона».

Дар таснифоти профессор Р.Г. Пиотровский шакли содатари таснифотро мебинем, ки чунин аст; 1) китобӣ, 2) адабӣ – гуфтугӯӣ; 3) халқии омиёна.

В.И. Капинос дар мақолаи «Стилистика в IV классе» дар забони адабии муосири русӣ мавҷуд будани услубҳои зеринро зикр кардааст: «Дар забони адабии муосири русӣ қабул шудааст, ки услубҳо ба гуфтугӯӣ, илмӣ, расмӣ - корӣ, публитсистӣ ҷудо карда шавад. Дар ин низом услуби бадеӣ мавқеи хос дорад» [3, с.165].

Дар дастури Н.А. Плекин «Стилистика русского языка в старших кассах» дар мавриди таснифи услубҳо чунин омадааст: «Дар забони адабӣ услубҳои асосии зеринро ҷудо мекунанд: гуфтугӯӣ ва китобӣ (корӣ илмӣ, публитсистӣ). Услуби бадеӣ дар забони адабӣ мавқеи хос дорад» [4, с.8].

Дар асари И.Б. Голуб «Стилистика современного русского языка» услуби функсионалӣ чунин тасниф шудааст: «Дар забони муосири русӣ чунин услубҳои китобӣ ҷудо карда шудаанд: илмӣ, публитсистӣ, расмӣ-корӣ. Ба онҳо нутқи гуфтугӯӣ муқобил гузошта шудааст…

Дар низоми услубҳо забони адабиёти бадеӣ ё услуби бадеӣ мақоми хосса дорад» [5, с.61].

М.Н. Кожина дар «Стилистика русского языка» услубҳоро чунин тасниф кардааст: «Одатан панҷ навъи асосии услубҳои функсионалии «заминавӣ»-ро ҷудо мекунанд: илмӣ, расмӣ - корӣ, публитсистӣ, бадеӣ ва гуфтугӯӣ - маишӣ» [6, с.157].

Муаллифи «Практическая стилистика русского языка» Д.Э. Розенталь дар мавриди таснифи услубҳо менигорад: «Мутобиқи функсияҳои забон, ки дар боло зикрашон рафт, услубҳои зерин ҷудо карда мешаванд: гуфтугӯӣ ва китобӣ: илмӣ ва расмӣ – корӣ, публитсистӣ ва адабӣ - бадеӣ» [с.18].

С.Н. Иконников дар «Стилистическая работа в процессе изучения русского языка» дар мавриди мавҷудияти услубҳои нутқ менависад: «Дар забоншиносии муосир номгӯи зерини услубҳо қабул шудаанд, ки бар асоси экстралингвистӣ ҷудо гардидаанд: гуфтугӯӣ, илмӣ, расмӣ - корӣ, бадеӣ, публитсистӣ» [8, с.18].

Муаллифи дастури «Основы функциональной стилистики русского языка» О.А. Крылова дар мавриди таснифи услубҳои функционалии забони адабии муосири русӣ чунин изҳори андеша кардааст: «Дар асоси муқаррарот метавон услубҳои функсионалии забони адабии муосири русиро чунин муайян кард: 1) илмӣ; 2) расмӣ-корӣ; 3) рӯзномавӣ-публитсистӣ;4) гуфтугӯӣ-муқаррарӣ…Се навъи аввал ба гурӯҳи услубҳои китобӣ дохил мегардад. Ба онҳо услуби гуфтугӯӣ муқобил гузошта мешавад» [9, с.43].

Мавсуф услуби бадеиро ба ин гурӯҳ ворид намесозад, чунки на ҳамаи забоншиносон онро қабул доранд. Бинобар ин, таъкид месозад, ки дар ин кор услуби мазкур дар қатори услубҳои функсионалӣ мавриди баррасӣ қарор намегирад [43-44].

М.П. Сенкевич дар «Пособие по развитию речи» дар мавриди таснифи услубҳои нутқ чунин навиштааст: «Доираи якумро услуби китобӣ ва гуфтугӯи ташкил медиҳад. Ба дувумӣ услубҳое, ки ба соҳаи муомила тааллуқ доранд, дохиланд, ин услубҳои функционалии нутқ – расмӣ-корӣ, илмӣ, рӯзномавӣ – публитсистӣ ва услуби функционалии гуфтугӯӣ- гуфтугӯӣ-маишӣ, адабӣ-гуфтугӯӣ, гуфтугӯӣ мебошанд. Дар доираи севум зеруслубҳои услуби функционалӣ, ки одатан ба жанри хаттӣ мувофиқанд, зеруслуби (жанри) асноди дипломатӣ, адабиёти ҳуқуқӣ, асноди расмии давлатӣ, асарҳои рекламавӣ ва м. инҳо ворид мегарданд» [с.9]. Ва сипас услуби гуфтугӯӣ, услуби расмӣ- корӣ, илмӣ, рӯзномавӣ – публитсистӣ ва асарҳои бадеиро шарҳ медиҳад.

Муаллифи дастури «Русский язык. Сталистика» барои омӯзгорон Л.Г. Барлас нуқтаи назари олимонро оид ба мафҳуми услуб ва таснифи услубҳои функционалӣ шарҳу маънидод карда, сипас услубҳоро ба илмӣ, расмӣ – корӣ, публитсистӣ ва бадеӣ- адабӣ» ва гуфтугӯӣ – маишӣ тасниф месозад ва ҳар кадомро шарҳ медиҳад [11, с.53-54].

Дар «Сборник упражнений по стилистике русского языка» А.К. Панфилов оид ба услубҳои гуфтугӯӣ, расмӣ- корӣ, илмӣ ва публитсистӣ» маълумот дода, барои амалан шинохти онҳо намунаи машқҳоро пешниҳод кардааст [13, с.90-129].

А.И. Власенков, Л.М. Рыбченкова дар дастури «Русский язык. Грамматика, текст. Стили речи», ки барои синфҳои 10-11 муассисаҳои таҳсилоти умумӣ пешниҳод шудааст, нигоштаанд: «Дар байни навъҳои гуногуни истифодаи забон ду навъи асосӣ ҷудо карда мешавад: забони гуфтугӯӣ ва забони адабӣ (китобӣ). Забони гуфтугӯӣ (услуби гуфтугӯии нутқ) одатан дар шакли шифоҳӣ истифода мешавад. Забони адабӣ (китобӣ) дар худ нутқи илмӣ, расмӣ-корӣ, публитсистиро фаро мегирад ва аз ин рӯ амал кардани онҳоро дар соҳаи муайяни фаъолият низ фаро мегирад. Вобаста ба ин, услубҳои илмӣ, расмӣ – корӣ, публитсистӣ ва махсусан услуби бадеӣ ё забони адабиёти бадеӣ фарқ мекунанд» [14, с.195].

Муаллифони дастури таълими «Русский язик:» Культура речи, текст, функциональные стили, редактирование» Л.А. Введенская, А.Н. Пономарева оид ба услубҳои функционалӣ навиштаанд: «Одатан услубҳои зерини нутқро фарқ мекунанд: илмӣ, расмӣ, публитсистӣ, гуфтугӯӣ» [15, с.262].

Дар дастури методии «Теория и практика обучения русского языка» (муаллифон: Е.В. Архипов, Т.М. Воителева ва дигарон), ки соли 2007 зери таҳрири Р.Б. Сабаткоев чоп шудааст, чунин услубҳо зикр гаштаанд: гуфтугӯӣ- маишӣ, илмӣ, адабӣ- бадеӣ, публитсистӣ, расмӣ – корӣ [16, с.255].

Аз намунаҳои шарҳи овардашуда маълум мегардад, ки забоншиносони рус дар маънидоди мафҳуми услуби функционалӣ, таснифи онҳо ва шомил сохтани услуби бадеӣ ба услубҳои функционалӣ дар як андеша нестанд. Ҳатто дар тартиби ҷобаҷогузории услубҳо низ ягонагии ақидаҳо ба назар намерасад.

Ҳоло андешаҳои олимон - забоншиносони тоҷикро дар бораи услубҳои забон мавриди баррасӣ қарор медиҳем. Мебинем, ки забоншиносони тоҷик таснифи услубҳои забонро чӣ гуна шарҳ додаанд ва таснифи онҳо ба кадом навъ сурат гирифтааст. Ногуфта намонад, ки олимони забоншиноси тоҷик асосан бо такя ба таҳқиқотҳои муҳаққиқони рус нуктаҳои зикршударо шарҳ додаанд. Ҳоло намунаҳои чанде аз андешаҳои баёнкардаи онҳоро оварда, дар охир хулосаҳои хешро мухтасар иброз медорем.

Муаллифони «Луғати терминҳои забоншиносӣ» Х. Ҳусейнов, К. Шукурова услубҳои забони асари бадеӣ, илмӣ, коргузорӣ ва публитсистиро зикр карда, ҳар якеро дар моддаҳои ҷудогона шарҳ додаанд [17, с.191-193].

Б. Камолиддинов дар «Услубшиносӣ» (маҷмӯаи машқҳо) оид ба мафҳуми услубшиносӣ ва услубҳои забон мухтасар маълумот дода, услубҳоро чунин тасниф кардааст: «Дар асоси услубҳои забони гуфтугӯ ва китобӣ услубҳои забони адабиёти бадеӣ, забони илмӣ, услуби забони публитсистика ва забони коргузории расмӣ (конселяриӣ) ба вуҷуд омаданд» [18, с.16].

Дар мақолаи «Мухтасар дар бораи услубшиносӣ», ки дар «Маҷмӯаи мақолаҳои илмию методӣ оид ба таълими забон ва адабиёти тоҷик» чоп шудааст, Б. Камолиддинов андешаи худро такроран перомуни навъҳои услуб чунин баён кардааст: «Дар услубшиносӣ

ин таснифотро ривоҷ дода, дар асоси ду услуби нутқ (гуфтугӯӣ ва китобӣ) боз шохаҳои дигари услубҳои забонро муайян кардаанд, ки ҳар кадоми онҳо ҳам бо хусусиятҳои лексикию грамматикиашон аз якдигар фарқ мекунанд; услуби забони адабиёти бадеӣ, публитсистика, услуби забони илмӣ ва коргузории расмӣ» [20, с.34].

Н. Маъсумӣ дар яке аз гузоришҳои худ дар конференсияи ҷумҳуриявии муаллимони забон ва адабиёти тоҷик дар мавзӯи «Масъалаҳои муҳимми меъёри забони адабии ҳозираи тоҷик» перомуни услубҳои нутқ чунин изҳор доштаанд: «Забони адабӣ чор шохаи машҳури услубӣ дорад, ки ҳар кадоми онро дар мавриди худ забон меноманд. Шохаҳои услубӣ инҳоанд: услуби расмӣ (забони ҳуҷҷатҳои корӣ ва расмӣ), услуби илмӣ (забони асарҳои илмию таҳқиқотӣ), услуби бадеӣ (забони адабиёти бадеӣ) ва услуби публитсистӣ (забони навиштаҳои оммавӣ)» [19, с.27].

Олим - методист М. Қурбонов дар дастури методии «Асосҳои лингвистӣ ва методии таълими услубшиносии тоҷик дар мактаби миёна» асосан дар бораи таълими услубшиносӣ муҳокима ронда, ҳамзамон перомуни навъҳои услуб дар чанд маврид андешаашро баён кардааст. Аз ҷумла дар муқаддимаи дастури мазкур менависад: «Предмети услубшиносӣ дар мактаби миёна аз масъалаҳои зерин иборат аст: а) услубҳои нутқи забони адабӣ; расмӣ- коргузорӣ, илмӣ, публитсистӣ, бадеӣ ва гуфтугӯӣ; б) воситаҳои услубии фонетика, лексика, фразеология ва синтаксис; в) синонимҳои лексикӣ ва грамматикӣ; г) тобишҳои маъноии экспрессивӣ- эмотсионалии нутқ» [21, с.3].

Ҷойи дигар оид ба навъҳои услуб чунин изҳори ақида кардааст: «Дар забони адабии ҳозираи тоҷик услубҳои расмӣ - коргузорӣ, публитсистӣ, илмӣ ва бадеӣ дар амаланд ва ҳар кадоми онҳо бо хусусиятҳои лексикӣ, фразеологӣ ва грамматикии худ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Ин услубҳо дар ду тарзи ифода (мубодилоти китобӣ) хаттӣ ва гуфтугӯӣ) ва гуфтугӯӣ (даҳонӣ ва хаттӣ) вуҷуд доранд» [21, с.67].

Дар ин асар услуби функционалӣ ва услуби амалӣ ба ҳам бисёр омехта шарҳу маънидод шудаанд.

Забоншинос Б. Камолиддинов дар «Ҳусни баён» (қ.1, хусусиятҳои услубии фонетика, лексика, фразеология»), ки барои донишҷӯёни факултетҳои филология ва шуъбаи журналистика пешбинӣ шудааст, андешаи худро оид ба услубҳои нутқ каме такмил дода менависад: «Дар асоси ин ду равияи забон шохаҳои дигар ё услубҳои ҷории нутқ ба вуҷуд омадаанд, ки ҳар кадоми онҳо ҳам дар истифодаи луғат, маъноҳои калима, имкониятҳои интонатсия, роҳҳои калимасозӣ, шаклу воситаҳои грамматикӣ, сохтани ибораю ҷумлаҳо аз ҳамдигар як дараҷа фарқ мекунанд:

1. Услуби муошират;
2. Услуби бадеӣ;
3. Услуби рӯзноманигорӣ ё публитсистика;
4. Услуби илмӣ;
5. Услуби расмӣ ё идорӣ [22, с.17].

Муаллифи «Забоншиносии умумӣ» М. Норматов оид ба таснифи услубҳои забон мухтасар чунин изҳори андеша кардааст: «Ҳоло чунин услубҳои забонро қайд мекунанд: саноатӣ - техникӣ, илмӣ, бадеӣ, коргузорӣ, ҷамъиятӣ- публитсистӣ ва гуфтугӯӣ - маишӣ» [23, с.116].

Методист М. Қурбонов дар дастури методии «Услубшиносӣ» (Душанбе, 1991), «Таълими забони тоҷикӣ дар синфи 5» (Душанбе, Маориф, 1993) ва дар китоби дарсии «Забони тоҷикӣ» барои синфи 10 (Душанбе, Маориф, 1993) услубҳоро чунин тасниф кардааст: услуби расмӣ- коргузорӣ, илмӣ, публитсистӣ, бадеӣ ва гуфтугӯӣ» [с.4; 24, с.49; 25, с.9].Забоншинос Р. Ғаффоров дар китоби дарсии «Услубшиносӣ» барои синфҳои 10-11, ки дар ҳаммуаллифӣ таълиф ва нашр шудааст, оид ба услубҳо воқеъбинона бо назардошти шохаҳои услубӣ менависад: «Аз ин ҷиҳат, услубҳои забони адабии тоҷикро ба ду хели калон метавон ҷудо кард: услуби гуфтугӯӣ ва китобӣ …» [26, с.32] ва баъдтар услуби китобиро дуруст тасниф менамояд ва таъкид мекунад: «Услуби китобӣ чор навъ мешавад: илмӣ, публитсистӣ, бадеӣ, идорӣ (ё расмии коргузорӣ) [26, с.32 ва 37].Муҳаққиқи рисолаи «Истилоҳ ва истилоҳотсозӣ дар забони илмии тоҷикӣ» П. Нуров оид ба навъҳои услуби

баён чунин изҳори андеша кардааст»: «услуби бадеӣ, услуби назмӣ, услуби илмӣ, услуби коргузорӣ аз ҷумлаи услубҳои баён мебошанд» [27, с.30].

Дар «Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ», ки ба қалами Бобомуродов Ш., Мухторов З. тааллуқ дорад, чунин услубҳо дар моддаҳои ҷудогона тафсир шудаанд: услуби бадеӣ, услуби гуфтугӯӣ, услуби илмӣ, услуби публитсистӣ [28, с.326-330].

Ва, ниҳоят, забоншинос Б. Камолиддинов дар «Сарсухан» -и китоби дарсии «Забони тоҷикӣ» барои синфи 11 доир ба навъи услубҳо навиштаанд: «Дар китоб ба ҳамаи масъалаҳои услубшиносӣ дахл накарда, танҳо дар бораи услубиёти забон, ба истилоҳи дигар, панҷ услуби нутқ ва ҳусни баён маълумот дода шудааст» [29, с.3]. Ба ифодаи панҷ услуби нутқ низ розӣ шудан номумкин аст, зеро услуб ду навъ - гуфтугӯӣ ва китобӣ мешавад. Услуби китобӣ дар навбати худ ба чаҳор навъ тақсим мегардад.

Мавсуф дар фасли «Услубшиносӣ ва ҳусни баён чиро меомӯзад» оид ба ҳусни баён ва ҳадафи услубшиносӣ мухтасар изҳори андеша мекунад ва таъкид месозад: «Ҳадафи услубшиносӣ ин аст, ки ба соҳибзабонон нозукиҳои забони модариашро ёд дода, ба онҳо ҳунари беғалат ва шево, хаттӣ ё шифоҳӣ ифода кардани фикрро омӯзад. Як мисол. Саодат башаст номаро кашида гирифта, бетоқатона, бо дастони ларзон давомашро хонд. Дар ин ҷумла зоҳиран ягон калима ғалат нест, сохти ҷумла ҳам нуқсон надорад. Вале нигоранда «номаро башаст кашида гирифтан» гуфтааст. Агар вай медонист, ки маънои нозуки феъли рабудан ҳамон амал (башаст кашида гирифтан) аст, ба ҷойи як калима азоб кашида се калимаро кор намефармуд» [18, с.165-166].

Ин эроди муаллиф, ба андешаи мо, чандон саҳеҳ нест, зеро, аввалан, кашида гирифтан бо чобукдастӣ аз касе чизе гирифтан ё чанг зада гирифтанро ифода мекунад (ба маънои рабудан), сониян, кашида гирифтан маънои зӯран гирифтанро низ ифода мекунад. Муаллиф шояд бо назардошти ҳамин нукта «кашида гирифт»-ро муносиб дидааст. Севум, ин тарзи ифода ҳам тибқи меъёр аст.

Дар фасли «Услубҳои забон» саволҳо гузошта чунин навъҳои услуб: услуби бадеӣ, услуби рӯзноманигорӣ (публитсистика [с.168], услуби расмӣ (коргузорӣ ё дафтардорӣ - конселярӣ), услуби илмӣ ва ду шохаи он – илмии оммавӣ ва илмии тадқиқотӣ, услуби муоширатро (саҳ. 169) пурсидааст. Ва сипас навъҳои услубро ба таври ҷудогона: услуби бадеӣ [с.174-191], услуби рӯзноманигорӣ (публитсистӣ) [191-206], услуби расмӣ [206-211], номанигорӣ (муросалот) [с.211. 2015], услуби илмӣ [с. 2016-225], услуби муошират [225-230] шарҳ додааст.

Чунон ки аз намунаҳои оварда ошкор мегардад, дар таснифи услубҳои забон якнавохти андешаҳо дида намешавад. Як идда забоншиносон аз кадом сарчашмае, ки маълумот дастрас карда бошанд, ҳамон таснифотро бе таҳлилу баррасӣ пазируфтаанд. Гурӯҳи дигар баъзан таснифотро васеъ карда, услубҳоеро ном бурдаанд ва баъзан шарҳ додаанд, ки ба андешаи онҳо розӣ шудан душвор аст. Мо аслан таснифи олимон Н. Маъсумӣ ва Р. Ғаффоровро бо андаке таҳриру илова ҷонибдорӣ менамоем. Вале ба таснифоти профессор Б. Камолиддинов, ки дар китоби дарсии «Забони тоҷикӣ» барои синфи 11-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ пешниҳод шудааст, розӣ шуда наметавонем, ки панҷ услуби нутқ гуфтаанд. Аввалан, аз маълумоти дар асарҳояшон овардаи забоншиносони рус ва баъзе олимони тоҷик услуби забон аслан ба ду гурӯҳи асосӣ ҷудо мешавад: услуби гуфтугӯӣ ва китобӣ (ё хаттӣ). **Услуби китобӣ** дар навбати худ бо назардошти таваҷҷуҳи асосӣ ба фарогирии сохтори услуб, яъне гуногунии забон, ки ба соҳа ва вазифаҳои муомила вобаста аст, ба бадеӣ, публитсистӣ, расмии – коргузорӣ ва илмӣ мешавад. Нутқи мо якнавохт буда наметавонад. Ҳар як фарди соҳибмаълумот, ки забонро медонад, дар ҳолатҳои гуногуну шароити ҳаётӣ ба таври гуногун гап мезанад. Ин мутобиқати забонӣ ба ҳолатҳои ҳаётӣ тафриқаи нутқро ба вуҷуд меоварад, ки ҳар кадом дар соҳаҳои гуногуну ҳаёту муомилаи инсонӣ хидмат мекунад. Шароиту муомила на танҳо шакли нутқро муайян мекунад, балки ба мавзӯъ ва муҳтавои он таъсир мерасонад. Бинобар ин, услуби функционалӣ на аз тариқи бо номбар кардани воситаҳои забонӣ дар нутқ истифода мешавад, балки тавассути вазифа ва аз тариқи ҳолати нутқӣ муайян карда мешавад. Вазъияти нутқ хусусиятҳои услуби мавриди назарро бо назардошти интихоб,

муҳтавои баён муайян месозад. Сониян, услуби расмии коргузориро агар ба шохаҳои қонунгузорию дипломатӣ ва коргузории идорӣ тасниф намоем, дар таснифи услуб харҷу марҷ ба бор меорад. Услуби расмии коргузориро низ ба услуби номанигорӣ (муросалот), услуби муошират ва ғайраҳо таҷзия кардан қобили қабул нест.

Севум, чунин таснифҳои ҷузъиро дар доираи мактаби миёна татбиқ кардан нашояд, зеро вазифаи мактаб он аст, ки дар бораи услубҳо ва баъзе хусусиятҳои барҷастаи онҳо маълумоти мухтасару кӯтоҳ додан аст, то ки хатмкунандагон бо унсурҳои одии ҳуҷҷатгузорию номанигорӣ ошно гарданд. Чорум, стандарту барномаҳои мактабӣ миёна аз стандарту барномаҳои факултети филологияи макотиби олӣ фарқ мекунанд. Ин нуктаро ба инобат гирифтан шарт аст. Аз масъалаҳои дидактика дур будани баъзе муаллифони китобҳои дарсӣ ба чунин ҳолатҳо оварда мерасонад, ки байни мактаби миёнаю олӣ фарқ намебинанд. Мо бар асоси мутолиа ва баррасии андешаҳои муҳаққиқон – забоншиносон ба шакли зер услубҳои функсионалиро тасниф ва ба тартиби зер пешниҳод менамоем: услуби бадеӣ, публитсистӣ, расмии коргузорӣ ва илмӣ.

Дар мавриди ба низом, яъне пайдарпай овардани услубҳо низ ягонагии андеша ба назар намерасад. Ин шояд бад он вобаста бошад, ки, асосан, мо андешаҳои муҳақиқони илми забонро мавриди мутолиаю баррасӣ қарор додем. Дар ҳар сурат тартиби таълими он дигар аст ва таҷрибаҳои гузаронидаи мо бар он далолат мекунанд. Ин нуктаро дар мақолаҳои усули таълими услубҳои забон дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ баъдан зикр хоҳем кард.

А Д А Б И Ё Т

1. Мурат В.П. Об основных проблемах стилистики / В.П. Мурат. – М., 1957. - С.20-22.
2. Пиотровский Р.Г. Очерки по стилистике французского языка / Р.Г. Пиотровский. - Л., 1960. - С.20-21, 166.
3. Капинос А.И. Стилистика в IV классе / А.И. Капинос // Сборник из опыта работы по русскому языку в восьмилетней школе. - М.: Просвещение, 1974. – 240 с.
4. Пленкин Н.А. Стилистика русского языка в старших классах / Н.А. Пленкин. - М.: Просвещение, 1975. - 143 с.
5. Голуб И.Б. Стилистика современного русского языка (Лексика. Фонетика) / И.Б. Голуб. - М.: Высшая школа, 1976. - 208 с.
6. Кожина М.Н. Стилистики русского языка / М.Н. Кожина. - М.: Просвещение, 1977. - 223 с.
7. Розенталь Д.Е. Практическая стилистика русского языка / Д.Е. Розенталь. - М: Высш. школа, 1977. - 316 с.
8. Иконников С.Н. Стилическая работа в процессе изучение руского языка / С.Н. Иконников. - М.: Педагогика, 1977. - 151 с.
9. Крылова О.А. Основы функсиональной стилистика русского языка / О.А. Крылова. - М.: Русский язык, 1979. - 224 с.
10. Пустовалов П.С. Пособие по развитию речи / П.С. Пустовалов, М.П. Сенкевич. - М.: Просвещение, 1976. – 287 с.
11. Барлас Л.Г. Руский язык. Стилистика / Л.Г. Барлас. – М.: Просвещение, 1978. - 256 с.
12. Капинос В.И. Культура речи. Стилистика В.И Капинос // Методика развития речи на уроках русского языка. – М.: Просвещение, 1980. – 240 с.
13. Панфилов А.К. Сборник упражнений по стилистике русского языка / А.К. Панфилов. - С.: Просвещение, 1989. – 206 с.
14. Власенков А.И. ченкова Л.М. Русский язык, грамматика, текст, стили речи / А.И.Власенков, Л.М. Рыбченкова. – М.: Просвещение, 1998. - 367 с.
15. Введенская Л.А. Русский язык: культура речи, текст, функсиональные стили, редактирование / Л.А. Введенская, А.М. Пономарева. - Москва- Ростов- на – Дону, 2003. – 352 с.
16. Архипова. Теория и практика обучения русскому языку / Архипова и др. - М.: «Издательский центр Академия», 2007. - 336 с.
17. Ҳусейнов Х. Луғати терминҳои забоншиносӣ / Х.Ҳусейнов, К.Шукурова. – Душанбе: Маориф, 1983. - 256 с.
18. Камолиддинов Б. Услубшиносӣ / Б.Камолиддинов. – Душанбе: Ирфон, 1973. - 116 с.
19. Маъсумӣ Н. Масъалаҳои муҳимми меъёри забони адабии ҳозираи тоҷик / Н. Маъсумӣ // Баъзе масъалаҳои актуалии таълими забон ва адабиёт. – Душанбе, 1975. - С.23-28.
20. Камолиддинов Б. Мухтасар дар бораи услубшиносӣ / Б.Камолиддинов // Маҷмӯаи мақолаҳои илмию методӣ оид ба таълими забон ва адабиёти тоҷик. - Душанбе, 1973. - 160 с.
21. Қурбонов М. Асосҳои лингвистӣ ва методии таълими услубшиносии тоҷик дар мактаби миёна / М.Қурбонов. – Душанбе: Маориф, 1988. - 192 с.
22. Камолиддинов Б. Ҳусни баён. Қ.1. / Б.Камолиддинов. – Душанбе: Маориф, 1989. - 120 с.
23. Норматов М. Забоншиносии умумӣ / М.Норматов. - Душанбе: Маориф, 1991. - 160 с.

24. Қурбонов М. Таълими забони тоҷикӣ дар синфи 5 / М.Қурбонов. – Душанбе: Маориф, 1993. - 104 с.
25. Қурбонов М. Забони тоҷикӣ барои синфи 10 / М.Қурбонов. - Душанбе: Маориф, 1993. - 160 с.
26. Ғаффоров Р. Услубшиносӣ барои синфҳои 10-11 / Р.Ғаффоров, С.Ҳошимов, Б. Камолиддинов. - Душанбе: Маориф, 1995. - 192 с.
27. Нуров П. Истилоҳ ва истилоҳсозӣ дар забони илмии тоҷикӣ / П.Нуров. - Душанбе, 2016. - 223 с.
28. Бобомуродов Ш. Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ / Ш.Бобомуродов, З. Мухторов. - Душанбе, 2016. - 428 с.
29. Камолиддинов Б. Забони тоҷикӣ барои синфи 11 / Б. Камолиддинов. - Душанбе: Собириён, 2015. – 256 с.

МУЛОҲИЗАҲО ПЕРОМУНИ ТАСНИФИ УСЛУБҲОИ НУТҚ

Муаллифи мақола масъалаи ниҳоят муҳимро мавриди баррасӣ қарор додааст. Дар қадами аввал муаллиф фикру андешаҳои муҳаққиқони забони русӣ, яъне забоншиносони русро перомуни таснифи услубҳои забон меорад. Аз далелҳои овардаи ӯ ошкор мегардад, ки забоншиносони рус дар шарҳу маънидоди масъалаи мазкур дар як андеша нестанд. Ҳатто баъзе аз онҳо дар таснифоти услубҳои функсионалии забон услуби бадеиро шомил насохтаанд.Сипас, доир ба масъалаи мазкур фикру мулоҳизаҳои баёнкардаи забоншиносони тоҷикро як-як оварда, онҳоро мавриди муҳокима қарор додааст. Мусаллам аст, ки олимони тоҷик бо такя ба асрҳои олимони рус услубҳои забонро тасниф кардаанд. Фарқ нагузоштаанд, ки дар асл услубҳои забон ба ду гурӯҳи асосӣ – услуби гуфтугӯӣ ва китобӣ ҷудо мешаванд. Бо назардошти вазифаи забон ва махсусият услуби китобӣ (хаттӣ) ба чаҳор навъ: бадеӣ, публитсистӣ, расмии коргузорӣ ва илмӣ ҷудо мешавад. Зимни таснифу шарҳи услубҳо баъзе муҳаққиқон байни мактаби миёнаю макотиби олӣ фарқ нагузоштаанд. Муаллиф дар охири мақолааш андешаҳои шахсиашро оид ба таснифи услубҳо баён менамояд.

Калидвожаҳо: услуб, услубшиносӣ, услубҳои функсионалӣ, услуби бадеӣ, услуби публитсистӣ, услуби расмии коргузорӣ, услуби илмӣ.

РАЗМЫШЛЕНИЯ ОТНОСИТЕЛЬНО КЛАССИФИКАЦИИ СТИЛЕЙ РЕЧИ

Автор статьи подверг рассмотрению один из важных проблем в языкознании. В начале статьи автор приводит мнения русских ученых и исследователей – языковедов относительно классификации стилей речи. Из приведенных автором фактов выясняется, что русское языкознание при разъяснении и обозначении данной проблемы не придерживается единого мнения. Даже некоторые из них при классификации функциональных стилей языка не включили художественный стиль. Затем относительно данной проблематики автор приводит высказывания таджикских языковедов и подвергает их рассмотрению. Неоспоримо, что таджикские ученые с опорой на труды русских ученых подвергли классифицикации языковые стили. Но они не определили различия в том, что в действительности языковые стили разделяются на две основные группы – разговорный и книжный стиль. С учетом функции языка и свойств книжный стиль (письменный)делится на четыре типа: художественный, публицистический, официально-деловой и научный. При классификации и разъяснении стилей некоторые исследователи не оставили различия между средней школой и вузом. Автор в конце статьи выражает свое мнение относительно классификации стилей речи.

Ключевые слова: стиль, стилистика, функциональные стили, художественные стили, официальный деловой стиль, научный стиль.

REFLECTIONS ABOUT THE CLASSIFICATION OF SPEECH STYLES

The author of the article examined one of the important problems in linguistics. At the beginning of the article, the author cites the opinions of Russian scientists and researchers - linguists regarding the classification of speech styles. From the facts given by the author, it turns out that Russian linguistics does not adhere to a single opinion when explaining and identifying this problem. Even some of them did not include the artistic style when classifying the functional styles of the language. Then, regarding this issue, the author cites the statements of Tajik linguists and subjects them to consideration. It is undeniable that Tajik scholars rely on the works of Russian scholars to classify linguistic styles. But they did not identify the difference in that, in reality, language styles are divided into two main groups - colloquial and book style. Taking into account the function of language and properties, the book style (written) is divided into four types: artistic, journalistic, official-business and scientific. In classifying and explaining styles, some researchers left no distinction between high school and university. The author at the end of the article expresses his opinion on the classification of speech styles.

Key words: style, stylistics, functional styles, artistic styles, official business style, scientific style.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Бобоев Бахтовар*** - Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, омӯзгор. **Суроғa:** 735340, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Кулоб кӯч. С.Сафаров 16

Сведения об авторе: ***Бобоев Бахтовар*** - Кулябский государственный университет им. А.Рудаки, преподаватель. **Адрес:** 735340, Республика Таджикистан, г.Куляб, ул. С.Сафарова, 16

Information about the author: ***Boboev Bakhtovar*** **- Kulyab State University named after A. Rudaki, teacher. Address**: 735340, Republic of Tajikistan, Kulyab, st. S. Safarova, 16

УДК: 491.550.3:42.3:44.3

ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ ПАСВАНДҲОИ ИСМСОЗ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ, АНГЛИСӢ ВА ФАРОНСАВӢ

Дилрабои Нарзибеки Ҳасанзод
Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат

Дар усули морфологии калимасозии исм пасвандҳо мавқеи асосиро ишғол мекунанд. Вазифаи асосии ҳар як пасванд бо он муайян карда мешавад, ки вай *ба* калимаи сохтааш чӣ гуна маъно мебахшад. Баъзе пасвандҳо танҳо аз исм, баъзеи дигар аз сифат ва сеюмӣ аз шумора ё феъл исм месозад. Пасвандҳое ҳастанд, ки аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ исм месозанд ва ин ба маънои исми сохта таъсир нарасонида наметавонад. Агар пасванд аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ танҳо як хел исм (чунончи, исми шахс) созад, онҳо бо тобишҳои маъноӣ бояд аз ҳам тафовут дошта бошанд. Чунончи, пасванди **-чӣ** аз исми трактор исми тракторчӣ месозад, ки касбу шуғли шахсро далолат мекунад. Ҳамин пасванд аз сифати аьло низ исми шахси аълочӣ месозад, ки на касбу кор, балки *ба* сифате молик будани шахсро мефаҳмонад. Ба маънои исми сохта на танҳо аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ, балки аз калимаҳои гуногунмаънои як ҳиссаи нутқ сохта шудани он таъсир расонида метавонад [6, с.104].

Пасвандҳои исмсози забони тоҷикӣ хеле бисёр ва гуногунвазифа мебошанд. Ҳар як пасванд мавқеи махсусӣ истифода дорад. Пасванди **-чӣ** яке аз пасвандҳои сермаҳсули забони адабии ҳозираи тоҷик мебошад. Ба воситаи он на танҳо аз калимаҳои аслан тоҷикӣ, инчунин аз калимаҳои иқтибосӣ, аз ҷумла, аз калимаҳои русӣ-интернатсионалӣ, исми шахс сохта мешавад: тракторчӣ, танкчӣ, автоматчӣ, кооперативчӣ, миномётчӣ, табелчӣ , телефончӣ , телеграфчӣ ва ғайра.

Пасванди **-чӣ** аз исм, исмҳои шахс месозад, ки маъноҳои гуногунро ифода мекунанд.

1) аз исмҳои конкрет ва маънӣ - исм месозад, ки ихтисос ва касбу ҳунари шахсро мефаҳмонад: карнайчӣ, рубобчӣ, тракторчӣ, танкчӣ, иқтисодчӣ, музикачӣ, шикорчӣ;

2) аз исмҳои маънӣ - исм месозад, ки ба хислату кирдори шахс далолат мекунад: дурӯғчӣ, туҳматчӣ, воҳимачӣ, ташкилотчӣ;

3) аз исмҳои конкрет ва маънӣ - исм месозад, ки шахсро вобаста ба мавқеи иҷтимоӣ номбар мекунад: хизматчӣ, колхозчӣ, маорифчӣ;

4) аз исмҳои маънӣ - исм месозад, ки муносибати шахсро аз рӯйи амалу шуғл нишон медиҳад: ҳашарчӣ, ҳуҷумчӣ, кучманчӣ [4, с.138].

Пасванди **-гар** дар исмсозӣ сермаҳсул буда, исмҳои шахс месозад, ки маъноҳои гуногун доранд:

1) аз исмҳои конкрет - исмҳои шахс месозад, ки касбу ҳунарро мефаҳмонанд: шишагар, шамшергар, чармгар, сӯзангар, суратгар, ҳалвогар, оҳангар, наългар, мисгар ва ғайра. Ин гуна исмҳо аз шакли якуми сифати феълӣ ва исми амал низ бо пасванди **-гар** сохта шудаанд: шустагар, савдогар, коргар;

2) аз исмҳои маънӣ - исм месозад, ки шахсро аз рӯйи хислату кирдораш номбар мекунад: ошӯбгар, размгар, имдодгар, ғоратгар;

3) аз исмҳои маънӣ - исм месозад, ки шахсро вобаста ба амалиёт, машғулият ва ҳаракаташ нишон медиҳад: тарбиятгар, созишгар, маслиҳатгар, даъвогар, варзишгар:

Пасванди **–зор** низ дар исмсозӣ сермаҳсул мебошад.

1) ба воситаи ин пасванд аз исмҳои ифодакунандаи растанию наботот исмҳое сохта мешаванд, ки макон ва фаровонии асоси калимаро мефаҳмонанд: тутзор, токзор, себзор, саксавулзор, нокзор, ниҳолзор, найзор, лолазор, дарахтзор, гулзор, хадангзор, арчазор, анҷирзор, анорзор, ангурзор, шафтолузор, пахтазор, хорзор, алафзор, сабзазор ва ғайра.

2) бо ёрии пасванди **-зор** инчунин аз исмҳои ифодакунандаи предметҳои шумурданашаванда ва ё шумурданашон аз имкон дур исмҳое месозанд, ки макон ва фаровонии асоси худро далолат мекунанд: Ҷойи ту шӯраю регзор, ба боғу чаман туро чӣ кор? [4, с.149].

Пасванди **-а (-я)** дар забони ҳозираи тоҷик сермаҳсул буда, аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ исм месозад:

1) аз исмҳо бештар исми монандӣ: гӯша, дандона, дара, димоға, забона, шоха, ҳавза ва ғайра;

2) аз сифатҳо исме, ки предметҳоро аз рӯйи аломаташон ифода менамояд: сабза, сафеда, талха, тунука, шӯра;

3) аз шумора исми ифодакунандаи воҳиди вақт ва узви инсон: ҳафта, даҳа, чилла, панҷа;

4) аз асоси замони ҳозираи феъл: а) предмети воситаи амал: мола, куба, овеза; б) исми ифодакунандаи натиҷаи амал: шукуфа, реза (резаи нон); в) исми амал ва ҳолат: бӯса, нола, ханда:

5) аз калимаҳои тақлиди номи асбоб ва амалу ҳолат: ғарғара, шақшақа, дағдаға, қаҳқаҳа, ғулғула, шаршара.

Пасванди **-гор** дар забони ҳозираи тоҷик каммаҳсул буда, ба воситаи он аз исму асосҳои феъл - исмҳои шахс сохта мешавад:

1) аз исмҳои маънӣ - исми нав сохта мешавад, ки шахсро аз рӯйи амалиёту машғулияташ мефаҳмонад: хизматгор, мададгор, ситамгор;

2) аз асоси замони ҳозираи феъл бо пасванди **-гор** исме сохта мешавад, ки шахсро аз рӯйи ихтисосу машғулият ифода менамояд: омӯзгор, талабгор, фурӯшгор; ин гуна исм аз асоси замони гузаштаи феъл низ сохта мешавад: хостгор.

Пасванди **-ор** дар забони ҳозираи тоҷик каммаҳсул аст. Вай аз асоси замони ҳозира ва гузаштаи феъл:

1) исми шахс месозад, ки онро аз рӯйи амал ва шуғл мефаҳмонад: харидор, парастор;

2) исми амал ва ҳолат месозад: гуфтор, сӯхтор, падидор (шакли рехтаи кирдор), гирифтор.

Пасванди **-ур, -вар** дар забони ҳозираи тоҷик каммаҳсул аст. Он аз исмҳои маънӣ исми нав месозад, ки шахсро аз рӯйи хислату қобилият мефаҳмонад: муздур, муздвар, суханвар, шиновар.

Пасванди **-она (-ёна)** дар исмсозӣ каммаҳсул аст, бештарини исмҳо бо **-она** аз сифат гузаштаанд. Ин пасванд аз исмҳои конкрет ва маънӣ исме месозад, ки асбоб, музд, туҳфа ва инъомро мефаҳмонад: тозиёна, шомиёна, бобоёна, моҳона, муҳрона, котибона, тӯёна, хизматона, идона, байъона, шукрона ва ғайра.

Пасванди **-сор** бемаҳсул аст, вай танҳо бо чанд исми конкрет омада, макон ва фаровонии онҳоро мефаҳмонад: кӯҳсор, чашмасор, шохсор.

Дар забони англисӣ аз ҷиҳати калимасозӣ исм доротарин ҳиссаи нутқ ба шумор меравад. Исмҳои забони англисӣ аз дигар ҳиссаҳои нутқ дида шумораи бештари пасвандҳоро доро мебошанд. Пасванд дар забони англисӣ яке аз нишонаҳои хосси исм ҳамчун ҳиссаи нутқ, мебошад. Яке аз пасвандҳои сермаҳсултарини исмсоз дар забони англисӣ ин пасвандҳои **–er, –or** мебошанд. Онҳо ба феълҳо ҳамроҳ шуда, исми иҷрокунандаи амал ва касбу кор месозанд. Пасвандҳои мазкур дар забони тоҷикӣ бо пасвандҳои **-чӣ, -гор, -гар, -бон** ифода мешаванд [5, с.38].

to buy - buyer
to direct - director
to invent - inventor
to produce - producer
to inspect - inspector
to sell - seller
to supply - supplier
to teach- teacher
to translate - translator
to visit - visitor
to work - worker
to write- writer

Пасвандҳои **-ist** ва **-ism** низ дар забони англисӣ сермаҳсул мебошанд. Онҳо барои нишон додани самти илмӣ ё ба ягон ҳизб тааллуқ доштанро ифода:

idealist – идеалист	idealism - идеализм
terrorist – террорист	terrorism - терроризм
extremist - экстремист	extremism -экстремизм
physicist – физик	materialism - материализм

Пасванди **- dom** дар забони англисӣ яке аз пасвандҳои сермаҳсул мебошад. Аввалан он танҳо ба асоси сифатҳо ҳамроҳ шуда исм месохт, вале баъдан он аз асоси исмҳо низ калимаҳои навро ба вуҷуд меовард. Ҳоло пасванди **- dom** ба сифат ва исмҳо ҳамроҳ шуда исм месозад:

free - озод	freedom - озодӣ
wise - хирадманд	wisdom - хирадмандӣ
king - шоҳ	kingdom - шоҳигарӣ

Пасванди **-hood** дар забони англисии қадим калимаи мустақилмаъно, яъне **had** буд, ки он маънои «шарт, хислат» - ро доро буд. Он одатан ба асоси исмҳо пайваст шуда исми нав месозад:

brother - бародар	brotherhood - бародарӣ
child - бача	childhood - бачагӣ

Пасванди **-ment** дар асри XII аз забони фаронсавӣ ба забони англисӣ иқтибос гардида буд. Ҳоло он танҳо аз феъл исм месозад:

agree – розӣ шудан	agreement - ризоият
develop – инкишоф додан	development - рушд
govern – идора кардан	government - идора
improve – беҳтар гардонидан	improvement - беҳбуд
pay – пардохт кардан	payment - пардохт
settle – банизом даровардан	settlement - танзим

Пасванди **-ness** аз даврони қадим дар забони англисӣ сермаҳсул буд. Он ба сифатҳо ҳамроҳ гашта исм месозад. Пасванди мазкур дар забони тоҷикӣ бо пасванди **-ӣ** ифода меёбад:

bitter - тунд	bitterness - тундӣ
cold - хунук	coldness – хунукӣ
dark - торик	darkness - торикӣ
kind - меҳрубон	kindness - меҳрубонӣ
weak - заиф	weakness - заифӣ

Пасванди **-ship** дар забони англисии муосир барои аз асоси исмҳо сохтани исмҳои абстрактӣ истифода бурда мешавад:

dictator - ҳукмфармо	dictatorship ҳукмфармоӣ
friend - дӯст	friendship - дӯстӣ
leader - роҳбар	leadership - роҳбарӣ
member - аъзо	membership – аъзогӣ

Дар забони фаронсавӣ сохтани исмҳо тавассути пасвандҳо аҳаммияти калон дорад. Пасвандҳои забони фаронсавӣ низ ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: пасвандҳои сермаҳсул ва каммаҳсул. Мувофиқи маълумоти забоншиносони фаронсавӣ дар даҳсолаи охир тавассути пасвандҳои **-isme** ва **-iste** дар забони фаронсавӣ 174 – исми нав сохта шудааст. Баръакси ин, дар солҳои охир тавассути пасвандҳои -ence, -erie, -oir(e) қариб калимаҳои нав сохта намешаванд. Пасвандҳои сермаҳсули забони фаронсавӣ инҳо мебошанд:

а) Пасвандҳои – ade, – age, - aille, - et – ette, - ure, - tion, - ier; ба асоси исмҳо ва феълҳо ҳамроҳ шуда исм месозанд: colonne – colonnade, embrasser – embrassade, dose – dosage, boucher – bouchage, atterrir – atterrissage, fer – feraille, manger – mangeaille, fourgon – fourgonnette, sonner – sonnette, bombarder – bombardier, lait – laitier, lire – lecture, cheveu – chevelure, agmenter – augmentation.

б) Пасвандҳои – aire, - ance (-ence), - ard, - at, - ee, - erie, - esse, - eur, - ien, - isme, - iste, - té; ба асоси исмҳо ва сифатҳо ҳамроҳ шуда исм месозанд: commission – commissionaire,

negliger – negligence, elegant – elegance, riche – richard, professeur – professorat, assiette – assiettee, ciment – cimenterie, fourbe – fourberie, molle – mollesse, pâle – pâleur, musique – musicien, réforme – réformisme, Marx – marxisme, anesthésie – anesthésiste, propre – propreté [3, с.41].

А Д А Б И Ё Т

1. Арбекова Т. И. Лексикология английского языка (практический курс) / Т.И. Арбекова. – Москва: Высшая школа, 1977. – 240 с.
2. Аракин В. Д. История английского языка: учеб. пособие / В.Д. Аракин. – Москва: ФИЗМАТЛИТ, 2003. – 272 с.
3. Балакин С.В. Словообразование во французском языке (когнитивный аспект) / С.В. Балакин. – Екатеринбург: УрГУПС, 2015. – 80 с.
4. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми I. – Душанбе: Ирфон, 1973. – 445 с.
5. Каращук П. М. Словообразование английского языка. // П.М. Каращук. -Москва: Высшая школа, 1977. – 303 с.
6. Рустамов Ш. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик / Ш.Рустамов, Р. Ғаффоров. – Душанбе: Дониш, 1986. - 371 с.

ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ ПАСВАНДҲОИ ИСМСОЗ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ, АНГЛИСӢ ВА ФАРОНСАВӢ

Дар мақолаи мазкур пасвандҳои исмсоз дар забонҳои тоҷикӣ, англисӣ ва фаронсавӣ таҳлил гардидаанд. Маълум карда шуд, ки воситаи вандии калимасозӣ дар забонҳои муқоисашаванда хело маъмул мебошад. Пасвандҳои исмсоз дар забонҳои мазкур хело сермаҳсул мебошанд. Дар забони тоҷикӣ пасвандҳои исмсоз ба 2 – гурӯҳ ҷудо карда шудаанд: пасвандҳои сермаҳсул ва каммаҳсул. Пасвандҳои сермаҳсули исмсоз дар забони тоҷикӣ аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ исм месозанд ва дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ низ сермаҳсул мебошанд. Гурӯҳи дигари пасвандҳои исмсоз дар гузашта сермаҳсул буданд, аммо ҳоло бо сабабҳои гуногун каммаҳсул гардидаанд ё ин ки тамоман аз истеъмоли омма баромадаанд. Дар забони англисӣ ва фаронсавӣ низ пасвандҳо дар сохтани исмҳо нақши арзанда доранд. Сохтани исмҳо тавассути пасвандҳо яке аз хусусиятҳои хосси забони англисӣ мебошад. Дар забони англисӣ пасванди **-er** яке аз пасвандҳои сермаҳсул мебошад, ки аслан ба асоси феълҳо ҳамроҳ гардида, исм месозад. Шумораи зиёди пасвандҳои исмсози забони англисӣ ва фаронсавӣ аз рӯйи шакл ва вазифа бо ҳам монанд мебошанд. Сабаби он робитаи зичи забонҳои мазкур дар тӯли асрҳо мебошад.

Калидвожаҳо: пасванд, тоҷикӣ, англисӣ, фаронсавӣ, исм, сифат, феъл, калима, забон, морфология, сермаҳсул, каммаҳсул.

СРАВНИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ ИМЕННЫХ СУФФИКСОВ В ТАДЖИКСКОМ, АНГЛИЙСКОМ И ФРАНЦУЗСКОМ ЯЗЫКАХ

В данной статье рассматриваются именные суффиксы в таджикском, английском и французском языках. Аффиксация является одним из самых продуктивных способов словообразования в сравниваемых языках. Именные суффиксы в данных языках очень продуктивны. В таджикском языке именные суффиксы делятся на 2 подгруппы: продуктивные и непродуктивные суффиксы. Именные продуктивные суффиксы в таджикском языке образуют существительные от разных частей речи, а также они являются продуктивными и в современном таджикском языке. Другая группа именных суффиксов в прошлом была продуктивна, но сейчас по различным причинам они малопродуктивны или вообще вышли из потребления. В английском и французском языках суффиксы вносят весомый вклад в образовании существительных. Образование существительных посредством суффиксов является характерной чертой английского языка. В английском языке суффикс **– er** является одним из продуктивных суффиксов, который присоединяется к основам глагола и образует существительное. Большинство английских и французских суффиксов по своей форме и функциям одинаковы. Основной причиной этого является историческая близость данных языков.

Ключевые слова: суффикс, таджикский, английский, французский, существительное, прилагательное, глагол, слово, язык, морфология, продуктивный, непродуктивный.

COMPARATIVE ANALYSIS OF NOMINAL SUFFIXES IN TAJIK, ENGLISH AND FRENCH LANGUAGES

This article discusses nominal suffixes in Tajik, English and French. Affixation is one of the most productive ways of word formation in the compared languages. Name suffixes in these languages are very productive. In Tajik, nominal suffixes are divided into 2 subgroups: productive and unproductive suffixes. Named productive suffixes in Tajik language form nouns from different parts of speech, and they are also productive in modern Tajik language. Another group of nominal suffixes in the past was productive, but now for various reasons they are unproductive or out of consumption altogether. In English and French, suffixes make a significant contribution to the formation of nouns. The formation of nouns through suffixes is characteristic of the English language. In English, the suffix - er is one of the productive suffixes that joins the basics of the verb and forms the noun. Most English and French suffixes are identical in form and function. The main reason for this is the historical proximity of these languages.

Key words: suffix, Tajik, English, French, noun, adjective, verb, word, language, morphology, productive, non-productive.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Дилрабои Нарзибеки Ҳасанзод*** - Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат, ассистенти кафедраи забонҳои хориҷӣ. **Суроғa:** 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё.Борбад 48/5. Тел.: **(+992) 985-00-88-57**

Сведения об авторе: ***Дилрабои Нарзибеки Хасанзод*** – Институт туризма, предпринимательства и сервиса, ассистент кафедры иностранных языков. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Борбад 48/5. Телефон: **(+992) 985-00-88-57**

Information about the author: ***Dilraboi Narzibeki Hasanzod*** - Institute of Tourism, Entrepreneurship and Service, assistant of the Department of Foreign Languages. **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbad Ave. 48/5. Phone: **(+992) 985-00-88-57**

УДК: 491.550-54:42(575.3)

ХУСУСИЯТҲОИ СИНОНИМҲОИ УСЛУБӢ ВА ҶУФТ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Имомова М.Н.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Синонимҳо ифодакунандаи ҳаммаъноии калимаҳо ва истилоҳҳо мебошанд. Ин намуди калимаҳо ҷой, мақом, хусусиятҳои забонӣ, услуб ва усулҳои истифодаи худро доранд. Ҳар гуна забон ба шарофати калимаҳои ҳаммаъно ва муқобилмаъно ғанӣ мебошад. Намудҳои гуногуни калимаҳои ҳаммаъно вуҷуд доранд вале мақсад аз мураттаб гардонидани ин мавод таваҷҷуҳи беш аз назари илмӣ ба синонимҳои ҷуфт ва услубӣ мебошад. Дар малакатҳои хориҷ мафҳуму мазмуни истилоҳҳои ҳаммаъно дарки кулл дорад, яъне луғатҳои синонимии англисӣ, олмонӣ, фаронсавӣ, ки гаштаю баргашта ғанитар ва пурратар шуда нашр мегарданд ва дар баробари адабиётҳои бонуфуз ҷойи худро соҳиб шудаанд. Омӯзиши синонимҳо дар мамолики Амрико ва Аврупо ҳамчун фанни муҳим ва ҷудогонаи таълимӣ ба барномаи таълими забони модарӣ дар макотиби миёнаю олӣ ворид гардидааст, чунки ғановати ҳар як забонро бояд дар ҳамбастагӣ бо ғановати синонимҳо ба осонӣ дарк кард.

Адабиёти классикӣ сарчашмаи асосии истилоҳҳо ва ибораҳои ҳаммаъно ва муқобилмаъно мебошанд. Истифодаи чунин мисраъҳои беназирро аз эҷодиёти бузургони сухан дар масалҳо ва панду андарзҳо, зарбулмасалҳою насиҳатҳои С. Шерозӣ, У. Хайём, А. Ҷомӣ, Ф. Гургонӣ ва муттафакирони суханвар меомӯзем ва баҳри тарбияи насл мавриди истифода қарор медиҳем. Дар мақолаи мазкур роҷеъ ба ҳаммаъногии калимаҳо ва ибораҳо намунаҳои мушаххас аз достонҳои безаволи “Вис ва Ромин”-и Ф. Гургонӣ дар тарҷумаи забони англисӣ ва тоҷикӣ, инчунин аз “Гулистон”-и С. Шерозӣ таҳлил мегарданд. Мақсад аз мураттаб сохтани ин маводи илмӣ таҳлили истифодаи синонимҳои ҷуфт мебошад. Намунае чанд аз суханони бузурги Саъдии Шерозӣ, аз “Гулистон”-и безавол мавриди таҳлил қарор ёфтаанд. Дар мисраи мазкур **“ҷафову нозу итобу ситамгарӣ** омӯхт” [9, с.170], истилоҳҳои **ҷафову ситамгарӣ** исм буда, ҷуфти **нозу итоб** ҷуфти дигари ҳаммаъно мебошанд, ки яке мазмуни манфӣ ва ҷуфти дуюм маънои мусбиро ифода кардаанд. Дар мисраи дигари шоир:

Донӣ, ки чӣ гуфт Зол бар Рустами Гур,
Душман натавон **ҳақиру бечора** шумурд [9, с.28],

ҷуфти сифатҳои мазкур **ҳақиру бечора** ҳаммаъногиро доро мебошанд, ки ин ду калимаи ҳаммаъно ҳисси дараҷаи баланди нодориро ифода кардаанд. Дар мисраи навбатӣ:

Ба бозувони **тавонову қуввати** сари даст,
Хатост, панҷаи **мискини нотавон** бишикаст [9, с.36],

калимаҳои **мискини нотавон** ҷуфти **исмҳои** ҳаммаъноянд, ки зӯри бозувонро ифода мекунанд. Дар мисраи:

Аз ин моҳпораи **обидфиребе,**

Малоиксурату товусзебе [9, с.100],

сифатҳои зерин маънои ҳуснро ифодагар мебошанд. Вале дар мисраи дигар:

Кӣ ҳар куҷо биравад **қадру қиматаш** донанд [9, с.137],

ҷуфти исмҳои ҳамаъно, дар мисраи:

Ба **ҳусну сурати** хеш дар замин нахоҳад буд [9, с.173], ҷуфти исмҳои **ҳусну сурат** ҳаммаъно мебошанд. Дар мисраи:

Сухан ба **лутфу карам** бо дуруштхӯй магӯй [9, с.231],

ҷуфти исмҳои ҳаммаъно мавриди кор қарор ёфтаанд.

Намунае аз тарҷумаи достон аз форсӣ ба забони русӣ, ки С. Липкин ба анҷом расонидааст, исмҳои **симург, орел и сокол** дар он ҳаммаънои ҷуфт мебошанд.

Дар даҳномаи "Вис ва Рамин", дар мактуби шашум мисраҳои Зачем ты **горек**, как **желчь**, для меня, когда ты умеешь быть **сладким** как бессмертие», калимаҳои **горек**, **желчь** ҳаммаъно буда, яке исм ва дигаре сифат мебошанд: bread–salt - хлеб-соль, way – road – роҳ – пайраҳа - путь и дорога, дуруғ - пуруғ – фиреб - миреб, отец – мать - падару – модар.

Ни днем ни ночью не прекращались **радость и веселье** [5, с.273].

Рамин сильно **опечалился** и ушел **омраченный** [5, с.160].

Ты **привлекательна, желанна и любима** но **изменчива и непостоянна**. У тебя красивое и влекущее лицо, но увы оно осквернено, следами **дурного нрава и бесстыдством** [5, с.134]. Дар мисраъҳои мазкур сифатҳои ҳаммаъно такрор шуда дар сифати зоҳир ва ботини шахс мавриди истифода қарор ёфтаанд.

Пока у меня есть плодоносный кедр, я не буду искать **бузину отвратительную, гнилую и увядшую** [5, с.144]. Сифатҳои **отвратительную, гнилую и увядшую**, ҳаммаъно ҳастанд.

When the tree is not planted **straight, forthwith** its crookedness appears. When the deed is **bad** in the **end**, it can also be seen to be **so** at the **beginning.** Оливера Вордроп [4, с.23].

Если дерево посажено **неправильно, непрямо кривизна** его вскоре становится заметной. Худой конец дела дает о себе знать с самого начала "Плохой конец заметен был сначала". Сифатҳои **непрямо неправильно, кривой** маънои якхела доранд

Худой конец - at the and заметна с самого **начала at fist** [3]. Сифатҳои **худой и плохой,** ки мазмунан манфиятро ифода мекунанд ҳамаъно мебошанд. Дар мисраи:

Ки бас **душвору ошуфтаст** корат[1, с.69] ва тарҷумаи англисӣ

Life has grown harsh for you and obdurate, истилоҳҳои **obdurate ва harsh** ҳаммаъно буда, дар мисраи минбаъда исмҳои қайдгардида ба синонимҳои ҷуфти такрорӣ марбутанд.

Untroubled by his **hunger** and his **rage** [2, с.75].

Дар тарҷумаи русӣ "Бог наделил тебя **умом и разумом,** но они не радуют тебя" истилоҳҳои мазкур исмҳои ҳаммаъно ва ҷуфт мебошанд.

Дар қатори синонимҳои ҷуфт синонимҳои услубӣ дар забон ва адабиёт хеле маъмул ва сермаъсул мебошанд. Ин намуди ҳаммаъногии калимаҳоро синонимҳои идеографӣ ном мебаранд.

Синонимҳои услубӣ, ки мафъуми якхеларо дар ҳолатҳои мухталифи услубӣ ифода мекунанд, одатан метавонанд ҷойивазкунии тарафайнро доро бошанд, бахусус дар ифодаи бетарафӣ. Тафовут байни ин гуна синонимҳо дар соҳаи истифодаи онҳо, мазмуни онҳо буда ва дар ин васила хусусияти тозаи услубӣ доранд. Як мафҳум ё ашё метавонад дар дохили ягон диалект ё варианти ягон забон дар услубҳои гуногуни нутқ ҳар хел истифода шавад. Масалан, истилоҳи gentleman / man / chap; thrifty / аз рӯйи диалектҳои дигари забони англисӣ аз ҳам ба куллӣ фарқ доранд. Ба ин фикр калимаҳои cowshed / cowhouse; haystack / hayrick; tap/faucet; windshield / windscreen ҳаммаъногӣ доранд. Синонимҳо аз рӯйи ҷойи истифодашавиашон низ тафовут доранд. Масалан stop shouting please вале дар ҳолати эҳсосоти баланд ҳаммаънои он shut up мавриди истифода қарор дода мешавад. Ин гуна синонимҳоро эҳсосотӣ меноманд. Дар муқоиса бо калимаҳои big,

large, very big, ҳаммаъноҳои enormous, huge, grandious сифатҳое мебошанд, ки на танҳо ҷамъу андозаро, балки эҳсосро ифода мекунанд. Дар мисоли дигар синонимҳои small — little — tiny —эҳсосӣ буда, wee (girl) на танҳо андоза балки обуранги ҳиссиётро низ ифода мекунад, инчунин аз рӯйи аломати услубиашон ба диалекти Шотландӣ тааллуқ доранд. Ба ҳамин намуд калимаҳои ором, осуда, сокит, хомӯш, ки сифат мебошанд, дар тарҷумаи англисӣ calm, quiet, peaceful, silent, mute ва сифатҳои зебо, хубчеҳра, моҳрӯ, гулрӯй, хушсимо, хушрӯй, соҳибҷамол, нозанин бо синонимҳои англисии beautiful, pretty, lovely, handsome, attractive, elegant splendid, gorgeous, pleasing, graceful, nice, goodly, fair маъноҳои якхеларо дороанд.

Мақсади ман аз ин гапҳо аз қарзҳо ҳисоб додан, ё ин ки дили туро сиёҳ кардан набуд, балки мақсади ман ин аст, ки агарчи гоҳе дар кори рӯзгор тангӣ кашӣ, аз бозор гӯшт нахарем, ё ин ки кам харем, хафа нашав. Бояд чанд вақт – то сабук кардани қарзҳо ба **обу явғони** хона ва ба **ширу ҷурғоти** гов қаноат кунем [5, с.15].

А Д А Б И Ё Т

1. Ахманова О.С. Словарь лингвистических терминов / О.С. Ахманова // Советская энциклопедия. – М., 1966. – 606 с.
2. Айнӣ С. Ёддоштҳо (чаҳор қисм) Иборат аз як китоб / С.Айнӣ. - Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик, 2009. - 680 с.
3. Айни С. Бухара. (Воспоминания) В 2-х кн. / С. Айни; пер. с тадж. С.Бородина: отв. ред. и авт. предис. К.С.Айни: Кн. 1. – Душанбе: Ирфон, 1980. – 260 с.
4. Айнӣ С. Муродифоти ҷуфткорбурд дар повести «Одина» / С. Айнӣ, С. Аминов. - Душанбе, 1998. – 56 с.
5. Апресяна Ю. Англо-русский синонимический словар Текст / Ю.Апресяна, А.И. Розенмана. – М.: Русский язык, 1979. – 507 с.
6. Arbekova T.L. Lexicology of English Language: textbook for II-IIIcourses inst.And fac.of foreign lang / T.L. Arbekova. - M.Higher school publ., 1977. – 240 p.
7. Bebee J.A Study of the Relation between Meening and Form. Morphologe / J.A. Bebee. – Amsterdam, Philadelfia: John Benjamins, 1985. – 511 p.
8. Ёралиева Н. Ғановати сухани Ф Гургонӣ / Н. Ёралиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2017. - №4/5.
9. Шерозӣ, С. Гулистон / С. Шерозӣ. – Душанбе: ДДОТ, 2015.
10. Мамадназаров А. Луғат: «Фарханги англисӣ-тоҷикӣ» / А.Мамадназаров. – Душанбе, 2010. – 165 с.
11. Муҳаммадиев М. Луғати синонимҳои забони тоҷикӣ / М.Муҳаммадиев. – Душанбе, 1999. – 125 с.
12. Щерба Л.В. Языковая система и речи деятельности Текст / Л.В. Щерба. - Науеа, 1974. – 428 с.

ХУСУСИЯТҲОИ СИНОНИМҲОИ УСЛУБӢ ВА ҶУФТ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Дар мақолаи мазкур истифодаи калимаҳои ҳаммаънои ҷуфт ва услубӣ дар забонҳои гуногун таҳқиқ гардидааст. Мақсади истифодаи калимаҳои ҳаммаъно, ки аз рӯйи мафҳум ва мазмун яканд, асосан ҳам дар назм ва ҳам дар наср барои кушода додани моҳияти фикр ва ҷилои забонӣ додани он мебошад. Синонимҳо ифодакунандаи ҳаммаъноии калимаҳо ва истилоҳҳо мебошанд. Ин намуди калимаҳо ҷой, мақом, хусусиятҳои забонӣ, услуб ва усулҳои истифодаи худро доранд. Ҳар гуна забон ба шарофати калимаҳои ҳаммаъно ва муқобилмаъно ғанӣ мебошад. Намудҳои гуногуни калимаҳои ҳаммаъно вучуд доранд, вале мақсад аз мураттаб гардонидани ин мавод таваҷҷуҳи беш аз назари илмӣ ба синонимҳои ҷуфт ва услубӣ мебошад. Дар малакатҳои хориҷ мафҳуму мазмуни истилоҳҳои ҳаммаъно дарки кулл дорад, яъне луғатҳои синонимии англисӣ, олмонӣ, фаронсавӣ, ки гаштаю баргашта ғанитар ва пурратар шуда нашр мегарданд, дар баробари адабиётҳои бонуфуз ҷойи худро соҳиб шудаанд. Омӯзиши синонимҳо дар мамолики Амрико ва Аврупо ҳамчун фанни муҳим ва ҷудогонаи таълимӣ ба барномаи таълими забони модарӣ дар макотиби миёнаю олӣ ворид гардидааст. Чунки ғановати ҳар як забонро бояд дар ҳамбастагӣ бо ғановати синонимҳо ба осонӣ дарк кард. Адабиёти классикӣ сарчашмаи асосии истилоҳҳо ва ибораҳои ҳаммаъно ва муқобилмаъно мебошад. Истифодаи чунин мисраъҳои беназирро аз эҷодиёти бузургони сухан, дар масалҳо ва панду андарзҳо, зарбулмасалҳою насиҳатҳои С. Шерозӣ, У. Хайём, А. Ҷомӣ, Ф. Гургонӣ ва мутафаккирони суханвар меомӯзем ва баҳри тарбияи насли оянда мавриди истифода қарор медиҳем.

Калидвожаҳо: хусусият, синонимҳои ҷуфт ва эсосотӣ, услуб, забон, мақсад, ҳаммаъно, мафҳум, маънидод, фикр, обуранг, забони адабӣ, мақом, усули истифода, муқобилмаъно, фанни алоҳида, забони англисӣ, олмонӣ, фаронсавӣ, нашр, чоп, луғат, бонуфуз, муқоиса, душвор, шир, ҷурғот, зебо, хубчеҳра, моҳрӯ, гулрӯй, хушсимо, хушрӯй, соҳибҷамол, нозанин, тавон.

ОСОБЕННОСТИ ПАРНЫХ И ЭМОТИВНЫХ СИНОНИМОВ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

В данной статье рассматриваются особенности парных и эмотивных синонимов в разных языках. Целью употребления синонимов, слов, выражающих одинаковые значения в поэзии или прозе, является расширение

лексического объёма слова с эмоциональной и декоративной точек зрения. Эти слова имеют свой статус, стилистические особенности употребления. Все языки обобщены, благодаря синонимам, и целью данной статьи является определение роли парных и стилистических синонимов с научной точки зрения. В Европейских странах и Америке синонимы как отдельный предмет включены в языковую школьную программу. Словари синонимов по английскому, немецкому, французскому и многим другим языкам, публикуются и издаются наравне с другими научными, престижными литературными языками. Некоторые примеры из классических произведений приведены в качестве сравнения на разных языках. Русские и таджикские языковеды А.А. Потебня и М. Мухаммадиев в своих работах впервые рассмотрели структурные особенности исследуемых сочетаний. Им описаны такие парные синонимы, как bread–salt -хлеб-соль, way –road –роҳ –паїраҳа-путь и дорога, дуруѓ -пуруѓ -фиреб- миреб, род-племя, пыль-туман, отец-мать, князья-бояре, калина-малина, клен-дерево. Особенности парных синонимов проявляются при передаче с одного языка на другой, но чаще с одной культуры на другую. Сохранение национального колорита художественного произведения, и сказки особенно, является необходимым условием при передаче английских произведений на таджикский язык. Или наоборот. Автор излагает свои мысли, следуя законам речевого строя на своем родном языке, оперируя присутствующими в его сознании и памяти представлениями и ассоциациями о различных явлениях жизни и окружающей действительности в употреблении парных синонимов в произведениях. В этой статье говорится об удвоении, объединении двух понятий в подобных сочетаниях, которые создают новое значение. Приведенные примеры наглядно демонстрируют различие в семантической нагрузке парных синонимов в таджикском и английском языках, так как парные двух и трехкомпонентные словосочетания таджикского языка отличаются широким употреблением и функциональностью, тогда как парные синонимы английского языка чаще проявляют себя в дуплетных и дефисных конструкциях, выражая при этом близкое по валентности значение.

Ключевые слова: стилистические синонимы, языки, наречение, определение, мысль, декорация, литературный язык, статус, стиль работы, английский, худая и плохая, бузина отвратительная, гнилая и увядшая, орел, сокол, горек, желчь, начало, привлекательна, опечалиться, омраченный, дурной, нрав, бесстыдство, радость и веселье, изменчивы, непостоянны, сладкое, бессмертие.

PECULIARITIES OF PAIRED AND EMOTIVE SYNONYMS IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

In the same article is considered, the problem of peculiarity of pair and emotive stylistic synonyms in the different languages. The goal of use of the synonyms, words of the same content and meaning are used for the definition and explanaition of thought and decoration of the literlary languages. These words have their status, peculiarity of languages, style and ways of use. Every language thank to the use of synonyms and opposites have been enriched. The use of these different types of synonyms in the article is to In the same article is considered, the problem of peculiarity of pair and emotive stylistic synonyms in the different languages. The goal of use of the synonyms, words of the same content and meaning are used for the definition and explanaition of thought and decoration of the literlary languages. These words have their status, peculiarity of languages, style and ways of use. The goal of use of the synonyms, words of the same content and meaning are used for the definition and explanaition of thought and decoration of the literlary languages.In European countries and in America the use of synonyms are included in the school language program as a definite subject .Dictionaries of synonyms in English ,German, French languages are edited and published equally with other scientific and prestigious languages. Some examples from different sources are presented as comparison in the article.These words have their status, peculiarity of languages, style and ways of use. Every language thank to the use of synonyms and opposites have been enriched. The synonyms in the literary works especially in the classical poems are used widely. Synonims are a number of vocabularies having the same content , which can replase each other in the use there is no difference in the structure, nature of synononims , which can be nouns , verbs, adjectives, adverbs and so on .There are a group of synonyms in British and American English.

Key words: same article, considered, peculiarity, pair and emotive, stylistic synonyms, languages, goal, same content, meaning, definition, thought, and decoration, literlary languages, status, style and ways, opposites enriched, language program, definite subject, dictionaries, English, German, French languages, edited, published, equally, scientific, straight, forthwith, prestigious languages, sources, presented, comparison, hunger, rage.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Имомова Мавлуда Назаровна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи умумидонишгоҳии забони англисӣ. Суроғa: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17. E-mail: imomovam@list.ru. Тел.: (+992) 907-54-61-34

Сведения об авторе: ***Имомова Мавлуда Назаровна*** – Таджикский национальный университет, старший преподаватель общеуниверситетской кафедры английского языка. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. E-mail: **imomovam@list.ru.** Тел.: **(+992) 907-54-61-34**

Information about the author: ***Imomova Mavluda Nazarovna*** - Tajik National University, Senior lecturer of the general-advanced business department of English. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki, Ave., 17. E-mail: **imomovam@list.ru.** Tel.: **(+992) 907-54-61-34**

УДК: 4и (07)

МАҚОМИ «Ӣ»-И ДАРОЗ ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА ТАЪСИРИ ОН БА КАЛИМАҲОИ ИҚТИБОСӢ

Камолов Ф.А., Усмонова Ш.Х.
Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

Башарият дар таърихи худ байни ҳамдигар бисёр робитаҳо доштааст. Робитаҳои инсониятро дар масъалаҳои сиёсӣ, ҳарбӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, илмӣ, сайёҳӣ ва ғайра дидан мумкин аст. Робитаҳои инсоният боиси таъсири фарҳангу адабиёт ва забони халқиятҳо ба ҳамдигар шудаанд. Забони тоҷикӣ тӯли таърих ба воситаи таъсири муносибатҳои тоҷикон бо халқиятҳои гуногуни дунё, аз ҷумла арабҳо, туркҳо, русҳо ва дигарон рушду такомул ёфтааст. Таъсири забонҳо бештар бо тариқи иқтибос гирифтан ва татбиқ гардонидани қоидаҳои наҳву сарф ба амал омадааст. Аҷиб он аст, ки робитаҳои ду, се ва ё зиёда забонҳоро дар як забон низ дидан мумкин аст, зеро гоҳо калимаҳои забонҳои содиркунанда (донор) ба воситаи забони дигар ба хазинаи луғавии забони савум таъсир гузошта, онро ғанӣ мегардонад.

Дар забони тоҷикӣ бисёр калимаҳоро мушоҳида менамоем, ки онҳо аз забони англисӣ ба тариқи забони русӣ вориди хазинаи луғавӣ шудаанд. Чунин вожаҳо ифодакунандаи масоили мухталиф мебошанд. Калимаҳои милитсия, иерархия, система, император, трактор, коммунист, публитсистика, лаборатория, журналист, редаксия, дотсент, технология, идеалист, субъект, компютер ва ғайра аз ин қабил мебошанд.

Дар забони тоҷикӣ бисёр калимаҳоро вохӯрдан мумкин аст, ки дар онҳо баъзе аз ҷузъиёти қоидаҳои наҳв, сарф ва фонетикии забони дигар татбиқ шуда, шакли қоидаи тоҷикии нав пайдо карда, аз асли худ дур мондаанд. Масалан, калимаи “система” аз забони англисӣ (system) ба тариқи забони русӣ вориди хазинаи луғавӣ шудааст. Агар мо калимаи мазкурро ба тариқи сифат истифода кунем, он вақт он «системавӣ» мешавад, яъне дар ин ҷо вожаи «система» бо «ӣ»–и дароз пайваст шудааст, лекин ба хотири он ки садоноки «а» бо садоноки «и» рӯбарӯ шудаанд, ҳамсадои «в» дар байни ду садонок корбурд гардидааст. Агар ба таври амиқ таҳлил намоем, чунин қоида аз забони арабӣ гирифта шудааст, зеро дар он қоидаи наҳви «исми мансуб» мавҷуд аст, ки дар ду ҳолат вориди забони тоҷикӣ шудааст:

1) барои нишон додани тааллуқ доштани ягон исм ба ягон давлат, миллат, макон, гурӯҳ, қавм ва ё ҳолат истифода мегардад, он ба тариқи пайваст кардани "يّ"– «йй» – и ташдиддор ба амал меояд. Масалан, ба калимаи "وطن"– «ватан» «йй»-и нисбӣ ё худ мансубро ҳамроҳ кунем "وطنيّ"– «ватанӣ» мешавад, ки маънии мансуб будан ба ватан, "فارس"– «форс» – "فارسيّ"– «форсӣ» ба Форс тааллуқ доштан, "عرب"– «араб» – "عربيّ" – «арабӣ» мансуб будан ба араб, "هند"– «ҳинд "هنديّ" – «ҳиндӣ» – мансуб будан ба Ҳиндустон ва ғайра аст;

2) дар забони арабӣ агар калима бо садонок ба охир расад, ҳангоми пайваст намудани «й»-и ташдиддор ҳамсадои вов – «в» ба кор гирифта мешавад, масалан: вожаҳои "سما"– «само» (осмон) – “ سماويّ"– «самовӣ» (осмонӣ), "كميا"– «кимиё» – "كمياويّ"– «кимиёвӣ» ва ғайра. Калимаҳои арабие, ки бо «то»-и марбута тамом мешаванд, қабл аз «то»-и марбута садоноки дароз ояд, ҳангоми ҳамроҳ кардани «й»-и ташдиддори фатҳадор (йа) ҳамсадои «в» оварда мешавад. Масалан, дар вожаи «назария», ки пеш аз «то»-и марбута ҳарфи «й» навишта шудааст, «й»-и ташдиддори мансубро пайваст кунем, «назариявӣ» мешавад. Дар ин ҷо ҳарфи «т» афтида, байни ду ҳарфи садонок ҳамсадои «вов» дохил карда шудааст. Ин қоидаи забони арабӣ айнан дар забони тоҷикӣ татбиқ шудааст. «Й»-и ташдиддори мансуби арабӣ на танҳо дар вожаҳои иқтибосии арабӣ, балки дар калимаҳои тоҷикии аслӣ ва иқтибосшуда, аз ҷумла вожаҳои англисӣ ва русӣ низ истифода бурда мешавад.

Калимаҳое, ки бо садоноки «а» тамом мешаванд, ҳангоми ҳамроҳ кардани «ӣ»-и дароз ҳамсадои «г» байни ду садонокҳо гузошта мешавад, масалан: «мардона» -

«мардонагӣ», «ресанда» - «ресандагӣ», «рональда» - «рональдагӣ» ва ғайра. Истифодаи ҳамсадои «г» байни ду садонок аз он далолат мекунад, ки забони тоҷикӣ қоидаи исми мансубро ба худ қабул карда, ба он навигариро дохил кардааст, ки хусусияти забони тоҷикиро нишон медиҳад.

Барои ифода намудани мутааллиқ будани исм ба давлат, миллат, макон, гурӯҳ, ҳолат ва ё шакл «ӣ»-и дароз истифода мешавад. Масалан, дар вожаи «Тоҷикистон» номи давлат ҳамчун исм меояд. Агар ба он «ӣ»-и дарозро ҳамроҳ кунем, «тоҷикистонӣ» мешавад. Вожаи «тоҷикистонӣ» маънои тааллуқ доштан ба Тоҷикистонро ифода мекунад. Калимаи «ирфон» дар илми тасаввуф маънии худшиносиву худошиносиро ифода мекунад. Агар “ӣ”-и дарозро ба ин калима ҳамроҳ намоем, «ирфонӣ» мешавад, ки маъноиш мансуб будан ба равияи тасаввуф аст. Агар ба калимаи «англис» ҳарфи «ӣ»-и дарозро ҳамроҳ кунем, «англисӣ» мешавад, ки маъноиш ба халқи англисзабон мутааллиқ буданро баён мекунад. Бухороӣ тааллуқ доштан ба Бухоро, гурҷӣ тааллуқ доштан ба Гурҷистон, шерозӣ мутааллиқ будан ба Шероз, ганҷавӣ ба Ганҷа мансубият доштан ва ҳоказоро ифода менамоянд. Чӣ тавре, ки пай бурдем, вожаи «ганҷа» ба забони арабӣ тааллуқ надорад, аммо қоидаи ҳамроҳ кардани «вов» татбиқ шудааст, ки байни садонокҳои «а»-и дароз (дар забони тоҷикӣ «о») ва «и» ҳамсадои «в» оварда шудааст.

«Ӣ»-и дароз дар забони тоҷикӣ сермаҳсул мебошад, ки он аз хусусияти ин забон далолат мекунад. Хусусияти забони тоҷикиро бо ду далел дида метавонем:

1) «ӣ»-и дароз чун қоидаи фонетикӣ;

2) «ӣ»-и дароз чун суффикс

I. **«Ӣ»-и дароз чун суффикси исмсоз аз исм**

Сохтани исм аз исм бо воситаи суффикси –ӣ таъинот ва мансубиятро ифода мекунад: шоҳӣ, сӯзанӣ ва ғайра [4, с.146].

Сохтани исмҳои абстракт бо суффикси –ӣ

«Ӣ»-и дароз чун суффикси исмсози исми абстракт барои ифодаи муносибат ва синну сол истифода мешавад, масалан: бародарӣ, дӯстӣ, душманӣ, хурдӣ, кӯдакӣ, пирӣ, ҷавонӣ ва ғайра.

Сохтани исмҳои мураккаби абстракт бо суффикси –ӣ

Мувофиқи маълумоти китоби забони адабии ҳозираи тоҷик «агар ҷузъи асосии калима исми абстракт бошад, калимаи мураккаб ҳамчун исми абстракт воқеъ мегардад, қатъи назар аз он ки ҷузъи тобеъ предмети конкретро мефаҳмонад ва ё ғайриконкретро», масалан «бодбаракбозӣ», «чиллакбозӣ», «оббозӣ» [4, с.167].

Сохтани исми мураккаб бо тариқи «ӣ»-и дароз низ ба амал меояд, аз ҷумла дар вожаи «сарборӣ» суффикси –ӣ истифода шудааст.

II. **Исмҳои абстракт бо «ӣ»-и дароз**

Бисёр вожаҳои мураккаб, ки аз ду калима ҳамчун исм сохта шудаанд, ҳангоми ҳамроҳ кардани «ӣ»-и дароз чун суффикс исми абстракт мешаванд, масалан: вожаҳои ҷонибдор – ҷонибдорӣ; фолклоршинос – фолклоршиносӣ, давлатдор – давлатдорӣ, ҳукмрон – ҳукмронӣ, идоракунанда – идоракунӣ ва ғайра.

Дар ин навъ калимаҳо робитаи забони арабӣ бо забони тоҷикӣ бештар дида мешавад, яъне як қисми калима дар асл арабӣ ва қисми дигар аз забони тоҷикӣ гирифта шудааст, ки вожаи «ҷонибдор» аз калимаи арабии «ҷониб» ва аз феъли тоҷикии «доштан» сохта шудааст ва илова намудани «ӣ»-и дароз робитаи забони тоҷикиро бо забони арабӣ дучанд карда, шакли нав пайдо намудааст. Чунин калима дар забони арабӣ ҳеҷ гоҳ дида намешавад ва он хосси забони тоҷикӣ шудааст. Вожаи «ҳукмрон» аз калимаҳои «ҳукм»-и арабӣ ва феъли «рондан»-и тоҷикӣ сохта шуда, «ӣ»-и дароз ба он маънии нав бахшидааст. Вожаи «ҳукмрон» исм бошад, «ҳукмронӣ» сифати феълӣ шудааст.

Агар мо ба вожаи «ҳукмронӣ» феъли кардан ё намуданро мувофиқи қоидаҳои замонҳои гуногун оварем, феъл мегардад. Масалан, «Ҳизби Коммунист тӯли 70 сол ҳукмронӣ кард», ё худ «Хонаводаи сулолаи Сосониён зиёда аз панҷ аср ҳукмронӣ намуд».

III. **«Ӣ»-и дароз чун суффикси исмсоз аз сифат**

«Ӣ»-и дароз барои сохтани исм бо тағйир додани сифат истифода карда мешавад. Масалан, калимаҳои «камхун», «баланд», «дароз», «сурх», «хурд» ва ғайра, ки сифат мебошанд, бо ҳамроҳ кардани «ӣ»-и дароз ба исм мубаддал мешаванд. Масалан, камхун – сифат, камхунӣ – исм; баланд – сифат, баландӣ – исм; зебо – сифат, зебоӣ – исм; сурх – сифат, сурхӣ – исм. Масалан: Ман ӯро аз баландӣ дидам. Камхунӣ ба инсон хатар дорад.

Сохтани исм аз сифат бо суффикси –чӣ

Суффикси –чӣ аз сифат исми абстракт месозад ба монанди «дурӯғчӣ», «аълочӣ», «воҳимачӣ» [4, с.138].

Сохтани исм аз исм бо суффикси –чӣ

Сохтани исм аз исм бо воситаи суффикси –чӣ барои ифодаи касбу ҳунар, ихтисос ва шуғл ба монанди «карнайчӣ», «иқтисодчӣ», «тракторчӣ», «адабиётчӣ», «ҳашарчӣ», «ёрдамчӣ», «маърӯзачӣ» ва аз рӯйи қобилият, хислати кирдор, пайравӣ ба мисли «ташкилотчӣ», «туҳматчӣ», «республикачӣ», «инқилобчӣ» ва ғайра омадааст [4, с.138].

Сохтани исми абстракт бо суффикси –гӣ

Аз сифатҳои феълӣ ва сифатҳои феълии исмшуда ба воситаи суффикси **–гӣ** исми абстракт сохта мешавад ба монанди дилшикаста – дилшикастагӣ, ресанда – ресандагӣ, нависанда – нависандагӣ ва ғайра.

Сохтани исми абстракт бо суффикси –гарӣ

«Суффикси –гарӣ сермаҳсул буда, асосан барои сохтани имсҳои абстракт хизмат мекунад. Бо суффикси -гарӣ хосияти доимӣ ва давомнокию такроршавии амалу ҳолат низ ифода меёбад: одамигарӣ, сахтигарӣ, софигарӣ, сипоҳигарӣ, мардигарӣ, калонигарӣ, истодагарӣ, зӯригарӣ, босмачигарӣ, боигарӣ, ваҳшигарӣ, боронгарӣ ва ғайра» (4, с.154).

IV. **«Ӣ»-и дароз чун суффикси исмсоз аз феъл**

«Ӣ»-и дароз барои сохтани исми абстракт аз феъл чун суффикс хизмат мекунад: ҳаст – феъл, ҳастӣ – исми абстракт, нест – феъл, нестӣ – исми абстракт ва ҳоказо.

Сохтани исмҳои абстракт аз таркибёфтаи исм ва феъл бо суффикси –ӣ

Исми абстракт бо ёрии «ӣ»-и дароз, ки суффикс аст, бо калимаҳои таркибашон исм ва замони ҳозираи феъл сохта мешавад: шабнишинӣ, дорусозӣ, зӯроварӣ ва ғайра.

V. **«Ӣ»-и дароз чун суффикси сифатсоз аз исм**

Вожаҳое, ки дар асл исм ҳастанд, бо овардани «ӣ»-и дароз сифат мешаванд, масалан: идеалист – исм, идеалистӣ – сифат; публитсист – исм, публитсистӣ – сифат; бозор – исм, бозорӣ – сифат; танҳо – исм, танҳоӣ – сифат; кӯҳ – исм, кӯҳӣ – сифат; андарз – исм, андарзӣ – сифат ва ҳоказо.

Масалан: Тоҷикистон кишвари кӯҳӣ аст. Танҳоӣ инсонро ба хаёл кардан водор мекунад.

«Баъзе исмҳо хусусият ва ё хислатро ифода намуда, маҷозан ба сифат мегузаранд. Дар чунин маврид аз онҳо бо суффикси –ӣ исми абстракт сохта мешавад» [4, с.152]. Масалан: мард – исм, мардӣ – маҷозан сифат.

VI. **«Ӣ»-и дароз барои ифодаи феълҳо**

«Ӣ»-и дароз барои ифодаи шахси дуюми феълҳо дар замони гузашта
ба мисли хондӣ, рафтӣ, омадӣ ва ғайра, дар замони ҳозира-оянда ба монанди мебошӣ, мехонӣ, меравӣ, мепурсӣ ва ҳоказо, дар шакли ҳикоягии шахси савум дар осори асрҳои миёна ба монанди рафтандӣ, пурсидандӣ, омадандӣ ва ғайра истифода мешавад.

VII. **«Ӣ»-и дароз барои ифодаи ҷонишинҳо**

Ҷонишини саволии кӣ ва чӣ, ҷонишини таркибии ҳар кӣ ва ҳар чӣ, ҷонишини номуайянии ким-кӣ, ким-чӣ бо воситаи «ӣ»-и дароз ифода меёбанд.

VIII. **«Ӣ»-и дароз барои ифодаи қоидаи фонетикӣ**

Дар вожаҳои гетӣ, муфтӣ, қозӣ, Лайлӣ, Хелсинкӣ, чӣ, мусиқӣ ва ғайра танҳо қоидаи фонетикии талаффузи ду «и» ба инобат гирифта шудааст, зеро ин қабил вожаҳо дар асл чунин талаффуз доранд.

Бояд қайд кард, ки калимаи мусиқӣ аз вожаи арабии "موسيقي"– «муусииқаа» гирифта шудааст, дар охир ҳарфи «й» навишта мешавад, аммо ҳамчун «и» талаффуз карда намешавад. Ин калима ҳангоми иқтибос шудан шакли навиштро гум накарда, мавриди

талаффуз низ қарор гирифтааст, яъне дар забони арабӣ ҳарфи «й» дар як гурӯҳ калимаҳо ҳамчун алифи мақсура, яъне «а» талаффуз карда мешавад.

Дар ҳолати панҷуми истифодабарии «ӣ»-и дароз чунин дида мешавад, ки як гурӯҳ калимаҳо дар асли худ «ӣ»-и дароз доранд ва зарурати талаффуз карданро пайдо намудаанд, зеро дар чаҳор ҳолати қаблӣ «ӣ»-и дароз барои ифодаи маънои мансубият, сифати феълӣ, сохтани сифат аз исм ва сохтани исм аз сифат бо тағйир додани маънии аввал ба кор бурда мешавад.

Қоидаҳои ҳолатҳои истифодабарии «ӣ»-и дароз дар калимаҳои иқтибосшудаи хоричӣ низ ба таври васеъ мавриди корбурд қарор мегиранд. Масалан, вожаҳои «positive (позитив)», «subject (субъект)», «idealist (идеалист)», «capitalism (капитализм)», «socialism (сотсиализм)», «collective (коллектив)», «imperator (император)», «system (система)», «docent (дотсент)», «publicist (публитсист)», «miniature (миниатура)», «communist (коммунист)», «journalist (журналист)» ва ғайра ба забони тоҷикӣ ворид шудаанд. Аммо ин калимаҳо бо ҳамроҳ кардани «ӣ»-и дароз вожаҳои нав ба вуҷуд оварданд, зеро чунин калимаҳо бо ҳамроҳ кардани «ӣ»-и дароз ба тағйирот рӯбарӯ гаштанд. Масалан, калимаи англисии «positive» дар забони русӣ «позитивный» мебошад ва дар забони тоҷикӣ ба таври калка «позитивӣ» шудааст, ҳол он ки асли калимаи «позитив»-и забони англисӣ маънои «позитивӣ»-ро ифода мекунад. «Калка калимаҳои забонҳои бегона дар шакли калкаҳои нопурра қисман тарҷума шудаанд: **мошинасозӣ** (рус. машинастроение), **саринженер** (рус.: главный инжинер). Калкаҳои сохта ҳамчун нусхаҳои аслии онҳо аз решаҳою вандҳои калимасоз таркиб ёфтаанд. Дар чунин калкаҳо маъмулан ҳиссаи маънодор ба решаи нусхаи асл баробар буда, пасванди калимасози он тоҷикист: **бетончӣ** (рус. тракторист), **туманот** (рус. туманность)» [12, с.166].

Дар ин ҷо калимаи англисии «positive» ба забони русӣ чун калка «позитивный» тарҷума мешавад ва он ба забони тоҷикӣ тариқи калкашавӣ ҳамчун «позитивӣ» ворид мегардад. Дар ин ҷо тағйирот ба калимаи англисӣ ворид шуда, хусусияти қоидаи забони тоҷикиро қабул намудааст.

Вожаи «полиграфия» ҳамчун исм дар забони англисӣ “poligraphy” (полиграфӣ), дар забони русӣ «полиграфия» ва дар забони тоҷикӣ «полиграфия» қабул шудааст. Дар ҳолати сифат шудан вожаи мазкур дар забони англисӣ ҳамчун “poligraphic” (полиграфик), дар забони русӣ «полиграфический» ва дар забони тоҷикӣ бо ёрии «ӣ»-и дароз «полиграфӣ» мешавад. Дар вожаи «полиграфӣ» робитаҳои забонҳои англисӣ, русӣ, тоҷикӣ ва арабиро мебинем, зеро забони тоҷикӣ ин вожаро аз забони англисӣ ба таври мустақим қабул накарда, онро ба воситаи забони русӣ вориди хазинаи луғавӣ гардонд. Агар ин калима ба таври мустақим аз забони англисӣ ворид мегардид, он вақт калимаи «полиграфӣ»-и забони англисӣ ҳамчун сифат истифода нашуда, балки чун исм мавриди корбурд қарор мегирифт ва «ӣ»-и дароз барои ифодаи қоидаи фонетика истифода мегардид. Аммо, дар ин ҷо калимаи мазкур бо ҳамроҳ кардани «ӣ»-и дароз барои ифодаи сифат мавриди корбарӣ қарор гирифтааст.

Вожаи «минётура» аз забони лотинӣ тариқи забони русӣ вориди хазинаи луғавии забони тоҷикӣ шудааст. Аз ин калима вожаи нави «минётуранигор» пайдо шудааст, ки он бо ёрии феъли «нигоштан» ҳамчун исм истифода мешавад. Калимаи дигаре, ки бо ҳамроҳ намудани «ӣ»-и дароз ба калимаи сохтаи «минётуранигор» ба вуҷуд омадааст, «минётуранигорӣ» мебошад. Ин вожа ҳамчун сифати феълӣ мавриди корбурд қарор гирифтааст. Чунин калимаҳо дар забони тоҷикӣ бисёранд, лекин бо мисолҳои мазкур қаноат мекунем.

Ҳамин тариқ, «Й»-и дароз ду ҳолати таърихӣ-сарчашмавӣ дорад. Зеро дар забони тоҷикӣ калимаҳое ҳастанд, ки онҳо аз забони паҳлавӣ ба мо гузаштаанд, ба монанди вожаи «гетӣ» ва мо дар ин калимаҳо мавҷудияти «ӣ»-и дарозро дар забони тоҷикӣ барои ифодаи қоидаи фонетикӣ мушоҳида мекунем. Илова бар ин, «ӣ»-и дароз дар сохтани исм

аз сифат, сохтани сифат аз исм ва сохтани сифати феълӣ ба воситаи ду «й» ва ё «ӣ»-и дароз, ки дар забони арабӣ вуҷуд надорад, хосси забони тоҷикӣ мебошад.

Ҳолати дигар бошад он аст, ки «ӣ»-и дароз аз қоидаи наҳви исми мансуби забони арабӣ гирифта, бо ҳамроҳ кардани махсусияти забони тоҷикӣ чун сифати нисбӣ дар забони тоҷикӣ татбиқ шудааст. Далели гирифта шудани «ӣ»-и дароз аз қоиди наҳви исми мансуби забони арабӣ дар ду ҳолат ба назар мерасад:

а) ифода кардани «ӣ»-и дароз маънии мансуб будан ба ягон давлат, миллат, макон, гурӯҳ, ҳолат ва ё шакл;

б) гирифтани ҳамсадои «в» ва «г» дар байни ду садонок.

«Ӣ»-и дароз дар забони тоҷикӣ хеле сермаҳсул мебошад. Сермаҳсулии «ӣ»-и дароз дар якчанд ҳолат дар забони тоҷикӣ дида мешавад. «Ӣ»-и дароз чун суффикс ва садоноки дароз дар калимаҳо бисёр ба назар мерасад. «Ӣ»-и дароз чун суффикси исмсоз, сифатсоз ва барои тасрифи феълҳо дар шахси дувум ва шакли ҳикоягӣ истифода мешавад.

«Ӣ»-и дароз сабаб мешавад, ки якчанд забон метавонад дар калимаҳои иқтибосӣ робита дошта бошад, ки мо шоҳиди робитаи забонҳои англисӣ, лотинӣ, русӣ ва арабӣ дар забони тоҷикӣ шудем.

Воқеан, масъалаи робитаи забонҳо дар иқтибосҳо, аз ҷумла бо истифодаи «ӣ»-и дароз дар илми забоншиносӣ кори илмии доманадорро таҳозо мекунад.

А Д А Б И Ё Т

1. Арзуманов, С. Забони тоҷикӣ. Китоби дарсӣ / С. Арзуманов, А. Сангинов. – Душанбе: Маориф, 1988. - 416 с.
2. Балъамӣ, Абӯалӣ Муҳаммад ибни Муҳаммад. Таърихи Табарӣ; бо муқаддима ва тавзеҳоти Муҳаммадҷон Умаров ва Файзулло Бобоев. – Хуҷанд, 2001. - Ҷ.1. – 817 с.
3. Бобомуродов, Ш. Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ / Ш. Бобомуродов, З. Мухторов. – Душанбе, 2016. – 428 с.
4. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Китоби дарсӣ / зери таҳрири Рустамов Ш. - Душанбе: Ирфон, 1973. - Қ.I. - 452 с.
5. Қӯзиева, Н.М. Таҳлили муқоисавии категорияҳои грамматикии исм дар забонҳои арабӣ ва тоҷикӣ: диссер. ном. илмҳои филологӣ: 10.02.20 / Н.М. Қӯзиева. – Хуҷанд, 2019.
6. Мухторов З. Таърихи забони тоҷикӣ / З.Мухторов. – Душанбе: Ҳумо, 2003. – 152 с.
7. Ҳалимов С. Таърихи забони адабии тоҷикӣ (асри X) / С. Ҳалимов. – Душанбе: УДТ, 1978. – 213 с.
8. Расулова, Г.Н. Семантико-грамматическая характеристика глагола в таджикском и английском языках: дис. …канд. филол. наук: 10.02.20 / Г.Н. Расулова. – Хуҷанд, 2016. – 181 с.
9. Редькин, О.И. Грамматика арабского языка. Китоби дарсӣ / О.И. Редькин, О.А. Берникова. – Санкт-Петербург: Президентская библиотека, 2015. - 220 с.
10. Рустамов Ш. Калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик. Китоби дарсӣ / Ш. Рустамов. – Душанбе: Дониш, 1972. – 78 с.
11. Саломов, А.Дж. Адаптация арабских заимствований в таджикском языке: автор. дис. …канд. филол. наук: 10.02.20 / А.Дж. Саломов. – Душанбе, 2010.
12. Суперанская А.В. Структура имени собственного. Фонология и морфология / А.В. Суперанская. – М.: Наука, 1969. – 207 с.
13. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Иборат аз ду ҷилд. – М.: СЭ, 1969. – Ҷ.1. – 952 с.; - Ҷ.2. – 948 с.

МАҚОМИ «Ӣ»-И ДАРОЗ ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА ТАЪСИРИ ОН БА КАЛИМАҲОИ ИҚТИБОСӢ

Мақола оид ба мақоми “ӣ”-и дароз дар забони тоҷикӣ ва таъсири он ба калимаҳои иқтибосии забонҳои хориҷӣ баҳс мекунад. Дар забони тоҷикӣ “ӣ”-и дароз хеле сермаҳсул мебошад ва он дар забони тоҷикӣ чун ифодакунандаи овози фонетикӣ ва суффикс истифода мешавад. Суффикси –ӣ (ва –чӣ, –гӣ –гарӣ) барои сохтани исмҳои оддӣ, мураккаб ва таркибӣ, сифат ва дар тасрифи феъл корбурд карда мешавад. “Ӣ”-и дароз ду сарчашма дорад. Сарчашмаи якум забони форсии то давраи қабули ислом, ки аз он забони тоҷикӣ-дарӣ ба миён омадааст. Калимаҳое ҳастанд, ки хосси забони тоҷикӣ мебошанд ва онҳо аз қадим “ӣ”-и дарозро дар худ доштанд. Илова бар ин, суффиксҳои –ӣ, –чӣ, –гӣ ва –гарӣ хосси қоидаи грамматикии забони тоҷикӣ мебошад. Сарчашмаи дувум забон арабӣ аст, ки қоидаи грамматикии исми мансуб бо “ӣ”-и дароз дар забони тоҷикӣ мавриди истифода қарор гирифтааст. Аммо ҳангоми истифодаи “ӣ”-и дароз ба қоидаи исми мансуби забони арабӣ тағйирот дохил шудааст, ки дар забони арабӣ ҳангоми пасиҳам омадани ду садонокҳои исмҳои мансуб ҳамсадои “в” байни онҳо истифода мешавад, аммо дар забони тоҷикӣ илова бар қабули ин қоида тағйирот дароварда шудааст, ки ба ҷойи ҳарфи “в” ҳарфи “г” меояд. Дар забони тоҷикӣ як гурӯҳ калимаҳои иқтибосӣ ҳастанд, ки онҳо аз забонҳои хориҷии англисиву лотиниасос ба фонди луғавии забони русӣ дохил шудаанд, аммо ҳангоми истифода шудан дар забони тоҷикӣ ба онҳо тағйирот

дароварда шуда, аз як шакл ба дигар шакли морфологӣ таѓйир ёфтанд. Ҳамин тариқ, “ӣ”-и дароз аз ду забон сарчашма гирифта, он барои ифодаи қоидаи фонетикӣ ва калимасозӣ чун суффикс хизмат мекунад. “Ӣ”-и дароз дар забони тоҷикӣ хеле сермаҳсул буда, ҳангоми истифодабарии он калимаҳои иқтибосии сарчашмаашон забонҳои хориҷӣ маъноии нав пайдо мекунад.

Калидвожаҳо: калимаҳо, иқтибос, садоноки дароз, забони тоҷикӣ, забонҳои хориҷӣ, суффикс, сарчашма, арабӣ, англисӣ, русӣ, лотинӣ.

РОЛЬ ДЛИННОЙ ГЛАСНОЙ БУКВЫ “Ї” В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ И ЕЁ ВЛИЯНИЕ НА ЗАИМСТВОВАННЫЕ СЛОВА

Статья рассматривает роль длинной гласной буквы “ї” в таджикском языке и её влияние на заимствованные слова иностранного происхождения. Длинная гласная буква “ї” в таджикском языке является очень активной, и она используется как фонетический звук и суффикс. Суффикс –ї (и –чї, –гї, –гарї) помогает создавать простые, сложные и сложносоставные существительные, прилагательные и спрягать глаголы. Длинная гласная буква “ї” имеет два исторических источника. Первым источником является персидский язык доисламского периода, когда появился таджикский язык. Существует группа слов, которые относятся к таджикскому языку, и они имели длинную гласную букву “ї”. Также суффиксы –ї, –чї, –гї ва –гарї относятся только к таджикскому языку. Вторым источником происхождения длинной гласной буквы “ї” является арабский язык, в котором существует грамматическое правило ал-исм ал-мансуб. Данное правило использует букву “й” для выражения имени существительного, относящегося к чему-то и при заимствовании этого правила буква “й” стала длинной буквой “ї”. Согласно этому правилу, когда перед буквой “й” или в таджикском варианте “ї” стоит гласная буква, то между гласными буквами ставится согласная буква “в”, но в таджикском варианте некоторые слова не принимают букву “в”, а вместо буквы “в” ставится буква “г”, хотя в арабском такого правила нет. В таджикском языке существует группа заимствованных слов, источником которых является латинский и английский языки. Эта группа слов сначала была заимствована в русский язык, а потом они были введены в таджикский язык. Использовании длинной гласной буквы “ї” влияет на их значение и морфологическую форму. Таким образом, длинная гласная буква “ї” появилась из двух источников и она используется для фонетического звучания, а также как суффикс для образования новых слов. Длинная гласная буква “ї” является наиболее часто используемой и при её использовании в заимствованных словах иностранного происхождения даёт новое значение.

Ключевые слова: слова, заимствование, длинный гласный, таджикский язык, иностранные языки, суффикс, источник, арабский язык, английский язык, русский язык, латинский язык.

THE ROLE OF THE LONG VOWEL “Ї” IN THE TAJIK LANGUAGE AND ITS INFLUENCE ON BORROWED WORDS

The article examines the role of the long vowel “ї” in the Tajik language and its influence on borrowed words of foreign origin. The long vowel “i” is very active in Tajik and it is used as a phonetic element and suffix. The suffix –ї (and –chi, –gi, –gari) helps to create simple, complex and complex nouns, adjectives and the way of classifing verbs. The long vowel “ї” has two historical sources. The first source is the Persian language of pre-Islamic period, which is the main source of Tajik language. There is a group of words in the Tajik language and historically, they have a long vowel “ї”. In addition, the suffixes –ї, –chi, –gi, and –gari relate only to Tajik. The second source of origin of the long vowel “ї” is the Arabic language, in which there is a grammatical rule named “al-ism al-mansub”. This rule uses the letter “y” to express a noun referring to something, and when borrowing this rule in Tajik, the letter “y” has become the long letter “ї”. According to this rule, when the letter “y” or “ї” in the Tajik variant, the consonant letter “v” is placed between the vowel letters, but in the Tajik version some words do not take the letter “v”, but instead of the letter “v” the letter “g” is used, although in Arabic there is no such rule. There is a group of borrowed words of Latin and English origin in the Tajik language. They were borrowed into the Russian language and then through Russian they came into the Tajik language. The use of the long vowel “ї” influences to the meaning and morphological form of borrowed word of foreign origin. Thus, the long vowel “ї” came from two sources and is used as phonetic element, as well as a suffix for the formation of new words. The long vowel “ї” is the most frequently used and, when it is used in borrowed words of foreign origin, creats a new meaning.

Key words: words, borrowed, long vowel, Tajik, the foriegn language, suffix, source, meaning, Arabic, English, Russian, the Latin language.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Камолов Фаррухҷон Абдуқодирович*** - Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳои хориҷӣ. **Суроғa:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, хиё. И.Сомонӣ 169.
E-mail: foteh122010@gmail.com. Тел.: **(+992) 92-847-86-16**
Усмонова Шараф Халиловна - Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи забонҳои хориҷӣ. **Суроғa:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, хиё. И.Сомонӣ 169. E-mail: sadikova.gavhar@mail.com. Тел: **(+992) 92-744-28-16**

Сведения об авторах: ***Камолов Фаррухджон Абдукадирович*** - Институт экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции, кандидат филологических наук, доцент кафедры иностранных языков. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр.И.Сомони, 169. E-mail: **foteh122010@gmail.com.**

Тел.: **(+992) 92-847-86-16**
Усманова Шараф Халиловна - Института экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции, старший преподаватель кафедры иностранных языков. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр.И.Сомони 169. E-mail: **sadikova.gavhar@mail.com.** Тел.: **(+992) 92-744-28-16**

Information about the authors: ***Kamolov Farrukhjon Abdukodirovich*** - Institute of Economy and Trade of Tajik State University of Commerce, Candidate of Science in Philology, Associate Professor of the Department of Foreign Languages. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, I. Somoni Ave., 169. E-mail: **foteh122010@gmail.com.**
Tel.: **(+992) 92-847-86-16**
Usmanova Sharaf Halilovna - Institute of Economy and Trade of Tajik State University of Commerce, the Senior Teacher of the Department of Foreign Languages. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, I.Somoni Ave., 169.
E-mail: **sadikova.gavhar@mail.com.** Tel.: **(+992) 92-744-28-16**

УДК: 492.7+37(5) (09)

ФАТҲИ ХУРОСОНУ МОВАРОУННАҲР ВА БА ВУҶУД ОМАДАНИ АВВАЛИН ҲАЛҚАҲОИ ТАЪЛИМИИ ЗАБОНИ АРАБӢ

Эмомов А.
Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам

Забони арабӣ ба сарзамини Осиёи Марказӣ ҳамзамон бо футӯҳоти исломӣ ворид шудааст. Пайғамбари Худо (с) вафот намуданд, аммо ислом ҳанӯз ҳам аз ҳудуди Нимҷазираи Арабистон берун нашуда буд. Ҳол он ки ояҳои карима ва аҳодиси набавӣ аз ҷаҳонӣ будани ин дин ва барои тамоми башарият фиристода шудани пайғамбари он гувоҳӣ медоданд. Худованд дар Қуръони маҷиди худ, дар сураи «Сабаъ» чунин мефармояд: وَ ما أَرسَلْناكَ إلا كافَّةً للناسِ بَشِيراً و نَذيرا ولكن أكثر الناس لا يعلمون (Мо туро нафиристодем, магар барои ҳамаи мардум-муждадиҳанда ва тарсонанда, валекин аксари мардум намедонанд) [1.34; 28] ё дар сураи «Аъроф» чунин омадааст: قُل يا أيُّها النَّاسُ إنّي رَسُولُ الله إليكُم جَميعا. (Бигӯ: «Эй мардум! Ба дурустӣ ки ман Пайғамбари Худо ба сӯйи шумо якҷо ҳастам» [1.7; 158].

Муҳаммад (с) дар замони зиндагии худ тавонист танҳо қабилаҳои парокандаи арабро, ки тамоми умр бо якдигар ҷангу хархаша доштанд, ба ҳам биёрад ва дар зери парчами ислом муттаҳид созад, аммо барои ҷаҳонӣ кардани он фурсат наёфта буд, ҳарчанд ба кишварҳои ҳамҷивор мисли Руму Форс ба хотири пазируфтани дини ислом номаҳо фиристода шуда буд.

Ҳар гоҳ мусулмонон мехостанд кишвареро, ки фатҳаш воҷиб гардидааст, фатҳ кунанд, аввалан бояд мардуми он кишварро ба ислом даъват менамуданд. Агар ислом оварданд, ҳуқуқи онҳо ба ҳуқуқи дигар мусулмонон баробар дониста мешуд ва онҳо мавриди ҳуҷуми мусулмонон қарор намегирифтанд. Ин нукта дар ҳадиси Пайғамбарамон (с) чунин зикр шудааст:

أمِرتُ أَن أُقاتِلَ النَّاسَ حَتّى يَقُولوا لا إِلاهَ إلا الله, فإذا قالوها عَصَمُوا مِنِّي دِماءَهُم و أمُوالَهُم إلا بِحَقِّها، وَ حِسابُهُم على الله.

«Ман амр шудаам, ки бо мардум набард кунам, то «ло илоҳа илла-л-Лоҳ» бигӯянд, агар инро гуфтанд, хуну молашонро аз ман ҳифз намудаанд, ба ҷуз ҳолате, ки ҳаққи ин калима, яъне «ло илоҳа илла-л-Лоҳ» адо нашуда бошад ва боз ҳисобашон назди Худованд аст» [3, с.85].

Бинобар ин, вақте ки хилофат ба дасти халифаҳои Рошидин ва минбаъд Умавиҳо гузашт, онҳо наметавонистанд кори оғознамудаи Пайғамбар(с)-ро идома надиҳанд ва исломро, ки барои тамоми башарият нозил шуда буд, ба гӯши дигарон нарасонанд. Ҳамин буд, ки аввал кишварҳои ҳамҷивор, мисли Ироқ, Форс, Шом, Миср ва дертар Ҳинду Хитой ба ислом даъват карда шуда, аз ҷониби мусулмонон фатҳ гардиданд.

Аз рӯйи маълумоти Муҳаммад Наршахӣ арабҳо бори аввал ба Бухоро соли 673 мелодӣ ҳуҷум карда буданд. Дар он замон подшоҳи Бухоро зане буд, ки аз номи писари хурдсолаш-Туғшода ҳукмронӣ мекард. Муҳаммад Наршахӣ ин воқеаро чунин овардааст:

Чун Убайдуллоҳи Зиёдро Муовия ба Хуросон фиристод, вай аз оби Ҷайҳун бигузашт ва ба Бухоро омад. Ва подшоҳи Бухоро Хотуне буд, аз баҳри он ки писари ӯ-Туғшода хурд буд. Пас Убайдуллоҳи Зиёд Байканд бигушод ва Ромитан ва бисёр барда карда ва чаҳор ҳазор бардаи бухорӣ хештанро гирифт.

Ва ин ба охири соли панҷоҳу се ва аввали соли панҷоҳу чаҳор (673) буд. Чун ба шаҳри Бухоро расид, сафҳо баркашид ва манҷаниқҳо рост кард. Хотун кас ба туркон фиристод ва аз эшон ёрӣ хост ва кас ба Убайдуллоҳи Зиёд фиристод ва ҳафт рӯз муҳлат хост ва гуфт: «Ман дар тоати туам» ва ҳадяҳои бисёр фиристод.

Чун дар ин ҳафт рӯз мадад нарасид, дигарбора ҳадяҳо фиристод ва ҳафт рӯзи дигар замон хост. Лашкари турк бирасид ва дигарон ҷамъ шуданд ва лашкар бисёр гашт. Ва ҳарбҳои бисёр карданд. Ва ба охир кофирон ба ҳазимат шуданд ва мусулмонон дар пайи эшон рафтанд ва бисёр бикуштанд. Ва Хотун ба ҳисор андар омад ва он лашкарҳо ба вилояти хеш бозгаштанд. Ва мусулмонон бисёр ғанимат ёфтанд аз силоҳу ҷома ва зарринаву симина ва барда гирифтанд.… Убайдуллоҳи Зиёд фармуд, то дарахтон меканданд ва деҳаҳо хароб мекарданд ва шаҳрро низ хатар буд. Хотун кас фиристод ва амон хост. Сулҳ афтод бар ҳазор бор ҳазор дирам (як миллион) ва мол боз бифиристод ва мол бигирифт ва бозгашт. Ва он чаҳор ҳазор барда бо хештан бурд» [9, с.81-82].

Бори дувум бошад, арабҳо ба Бухоро вақте ҳуҷум карданд, ки Убайдуллоҳи Зиёд аз аморати Хуросон маъзул шуда, Саид ибни Усмон амири Хуросон таъйин шуда буд. Аммо ҳар бор аҳли Бухоро бо мусулмонон сулҳ карда ислом меоварданд, чун онҳо мерафтанд боз ба дини худ бармегаштанд.

Вақте ки Қутайба ибни Муслим аз ҷониби Ҳаҷҷоҷ амири Хуросон таъйин гардид, тавонист тамоми Хуросонро бар дин қоим созад ва аҳкоми шариатро бар эшон лозим гардонад.

Наршахӣ мегӯяд: … «Ва ҳар бор, ки лашкари ислом ба Бухоро омадӣ, ғазо карданд ба тобистон ва зимистон боз рафтӣ. Ва ин Хотун бо ҳар кӣ биёмадӣ лахте ҳарб кардӣ ва боз сулҳ кардӣ. Чун писари вай хурд буд, ҳар касе аз аҳлон бад-ин мулк тамаъ кардандӣ. Ва ба ҷанг Бухорхудот Бухороро гирифта буд. Ҳар боре аҳли Бухоро мусулмон шудандӣ ва боз чун араб бозгаштандӣ, риддат оварандандӣ. Ва Қутайба ибни Муслим се бор эшонро мусулмон карда буд, боз риддат оварда кофир шуда буданд. Ин бори чаҳорум Қутайба ҳарб карда, шаҳр бигирифт. Ва аз баъди ранҷи бисёр ислом ошкоро кард ва мусулмонӣ андар дили эшон бинишонд, ба ҳар тариқе кор бар эшон сахт кард ва эшон ислом пазируфтанд ба зоҳир ва ба ботин бутпарастӣ мекарданд. Қутайба чунон савоб дид, ки аҳли Бухороро фармуд як нима аз хонаҳои хеш ба араб доданд, то араб бо эшон бошанд ва аз аҳволи эшон бохабар бошанд, то ба зарурат мусулмон бошанд» [9, с.96].

Аммо қабул кардани ислом ҳоло амал кардан ва донистану риоя намудани аҳкому аркони он набуд. Аксарияти мардум агарчи дини исломро қабул карда бошанд ҳам, аз ақидаҳои зардуштӣ ва расму оини қадими худ дил канда наметавонистанд. Барои он ки ақидаи дини Зардушт аз ақлу замири мардум берун шавад, арабҳоро лозим буд, ки бо мардум пайваста машғулиятҳо дошта бошанд, то онҳоро таълими исломӣ диҳанд ва исбот намоянд, ки дини ислом аз дини аҷдодии онҳо авлотар ва дини ҳақ буда, аз ҷониби Худованди якто ба сӯйи тамоми бандагонаш фиристода шудааст. Барои он ки мардумро ҷамъ кунанд ва бо онҳо суҳбат дошта бошанд, ҷойе лозим буд, ки мардумро ба ҳам биёрад. Дар ислом чунин ҷое, ки дар вақтҳои муайян мардуми мусулмонро метавонад ба ҳам биёрад, масҷидҳост. Ба ин хотир аввалин масҷиди исломӣ, ки дар шаҳри Бухоро аз ҷониби Қутайба ибни Муслим дар соли 713 мелодӣ поягузорӣ карда шуда буд, аз рӯйи ривояти Муҳаммад Наршахӣ, худи ҳамон сол мавриди истифода қарор гирифта будааст.

Ӯ менависад: Қутайба ибни Муслим масҷиди ҷомеъ бино кард андар ҳисори Бухоро ба соли наваду чаҳор (713м.). Ва он мавзеъ бутхона (буд) мар аҳли Бухороро. Фармуд, то ҳар одина дар он ҷо ҷамъ шудандӣ, чунон ки ҳар одина мунодӣ фармудӣ: «Ҳар ки ба намози одина ҷамъ шавад, ду дирам бидиҳам» [9, с.97]. Гуфтаҳои Муҳаммад Наршахиро яке аз муаррихони муосири исломӣ, Алӣ Муҳаммад ас-Саллобӣ низ оварда, онро тариқаи наве дар ба даст овардани дилҳо ва нигоҳ доштани навмусулмонон дар ислом номидааст.

Ӯ хидмати Қутайбаро танҳо дар сохтану ба истифода додани масҷидҳо надониста, дар ҳаққи ӯ чунин менависад: «Қутайба ва он фотеҳоне, ки ӯро ҳамроҳӣ менамуданд, дар даъвати мардум ба ислом ва берун кардани онҳо аз зулумоти куфр ба нури ислом бисъёр ҳарис буда, худи Қутайба ба сохтани масҷидҳо дар шаҳрҳо ва деҳаҳо аҳаммияти зиёд медод ва дар он ҷойҳо олимон ва фақеҳонро мегузошт, то мардумро тарбия намуда, ба онҳо ислом таълим диҳанд. Дар он ҷое, ки Қутайба барои бинои масҷид амр менамуд, дар он ҷо танҳо бо омӯхтани аркони намоз маҳдуд нагардида, балки дар он ҳалқаҳои таълими Қуръон ва аҳодиси набавӣ ташкил карда мешуданд, масҷидҳо ва олимоне, ки дар ин масҷидҳо роҳбарӣ мекарданд дар таълим додани забони арабӣ ба мардум нақши бузург доштанд [10, с.46-47].

Пас ҳамзамон бо ҳалқаҳои омӯзиши Қуръони Маҷид ва аҳодиси набавӣ дар масҷидҳо ҳалқаҳои таълими забони арабӣ низ ташкил карда мешудаанд ва ин ба фикри мо амри табиӣ бояд бошад, чунки бе донистани забони арабӣ азбар намудани Қуръону ҳадис кори хеле душвору сангин ва бенатиҷа хоҳад буд.

Мутаассифона, тариқаи нави истифодакардаи Қутайба ҳам дар ба даст овардани дилҳо натавонист тамоми аҳли Бухороро ба масҷид ҷалб намояд, то он вақте ки дар миёни мусулмонон ва саркашон аз ислом задухӯрд ба миён наафтод. Муҳаммад Наршахӣ ин ҳодисаро чунин ҳикоят кардааст: "Масҷиди ҷомеи Бухороро дидам бар вай дарҳои босурат ва рӯйи онро тарошида ва боқиро бар ҳол гузошта. Гуфт: «Пурсидам аз устоди хеш, ки он дарҳо ба аввал кӣ ниҳода буд? Ва марде, ки умрёфта буд, гуфт: -Сабаби он чунон буд, ки ба замон гуфтандӣ ба беруни шаҳр ҳафтсад кушк буд, ки тавонгарон он ҷо бошидандӣ ва эшон гарданкаштар буданд ва ба масҷиди ҷомеъ бештар кас ҳозир нашудандӣ ва дарвешон рағбат намудандӣ бад-он ду дирам, то бигиранд, аммо тавонгарон рағбат накардандӣ. Як рӯзи одина мусулмонон ба дари кушкҳо рафтанд ва эшонро ба санг мезаданд, ҳарб шуд ва дасти мусулмонон қавӣ омад ва дарҳои кушкҳои эшон барканданд ва биёварданд. Ва бад-он дарҳо ҳар касе сурати бути хеш карда буданд. Чун масҷиди ҷомеъ зиёдат шуд, он дарҳоро ба масҷиди ҷомеъ харҷ карданд ва рӯйи сурат битарошида ва боқӣ бигузошта, рост карданд [9, с.97-98].

Муҳаммад Наршахӣ дар бораи соҳибони ин кушкҳо ҳикояти аҷибе дорад: «Қутайба ибни Муслим ба Бухоро даромад ва Бухоро бигирифт, аҳли Бухороро фармуд, то яке нима аз хонаҳо ва зиёъи хеш арабро доданд. Қавме буданд дар Бухоро, ки Каскасон гуфтандӣ. Ва эшон мардумоне буданд бо ҳурмату қадру манзалат ва дар миёни аҳли Бухоро эшонро шараф зиёда будӣ. Ва эшон аз деҳқонон (и пир) набуданд, ғурабо буданд, асил ва бозаргонон буданд ва тавонгар буданд. Пас Қутайба илҳоҳ кард андар қисмати хонаҳо ва асбоб. Эшон хонаҳо ва асбоби хеш ҷумла монданд ба араб, беруни шаҳр ҳафтсад кушк бино карданд» [9, с.67].

Бад-ин тариқ Қутайба ибни Муслим мусулмонӣ ошкоро кард ва аҳкоми шариат бар эшон лозим гардонид ва масҷидҳо бино кард ва осори куфр, расми габрӣ бардошт. Ва ҳар кӣ дар аҳкоми шариат тақсире кардӣ, уқубат мекард [9, с.96].

Қиссаи бо фармони Қутайба ибни Муслим ҷудо карда шудани ниме аз хонаҳо ва асбобу ашёи рӯзгори мардумони Самарқанду Бухоро ва ба ихтиёри арабҳо гузоштани он аз ҷониби муаррихони араб ҳам таъкид карда шудааст. Аммо, вақте ки Умар ибни Абдулазиз ба тахти хилофат нишаст (717-720 м.) ва овозаи адолаташ то ба Мовароуннаҳр расид, аҳли Самарқанд ҷамъ шуданд ва ба назди Сулаймон ибн Абиссаррӣ (волии Самарқанд) омада ба ӯ гуфтанд, ки Қутайба ба онҳо зулм карда, хонаҳояшонро ба арабҳо дода буд, ҳоло ки адолат барқарор гардидааст, ба мо иҷозат диҳед, то гурӯҳеро ба намояндагӣ ба назди Умар ибн Абдулазиз фиристем ва агар ҳақ бошем, ҳуқуқҳои моро баргардонад. Сулаймон ба онҳо иҷозат дод ва намояндагони шаҳри Самарқанд ба назди халифа шикоят бурданд. Умар ибни Абдулазиз ба волии Самарқанд мактуб навишта амр дод, ки қозиеро шинонда, шикояти мардуми Самарқандро баррасӣ намояд, агар ҳақ бошанд, арабҳоро аз шаҳр берун созад. Волии Самарқанд қозӣ Ҷумайъ ибни Ҳозирро барои қазоват шинонд ва ӯ ҳукм кард, ки арабҳо аз шаҳр берун шаванд ва аз ду тараф ду гурӯҳи баробар бо ҳам биҷанганд, агар самарқандиҳо ғолиб омаданд, арабҳо шаҳрро тарк

менамоянд, вагарна боқӣ хоҳанд монд. Аҳли раъй ба хулосае омаданд, ки мардумро дубора ба ҷанг накашанд ва бо арабҳо чуноне ки ҳаст дар амну амонӣ зиндагӣ ба сар баранд, зеро кӣ медонад, ки зафар насиби кӣ мешавад ва ҷанги нав сабаби тоза шудани душманиҳо хоҳад гардид. Ин қиссаро ҳам Аҳмад ибни Яҳё Балозурӣ ва ҳам муаррихи муосири араб Муҳаммад Саллобӣ бо иқтибос аз Таърихи Табарӣ нақл намудааст [5, с.30; 11, с.146-147].

Душвории дигаре, ки дар интишори ислом монеа эҷод мекард донистани забони арабӣ буд. Аз рӯйи таълимоти ислом тамоми ибодатҳо бояд бо забони арабӣ анҷом дода мешуданд, ҳатто даъ фват ба намоз ҳам. Ҳол он ки хондан ва ҳифз кардани ояҳои қуръонӣ, ки ба миқдори зарурӣ барои ҳар фарди мусулмон ҳатмӣ буд, на барои ҳама ба осонӣ муяссар мегардид.

Дар ҳақиқат, муъҷиза аст, ки дар тӯли асрҳо то имрӯз мардуме, ки Қуръонро намедонанд, сураҳои Қуръонро азёд мекунанд ва онро азёд бехато мехонанд. Лекин бояд иқрор шуд, ки дар аввали зуҳури ислом ин амал на танҳо барои форсҳо ё умуман ғайриарабҳо, балки барои худи арабҳо, ки дар паҳнои саҳрои араб дар шакли қабилаю қавмҳо зиндагӣ карда, ҳар кадом бо лаҳҷаи худ сухан мегуфт, низ хеле душвор буд. Бинобар ин, тибқи ҳадисҳои зиёде, ки аз ҷониби Абдуллоҳ ибни Аббос (ал-Бухорӣ, Саҳиҳ, хадиси 4991; Муслим, Саҳиҳ, 1939), Абдурраҳмон ибни Абдулқорӣ, ки аз Умар ибни Хаттоб ривоят мекунад (Бухорӣ, Саҳиҳ, 2419; Муслим, Саҳиҳ, 1936) ва чанд ҳадиси дигар, ки сиҳатияшон исбот шудааст, Пайғамбар (с) бо иҷозати Худованд хондани калимаҳои Қуръонро ба арабҳо бо ҳамон лаҳҷае, ки одат кардаанд, рухсат додааст, зеро аз ҷониби худи Худованд 7 тарзи қироати китоби муқаддас иҷозат дода шудааст [7, с.18-21].

Агар худи арабҳо дар ибтидо дар фаҳмидан ва дуруст қироат кардану ҳифзи он ба душвориҳои муайян рӯ ба рӯ шуда бошанд, пас мардуми ғайриараб, бахусус форсҳо, чунин душвориҳоро бештар аз онҳо эҳсос менамуданд. Масалан, Абӯбакр Муҳаммад Наршахӣ намозгузории аҳли Бухороро дар масҷид чунин тасвир кардааст: «Ва мардумони Бухоро ба аввали ислом дар намоз Қуръон ба порсӣ хондандӣ ва арабӣ натавонистандӣ омӯхтан. Ва чун вақти рукуъ шудӣ, марде будӣ, ки дар паси эшон бонг задӣ: Бикунето, накунет (بكنيتا نكنيت) ва чун саҷда хостандӣ, бонг кардӣ: Нагуниё нагунӣ (نكونيا نكوني)» [9, с.97].

Ҳамин буд, ки аз аввали зуҳури ислом олимону донишмандон ва фуқаҳои ислом барои, андаке ҳам бошад, сабук гардонидани марҳилаи аввали гузариш ба дини нав ва аз бар кардани қоидаҳои зарурӣ ва ҳатмии он кӯшишҳо ба харҷ дода, миёни худ баҳсҳои тӯлонӣ намудаанд. Масалан, Абӯбакр Сарахсӣ дар китоби «ал-Мабсут» аз хусуси ҷоиз будан ё набудани азон ба забони форсӣ баҳс намуда, мегӯяд: "…Аммо ҳадаф аз он хабар додан аст. Бо тағйири лафз ҳадаф аз байн меравад ва мардум наметавонанд бидонанд, ки азон аст" [12, с.38].

Агар бо форсӣ такбир гӯяд, ба қавли Имом Абӯҳанифа(р) дуруст аст, зеро дар асл мурод аз такбир зикри номи Худованд аст ва он бо ҳар забоне, ки гуфта шавад мурод ҳосил мегардад. Лекин ба қавли Абӯюсуф ва Муҳаммад (р), ки аз шогирдони Имом Абӯҳанифаанд, чунин кардан ҷойиз набошад, магар ки арабиро хуб надонад. Ва боз Абӯюсуф ба асли мақсад такя намуда (онро раво донистааст), аммо Муҳаммад дар байни ин ду чиз фарқ гузошта, гуфтааст: «Забони арабиро фазилатҳоест, ки забонҳои дигар онро доро нестанд». Ва боз афзудааст: «Ва агар бо калимоти дигари арабӣ ин (маъниро) ифода кунад ҳам ҷойиз аст, аммо агар ба забони форсӣ ифода кунад, ҷоиз набошад» [12, с.38].

Бояд афзуд, ки Имом Абӯҳанифа натанҳо такбир, балки хондани намозро ҳам ба забони форсӣ иҷозат додааст. Шамсиддин Сарахсӣ андешаи Имом Абӯҳанифаро дар ин масъала аз номи Имом Муҳаммад Абӯзаҳра чунин нақл мекунад:

Асли ин масъала чунин аст: Ба қавли имом Абӯҳанифа (р), агар намозашро бо форсӣ хонад дуруст аст, аммо ба қавли ду шогирдаш, Абӯюсуф ва Муҳаммад (р), агар арабиро хуб донад, дуруст нест ва агар хуб надонад, ҷоиз аст. Аммо ба қавли имом Шофиӣ дар ягон ҳолат дуруст нест. Лекин, агар арабиро хуб надонад ё бесавод бошад, намозашро бе қироати (сура) гузорад, дуруст аст. Ва инчунин дар масъалаи хондани «ташаҳҳуд» ва хутбаи имом дар рӯзи ҷумъа ба забони форсӣ низ ихтилоф вуҷуд дорад.

Имом Абӯҳанифа (раҳимаҳу-л-лоҳ) барои таҳвияти гуфтаҳои худ ривоятеро далел меорад, ки гӯё аҳли форс ба Салмон (разияллоҳу анҳу) навиштанд, ки сураи фотиҳаро барои онҳо ба забони форсӣ нависад ва онро дар намозҳояшон мехонданд, то он даме ки забонашон ба арабӣ одат кард [12, с.38].

Аз дурустии ин ҳодиса ва ҷой доштани он муҳаққиқони зиёди таърихи ислом шаҳодат додаанд. Ба қавли Абдулҳайи Лакнавӣ муаллифи «ал-Муҳит ал-бурҳонӣ» Маҳмуд ибни Аҳмад ал-Бухорӣ низ ба гуфтаи ас-Сарахсӣ такя намуда, аз ин ҳодиса ёдоварӣ намудааст [6, с.31]. Қиссаи муроҷиати форсҳо ба Салмони Форс ва аз ҷониби ӯ тарҷума карда шудани сураи «ал-Фотиҳа» ба забони форсиро Абулфазли Алусӣ ҳам зикр намудааст, ки истинодаш бар асари «ан-Ниҳоя ва ад-дироя» мебошад [2, с.494]. Муҳаммад Ризо Туркӣ дар муқаддимаи китоби худ, ки ба Салмони Форс бахшида шуда, «Парсайи парси»(«Порсои форсӣ») ном дорад, ин ҳодисаро аз «Китоб ал-мабсут»-и ас-Сарахсӣ ва «Тоҷ ат-тароҷим фи тафсир ал-Қуръон ли ал-аъоҷим»-и Абулмузаффари Шоҳфур ибни Тоҳир ибни Муаммад ал-Исфароинӣ (асри XI) иқтибос намуда, дарвоқеъ онро ҳодисаи муҳим дар таърихи ислом номидааст. Муҳаммад Ризо Туркӣ бисёр дуруст қайд мекунад, ки бо вуҷуди дар гуфтаҳои ал-Исфароинӣ мавҷуд будани баъзе оҳангҳои нобоварӣ ва шубҳа, мисли «ва ҳикоят кардаанд, ки», бешубҳа Салмони Форс нуқтаи аввалини барҳӯрд миёни ислом ва Ирон маҳсуб гардида, шахсияти бузургест, ки ду фарҳанг-форсӣ ва исломиро ба ҳам пайвастааст [13, с.9].

Мусаллам аст, ки Салмони Форсӣ ин корро бе иҷозати Пайғамбар (с) накардааст. Аммо Имом Абӯҳанифа ҳамчун як шахсияти фавқулода, хирадманд ва соҳиби таҷрибаи бузурги илмию амалӣ ва ҳомии шадиди ислом, аз як тараф, бо ин фатвои худ яке аз аввалинҳо шуда масъалаи баробарии ҳуқуқҳои арабу форс ва забони арабию форсиро ба миён гузошта бошад, аз тарафи дигар, дари дини Худовандро барои форсизабонон ва ҳалқҳои дигари ғайриарабӣ боз намуда, сабаби он гардид, ки дар баробари забони арабӣ забони форсӣ низ забони илм ва маданияти як қисмати бузурги олами исломӣ гардад [8].

Аммо ҳамаи ин чораҳо хусусияти муваққатӣ доштанд, барои он ки аҷамӣ ё шахси ғайриараб дар хилофат соҳиби манзалату маконат шавад, ӯ ҳатман мебоист забони арабиро аз худ менамуд. Зеро унсури арабӣ, унсури ҳоким ба ҳисоб мерафт ва чи хеле ки Аҳмад Амин мегӯяд, … ба мардум лозим буд, ки таълим гиранд, бихонанд ва бинависанд ва қироату китобат намоянд. Бахусус онҳое, ки аз ғайриарабҳо, ба ислом дохил шуда буданд, ба хотири дину дунёяшон, маҷбур буданд, ки арабиро омӯзанд, ҳатто маҷбур буданд, ки ба хотири ислоҳи забонашон, наҳвро аз бар намоянд [3, с.142-143].

Тавре пештар зикр намуда будем, ягона ҷое, ки мардуми мусулмон дар вақтҳои муайян ҷамъ меомаданд, масҷидҳо буд. Табиист, ки дарсҳои аввалин дарсҳои динӣ буда, дар ин дарсҳо мусулмонон заруриёти аввалияи динии худро аз бар мекарданд ва ҳадди ақалли сураҳои барои адои намозҳои панҷвақта зарурбударо ҳифз менамуданд, бе он ки ба маонии онҳо сарфаҳм раванд. Зеро дарк намудани маонии сураҳо донистани забони арабиро тақозо мекард ва ин бошад вақти бештар мехост. Аммо мардум бошад мусулмон шуда буданд ва бар онҳо лозим ва ҳатмӣ буд, ки ибодатҳои ҳаррӯзаи худро мунтазам адо намоянд. Ба ин хотир дар масҷидҳо мардумро ҷамъ менамуданд ва онҳоро таълими динӣ медоданд. Аҳмад Амин дар бораи дарсҳои он замон чунин мегӯяд: «Дар ин аср илм, бахусус илмҳои динӣ, дар масҷидҳо дарс дода мешуд. Устод дар масҷид менишаст, толибилмон дар атрофи ӯ дар шакли ҳалқа менишастанд. Ба қадри иститоати устод ҳалқа метавонист бузургтар ё хурдтар бошад. Дар як масҷид метавонист якчанд ҳалқа бошад [3, с.165].

Дар шакли ҳалқаҳо ташкил намудани дарсҳо сабабҳои худро дошт. Мардуми араб ҳанӯз аз даврони ҷоҳилӣ ба ин шакли нишастҳо ва шунидани қиссаҳои аҷибу ғариб ошно буд. Арабҳои даврони ҷоҳилӣ шабҳои дароз дар атрофи гулханҳо нишаста аз қиссахонону ровиён саргузаштҳои аҷибро дар бораи қаҳрамонон, сарлашкарон, пешвоён, ҷанговарони қабилаву ошиқон ва инчунин қиссаҳоро аз воқеаҳои «Айёму-л-араб» (Рӯзҳои арабҳо) мешуниданд, ҳифз мекарданд ва ба наслҳои оянда нақл менамуданд. Ҳатто қофилаҳои тоҷирон ва савдогарон ҳангоми таваққуф дар роҳҳо ва корвонсароҳо аз чунин шакли

вақтгузаронӣ ва вақтхушӣ бисёр истифода менамуданд. Аз рӯйи баъзе ривоятҳо яке аз жанрҳои хеле машҳури адабиёти араб- «мақомаҳо» номи худро аз ҳамин гуна ҳалқаҳои шабнишинӣ ва қиссахониҳое гирифтаанд, ки ҳангоми танаффус ва истироҳат дар таваққуфгоҳҳо ва корвонсароҳои сарироҳӣ ороста мешуданд.

Пайғамбари ислом Муҳаммад (с) низ дарсҳои худро дар масҷидҳо дар шакли ҳалқаҳо мегузаронид. Масалан, дар «Сира»-и Ибни Ҳишом омадааст, ки Назр ибни Ҳорис аз бадахлоқони Қурайш буд ва ҳамеша Пайғамбарамон (с)-ро азият медод. Ҳар гоҳ Пайғамбари ислом (с) дар масҷид маҷлис меорост ва мардумро аз фармудаҳои Худованд огоҳ намудан мехост, дар оқиби маҷлис менишаст ва ногоҳ аз ҷой мехест ва мегуфт: Эй аҳли Қурайш, ман аз ӯ хушсухантарам, ба назди ман биёед, то бароятон дар бораи Рустаму Исфандиёр қисса кунам. Ва баъд аз интиҳои суҳбат мепурсид, Муҳаммад бо чӣ аз ман хушсухантар аст? [3, с.63]. Ҳамин тариқ, масҷидҳо дар аввали ислом барои мардуми мусулмон ҳамчун ибодатгоҳ бунёд шуда бошанд ҳам, нақши васеътар ва фаротар аз онро ичро мекарданд.

Бо вуҷуди ин дар аксари кишварҳои фатҳшуда, мисли Миср, Яман ва Шом (то омадани ислом) мактабҳо вуҷуд доштанд ва дар асрҳои аввали ислом чунин муассисаҳои таълимӣ дар мамолики исломӣ арзи вуҷуд надоштанд. Аммо набудани мактабҳо кори таълиму омӯзишро халалдор накарда, баръакс ислом аз рӯзҳои аввалини зуҳур карданаш ба омӯзиши илмҳо аҳаммияти хосса медод. Бо ташкил ёфтани давлати исломӣ Пайғамбари ислом (с) донишмандон, аз ҷумлаи саҳобагонро, ба кишварҳо ва шаҳрҳои фатҳшуда, мисли Яман, Баҳрайн, Макка фиристод, то мардумро таълим бидиҳанд ва ин корро баъд аз Ӯ (с) ёронаш идома бахшиданд. Ва ин донишмандон ба ҳар шаҳр ва кишваре, ки омаданд, дар он ҷо мактабҳои илмии худро созмон доданд ва шогирдон омода сохтанд, то илми онҳоро ба наслҳои оянда расонанд. Масалан, ас-Суютӣ дар «Итқон» дар бораи ҳалқаи илмии (тафсир) Абдулло ибни Аббос дар Макка, Ибни Халликон дар бораи ҳалқаи илмии Рабиъа ар-Рай дар шаҳри Мадина, дар масҷиди набавӣ ва дар бораи маҷлиси илмии Ҳасани Басрӣ дар масҷиди Басра нақл кардаанд. Ва амсоли ҳаминҳо олимони зиёде буданд, ки дар шаҳрҳои хилофат тақсим шуда, масҷидҳоро ба мадрасаҳо табдил дода буданд ва аз илмҳои мухталиф ба мардум дарс мегуфтанд. Пас, дар масҷидҳои давраи аввали ислом, дар канори соири ибодот чорабиниҳои гуногуни фарҳангӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, ҳуқуқию идорӣ, мисли хондани намоз, хутба, шунидани қасидаҳою қиссаҳо, эълони ҷангу сулҳ, маҳкамаҳо барои баргузории мурофиаҳои ҷиноӣ ва монанди инҳо низ гузаронида мешуд. Масҷиди Амр дар Миср, масҷиди Басра, масҷиди Куфа, масҷидҳои Макка, Мадина ва дигар шаҳрҳои бузург вазифаи донишкадаҳо ва ҳатто бузургтарин донишгоҳҳоро иҷро менамуданд. Масалан, масҷиди Басра дар аҳди Умавиҳо яке аз бузургтарин марказҳои ҳаракати илмӣ ба шумор рафта, дар атрофи Ҳасани Басрӣ ва ҳалқаи илмии ӯ баҳсҳо дар хусуси илми калом ба вуҷуд омада, инкишоф ёфтааст ва дертар Восил ибни Ато аз ҳалқаи илмии ӯ ҷудо шуда, ҳалқаи илмии худро созмон додааст. Бояд гуфт, ки дар масҷидҳо дар қатори ҳалқаҳои улуми динӣ ҳалқаҳои илмии забони арабӣ, адабу шеър ва суханварӣ низ вуҷуд доштанд. Ёқути Ҳамавӣ мегӯяд: Ҳаммод ибни Салама дар масҷид аз назди (ҳалқаи) Ҳасани Басрӣ гузашта, ба онҳо ҳамроҳ нашуд, балки ба ҳалқаи таълими забони арабӣ рафт, то аз онҳо таълим бигирад [4, с.52]. Вақте ки дар асри Аббосӣ илмҳо ба бахшҳои гуногун ҷудо шуд, ҳалқаҳои илмӣ низ вобаста ба он гуногун шуданд, мисли ҳалқаи дарсии нахв, ки дар бораш Ёқут ал-Ҳамавӣ аз номи ал-Ахфаш чунин менависад: Ба Бағдод даромадам ва масҷиди Кисоиро дидам (шояд ҳалқаи илмии Кисоиро дар масҷид дар назар дорад) ва аз оқибаш намози бомдодро хондам, вақте ки аз намоз фориғ шуда, дар рӯ ба рӯйи Фарро, Аҳмар ва Ибни Саъдон нишаст, ба ӯ салом додам ва аз ӯ сад суол кардам. Ба ҳамааш ҷавоб гуфт, ки ман дар онҳо хато мекардаам. Ё ин ки муътазилиён дар масҷиди «ал-Мансур»-и шаҳри Бағдод илми «калом» таълим медоданд. Дар масҷидҳо хондани шеър ва ҳатто ғазал мамнуъ набуда, Аҳмад Амин барои исботи ин гуфтаҳо аз «Муъҷам ал-удабо»-и Ёқути Ҳамавӣ чунин иқтибос кардааст: «Он ҷо (дар масҷидҳо) ҳалқаҳои шеъру адаб вуҷуд дошт ва дар соли 253ҳ. Табарӣ ба Миср сафар кард ва дар масҷиди Амр (Ибн ал-Ос), ки дар назди «Байт ал-мол» воқеъ аст, шеъри «ат-

Тириммоҳ»-ро аз забони дигарон навишт» [4, с.52]. Аммо дар хусуси он ки дар масҷидҳои ҳамон замон сурудани ғазал ҳам мамнуъ набудааст, ба ёд овардани қиссаи Каъб ибни Зуҳайр ва дар масҷид дар ҳузури Пайғамбарамон(с) аз ҷониби ӯ суруда шудани қасидаи «Бонат Суъоду фа қалби ал-йавма матбулу» (Суод рафт ва имрӯз дилам девонаи ишқи ӯст) [14, с.226] кифоя аст. Аҳмад Амин натанҳо роиҷ будани хондани ғазалро дар масҷидҳои он замон тасдиқ менамояд, балки меафзояд, ки дар масҷидҳо шеърҳои шоирон мавриди муҳокима қарор гирифта, дар атрофи он баҳсу мунозираҳои шадид сурат мегирифт [4, с.53].

Хулоса, масҷидҳо аз аввалин рӯзҳои арзи вуҷуд карданашон дар шаҳрҳо ва марказҳои идории Хилофат нақши марказҳои бузурги фарҳангӣ, илмӣ, маданӣ ва сиёсиро ичро намуда, дар тарбияи толибилмон ва дӯстдорони илмҳои гуногуни ҳамон замон нақши муҳиммеро бар дӯш доштаанд. Далели возеҳи ин гуфтаҳо он аст, ки яке аз имомони машҳури дунёи мусулмонӣ, ки ба дараҷаи бузургони «ҳуҷҷат» расида, илмро аз тамоми неъматҳои дунёӣ афзалтар медонист, парвардаи ин ҳалқаҳо будааст. Абӯҳанифа нақл мекунад: «Илми каломро меомӯхтам, дар он ба дараҷае расидам, ки ба ман бо ангуштонашон ишора мекарданд. Рӯзе дар наздикии ҳалқаи илмии Ҳаммод ибн Абусулаймон менишастем, ки ба назди ман зане омад ва гуфт, ки марде зане дорад, ғулом аст ва мехоҳад ӯро аз рӯйи суннат талоқ кунад, ӯро чанд талоқ бояд кунад? Надонистам, ки чӣ гӯям. Ба ӯ гуфтам, ки ба назди Ҳаммод равад ва баргашта маро аз фатвои ӯ хабар диҳад. Зан ҳамин тавр кард. Пас гуфтам, ман дигар ба илми калом эҳтиёҷ надорам. Кафшҳоямро гирифтам ва ба ҳалқаи Ҳаммод пайвастам» [12, с.13].

Бояд ёдовар шуд, ки масоҷиди исломӣ, агарчи имрӯз нақши худро ҳамчун донишкадаву донишгоҳҳо ва маҷмааҳои илмӣ аз даст дода бошанд ҳам, бори таълими ибтидоии мусулмонбачаҳоро ҳоло ҳам бар дӯш дорад. Ин амрро дар тамоми масоҷиди билоди исломӣ мушоҳида кардан мумкин аст. Масалан, нависандаи ин сатрҳо дар масҷиди Набавии шаҳри Мадина зиёда аз 30 ҳалқаи дарсиро мушоҳида намудаам, ки аз устодони алоҳида дарсҳои ибтидоии исломӣ мегирифтанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Қуръони карим (асл ва матни тарҷумаи тоҷикӣ). – Душанбе: Ирфон, 2007. - 616 с.
2. ал-Алусӣ ал-БаҒдодӣ, Абулфазл Шаҳобуддин ас- Сайидмаҳмуд. Руҳ ал-маонӣ фи тафсир ал-Қуръон ал-азим ва-с-сабъал-масонӣ / Абулфазл Шаҳобуддин ас- Сайидмаҳмуд, ал-Алусӣ ал-БаҒдодӣ. - ал-Қоҳира: Дор ал - ҳадис, 2005. - С.494.
3. Амин, Аҳмад. Фаҷру-л-ислом / Аҳмад Амин. - Бейрут, 1969. - 426 с.
4. Амин, Аҳмад. Зуҳо ал-ислом,ҷ.2. / Аҳмад Амин. - Бейрут: Дору-л-кутуб ал-арабӣ, бидуни соли нашр. - 363 с.
5. ал-Балозури, Аҳмад ибн Яҳё ибн Джабир. Завоевание Хорасана. (Извлечение из сочинения «Футух ал-булдон») / Аҳмад ибн Яҳё ибн Джабир, ал-Балозури; перевод с арабского Г. Гоибова. - Душанбе, 1987. – 120 с.
6. ал-Лакнавӣ ал-Ҳиндӣ, Муҳаммад Абдулҳай. Акам ан-нафоис фи адо ал-азкор би лисон ал- форсӣ / Муҳаммад Абдулҳай ал-Лакнавӣ ал-Ҳиндӣ // Маҷмуат ар-расоил ал-Лакнавӣ; ат-Табъат ал-уло, ал-муҷаллад ал-арабӣ. -Машҳад: Аҳмади Ҷом, 1381.
7. Мансур, Алӣ. Таърих илм ал-қироат. ат-Табъа ал-уло / Алӣ Мансур. - Душанбе: Маншурот Джамиат ал-Имом Абуҳанифа ал-исломия, 2008. - 177 с.
8. Мардонӣ, Тоҷиддин Нуриддин. Имам Абуханифа и язык фарсӣ / Тоҷиддин Нуриддин Мардонӣ / Фарҳанги тоҷикон ва нақши он дар тамаддуни Осиёи Марказӣ ва Ховари Наздик. – Душанбе, 2001. - С.147-177.
9. Наршахӣ, Муҳаммад. Таърихи Бухоро / Муҳаммад Наршахӣ. - Душанбе, 2112. - 546 с.
10. ан-Нуъмонӣ, аш-Шайх Муҳаммад Абдуррашид. Мақоми Имом Абӯҳанифа дар ҳадис / аш-Шайх Муҳаммад Абдуррашид, ан-Нуъмонӣ; тарҷумаи А.Эмомов. – Душанбе: Ирфон, 2009. - 207 с.
11. ас-Саллобӣ, Алӣ Муҳаммад. ад-Давла ал-уммавийя / Алӣ Муҳаммад ас-Саллобӣ. - Фустот, 2005. - 719 с.
12. Сарахсӣ, Шамсиддин. Китоб ал-Мабсут / Шамсиддин Сарахсӣ. - Бейрут: Дор ал-Фикр, 1421-2000. - 432 с.
13. Туркӣ, Муҳаммад Ризо. Порсои порсӣ. Салмони Форсӣ ба ривояти мутуни форсӣ / Муҳаммад Ризо Туркӣ. - Чопи нахуст. - Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 1387.
14. ал-Фохурӣ, Ҳанна.Таърих ал-адаб ал-арабӣ / Ҳанна ал-Фохурӣ. - Бейрут,1980. - 1180 с.

ФАТҲИ ХУРОСОНУ МОВАРОУННАҲР ВА БА ВУҶУД ОМАДАНИ АВВАЛИН ҲАЛҚАҲОИ ТАЪЛИМИИ ЗАБОНИ АРАБӢ

Фатҳи Эрону Хуросон ва кишвари Мовароуннаҳр, натанҳо сабаби интишор ёфтани дини ислом дар ин манотиқ, балки боиси ташкил ёфтани ҳалқаҳои бешумори таълими забони арабӣ, ки бе донистани он анҷом додани воҷиботи динӣ ва адои ибодоти ҳаррӯзаи мусулмон ғайриимкон мегардид, низ гардида буд. Омӯхтани забони арабӣ ва хуб навиштану суҳбат карда тавонистан бо ин забон ба насли ҷавони маҳаллӣ имконияти дар ниҳодҳои идорӣ кор кардан, дар мадорису макотиб ба таълиму тадрис машғул шудан ва инчунин ба корҳои тиҷоратӣ шуғл варзидан ва монанди инҳоро фароҳам меовард. Бо мурури замон аз миёни он ҷавононе, ки забони арабиро хуб аз бар намуда буданд, олимони барҷастае дар риштаҳои мухталифи илм, шоирон, нависандагон, табибону фақеҳон ва донандагони бузурги илми нахв арзи вуҷуд намуданд. Хидмати ҳалқаҳои аввалини таълими забони арабӣ дар он аст, ки онҳо пойдевори қавиеро барои ба вуҷуд омадани бинои боҳашамати илмҳои арабизабони тоҷикӣ-форсӣ дар соҳаҳои гуногун, мисли таърих, тиб, ҷуғрофиё, ситорашиносӣ ва ғайра муҳайё сохтанд ва бар асари он асарҳои гаронқадре навишта шуданд, ки ба хазинаи тамаддуни ҷаҳонӣ ворид гаштаанд.

Калидвожаҳо: Хуросон, Мовароуннаҳр, ҳалқаҳои таълими забони арабӣ, маросими динӣ, илм, дини ислом, масҷидҳо, дарсҳои забони арабӣ, забони форсӣ.

ЗАВОЕВАНИЕ ХОРАСАНА И МАВЕРАННАХРА И ПЕРВЫЕ УЧЕБНЫЕ КРУЖКИ АРАБСКОГО ЯЗЫКА

Завоевание Ирана, Хорасана и Мавераннахра арабами повлекло за собой распространение не только новой религии – ислама, но и повсеместное появление кружков по изучению арабского языка, что было необходимо для усвоения основных элементов религиозных обрядов и чтения молитв. Изучение арабского языка, умение грамотно говорить и писать на нём давало право молодым представителям из числа местной молодёжи занимать места в административном аппарате, преподавать в медресе, заниматься торговыми делами и т.д. Со временем из среды хорошо владеющих арабским языком молодых людей вышли знаменитые учёные в разных отраслях науки, поэты и писатели, врачи и богословы, большие знатоки арабской грамматики и т.д. Первые учебные кружки арабского языка способствовали тому, что они подготовили прочный фундамент, на котором были построены впоследствии здания арабоязычной персидско-таджикской науки, истории, медицины, географии, астрономии и многих других областей, в которых были написаны крупные и весьма значимые произведения, вошедшие в сокровищницу мировой культуры.

Ключевые слова: Хорасан, Мавераннахр, кружки арабского языка, религиозные обряды, наука, религия, ислам, мечети, уроки арабского языка, персидский язык.

THE CONQUEST OF KHORASAN AND MAVERANNAHR AND THE FIRST ARABIC STUDY GROUPS

The conquest of Iran, Khorasan and Maverannahr by the Arabs entailed the spread of not only a new religion - Islam, but also the widespread emergence of circles for the study of the Arabic language, which was necessary for the assimilation of the basic elements of religious rites and prayers. The study of the Arabic language, the ability to speak and write competently, allowed young representatives from among local youth to occupy places in the administrative apparatus, teach in madrassas, engage in commercial affairs, etc. Over time, prominent scientists in various fields of science, poets and writers, doctors and theologians, great connoisseurs of Arabic grammar, etc., came out among young people who spoke Arabic well. The first study groups of the Arabic language contributed to the fact that they prepared a solid foundation on which the buildings of Arabic-speaking Persian-Tajik science, history, medicine, geography, astronomy and many other areas were subsequently built, in which large and very significant works were written, which were included in treasury of world culture.

Key words: Khorasan, Maverannahr, Arabic language circles, religious rites, science, religion, Islam, mosques, Arabic language lessons, Persian language.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Эмомов А.С.*** – Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забон ва адабиёти араб. **Суроғ:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч.Шодмонӣ-58/1. E-mail: **islamtaj @ mail.ru**. Тел:. **(+992 37 22) 241-30-79**

Сведения об авторе: ***Эмомов А.С.*** –Таджикский исламский институт имени Имама Аъзам, кандидат филологических наук, доцент кафедры арабского языка и литературы. **Адрес:** Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул.Шодмонї-58/1. E-mail: **islamtaj @ mail.ru**. Тел.: **(+992 37 22) 241-30-79**

Information about the author: ***Emomov A.S.*** – Tajik Islamic Institute by name Imama Azam, Dr. of sciens (Philological Sciece). Department of Arabic language and Literature. **Adress:** Republic of Tajikistan, Dushanbe, Shodmoni Str. 58/1. E-mail: islamtaj @ mail.ru. Tel.: **(+992 37 22) 241-30-79**

УДК: 811.21/.22-54

МАВҚЕИ КАТЕГОРИЯИ ШАХС ДАР ҶУМЛАҲОИ СОДА

(дар мисоли матбуоти даврии тоҷик)

Кенҷазода Манучеҳра Солеҳ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Маводи иттилоотӣ хонандаи рӯзномаро водор месозад, ки ба муайян намудани ҷойи зуҳури воқеа, иштирокчиён, радду бадал байни онҳо, қаҳрамони асосии ҳодиса таваҷҷуҳ намояд. Ба ҳамаи ин бо як сухан мубтадои ҷумла, соҳиби амал ҳамеша пеши назари хонанда меистад. Рӯзномахон гӯё ҳамеша бо соҳиби амал рӯ ба рӯ аст ва бо ӯ муошират менамояд. Ҷумла воҳиди нутқ аст, ки муошират бе он номумкин аст. Барои он ки мақсад тавассути ҷумла пурра ва барои шунаванда дар ҷараёни муошират фаҳмо баён гардад, унсурҳои луғавию грамматикии зарурие лозиманд, то ин ҳадаф ҳосил гардад. Аломати муҳимтарини ҷумла предикативият аст. П.А. Лекант ҷанбаи муҳимми ҷумларо баррасӣ намуда гуфта буд: "*Вобастагии мундариҷаи ҷумларо ба воқеият, ки бо шаклҳои грамматикӣ ифода ёфтааст, муносибати предикативӣ меноманд, ки он ба василаи се категорияи грамматикӣ: модалият, замон ва шахс зуҳур мекунад*" [7, с.6].

Албатта, дар эҳсос ва дарки маънии матн, шинохтани ҷумла нақши ҳар се категорияи аз ҷониби П.А. Лекант баёнгардида муҳимманд, бе иштироки яке аз онҳо фикр комил нахоҳад буд. Бо назардошти имконоти мавзӯи баҳс мехостем ин ҷо танҳо дар мавриди як категорияи муҳим - категорияи шахс ва мавқеи он дар шинохти маводи иттилоотӣ сухан ронем. Агарчи, масъалаҳои умумӣ ва хусусии категорияи шахс дар кулли тадқиқоти забоншиносии русу тоҷик [ниг.: 4; 5; 6; 8; 9] таҳлил гардидаанд, масъалаҳои таснифоти матнӣ ва ситуативии онҳо шарҳу тафсири васеътаре талаб мекунад. Мафҳуми шахс дар ҳодисаҳои гуногуни забонӣ истифода бурда мешавад. Бояд гуфт, ки категорияи шахс, мисли категорияҳои дигари ташкилкунандаи предикативияти ҷумла, нишонаи муҳимми предикативият аст. Инро ҳам бояд таъкид намуд, ки дар забони тоҷикӣ гурӯҳи ҷумлаҳое мавҷуданд, ки шахс надоранд, аз ин рӯ, категорияи шахсро дар ин маврид метавон мисли категорияҳои грамматикии муайянӣ ва номуайянӣ, кулл ва ҷузъ ва монанди инҳо дар муқобили ҷумлаҳои бешахс дониста, яке аз шартҳои таснифоти ҷумлаҳои сода шуморид. Дар маводи публитсистӣ аслан корбурди ҷумлаҳои номуайяншахс, бешахс маъмул нест, зеро табиати услуби публитсистӣ бештар мушаххас будани воқеа, соҳиби амал ва шоҳидону иштирокчиён аст [ниг.: 8]. Таваҷҷуҳ кунед: "Дар ин бора сардори Шуъбаи корҳои дохилии ноҳияи Сино иттилои муфассал дод" (Минбари халқ. - 23.11. 2018); "Дар суҳбат бо мухбири "Садои мардум" Анора Алиева - раиси бахши кор бо занон ва оилаи ноҳия, маълумоти муфассал ироа намуд" (Садои мардум. - 18.05.2018).

Дар ҷумлаҳои боло шахс – соҳиби амал на танҳо зикр шудааст, инчунин муайянкунанда ва баёния гирифта шарҳ ёфтааст. Ин хусусият дар услуби публитсистӣ, махсусан дар маводи иттилоотӣ бисёртар ба мушоҳида мерасад. Мо чунин хусусиятро дар услуби бадеӣ хеле кам мушоҳида мекунем, зеро дар он қаҳрамон, персонаж такрор ба такрор зикр ва ёдовар мешавад, аммо дар матни публитсистӣ чунин нест, он метавонад як ё ду бор зикр карда шавад ва дигар дар бораи он хонанда маълумот надошта бошад. Ин хусусияти матни публитсистӣ ифодаи муқобилгузориҳоро, ки яке аз нишонаҳои асосии категорияи шахс аст, барҷастатар инъикос менамояд: "Қурбон Сатторов мутахассиси бахши кор бо ҷавонони ноҳия сабабҳои худкуширо дар баланд набудани маърифати занону духтарон медонад".... "Равоншинос Акмалбек Зоиров вазъи ноҷӯри зиндагиро низ аз омилҳои асосӣ дар ин масъала мешуморад" (www.ozodi.org.-2018); Ба андешаи П. Муллоҷонов кишварҳои абарқудрат ҳамеша пайгири манфиатҳои геополитикии худ ҳастанд... Коршиноси масоили миллӣ М. Аҳмадӣ дар ин масъала ҳеҷ муаммое намебинад..." (Фараж.-12.03.2018) . Дар ҷумлаҳои боло мундариҷаи ҷумлаҳо ду фикри ба ҳам то андозае хилофро инъикос намуда, муқобилгузории шахсҳоро ҳам дар бар мегиранд. Ҳамин гуна муқобилгузориро дар шахсҳои якум, дуюм, сеюм, махсусан ҳангоми бо

ҷонишинҳои шахсӣ ифода гардидани он барҷастатар мебинем, аммо на дар услуби публитсистӣ, зеро услуби публитсистӣ, ки ҳамеша ба факт ва андеша такя мекунад, бо зикри номҳои мушаххас бешар сарукор дорад.

Барои сохтани парадигмаҳои ҷумлаҳои сода шахсҳои дуюм ва сеюм барои ифодаи умумият (умумишахс) ҳам истифода мешаванд. Аз хусусиятҳои дигари категорияи шахс дар он аст, ки ҳангоми бо исмҳо ифода гардидани он хусусияти муқобилгузории онҳо хеле суст мешавад. Ҳамаи ин хусусиятҳо ҳангоми таснифоти ҷумлаҳои сода аз нигоҳи сохтор ва хел нақши муҳим доранд, меъёрҳои асосии таснифоти онҳоро ташкил мекунанд.

Аломати барҷастаи категорияи шахс ҳамчун ҷузъи маънои предикативии ҷумла ба муқобилгузории робитаи иштироккунандагони нутқ, муносибати гӯянда ба сомеъ ва шахси сеюм, предмети берун аз мавзӯи нутқ ба мисли системаи шаклҳои феъл ва ҷонишинҳои шахсӣ асос ёфтани он аст. Дар ин ҷанба на танҳо хусусияти сохторию грамматикии ҷумла муайян мешавад, инчунин мавзӯи матн ва дискурс ошкор мегардад: “Рӯзноманигорон бештар ба масъалаҳои экологии Душанбе ва атрофи он мутаваҷҷеҳ шуданд.... Муовини вазири ҳифзи муҳити зист дар бораи захираҳои оби кишвар маълумот дод” (Фараж. 23.09.2018).

Мафҳуми маънои предикативиро чун мазмуни ҷумла ба воқеият тасдиқ намуда, В.В. Виноградов ба ҳам муттаҳид нашудани категорияҳои наҳвии модалият, замон ва шахсро, ки ба категорияҳои ба онҳо мутобиқи феъл мансубанд, таъкид намудааст. Воситаҳои ифодаи наҳвии категорияҳои шахс, замон ва модалият метавонанд сарфӣ, наҳвӣ - сохторӣ ва наҳвӣ-интонатсионӣ бошанд [ниг.: 1, с.53]. Ин гуфтаҳоро метавон бо мисолҳои фаровоне, ки маъмулан ба услуби бадеӣ ва қисман ба услуби публитсистӣ хос аст, тасдиқ намуд. Дар ҷумлаҳои Меравам. Шунидӣ? Омаданд? Дар як калима ҳар се категория ифода гардидаанд.

Категорияҳои наҳвии шахс, дар баробари категорияҳои модалият ва замон, мансубияти гуфтор ва воқеиятро тавассути вазъияти нутқ ва муносибати иштироккунандагони он ифода менамоянд. Бинобар ин, дар зери мафҳуми категорияи наҳвии шахс мутобиқати субъект - иҷрокунандаи амал, ҳолат, аломати ба яке аз се нафар иштироккунандагон вобастабударо, ки дар бораи он дар ҷумла маълумот дода мешавад, мебояд дарк намуд. Аз ин рӯ, дар ҷумлаҳои: Писарам, ту ҳоло ҷавонӣ. Таваҷҷуҳ! Хомӯш! Навбати шумо - қатъи назар аз фарқи сарфӣ, сохторӣ, наҳвӣ ва модалӣ ба соҳиби амали шахси дуюм мансубанд. Махсусан, маънои муроҷиати ин ҷумлаҳо мақоми онҳоро дар ҷараёни иртибот муайян мекунад. Мафҳуми категорияи наҳвии шахс чун шакли муайянкунандаи муносибати амал ва субекти он ба гӯянда муайян карда мешавад.

Агар дар услуби гуфтугӯйӣ ва бадеӣ ифодаи ин категорияҳо гоҳо характери умумӣ ва ба ҳама дахлдоштаро гирад, дар услуби публитсистӣ маъмулан онҳо ба шахсони муайян далолат мекунанд. Ин гуна ашхосро хонандагони рӯзнома мешиносанд: “Шукурҷон Зуҳуров дар симои ҳозирин тамоми бонувонро бо Иди модарон табрику муборакбод гуфт” (Ҷумҳурият.-8.02.2016); “Сумангул Тағоева – Вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ... изҳори қаноатмандӣ намуд” (Садои мардум.-21.11.2017).

Бояд гуфт, ки зери мафҳуми категорияи наҳвии шахс на танҳо фаротар аз категорияи сарфии шахси феъл, балки он болотар аз фарқи сарфӣ ва наҳвии ҷумлаҳои феълӣ ва ғайрифеълӣ, воситаҳои ифодаи бевосита ва бавоситаи субъект, дар тазоди анъанавии шаклҳои шахсӣ ва бешахс зуҳур мекунад. Мафҳуми дар боло овардашудаи категорияи наҳвии шахс ба таври умум эътирофшуда нест.

Муқобилгузории категорияҳои шахс ва бешахс зери мафҳуми маълуму номаълум, умумикардашуда (ҷомеъ) ба грамматикаи анъанавӣ дар асоси типологии ҷумлаҳои сода дохил карда шудааст. Тафсири категорияи шахс, ки дар «Основы построения описательной грамматики современного русского литературного языка» [11] оварда мешавад, ба он равона шудааст, ки типологияи ҷумларо нисбатан ба танзим дарорад, зеро муқобилгузории мафҳуми шахс ва бешахс бевосита ба муқобилгузорӣ ё муқоисаи ҷумлаҳои дутаркибаю яктаркиба алоқаманд аст, аммо меъёри муайян намудани бешахсият баҳсбарангез аст. Чунончи, ҷумлаҳои унвонӣ бешахсанд ва дар онҳо ба зикри

шахс эҳтиёҷ нест. Ба мисли он ки дар ҷумлаҳои номуайяншахс низ зикри на соҳиби амал, балки худи амал асосист.

Дар наҳв ҳодисаи бештар ифода наёфтани субъект дар ҷумлаҳое, ки оид ба ҳолати субъект хабар медиҳанд, муҳим аст. Агар дар ҷумлаҳои бешахс ифода наёфтани субъект берун аз иродаи гӯянда, муҳим бошад, пас ифода наёфтани субъект дар ҷумлаҳое, ки дорои шахсанд, яке аз воситаҳои пешниҳоди субъекти дар ихтиёри гӯяндабуда мебошад, ки тавассути матн ва хусусиятҳои услубӣ муайян мегардад.

Ҳамин тавр, муносибати ин ё он ҷумла ба категорияи наҳвии шахс бо будан ё набудани аломати шахсият (мубтадо) ва барои ҷумлаҳои мубтадодор бо мафҳуми яке аз се шахс мувофиқи мавқеи субъект дар мубодилаи нутқ муайян карда мешавад. Метавон гуфт, ки омӯзиши масъалаи шахс ҳамчун категорияи грамматикӣ дар илми забоншиносӣ танҳо дар доираи худи қолаби ҷумла маҳдуд нагардида, доманаи фарохтар аз ҷумлро, ба мисли матн ва умуман алоқаи байни ҷумлаҳо, вазъияти нутқ, ки фарогири ҳолатҳои гуногуни коммуникатсия аст, дар бар мегирад.

А Д А Б И Ё Т

1. Грамматика русского языка. - М.: Изд-во АН СССР, 1954. - Т. II. - Ч.1.
2. Виноградов В.В. Русский язык / В.В. Виноградов. - М., 1947.
3. Виноградов, В.В. Основные вопросы синтаксиса предложения / В.В. Виноградов // Вопросы грамматического строя. - М., 1955.
4. Золотова, Г.А. Очерк функционального синтаксиса русского языка / Г.А. Золотова. - М.: Наука, 1973. – 352 с.
5. Камолиддинов, Б. Наҳви забони тоҷикӣ / Б. Камолиддинов. - Душанбе: Собириён, 2010. – 280 с.
6. Қосимова, М.Н. Структура ва семантикаи ҷумлаҳои соддаи насри асри XI / М.Н. Қосимова. – Душанбе, 1986. – 87 с.
7. Лекант, П.А. Синтаксис простого предложения в современном русском языке / П.А. Лекант. - М.: Высщая школа, 1986. – 175 с.
8. Муродов М. Асосҳои эҷоди журналистӣ / М.Муродов. - Душанбе, 2013. – 234 с.
9. Ниёзмуҳаммадов, Б. Забоншиносии тоҷик. Асарҳои мунтахаб / Б. Ниёзмуҳаммадов. - Душанбе: Дониш 1970. - 384 с.
10. Норматов, М. Ҷумлаҳои сода дар забони адабии ҳозираи тоҷик / М. Норматов. – Душанбе: Матбуот, 2001. – 184 с.
11. Основы построения описательной грамматики современного русского литературного языка. - М., 1966.
12. Руднев, А.Г. Синтаксис простого предложения / А.Г. Руднев. - М., 1960. – 160 с.

МАВҚЕИ КАТЕГОРИЯИ ШАХС ДАР ҶУМЛАҲОИ СОДА
(дар мисоли матбуоти даврии тоҷик)

Мақола ба масъалаи категорияи шахс дар ҷумлаи сода бахшида шудааст. Муаллиф дар он махсусияти категорияи шахсро дар заминаи маводи публитсистӣ таҳлил намуда, ба ҷойгоҳи шахс дар ҷумлаҳои матбуоти даврӣ ҳамчун услуби махсуси ташаккулёбандаи забони тоҷикӣ таваҷҷуҳ менамояд. Забони матбуоти даврӣ бо хусусиятҳои грамматикии худ на танҳо ҷанбаи наҳвӣ дорад, инчунин имкон медиҳад, тавассути таҳлили такроршавандагии соҳибони амал мавқеи рӯзноманигор ё симои публитсистро ошкор намояд. Аз ҷониби дигар, дар категорияи шахс муқобилгузории робитаи иштироккунандагони нутқ, муносибати гӯянда ба сомеъ ва шахси сеюм, предмети берун аз мавзӯи нутқ ба мисли системаи шаклҳои феъл ва ҷонишинҳои шахсӣ инъикос меёбад. Дар маводи матбуот матнҳоеро дучор мешавем, ки зоҳир гардидани ҳамин паҳлуҳо муайянкунандаи хусусиятҳои мундариҷавӣ ва жанрии онҳо мегардад. Категорияҳои наҳвии шахс, дар баробари категорияҳои модалият ва замон, мансубияти гуфтор ва воқеиятро тавассути вазъияти нутқ ва муносибати иштироккунандагони он ифода менамоянд, ки муҳиммияти маводи публитсистиро нишон медиҳад. Барои таҳвияти андешаҳои худ муаллиф ба сарчашмаҳои зиёди илмӣ муроҷиат менамояд.

Калидвожаҳо: категория, модалият, шахс, ҷумлаи сода, воҳиди иртиботӣ, вазъияти нутқ, публитсистика, жанр.

РОЛЬ КАТЕГОРИИ ЛИЧНОСТИ В ПРОСТОМ ПРЕДЛОЖЕНИИ
(на примере таджикской периодической печати)

Статья посвящена вопросу места и роли категории личности в простом предложении. Автор в ней на базе публицистического стиля анализирует особенности категории личности, при этом старается показать тенденции развития структуры предложения в современном таджикском языке. По ее мнению, самым ярким признаком категории личности как элемента значения предикативности предложения является то, что личности в грамматическом смысле противопоставляются, особенно это свойство ярко наблюдается тогда, когда они выражаются местоимениями, имеющими значение противопоставления. В данной ситуации выявляется не только структурно-грамматическая особенность предложения, но и тематика текста и

дискурса. Синтаксическая категория личности наряду с категориями модальности и времени выражает отношение речи и реальности посредством речевой ситуации и ее участников. Поэтому под понятием синтаксической категории личности следует понимать соотношение субъекта – исполнителя действия, ситуации, качества направленное на один из трех участников, о котором в предложении идет речь. Для подтверждения своих идей, автор опирается на многочисленные научные источники.

Ключевые слова: категория, модальность, личность, простое предложение, коммуникативная единица, речевая ситуация.

REFLECTIONS ABOUT THE ROLE OF PERSONALITY CATEGORY IN A STRUCTURAL FORM OF PROPOSAL

The article is devoted to the question of the place and role of the category of personality in a simple sentence in the Tajik language. Paying particular attention to the role of the category of personality in the structure of a simple sentence, he emphasizes that the comprehensive identification of the characteristics of this category is achieved only through situational analysis. The most striking sign of the category of personality as an element of the meaning of the suggestiveness of a sentence is that individuals in the grammatical sense are contrasted, expressed by the fact that they are expressed by pronouns that have meaning of opposition. In this situation, it is revealed not only the structural and grammatical peculiarity of the sentence and also the subject of the text and discourse. The syntactic category of the personality along with the categories of modality and time expresses the relation of speech and reality through the speech situation and its participants. Therefore, the concept of a syntactic category of personality should be understood as the ratio of the subject - the executor of the action, the situation, the quality directed to one of the three participants, which in the proposal is about him. To confirm his ideas, the author relies on numerous scientific sources.

Key words: category, modality, personality, simple sentence, communicative unit, speech situation.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Кенҷазода Манучеҳра Солеҳ*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, докторант. **Суроғa:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17.
E-mail: **kenjazoda-1978@mail.ru**

Сведения об авторе: ***Кенджазода Манучехра Солех*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, докторант. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17.
E-mail: **kenjazoda-1978@mail.ru**

Information about the author: ***Kenjazoda Manuchehra Solekh*** - Tajik National University, Candidate of Philological Sciences, doctoral student. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.
E-mail: **kenjazoda-1978@mail.ru**

УДК: 491.550

ФАРДВОЖАҲОИ МУРАККАБТАРКИБ ДАР НАЗМИ РУСТАМИ ВАҲҲОБ

Музофиршоев М.О.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Маълум аст, ки на ҳама вақт ба адиб муяссар мешавад, ки бо луғати маъмулу мустаъмали забон ва ҳатто бо истифода аз унсурҳои муассири забонию воситаҳои бадеӣ матлаби худро пурра ифшо карда тавонад. Маҳз барои ҳамин дар матни бадеӣ калимаҳое пайдо мешаванд, ки аз рӯйи шакл ва сохти грамматикиашон ба меъёри забон мувофиқат кунанд ҳам, аммо бо баъзе хусусияташон аз воҳидҳои луғавии забон фарқ карда меистанд. Ин вожаҳо, пеш аз ҳама, соҳиби муаллифанд ва баъдан, доираи истеъмолашон ҳам аз як матн ва мавриди муайян берун намеравад.

Дар назми Р. Ваҳҳоб воҳидҳои худэҷоди зиёде дар шакли калима ва ибора дучор меоянд. Дар ин мақола мо танҳо воҳидҳои луғавӣ – калимаҳоеро, ки аз лиҳози сохтори дастуриашон мураккабанд, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор медиҳем.

Хуррам он лаҳза, ки чашми хирадат боз шавад,
Мижаи **ашкфишор**ат пари парвоз шавад [5, с.34].

Дар таркиби луғавии забони тоҷикии имрӯз калимаи **ашкфишон** (АШКФИШОН اشک فشانашкбор; ашкрезон, гирён. Ҷ.1, 104) мавҷуд аст ва он ҳам танҳо дар ФТЗТ (2008) дарҷ шудааст. Вожаи мазкур дар ФЗТ (1969) алоҳида ташреҳ нагардидааст ва ҳамчун

унсури шоҳид барои сарвожаи «**рашҳа**и ҷигар» (рашҳа – қатра, чакра) дар байте аз Ҷомӣ омадааст:

Бар рухаш аз ду чашм ашкфишон
Монда аз рашҳаи ҷигар ду нишон [ҷ.2, 129 Ҷомӣ].

Бар вазни вожаи **ашкфишон,** аммо ба маънои мутафовуттар шоир калимаи **ашкфишор**ро месозад, ки он фақат дар ҳамин лаҳза тавонистааст, матлаби шоирро дуруст тасвир кунад. **Фишондан** шакли дигари *афшондан* асосан ба маънои «резондан, пошидан» ба кор меравад, **фишор** бошад, маънои «вазнинӣ, тазйиқ»-ро дорад ва ин ду вожа ҳам дар маъно ва ҳам дар шакл аз ҳам куллан фарқ доранд. Чашм ашк мерезад, яъне ашкфишон мешавад, аммо мижа не. Дар ин ҷо шоир манзараи дар ҳолати гиря ба ҳам расидани мижгони боло ба пойин ва ҷорӣ гардидани ашкро дар назар дорад. Яъне, мижа ба ашк фишор меорад ва он аз чашм мерезад. «Мижаи **ашкфишор**ат пари парвоз шавад» гуфтани шоир, ба назари мо, маънои «дигар гиря накардан, балки ба саодат расидани мухотаб»-ро медиҳад.

Дар байти дигари шеъри дигар – «Соқинома» Р. Ваҳҳоб вожаи **равонкачро** эҷод кардааст, ки сифати мураккаби тобеъ аст ва ба вазифаи муайянкунандаи исми **қачравон** ба кор рафтааст:

Дил аз качравони **равонкач** гирифт,
Най овар, ки аз чангам ояд шигифт [5, с.38].

Ба назари аввал чунин менамояд, ки шоир дар натиҷаи иваз намудани ҷойи решаҳои вожаи нахуст (качравон) калимаи нав сохтааст, аммо дар асл ин тавр нест. Воҳиди аввали луғавӣ аз решаҳои *кач* – сифат + *рав* – асоси замони ҳозираи феъл ва пасванди ҷамъбандии -*он* сохта шудааст, лекин калимаи таълифкардаи худи адиб фақат ду решаи холис дорад: *равон* – исм ба маънои «рӯҳ, ҷон» + *кач* – сифат. Вожаи **качрав** аслан сифат аст, вале дар байти боло ба мисли теъдоди калони сифатҳо (ҷавон, пир, гадо, доро…) исм шуда маънои «одами аз роҳи рост мунҳарифшуда, фиребгар»-ро далолат мекунад. **Равонкач** бошад, ҳамчун сифат ба маънои «дилсиёҳ, бадхоҳ; девона» омада, эҳсосот ва муносибати модалии гӯяндаро хеле возеҳ ифода мекунад. Яъне, аз рӯйи таркиби грамматикӣ калимаи охир дорои ду реша буда, решаи аввал – **равон**, ки исм аст, ҷузъи асосӣ ва решаи дигар (**кач** – сифат) ба ҳайси ҷузъи тобеъ корбаст шудаанд. Пас, вожаи равонкач сифати мураккаби тобеъ аст.

Қобили қайд аст, ки муайян кардани муносибати байни ҷузъҳои калимаҳои мураккаб, хоссатан дар сифатҳо, кори сода набудааст. Масалан, дар **Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик**, ки як дастури таълимии бонуфуз дар ҷумҳурии мо шинохта шудааст ва ба «қавли» худаш «… барои оммаи васеи хонандагон, мутахассисон, ходимони илму маданият, муаллимони мактабҳои оливу миёна ва студентон таълиф шудааст», роҷеъ ба ин масъала дарҷ гардидааст: «Аз рӯйи хусусияти алоқаи ҷузъҳо сифатҳои мураккаби тобеъ ду хел мешаванд: а) ҷузъи аввали калима ба ҷузъи дуюм тобеъ аст: **бадкор, некбахт**; б) ҷузъи дуюм ба якум тобеъ аст: **парипайкар, оташзабон»** [1, с.146]. Мисолҳои барои гурӯҳи, а) овардашуда ба мақсад мувофиқанд, масалан, вожаи **бадкор** аз ибораи **кори бад** пайдо шуда, возеҳ аст, ки ҷузъи **бад**, ки аслан худ сифат мебошад, ба исми **кор** тобеъ шудааст. Аммо ба калимаҳое, ки барои гурӯҳи б) ҳамчун мисол оварда шудаанд (**парипайкар** ва **оташзабон**), мо розӣ буда наметавонем. Чаро? Аз нигоҳи мантиқ шарҳ медиҳем: Ҳар ду ҷузъи ҳар ду калима ҳам исманд ва ин решаҳо ба маънои қиёс – монандкунӣ ба ҳам омадаанд: **пайкари паримонанд, забони мисли оташ тез** (сӯзон). Акнун бармало шуд, ки кадом ҷузъ асосӣ асту кадомаш тобеъ. Сифатҳое ба мисли **соҳибтадбир, соҳибҷамол, пойлуч, сарбараҳна** ва монанди инҳо барои қазияи «б) ҷузъи дуюм ба якум тобеъ аст» мисол шуда метавонанд.

Ҷумла ҷаҳон ба сад ҷунун **ҷилвасавор** меравад,
Муршиди **ҷилванописанд**, такя бо хок додаӣ [5, с.117].

Дар байте, ки мақтаи «Беди Сафедмун» ном шеъри Рустами Ваҳҳоб аст, ду вожа – **ҷилвасавор ва ҷилванописанд** кор фармуда шудаанд ва ҳар ду луғатро дар луғатнома ё фарҳангҳои тафсирии тоҷикию форсии дастрасамон пайдо карда натавонистем, пас онҳо

ҳам маҳсули эҷоди худи шоиранд. Аз лиҳози мансубияти ҳиссаинутқӣ ва сохти морфологӣ ҳар ду калима сифати мураккаби тобеанд.

Вожаҳои номбаршуда аз ҷиҳати сохту қиёфаи овозиашон ба қоидаҳои калимасозии тоҷикӣ пурра мувофиқат мекунанд, аммо оё аз лиҳози ҳамнишинии ҷузъҳо ва ифодаи маъно ҳам ба қоидаҳои сарфу наҳви тоҷикӣ созгоранд? Барои фаҳмидани ин қазия вожаҳоро ба ҷузъҳои маънодорашон таҷзия карда, таҳлил намудан лозим меояд.

Калимаи **ҷилва** аслан арабист ва дар луғатномаҳои имрӯзаи тоҷикию форсӣ тақрибан як хел тафсир шудааст. Аз ҷумла, дар ФТЗТ чунин маънидод гардидааст (айнан):

ҶИЛВА جلوه а. 1. ба тарзи дилрабо ва бо ҳаракатҳои дилкаш намудор шудан, худро нишон додан. 2. намуди чизҳои дилрабо; **ҷилва кардан** а) тофтан, хуш ва дилкаш намудан; б) дилрабоӣ кардан, карашма намудан, бо нозу карашма роҳ гаштан; **ҷилва додан** намоён кардан, зоҳир сохтан [ҷ.2, 592].

Вожаҳое, ки бо ин воҳиди луғавӣ сохта шудаанд ва дар забони имрӯзи тоҷикӣ мустаъмаланд, он қадар зиёд нестанд: **ҷилвадор** (ҷилодор), **ҷилвафурӯш** (ишвагар, ноздор, танноз), **ҷилвафурӯшӣ** (ишвагарӣ, ноз, таннозӣ), **ҷилвагар** (намоён, намудор, тобон, дурахшон), **ҷилвагоҳ** (майдони намоиши ҳунар, саҳна).

Ҷузъи дуюми калимаи аввал **савор** маълум аст, ки маънои шахс «он ки бо асп ё дигар воситаи нақлиёт аз ҷойе ба ҷойе меравад» ва амал **савор шудан** «ба ягон воситаи нақлиёт нишастан бо мақсади рафтан ба ҷойе (ба асп, ароба, кištӣ, ҳавопаймо)»-ро ифода мекунад. Ва иловатан маъноҳои «саросемагӣ ва шитобу ҳарисӣ»-ро низ дар пай дорад. Пас, **ҷилвасавор**ро «ҳарисона талош, ҷадал кардан, бо як саросемагию ҳарисӣ худнамоӣ кардан, худро нишон додан» маънидод кардан мумкин аст:

Ҷумла ҷаҳон ба сад ҷунун **ҷилвасавор** меравад,

яъне, ҳама бо ҷунунӣ ва бехудӣ, ҳарисона ва бошитоб дар талошу такопӯянд, аммо

Муршиди **ҷилванописанд**, такя бо хок додаӣ

ту, ай ҳидояткунандаи **ҷилванописанд** (худнамоиро хуш надошта; хоксор, ботавозӯъ ва фурӯтан), дар як ҷой нишастаӣ.

Дар ин замони **ҷунунҷилваи** ҳаливудӣ

Куҷо диле тапад аз нағмаҳои довудӣ? [5, с.115].

Дар ин байт калимаи **ҷунунҷилва**ро дучор омадем, ки он низ дар луғатҳо сабт нагардида ва аз лиҳози сохти грамматикӣ мураккаб мебошад. Аз ду решаи аслан арабӣ (исм+исм) сохта шудааст. Ҷунун – ҷиннигӣ, девонагӣ [7, 2, 609], девонагӣ, камақлӣ, шефтагӣ (Деҳ. вар. эле). Дар маҷмӯъ, воҳиди луғавии зери назар маънои «бехудона худнамоӣ кардан, кӯркӯрона пайравӣ намудан»-ро медиҳад. Ин маъно киноя аст ба пастшавии завқи маънишиносию бадеии ҷавонони имрӯз, ки мусиқию маданияти бегонаро парастиш карда, «нағмаҳои довудӣ» – расму фарҳанги миллии худро фаромӯш сохтаанд. Дар умум, калима сифати мураккаби тобеъ, ки ҷузъи аввали он ба пасин тобеъ шудааст.

Зи таъну уҷби **ситорамаобҳо** нарамидӣ,

Ту, **осмонитаборо**, чунин фиканда гирифтӣ [5, с.88].

Дар ин байт ду вожаро ҷудо намудаем, ки инҳо низ дар луғатномаҳо пайдо нагардиданд. Ҳар ду калима ҳам аз ҷиҳати сохт мураккаби дучузъа буда, аз рӯйи мансубияти ҳиссаинутқӣ исманд. Ҷузъи якуми калимаи нахуст **ситора** исм аст ва аслаш тоҷикист, ҷузъи дуюм калимаи арабии **маоб** мебошад. Дар ФТЗТ дар бобати ин вожа оварда шудааст: «МАОБ I а. مآب кит. 1. ҷойи бозгашт, бозгашт. 2. паноҳгоҳ. 3. ҷузъи пасини калимаҳои мураккаб ба маъноҳои дорои…, шабеҳи… ва ғ.: ҷалолатмаоб, фарангимаоб, фазилатмаоб ва ғ.

МАОБ II а. معاب кит. айб, камбудӣ, нуқсон» [6, с.757-758].

Ба фикри мо, дар шеър ин вожа ба ифодаи маънои зери рақами римии II ба кор рафтааст ва калимаи **ситорамаоб** маънои «айбҷӯ, хурдагир; бахил, нокас»-ро медиҳад ва ба касе далолат мекунад, ки ӯ гӯё ҳатто «айбу нуқси» ситораро ҳам меёбад.

Калимаи **осмонитабор** маънои «сокини олами улвӣ, ақориби олами боло»-ро медиҳад. Ин ду вожаи худсохти шоир дар байт тобиши антонимиро ба бор овардаанд, ки аз маънохои алоҳидаи онҳо ва умумии байт ба осонӣ дарк мешавад.

Замоне, ки забонам дар даҳан чун лола мепажмурд,
Ҳам аз **хунобёрат** тоза бишкуфид забони ман.

З-он шаҳаншоҳон ҳамин як ёдгори родфар-
Сабз бодо осмонат, эй **маҳанмаҳ**, бо манӣ.

Шамоли субҳ аз ҳар дара бӯйи пӯш меорад,
Ҳамон бӯйе, ки бегаҳ мол ояд, дар фазои деҳа мепечад,
Ҳамон бӯйест, ки гаҳ-гоҳ
Ман аз перомани **атрифаронсабозҳои** шаҳр меёбам,
Вале бо он табиат нест [5, с.58].

Калимаҳое, ки дар байтҳои болоӣ ишора шудаанд, низ муаллифдоранд ва таълифкардаи Рустами Ваҳҳобанд. Ҳар се вожа ҳам ба исм тааллуқ доранд ва аз лиҳози сохторашон мураккаи тобеанд. Дар маҷмӯаи «Шаҳри Хуршед» шоир дар вазн ва шакли калимаи «шаҳаншаҳ» сохта шудани **маҳанмаҳ**ро зикр намудааст [5].

Аз вожаҳои ҷудошуда калимаи **атрифаронсабоз** се ҷузъ дорад, дуи нахуст исманд ва решаи **боз** асоси замони ҳозираи феъл мебошад. Таҳти ин калима шоир олуфтаҳои шаҳрнишинро дар назар гирифтааст, ки аз бӯю накҳати табиии гулу гиёҳ ор карда, ба атру маводи «хушбӯйи» сунъии қиматарзиш рӯ овардаанд.

Ҳамин тавр, дар маҷмӯаи ашъори Р. Ваҳҳоб «Шаҳри Хуршед» мо ҳамагӣ 20 калимаи мураккабро дучор омадем, ки аз рӯйи мансубияти ҳиссаинутқӣ сифат: **ҷилвасавор, ҷилванописанд, равонкаҷ, дарундида, ашкфишор, орзусиришт, ситоранисор, ҷунунтоз рушаноб, ҳақоратафшон, шакарнам** ва исм: **хунобёр, хуршедёр, гаравгоҳ, атрифаронсабоз, маҳанмаҳ, ситорамаоб, осмонитабор, шохраҳ, зодсарв** мебошанд.

Аз гуфтаҳои фавқ бармеояд, ки вожаҳои эҷодкардаи Р. Ваҳҳоб аз ҷиҳати ҳамнишинии унсурҳо, мувофиқати мантиқӣ ва ба бор овардани маънои умумии луғавии мақбул ва матлуб, ки хостаи шоирро пурра бароварда тавонистаанд, ба ҳамаи талаботи калимасозии забони муосири тоҷикӣ мувофиқат мекунанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе: Дониш, 1985. - 356 с.
2. Муҳаммадиев М. Очеркҳо оид ба лексикаи забони адабии ҳозираи тоҷик / М. Муҳаммадиев. – Душанбе: Ирфон, 1968. – 63 с.
3. Рустамов Ш. Исм / Ш. Рустамов. – Душанбе: Дониш, 1981. – 220 с.
4. Рустамов Ш. Калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик / Ш. Рустамов. –Душанбе, 1972. – 120 с.
5. Рустами Ваҳҳоб. Шаҳри Хуршед / Ваҳҳоб, Рустам. – Душанбе, 2008. – 168 с.
6. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Дар ду ҷилд: – Душанбе, 2008. - Ҷ.1. - 950 с., - Ҷ.2. - 945 с.

ФАРДВОЖАҲОИ МУРАККАБТАРКИБ ДАР НАЗМИ РУСТАМИ ВАҲҲОБ

Дар мақола дар бораи калимаҳои мураккабе баҳс меравад, ки маҳсули эҷоди шоир Рустами Ваҳҳобанд. Маълум аст, ки на ҳама вақт ба адиб муяссар мешавад, ки бо луғати маъмулу мустаъмали забон ва ҳатто бо истифода аз унсурҳои муассири забонию воситаҳои бадеӣ матлаби худро пурра ифшо карда тавонад. Барои ҳамин адиб маҷбур мешавад, ки худ вожа созад. Масалан, дар байте, ки мақтаи «Беди Сафедмун» ном шеъри Рустами Ваҳҳоб аст, ду вожа – **ҷилвасавор ва ҷилванописанд** кор фармуда шудаанд ва ҳар ду луғатро дар луғатнома ё фарҳангҳои тафсирии тоҷикию форсии дастрасамон пайдо карда натавонистем, пас онҳо ҳам маҳсули эҷоди худи шоиранд. Аз лиҳози мансубияти ҳиссаинутқӣ ва сохти морфологӣ ҳар ду калима сифати мураккаби тобеанд. Вожаҳои номбаршуда аз ҷиҳати сохту қиёфаи овозиашон ба қоидаҳои калимасозии тоҷикӣ пурра мувофиқат мекунанд, аммо оё аз лиҳози ҳамнишинии ҷузъҳо ва ифодаи маъно ҳам ба қоидаҳои сарфу наҳви тоҷикӣ созгоранд? Барои фаҳмидани ин қазия вожаҳоро ба ҷузъҳои маънодорашон таҷзия карда, таҳлил намудан лозим меояд. Калимаҳои эҷодкардаи шоир зиёданд, аксари онҳо мураккабанд ва ба исму сифатҳо марбутанд.

Калидвожаҳо: калимаҳои мураккаб, исм, сифат, воситаҳои бадеӣ.

СЛОЖНЫЕ ИНДИВИДУАЛЬНО-АВТОРСКИЕ НОВООБРАЗОВАНИЯ В ЯЗЫКЕ ПОЭЗИИ Р. ВАХХОБА

В данной статье произведён лингвостилистический анализ сложносоставных индивидуально-авторских слов таджикского поэта Рустама Ваххоба. Моделирование сложных имён прилагательных и существительных, определяющих статику художественного текста, сближает словотворчество Р. Ваххоба с поэтическим словотворчеством символистов. Созданию эстетики образов в языке поэзии Р. Ваххоба способствует синкретизм семантики новообразований, более половины которых строятся на духовно эмоциональных ощущениях человека. В большинстве случаев сложные существительные и прилагательные проявляют себя в тексте как эпитеты, характеризующие лицо либо предмет с разных сторон, чему способствует неоднородная семантика составляющих их частей. Например, в одном стихотворении по имени «Беди Сафедмун» (Сафедмунская ива) встречаются сразу два – **ҳилвасавор (***дословно***, сверкающий всадник) и ҳилванописанд (***досл***. сверкающий неодобряемый),** оба этих слова мы не нашли в таджикских и персидских словарях. Эти лексические единицы значительно оживляют художественный текст, поскольку чаще, чем иные по составу новообразования, выступают в экспрессивно-стилистической функции, тогда как суффиксальные, префиксальные и некоторые др. одиночно возникающие в языке поэзии Рустама Ваххоба образования обладают функцией номинативной.

Ключевые слова: сложные слова, существительное, прилагательное, поэтическое словотворчество, средство поэтики.

THE ORIGINAL COMPOUND WORDS IN R. VAHHOB'S POETRY

This article provides a linguistic and stylistic analysis of the complex individual author's words of the Tajik poet Rustam Vahhob. Modeling complex names of adjectives and nouns that determine the statics of a literary text brings the word-creation of R. Wahhob closer to the poetic word-creation of the Symbolists. The creation of the aesthetics of images in the language of R. Wahhoba's poetry is facilitated by the syncretism of the semantics of new formations, more than half of which are based on the spiritual and emotional sensations of a person. In most cases, complex nouns and adjectives manifest themselves in the text as epithets that characterize a person or an object from different sides, which is facilitated by the heterogeneous semantics of their constituent parts. For example, in one poem by the name "Bedi Safedmun" (Safedmun willow) there are two at once - ҳilvasavor (literally, a sparkling horseman) and ҳilvanopisand (literally sparkling disapproved), both of these words we did not find in Tajik and Persian dictionaries. These lexical units significantly enliven the literary text, since more often than other new formations in composition, they act in an expressive-stylistic function, while suffix, prefix and some other formations that arise singly in the language of Rustam Wahhob's poetry have a nominative function, which is not typical.

Key words: compound words, noun, adjective, poetic word creation, means of poetics.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Музофиршоев Маҳмадалишо*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дотсенти кафедраи забони адабии муосири тоҷик. **Суроғa:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17 E-mail: **mamad61@meil.ru**.. Тел.: **(+992) 935-26-47-25**

Сведения об авторе: ***Музофиршоев Махмадалишо*** – Таджикский национальный университет, доцент кафедры современного литературного таджикского языка. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **mamad61@meil.ru**. Тел: **(+992) 935-26-47-25**

Information about the author: ***Muzofirshoev Mahmadalisho*** – Tajik National University, the docent of the department of modern Tajik literary language. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17. E-mail: **mamad61@meil.ru**. Tel.: **(+992) 935-26-47-25**

УДК:492.7.09:491.550

ИБОРАҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ФЕЪЛӢ БО ВОЖАҲОИ АРАБӢ ДАР АСАРҲОИ АДИБОНИ ТОҶИК

Муслимов М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ибораҳои фразеологии феълӣ яке аз гурӯҳҳои сермаҳсули воҳидҳои фразеологии забони тоҷикиро ташкил медиҳанд. Ибораҳои фразеологии феълӣ аз байни гурӯҳҳои дигари фразеологӣ ба таври равшан ҷудо шуда меистанд.

Аз ҷумлаи воҳидҳои фразеологии феълӣ чунин ибораҳои устуворе муйаян карда мешаванд, ки аз ду қисмати асосӣ - ҷузъҳои номӣ ва феълӣ иборатанд. Қисмати номӣ метавонад аз як, ду ё зиёда калимаҳо иборат бошад, қисмати феълӣ бо феълҳои содда ё мураккаб ифода мешаванд. Маъмулан дар тамоми шаклҳои гуногуни фразеологизмҳои

феълӣ ҷузъи феъл ҳамеша дар охири ибора ҷой мегирад ва ин ба тартиби қатъии калимаҳо дар забони тоҷикӣ алоқаманд аст.

Дар забоншиносии имрӯзаи тоҷик фразеологизмҳои феълӣ ҳамчун қисмати муҳимму серистеъмоли захираи фразеологияи тоҷик дар тадқиқот ва асару мақолаҳои алоҳида мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд [I. 2, с.21-29].

Воҳидҳои фразеологии феълӣ дар ҷумла ҳамчун ҷузъи ягона ба вазифаи як аъзои он – одатан хабар омада, амал ё ҳолатеро ифода намуда, ҳамаи вазифаҳои грамматикии феълро ифода менамоянд. Онҳо дар асоси ибораҳои озоди синтаксисӣ ташаккул меёбанд ва ҷузъи асосиашон қисмати феълӣ мебошад. Қисмати феълӣ тамоми шаклҳои грамматикии феълро инъикос намуда, шахс, шумора ва дигар категорияҳои феълро ифода карда метавонад. Аз рӯйи ин хусусияташон воҳидҳои фразеологии феълӣ аз ҷумлаҳои фразеологӣ фарқ мекунанд [I. 3, с.21]. Масалан, воҳиди фразеологии феълии **орзу шикастан** ба маънои «саодатманд шудан» ва ҷумлаи фразеологии **суҳбат бурида шуд** ба маънои «сокит шудан»-ро муқоиса намуда, ин фақиятро дарк намудан мумкин аст:

Сабр кун, калонтар шавӣ, меравӣ, мебинӣ, орзуят мешиканад [II. 1, с.92]. Мурдакашон омаданд, суҳбат бурида шуд ва ҷаллодон ба кор даромаданд [II. 2, с.59].

Чи тавре ки аз мисолҳои боло дида мешавад, ҷумлаи фразеологӣ дар яке аз қолабҳои ҷумлаи содда шах шуда мондааст (суҳбат бурида шуд), воҳиди фразеологии феълӣ бошад, метавонад вобаста ба матн шаклҳои грамматикиашро тағйир диҳад (орзуят мешиканад, орзуямро мешиканам, орзуят шикаста хоҳад шуд).

Воҳидҳои фразеологии феълӣ вобаста ба сохтор ва таркиби қисмати феълӣ ва номии худ ба ду гурӯҳи калон тақсим карда мешаванд.

1.Воҳидҳои фразеологии феълии дуҷузъа. Чунин воҳидҳои фразеологӣ аз ҷузъҳои соддаи номӣ ва феълӣ иборатанд: **назар андохтан** ба маънои «нигаристан», **луқма партофтан** «гапро буридан», **савод баровардан** «саводнок шудан», **фарқ нагузоштан** «фарқ накардан»:

Дар ин ҷоҳо барои иморат чӯби нағз ёфтан бисёр мушкил, - ба атроф назар андохта гуфт Нуралӣ [II. 10, с.58]. – ҳақиқатан, то имрӯз намедонистем, - луқма партофт Усмонов [II. 8, с.6]. Он касе, ки саводи шуморо бароварда ба мадраса мондааст, ҳамин шахс мебошад [II.1, с.73]. Аммо ҳеҷ фарқ нагузошта ба ҳамаи ғуломон, ё ки ҳамаи мардум якбора часпидан маслиҳат нест [II. 2, с.105].

2. Воҳидҳои фразеологии бисёрҷузъа. Дар чунин воҳидҳои фразеологӣ ҷузъҳои асосӣ аз ҳисоби калимаҳои эзоҳдиҳанда тафсил ёфтаанд: **қилро аз хамир худо кардан** ба маънои «ҳақиқатро ошкор кардан», **як қабат гӯшт гирифтан** «ниҳоят хурсанд шудан», **сари касеро ҷуфт кардан** «хонадор шудан»:

Мебинему шод мешавем, як қабат гӯшт мегирам, ҷавон мешавам [II. 10, с.51]. Биби Мастура бояд дар зиндагии худ сари писарашро ҷуфт карда монад [II.9, с.35]. Аммо охир қилро аз хамир ҷудо кардан вазифаи мост [II. 8, с.108].

Дар воҳидҳои фразеологии феълӣ низ мисли дигар гурӯҳҳои сохтории воҳидҳои фразеологӣ калимаҳои иқтибосӣ, аз ҷумла калимаҳои арабиро дучор омадан мумкин аст. Вале дар истифодаи калимаҳои арабии дохили воҳидҳои фразеологии феълӣ як хусусияти махсусе мушоҳида мегардад. Калимаҳои арабӣ бештар дар қисмати номии фразеологизмҳои феълӣ ба назар мерасанд. Албатта, ин хусусият ба он асоснок карда мешавад, ки гарчанде калимаҳои арабӣ ба қабатҳои гуногуни лексикаи забони тоҷикӣ роҳ ёфта бошанд ҳам, феълҳои забони тоҷикӣ аз ин ҷиҳат истисно мебошанд. Аз забони арабӣ феълҳо дар шакли холис ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ дохил нагардидаанд.

Ба сифати қисмати номии фразеологизмҳои феълӣ доираи васеи калимаҳое истифода мешаванд, ки ҳам калимаҳои аслии тоҷикӣ, ҳам калимаҳои иқтибосиро дар бар гирифта, ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ мутааллиқ буда метавонанд. Аз ин ҷиҳат, калимаҳои арабии дохили қисмати номии воҳидҳои фразеологии феълиро ба гурӯҳҳои зерин тақсим намудан мумкин аст.

1. Исм. Қисмати номии фразеологизмҳои феълӣ бо хелҳои мухталифи семантикии исм ифода шуда метавонанд. Аз исмҳои моддӣ серистеъмолтар он калимаҳое мебошанд,

ки маънои амалро ифода мекунанд ва дар байни онҳо масдарҳои арабӣ мавқеи махсусеро ишғол менамоянд. Калимаҳои арабӣ ҳамчун қисмати номии ибораҳои фразеологӣ тобишҳои гуногуни лексикию маъноӣ зоҳир намуда метавонанд. Масалан, калимаи арабии **барака** (аслан баракат аст, ки дар забони имрӯзаи тоҷик ҳамсадои охири он коҳиш ёфтааст) тобишҳои маънои «афзоиш», «фаровонӣ», «хубӣ», «некӣ», «некбахтӣ», «иқбол», «саодат», «шарофат»-ро дорад. Дар таркиби ибораи фразеологии феъли **баракаи** ***чизеро*** **парондан** тобиши дигари маъноӣ пайдо мекунад, ки он марбути мафҳуми динӣ мебошад:

Ман розӣ нашудам, зеро одамҳо мегуфтанд, ки агар ҳаққи осиёбон дода нашавад, баракаи орд мепарад [II. 9, с.167].

Мисли ҳамин калимаи арабии **ҳавсала** маъноҳои «бардошт», «бурдборӣ», «сабр», «майл», «рағбат»-ро дошта бошад ҳам, дар дохили воҳиди фразеологии **ҳавсалаи** ***чизеро*** **надоштан** тобиши дуюми маънои он «майлу рағбат» маҳфуз мондааст ва ба ин сабаб ибора ба тариқи умум ба маънои «бидуни майл амал кардан» корбаст мешавад:

Вақте ки ту шавқи шунидан доштӣ, ман ҳавсалаи нақл надоштам [II. 5, с.98].

Омӯзиши исмҳое, ки ба сифати қисмати номии воҳидҳои фразеологии феълӣ ба кор бурда мешаванд, нишон медиҳад, ки қариб ҳамаи гурӯҳҳои маъноии исмҳо ба ин вазифа истифода мешаванд. Вале як чиз мусаллам аст, ки ҳангоми ба ин вазифа истеъмол шудани калимаҳои арабӣ бештар исмҳои муҷаррад дучор мегарданд. Масалан, ба истифодаи калимаҳои арабии **изтироб** ба маънои «ҳаяҷони сахт», «беқарорӣ», «ошуфтагӣ», **иттифоқ** «тасодуф», «ҳамфикрӣ», **иззат** «бузургӣ», «арҷмандӣ», «азиз будан», **айш** «хушӣ», «хуррамӣ», **ҷаҳл** «қаҳр», «ғазаб» ва ғайра дар таркиби воҳидҳои фразеологии феълии **ба изтироб андохтан** ба маънои «ташвиш додан», **иттифоқ афтодан** «ба вуҷуд омадан», **иззати касеро ба ҷо овардан** «ҳурмат кардан», **айши касеро талх кардан** «озор додан», **ҷаҳлро фурӯ бурдан** «сабук шудан» ин ҳолатро мушоҳида намудан мумкин аст:

Ин воқеа ҳамаро ба изтироб андохта буд [II. 10, с.195]. Ин хел «ёриҳо» шабонарӯзе се-чор бор иттифоқ меафтад [II. 8, с.132]. Ба шумо чунин рафиқи ҳаёт лозим аст, ки дар буду набудатон шарик бошад, ба қадратон расаду иззататонро бачо орад [II. 9, с.163]. Дар тӯли сафараш айши ӯро талх мекардааст [II. 5, с.130]. Шумо вазифаатонро аз афташ, хуб намедонед, - гуфт Исфандиёр ҷаҳлашро фурӯ бурда [II. 11, с.59].

Чи тавре ки аз мисолҳои боло бармеояд, калимаҳои арабӣ дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ чунин тобишҳои маъноие пайдо кардаанд, ки аз маънои аслии луғавиашон дур рафтаанд ё дар алоҳидагӣ ин маъноро ифода карда наметавонанд. Агар калимаи арабии **иттифоқ** дар забони имрӯзаи тоҷик маънои «ҳамфикрӣ, якдилӣ, иттиҳод»-ро ифода кунад, тобиши дигари маъноии он «ғайри интизор воқеъ шудани коре» танҳо дар воҳиди фразеологии **иттифоқ афтодан** таҷассуми худро меёбад. Ҳамчунин калимаи арабии **ҷаҳл** тобишҳои маъноии «нодонӣ», «нодонии мағрурона», «беақлӣ», «бетамизӣ»-ро дошта бошад ҳам (ин тобишҳо бештар дар калимаҳои аз ин реша сохташуда **ҷоҳил**, ҷаҳолат ифода мегарданд), дар забони адабии ҳозираи тоҷик маънои тамоман нави он - «қаҳр, ғазаб» ба туфайли воҳидҳои фразеологии **ҷаҳлро фурӯ бурдан, ба аспи ҷаҳл савор шудан** ба маънои «сахт ба қаҳр омадан» ба истеъмол ворид шудаанд.

Азбаски алоқаи синтаксисии байни ҷузъҳои воҳидҳои фразеологӣ фақат сурати зоҳирии онҳост ва дар амал ин алоқаҳоро аз даст додаанд, яклухтии маъно ва устувории воҳидҳои фразеологӣ ба мадди аввал мебарояд. Ва агар боз ба назар гирифта шавад, ки дар қисми зиёди воҳидҳои фразеологии феълӣ як ё якчанд ҷузъ маънои луғавии худро аз даст додаанд, пас устувории чунин ибораҳо ба дараҷаи баланд мерасад. Ба таври намуна устувории сохтор ва ифодаи маънои луғавиро дар воҳидҳои фразеологии **луқма партофтан** ба маънои «гапи касеро буридан», **хомӯширо авло донистан** «таҳаммул кардан», **алифро таёқ гуфтан** «бесавод будан» ва ғайра дида мебароем:

Вақте ки Саидбек тарҷумаи ҳолашро гуфта дод, Довуд Саломович луқма партофт [II. 7, с.73]. Калаванда шудааст, гузашт мекунад, ё ҳеҷ набошад хомӯширо авло медонад [II. 5, с.7]. Писари ман ҳафт сол боз дар мактаби Наҷмиддин домулло мехонад, аммо то имрӯз ҳам алифро таёқ мегӯяд [II. 9, с.233].

Дар ибораҳои **луқма партофтан**, **алифро таёқ гуфтани** мисолҳои боло ба сабаби тағйир ёфтани маънои лексикии ҳамаи чузъҳои онҳо устуворӣ ва тағйирнаёбандагии таркиби лексикии онҳо ба даст омадааст. Масалан, калимаи арабии **алиф** «номи ҳарфи якуми алифбои арабӣ» ва **таёқ** маънои «чӯбдасте»-ро дорад, ки одатан шабеҳи алиф, яъне рост аст ва муродифи арабии он **«асо»** мебошад. Вале маънои яклухти воҳиди фразеологии **алифро таёқ гуфтан** «бесавод будан, бисёр нодон будан» аз маънои аслии калимаҳои таркибиаш дур рафта, устувории онро таъмин намудааст. Аз ин сабаб ҳам дар воҳиди фразеологии мазкур калимаи **таёқ**- ро бо муродифи арабии он **асо** иваз кардан мумкин нест. Мисли ҳамин аз маънои аслии худ дур рафтани калимаи арабии **луқма** «навола як миқдор хӯрдание, ки дар даҳон меғунҷад» дар таркиби воҳиди фразеологии **луқма партофтан** ба назар мерасад. Дар назари аввал чунин менамояд, ки калимаи арабии **иштиҳо** бо феълҳои **кӯр шудан, карнай шудан** робитаи маъноие надорад, чунки онҳо маънои аслии луғавии худро (**карнай** – шайпур, **кӯр** - нобино) аз даст додаанд. Вале дар натиҷаи таҳлили чуқури этимологӣ ва ба ин робита андаке равшанӣ андохтан мумкин аст. Вақте ки инсон гурусна мемонад, дидани хӯрокҳои лазиз иштиҳои ӯро меоварад. Вале дар мавриди набудани иштиҳо шахс мисли кӯр ё нобиное мегардад, ки ҳатто анвои хӯрокҳои дар наздаш бударо гуё намебинад. Шояд аз ҳамин сабаб ибораи маҷозию образноки **иштиҳоро кӯр кардан** ба вуҷуд омада бошад.

Чи тавре ки маълум гардид, анвои калимаҳои арабӣ дар таркиби воҳидҳои фразеологии феълии забони тоҷикӣ низ мавқеи махсуси худро доранд. Мисолҳои забони тоҷикӣ нишон медиҳанд, ки калимаҳои арабӣ бештар дар қисмати номии воҳидҳои фразеологии феълӣ меоянд ва дар аксари мавридҳо маънои аслии луғавии худро нигоҳ медоранд ё тобиши маъноии ба он наздике пайдо мекунанд.

I. АДАБИЁТ

1. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. – Ҷ. I. – Луғатшиносӣ / Ҳ.Маҷидов. – Душанбе, 2007 – 242 с.
2. Маҷидов Ҳ. Аломатҳои фарққунандаи воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ / Ҳ.Маҷидов // Масъалаҳои забони тоҷикӣ. - Душанбе, 1967. - С.61-78.
3. Маҷидов Ҳ. Ибораҳои фразеологии феълӣ / Ҳ.Маҷидов // Мактаби советӣ. – 1967. - №10. – С.45-48.
4. Маъсумӣ Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик / Н.Маъсумӣ. – Сталинобод, 1959. - 295 с.
5. Рубинчик Ю.А. Основы фразеологии персидского языка / Ю.А. Рубинчик. - М.: Наука, 1981. - 275 с.
6. Фозилов М. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик. (Фарҳанги фразеологӣ) / М. Фозилов. - Душанбе, 1963. - Ҷ.1. – 925 с.
7. Фозилов М. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик. (Фарҳанги фразеологӣ) / М Фозилов. - Душанбе, 1964. – Ҷ.2. - 802 с.

II. М А Н Б А Ъ Ҳ О

1. Айнӣ С. Ёддоштҳо / С.Айнӣ. - Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1954. - 407 с.
2. Айнӣ С. Осори баргузида / С.Айнӣ. - Душанбе: Ирфон, 1978. - 462 с.
3. Икромӣ Ҷ. Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро / Ҷ.Икромӣ. - Душанбе: Ирфон, 1984. – 432 с.
4. Кӯҳзод У Кини Хумор / У.Кӯҳзод. – Душанбе: Ирфон, 1978. – 239 с.
5. Мирзоев К. Дар орзуи падар / К.Мирзоев. – Душанбе: Адиб, 1990. – 400 с.
6. Муҳаммадиев Ф. Асарҳои мунтахаб / Ф.Муҳаммадиев. – Душанбе: Ирфон, 1980. – 501 с.
7. Муҳаммадиев Ф. Варта / Ф.Муҳаммадиев. – Душанбе: Адиб, 1987. – 374 с.
8. Муҳаммадиев Ф. Куллиёт / Ф.Муҳаммадиев. – Душанбе: Адиб, 1990. – 384 с.
9. Улуғзода С. Субҳи ҷавонии мо / С. Улуғзода – Душанбе: Ирфон, 1982. – 447 с.
10. Улуғзода С. Навобод / С. Улуғзода. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик., 1953. – 398 с.
11. Ҷалил Р. Асарҳои мунтахаб / Р.Ҷалил. – Душанбе: Адиб, 1988. - 464 с.

ИБОРАҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ФЕЪЛӢ БО ВОЖАҲОИ АРАБӢ ДАР АСАРҲОИ АДИБОНИ ТОҶИК

Мақола ба баррасии иқтибосоти арабӣ дар таркиби воҳидҳои фразеологии забони муосири адабии тоҷикӣ ва истифодабарии ибораҳои фразеологии феълӣ бо вожаҳои арабӣ дар асарҳои адибони тоҷик бахшида шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки ибораҳои фразеологии феълӣ яке аз гурӯҳҳои сермаҳсули воҳидҳои фразеологии забони тоҷикиро ташкил медиҳанд. Ҷумлаи воҳидҳои фразеологии феълӣ чунин ибораҳои устуворе муайян карда мешаванд, ки аз ду қисмати асосӣ - чузъҳои номӣ ва феълӣ иборатанд.Муаллиф инчунин иброз медорад, ки маъмулан дар тамоми шаклҳои гуногуни фразеологизмҳои феълӣ ҷузъи феъл ҳамеша дар охири ибора ҷой мегирад ва ин ба тартиби қатъии калимаҳо дар забони тоҷикӣ алоқаманд аст. Воҳидҳои фразеологии феълӣ дар ҷумла ҳамчун ҷузъи ягона ба вазифаи як аъзои он – одатан хабар омада, амал ё ҳолатеро ифода намуда, ҳамаи вазифаҳои грамматикии феълро ифода менамоянд. Онҳо дар асоси ибораҳои озоди синтаксисӣ ташаккул меёбанд ва ҷузъи асосиашон қисмати

феълӣ мебошад. Қисмати феълӣ тамоми шаклҳои грамматикии феълро инъикос намуда, шахс, шумора ва дигар категорияҳои феълро ифода карда метавонад. Ба сифати қисмати номии фразеологизмҳои феълӣ доираи васеи калимаҳое истифода мешаванд, ки ҳам калимаҳои аслии тоҷикӣ, ҳам калимаҳои иқтибосиро дар бар гирифта, ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ мутааллиқ буда метавонанд.

Калидвожаҳо: воҳидҳои фразеологии феълӣ, вожаҳои арабӣ, алоқаи синтаксисии байни ҷузъҳои воҳидҳои фразеологӣ, устувории ибораҳо, калимаҳои аслии тоҷикӣ, калимаҳои иқтибосӣ

ГЛАГОЛЬНЫЕ ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИЕ ЕДИНИЦЫ С АРАБСКИМИ ЗАИМСТВОВАНИЯМИ В ПРОИЗВЕДЕНИЯХ ТАДЖИКСКИХ ЛИТЕРАТОРОВ

В данной статье рассматриваются арабские заимствования в составе фразеологических единиц современного таджикского литературного языка и использованию глагольных фразеологических единиц с арабскими заимствованиями в произведениях таджикских литераторов. Автор отмечает, что глагольные фразеологические единицы языка, являясь вторичними языковыми единицами, представляют собою те или иные синтаксические консфукции, стабильно наполненные лексическими элементами. В лексико-грамматическом составе вразеологических единиц современного таджикского языка можно обнаружить не только исконно таджикские слова, которые представляют собою основу фразеологических единиц, но и многочисленные заимствованные слова. Автор указывает на то, что проникновение иноязычных слов в состав фразеологических единиц особенно заметно в процессе продолжительного и целенаправленного влияния одного языка на другой. Таким языком для таджикского языка был арабский. В современном таджикском языке функционирует не только огромное количество лексических заимствований, но и значительное число фразеологических единиц с арабскими лексическими элементами. С этой точки зрения изучение и систематизация фразеологических единиц современного таджикского языка с арабскими лексическими элементами может выявить много интересного не только в сфере фразеологической науки, но и при исследовании лексических, семантических, стилистических особенностей таджикского языка. Арабские заимствования в составе фразеологических единиц современного таджикского литературного языка можно анализировать с разных точек зрения так как арабские слова в составе фразеологических единиц выражают различную семантику и имеет свою специфику.

Ключевые слова: глагольные фразеологические единицы, арабские слова, синтаксическая связь между компонентами фразеологических единиц, устойчивость словосочетаний, исконно таджикские слова, заимствованные слова.

VERBAL PHRASEOLOGICAL UNITS WITH ARABIC BORROWINGS IN THE WORKS OF THE TAJIK LITERATORS

This article examines Arabic borrowings in the phraseological units of the modern Tajik literary language and the use of verbal phraseological units with Arabic borrowings in the works of Tajik writers. The author notes that the verbal phraseological units of the language, being secondary linguistic units, represent one or another syntactic conformation, stably filled with lexical elements. In the lexical and grammatical composition of the vraseological units of the modern Tajik language, one can find not only original Tajik words, which represent the basis of phraseological units, but also numerous loan words. The author points out that the penetration of foreign words into the composition of phraseological units is especially noticeable in the process of prolonged and purposeful influence of one language on another. Such a language for the Tajik language was Arabic. In the modern Tajik language, there is not only a huge number of lexical borrowings, but also a significant number of phraseological units with Arabic lexical elements. From this point of view, the study and systematization of phraseological units of the modern Tajik language with Arabic lexical elements can reveal many interesting things not only in the sphere of phraseological science, but also in the study of the lexical, semantic, stylistic features of the Tajik language. Arabic borrowings in phraseological units of the modern Tajik literary language can be analyzed from different points of view, since Arabic words in phraseological units express different semantics and have their own specifics.

Key words: verbal phraseological units, Arabic words, syntactic connection between the components of phraseological units, the stability of word combinations, native Tajik words, borrowed words.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Муслимов Меҳроб*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик. **Суроғa:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17

Сведения об авторе: ***Муслимов Мехроб*** –Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикского языка и методики преподавания таджикского языка и литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17

Information about the author: ***Muslimov Mehrob*** - Tajik National University, candidate of philological sciences, associate professor of the Tajik language and teaching methods of the Tajik language and literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17

УДК: 491.550

НОМГӮИ ИСТИЛОҲОТИ БЕМОРИҲО ДАР СОҲАИ ДАНДОНПИЗИШКӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА ОЛМОНӢ

Назаров Т.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Вақте лабҳо бо табассум боз мешаванд, дандонҳои ҷилодору сафед, ки дар моварои он ду лаъл маскан гирифтааст, зебогии инсон ва латофату ҳусни онро фузунӣ бахшида дучанд мегардонанд. Зикр кардан бамаврид аст, ки соҳиби чунин дандон ниме аз хушбахтиро дарёфт кардааст, зеро аз як сӯ метавонад ба ҳусни худ зебогӣ ва аз сӯйи дигар ба саломатӣ ва дурахши ҷавонӣ ҷилва диҳад. Беҳуда нагуфтаанд:

Лаззати дунё зану дандон бувад,
Бе зану дандон, ҷаҳон зиндон бувад.

Дар ҳақиқат, ҳақ ба ҷониби ин гуфтаҳост, чунки агар дар зиндагӣ шахс ҳамсари маҳбубу мушфиқ надошта бошад ҷаҳон барояш хеле тира менамояд, вале дандон надошта бошад маззаву лаззати хӯрокро тамоман ҳис накарда, танҳо меъдаро пур мекунаду халос. Ин ду мафҳум дар зиндагии шахс хеле муҳим буда, бояд пеш аз нодуруст шуданашон чорачӯӣ кард, чунки дер мешавад. Дар мақолаи мазкур сухан оиди беморихое меравад, ки маҳз дандон гирифтори онҳо шуда метавонад.

Schöne Zähne vermitteln eine vitale Ausstrahlung und ein positives Selbstwertgefühl. Ein dazu passendes Sprichwort sagt: „Dein Outfit ist niemals perfekt ohne ein schönes Lächeln“.

Дандон (Dens, odontos), ин худ узве мебошад, ки чи инсон ва ҳайвон тавассути он хӯрокро газида ва ҚИМА карда, бо забон ва дигар узвҳои ҳамроҳшаванда вориди меъда мегардонад. Дандон ғайр аз вазифаи тиббӣ – биологӣ доштанаш боз вазифаи забониро низ доро мебошад, ки дар гуфтугӯ истифода шуда, боиси талаффузи дурусти ҳарфҳо мегардад. Ҳайвонҳо бошанд дандонҳоро ғайр аз хоидан, барои муҳофизат ва ҳам лавасайд низ истифода мебаранд.Танҳо миқдор ва шакли дандонҳои маймунҳои одамшакл ба дандони одам монандӣ дорад. Дар ҷоғи болою поёни одам дандонҳо нимдоира ҷойгир шудаанд. Муносибати қатори дандонҳои болоӣ ва поёниро ҳангоми озод газидан (яъне васли ҷоғи болою поён), хобиши дандонҳо ё окклюзия меноманд.

Дандон дар инсон ду хел мешавад: дандони шир ва дандони доимӣ. Дандонҳои ширӣ дар тифлӣ инкишоф ёфта, дар синни наврасӣ (13-14 – солагӣ) ба дандонҳои доимӣ иваз мешаванд (бояд ҳамаи онҳо резанд). Дандонҳои ширӣ ба дандонҳои доимӣ монанд мебошанд, аммо ҳаҷман хурд буда, решаҳои кӯтоҳ доранд. Дар ҷоғи болою (Oberkiefer) поён (Unterkiefer) 10-тогӣ дандони ширӣ мавҷуд аст: 4 дандони пеш – Schneidezähne, 2 дандони ашк - Eckzähnева, 4 дандони курсӣ - Backzähne. Аз 6 то 14-солагӣ як қисм дандонҳои ширӣ якҷоя бо дандонҳои доимӣ вазифаи худро муштарак ичро мекунанд, ки онҳо аз 6-то дандон иборат буда, онҳоро дар забони олмонӣ чунин ном мебаранд: Mahlzähneаз 6 то 17-солагӣ baundWeisheitszähne аз синни 18 то 30-солагӣ мебароянд ва онҳоро дар забони тоҷикӣ ҳамчун дандони ақл ном мебаранд.

Рушди дандон дар давраи пайдоиши ҷанин дар батни модар (дар ҳафтаи 6-7 – уми ҳомилагӣ) оғоз ёфта, минбаъд то синни 18-20 – солагӣ ба анҷом мерасад. Ҷанини дандонҳои доимии пеш, ашк, курсии хурд дар моҳи 5-уми ҳамл пайдо мешавад. Ҷанини дандонҳои доимии боқӣ дар миёнаи соли аввали таваллуди кӯдак (дандонҳои курсии калон), дар 4-5 - солагӣ бошад, ҷанини дандонҳои курсии калон (аз он ҷумла дандонҳои ақл) ба вуҷуд меоянд [10, с.286]. Истеъмоли бенизоми ғизо, беморихои музмин, норасоии витаминҳо, намакҳои минералӣ ва микроэлементҳо (калтсий, фосфор ва ғ.) дар ғизои модар, кӯдак ва бачагони хурдсол боиси ихтилоли ташаккули бофтаҳои сахт ва осебҳои дигари дандон мегардад.

Барои дер ва ё барвақт баромадани дандонҳо иллати узвҳои дарунӣ (беморихои рӯдаю меъда, варами шуш, рахит ва ғ.) сабаб шуда метавонад. Агар дар ҷараёни пайдоишу инкишофи ҷанини дандон дар организми кӯдак мубодилаи моддаҳо нодуруст

ба вуҷуд ояд, пас бофтаҳои сахти дандон аз инкишоф мемонанд. Чунин нуқси инкишофи дандонро гипоплазия меноманд. Он бештар дар дандонҳои пеш ва курсии калони доимӣ ба вуҷуд меояд. Азбаски сири дандонҳои гирифтори гипоплазия, одатан хеле тунук мебошад, сатҳи ноҳамвории он доғҳои қаҳваранг пайдо карда, ин қабил дандонҳо дард накунанд ҳам, бештар мепӯсанд.

Дандонҳои баъзе ҷавонон (20-25- сола) тезтар хӯрда мешаванд. Сабаби ин асосан нодурустии ҷуфтгирии дандонҳо ба ҳисоб мераванд. Дар ин маврид духтур тавре табобат мекунад, ки нуқси ҷуфтгирии дандонҳо рафъ гардад. Агар лозим шавад, шакли дандонҳои фитшударо тавассути коронка (асбоби махсус) барқарор менамоянд.

Бемориҳои дандон асосан иборатанд аз илтиҳоби милки дандон, кирмхӯрдагии дандон, варам ва чиркин будани дандон, хунрезӣ ва дарди дандон, ношӣ аз авомили гуногун. Тибби имрӯза эътироф менамояд, ки сабаби харобию пӯсидагии дандон то ба ҳол ошкор нашудааст, вале ихтилол дар реҷаи ғизо монанди тағйири мувозинаи намакҳо ва камбуди витаминҳо, махсусан «В», «С» ва «Д» метавонад нақш дошта бошад. Дард худ ба худ пайдо намешавад, балки ҳангоми тамос бо гармию сардӣ, туршӣ ва ширинӣ, инчунин ҷисми сахт пайдо хоҳад шуд. Асосан пешгирии ин бемории дандон бояд аз батни модар оғоз гардад. Модари тифл бояд ғизоҳое итеъмол намояд, ки саршор аз витаминҳо, фтор, калсиюм ва фосфор бошанд, то тифли оянда аз дандонҳои мустаҳкам ва ҷилодор, инчунин устухони қавӣ бархӯрдор гардад.

Бештари бемориҳои мураккаби ковокии даҳон, аз газаки милк оғоз меёбанд. Дар муддати чанд моҳ газак метавонад ба бемориҳои хатарноктаре табдил ёбад, ки на танҳо зарар ба саломатӣ расонад, балки сабаби табобати дарозмуддати гаронарзиш гардад. Шумо низ ба беҳаловатӣ ва беҳузурии милк диққат намедиҳед ва фикр мекунед, ки ҳамааш худ ба худ мегузарад, аммо ин дард худ ба худ намегузарад – барои гузаштани он табобати дурусту босуръат ва инчунин тадбирҳои пешгирикунандаи мунтазам лозиманд.

Илтиҳоби милки дандон (Parodontose – парадантоз). Ин бемориро ба тарзи дигар Gingivitis, яъне вайрон ва мулоим шудани гӯштҳои (милкҳои) дандон низ меноманд, ки дар забонҳо бо тарзҳои хос тарҷумаи худро ёфтааст. Масалан, дар забони олмонӣ инро метавон бо номҳои зайл ном бурд: Zahnfleischentzündung, Parodontitis, Parodontose [10, с.286].

Дар бисёре аз забонҳо ин мафҳум дар шакли асл истода тарҷума намешавад, чунки мафҳум аз забони лотинӣ пайдо шудааст ва дар соҳаи тиб бояд бетағиёр монад. Шояд дар ҳар як забон тарҷума шавад, аммо каме маънои аслашро гум карда, боиси камистеъмолӣ ва омманофаҳмӣ мегардад. Дар забони олмонӣ дурусттар тарҷума мешавад, чунки забони лотинӣ бо забони олмонӣ бо ҳам хеле наздиканд. Тибби расмӣ маълум сохтааст, ки асоси пайдошиши парадантоз пайдоиши сангҳои дандон, ихтилолоти ғадуди сипаршакл, бемориҳои табодули мавод дар бадани одам, норасоии витамини гурӯҳи «В» ва ғайра мебошад. Ин беморӣ дар ибтидои пайдоиши худ асосан бидуни нишона буда, фақат гоҳе хориш ва сӯзиш дар милки дандон эҳсос мегардад [8, с.405].

Ба андешаи мутахассисон бемориҳои парадонт, яке аз мушкилоти печида дар дандонпизишкӣ ба шумор мераванд. Ин бемориҳо паҳншавии оммавӣ доранд ва табобаташон бисёр душвор буда, дар марҳилаи рушди онҳо, камсамаранокӣ воқеъ мегардад. Тибқи маълумотҳои ВОЗ (Ташкилоти ҷаҳонии тандурустӣ) наздики 95% аҳолии бузургсоли сайёраи Замин ва 80% - кӯдакон нишонаи ин ё он бемории бофтаҳои пародонтиро доро мебошанд. Нишонаҳои аввалини беморӣ – ин хунравии милкҳо, бӯйи бад аз даҳон ва пилоки дандонӣ мебошанд. Парадонтит метавонад солҳои дароз бе дард ва бе бурузи ягон аломат ҷараён ёбад ва бисёр вақт мариз ба табиб, аллакай, дар марҳилаи беморӣ муроҷиат мекунад. Дар ҳақиқат, одамони зиёде хунравии гоҳ-гоҳи милкҳоро ҳангоми дандоншӯӣ ё бараҳнашавии гардани дандонро беморӣ ҳисоб намекунанд ва бӯйи бадро низ, аммо ин, аллакай, беморӣ аст.

Харобии дандон (кариес). Тибб то ба имрӯз сабаби асосии пайдоиши ин бемориро муайян накарда бошад ҳам, аммо эътироф менамояд, ки сабаби харобию пӯсидагии

дандон, ин ихтилол дар реҷаи ғизо, монанди тағйири мувозинаи намакҳо ва камбуди витаминҳо, махсусан «В», «С» ва «Д» метавонад нақш дошта бошад.

Пулпит (лот. *Pulpitis*; лот. pulpa – лаҳм), газаки мағз (пулпа)-идандон; дар натиҷаи кариеси дандон, инчунин осеби рагҳое, ки дандонро бо хун таъмин мекунанд, паридани сир, луч шудани мағз ва шикастани дандон пайдо мешавад.

Пулпит, одатан, бемории шадид аст, ки дарди он хусусан шабонгоҳ худ аз худ (сарфи назар аз хоидани хӯрок ва таъсири ғизои гарму сард) авҷ мегирад. Баъзан дард хело тоқатфарсо гашта, аз таъсири он пушти сар, гӯш, чакка, дандонҳои ҳамшафат низ дард мекунанд. Газаки пулпаи дандон ва варами бофтаҳои он, ки дар ҷавфи дандон паҳн шуда, ба бофтаҳои сахт ва асаби пулпа фишор меорад, сабаби дарди тоқатфарсо мегардад.

Одатан, дар натиҷаи газак гирифтан, мағзи дандон нобуд шуда, тадриҷан қатъ мегардад, вале баъд аз чанд вақт (ин муҳлат хеле гуногун аст) микроорганизмҳои пулпаи нобудшуда ба тавассути канали дандон ба решаи он гузашта, боиси периодонтит мегарданд [8, с.403].

Шикастан, кафидан ва бечо шудани дандонҳо сабабҳои гуногун доранд. Дандонҳои осебёфта сахт дард мекунанд, ворахҳо варамида хуншор мешаванд. Ин ҳама ёрии таъҷилии дандонпизишкиро талаб мекунад. Одатҳои зарарнок (газидани қалам, бо дандон кандани ришта, шикастани писта, донагӣ, чормағз ва ғ.) сабабгори осеби дандон ва нуқси косметикии ҷилои дандонҳои пеш мешаванд. Дандонҳои осебёфта тадриҷан ба кариес дучор омада, ворахҳо ва пардаҳои луобӣ дар даҳон илтиҳоб пайдо мекунанд.

КАРИЕСИ ДАНДОН (Caries dentium) ё ба тарзи дигар ҳам чунин дар забони тоҷикӣ ном бурдан мумкин аст: **ПӮСИШИ ДАНДОН, КАРИЕС (лот. *Caries* - пӯсиш)**, хураи дандон, бемории маъмули дандонҳо. Кариес маъмултарин иллати дандон буда, дар натичаи ихтилоли кори узвҳои дарунӣ, таҷзияи номураттаб (мас., фаровонии ширинӣ ва баръакс, камии сафеда дар таркиби ғизо, истеъмоли ками маҳсулоти ширӣ, нарасидани микроэлементҳо ва ғ.) ва риоя накардани қоидаҳои беҳдошти дандон ба вуҷуд меояд. Ин беморӣ дар забони олмонӣ бо номи Zahnfäule тарҷума шудааст. Ҳангоми кариеси дандон бофтаҳо нарму вайрон ва дандон сӯрох мегардад [10, с.287].

Кариеси дандон дар овони ҷавонӣ рӯй медиҳад. Дар кӯдакон бештар дандонҳои курсии аввал ба кариес дучор мешаванд. Сабабҳои пайдоиши кариеси дандон алҳол пурра муайян нашудааст. Вале як чиз маълум аст, ки таҷзияи нодуруст, махсусан бисёр истеъмол кардани қанду ғизоҳои хамирӣ, нарасидани витаминҳо, калтсий ва фосфор, кам истеъмол кардани сабзавоту мева (вақти хоидани онҳо дандонҳо худ ба худ тоза мешаванд), нигоҳубини нодурусти дандонҳо ба инкишофи кариеси дандон мусоидат мекунанд. Шояд дар олам кам одаме ёфт шавад, ки боре ҳам ба дарди дандон гирифтор нашуда бошад. Аз рӯйи маълумотҳои оморӣ, танҳо аз кариес 95% аҳолии курраи Замин азият мекашанд.

АДАБИЁТ

1. Georg Carabelli von Lunkaszprie: *Systematisches Handbuch der Zahnheilkunde*. Braunmüller, 1831.
2. Fritz Driak: Anteil der Wiener Schule an der Zahnheilkunde des XVIII. und XIX. Jahrhunderts. In: Wiener klinische Wochenschrift. Band 49, 1936, S. 951–964.
3. Susann Lindemann: *Rituelle Deformierungen bei Naturvölkern. (PDF)* Dissertation, Universität Greifswald 2007, S. 2. Abgerufen am 13. November 2014.
4. Gerhard Baader und Walter Hoffmann-Axthelm: *Die Entwicklung der Zahn-, Mund- und Kieferheilkunde im europäischen Mittelalter.* In: *Medizinhistorisches Journal.* Band 6, 1971, S. 113–159.
5. H. Hammer, *Der histologische Vorgang bei der Zahntransplantation nach Vernichten der Wurzelhaut.* Dtsch Zahn Mund Kieferheilk 4, S. 179–184 (1937).
6. Friedrich Römer: *Die Deutsche Gesellschaft für Kinderzahnheilkunde: wie sie wurde – was sie ist*. Mein Buch oHG, 2004. ISBN 978-3-86516-153-6, S.16.
7. Martina Lauster, Anke Drescher, Dagmar Wiederholt: Pflege Heute 6. Auflage Elsevier Urban & Fischer München 2014.
8. Энскилопедияи Донишгоҳи давлтатии тиббии Тоҷикистон.
9. Nicole Menche, Langen: Biologie Anatomie Physiologie (Kompaktes Lehrbuch für Pfegeberufe) 7. Auflage Elsevier URBAN § FISCHER München 2012
10. Walter Artelt: *Die deutsche Zahnheilkunde und die Anfänge der Narkose und Lokalanästhesie.* In: *Zahnärztliche Mitteilungen.* Band 54, 1964, S. 566–569, 671–677, 758–762 und 853–856.

НОМГӮИ ИСТИЛОҲОТИ БЕМОРИҲО ДАР СОҲАИ ДАНДОНПИЗИШКӢ ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА ОЛМОНӢ

Дар мақолаи мазкур сухан дар бораи бемориҳои дандон рафта, муаллиф муайян менамояд, ки инсон чигуна ба бемориҳо дучор шуда метавонад ва кадом сабабҳои пайдоиши ин бемориҳо дар ҳаёти ҳаррӯзаи мо вуҷуд доранд. Номгӯи бемориҳои дандон асосан аз сарчашмаҳои забони лотинӣ оварда шудаанд ва дар забонҳои мухталиф бо тарзу услубҳои хос тарҷума шуда мавриди истифодаи умум қарор мегиранд. Дандон новобаста аз узви барқароршаванда буданаш, метавонад дар инсон чи аз ҷиҳати зебогӣ ва чи аз ҷиҳати солимии узвҳои дохилӣ нақши калоне дошта бошад. Ба андешаи мутахассисон бемориҳои парадонт, яке аз мушкилоти печида дар дандонпизишкӣ башумор мераванд. Ин бемориҳо паҳншавии оммавӣ доранд ва табобаташон бисёр душвор буда, дар марҳилаи рушди онҳо, камсамаранокӣ воқеъ мегардад. Инсон худ зоҳиран зебост, аммо дандонҳои сафеду покиза боз ҳусни вайро зеботар мегардонад. Дар урфият гуфтаанд, ки саломатиро пеш аз беморӣ ба қадраш расидан лозим, зеро назди саломатӣ молу мулки ҷаҳон ҳеҷ аст. Дар бисёре аз забонҳо истилоҳоти дандон дар шакли асл истода тарҷума намешавад, чунки мафҳум аз забони лотинӣ пайдо шудааст ва дар соҳаи тиб бояд бетағйир монад. Шояд дар ҳар як забон тарҷума шавад, аммо каме маънои аслашро гум карда, боиси камистеъмолӣ ва омманофаҳмӣ мегардад. Дар забони олмонӣ дурусттар тарҷума мешавад, чунки забони лотинӣ бо забони олмонӣ бо ҳам хеле наздиканд.

Калидвожаҳо: дандон, дард, сири дандон, луоби дандон, осеб, нукс, кариес, мулоим, ҳамвор, расиш, варам, рахит, ҷанин, беморӣ, солим, сарчашма, номгӯ, лотинӣ, забон, услуб, тарҷума.

НАИМЕНОВАНИЕ ТЕРМИНОВ БОЛЕЗНЕЙ В СФЕРЕ СТОМАТОЛОГИИ В ТАДЖИКСКОМ И НЕМЕЦКОМ ЯЗЫКАХ

В данной статье речь идет о зубных болезнях, определении причин и появлении заболеваний в нашей повседневной жизни. Названия заболеваний исходят из латинских источников и переводятся разными путями на другие языки. Независимо от того, что зуб восстанавливается, он играет очень важную роль не только в области красоты, но и при содержании внутренних органов в здравии. Как отмечают специалисты, парадонтические заболевания являются сложной проблемой в области стоматологии. Такие виды заболеваний имеют массовый характер, и их лечение проходит сложно, более того, в начале развития таких болезней, лечение является малоэффективным. Человек сам по себе красив с виду, но здоровые белые зубы придают его красоте дополнительную изюминку. По обычаю, считается, что беречь здоровье необходимо прежде чем заболеешь, ибо все сокровища мира ничто перед здоровьем. Автор рассматривает некоторые термины, касающиеся зубных болезней в таджикском и немецком языках, и утверждает, что эти термины при переводе с одного языка на другой не изменяются. Иногда эти термины переводят, но они могут изменить свое значение, и это станет причиной разногласий. Данные термины переводятся правильно с латинского на немецкий язык, так как эти два языка имеют очень большое сходство.

Ключевые слова: зуб, боль, эмаль, слизь, вред, недостаток, кариес, мягкий, ровный, рост- соприкосновение, абсцесс, рахит, зародыш, эмбрион, болезнь, здоровый, источник, наименование, латинский язык, изящество, перевод.

TERMS OF DISEASES IN THE FIELD OF DENTISTRY IN TAJIK AND GERMAN

This article is about dental diseases, their definition of the causes and appearance of diseases in our daily life. The names of diseases come from Latin sources and are translated in different ways into other languages. Regardless of the fact that the tooth is restored, it plays a very important role not only in the field of beauty, but also in the maintenance of internal organs in health. The human himself is beautiful in appearance, but healthy white teeth give his beauty an additional beauty. As experts point out, periodontal diseases are a difficult problem in the field of dentists. Such types of diseases are widespread and their treatment is difficult, moreover, at the beginning of the development of such diseases, treatment is not very effective. According to custom, it is believed that you need to protect your health before you get sick, because all the treasures of the world are nothing before health. The author considers some terms related to dental diseases in Tajik and German languages and argues that these terms do not change when translated from one language to another. Sometimes these terms are translated, but they can change their meaning and this will cause disagreement. These terms are translated correctly from Latin to German, as the two languages have a very large similarity.

Key words: tooth, pain, enamel, mucus, harm, lack, caries, soft, smooth, growth-contact, abscess, rickets, embryo, embryo, disease, healthy, source, name, Latin language, grace, translation.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Назаров Тавакал Айниевич*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи умумидонишгоҳии забонҳои олмонӣ ва фаронсавӣ. **Суроғa:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **rais-1988@mail.ru.** Тел.: **(+992) 900-05-05-25**

Сведения об авторе: ***Назаров Тавакал Айниевич*** – Таджикский национальный университет, ассистент общеуниверситетской кафедры немецкого и французского языков. **Адрес:** 734025, Руспублика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. E-mail: **rais-1988@mail.ru.** Тел.: **(+992) 900-05-05-25**

Information about the author: *Nazarov Tavakal Aynievich* – Tajik National University, the assistant of the department of German and French languages. **Address:** 734025, Republik of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **rais-1988@mail.ru.** Tel.: **(+992) 900-05-05-25**

УДК: 492.7.09.+491.550-3

НАҚШИ НИЗОМИ ГРАММАТИКИИ АРАБ ДАР ТАШАККУЛИ ИСТИЛОҲОТИ ЗАБОНШИНОСИИ ТОҶИКӢ

Нажмудинзода Рисолат Хайридин
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Таҳлилу таҳқиқ ва баррасии истилоҳоти забоншиносии тоҷикӣ ва таърихи он чун як қабати махсуси вожашиносӣ ҳам аҳаммияти назарӣ ва ҳам аҳаммияти амалӣ дорад. Ҷиҳати назарии он муайян кардани таърихи падид омадани истилоҳот ва мавқеи онҳо дар таркиби луғавии забон, корбурди иҷтимоии истилоҳот дар замонҳои мухталифро ошкор гардонад, ҷиҳати амалии он дар айни ҳол баҳрабардорӣ ва аз онҳо истифода намуда ҷойи холигии истилоҳсозию истилоҳпазириро пурра гардондан аст. Аз ин ҷост, ки дар сарчашмаҳои илмию таърихӣ ва манбаъҳои муътамад забони тоҷикӣ ва таърихи ташаккулу таҳаввул ва рушду инкишофи онро чун дигар забонҳои эронӣ ба се давраи таърихӣ тақсим намудаанд: а) давраи бостон ё қадим; б) давраи миёна; в) давраи нав ё ҷадид. Метавон ду давраро давраи қабл аз ислом донист ва давраи савуми инкишофи забонҳои хонаводаи ориёӣ ё эрониро давраи пасазисломӣ шуморид. Дар давраи пасазисломӣ нақши низоми грамматикии араб дар падид омадани истилоҳоти забоншиносии тоҷикӣ баръало ҳувайдост, ки мо тасмим гирифтаем дар доираи ин мақола дараҷаи корбурди истилоҳоти арабиро дар ташаккули истилоҳоти мазкур нишон бидиҳем.

Гуфтан ҷоиз аст, ки ибтидои донишҳои забоншиносӣ дар мардуми эронитабор аз шарҳу маънидоди асосҳои қавонини забони форсӣ дар фарҳангномаҳо шурӯъ шудааст ва ин анъана минбаъд ҳам дар даврахои мухталиф идома ёфтааст. Дастурнависӣ аз асосҳои қавонини забони форсии тоҷикӣ дар мардуми эронитабор таърихи хеле қадима дорад. Ибтидои ин амал аз таълифи ***«Farhangi oim êvak»*** шурӯъ шудааст. Вале баъдтар дар натиҷаи истилои арабҳо ин риштаи фаъолияти донишмандони улуми лисонӣ гусаста гардид ва он шадидан гирифтори нуфузу таъсири истилоҳоти забоншиносии араб шуд.

Истилоҳоти забоншиносии араб, бояд гуфт, ки ба китобат шудани китоби муқаддаси мусулмонон «Қуръон» иртибот дорад. Дар ин бобат донишманди улуми адабӣ дар асри XIV Маҳмуди Омулӣ ин тавр гуфтааст: «Ва ин фанни гузида ва илми писандида аст (манзури назар илми наҳв аст - Р.Н.) ва гӯянд сабаби вазъи ин илм он бувад, баъзе аз араб таркиботи ғайримустақим мекарданд. Агар қонуне набошад, ки мардум аз он ҷо хато ва савоби ***таркиб*** маълум кунанд, муъаддӣ шавад бад-он, ки Қуръон ва аҳодисро ***малҳун*** хонанд ва нақл кунанд ва ***хатбе*** фоҳиш зоҳир гардад» [5, с.45]. Барои беғалат хондану навиштани оятҳои Қуръони карим ва ҳадисҳо дар баробари ***илми наҳв илми эъроб*** низ пайдо шуд, то ки дар талаффуз ва китобат ба ғалатҳо роҳ дода нашавад.

Илми забоншиносии араб бо номи ***Абуласвад ад-Дуалӣ*** вобаста аст, чаро ки бо дастури халифаи 4-ум ҳазрати Алӣ ибни Абӯтолиб ӯ ба ковиш ва пажӯҳиши қоидаҳои забони арабӣ пардохта, баъзе аз онҳоро равшан намуд. Аз ҷумла, ӯ ба ҳаракатгузорӣ дар вожаҳо асос гузошта, ҳодисаҳои дастурии муайяншавандаю муайякунанда, ҷумлаҳои саволию хитобӣ, хелу анвои ҳиссачаҳоро равшан сохт. Бо ҳамин ба илми забоншиносии араб бунёд гузошта шуда, дар ин замина мактаби забоншиносии Басра пайдо мешавад.

Дар байни донишмандони ин мактаб дар шарҳу тавзеҳи баъзе масъалаҳои забоншиносӣ ва истилоҳоти илми ин соҳа ихтилофи назар пайдо мешавад ва мухолифони мактаби забоншиносии Басра дар шаҳри Куфа мактаби забоншиносии дигарро ташкил медиҳанд, ки бо номи мактаби забоншиносии Куфа машҳур мешавад. Баъдтар дар шаҳри Бағдод мактаби забоншиносии дигар пайдо мешавад, ки ҷонибдорони он мактаб, яъне мактаби забоншиносии Бағдод, кӯшиш менамоянд, ки ихтилофи назарро аз байни

забоншиносони мактаби Басра ва Куфа бардоранд. Ба тарзи дигар гӯем, мактаби забоншиносии БаҒдод хусусияти мобайнӣ дошт. Ғайр аз ин, дар мамолики араб пайи ҳалли масъалаҳои ***сарфу наҳви забони арабӣ*** боз ду мактаби дигар бо номи мактабҳои забоншиносии ***Андалус*** ва ***Миср*** пайдо мешаванд.

Афкори забоншиносии араб натанҳо дар мамлакатҳои араб, балки дар дигар манотиқе, ки дар зери нуфузи хилофат буданд, низ таъсир дошт. Аз ҷумла, ин таъсир ба афкори забоншиносии форсу тоҷик низ мушоҳида мешавад. «Ин таъсирро мо дар тамоми осори илмии донишмандони форсу тоҷик, ки ба масъалаҳои забоншиносӣ бевосита ё бавосита даст задаанд, дида метавонем. Ин донишмандон ҳам дар шарҳи масъалаҳои назарӣ ва ҳам амалии забоншиносӣ, корбурди истилоҳот комилан аз афкори забоншиносии араб истифода кардаанд. Ба сифати намуна мо метавонем чанд осори илмиеро биорем: «Эҳсо-ул-улум»-и Абӯнасри Форобӣ, рисолаи «Мантиқ», «Донишнома» ва «Махориҷ-ул-ҳуруф»-и Абӯалӣ Сино, «Ҷомеъ-ул-улум»-и Носири Хусрав, «Меъёр-ул-ашъор» ва «Асос-ул-иқтибос»-и Насируддини Тусӣ, «Ал-муъҷам»-и Шамси Қайси Розӣ ва ғайра» [11, с.67]. Дар ҳамаи ин осор мо таъсири низоми грамматикаи арабро равшан дида метавонем, алалхусус дар корбасти истилоҳоти фаннӣ, шарҳи баъзе қоидаҳои сарфию наҳвӣ ва ғайра.

Дар илми филологияи араб илми луғатшиносӣ ва фарҳангнигорӣ бештар рушд карда, дар системаи улуми адабӣ ҷойи муҳимро касб намудааст. Сабаби ин рушд дар он аст, ки барои арабҳо калима чизи муқаддас [худодод] ба шумор мерафт. Аз ин ҷост, ки қадимтарин луғати арабӣ «Китоб-ул-ъайн» буда, мураттиби он Ал-Халил-бинни Аҳмади Фароидӣ ба ҳисоб меравад. Дар қисмати муқаддимаи ин луғат мураттиб фонетикаи забони арабию истилоҳоти фонетикиро тавзеҳ додааст. Ҳамчунин дар он вожаҳо чун намуна ва чун шоҳид аз «Қуръон», шеърҳои қадимаи арабӣ, лексикаи баъзе аз шеваҳо, ба мисли шеваи Яман, Ҳиҷоз оварда мешавад. Арабҳо ҳамеша дар луғатномаҳо ғановати таркиби луғавии забони худро бо ифтихор қайд мекарданд ва машҳуртарин вожаҳоро бо муродифҳояшон шарҳу тавзеҳ медоданд.

Забоншиносии форсу тоҷик дар асрҳои миёна бо таъсир ва пайравӣ аз ҳамин анъаноти забоншиносии араб шакл гирифта инкишоф ёфтааст. Илми забоншиносии тоҷик мисли адабиёту нақди он таърихи қадимӣ ва саҳифаҳои рангину пурҷилое дорад. Аз маълумоту шарҳе, ки дар як даста рисолаҳои ба гурӯҳбандии илмҳо бахшидашудаи донишмандони асри миёнаи Шарқ ба мисли «Эҳсо (ъ) ул-улум-»-и Абӯнасри Форобӣ (асри X), «Ал-феҳрист»-и Ибни Надим (асри X), «Мафотеҳ ул-улум»-и Котиби Хоразмӣ (асри XI), «Ҷомеъ ул-улум»-и Имом Фахриддини Розӣ (аввали асри XIII), «Мифтоҳ ул-улум»-и Соккокии Хоразмӣ (асри XIII), «Меъёри Ҷамолӣ ва мифтоҳи Абӯисҳоқӣ»-и Шамси Фахри Исфаҳонӣ, «Нафоис-ул-фунун фӣ ароис ул-уюн»-и Муҳаммад ибни Маҳмуди Омулӣ (асри XIV) ва ғ. бармеояд, ҳанӯз дар асрҳои X-XI бисёр бахшҳои илми филологӣ ташаккул ёфта, донишмандони арабинависи эронинажод таълифоти чашмрасе дар риштаҳои забоншиносӣ нигоштаанд.

Воқеан, аз рӯйи маълумоти сарчашмаҳо даҳҳо уламои эронитабор бевосита дар шаклгирию рушди низоми грамматикаи забони арабӣ саҳми арзанда гузоштаанд, ки чанде аз онҳоро ном бурдан ҷоиз аст, то ки мақоми уламои эронитаборро дар ин бобат тасаввур бикунем: Абубашир Амр ибни Усмон ибни Камбар Форсии Байзовӣ маъруф бо Себавайҳи Форсӣ (761-808) муаллифи «Алкитоб», ки то имрӯз дар илми забоншиносии араб беназир аст. Абӯлҳасан Саъид Ибни Мусаъадаи Хоразмии Балхӣ (ваф 830/35) яке аз уламои варзидаи наҳви арабӣ. Ҳаким Абӯҳафс Ибни Аҳваси Суғдӣ (ваф. 832) муаллифи яке аз аввалин луғатҳои тафсирии форсии тоҷикӣ бо номи «Фарҳанги Абӯҳафс», Имом Абӯҷаъфар Ҷарири Табарӣ (838/40-922/23) аз бузургтарин наҳвиёни он замон, Абӯсаъид Ҳасан ибни Абдуллоҳ ибни Марзбони Серофӣ (893/97-979) яке аз бузургтарин наҳвиён, ки китобе навиштааст бо номи «Шарҳи Себавайҳ», Абӯмансур Муҳаммад Ибни Аҳмад Ибни Талҳа Ибни Нӯҳи Ҳиравӣ машҳур ба исми Азҳарӣ (895-980) мумтозтарин олими наҳвӣ, Абӯалӣ Ҳасан Ибни Аҳмад Ибни Абулғаффори Форисӣ (901-987/88) бузургтарин донишманди илми луғат ва наҳв, ки «Ал-эзоҳ ва наҳв», «Ҷавоҳир-ун-наҳв» таълифи ӯянд.

Абӯнаср Исмоил Ибни Ҳумоди Ҷавҳарӣ маъруф ба Имом Ҷавҳари Фаробӣ (ваф. 993/1008) «Муқаддима дар наҳв», «Сиҳоҳ-ул-луғат» (маъруф ба «Сиҳоҳи Ҷавҳарӣ») аз таълифоти ӯ мебошанд, Абулҳасани Аҳмади Қазвинии Розӣ маъруф ба Ибни Форс (940-1004), ки аз маъруфтарин луғатшиносон будааст ва «Фиқҳ-ул-луғат», «Муқоис-ул-луғат» таълифи ӯ аст, Абӯмансур Абулмалик Ибни Муҳаммад Саъолибии Нишопурӣ (961)-1037) дар луғат устоди забардаст буда, «Ат-тамсил ва л-муҳозара», «Фиқҳ-ул-луғат» асарҳои ӯ мебошанд. Абӯнаср Бадруддин Ибни Абӯбакр Ибни Ҳусайн Ибни Ҷаъфар маъруф ба Абӯнасри Фароҳ (асри Х1) луғатшиноси маъруф, луғатномаи ӯ «Нисоб-ус-сибён» дар асрҳои миёна чунон машҳур буд, ки дар пайравии он даҳҳо луғатномаҳо тасниф шудаанд, Абӯмансур Қатрони Табрезӣ (ваф. 1072) аз аввалин луғатнигорон буда, луғате бо исми «Тафосир фӣ луғатил фурс» навиштааст. Ҳаким Алӣ Ибни Аҳмад Ибни Абӯнаср Асадии Тӯсӣ (1005/10-1072) яке аз аввалин луғатнигорон, ки луғати ӯ бо номи «Луғати фурс» то ба имрӯз расидааст. Абӯбакр Абдуқодир Ибни Абдурраҳмони Ҷурҷонӣ (ваф. 1078) забоншиноси маъруфи эронитабор буда, асарҳои ӯ дар омӯзишу таълими сарфу наҳви арабӣ имрӯз ҳам дар истифода буда, асари ӯ «Асрор-ул-балоға вал баён» хеле машҳур аст. Абӯабдуллоҳ Ҳусайн Ибни Аҳмади Сӯзанӣ (ваф. 1093) аз забардасттарин уламои илми луғату наҳви арабӣ буда, «Ал-масодир», «Ал луғат-ул-форсия» асарҳои муҳимми ӯ мебошанд. Абулфазл Аҳмад Ибни Муҳаммад Ибни Аҳмад маъруф ба Майдонии Нишопурӣ (ваф.1124) луғатшиносу наҳвшиноси маъруф буда, «Ал анмузиҷ фӣ-н-наҳв», «Ас-сомӣ фӣ-л-асомӣ» асарҳои ӯянд. Абулқосим Маҳмуд Ибни Умар Ибни Муҳаммади Хоразмӣ машҳур ба Замахшарӣ (1075-1114) аз бузургтарин уламоҳои замонааш буда, «Муфассал ва-л-анмузиҷ» (дар наҳв), «Муқадди-мат-ул-адаб» (дар луғати арабӣ-форсӣ) «Асос-ул-балоға» таълифоти ӯ мебошанд. Абӯҷаъфар Аҳмад Ибни Алӣ Ибни Муҳаммад Муқрии Байҳақӣ (1077-1149) забоншиноси маъруф муаллифи «Тоҷ-ул-масодир», «Янобеъ-ул-луғат» [12, с.7].

Чунонки аз матолиби овардашуда равшан аст, ҳанӯз аз ибтидои шаклгирии улуми филологияи араб, бахусус системаи грамматикии он, саҳми тоҷикон дар ташаккул ва рушди низоми дастури забони арабӣ бениҳоят бузург будааст. Ба қавли донишманди эронӣ Ҳусайнқулии Котибӣ, «нависандагон ва муаррихон дар забони арабӣ таълифи кутуб ва рисолат намудаанд, монанди Ибни Муқаффаъ, Бадеуззамони Ҳамадонӣ, Ибни Амид, Ҷарири Табарӣ, Фахри Розӣ, Шайх Абдулқодири Ҷурҷонӣ, Истахрӣ, Ибни Сино, Фаробӣ ва садҳо ҳукамо ва фузало эронинажод буда ва ба таври яқин боиси таъсири нуфузи қавоиди лисонӣ ва нақди калимот ва истилоҳоти форсӣ ба арабӣ гардидаанд» [12, с7].

Дарвоқеъ, ин уламоҳои ҳамадон дар забони арабӣ ва форсии тоҷикӣ ба ҳадде забардаст буданд, ки афкори забоншиносии онҳо фарогири асосҳои дастури ҳарду забон буд. Баъзе аз ин уламо ба шарҳу тавзеҳи масоили марбути асосҳои дастури забони тоҷикӣ ва шаклгирию устуворшавии луғатнигории форсии тоҷикӣ замина гузоштанд. Баъдтар дар ин замина фарҳангҳои тафсирию дузабонаи зиёде ба майдон омад, ки дар онҳо шарҳу тавзеҳи баъзе қоидаҳои фонетикӣ, лексикӣ, калимасозӣ, сарфу наҳв ва ҳусни баён ба назар мерасиданд. Оҳиста-оҳиста ин шарҳу тавзеҳот дар фарҳангҳои баъдӣ, чунонки луғатшиноси тоҷик Ҳ.Рауфзода таъкид кардааст, то ҳадди очеркҳои грамматикӣ мерасанд [6].

Дар асрҳои миёна дар баробари луғату фарҳангномаҳо, шарҳу тавзеҳоти асосҳои илми сарфу наҳви арабӣ як даста асарҳои энсиклопедӣ таълиф карда мешаванд, ки аҳаммияти муҳимми таърихӣ, илмию фарҳангӣ доранд, ба мисли «Ал-феҳраст»-и Ибни Надим, «Эҳсоъ-ул-улм»-и Абӯнасрӣ Фаробӣ, «Мафотеҳ-ул-улум»-и Котибии Хоразмӣ, «Меъёри Ҷамолӣ»-и Шамси Фахрии Исфаҳонӣ, «Ҷомеъ-ул-улум»-и Имом Фахрии Розӣ, «Нафоис-ул-фунун фи ароис улъюун»-и Маҳмуди Омулӣ, «Арӯзи Ҳумоюн»-и Абдулқаҳор Исҳоқи Самарқандӣ.

Равобити фарҳангии арабу аҷам таърихи хеле қадим дошта, дар бисёр риштаҳои илм, алалхусус улуми филологӣ, муштаракоте доранд. Ин равобити фарҳангӣ ҳанӯз аз замони Ҳахоманишиён шурӯъ гардида, дар аҳди Сосониён идома доштааст. Албатта, дар ин равиш равобиту баҳамтаъсиррасонӣ дар бахши забоншиносӣ низ истисно нест.

Натиҷаи таҳқиқоти донишмандон нишон медиҳад, ки алоқаю пазироии фарҳанги Арабу Аҷам таърихи тӯлонӣ дошта, махсусан пас аз истилоҳи арабҳо таъсири илму фарҳанги арабӣ бештар мегардад ва кулли қувваҳои эҷодӣ, илмӣ пайи такмилу рушди бахшҳои мухталифи улуми арабӣ равона карда мешаванд. Алалхусус, дар устуворсозии низоми дастури забони арабӣ ва асосҳои дастури он, яъне системаи грамматикии араб, нақши уламои эронитабор хеле муассир аст. Бо анҷоми ин амал уламои эронитабор, аз як сӯ, таъсири афкори тоисломии форсии тоҷикиро ба низоми дастури забони арабӣ ҷо дода бошанд, аз сӯйи дигар, ба он куллан гирифтор гардиданд, ки ин таъсир то ибтидои асри ХХ дар таълифи осори илми забоншиносии тоҷик, бахусус, таълифи дастуру китобҳои дарсӣ аз асосҳои дастури забони тоҷикӣ ба таври муҷалло эҳсос мешавад. Аз ин ҷост, ки дар илми забоншиносии форсии тоҷикӣ ва араб таъсири мутақобила мушоҳида мешавад. Ин таъсир, ҳамчунон ки профессор Д Хоҷаев таъкид менамояд, «хусусан аз давраи таълифи китоби Сибавайҳ [Себӯя] соли 790 бо номи «Ал-китоб» хеле назаррас аст» [11, с.13]. «Ал-китоб» ҳамчунон ки худи уламои араб комилан эътироф доранд, дар илми забоншиносии араб ва олами шарқ бемисл буда, тамоми низоми дастури забони арабиро фаро гирифтааст.

Мувофиқи баҳсу андешаҳое, ки аз муҳтаво ва сохту таркиби ин асар дар байни уламои соҳаи илми забоншиносӣ сар зад, ду ҷараён ба миён омад, ки дар заминаи онҳо ду мактаб пайдо шуд: мактаби забоншиносии Басра ва мактаби забоншиносии Куфа. Баъдтар мактаби забоншиносии БаҒдод ташкил мешавад. Ин мактабҳо асосан ба таҳқиқи сохти дастурии забони арабӣ машҒул буданд ва онҳоро мактаби дастуриёни Басра, Куфа ва БаҒдод низ мегӯянд. Нахустин мактаб, ки ба инкишофи афкори забоншиносии араб ва такмили грамматикаи забони арабӣ заминаи боэътимод гузоштааст, мактаби Басра мебошад. Бинобар шаҳодати баъзе сарчашмаҳо аввалин афкори забоншиносии араб тавассути нахустин намоянда ва бунёдсози ҳамин мактаби Басра Абуласвад ад-Дуалӣ пайдо шудааст. Муаллифи «Ал-феҳрист» Исҳоқ Ибни Надим дар мақолаи ба илми наҳв бахшидааш, ки се фанро дар бар мегирад, фанни аввалро ба пайдоиши наҳв ва ахбори наҳвиёни Басра, соири фусаҳои араб ва номи китобҳои онон бахшидааст. Фанни дуюмро ба шарҳи ахбори наҳвиёну луҒавиёни мактаби Куфа ва номи китобҳои онон бахшидааст. Дар фанни сеюм дар бораи гурӯҳи наҳвиёне маълумот медиҳад, ки андешаҳои ин ҳарду мактабро ба ҳам омезиш додаанд.

Забоншиносии араб дар ибтидои шаклгириаш аз афкори забоншиносии Юнони бостон баҳра бардоштааст. Масалан, Абуласвад ад-Дуалӣ, ки бори аввал калимоти забони арабиро тақсимбандӣ мекунад, ба таҷрибаи забоншиносии Юнон муроҷиат карда, дар пайравӣ бо он кулли калимоти арабро ба се ҳисса: исм, феъл, ҳарф гурӯҳбандӣ менамояд. Илми забоншиносии араб асосан вақте ба низом дароварда шуд, ки китоби муқаддаси мусулмонон - Қуръон китобат шуд. Зарурати илми забоншиносии араб ба ҳамин китоби муқаддас иртибот дошт, ки мардуми авом, бахусус, мардуми ҒайРи араб дар қироати оятҳои Қуръон ва аҳодис ба ҒалатҳоРоҳ медоданд. Аз ин рӯ, зарурати илми эъроб (анҷомагузорӣ) пайдо шуд ва бояд мардумро аз қавонини куллияи таҒйироту омилҳои таҒйирдиҳандаи ин эъробҳо огоҳ кард. Эъроб иртибот дорад ба хусусиятҳои сохтори калимаҳо ва муносибатҳое, ки аз баҳамоии ин вожаҳо сар мезанад. Аз ин ҷост, ки дар заминаи эъроб илми сарфу наҳв шакл гирифта пайдо шуд. Дар ин бобат саҳми Абуласвад ад-Дуалиро бояд махсус таъкид кард. Ин донишманд бо ҳидояти ҳазрати Алӣ ибни Абутолиб - халифаи чаҳоруми Рошидин асосҳои низоми грамматикии арабро гузошт. Сарчашмаҳо ривоятҳои гуногунро дар иртибот ба ин масъала меоранд, ки иддае аз онҳо дар дастури таълимии Т.Яқубов «Намояндагони шинохтаи мактабҳои забоншиносии араб» [Душанбе, 2004. - 100 с.] оварда шудааст. Дар ҳар сурат шаҳри Басра, ки аз марказҳои ободонтарин маҳсуб меёфту ба мактаби Ҷунди Шомпури форсӣ (Дар ин мактаб тамаддунҳои юнонию ҳиндӣ ва форсӣ омӯхтаю паҳн карда мешуд) наздик буд, бунёди илми забоншиносии араб гузошта мешавад.

Мухолифони мактаби забоншиносии Басра дар шаҳри Куфа мактаби дигареро ташкил медиҳанд. Дар фаҳмиши баъзе аз масъалаҳои дастури забон миёни намояндагони

ин ду мактаб ихтилофи назар будааст. Баъдтар мактабҳои Баґдод, Миср ва Андалус пайдо мешаванд, ки онҳо кӯшиш менамоянд, ки миёни мактабҳои Басраю Куфа созишро ба вуҷуд оранд.

Ба ҳамин тариқ, ҳарчанд ки аксари поягузорон ва рушддиҳандагони грамматикаи араб эронитаборон буданд, аммо онҳо натавонистанд, саҳеҳтараш имкон надоштанд, ки мустақиман низоми дастури забони форсии тоҷикиро мураттаб созанд, зеро забони илму таълим забони арабӣ буд ва низоми дастури забони форсии тоҷикӣ низ ба асоси ҳамон низоми дастури забони арабӣ омӯхтаю таълим дода мешуд. Баъдтар баробари андаке суст шудани низоми сиёсии хилофат баъзе дастурҳо ҷиҳати сода кардани нуктаҳои асосии грамматикаи арабӣ бо забони форсии тоҷикӣ пайдо шуданд.

Шаклгирии илми забоншиносии тоҷик, ки ҳанӯз дар аҳди Сосониён шурӯъ шуда буд, танҳо дар асрҳои IX-X дар ин самт аз ҷониби донишмандони тоҷик баъзе иқдомҳо гузошта мешавад. Аз ин рӯ, поягузорони илми забоншиносии форсии тоҷикӣ боз ҳамон донишмандони фарзонаи аҳди Сомониён, ҳамон донишмандони тоҷик буданд, ки бо забони арабӣ асарҳои оламшумул эҷод кардаанд. Инҳо Абубакр Муҳаммад Ибни Закариёи Розӣ (865-925), Абӯнаср Муҳаммади Форобӣ (873-950), Абӯалӣ ибни Сино (980-1037) мебошанд. Дар асрҳои минбаъда, яъне асри XI-XV донишмандони дигаре ба мисли Носири Хусрав, Насируддини Тӯсӣ, Шамси Қайси Розӣ, Маҳмуди Омулӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ ва дигарон аз комёбию дастовардҳои забоншиносии Юнону Ҳинд ва Араб истифода карда, ҷабҳаи назарии забоншиносии тоҷикиро то андозае бакувват карданд. Дар асрҳои XV-XIX як даста донишмандони дигар ин анъанаро идомаю равнақ доданд, ба мисли Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ, Хоҷа Ҳасани Нисорӣ, Воҷидалии Муҷмалӣ.

Профессор Д.Хоҷаев дар рисолаи докторияш чунин менигорад: «Бунёди назариявии забоншиносии тоҷик дар асрҳои миёна ба асоси системаи фалсафии Абӯнасри Форобӣ ба воситаи таълифоти нодири Абӯалӣ Сино «Донишнома» гузошта мешавад» [10, с.50].

Азбаски то поягузории илми забоншиносии тоҷик аз ҷониби ин донишманди ҳамадон, аллакай, таъсири системаи грамматикаи араб ба таълимоти луґавию грамматикии тоҷикӣ хеле пурзӯр гардида буд, ин таъсир ба афкори забоншиносии Абӯалӣ Сино низ хеле назаррас аст. Мо ин таъсирро минбаъд ҳам дар таълифоту афкори дигар донишмандони тоҷик то солҳои 20-30-юми асри XX баръало дида метавонем. Аз ин миён донишманди шаҳири тоҷик муаллифи «Матлаъ-ул-улум ва маҷмаъ-ул-фунун» низ истисно нест. Мо ин таъсирро аз номи асар шурӯъ карда, дар тамоми афкору биниши масъалаҳои забоншиносӣ дар ин асар дида метавонем.

Боби аввали «Матлаъ-ул-улум ва маҷмаъ-ул-фунун» «Дар баёни муфрадот ва мураккиботи ҳуруфи таҳаҷҷӣ ва тасрифи масдари форсӣ» ном дорад. Воҷидалии Муҷмалӣ дар ин боб шарҳу тавзеҳи масоили фонетикиро дар ҷойи аввал гузоштааст ва таъкид мекунад, ки таълими ҳуруфи таҳаҷҷии форсиро дар алоқа ва муқоиса бо ҳуруфи таҳаҷҷии забони арабӣ бояд ба роҳ монад. Ин усул аз он ҷиҳат зарур аст, ки шогирдон баробари азбаркунии хусусиятҳои савтии овозҳои форсии тоҷикӣ ва аломату нишонаҳои овозҳои арабӣ ва хатти арабӣ ошно мешаванд. Ҳарчанд Воҷидалии Муҷмалӣ кӯшиш кардааст, ки ҷиҳатҳои фонетикии хосси забони форсии тоҷикӣ, аз қабили ***бадалшавии овозҳо***, ***хосси тоҷикӣ набудани ҳодисаи ташдид ва овозҳои хосси тоҷики***ро нишон диҳад, аммо дар шарҳи маънии ҳарфҳо бо ҳаракатҳои сегона ва ҳиҷоҳо хондани ҳиссаҳои калимаҳо дар равиши низоми дастури забони арабӣ мебошад.

Дар забоншиносии араб дар шарҳи масоили ***сарф*** ё морфология Сибавайҳ асосан ба таълимоти Халил ибни Аҳмад такя намуда, чунин мавзӯъҳои марбут ба морфологияро пешниҳод кардааст: 1.Таснифи ҳиссаҳои нутқ; 2. Сохти решаи калимаҳо; 3. Исм ва таснифоти он; 4. Феъл ва шаклҳои он; 5. Категорияҳои шахсу шумора; 6. Сифатҳои нисбӣ; 7. Таґйиротҳои гуногуни шакли калима.

Мо шарҳу маънидоди ҳамин гуна масъалаҳои марбути морфологияро дар таълифоти Абӯнасри Форобӣ, Абӯалӣ Сино ва дигар донишмандони баъдӣ, аз ҷумла Воҷидалии Муҷмалӣ низ дида метавонем.

Масалан, Абӯнасри Форобӣ илми забоншиносиро ба чунин қисмҳо ҷудо кардааст, ки аксари онҳо ба илми сарф иртибот дорад: 1. Илм дар бораи калимаҳои сода; 2. Илм дар бораи ибора; 3. Илм дар бораи қонунҳои калимаҳои сода; 4. Илм дар бораи қонунҳои ибора; 5. Илм дар бораи қоидаҳои имло; 6. Илм дар бораи қонунҳои талаффуз; 7. Илм дар бораи қонунҳои шеър.

Дар назариёти Абӯалӣ Сино оид ба шарҳи масъалаҳои морфология як навъ кӯшиши аз низоми дастурии забони арабӣ дур сохтани асосҳои дастури забони форсии тоҷикӣ дида мешавад. Масалан, ӯ дар рисолаи «Мантиқ»-и «Донишнома» ин тавр гуфтааст: «Ҳар лафзи муфрад ё ном бувад, ё куниш, ё ҳарф. Ва ба тозӣ «ном»-ро исм хонанд ва мар «куниш»-ро наҳвиён феъл хонанд ва мантиқиён «калима» хонанд ва исму калима ҳардуро маънии тамом бувад, чунон ки агар касе пурсад, ки: «Киро дидӣ?» гӯйӣ «Зайдро» ҷавоб тамом бувад. Ва агар касе пурсад, ки «Зайд чӣ кард?» гӯйӣ: «Бирафт» ҷавоб тамом бувад ва аммо ҳарфро маънии тамом набувад, чунон ки агар гӯянд: «Зайд куҷост?» гӯйӣ: «Ба» ё гӯйӣ: «Андар» ҳеҷ ҷавоб набувад, то нагӯйӣ: «Ба хона», «Андар масҷид», «Бар бом».

Чунон ки аз тавзеҳи фавқ дида мешавад, Абӯалӣ Сино яке аз масъалаҳои муҳимми морфология – гурӯҳбандии ҳиссаҳои нутқро хеле равшану возеҳ дар заминаи қонунҳои сарфии забони форсии тоҷикӣ матраҳ сохтааст, ҳарчанд ки дар нақшаи ӯ такя ба системаи грамматикии араб дида мешавад.

Воҷидалии Муҷмалӣ ҳарчанд кӯшиш кардааст, ки асосҳои сарфии забони тоҷикиро дар ҳаҷми барномаи мадрасаҳои форсӣ матраҳ созад, аммо ногузир аз калимоту истилоҳоту таркиботи арабӣ ба таври фаровон истифода кардаст. Чунончи: ***сарф, феъл, масодар, мутаъадӣ, фоъил, иқтизо, муқтазӣ, мафъул, муштарак, сиға, воҳид, ғоиб, мозӣ, музореъ, музаккар, муннас, қулия, соқит, мустақбал, вақф, мабнӣ, маъруф, сокин, лафз, мутакаллим, мухтафӣ, мутлақ, истимрорӣ, мафтӯҳ, мусбат, манфӣ, муфрад, мураккаб, маҷҳул, наҳӣ, мустаъмал, афъол, мусарриф, ҷомид, иштиқоқ, муъҷама, бадал*** ва ғайра.

Тавре ки мебинем, аксари ин истилоҳот имрӯз ҳам дар дастуру китобҳои дарсӣ аз асосҳои забони форсии тоҷикӣ мустаъмаланд.

Мувофиқи анъанаи забоншиносии араб аксари уламои забоншиносро бо исми наҳвӣ ном мебаранд ва вожаи «наҳв» барои ифодаи бахши асосии илми забон фаҳмида мешуд ва ҳамин анъана дар системаи забоншиносии Воҷидалии Муҷмалӣ риоя шудааст. Масалан, дар фасли дуюми боби нуҳуми «Матлаъ-ул-улум ва маҷмаъ-ул-фунун», ки «Дар баёни қавоиди наҳви форсӣ» ном дорад, масоиле матраҳ шудааст, ки ба қисмати морфология ва синтаксис тааллуқ доранд. Чунончи, ба се ҳисса: исм, феъл ва ҳарф тақсимбандӣ шудани калимот, шарҳи ҳар кадоме аз ин ҳиссаҳои нутқ, шарҳи калимасозии баъзе пасванду пешванд ва миёнвандҳо, тарзу воситаҳои ташкили ибораю ҷумлаҳоро овардааст. Ҳамчунон оид ба сараъзою аъзоҳои пайрав, анвои баъзе ҷумлаҳо маълумот додааст.

Ҳамин тавр, нақши низоми грамматикии араб дар ташаккули истилоҳоти забоншиносии тоҷикӣ хеле назаррас буда, бештари истилоҳоти соҳаи забоншиносӣ маншаи арабӣ доранд ва дар осори илмию таълимӣ донишмандон онҳоро мавриди истифода қарор додаанд. Сабаби бунёди арабӣ доштани истилоҳоти забоншиносӣ чун дигар гурӯҳи истилоҳот дар он аст, ки пас аз истилои араб забони илм забони арабӣ маҳсуб меёфт ва ин забон дар ташаккули истилоҳоти илмии бахшҳои гуногун таъсири худро гузоштааст.

АДАБИЁТ

1. Ализода С. Сарфу наҳви тоҷикӣ / С.Ализода. – Душанбе, 2006. – 79 с.
2. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ.3. – Душанбе, 1989. - 225 с.
3. Муҳаммад Ғиёсиддин. Ғиёс-ул-луғот.Ҷилди 1 / Ғиёсиддин Муҳаммад. – Душанбе, 1987. – 480 с.
4. Муҳаммад Ғиёсиддин. Ғиёс-ул-луғот. Ҷилди 2 / Ғиёсиддин Муҳаммад. - Душанбе, 1988. – 416 с.
5. Омулӣ, Маҳмуд. Нафоис-ул-фунун фи ароис-ул-фан / Маҳмуди Омулӣ. – Теҳрон, 1381ҳ. - 595 с.
6. Раупов Ҳ. Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ ҳамчун сарчашмаи лексикографияи тоҷику форс / Ҳ.Раупов. - Душанбе: Дониш, 1973. – 191 с.
7. Хоҷа Ҳасани Нисорӣ. Чаҳор гулзор / Нисорӣ, Хоҷа Ҳасан. – Душанбе, 1998. – 116 с.
8. Хоҷаев Д. Гуфтори наку куҳан нагардад / Д.Хоҷаев. –Душанбе, 2011. – 229 с.

9. Хоҷаев Д. Муаллифи нахусткитоби дарсии «Сарфу наҳви тоҷикӣ» / Д.Хоҷаев, П. Гулмуродзода // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 1991. - № 2. – С.5-12.
10. Хоҷаев Д. Афкори забоншиносии тоҷикӣ дар асрҳои XVII-XVIII / Д.Хоҷаев // Забон – рукни тоат. – Душанбе, 2013. – С.3-17.
11. Хоҷаев Д. Ташаккул ва таҳаввули илми забоншиносии тоҷик дар асрҳои миёна / Д.Хоҷаев. – Душанбе, 1998. – С.13.
12. Ҳусайнқулии Котибӣ. Таърихи мухтасари насри форсӣ / Котибӣ, Ҳусайнқулӣ.– Табрез, 1948. - С.7.

НАҚШИ НИЗОМИ ГРАММАТИКИИ АРАБ ДАР ТАШАККУЛИ ИСТИЛОҲОТИ ЗАБОНШИНОСИИ ТОҶИКӢ

Дар мақолаи мазкур аҳаммияти назарӣ ва ҳам аҳаммияти амалӣ доштани баррасии истилоҳоти забоншиносии тоҷикӣ ва таърихи он чун як қабати махсуси вожашиносӣ зикр мегардад. Ҷиҳати назарии он дар муайян кардани таърихи падид омадани истилоҳот ва мавқеи онҳо дар таркиби луғавии забон, корбурди иҷтимоии истилоҳот дар замонҳои мухталифро ошкор гардонад, ҷиҳати амалии он дар айни ҳол баҳрабардорӣ ва истифода аз онҳо ҷойи холигии истилоҳсозию истилоҳпазириро пурра гардондан аст. Илми забоншиносии араб ба номи Абуласвад ад-Дуалӣ вобаста аст, чаро ки ӯ ба ковиш ва пажӯҳиши қоидаҳои забони арабӣ пардохта, ба ҳаракатгузорӣ дар вожаҳо асос гузошта, ҳодисаҳои дастурии муайяншавандаю муайянкунанда, ҷумлаҳои саволию хитобӣ, хелу анвои ҳиссачаҳоро равшан сохт. Бо ҳамин ба илми забоншиносии араб бунёд гузошта шуда, дар ин замина мактаби забоншиносии Басра пайдо мешавад. Баъдтар барои ҳалли масъалаҳои сарфу наҳви забони арабӣ боз чанд мактаби дигар бо номи мактабҳои забоншиносии Кӯфа, Бағдод, Андалус ва Миср пайдо мешаванд. Афкори забоншиносии араб натанҳо дар мамлакатҳои араб, балки дар дигар манотиқе, ки дар зери нуфузи хилофат буданд, низ таъсир дошт. Аз ҷумла, ин таъсир ба афкори забоншиносии форсу тоҷик низ мушоҳида мешавад. Таъкид мегардад, ки дар давраи пасазисломӣ нақши низоми грамматикии араб дар падид омадани истилоҳоти забоншиносии тоҷикӣ баръало ҳувайдост ва дар доираи ин мақола нақши низоми грамматикаи забони арабиро муаллиф дар ташаккулёбии истилоҳоти илмии забоншиносии тоҷик нишон дода, дар асоси манбаъҳои хаттӣ инъикос ёфтани онҳоро қайд мекунад. Зикр мегардад, ки дар ташаккули истилоҳи забоншиносии тоҷикӣ дастурҳои арабии аз тарафи олимону донишмандони форсу тоҷик навишташуда нақши муассир дорад.

Калидвожаҳо: забон, арабӣ, тоҷикӣ, форсӣ, истилоҳот, забоншиносӣ, луғат, сохтор, феъл, наҳв, сода, мураккаб, анвоъ, ҷумла, ташдид, эъроб ва ғ.

РОЛЬ ГРАММАТИЧЕСКОЙ СИСТЕМЫ АРАБСКОГО ЯЗЫКА В ФОРМИРОВАНИИ ТАДЖИКСКОЙ ЯЗЫКОВЕДЧЕСКОЙ ТЕРМИНОЛОГИИ

В данной статье отмечается теоретическое и практическое значение рассмотрения таджикской языковой терминологии и ее история как одного из особенных пластов лексикологии. Ее теоретический аспект раскрывает определение истории появления терминологии и ее позиции в словарном составе языка, социальное использование терминологии в различные исторические периоды, практический же аспект в данный момент служит для их использования и восполнения пробелов в процессе создания и построения терминов. Наука об арабском языкознании связано с именем Абуласвада ад-Дуали, так как он приступив к поиску и исследованию правил арабского языка, заложил основу движения в словах, внес ясность в инструктивные явления определения и определяемого, вопросительные и восклицательные предложения, виды частиц. Этим была заложена основа арабского языкознания и на его почве возникла Басрийская школа арабского языкознания. Затем для решения проблем морфологии и синтаксиса арабского языка возникли несколько школ под названием Куфийская школа, Багдадская школа, Андалузская школа и Египетская школа арабского языкознания. Арабская языковедческая мысль имела свое влияние не только в арабских странах, также и в других странах, находящихся под влиянием халифата. Также наблюдается данное влияние и на языковедческую мысль персидско-таджикского языкознания. Подчёркивается, что даже в послеисламский период отчетливо наблюдается роль арабской грамматической системы языка в выявлении терминологии таджикского языка, и в рамках данной статьи автор показав роль арабской грамматической системы языка в формированиии научной языковедческой терминологии таджикского языка, отмечает их отражение на основе письменных источников. Отмечается, что в формировании языковедческой терминологии таджикского языка воздействующую роль сыграли арабские предписания написанные персидско-таджикскими учеными.

Ключевые слова: язык, арабский, таджикский, персидский, терминология, языкознание, словарь, структура, глагол, синтаксис, простой, сложный, разнообразие, предложение, удвоение, склонение.

THE ROLE OF THE GRAMMATIC SYSTEM OF THE ARABIC LANGUAGE IN THE FORMATION OF TAJIK LANGUAGE TERMINOLOGY

This article notes the theoretical and practical significance of considering Tajik linguistic terminology and its history as one of the special layers of lexicology. Its theoretical aspect reveals the definition of the history of the emergence of terminology and its position in the vocabulary of the language, the social use of terminology in various historical periods, while the practical aspect at the moment serves to use them and fill gaps in the process of creating and constructing terms. The science of Arabic linguistics is associated with the name of Abulaswad ad-Douali, since he, starting to search and study the rules of the Arabic language, laid the foundation for movement in words, clarified the instructive phenomena of

the definition and the defined, interrogative and exclamatory sentences, types of particles. This laid the foundation for Arabic linguistics and on its basis arose the Basrian school of Arabic linguistics. Then, to solve the problems of the morphology and syntax of the Arabic language, several schools arose called the Kufi School, the Baghdad School, the Andalusian School and the Egyptian School of Arabic Linguistics. Arab linguistic thought had its influence not only in the Arab countries, but also in other countries under the influence of the Caliphate. This influence is also observed on the linguistic thought of Persian-Tajik linguistics. It is emphasized that even in the post-Islamic period, the role of the Arabic grammatical system of the language in identifying the terminology of the Tajik language is clearly observed, and within the framework of this article, the author showing the role of the Arabic grammatical system of the language in the formation of the scientific linguistic terminology of the Tajik language, notes their reflection on the basis of written sources. It is noted that in the formation of the linguistic terminology of the Tajik language, the Arabic prescriptions written by Persian-Tajik scientists played an influencing role.

Key words: language, Arabic, Tajik, Persian, terminology, linguistics, dictionary, structure, verb, syntax, simple, complex, variety, sentence, doubling, declension.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Нажмудинзода Рисолат Хайридин*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, аспиранти кафедраи таърихи забон ва типология. **Суроғa:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **risolat-92@mail.ru.** Тел.: **(+992) 907-52-60-50**

Сведения об авторе: ***Нажмудинзода Рисолат Хайридин*** – Таджикский национальный университет, аспирант кафедры истории языка и типологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17.
E-mail: **risolat-92@mail.ru**. Телефон: **(+992) 907-52-60-50**

Information about the author: ***Nazhmudinzoda Risolat Hayridin*** - Tajik National University, graduate student of the Department of the History of Language and Typology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17. E-mail: **risolat-92@mail.ru**. Tel.: **(+992) 907-52-60-50**

УДК: 491.550-54:34 (575.3)

МАВҚЕИ КОРБУРДИ СИФАТҲОИ СОХТА ДАР ҲУҲҶАТҲОИ МЕЪЁРИИ СОҲАИ ХУҚУҚ

Нуралиева Д.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Забони тоҷикӣ меъёр ва усулу қолабҳои муайяни калимасозӣ дорад, ки таьрихан ташаккул ёфтааст. Тарзу қолабҳои калимасозӣ устувор буда, дар тӯли қарнҳо тағйир наёфтаанд ва дар заминаи ҳамин қолабҳо калимаҳои нав сохта шудаанд. Калимасозӣ он қисмати забоншиносӣ аст, ки амалан ба грамматика тааллуқ дорад. Дар грамматика калимасозӣ ҳамчун як қисми он дар алоҳидагӣ ё дар доираи ягон ҳиссаи ҷудогонаи нутқ омӯхта мешавад.

Дар китоби "Забони адабии ҳозираи тоҷик" шаш усули калимасозӣ: морфологӣ, синтаксисӣ – морфологӣ, морфологӣ – синтаксисӣ, луғавӣ - синтаксисӣ, лексикӣ - семантикӣ, калимасозӣ бо усули ихтисора нишон дода мешавад [6, с.128-131]. Дар “Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик" усулҳои морфологӣ, морфологӣ - синтаксисӣ, синтаксисӣ – морфологӣ, луғавӣ – синтаксисӣ, лексикӣ - семантикӣ ва ихтисораҳо таъкид мегарданд [3, 4, 5]. Профессор М. Қосимова дар такя ба назарияҳои калимасозии рус онро ба навъҳои морфологӣ, структурӣ- семантикӣ (сохторӣ – маъноӣ), синтаксисӣ, ономасиологӣ ва функционалӣ - семантикӣ ҷудо мекунад [7, с.123] ва таъкид менамояд. ки мувофиқи ин назария сохти калимасозӣ чунин аст: сода, сохта, мураккаб, таркибӣ ва конверсия (транспозитсия).

Калимасозии сифат дар забони тоҷикӣ хеле сермаҳсул буда, бештар бо роҳи морфологӣ сохта мешавад. Забоншиносон ду тарзи калимасозии сифатро таъкид намудаанд: а) аффиксатсия б) калимаҳои мураккаб, ки сифатҳои сохта серистеъмолтарин гурӯҳи сифатҳо дар ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ буда, бо роҳи аффиксатсия сохта мешаванд. Роҳҳои сохта шудани сифатҳои сохтаро чунин метавон тасниф кард:

Ба воситаи пешвандҳо сохта шудани сифатҳо. Тавассути пешвандҳо сохта шудани сифатҳо сермаҳсул буда, дар адабиёти илмии забоншиносӣ борҳо таъкид гардидааст. Табиист, ки дар ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи ҳуқуқ бо ёрии пешвандҳо сохта шудани сифатҳо бештар ба мушоҳида мерасад.

Пешвандҳои **ба-, бо-, бе-, бар-, дар**- ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ: исм, сифат, шумора ва феъл ҳамроҳ шуда, сифати нав месозанд. Пешванди бо- бо исмҳо ҳамроҳ шуда сифати аслӣ месозад, ки мазмунан ба ягон хосият ва аломат соҳиб будани предметро мефаҳмонад: бонизом, босифат, бомуваффақият, бодиққат, бошуурона, бовиҷдон, боинтизом, ботартиб, ботантана ва ғайра. Мисол: Бо хоҳиши никоҳшавандагон бақайдгирии давлатии ақди никоҳ дар вазъияти ботантана дар бинои мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва ё берун аз он сурат мегирад [8, с.38].

Пешванди бе- низ дар асноди соҳаи ҳуқуқ серистеъмол аст. Ин пешванд бо исмҳои ҷинсу маънӣ омада, сифати аслӣ месозад, ки он ба аломати дар асос номбаршуда молик набуданро мефаҳмонад. Чунончи: Дар сурати бо сабабҳои беасос хабар надодани маълумоти дар қисмҳои 1 ва 2 ҳамин модда зикргардида шахсони мансабдор ва шаҳрвандони дигаре, ки дар ин кор гунаҳкоранд, мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонун ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд [8, с.249]. Қонунгузор барои он ки рӯёндани алимент дар асоси варақаи иҷро ва созишномаи аз ҷониби идораи нотириалии давлатӣ тасдиқшуда оид ба пардохти алимент бефосила иҷро гардад, маъмурияти ташкилоти ҷойи кори (таҳсил ва ғайра) алиментдиҳандаро дар иҷро кардани алиментҳои муайян уҳдадор кардааст [8, с.249]. Агар яке аз тарафҳои никоҳшаванда шаҳрванди хориҷӣ ё шахси бешаҳрванд бошад, шартҳои иловагии зерин талаб карда мешаванд:… [8, с.39]. Ақди никоҳ бо роҳи бекор кардани он (талоқ) дар асоси аризаи зан ё шавҳар ё ҳар дуи онҳо. Васии зан ё шавҳаре, ки суд ӯро ғайри қобили амал эътироф намудааст, инчунин прокурор қатъ гардиданаш мумкин аст [8, с.49].

а). Пешванди бе-

Пешванди **бе** дар забони форсии миёна дар шакли **абе** мустаъмал буда, бинобар таҳқиқи муҳаққиқи таърихи забон Саймуддинов Д., аз исмҳо сифат месозад. Мисли «абегумон- бегумон», «абебим-бебим». [12, с.137].

Дар забони муосири тоҷик, ки идомаи забони форсии нав аст, вазифаи ин пешванди сифатсоз тағйир наёфта, то ҳол ҳамчун унсури фаъоли сифатсоз боқӣ мондааст. Дар ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи ҳуқуқ тавассути ин пешванд вожа ва истилоҳоти зиёде сохта шудааст. Мисол: Амали қарори мазкур ба он хотир аст, ки беасос ва худсарона кам кардани сармояи оинномавии ҷамъият пешгирӣ карда шавад [9, с.245].

б). Пешванди бо-

Пешванди бо- дар таърихи забони форсии тоҷикӣ мавқеи вижа дошта, таърихи қадимӣ дорад. Дар забони форсии миёна дар шакли або- истифода мегардидааст Ба андешаи С. Анварӣ ҳамчун пешоянд дар шакли **або-** омадани **бо-** ва **абе-** омадани **бе-** тақозои вазни шеър аст, вале тадқиқоти Д. Саймуддинов нишон медиҳад, ки шакли або- ва абе- новобаста аз авзони шеърӣ мавҷуд буда, ҳам ба вазифаи пешоянд ва ҳам пешванд омада, хеле қадимианд [12, с.67, 79]. Албатта, андешаи ҳар ду муҳаққиқ пояи илмӣ дошта, асосноканд. Ба андешаи мо, забон бо мурури вақт торафт фасеҳтару соддатар мегардад ва соҳибони забон низ гунаи равону фасеҳи забони худро бештар истифода мекунанд. Албатта, шакли қадимии **або - бо-** шудан **ва абе- бе-** шудан сабаби рушд ва такмил ёфтани забони форсии тоҷикӣ мебошад. Ин пешвандҳо дар сохтани сифатҳо нақши муҳим доранд ва то имрӯз бо ин вазифа мустаъмаланд. Дар осори классикон пасванди сифатсози **ба-** хеле зиёд истифода шудааст. Дар ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи ҳуқуқ низ тибқи мушоҳидаи мо ин пасаванди сифатсоз хеле серистеъмол аст.

в). Пешванди ба-

Пешванди **ба-** дар забони тоҷикӣ бо пешванди **бо-** сифатҳои яксон ва монанд месозад. Аз лиҳози маъно тафовути кам байни ин ду пешванд дида мешавад. Мисол: боақл - баақл, босавод- басавод. Ин ду пешванд дар бисёр мавридҳо мушобеҳ бошанд ҳам, вале дар

сифатсозӣ миёни онҳо фарқияти услубӣ, савтӣ ва дигар тобишҳои маъноӣ дида мешавад. Аз ин рӯ, дар аксар мавридҳо зарурати мавҷудияти **бо-** ва **ба-** ба миён меояд. Дар назм бо- ва ба– ба вазни шеър таъсиргузоранд. Наметавон дар назм **бо-** ба ҷойи **ба-** ояд, агарчи аз лиҳози маъно ягонаанд. Дар ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи ҳуқуқ пешванди сифатсози **ба-** хеле зиёд истифода шудааст. Мисол: ...инчунин рақами бақайдгирии давлатӣ, силсила ва рақами тартибии вомбарг; имзоҳои ду шахси ваколатдори эмитент ва ҳуқуқҳое, ки аз вомбарг бармеоянд [9, с.424-425].

Ба воситаи пасвандҳо сохта шудани сифатҳо

Дар забони тоҷикӣ тавассути пасвандҳо сохта шудани сифатҳо собиқаи таърихӣ дошта, ҳанӯз дар забони форсии миёна пасвандҳои сифатсоз маъмул буданд, ки аз исмҳо сифати нисбӣ месохтанд. Дар забони форсии миёна, «дар сохтани сифатҳои нисбӣ ин пасвандҳо истифода мешаванд: -ig - owand, - awand, en (пасвандҳои бештар мутадовил) - een, nak, war, -war,, og» [12, с.131]. Пасвандҳои сифатсози мазкур дар забони форсии миёна хеле маъмул буданд, ки аз исмҳои мушаххас сифати нисбӣ месохтанд.

Забоншинос Б. Ниёзмаҳмадов сифатсозиро дар забони тоҷикӣ бо назардошти решаи калима тавзеҳ намуда, нишон медиҳад. ки сифатҳои сохта ба воситаи сифатҳо бо иловаи пасванди **-а, -ина**: сабзина, озода ва ба исм, шумора ва феъл бо илова кардани пасванди **- ин (- гин), - нок. -гун, - сор, - осо, - ваш. - фом** сохта мешаванд [11, с.39-40]. Мисол: нуқрагин, оҳанин, модарона, ақлнок, лаългун, хоксор, маҳваш, нуқрафом ва ғ.

Дар ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи ҳуқуқ истифодаи чунин тарзи сохтани сифатҳои сохта мушоҳида намешавад, зеро ин пасвандҳо хосси услуби бадеӣ буда, бештар дар каломи мавзун мавриди истифода қарор мегиранд ва дар услуби ҳуҷҷатнигорӣ камистеъмоланд. Ба воситаи пасвандҳои **-ӣ (- гӣ, -вӣ)** сохта шудани сифатҳо дар забони тоҷикӣ маъмул буда, сермаҳсул низ ҳаст. Дар ҳуҷҷатҳои соҳаи ҳуқуқ истифодаи ин пасванд дар сохта шудани сифатҳо зиёд ба мушоҳида мерасад. Сабаби гунанокии ин пасванд ба вижагиҳои савтии калимаҳо рабт дорад. Агар калимаҳо бо ҳамсадо ба итмом расанд, пасванди **-ӣ** истифода мегардад. Мисол: Азбаски асоси ақди никоҳро розигии ихтиёрӣ ташкил медиҳад, қонун ин озодиро муҳофизат менамояд [8, с.39]. Бақайдгирии давлатии ақди никоҳ бо шахсоне, ки дар ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ муҳлати ҷазоро адо менамоянд, дар ҷое, ки роҳбари муассисаи дахлдор бо мувофиқаи роҳбари мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ муайян намудааст, ба ҷо оварда мешавад [8, с.38]. Вале вақте калима бо садонок ба итмом расад, **-вӣ** навишта мешавад. Мисол: Моҳият ва мазмуни розигӣ додан ба ақди никоҳ дар он ифода меёбад, ки шахс баъди додани розигии худ бояд ба қонунҳои оилавӣ итоат намояд [8, с.39].

Дар забони адабии муосири тоҷик пасванди **–ӣ** сермаҳсул буда, аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ сифат, бештар сифати нисбӣ месозад, ки ин дар корбасти ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи ҳуқуқ риоя шудааст. Масъалаҳои тиббию генетикӣ, муоинаи тиббӣ, сабабҳои объективӣ, муассисаи давлатӣ, меъёри ҳуқуқӣ, тартиби судӣ, амалиёти судӣ, қоидаҳои умумӣ, шаҳрванди хориҷӣ, манзили истиқоматии шахсӣ, иқтисоди бозаргонӣ, моликияти хусусӣ, қонунҳои граждани: Масъулияти зану шавҳар барои зараре, ки фарзандони ноболиғашон расонидаанд, тавассути қонунҳои граждани муайян карда мешавад [8, с.109].

Сифатҳои сохта дар ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи ҳуқуқ мавқеи вижа дошта, барои ифодаи маъно ва таъмини риояи услуби расмию коргузорӣ мусоидат мекунанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Гвоздев А.Н. Современный русский язык / А.Н. Гвоздев. - М.: Высшая школа, 1988. - 382 с.
2. Герценберг Л.Г. Морфологическая структура слова в древных индо - иранских языках / Л.Г. Герценберг. – М.,1980. – 274 с.
3. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ.1. – Душанбе: Дониш, 1985. - 367 с.
4. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ.2. – Душанбе: Дониш, 1986. - 371 с.
5. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ.3. – Душанбе: Дониш, 1989. - 221 с.
6. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ. 1. – Душанбе: Ирфон, 1973. – 451 с.
7. Қосимова М.Н. Таърихи забони адабии тоҷик / М.Н. Қосимова. – Душанбе, 2005. – Қисми 1. - 135 с.

8. Маҳмудов М. Тафсири кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон / М.Маҳмудов, Б.Худоёров. – Душанбе: Эр - граф, 2011. - 431 с.
9. Маҳмудов М.А. Тафсири кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон / М.А. Маҳмудов, Ш.Т.Тағойназаров, И.Ҳ.Бобоҷонов, Ш. Бадалов. - Душанбе: Эр- граф, 1971. - 971 с.
10. Муҳаммадиев М. Принсипҳои асосии калимасозии забони тоҷикӣ /М.Муҳаммадиев // Масъалалаҳои забони тоҷикӣ. – Душанбе, 1967. - С.37-45.
11. Ниёзмамадов Б. Забоншиносии тоҷик / Б. Ниёзмамадов // Асарҳои мунтахаб. - Душанбе: Дониш, 1970. - 386 с.
12. Саймуддинов Д. Вожашиносии забони форсии миёна / Д.Саймуддинов. - Душанбе: Пайванд, 2001. – 310 с.

МАВҚЕИ КОРБУРДИ СИФАТҲОИ СОХТА ДАР ҲУҶҶАТҲОИ МЕЪЁРИИ СОҲАИ ҲУҚУҚ

Дар мақола сифатҳои сохта дар матни ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи ҳуқуқ бо назардошти вижагиҳои морфологии матнҳои ҳуқуқӣ мавриди тадқиқ қарор гирифтааст. Муҳаққиқ дар заминаи тадқиқотҳои анҷомшуда, мавқеи сифатҳои сохтаро дар матнҳои соҳаи ҳуқуқ мавриди тадқиқ қарор додааст. Мухтасаран собиқаи таҳқиқи сифатҳои мураккаб дар аввали мақола оварда шуда, бештар ба пешвандҳо ва пасавндҳои сифатсоз дар ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи ҳуқуқ таваҷҷуҳ зоҳир шудааст. Дар мақола инчунин бо овардани мисолҳо мавқеи корбурди сифатҳои сохта нишон дода шудаанд. Ҳангоми баррасии масъалаҳои тадқиқшаванда муҳаққиқ кӯшидааст, ки бештар назари муҳаққиқони ватаниро ба назар гирифта, сипас бо овардани андешаҳои олимони муосири соҳаи забон андешаҳои худро таҳвият диҳад. Баррасии масъалаҳои тадқиқшаванда дар асоси корҳои илмии олимони варзидаи муосири тоҷик С. Додихудоев, Б. Ниёзмаҳмадов, М. Муҳаммадиев анҷом дода шудааст. Дастоварди муаллиф дар ин мақола он аст, ки ӯ бори аввал дар асоси маводи ҳуқуқӣ мавриди тадқиқ қарор додааст. Дар заминаи маводҳои ҳуқуқӣ ва осори илмии забоншиносони варзида хулосаҳои зарурӣ баровардааст. Вижагиҳои сарфии матнҳои соҳаи ҳуқуқ бо истифодаи сифатҳои сохта баррасӣ гардидаанд. Инчунин, дар мақола вижагиҳои услуби илмӣ ва расмӣ - коргузорӣ ба назар гирифта шудааст. Хулосаҳои дақиқи илмӣ бароварда шуда, услуби илмӣ дар баёни масъалаҳои тадқиқшаванда риоя гардидааст.

Калидвожаҳо: сифатҳои сохта, Тафсири кодекси оилаи ҶТ, Тафсири кодекси граждании ҶТ, пешвандҳои сифатсоз, пасвандҳои сифатсоз, ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ, кодекс, протокол, оила.

МЕСТО УПОТРЕБЛЕНИЯ ПРОИЗВОДНЫХ ПРИЛАГАТЕЛЬНЫХ В НОРМАТИВНЫХ ПРАВОВЫХ ДОКУМЕНТАХ

В статье автором подвергнуты исследованию производные прилагательные в текстах нормативных правовых документов с учетом морфологических особенностей юридических текстов. Автор на основе завершенного исследования подверг рассмотрению тексты правовых документов. Вкратце история исследования сложных прилагательных приведено в начале статьи, и основное внимание обращено на префиксы и суффиксы, образующие прилагательные в нормативных правовых документах. В статье также с приведением примеров показано место употребления производных прилагательных. При рассмотрении исследуемой проблемы автор попытался в основном брать во внимание мнение отечественных исследователей и с приведением примеров из высказываний современных ученых – лингвистов обосновывает свои выводы. Завершено рассмотрение исследуемых проблем на основе изучения трудов современных выдающихся таджикских ученых-лингвистов, таких как С. Додихудоев, Б. Ниёзмахмадов, М. Мухаммадиев анҷом дода шудааст. Достижением автора в данной статье является то, что он впервые подвергает исследованию материалы из правовой сферы. На основе правовых документов и научного наследия выдных ученых-лингвистов сделаны соответствующие выводы. Морфологические особенности текстов юридической сферы рассмотрены с использованием производных прилагательных. Также в статье приняты во внимание особенности научного и официально-делового стиля речи. Сделаны точные научные выводы и соблюден научный стиль в изложении исследуюмых проблем.

Ключевые слова: производные прилагательные, Комментарии к Семейному кодексу Республики Таджикистан, Комментарии к Гражданскому кодексу Республики Таджикистан, суффиксы образующие прилагательные, префиксы образующие прилагательные, нормативные правовые акты, кодекс, протокол, семья.

PLACE OF USE OF DERIVATIVES APPENDICES IN REGULATORY LEGAL DOCUMENTS

In the article, the author examines derivative adjectives in the texts of regulatory legal documents, taking into account the morphological features of legal texts. On the basis of the completed research, the author examined the texts of legal documents. A brief history of the study of complex adjectives is given at the beginning of the article, and the main attention is paid to the prefixes and suffixes that form adjectives in normative legal documents. The article also shows the place of use of derivative adjectives with examples. When considering the problem under study, the author tried mainly to take into account the opinion of domestic researchers and, with examples from the statements of modern scientists - linguists, substantiates his conclusions. The study of the problems under study is completed on the basis of the study of the works of modern outstanding Tajik linguists, such as S. Dodikhudoev, B.

Niyozmakhmadov, M. Mukhammadiev ankom doda shudaast. The achievement of the author in this article is that for the first time he examines materials from the legal sphere. On the basis of legal documents and the scientific heritage of eminent linguists, the corresponding conclusions are drawn. The morphological features of the texts of the legal sphere are considered using derived adjectives. Also, the article takes into account the features of the scientific and official-business style of speech. Accurate scientific conclusions are made and the scientific style is observed in the presentation of the problems under study.

Key words: derivative adjectives, Comments to the Family Code of the Republic of Tajikistan, Comments to the Civil Code of the Republic of Tajikistan, adjective-forming suffixes, adjective-forming prefixes, regulatory legal acts, code, protocol, family.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Нуралиева Дилором*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷик. **Суроғa:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдаки, 17. Тел.: **(+992) 907-88-42-17**

Сведения об авторе: ***Нуралиева Дилором*** – Таджикский национальный университет, ассистент кафедры методика преподавания таджикского языка. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр.Рудаки 17. Телефон: **(+992) 907-88-42-17**

Information about author: ***Nuralieva Dilorom*** - Tajik national University, assistant of the Department of methodology of teaching the Tajik language. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 907-88-42-17**

УДК: 491.550.

ХУСУСИЯТҲОИ ИСТИФОДАИ НУМЕРАТИВҲОИ ЭРОНИАСЛ ДАР «ШОҲНОМА»-И АБУЛҚОСИМ ФИРДАВСӢ

Раҳматова М.М.

Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ

Воҳидҳои луғавӣ ва унсурҳои грамматикии ҳар кадом забон ҳангоми дар шакли алоҳидагӣ истифода шуданашон он ҳама ҷилоҳои маъноӣ, вазифаҳои грамматикии худро нишон дода наметавонанд, вале ҳамин ки дар таркиби матн ба кор рафтанд, имконияти зиёди онҳо дар ифодаи маънӣ ва иҷрои функсияҳои гуногун ба таври возеҳ ҳувайдо мешавад. Ин гуна иқтидори унсурҳои лексикии забон, махсусан дар эҷодиёти шоиру нависандагони бузург боз бештару хубтар ҷилвагар мегардад. Қаламкашони ботаҷриба дар масъалаи нишон додани тамоми қудрату шаҳомат, дороию ганомандӣ ва зебоию нафосати забон роли аввалиндараҷа мебозанд. Инро дар мисоли Абулқосими Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и безаволи ӯ исбот кардан мумкин аст. Тавоноии Фирдавсиро танҳо аз ҳамин нукта дарк намудан мумкин аст, ки дар давроне, ки дар тамоми соҳаҳои илму адабиёт забони арабӣ нуфузи вофир дошт, ҳамосаеро дар доираи шаст ҳазор байт бо як вазну оҳанг офарид ва ҳангоми баёни андешаҳояш кӯшиши бисёре кард, ки калимаҳои он забонро истифода накунад. Бо чунин иқдомаш шоир чирадастию сарватмандии забони модарияшро нишон дод. Аз ин ҷиҳат ҳақ ба ҷониби Ризозода Шафақ аст, ки навишта буд: «Абулқосими Фирдавсӣ аз лиҳози зинда кардани таърих ва достони миллӣ ва аз ҷиҳати нафаси тоза дамидан ба забони форсӣ, бешубҳа, бузургтарин шоири эронист ва касе дигар аз гӯяндагони мо дар ин ҳунар ба пояи ӯ намерасад». Ба назар мерасад, ки Фирдавсии Тӯсӣ як роҳи эмин нигоҳ доштани забони тоҷикиро аз вартаи ҳалокат дар истифодаи ҳарчӣ бештари вожаву ифодаҳои эрониасл ба ҷойи калимаву ибораҳои арабӣ дидааст. Маҳз ба ҳамин нукта ишора намуда, олими америкоӣ Р.Н. Фрай навиштааст, ки «… асари Фирдавсӣ… ҷоме буд барои наҷот ё растохези гузашта, то мабодо ба фаромӯшӣ супурда шавад, зеро арабӣ ончунон дар тору пуди форсӣ нуфуз карда буд, ки бузургони адаб, монанди Фирдавсӣ ҳаросон гашта буданд, то мабодо забони форсӣ ҳамаи мероси даврони пеш аз ислом табоҳ шавад ва роҳи завол пеш гирад». Муҳаққиқони дигар низ ҳамин «содагӣ, оҳангдорӣ ва дар айни замон дабдабадорӣ» - и баёни шоирро аз хусусиятҳои

барҷастаи «Шоҳнома»-и ӯ ҳисоб карда, таъкид намудаанд, ки «забонаш содаи форсӣ, арабӣ ба дараҷаи ҳеҷ кор фармуда шудааст». Аз ин ҷиҳат, агар мо «Шоҳнома»-и Фирдавсиро таҳкурсии устувори забону адабиёти тоҷикӣ ҳисоб намоем, хато нахоҳад шуд, чунки шоиру нависандагони асрҳои минбаъда биноҳои дигари суханро бар асоси ин таҳкурсӣ ниҳодаанд ва амали анҷомдодаи онҳо бунёди бино набуда, балки ороиши он ба ҳисоб меравад. Устод Садриддин Айнӣ доир ба забони тозаву равон ва назокати сухани “Шоҳнома” чунин навиштааст: “Забони “Шоҳнома” содатарин ва софтарини забонҳои классикони Эрон аст”, ки ин нукта дар мақолаи Гулмо Шоҳзиёева зикр шудааст [26:92]. Инчунин дар мақолаи Б. Бобомуродова оварда шудааст, ки “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ бузургтарин асари ҳамосӣ ба забони форсӣ - тоҷикӣ мебошад, ки аҳли таҳқиқ онро як навъ фарҳангномаи бузурге дар асотир, таърих, насабнома, забону фарҳанг, адабу ҳунар, ахлоқу дин ва тамаддуни давраҳои гузаштаю замони муаллиф мешуморанд, ки бо ашъори шевою дилнишини устодона ба риштаи назм кашида шудааст”.

Калимаҳои нумеративӣ ва воҳидҳои қиёсии ченакӣ ё ченкунандаи қиёсӣ аз рӯйи эҳтиёҷ ва зарурат ба вуҷуд омадаанд. Агар нумеративҳо барои ҳисоб намудани миқдори ашёҳои дискретӣ (ҷудо-ҷудо, мунфасил) ба вуҷуд омада бошанд, пас воҳидҳои ченкунандаи қиёсӣ барои чен кардани сатҳ, ҳаҷм, дарозӣ ва вазни предметҳои ғайридискретӣ пайдо гардидаанд. Ҳамин хусусияти ин гурӯҳи воҳидҳои луғавиро дар назар дошта, муаллифони «Дастури забони форсӣ» навиштаанд, ки «ҳар гоҳ бихоҳанд миқдори чизеро муайян кунанд, лафзеро, ки бар миқдор далолат кунад, пас аз адад оваранд».

Бояд гуфт, ки сарчашмаи пайдоиш ва хусусияти нумеративҳои давраи асримиёнагӣ аз ҳамин гуна воҳидҳои забонии дар даврони баъдиинқилобӣ пайдошуда фарқ доранд. Ин тафовут дар он зоҳир мегардад, ки дар замони тоинқилобӣ масофа вобаста ба замон ва макон ифода карда мешуд, яъне агар, масалан, дар замони пеш аз инқилоб барои ифодаи масофа ё масоҳат унсурҳои луғавии аршин ё олчин, газ, мил, фарсах ва монанди инҳо ба кор раванд, пас дар давраи баъдиинқилобӣ калимаҳои метр, километр, миллиметр ва ғайра ба воситаи забони русӣ аз забонҳои дигари аврупоӣ ба забони тоҷикӣ иқтибос шуданд. Ҳоло дар забони тоҷикӣ вобаста ба мавзӯи асари бадеӣ ҳар ду гурӯҳи нумеративҳо мавриди истифода қарор доранд.

Дар осори забоншиносӣ нумеративҳоро бо истилоҳоти гуногун, мисли «лафзи муносиб», «воҳидҳои андозагирӣ», «маъдудҳои куллӣ», «калимоти миёнҷӣ», «робитҳои шуморишӣ» ва монанди инҳо ном бурдаанд. Сабаби вуҷуд доштани истилоҳоти гуногун нисбат ба ин гурӯҳи воҳидҳои забонӣ, ба назари мо, ба он вобастааст, ки истифодаи онҳо дар байни эрониён собиқаи тӯлоние надорад. Таҳлил ва тадқиқи ин гуна унсурҳои забонӣ нишон медиҳад, ки онҳо дар забони паҳлавӣ ё форсии миёна вуҷуд доштаанд.

Сайид Маҳмуди Нишот панҷ хусусияти нумеративҳоро ба таври зерин нишон додааст: «Аввалан, худи робитҳои шуморишӣ, ки исм ҳастанд, нақши наҳвӣ ҳам пазируфтаанд. Сониян, адад бидуни тамиз боқӣ намондааст. Солисан, як калима ду ҳолати наҳвиро қабул накарда ва ба истилоҳ (манъи ҷамъ) пеш наёмадааст, зеро медонем, ки тамиз худ яке аз ҳолати наҳвии исм аст. Робеан, тамиз ба таври дақиқ дар ҳамон ҷое, ки ибҳом мавҷуд буда, ба кор рафтааст. Холисан, робитҳои куллӣ, ки дар воқеъ худи исм ҳастанд, сифат қаламдод нашудааст».

Ба ин тариқ, нумеративҳо дар байни исму шумора ҷойгир шуда, барои равшану возеҳтар ифода ёфтани миқдори ашё ёрӣ мерасонанд. Онҳо аз ҷиҳати дараҷаи истифода, мавқеи ба кор рафтанашон ва доираи корбурдашон ягона нестанд. Масалан, нумеративи -то (-та) дар байни чунин воҳидҳои забон аз ҳама умумӣ ба ҳисоб меравад. Онҳо аз рӯйи маънои худ ба гурӯҳҳои гуногун ҷудо мегарданд. Забоншиносон С.Ҳалимов ва К.Шукурова ҳашт гурӯҳи маъноии онҳоро ба таври зерин нишон додаанд: 1) Нумеративи ададу дона (то/-та, нафар, тан, сар, бех, дона, нусха, адад, тана). 2) Нумеративҳои андозаи дарозӣ ё масофа (миллиметр, метр, километр, газ, фарсанг… 3) Нумеративҳои андозаи вазн (миллиграм, килограм, пуд, сентнер, тонна, мисқол, қадоқ, ман, сер). 4) Нумеративҳои андозаи масоҳат (метри мураббаъ, таноб). 5) Нумеративҳои нарху баҳо

(тин, сем, танга, динор…). 6) Нумеративҳои ҳаҷм (детсиметри мукааб, миллиметри мукааб, ленда, дарза, ҚАБЗА, мушт, каф). 7) Нумеративҳои замон (сония, дақиқа, соат). 8) Нумеративҳои ғунҷоиш (ҷувол, халта, ароба, вагон, танер).

Муқоисаи нумеративҳои дар «Шоҳнома» истифодашуда бо чунин воҳидҳои андозагирии забони адабии ҳозираи тоҷикӣ нишон медиҳанд, ки агар қисме аз онҳо барои давраҳои гуногуни инкишофи забонамон умумӣ бошанд, пас ҳиссае аз онҳо фақат ба забони осори гузаштагон хос буда, дар забони ҳозираи тоҷикӣ куҳна гардидаанд ва аз истифода мондаанд. Аз ин сабаб маънои онҳо дар давраи ҳозира ба аксарияти соҳибони забон номафҳум аст. Чунин воҳидҳои забонӣ аз ҷиҳати асли пайдоиши худ низ якхела нестанд: баъзеи онҳо аслан решаи эронӣ доранд, қисми дигар аз забонҳои гуногун дар давраҳои алоҳидаи инкишофи забони тоҷикӣ ба таркиби луғавии он дохил гардидаанд.

Нумеративҳои омодашуда ба якчанд гурӯҳҳои зерин ҷудо карда шуданд:

1. Нумеративҳои эрониасл. Абулқосими Фирдавсӣ дар «Шоҳнома»- и худ як силсила нумеративҳо ё робитҳои шумориширо мавриди истифода қарор додааст, ки қисми зиёди онҳо хосси забони осори тоинқилобӣ буда, имрӯз ба ҳукми архаизм даромадаанд. Танҳо як ҳиссаи ками онҳо ҳоло дар забони тоҷикӣ ба кор мераванд. Баъзеи чунин воҳидҳои забонӣ аз ҷиҳати тобишҳои алоҳидаи худ аз забони адабии ҳозираи тоҷикӣ фарқ мекунанд. Бинобар ин, мо ба хулосае омадем, ки чунин унсурҳои луғавиро ба ду зергурӯҳ ҷудо намуда таҳлил намоем:

1.1. Нумеративҳои эрониасли имрӯз архаистишуда. Ҳамаи чунин робитҳои шуморишӣ аз ҷиҳати хусусияти истифодаашон якхела нестанд: агар як ҳиссаи онҳо дар «Шоҳнома» танҳо дар як вариант мустаъмал бошанд, пас қисми дигарашон дар ду ё зиёда аз он мувозӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Калимаҳои фарсанг, боз, гом, чӯба, расан, боркаш, дирамсанг ва каманд аз ҷумлаи нумеративҳое ба ҳисоб мераванд, ки дар «Шоҳнома» фақат ба як шакл мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Чаҳор аст **фарсанг** болои ӯ,
Ҳам эдун чаҳор аст паҳнои ӯ [ҷ. 1:377].
Бар ин гуна **фарсанг** сад баргузашт,
На диж монд обод, на кӯҳу на дашт [ҷ. 5:290].
Бувад то бад-он беша **фарсанг** бист,
Ки пеши бут андар бибояд гирист [ҷ. 7:615].

Тавре ки аз байтҳои боло дида мешавад, нумеративи мавриди таҳлил метавонад бевосита дар паҳлуи шумора ояд, байни он ва вожаи ифодакунандаи адад фосила вуҷуд дошта бошад, нумератив пеш ё баъд аз чунин шумораҳо қарор гирад. Ин ҳолатро аз мисраъҳои зерин низ мушоҳида намудан мумкин аст:

Ба дур аз ду **фарсанг** ҳар кас бидид,
Чунин ҷуст бояд балоро калид [ҷ. 3:47].
Ҳамоно, ки **фарсанг** даҳ рафта буд,
Бадандеш аз хастагӣ хуфта буд [ҷ. 4: 45].

1.2. Нумеративҳои маъмул. Чунон ки дар боло ишорааш рафт, як қисми муайяни вожаҳои нумеративӣ ба ду ё зиёда аз он шакл мавриди истифода қарор гирифтаанд. Чунин гуногуншаклии ин гурӯҳи унсурҳои луғавӣ, ба назари мо, бо сабабҳои зерин ба вуҷуд омадааст: 1) дар натиҷаи ба таври баробар истифода гардидани шаклҳои қадиму нави калимаҳо; 2) баробари ба гунаи китобӣ ба кор рафтани мувозиҳои лаҳҷагии бархе аз воҳидҳои луғавӣ; 3) дар радифи шакли маъмулӣ истифода гардидани намуди ихтисоргардидаи вожаҳо. Ба силсилаи чунин робитҳои шуморишӣ роҳ - раҳ, шутурвор – уштур - шутур, тахт - тахта, партоб - тирпартоб, баҳра - баҳр ва монанди инҳо дохил мешаванд.

Ба як **роҳ** чандон гирифтор шуд,
Ки гирандаро даст бекор шуд [157:309].
Зи мисриву чиниву аз порсӣ,
Ҳамерафт бо ӯ **шутурвор** сӣ [3:161].

Дигар ганҳ к-аз дурри хушоб буд,
Ки болош як **тирпартоб** буд [9:318].
Ба се **баҳра** ронам аз он пас сипоҳ,
Кунам рӯз бар шоҳи Эрон сиёҳ [4:80].
Насудӣ, **седигар гурӯҳро** шинос,
Кучо нест бар кас аз эшон сипос [1:62].

Ҳамин тавр, нумеративҳои эрониасли «Шоҳнома» бо хусусиятҳои истифодаашон аз гурӯҳҳои дигар фарқ карда, шоир онҳоро аз рӯйи зарурат ба кор бурда ва ба ин восита андешаҳои худро боз ҳам возеҳу равшан ифода намудааст. Ин гуна унсурҳои забонӣ аз вачҳи доираи истеъмол якхела набуда, баъзеи онҳо хеле бисёр истифода шудаанд, ҳиссаи дигар камтар ва гурӯҳи сеюм аҳён - аҳён ба кор рафтаанд.

2. Нумеративҳои иқтибосӣ. Дар ҳамосаи мавриди таҳлил робитҳои шуморишии иқтибосӣ низ кам нестанд. Ҳар кадоми онҳо аз рӯйи зарурат ва бо тақозои рӯзгор ба таркиби луғавии забони осори ниёгонамон дохил шудаанд. Бештари чунин нумеративҳо ба забони тоҷикӣ аз забони арабӣ ва камтарашон аз забонҳои дигар, мисли юнонӣ, лотинӣ ва монанди инҳо дар давраҳои гуногун ба забони тоҷикӣ иқтибос шудаанд. Қисми зиёди ин гуна воҳидҳои забонӣ ҳоло дар забони тоҷикӣ аз истифода мондаанд ва ҳиссаи ночизашон имрӯз низ истифода мегарданд. Бинобар ин, чунин вожаҳоро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намуда, таҳлил кардан мувофиқи мақсад аст:

2.1. Нумеративҳои иқтибосии имрӯз архаистишуда. Чунин робитҳои шуморишӣ аз лиҳози шаклҳои истифодаашон ягона набуда, ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: як қисми ин гуна воҳидҳои забонӣ фақат дар як шакл ба кор мераванд, ҳиссаи дигарашон дар ду ё зиёда аз он мустаъмал гаштаанд.

Дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ як қатор нумеративҳои иқтибосӣ, мисли **мисқол, ҳаюн, қинтор, донг** истифода шудаанд, ки ҳар кадоме вазифаи муайянеро иҷро кардаанд.

2.2. Нумеративҳои маъмул. Ин гурӯҳи робитҳои шуморишии «Шоҳнома» аз ҷиҳати миқдор хеле кам ҳастанд. Ба қатори чунин воҳидҳои забонӣ метавон вожаҳои **марда, қатра** ва **манзилр**о дохил кард. Бояд гуфт, ки аз ҷиҳати дараҷаи истифода ин нумеративҳо ягона нестанд: шоир калимаҳои **марда** ва **қатра**ро ба сифати нумератив хеле кам истифода кардааст, аммо **манзил**ро бештар мавриди истифода қарор додааст.

Марда. Ба ҳамин шакл ин унсури луғавӣ дар ҳеҷ як фарҳангномаҳои ба мо дастрас дучор наомад. Ба назари мо, калимаи мазкур шакли лаҳҷагии воҳиди луғавии **маротиба** бояд бошад, зеро имрӯз низ дар аксари шеваю лаҳҷаҳои тоҷикӣ **маротибаро** ба шакли ихтисори **марта** истифода мебаранд. Фирдавсӣ, аз рӯйи ҳисоби мо, танҳо як дафъа ин шакли нумеративро истифода бурдааст:

Будӣ панҷ марда мар ӯро хвариш,
Бимонданд **мардум** аз он парвариш [1: 367].

Қатра. Ин калимаи арабиасл фақат дар як ҷойи «Шоҳнома» дар вазифаи нумератив ба кор рафтааст:

Чаконӣ се **қатра** ба чашм андарун,
Шавад тирагӣ пок бо хун бурун [2: 78].

Хулоса, нумеративҳои иқтибосии дар «Шоҳнома» омада аз ҷиҳати доираи истифодаашон, мавридҳои кор фармуда шуданашон ва мансуб буданашон ба забонҳо якхела набуда, қисми зиёди онҳо дар асрҳои миёна ҳамчун робитҳои шуморишӣ серистеъмол буданд, вале имрӯз архаистӣ шудаанд. Ҳиссаи ночизи ин гуна вожаҳо ҳам дар гузашта, ҳам ҳозир дар ин вазифа устувор мондаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Ализода И. «Шоҳнома». Фарҳанги мухтасар / И. Ализода. – Душанбе: Адиб, 1992. – 491 с.
2. Абулқосими Фирдавсӣ. Шоҳнома / Фирдавсӣ, Абулқосим. Ҷилдҳои 1-9.-Душанбе: Адиб, 1987-1991.
3. Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ». Ҷилдҳои 1-2; таҳиягарони матн, муаллифони сарсухан, ҳавошӣ Н.Ю.Салимов, Н.Ш.Зоҳидов, Н.И. Ғиёсов, А.А. Ҳасанов, А. Самеев. - Хуҷанд: Нури маърифат, 2008.
4. Мухаммад Хусейн Ямин. Грамматические особенности «Худуд–ал–алам»: автореф. дисс. канд. филол. наук / Хусейн Ямин Мухаммад. - Душанбе, 1991. - 20 с.
5. Айнӣ С. Дар бораи Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ / С. Айнӣ. – Сталинобод - Ленинград, 1940. - 152 с.

6. Ҳалимов С. Таърихи забони адабии тоҷик (асри X) / С . Ҳалимов. - Душанбе, 1979. - 94 с.
7. Ҳасанов А. Мазмуну муҳтаво ва вижагиҳои забонии дафтари панҷуми «Маснавии маънавӣ»-и Румӣ / А. Ҳасанов // Армуғони «Ганҷи сухан». Ҷилди аввал. - Хуҷанд, 2007. - С. 48-62.
8. Абдуқодиров А. Каломи Камол / А. Абдуқодиров., А. Давронов. - Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 1998. - 215 с.
9. Абдунабиева Д. Маънои аслӣ ва маҷозии калимаҳо дар «Шоҳнома» / Д. Абдунабиева // Таблаи аттор. Қисми II. – Хуҷанд, 2001. - С. 133-138.
10. Абдунабиева Д. Хусусияти маъноии калимаҳо дар «Шоҳнома» / Д. Абдунабиева // Таблаи аттор. Қисми II.-Хуҷанд, 2001. - С. 185-190.
11. Абдураҳимов С. Ибораҳои исмии забони адабии ҳозираи тоҷик / С. Абдураҳимов. - Душанбе: Дониш, 1973. - 165 с.
12. Айнӣ С. Дар бораи Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ / С. Айнӣ. – Сталинобод - Ленинград, 1940. - 152 с.
13. Анваров С. Оид ба баъзе воҳидҳои луғавии «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ / С. Анваров // Масъалаҳои филологияи тоҷик. Маҷмӯаи мақолаҳо. - Душанбе: Дониш, 1985. - С. 150-158.
14. Бертельс Е.Э. Грамматика персидского языка / Е.Э. Бертельс. - Л., 1926. – 348 с.
15. Бобомуродов Ш. Луғати мухтасари калимасозии забони адабии тоҷик / Ш. Бобомуродов., А. Муъминов. - Душанбе: Маориф, 1983. - 120 с.
16. Бобоназаров Н. Эргатив в «Шахнаме» Фирдоуси / Н. Бобоназаров // Лексикология и грамматика восточных языков. – М.: Наука, 1975. - С. 31-37.
17. Бобохонова Д. «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ва осори Рӯдакӣ / Д. Бобохонова // Армуғони «Ганҷи сухан». Ҷилди дувум. - Хуҷанд, 2008. - С. 278-284.
18. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷилди 1. - Душанбе: Дониш, 1985. - 355с.
19. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷилди II. - Душанбе: Дониш, 1986. - 371с.
20. Саймиддинов Д. Форсии бостон / Д. Саймиддинов. - Душанбе, 2007. - 190 с.
21. Ҳалимов С. Таърихи забони адабии тоҷик (асри X) / С. Ҳалимов. - Душанбе, 1979. - 94 с.
22. Ҳасанов А. Мазмуну муҳтаво ва вижагиҳои забонии дафтари панҷуми «Маснавии маънавӣ»-и Румӣ / А. Ҳасанов // Армуғони «Ганҷи сухан». Ҷилди аввал. - Хуҷанд, 2007. - С. 48-62.
23. رضازاده شفق. فرهنگ شاهنامه با شرح حال فردوسی و ملاحضاتی در باب شاهنامه. تهران،1320 ش، 52 + 289ص
24. .فری ر.ن. عصر زرین فرهنك ایران. مترجیم مصعود رجب نیا. چاپ دوم. تهران، 1363، 317 ص.
25. پرویز ناتل خانلری. تأریخ زبان فارسی. جلد 4، بخش 2. تهران، 1357، 224 ص.
26. Гулмо Шоҳзиёева Аз таърихи пажӯҳиши “Шоҳнома”- и Абулқосим Фирдавсӣ дар Тоҷикистони Шӯравӣ / Шоҳзиёева Гулмо //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ – 2016. – №4/2.(163) –С.92-95.
27. Бобомуродова Б. “Корбурди вожаҳои хушбӯйӣ ва накҳат дар “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ”/ Б. Бобомуродова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2012. – №4/3(88). – С.222-225.

ХУСУСИЯТҲОИ ИСТИФОДАИ НУМЕРАТИВҲОИ ЭРОНИАСЛ ДАР «ШОҲНОМА»-И АБУЛҚОСИМ ФИРДАВСӢ

Дар мақола яке аз масъалаҳои муҳим ва камомӯхташудаи забоншиносии тоҷик – таърихи ташаккули нумеративҳо ва нумеративҳои иқтибосӣ арзёбӣ гардидааст. Дар заминаи маводи зиёди фактологии «Шоҳнома» афзалият доштани аносири эрониаслро нисбат ба иқтибосӣ исбот кардааст. Калимаҳои нумеративӣ ва воҳидҳои қиёсии ченакӣ ё ченкунандаи қиёсӣ аз рӯйи эҳтиёҷ ва зарурат ба вуҷуд омадаанд. Агар нумеративҳо барои ҳисоб намудани миқдори ашёҳои дискретӣ (ҷудо-ҷудо, мунфасил) ба вуҷуд омада бошанд, пас воҳидҳои ченкунандаи қиёсӣ барои чен кардани сатҳ, ҳаҷм, дарозӣ ва вазни предметҳои ғайридискретӣ пайдо гардидаанд. Муқоисаи нумеративҳои дар «Шоҳнома» истифодашуда бо чунин воҳидҳои андозагирии забони адабии ҳозираи тоҷикӣ нишон медиҳанд, ки агар қисме аз онҳо барои даврaҳои гуногуни инкишофи забонамон умумӣ бошанд, пас ҳиссае аз онҳо фақат ба забони осори гузаштагон хос буда, дар забони ҳозираи тоҷикӣ куҳна гардидаанд ва аз истифода мондаанд. Аз ин сабаб маънои онҳо дар давраи ҳозира ба аксарияти соҳибони забон номафҳум аст. Нумеративҳои иқтибосии дар «Шоҳнома» омада аз чиҳати доираи истифодаашон, мавридҳои кор фармуда шуданашон ва мансуб буданашон ба забонҳо якхела набуда, қисми зиёди онҳо дар асрҳои миёна ҳамчун робитҳои шуморишӣ серистеъмол буданд, вале имрӯз архаистӣ шудаанд. Ҳиссаи ночизи ин гуна вожаҳо ҳам дар гузашта, ҳам имрӯз дар ин вазифа устувор мондаанд.

Калидвожаҳо: нумератив, маъмул, вожа, иқтибосӣ, архаистӣ, эрониасл, «Шоҳнома», шумора.

ОСОБЕННОСТИ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ИРАНСКИХ НУМЕРАТИВОВ В «ШАХНАМЕ» АБУЛКОСЫМА ФИРДОУСИ

В данной статье исследована одна из основных и малоизученных проблем таджикского языкознания – история формирования нумеративов и заимствованных нумеративов. На основании фактологических материалов “Шахнаме” доказано преимущество элементов иранского происхождения, по сравнению с заимствованными. Нумеративные слова и сопоставительные единицы измерения, или сопоставительные измерения, появились в силу потребности и необходимости. Если нумеративы появились для подсчета количества дискретных (раздельных)

предметов,то сопоставительные единицы измерения появились для измерения поверхности, плоскости, уровня, объема, длины и веса недискретных предметов. Сопоставление использованных нумеративов в “Шахнаме” с единицами измерения современного литературного таджикского языка показывает, что если некоторые из них в разные периоды развития нашего языка были общими,то часть из них была присуща только произведениям наших предков и устарели в современном таджикском языке. В связи с этим в современном периоде их значение для большинства языковедов не понятно. Приведенные в “Шахнаме” заимствованные нумеративы, с точки зрения их использования, не являются одинаковыми и большинство из них в средние века были активным средством подсчетов, но сегодня являются архаизмами. Незначительная часть этих слов остались неизменяемыми и в современном мире.

Ключевые слова: нумератив, распространенный, слова, заимствованные, архаизмы, иранское происхождение, «Шахнаме», количество.

FEATURES OF USE OF THE IRANIAN NUMERATION IN "SHAHNAME" BY ABULQOSIM FIRDOWSI

This article investigates one of the main and less-studied problems of Tajik linguistics: the history of the formation of numeratives and borrowed numeratives. On the basis of factual materials of “Shahname” proved the advantage of elements of Iranian origin in comparison with borrowed ones. Numerative words and a comparative unit of measurement or the comparative measurement has appeared because of the need and necessity. If numeratives appeared for counting the number of discrete (separate) objects, then comparative units of measurement appeared for measuring the surface, plane, level, volume, length and weight of non-discrete objects. Comparison of the used numeratives in "Shahname” with the units of measurement of the modern literary Tajik language shows that while some of them in different periods of development of our language were common, some of them were inherent only in the works of our ancestors and are outdated in the modern Tajik language. In this regard, at the present time, their importance for most linguists is not clear. The borrowed numeratives given in “Shahname” are not the same from the point of view of their usage, and most of them were an active means of calculation in the middle ages, but today they are archaisms. A small part of these words remained unchanged in the modern world.

Key words: numerate, common, words, borrowed, archaisms, Iranian origin, the "Shahnameh", the number.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Раҳматова Муаттар Муқимовна*** **-** Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ, номзади илмҳои филологӣ, омӯзгори калони кафедраи забони давлатӣ ва ҷомеашиносӣ. **Суроғa:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, хиё. И.Сомонӣ, 227.
E-mail: rahmatova1972@mail.ru. Тел.: **(+992) 92-777-41-66**

Сведения об авторе: ***Рахматова Муаттар Мукимовна*** **-** Политехнический институт Таджикского технического университета им. академик М.С. Осими, кандидат филологических наук, старший преподаватель кафедры государственного языка и общественных наук. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр. И.Сомони, 227. E-mail: rahmatova1972@mail.ru. Тел.: **(+992) 92-777-41-66**

Information about the author: ***Rakhmatova Muattar Mukimovna*** **-** Polytechnic Institute of the Tajik Technical University named after academician M.S. Osimi, Candidate of Philology, Senior Lecturer at the Department of State Language and Social Sciences. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, I. Somoni Ave., 227. E-mail: **rahmatova1972@mail.ru.** Tel .: **(+992) 92-777-41-66**

УДК: 491.550-3: 891.550

ИСМҲОИ ХОССИ МУРАККАБ ДАР «ТАЪРИХИ СИСТОН»

Тағаймуродзода С.Т.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар радифи хусусиятҳои мубрами грамматикии исмҳои хос муайян намудани таркиби морфологии ин гурӯҳи исмҳо аз мавзӯъҳои муҳимми сарф (морфология) ба шумор меравад. Пайдост, ки исмҳои хос барои ифодаву зикри ашё ва мафҳумоти рӯзмарраи зиндагӣ ва фарқ намудан аз исмҳои ҳамҷинс воситаи асосианд. Исмҳои хос дар забон аз ҷиҳати теъдод ва ифодаи маъно гурӯҳи чашмраси исмҳоро фаро гирифтаанд. Ин гурӯҳи исмҳо аз ҷиҳати сохтор бо исмҳои ҷинс умумияте дошта бошанд ҳам, аз ҷиҳати навишт, яъне қоидаи имло фарқ доранд. Аз ин ҷост, ки баррасии исмҳои хосси мураккаби асари «Таърихи Систон» дар муайян кардани вазъи ҷиҳатҳои сохтории забонамон дар масири таърих хеле муҳим буда, ошкор кардани онҳо дар пояи маводи асари таърихӣ хеле ҷолиб аст. Дарвоқеъ, асари «Таърихи Систон» яке аз қадимтарин маъхазҳои таърихӣ ва

фарҳангу адаби тоҷику форс буда, барои муаррихон, адабиётшиносон, забоншиносон дар таҳқиқи масъалаҳои таърих ва забону адаби форсӣ-тоҷикии асрҳои IX-XI сарчашмаи муҳим маҳсуб меёбад. Ин асар аз зумраи куҳантарин осори таърихӣ, чун тарҷумаи «Таърихи Табарӣ»-и Балъамӣ, «Ҳудуд-ул-олам мин ал-Машриқ илал Мағриб»-и муаллифи номаълум, «Зайн-ул-ахбор»-и Гардезӣ ва амсоли онҳо ба шумор меравад, ки ба забони тоҷикӣ таълиф гардидааст. Асари мазкур барои пурғановат гардидани таркиби луғавии забони тоҷикӣ нақши муассир дошта, дар байни унсурҳои луғавию сарфӣ нақши исм ҳамчун ҳиссаи нутқ бештар ба назар мерасад. Бинобар ин, тасмим гирифта шуд, ки дар доираи ин мақола баррасии исмҳои хосси мураккаб мавриди баррасӣ қарор дода шавад. Ин роҳи ташаккули исмҳо дар забони адабии муосири тоҷикӣ яке аз роҳҳои маъмули калимасозӣ дониста шудааст [2, с.134] ва дар ғанӣ гардонидани таркиби луғавӣ мавқеи намоёнро ишғол менамояд.

Бояд гуфт, ки зимни таҳлили сохторӣ дар забоншиносӣ асосан бо роҳи калимасозӣ ташаккул ёфтани калимаҳои нав чи дар шакли сохта ва чи дар шакли мураккабот фаҳмида мешавад, ки доир ба ин ҷиҳат дар забоншиносӣ корҳои зиёди илмӣ аз ҷониби муҳаққиқон ба анҷом расидааст. Мо низ ба ҳамин осори илмии мавҷуда такя намуда андешаҳои худро дар асоси маводи «Таърихи Систон» баён медорем.

Калимасозӣ, тибқи андешаҳои муҳаққиқон яке аз сарчашмаҳои асосии такмили таркиби луғавии ҳар гуна забон ба ҳисоб меравад [9, с.27]. Дар иртиботи ҳамин андеша маълум мегардад, ки дар нигоштаҳои муҳаққиқон ва адабиёти мавҷудаи илмӣ вожаҳои забонро аз нигоҳи сохтор ба калимаҳои сода, сохта, мураккаб ва таркибӣ ё дар қолаби ибора муқаррар кардаанд, ки мо низ ба ҳамин гурӯҳбандӣ такя менамоем.

Як гурӯҳи муайяни исмҳои хосси асари «Таърихи Систон»ба қатори вожаҳои **мураккаб** мансубанд. Исмҳои мураккаб дар забони тоҷикӣ хеле фаровон буда, аз қадим яке аз воситаҳо ва тарзҳои асосии калимасозии сермаҳсули исм ба шумор мераванд.

Исмҳои мураккаб аз ду ва ё зиёда калимаҳо таркиб ёфта, аз рӯйи робитаи маъное, ки дар байни ҷузъҳои (компонентҳо) таркибашон мавҷуд аст, ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: **исмҳои хосси мураккаби навъи пайваст ва исмҳои хосси мураккаби навъи тобеъ**.

Исмҳои мураккаби навъи пайваст аз ду ҷузъ иборат буда, муносибати байни ҷузъҳо баробар аст. Ҳар ду ҷузъи исмҳои мураккаби пайваст аз як категорияи нутқ иборатанд ва гӯё яке дигареро пурра мекунанд.Исмҳои мураккаби навъи тобеъ дар асоси алоқамандии ду ва зиёда решаҳо шакл мегиранд. Дар байни маводи гирдовардаамон чунин вожаҳои мураккаби навъи тобеъ мавҷуданд:

1) Вожаҳои мураккаби навъи тобеъи асар, ки зимни алоқаи детер- минативии ҷузъҳо шакл гирифтаанд. Ин гурӯҳи вожаҳои мураккаби тобеъ дар чунин қолабҳо тарҳрезӣ шудаанд:

а) исм+исм: Ва Атиқ ибни Муҳаммадро ба **Ромҳурмуз** фиристод ба ҳарби Муҳаммад ибни Абдуллоҳи Курд, то бо ӯ ҳарб карду ӯро асир гирифт ва бо молҳои ӯ ва сутурону таҷаммули ӯ пеши Амр овард [7, с.29].…***Афросиёб*** берун омад ва дувоздаҳ сол шаҳри Эрон бигрифта буд ва Наримону писараш Сом бар ӯ тохтанҳо ҳамекарданд, то ***Эроншаҳр*** яла карду бирафт ба аҷз боз ба Туркистон шуд [7, с.34]. То ба рӯзгори ***Кайковус*** боз ҳам Рустам ба Туркистон шуд ва кини Сиёвуш боз овард то боз, ки бо Кайхусрав бирафт ва ҳарбҳо кард то як роҳ, ки Афросиёбро ба даст овард ва бикушт [7, с.35]. …ахбори Наримону Сом ва Дастон худ ба «***Шоҳнома***» бигӯяд, ки ба такрор ҳоҷат наояд. …Маҳмуд гуфт: Ҳама ***Шоҳнома*** худ ҳеч нест магар ҳадиси Рустам ва андар сипоҳи ман ҳазор мард чун Рустам ҳаст, Булқосим гуфт: «Зиндагонии худованд дароз бод, надонам андар сипоҳи ӯ чанд мард чун Рустам бошад, аммо ин донам, ки Худой-таъоло хештанро ҳеч банда чун Рустам дигар наёфарид [7, с.23]. То ба рӯзгори Кайковус боз ҳам Рустам ба Туркистон шуд ва кини Сиёвуш боз овард то боз, ки бо Кайхусрав бирафт ва ҳарбҳо кард то як роҳ, ки Афросиёбро ба даст овард ва бикушт [7, с.39]. Арок ба забони румӣ дидбонгоҳро гӯянд ва он ин аст, ки акнун қалъаи Систон аст, ки Арк* гӯянд, ***Зулқарнайн*** кардааст [7, с.29]. …

*Арк – ин вожа дар забони паҳлавӣ корбурд мешуда ва яке аз лақабҳои дарбори Сосониён «Аркбад» будааст.

акнун Айларо ***Байтулмуқаддас*** гӯянд ва шароб бо занон хӯрдӣ ва бад-он рӯзгор сарои занонро шабистон гуфтандӣ [7, с.17]. Чун ҳафт рӯз бигзашт, Ҳусайн сипоҳ ҷамъ карду берун шуд, Зириҳ бигзашт ва ба **Ромҳуробод** фуруд омад ва бари Ҳусайн лашкари анбуҳ буд ва чаҳор пил дошт [7, с.279].

Ромҳурмуз ин вожа аз се ҷузъ – **ром, ҳур** ва **муз** таркиб ёфта, ба қатори вожаҳои мураккаби сеҷузъа шомил аст, ки дар ин қолаб рехтани вожаҳои мураккаб хеле зиёд дар забони тоҷикӣ ба назар мерасад ва ба қавли Ҳамзаи Исфаҳонӣ, Ромҳурмуз шакли арабишудаи номи шаҳри Шуштар будааст.

Афросиёб افراسیاب шоҳи Тӯрон, персонажи асотиру ривоятҳо ва достонҳои ҳамосии бостонии мардуми ориёӣ ва «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ аст. Афросиёб дар Авесто ба шакли *Франграсйана*, дар осори паҳлавӣ – *Фрасйик* омадааст. Маънои калимаи *Франграсйана, Фрасйик* «касе, ки ба ҳарос меандозад» мебошад. Афросиёб дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ набераи Тур, писари Пашанг аст. Поёни кори Афросиёб дар «Шоҳнома» ба достону ривоятҳои “Авесто” монанд аст. Афросиёб ба асотиру ривоятҳо, достонҳои ҳамосии туркҳо, озарбойҷониҳо, ӯзбекҳо, туркманҳо низ роҳ ёфтааст. Дар баъзе ҳамосаҳои туркӣ Афросиёб шоҳи кишвари туркон аст, ки ба кишварҳои ҳамсоя ҳуҷум мекард. Сулолаҳои туркии Қарахониён, Салҷуқиён худро аз дудмони Афросиёб медонистанд. Сабаби ин таҳаввулот таъсири ҳамосаҳои қаҳрамонии эронӣ ба ҳамосаҳои туркӣ мебошад [М.Диловаров, Донишномаи озод].

Эроншаҳр شهر ایران *таър.* сарзамин ва кишвари Эрон [8, с.703].

Кайковус номи шоҳи нахустини ориёӣ, ки маънои подшоҳи орзу, шаҳриёри хоҳишҳо ва орзуҳоро ифода мекунад. Дигаргуншудаи вожаи авастоии «кавиусан», ки «кави», баораши (маънои) «подшоҳ, шаҳриёр» ва «усан» баораши (маънои) «орзу ва хоҳиш» мебошад [Зебономҳои ориёӣ, 301].

«Шоҳнома» номи асари безаволу ҳамосаи ориёинажодон буда, Фирдавсии бузург онро дар муддати тақрибан чил сол таълиф намудааст. Ин вожа аз нигоҳи сохт мураккаб буда, аз ҷузъҳои шоҳ ва нома таркиб ёфтааст. Ҷузъи **шоҳ** شاه бар ифодаи подшоҳ, султон, соҳиби тахту тоҷ [8, Ҷ.2, с.670] буда, ҷузъи нома نامه навиштае, ки ба касе ё ҷое мефиристонанд, мактуб, хат, руқъа, китоб, асарро [8, Ҷ.2, с.82] ифода мекунад ва дар якҷоягӣ ба маънои китоб ё асари ба шоҳон бахшида мебошад, ки ҳар ду ҷузъ мансуби ҳиссаи нутқи исм аст.

Зулқарнайн аз нигоҳи сохт мураккаб буда, аз ҷузҳои зул (а.) ба маънои ду ва қарнайн (а.) ба маънои аср буда, дар қолаби ифодаи мураккаби арабӣ шакл гирифтааст ва дар забони тоҷикӣ ба сифати калимаҳои сода хонда мешавад.

Байтулмуқаддас аз ҷузъҳои **байт**II *а.* بيت хона, хонаи иқоматӣ; **аҳли байт** аъзои оила, аҳли хонавода ва **муқаддас** *а.* مقدّس 1. поку муназзаҳ, соф, тоза, азиз, гиромӣ, моҳиятан азиз ва муаззам донисташуда; **вазифаи муқаддас**, **даргоҳи муқаддас**, **китоби муқаддас**, **хоки муқаддас**. 3. *д.* пок ва олӣ донисташуда (*аз назари динӣ*) бо якҷоягии миёнванди арабии -ул таркиб ёфта, маънои хонаи муқаддас, азиз, поку тозаро дорад ва ин ном ифодагари шаҳр аст [8, Ҷ.1, с.80].

Ромҳуробод ин вожа аз се ҷузъ – **ром, ҳур** ва **обод** таркиб ёфта, ба қатори вожаҳои мураккаби сеҷузъа шомил аст, ки дар ин қолаб рехтани вожаҳои мураккаб хеле зиёд дар забони тоҷикӣ ба назар мерасад.

б) сифат+исм: Бахтиёр ибни шоҳ Фирӯз ибни Барзфарӣ ибни Шеравжан ибни ***Ҳудойкон*** ибни ***Фаррух*** ибни ***Моҳҳудой*** ибни Фирӯз ибни Гурдофарин ибни Паҳлавон ибни Испаҳбад ибни Рустам ибни ***Меҳрозод*** ибни Рустам, ибни Бӯлод ибни Конозодмард ибни Рустам ибни Ҷаҳрозод ибни Нерусанҷ ибни Фаррухбеҳ ибни Додофарин ибни Сом ибни **Беҳофарид** ибни Ҳушанг ибни Фаромарз ибни Рустам ал-Акбар ибни Дастон ибни Сом ибни Наримон ибни Куранг ибни Гаршосб [7, с.32]. Ва дигар он аст ва кунун пайдост, ки рӯди Ҳирманд ва Рухадрӯд ва Хошрӯд ва Фароҳруд ва **Хушкрӯд** ва Харутрӯд ва даштҳо ва кӯҳҳо аз ҳамаи атрофи Систон ва аз ҳазор фарсанг ҳама ба Зириҳ ояд ва яке сӯрох аст, онро даҳони шер гӯянд... [7, с.45]. Чун Кайхусрав ба Эрон шуд ва хабари ӯ шунид, он ҷо

омад, бад-он торикӣ андар наёрист шуд ва ин ҷойгоҳ, ки акнун оташгоҳи ***Каркӯй*** аст [7, с.45].

Каркӯя [Каркӯй] – шаҳре дар Систон, воқеъ дар масофаи як манзил аз самти шимолии Заранҷ. Харобаҳои биноҳои қадимии Теппаи Каркӯй имрӯз дар назди деҳаи Карку дар масофаи 4,5 км. Аз Миён-Кангӣ – деҳаи бузурги резишгоҳи дарёи Ҳирманд, мавҷуд аст. Ин вожаи мураккаб аз ҷузъҳои кар-и суғдӣ ба маънои калон, бузург ва кӯҳ-и тоҷикӣ ба маънои номи ҷузъи табиӣ таркиб ёфта, маънои кӯҳи бузургро дорад.

Хушкрӯд номи дарё буда, аз ҷузъҳои **хушк** – сифат ва **рӯд** – исм таркиб ёфта, маъноиш дарёи обаш хушкида мебошад ва мансуби забони тоҷикӣ аст.

в) исм+зарф: Боз Аҳмад ибни Қудом Аҳмад ибни Таркаро банд кард ва ба Кӯҳтез фиристод ва бифармуд, то он ҷо бикуштанд андар Ҷумодиюлаввали санаи тисъун ва салосумиа (сесаду нӯҳ) [7, с.257].

Кӯҳтез [Кӯҳшер] – номи яке аз қалъаҳои Ғазнин, ки дар роҳи Буст воқеъ гардида будааст.

г) сифат+зарф: Боз бифармуд, то ӯро бикуштанд, шаби **Наврӯз** чаҳордаҳ рӯз гузашта аз Рабеъулохири санаи сабъун ва хамсина ва салосумиа [7, с.274].

Наврӯз – писари Амир Арғунхон, ки соли 1284 ба ҳайси сарлашкар ва мансабдори маъмурӣ дар Систон ва Хуросон таъйин гардида буд. Баъд аз вафоти падар нофармонӣ ба ҳукумати марказӣ зоҳир карда, оқибат ба Ғозонхон итоат кард ва исломро пазируфт. Соли 1297 бо фармони Қутлуғшоҳ ба қатл расонида шуд. Ин вожаи мураккаб аз ҷузъҳои **нав** (сифат) ва **рӯз** (зарфи замон) таркиб ёфта, маънои рӯзи навро дорад.

ғ) шумора+зарф: Баскӯро, ки ӯ сохта буд, Заранг гуфтанд, ин ҷо низ ду ҳарф кам карданд, андар гуфтор ва чун мардони марду кори бузургон ҳам аз Баскӯ хостанд, ҳама Систонро бад-он ном карданд ва Зарранг хонданд. Аммо ***Нимрӯз*** ду қавл гӯянд. Яке он, ки хусравонро дар соле як рӯз будӣ, ки доварии яксоларо мазолим карданди, они ҳама ҷаҳон ба **Нимрӯз** рост гаштиву мазлумони Систонро ҷудогона Нимрӯз боистӣ, бад-ин сабаб Нимрӯз ном карданд [7, с.37].

Нимрӯз вожаи мураккаб буда, аз ҷузъҳои **ним** (шумораи касрӣ) ва **рӯз** (зарфи замон) таркиб ёфта, ба маънои нисф ё пешини рӯз далолат мекунад ва дар асар ба маънои исми хос омадааст.

Аз баррасии исмҳои хоссе, ки дар қолаби калимаҳои мураккаб шакл гирифтаанд, ба хулосае омадан мумкин аст, ки қолаби мазкур хеле маъмул буда, як гурӯҳи калони исмҳои хосси асари «Таърихи Систон»-ро ташкил медиҳанд. Зикр намудан бамаврид аст, ки ин гурӯҳи исмҳо асосан дар заминаи қолабҳои калимасозии таърихии забони тоҷикӣ ташаккул ёфтаанд.

Ҳамин тариқ, дар асари «Таърихи Систон» исмҳои хосси мураккаб мавриди корбурд қарор гирифта, ҷиҳати нишон додани вижагиҳои макон, номи одамон ва номвожаҳои ҷуғрофии таркиби луғавии асар хидмат намудаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ С. Куллиёт. Ҷ.12. / С. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1976. - 770 с.
2. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ.1. - Д.: Дониш, 1985. - 356 с.
3. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Китоби 1. Лексикология, фонетика ва морфология. – Душанбе: Маориф, 1973. – 464 с.
4. Муҳаммадиев М. Принсипҳои асосии калимасозии забони тоҷикӣ. / М.Муҳаммадиев // Масъалаҳои забони тоҷикӣ. – Душанбе, 1967. – С.56-60.
5. Рустамов Ш. Калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик. / Ш.Рустамов. – Душанбе: Дониш, 1972. – 79 с.
6. Сабзаев С.М. Забон ва услуби шоирони маорифпарвар / С.М. Сабзаев. – Душанбе: Маориф, 1991. – 80 с.
7. Таърихи Систон. – Душанбе: Бухоро, 2010. – 480 с.
8. Фарҳанги тасвирии забони тоҷикӣ. Иборат аз ду ҷилд. - Душанбе, 2008. - Ҷ.1. - 908 с.; - Ҷ.2. - 910 с.
9. Хоркашев С. Калимасозии исм бо пасвандҳо / С. Хоркашев. – Душанбе: Ирфон, 2010. – 143 с.
10. Хоркашев С. Ташаккули таркиби луғавӣ ва калимасозӣ / С. Хоркашев. – Душанбе: Ирфон, 2014. – 106 с.
11. Хромов А.Л. Чаҳордаҳ мақола / А.Л. Хромов. – Душанбе, 2010. – 174 с.
12. Ҳалимов С. Калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик / аз рӯйи забони «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ / С. Ҳалимов // Масъалаҳои забон ва адабиёт. – Душанбе, 1975. – Қисми 1-2. – С. 283-307.

13. Ҳалимов С. Забони адабии ҳозираи тоҷик (ҳиссаҳои номии нутқ) / С. Ҳалимов, К. Шукурова. – Душанбе, 1989. – 100 с.
14. Ҳомидов Д. Забони тоҷикӣ ва номшиносӣ / Д. Ҳомидов. – Душанбе: ДМТ “Сино", 2018. – 164 с.

ИСМҲОИ ХОССИ МУРАККАБ ДАР «ТАЪРИХИ СИСТОН»

Дар мақолаи мазкур муаллиф доир ба исмҳои хосси мураккаби асари мавриди баррасӣ қарордода маълумот медиҳад ва исмҳои хосси мураккабро аз нигоҳи қолабҳо ва алоқаи детерминативии ҷузъҳо таҳлил мекунад. Ин гурӯҳи вожаҳои мураккаби тобеъ дар чунин қолабҳо тарҳрезӣ шудаанд: а) исм+исм, б) сифат+исм, в) исм+зарф, г) сифат+зарф, ғ) шумора+зарф. Аз назари муаллиф исмҳои хосси мураккаб танҳо аз як-ду ва зиёда реша таркиб ёфта, ба ин гурӯҳи калимаҳо бештар вожаҳои аслан тоҷикӣ, вомвожаҳои арабӣ ва ғайриарабӣ мансубанд. Инчунин, исмҳои мураккаб аз нигоҳи мавзӯъ ва мундариҷа мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Дар асоси ҳамин нигошта чанд исми хосси асар ҳам аз ҷиҳати мавзӯю мундариҷа ва ҳам сохтор мавриди таҳлил қарор дода мешаванд ва бо ҳамин роҳ дараҷаи корбасти исмҳои хосси мураккаби асарро муайян мекунанд. Гузашта аз ин, муаллиф дар мақола номҳои қадимаю таърихиро аз асари мазкур пайдо намуда, онҳоро аз нигоҳи решашиносӣ мавриди таҳлил қарор додааст. Барои мисол чунин номҳоро овардааст ва таҳлил намудааст: **Наврӯз,** писари Амир Арғунхон, ки соли 1284 ба ҳайси сарлашкар ва мансабдори маъмурӣ дар Систон ва Хуросон таъйин гардида буд. Ҳангоми таҳлили вожаи наврӯз ҳамчунин ба маънои луғавии он низ таваҷҷуҳ карда мешавад.

Калидвожаҳо: вожаҳо, забон, сохтор, калимаҳо, сода, сохта, мураккаб, таркибӣ, қолаб, гурӯҳбандӣ, луғатҳо, тафсирӣ, истилоҳ, забоншиносӣ, реша, аслан тоҷикӣ, вожаҳои умумиэронӣ, зергурӯҳҳо, вожаҳои ифодагари исмҳо, моддӣ, маънавӣ, вомвожаҳо, арабӣ, таркиби луғавӣ, забони тоҷикӣ...

СЛОЖНОЕ ИМЯ СУЩЕСТВИТЕЛЬНОЕ В «ТАЪРИХИ СИСТАН»

В данной статье автор рассказывает о сложных существительных, рассматриваемых, с точки зрения форматы и связи их компонентов. Данная группа подчиненных сложных слов рассчитана на такие формы: а) имя существительное + имя существительное, б) имя прилагательное + имя существительное,в) имя существительное+наречие, г)имя прилагательное + имя числительное, д) имя числительное + наречие. Из представлений автора сложноподчиненные связи относятся только к двум и более словам, к этой группе слов относятся словосочетания. Также анализируются сложные связи по теме и содержанию. В основе этого лежит анализ нескольких специфических наименований произведения, как по тематике, содержанию, так и по структуре, и таким образом определяется степень прорыва сложных уравнений пленки. Более того, в статье выявлены древние и исторические названия данных, анализируя их с точки зрения астрологии. - Например, проанализированы следующие имена: Навруз, сын эмира Аррунона, который был назначен в 1284 году начальником и административным должностным лицом в Сибири и Хорасане. При анализе Навруза также обратите внимание на его лексическое значение.

Ключевые слова: словосочетания, язык, структура, слова, состав, словосочетания, термины, лингвистика, корень, подгруппы, синтаксический, арабский, таджикский язык, лексика, морфология, анализ, суффикс, исторические произведения.

THE COMPOUND PROPER NAME IN THE «HISTORY OF SIISTON»

In this article, the author briefs on the complex features of the modified problem and analyzes complex words in terms of chapters and detectives. These subgroups are designed for such a sequence: a) name + name, b) quality+name, v) name+container, g) quality+container, etc.) From the author's perspective, two distinctive words are two-and-a-half-worded words, and the more worded words are English words, phrases, and non-intrusive. In addition, complicated words are analyzed from the subject and content. Based on this, it analyzes a number of worksheets on both the subject and the content, and thus defines the extent of the complexity of the work pieces. Moreover, the article reveals the ancient and historical names of the data, analyzing them from the point of view of astrology. - For example, brought and analyzed the following names: Navruz, the son of Emir Arrunona, who was appointed in 1284 the chief and administrative officer in Siberia and Khuroson. When analyzing Navruz, also pay attention to its lexical meaning.

Key words: words, languages, structures, words, simplicity, complex, composition, composition, classification, dictionaries, translation, term, linguistic, root, essentially Tajik, general terms, subtitles, words, material, spiritual, the composition of the dictionary, the Tajik language.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Тағаймуродзода Санифа Тағаймурод*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи таърихи забон ва типология. **Суроғ:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 988-34-41-33**

Сведения об авторе: ***Тагаймуродзода Санифа Тагаймурод*** – Таджикский национальный университет, соискатель кафедры истории языка и типологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 988-34-41-33**

Information about the author: ***Taghoimurodzoda Sanifa Taghoymurod*** – Tajik National University, the postgra- duate student of the department of the history of language and typology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 988-34-41-33**

УДК: 491.550:42

МАВҚЕИ ИСТИЛОҲОТИ КУЛОЛГАРӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Турсунова Ф.Р.
Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон

Мафҳумҳои илмӣ ифодагари шаклҳои гуногуни зуҳури тафаккури инсонӣ буда, хусусиятҳои аслӣ, иртибот ва ҳодисаҳоро дар соҳаи муайяни дониш таҷассум менамоянд. Дар натиҷаи инъикоси вазъияти илмӣ ва иҷтимоию фарҳангии зудтағйирёбанда, дар ҳоли ҳозир, ташаккули низоми истилоҳоти бахшҳои зиёди донишҳои илмӣ, махсусан байнифаннӣ фаъолона идома доранд.

Маълум аст, ки ҳар гуна истилоҳи ин ё он соҳаи илм ба мисли вожа воҳиди забон идрок мешавад ва ба туфайли ин робитаи байни истилоҳот аз лиҳози муҳтавои он муайян карда мешавад, яъне он тавассути мафҳум, ки навъи асосии робитаҳои мафҳумии истилоҳот ва ибораҳои истилоҳӣ – навъӣ - ҷинсӣ мебошад, муайян мегардад.

Дар ҳоли ҳозир масъалаи омӯзиш ва таҳқиқи муқоисавии истилоҳоти ин ё он соҳа, махсусан дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ яке аз масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳи бештар дар забоншиносии муқоисавӣ мебошад.

Даҳсолаҳои охири асри XX ва ибтидои асри XXI мумкин аст ҳамчун давраи пешрафти босуръати илмии шадидан афзоишёбанда муайян карда шаванд. Рушди пайвастаи маърифати инсон дар назди забон вазифаи таъмин намудани ҳамаи ҷонибҳои ҳаёт ва фаъолияти инсонро бо номҳои нав мегузорад. Натиҷаи таркиши иттилоотӣ «таркиши истилоҳотӣ» гардид – афзоиши назарраси шумораи истилоҳоти навин ва ҳамчунин ба вуҷуд омадани истилоҳоти ҷадид, ки бо пайдоиши соҳаҳои нави дониш ҳамрадиф ҳастанд [2, с.9]. Ин, дар навбати худ, рушди босуръати чунин соҳаи забоншиносиро монанди луғатнигории истилоҳшиносӣ ё истилоҳнигориро муайян намуд. Истилоҳнигорӣ бо истилоҳшиносӣ робитаи бевосита дорад, ки низоми мафҳумию истилоҳии соҳаҳои мухталифи донишро аз нуқтаи назари воситаҳои забонии ифодаи мафҳумҳо, созмондиҳии мантиқию забоншиносии низоми мафҳумҳо ва истилоҳот таҳқиқ менамояд. Ба сифати мақсади асосии истилоҳшиносӣ омӯзиши хусусияту қонуниятҳои ташаккул ва рушди истилоҳот барои таҳияи тавсияҳо мутобиқи такмил, мураттабсозӣ ва истифодаи бештар самарабахши онҳо ҷудо мешавад.

Мавзӯи истилоҳнигорӣ, ғайр аз таҳияи воситаҳои методологии мураттаб намудании фарҳангҳои махсус, усули (принсипҳои) тасниф ва типологияи истилоҳот, таҳияи принсипҳои аз нигоҳи илмӣ асосноки интихоби лексика, муайян намудани принсипҳои созмондиҳӣ ва интиқоли воҳидҳои истилоҳӣ ба фарҳангҳои махсус барои эҷоди шароити муносиби истифодаи онҳо мебошад.

Тавре ки объекти таҳқиқоти истилоҳнигорӣ истилоҳоти ин ё он соҳаи фан мебошанд, пас барои мураттибони луғат муайян намудани мақоми истилоҳ, муайян намудани вижагиҳои он шарти ҳатмӣ мебошад, ки онҳо дар маҷмӯъ ба он барои дар моддаи луғат ишғол намудани ҷойи муносиб имкон медиҳанд.

Дар инҷо қайд кардан ба маврид аст, ки терминҳо калимаҳои махсус буда, дорои як маъноянд ва бо ин хусусиятҳои худ аз калимаҳои оддии муқаррарӣ махсусан полисимия фарқ мекунанд. Истилоҳ ба монанди калимаи оддии сермаъно ба матн эҳтиёҷ надорад. Вай на танҳо дар доираи забон, балки дар доираи соҳаи худ бояд як маъноро ифода кунад, зеро сермаъноӣ камбудӣ ва норасоии термин аст [3, с.48]. Истилоҳот ин ҷамъи калимаҳое мебошанд, ки дар соҳаҳои гуногуни илм ва техника ба кор бурда мешаванд. Масалан ҳар соҳа истилоҳоти хосси худро дорад. Имрӯз дар ин мақолаи хеш итминон гирифтем, ки терминҳои соҳаи кулолгариро аз ҷиҳати маъно ва сохтор дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ

таҳлил созем. Чи хеле ки маълум аст, касби кулолгарӣ касби қадима ба шумор рафта, имрӯз бо саъю кӯшиши роҳбари кишварамон Эмомалӣ Раҳмон ин касби пурнуфуз дар Тоҷикистон рушд ёфта истодааст. Асоси маҳсулотҳои кулолгариро лой ташкил мекунад. Барои омода сохтани маҳсулотҳои кулологарӣ, кулолгар лойро коркард менамояд. Лой асоси маҳсулоти гилинро ташкил медиҳад. Маводҳои кулолгарӣ дар табиат хело ҳам фаровон паҳн гаштаанд. Маводҳои гилиро аз ҷиҳати таркиби дохилиашон ба гурӯҳҳои муайян ҷудо менамоянд. Ҳамин тавр, дар асоси рушди ин касби аҷдодӣ, дар соҳаи забоншиносӣ низ истилоҳоти ин соҳа зиёд гардида, дорои хусусиятҳои забонӣ мебошанд [3, с.48-49].

Асоси ба гурӯҳҳо ҷудо намудани истилоҳҳо аз рӯйи маъно, сохт ва вазифаи онҳо суръат мегирад. Дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ истилоҳҳои кулолгариро аз рӯйи маъно ба чунин гурӯҳҳо ҷудо менамоянд. Масалан:

Дар забони тоҷикӣ:

Лойи сурх, лойи сафед, лойи қуммонанд.

Ҳамин тавр дар забони англисӣ низ ин ҳодиса мушоҳида мегардад. Масалан:

red clay – лойи сурх, white clay- лойи сафед, sandy- лойи қуммонанд,

clay for porcelain- лой барои фарфор, kaolin- каолинӣ.

Ҷиҳати дуюм бошад тарзи коркарди лой мебошад. Дар вақти коркарди лой чунин касби қадима мисли кулологарӣ рӯ ба тараққӣ мениҳад. Аз ин хусус, онро ба чунин гурӯҳҳо ҷудо мекунанд. Масалан: терракота, майолика, фаянс, фарфор.

Хотиррасон бояд кард, ки намудҳои гуногуни майолика мавҷуд аст. Майолика аз коркарди лойи сафед ба вуҷуд меояд. Масалан: глазур, фаянс, фарфор, фарфори сахт.

Дар забони англисӣ: terracotta, majolica, glazed pottery, porcelain [7].

Барои тайёр намудани маҳсулоти кулолгарӣ чунин таҷҳизотҳо истифода бурда мешаванд. Масалан: асбобҳо барои моделсозӣ, оҳан барои ҷило додан, асбобҳо барои кор бо гипс, муҳр, намудҳои гуногуни кордҳо ва ғайраҳо.

Дар забони англисӣ бошад: air brushes, sprayguns, compressors, instruments for a design, laboratory tableware, stamps and forms, palette-knives [7].

Аз мисолҳои фавқи дар ду забон оварда маълум гардид, ки истилоҳоти кулолгарӣ аз ҷиҳати коркарди лой ба гурӯҳҳои гуногун ҷудо мешаванд ва барои бой гардидани таркиби луғавии забон мусоидат менамоянд.

Агар аз ҷиҳати сохтор истилоҳҳои кулолгариро дар ду забон дида бароем, яъне дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ онҳоро ба истилоҳҳои яккалимагӣ ва бисёркалимагӣ ҷудо менамоянд. Масалан: лой, сафол, гил, ранг, ажур, амол ва ғайраҳо.

Дар забони англисӣ: azhur, amol, fight.

Истилоҳҳои бисёркалимагӣ дар забони тоҷикӣ: асбоби хушкунанда, сафедкунӣ, асбоби латзанӣ.

Дар забони англисӣ: air shrinkage, wavy ornament, high-refractory insulating material, clay period [7].

Таҳили болоии истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ нишон дод, ки терминҳои кулолгарӣ аз ҷиҳати маъно ва сохташон ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мешаванд. Яъне аз ҷиҳати истифодаи маҳсулоти кулогарӣ ва коркарди онҳо ба лойи сафед, сурх ва асбобҳои гуногун мисли кордҳо, ки барои тайёр намудани маҳсулотҳои гилӣ хизмат менамоянд, таҳлил гардиданд.

Аз ҷиҳати сохташон калимаҳои кулогариро ба калимаҳои якҳиҷогӣ ва таркибӣ ҷудо намудаанд. Ин ҳодиса дар ду забон мушоҳида гардид.

А Д А Б И Ё Т

1. Гринев С.В. Введение в терминоведение / С.В. Гринев. - М.: МГУ, 1993. - 309 с.
2. Джаматов, С.С. Словарь лингвистических терминов (англо–русско–таджикский) / С.С. Джаматов. – Душанбе: Шуджоиён, 2011. – 250 с.
3. Лотте Д.С. Образование системы научно-технических терминов / Д.С. Лотте. - М.: Мир, 2001. - 741 с.
4. Норматов М. Муқаддимаи забоншиносӣ / М.Норматов. – Душанбе: Маориф, 1995. – 176 с.
5. Реформатский А.А. Введение в языкознание / А.А. Реформатский. - М.: Аспект-Пресс, 2008. - 536 с.
6. Реформатский А.А. Вопросы терминологии / А.А. Реформатский. - М.: Аспект, 2005. -403 с.

7. Толикина Е.Н. Лингвистические проблемы научно-технической терминологии / Е.Н. Толикина. - М.: Наука, 2006. - 337 с.
8. chuvil.ru› Ceramics/dictionary_ceram/dictionary

МАВҚЕИ ИСТИЛОҲОТИ КУЛОЛГАРӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Ин мақолаи мазкур мавқеи истилоҳоти кулолгариро дар забонҳои тоҷикӣ ва англисиро дар бар мегирад. Дар ин асос кӯшиш намудем, ки калимаҳои кулолгариро дар ин ду забон таҳлили муқоисавӣ намоем. Истилоҳот ин гуна калимаҳое мебошанд, ки дар ин ё он соҳаи ҷамъият ва илм ба кор бурда мешаванд. Бояд қайд кард, ки ҳар соҳаи илм ва техника калимаҳои махсуси худро дорад. Истилоҳот маънои ягона дошта, хосси ин ё он соҳа мебошанд. Онҳо синониму антоним ва хусусияти экспрессивӣ надоранд. Аз ҷиҳати сохт ва маъно дар соҳаи забоншиносӣ ба истилоҳот яккалимагӣ ва бисёркалимагӣ мешаванд. Аз ин ҷиҳат истилоҳоти кулолгарӣ низ дар забонҳои муқоисашаванда чунин хусуиятҳоро доро мебошанд. Дар маҷмӯъ ҳамаи он хусусиятҳои истилоҳоти кулолгарӣ, ки мавриди шарҳ ва тафсири муаллиф қарор гирифтаанд, ба шахсоне, ки бо ин касб машғуланд ва ба шахсоне, ки дар соҳаи истилоҳотшиносӣ кору фаъолият менамоянд, манфиатнок хоҳад буд.

Калидвожаҳо: кулолгар, лой, истилоҳот, яккалимагӣ, бисёркалимагӣ.

ОСОБЕННОСТИ ГОНЧАРНОЙ ТЕРМИНОЛОГИИ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

В гончарной терминологии систематизируются связи терминов на базе структурно - семантического описания, что дает возможность в кратком виде и адекватно воспринять рассматриваемый предмет исследования. Структура гончарной терминологии таджикского и английского языков и ее употребление в профессиональной речи дает возможность классифицировать и регламентировать ее, учитывая традиции и новейшие достижения науки о языке. Тщательное изучение полностью определяет понятийно – семантическую организацию и тематическую дифференциацию таджикского и английского гончарного терминопространства. В данной статье мы попытались определить особенности гончарной терминологии таджикского и английского языков. Термины имеют единое значение и характерны для той или иной сферы науки и техники. У них нет синонимов, антонимов и экспрессивности. По своему составу и смыслу гончарные термины делятся на однословные и составные термины. В связи с развитием гончарного искусства в языке появились термины этой области. Из этого следует, что гончарные термины широко используются в обоих сопоставляемых языках. В целом, данное исследование может быть использовано лингвистами и специалистами, которые интересуются проблемами терминологии.

Ключевые слова: гончар, глина, гончарная терминология, однословные и многословные термины.

FEATURES OF POTTERY TERMINOLOGY IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

Pottery terminology is systematized to determine the relationship among the terms on the basis of structural and semantic description, which gives the potential to briefly fully and adequately perceive the subject of study. The organization of pottery terminology of Tajik and English languages and their use in professional speech provides opportunities for its classification and regulation, taking into account the traditions and the latest achievements in the science of language. Careful study causes conceptual and semantic organization and thematic differentiation of the Tajik and English pottery term space completely. In this article we have tried to define the peculiarities of pottery terminology in Tajik and English. The terms have a common meaning and are typical for a particular sphere of science and technology. They have no synonyms, antonyms and expressiveness. By their composition and meaning pottery terms are divided into one-word and compound terms. In connection with the development of pottery in the language of the terms of this area. It follows that pottery terms are widely used in both languages compared. In General, this study can be used by linguists and specialists who are interested in the problems of terminology.

Key words: Potter, clay, pottery terminology, one-word and many-word terms.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Турсунова Фирӯза Раҳматҷоновна*** – Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, кафедраи филологияи забони англисӣ. **Адрес**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч. М. Турсунзода, 30. E-mail: **firuza.tursunova123@mail.ru.** Тел.: **(+992) 909-88-68-00**

Сведения об авторе: ***Турсунова Фируза Рахматжоновна*** - Российско-Таджикский (славянский) университет, кандидат филологических наук, кафедра английской филологии. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. М. Турсун-заде, 30. E-mail: **firuza.tursunova123@mail.ru**. Тел.: **(+992) 909-88-68-00**

Information about the author: ***Tursunova Firuza Rakhmatzhonovna*** - Russian-Tajik (Slavic) University, candidate of philological Sciences, Department of English Philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, M. Tursunzade Str. 30, E-mail: **firuza.tursunova123@mail.ru.** Тел.: **(+992) 909-88-68-00**

УДК: 491.550

ИФОДАИ МАЪНОИ ЭҲСОСОТӢ ДАР ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ТАВСИФӢ

Убайдуллоева М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Маълум аст, ки таркиб, ибора ва ҷумлаҳои устувори забон ё худ воҳидҳои фразеологӣ, мафҳумҳо, ҳодисаҳои зиндагӣ ва рӯйдодҳои гуногуни воқеиро ба таври рангину пурҷило ифода мекунанд. Сабаби асосӣ дар он аст, ки дар нисбати дигар воҳидҳои забон воҳидҳои фразеологӣ ҳодисаҳои ҳаёти воқеиро бештар дар шакли образҳои зиндаю барои соҳибони забон маълум инъикос мекунанд. Илова бар ин, воҳидҳои фразеологӣ унсурҳои ҷудогонаи фарҳанг, таърих, урфу одат ва табиату рӯҳияи халқро дар ифодаҳои басо кӯтоҳ ва ниҳоят рехта маҳфуз медоранд. Воқеияти зиндагии гузашта ва имрӯзаи мардум дар ин унсурҳои муҳимми забон аксаран ба воситаи маъноҳои маҷозиашон зуҳур меёбанд.

Бояд гуфт, ки ифодаи маънои эҳсосотӣ дар воҳидҳои фразеологӣ яке аз масъалаҳое мебошад, ки аз ҷониби муҳаққиқон пурра мавриди тадқиқ қарор нагирифтааст. Аммо доир ба ин масъала баъзе пажӯҳишгарон дар асару мақолаҳояшон ишораҳо кардаанд. Аз ҷумла профессор Ҳ. Маҷидов вобаста ба ин масъала чунин ақида доранд: “Дар байни тобишҳои гуногуни услубии воҳиди фразеологӣ, махсусан баҳодиҳӣ ба мафҳуми ифодашаванда, ё ин ки характеристикаи мусбат ё манфии он мафҳум мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Воҳиди фразеологӣ бо маънои худ на фақат ин ё он мафҳумро ифода мекунад, балки муносибати гӯянда, баҳои ӯро нисбат ба он мафҳум низ дар бар гирифтааст. Ин муносибат, мумкин аст, мусбат бошад ё манфӣ” [12, с.23]. Яке аз забоншиносони дигари ҳамин соҳа Ҳ. Дӯстов мавҷудияти обуранги эҳсосотиро дар воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ чунин шарҳ медиҳад: “Обуранги эҳсосотӣ яке аз аломатҳои фарқкунандаи идиоматикии воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ баробари маънои мафҳумӣ ифодагари эҳсосоти мухталиф мебошад. Ифодаи эҳсосот дар ҳама ифодаҳои ташбеҳӣ якранг нест. Дар баъзе аз онҳо эҳсосоти баланд, дар гурӯҳи дигар эҳсосоти пасти гӯянда инъикос ёфтааст” [6, с.78].

Ҳамин тавр, омӯзиши ифодаи маънои эҳсосотӣ дар воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ ба таври бояду шояд омӯхта нашудааст. Ба ҷуз аз қайдҳои ҷудогона оид ба ин мавзӯъ тадқиқоти мукаммале рӯйи чоп наомадааст.

Дар ташаккули воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ нақши воситаҳои тасвири бадеӣ хеле калон аст. Маълум гардидааст, ки санъатҳои ташбеҳ, истиора, муболиға, тавсиф ва ғайра дар шаклгирии сохтору маънои образноки ифодаҳои рехта саҳми назаррас доранд. Яке аз чунин воситаҳое, ки, бешубҳа, дар созмони фразеологизмҳо ва ифодаи баҳодиҳиҳои гуногун дар онҳо мавқеи хосса дорад, ин тавсиф аст. Ба қавли Т. Зеҳнӣ: “Нависанда барои тасвир кардани ягон воқеа, касе ё чизе гоҳе сифатеро меорад, ки яке аз муҳимтарин хусусиятҳои он воқеа, он касе ё чизеро хеле барҷаста нишон медиҳад. Ҳамин гуна муайянкунандаи бадеӣ, ки муҳимтарин хусусияти ҳодисаро таъкид менамояд, тавсиф номида мешавад” [7, с.79].

Воҳидҳои фразеологии тавсифӣ як гурӯҳи калони захираи фразеологии забони тоҷикиро ташкил медиҳанд. Ҳарчанд онҳо дар қолаби ибораҳои изофӣ сохта шаванд ҳам, вале аз рӯйи ифодаи маъно ва сохтори устувор аз ибораҳои озоди наҳвӣ ба куллӣ фарқ доранд. Чунончи: **роҳи сафед** ба маънои “дуои нек ҳангоми сафар”, **пули бекор** “маблаге, ки дар гардиш нест”, **дили шикаста** киноя аз “дили афгору ноумед” ва монанди инҳо:

Хайр, саломат бош, Худо ба ту **роҳи сафед** диҳад [14, с.153]. – Дар ин замон, - гуфт Азимшоҳ, - қарзи ҳасана чӣ кор мекунад, **пули бекор** дар куҷост, ҳоҷати инро бароварда қарз ёфта диҳам ҳам, хуб гап... [1, с.93]. Шамсия аз назди мадраса бо **дили шикаста** мегузарад [8, с.216].

Муқаррар шудааст, ки воҳидҳои фразеологӣ аз ҷиҳати ифодаи обуранги маъноияшон ва ифодаи маънои эҳсосотӣ ба гурӯҳҳои гуногун ҷудо мешаванд, ки яке аз

онҳоро ифодаҳои рехтае ташкил медиҳанд, ки дар созмони онҳо санъати тавсиф саҳми назаррас дорад. Ифодаҳои рехтаи тавсифӣ, асосан, сифати ашёи суханро фаҳмонда, бештар дар қолаби ибораҳои изофии устувор кор фармуда мешаванд. Таҳлилҳои мо нишон доданд, ки дар ин гуна ифодаҳои тавсифӣ чузъи дуюм ба маънои маҷозӣ омада, калимаи аввал бо маънои аслии луғавии худ истифода мешавад. Масалан: **дили шикаста** ба маънои "дили афгору ноумед", **дили бирён** ба маънои "андуҳ, ғамнок", **дасти кӯтоҳ** киноя аз "заифӣ, нодорӣ, камбағалӣ" ва монанди инҳо:

- Чаро ба аҳволи ин фалокатзадагон механдӣ, чаро **дили шикастаи** онҳоро боз ҳам мешиканӣ? – гуфт саиси дигаре ба ӯ ва илова кард... [3, с.248]. Соро чӣ шудани тақдири шавҳари худро муайян карда натавониста бо дидаи гирён, бо **дили бирён** ва бо тани ларзон ба хона баргашт [4, с.32]. Агар ӯро ранҷонам, аҷаб нест, ки маро боз пеш карда фиристоданд. Дар он сурат ман бо ин қади дуто ба дари кӣ кор кофта меравам ва бо ин **дасти кӯтоҳ** аз куҷо нон ёфта мегирам? [3, с.45].

Умуман, ифодаи навъҳои гуногуни маънои эҳсосотӣ дар воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ яке аз нишонаҳои фарқкунандаи онҳо мебошад. Он дар таркиби воҳиди фразеологӣ дар заминаи ифодаи эҳсосоти мухталифи гӯянда ё соҳибзабон шакл мегирад. Мувофиқи хулосаҳои равоншинос Давлатов М.: "Эҳсос зинаи ибтидоии маърифати олам буда, тавассути он мо дар бораи гуногунии олами иҳотакарда маълумот пайдо мекунем. Зеро ашёю ҳодисаҳои дунёи моддӣ, ки дорои хусусиятҳои гуногун мебошанд, на танҳо объективона вуҷуд доранд, балки онҳо ба мо таъсир ҳам мерасонанд ва дар мо эҳсосро ба вуҷуд меоранд.

Эҳсос шакли аввалини аз тарафи мо дониста шудани олами воқеӣ аст ва мо ба воситаи он хабарҳои гуногунро оид ба ҳолати организм ва муҳити беруна аз худ мекунем. Вай роҳи асосие мебошад, ки хабарҳо оид ба зуҳуроти олами беруна тавассути он ба майнаи сар рафта мерасанд ва ба одам имконият медиҳанд, ки дар бораи муҳити беруна ва ҳолати равонии худ маълумот пайдо кунад. Эҳсос алоқаи инсонро бо олами беруна таъмин намуда, сарчашмаи асосии маърифат ва инчунин шарти асосии тараққиёти психика мебошад" [5, с.336].

Ҳамин тавр, маънои эҳсосотӣ дар воҳидҳои фразеологӣ дар заминаи инъикоси воқеаву ҳодиса ба амал омада, дар ҷараёни бардошти олами воқеӣ аз ҷониби соҳибзабон ё нависанда сурат мегирад. Воҳидҳои фразеологӣ дар баробари дигар воҳидҳои забон яке аз воситаҳои муҳимтарини ифодакунандаи тафаккури бадеӣ дар забон мебошанд. Онҳо баробари ифодаи ҳолати муайян, боз унсурҳои эҳсосӣ, баҳодиҳӣ, обурангӣ бадеӣ ва унсурҳои дигарро низ инъикос мекунанд. Аз ҷумла, воҳидҳои фразеологие, ки дар мундариҷаи маъноии худ маънои эҳсосотӣ доранд, онро бештар дар ду шакл ифода мекунанд: эҳсосоти мусбат ва манфӣ. Чунончи, дар тавсифҳои фразеологии зерин эҳсосоти мусбати гӯянда боиси шакл гирифтани маънои эҳсосотӣ дар фразеологизм гардидааст: **қути лоямут** ба маънои "ризқу рӯзӣ ёфтан, луқмаи таом", **рӯйи себи сурхвор** ба маънои "ҳусни зебо" ва **зинати хона** киноя аз "ороишдиҳанда, зебдиҳанда".

Баъзе аз моён ба биёбон баромада, ба пушти худ бардошта ҳезумкашӣ мекунад ва бо ҳамин **қути лоямуте** меёбад [3, с.150]. Бой, аввал Сороро дуруст надида бошад ҳам, дар вақти рӯймолро аз дасташ гирифтани ӯ, ба ӯ бо назари "харидорӣ" нигоҳ карда дид: чашму абрӯи сиёҳ, мижгонҳои дарози нӯгаш баргашта, мӯйҳои сиёҳи дарози маҳинбофта ва **рӯйи себи сурхвори ӯ** бойро ба ҳайрат андохта буд, Соро дар зери либосҳои куҳна, ба назари ӯ монанди як порча тиллои дар миёни хоку рег мондагӣ медурахшид; рӯйи пурнури ӯ, аз таки сарандози фарсудааш, моҳи 14-рӯзаи аз таки абр нимнамоён шудагӣ барин рӯшноӣ мепошид; чашмони дурахшонаш дар зери абрӯвони сиёҳ, монанди ситораи рӯз, ки дар торикии субҳдамӣ намоён мешавад, бинандаро мебурд...[4, с.11]. Духтарбача **зинати хона** ва давлати хонадон аст. Духтарбача боғи ватан ва чароғи миллат аст [2, с.19].

Дар гурӯҳи дигар бошад, ифодаи эҳсосоти манфии шахс ба мушоҳида мерасад. Одатан дар ин гуна маънои эҳсосотии воҳидҳои фразеологӣ оҳангҳои эҳсосотии нописандӣ, тамасхур, пастзанӣ ва ғайра ифода меёбанд. Мисолҳои зерин исботи ин гуфтаҳо шуда метавонанд: **ақли кӯтоҳ** ба маънои "нодонӣ, беақлӣ, камақлӣ", **гапи хунук**

“сухани озордиҳанда, ҳарфи ноҷо, гӯшхарош”, **андоми турш** “табъи хира” ва монанди инҳо:

Ман, - гуфт Қулмурод, - як одами нохондаам, китоб-митобатонро намедонам. Бо **ақли кӯтоҳи** худ дигаргунатар фикр накунам [3, с.229]. – Ба осмон нигоҳ карда, ғайр аз ҳамин **гапи хунук** дигар сухане наёфтед [13, с.223]. Моҳрӯ ӯро бо **андоми турш** ва суханони нимғурмаи ношунаво истиқбол кард [9, с.181].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аксари маънои таҳтуллафзии ҷузъҳои таркибии тавсифҳои фразеологӣ ба соҳибзабон ошно мебошанд. Онҳо дар рафти инкишофи маъноҳои яклухти ин навъи воҳиди забон ҳамчун заминаи асосӣ хидмат мекунанд. Обуранги тозаи маънои ягонаи фразеологизмҳои тавсифӣ маҳз тавассути ҳамин маъноҳо ба вуҷуд меояд, ки миёни онҳо маънои эҳсосотӣ мавқеи муҳим дорад. Дар чунин мавридҳо воҳиди фразеологӣ хосияти маънои маҷозии умумиятдоштаро ба худ касб намуда, бо иловаи унсурҳои дигар, аз қабили ифодаи образ, эҳсосот, баҳодиҳӣ ва ғайра мукаммал мегардад. Масалан, дар воҳидҳои фразеологии **муомилаи гарму ҷӯшон** ба маънои “хушмоималагӣ”, **гапҳои ғалатӣ** “суханҳои диққатҷалбкунанда, тоза”, **гапи хушку холӣ** “сухани бемаънӣ, беасос” ҳамин ҳолатро мушоҳида кардан мумкин аст:

Корвонбошӣ, гӯё ки бо Абдураҳимбой ошнои чандинсола бошад, ба ӯ **муомилаи гарму ҷӯшон** карда ... [3, с.88]. Яке аз ғуломбачагони зеборӯй ба вай як чой кашида медод ва Акрамбой барои чоқ кардани табъи ӯ ҳаргуна **ҳикояҳои ширин** мекард ва гапҳои ғалатӣ ёфта мегуфт [3, с.79]. Сухани шумо ҳам, - гуфт мутаввалӣ ба он мулло, - як гапи **хушку холӣ** аст [3, с.184].

Ҳамин тариқ, баъд аз таҳлилу баррасии мавод метавон гуфт, ки маънои эҳсосотӣ дар воҳидҳои фразеологии тавсифӣ бо обуранг ва ҷилваҳои муассир зоҳир гардида, тадричан инкишоф меёбад, аз як шакл ба шакли дигар мегузарад ва бисёр вақт зери таъсири тағйирёбиҳои мухталифи эҳсосӣ дигар мешавад. Қобили зикр аст, ки ифодаи маънои эҳсосотӣ дар тавсифҳои фразеологӣ якхела набуда, он дорои оҳангу ҷилоҳои мухталифи эҳсосотӣ буда метавонад. Маъноҳои эҳсосотии мусбат ва манфӣ мундариҷаи ягонаи маънои эҳсосотиро дар воҳидҳои фразеологии тавсифӣ ташкил медиҳанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ С. Дохунда / С. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1984. – 432 с.
2. Айнӣ С. Духтарбача ё Холида / С. Айнӣ. – Душанбе: Истеъдод, 2010. – 46 с.
3. Айнӣ С. Ғуломон / С. Айнӣ. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1950. – 620 с.
4. Айнӣ С. Ятим / С. Айнӣ. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1957. – 119 с.
5. Давлатов М. Психология / М. Давлатов. – Душанбе: Собириён, 2010. – 336 с.
6. Дӯстов Ҳ. Воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ дар забони адабии муосири тоҷик / Ҳ.Дӯстов. – Душанбе: Ҷонибек, 2014. – 186 с.
7. Зеҳнӣ Т. Санъати сухан / Т. Зеҳнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1967. – 302 с.
8. Икромӣ Ҷ. Духтари оташ / Ҷ. Икромӣ. – Душанбе: Адиб, 2009.
9. Кӯҳзод У. Ҳам кӯҳи баланд, ҳам шаҳри азим / У. Кӯҳзод. – Душанбе: Ирфон, 1986. – 195 с.
10. Луғатномаи осори С. Айнӣ: мураттибон: Ҳ.Рауфов, М.Шукурова, Ҳ. Муҳаммадиев. – Душанбе: Дониш, 1978. – 236 с.
11. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Ҷ 1. Луғатшиносӣ / Ҳ.Маҷидов. – Душанбе: Деваштич, 2007. – 242 с.
12. Маҷидов Ҳ. Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик / Ҳ.Маҷидов. – Душанбе: Деваштич, 1982. – 104 с.
13. Ниёзӣ Ф. Вафо / Ф.Ниёзӣ. – Душанбе: Ирфон, 1966. – 479 с.
14. Улуғзода С. Субҳи ҷавонии мо / С. Улуғзода. – Душанбе: Ирфон, 1967. – 370 с.
15. Фарҳанги забони тоҷикӣ: мураттибон: Капранов В.А., Рауфов Ҳ., Зеҳнӣ Т. ва дигарон. Иборат аз ду ҷилд. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – Ҷ.1. – 951 с.; - Ҷ. 2. – 948 с.
16. Фозилов М. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик (Фарҳанги фразеологӣ). / М. Фозилов. – Душанбе: Нашрдаврточик, 1963. – Ҷ.1. (А-Р). – 952 с.; - Ҷ.2. (С-Ҷ). – Душанбе: Ирфон, 1964. – 802 с.

ИФОДАИ МАЪНОИ ЭҲСОСОТӢ ДАР ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ТАВСИФӢ

Муаллифи мақола дар асоси маводи асарҳои бадеии гуногун оид ба ифодаи маънои эҳсосотӣ дар воҳидҳои фразеологии тавсифӣ маълумоти муфассал дода, дар асоси мисолҳои мушаххас ибораҳои рехтаи изофии ифодакунандаи эҳсосотро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Тавсифҳои фразеологӣ як гурӯҳи калони захираи фразеологии забони тоҷикиро ташкил медиҳанд. Ҳарчанд онҳо дар қолаби ибораҳои изофӣ сохта шаванд ҳам, вале аз рӯйи ифодаи маъно ва сохтори устувор аз онҳо ба куллӣ фарқ доранд. Дар

мақола ҳамчунин муаллиф оид ба ташаккули воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ ва нақши воситаҳои тасвири бадеӣ дар созмони онҳо ибрози андеша намуда, таъкид медорад, ки қолаби ибораҳои фразеологии изофии тавсифӣ аз рӯйи ифодаи маъно ва сохтори устувор аз ибораҳои озоди наҳвӣ ба куллӣ фарқ доранд. Ин андешаро бо овардани ибораҳои фразеологии **роҳи сафед** ба маънои "дуои нек ҳангоми сафар", **пули бекор** "маблаге, ки дар гардиш нест" ва **дили шикаста** киноя аз "дили афгору ноумед" асосҳо намудааст. Ҳамин тавр, маънои эҳсосотӣ дар воҳидҳои фразеологӣ дар заминаи инъикоси воқеаву ҳодиса ба амал омада, дар ҷараёни бардошти олами воқеӣ аз ҷониби соҳибзабон ё нависанда сурат мегирад. Воҳидҳои фразеологӣ дар баробари дигар воҳидҳои забон яке аз воситаҳои муҳимтарини ифодакунандаи тафаккури бадеӣ дар забон мебошад. Дар заминаи таҳлили мавод маълум мегардад, ки дар шаклгирии маънои эҳсосотӣ дар воҳидҳои фразеологии тавсифӣ нақши унсурҳои мусбат ва манфии эҳсосоти шахс хеле калон аст. Аз ин ҷост, ки дар қисме аз онҳо эҳсосоти мусбат бо тобишҳои муайян ва дар гурӯҳи дигар эҳсосоти манфӣ бо фарогирии оҳангҳои мухталиф инъикос ёфтаанд.

Калидвожаҳо: воҳиди фразеологии тавсифӣ, тавсиф, маънои маҷозӣ, эҳсосот, эҳсосоти мусбат, манфӣ, ибораҳои изофӣ.

ВЫРАЖЕНИЕ ЭМОЦИОНАЛЬНОГО ЗНАЧЕНИЯ В ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИХ ОПИСАТЕЛЬНЫХ ЕДИНИЦАХ

В данной статье автор на основе рассмотрения и изучения художественной литературы приводит сведения относительно выражения значения эмоциональности в фразеологических описательных единицах, и на основе конкретных примеров рассматривает и анализирует фразеологические изафетные словосочетания выражающие эмоциональность. Фразеологические характеристики составляют большую группу фразеологических запасов таджикского языка. Если даже они составлены в рамках изафетных словосочетаний, по выражению значения и устойчивой структуре заметно отличаются от них. В статье также автор рассматривает вопросы по формированию фразеологических единиц таджикского языка и роли средств художественного описания в их создании, утверждает, что форма фразеологических изафетных словосочетаний по выражению значения и устойчивой структуры существенно отличается от самостоятельных синтаксических словосочетаний. Эту мысль можно обосновать на примере фразеологических словосочетаний **роҳи сафед (**счастливого пути**)** со значением «благословения во время путешествия», **пули бекор** (ненужные деньги) «денежные средства, которых нет в обращении» и **дили шикаста** (разбитое сердце) «разбитое сердце без надежды». На основе анализа материалов становится очевидным, что при формировании значения эмоциональности во фразеологических описательных единицах огромную роль играют положительные и отрицательные элементы эмоций человека. По этой причине, в части из них положительные эмоции отражаются с определенными окрасками и в другой группе отрицательные эмоции охвачены различными интонациями.

Ключевые слова: фразеологическая описательная единица, характеристика, переносное значение, эмоции, положительные и отрицательные эмоции, изафетные словосочетания.

EXPRESSION OF EMOTIONAL VALUE IN PHRASEOLOGICAL DESCRIPTIVE UNITS

In this article, the author, based on the consideration and study of fiction, provides information on the expression of the meaning of emotionality in phraseological descriptive units, and, on the basis of specific examples, considers and analyzes phraseological izafet phrases expressing emotionality. Phraseological characteristics make up a large group of phraseological reserves of the Tajik language. Even if they are composed within the framework of izafet phrases, in terms of the expression of meaning and stable structure, they differ markedly from them. In the article, the author also considers the issues of the formation of phraseological units of the Tajik language and the role of means of artistic description in their creation, asserts that the form of phraseological izafet phrases in expressing meaning and stable structure differs significantly from independent syntactic phrases. This idea can be substantiated by the example of phraseological phrases roҳi safed (happy journey) with the meaning of "blessings during the trip", bullets bekor (unnecessary money) "money that is not in circulation" and dili shikasta (broken heart) "broken heart without hope ". Based on the analysis of the materials, it becomes obvious that in the formation of the value of emotionality in phraseological descriptive units, the positive and negative elements of human emotions play a huge role. For this reason, in some of them, positive emotions are reflected with certain colors, and in another group, negative emotions are captured by different intonations.

Key words: phraseological descriptive unit, characteristic, figurative meaning, emotions, positive and negative emotions, izafetny phrases.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Убайдуллоева Мавзунахон Азамовна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи забони адабии муосири тоҷикӣ. **Суроғa:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **mavzunakhon@list.ru.** Тел.: **(+992) 92-970-75-57**

Сведения об авторе: ***Убайдуллаева Мавзунахон Азамовна*** – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры современного таджикского литературного языка. Адрес: 734025, Руспублика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. E-mail: **mavzunakhon@list.ru.** Тел.: **(+992) 92-970-75-57**

Information about the author: ***Ubaidullaeva Mavzunakhon Azamovna*** - Tajik National University, doctoral candidate Ph.D department of modern Tajik literary language. **Address:** 734025, Republik of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **mavzunakhon@list.ru.** Tel.: **(+992) 92-970-75-57**

УДК: 811.21/.22:811.133.1-54

БАЁНИ ЗАМОНИ ҲОЗИРАИ ДАВОМДОРИ СИҒАИ ХАБАРИИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ БА ЗАБОНИ ФАРОНСАВӢ

(таҳлили муқоисавӣ дар мисоли повести «Одина»-и С.Айнӣ)

Хуҷамқулов С.Х.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Таҳқиқи феъл ҳамчун ҳиссаи нутқ ва яке аз асосҳои сохтори ҷумла ҳанӯз дар асрҳои IX-X дар забоншиносии тоҷик шурӯъ шуда буд. Тавре донишмандони соҳа иброз медоранд, нахустин афкори забоншиносии тоҷик аз тарафи донишманди бузург Абӯалӣ ибни Сино пешниҳод гардидааст ва номбурда бо таълимоту назарияи мантиқии худ бунёди назариявии забоншиносии тоҷикро асос гузоштааст [12, с.26]. Аз ҷумла, дар бобати феъл ва баъзе хусусиёти он дар рисолаи “Мантиқ” маълумот дода, онро бо истилоҳи “куниш” ба кор бурдааст. Оид ба шаклҳои замони феъл бошад тасаввуроти мукаммалро дар асри XVI Хоҷа Ҳасани Нисорӣ дар рисолаи худ бо номи “Чаҳор гулзор” иброз медорад ва то андозае системаи замони забони тоҷикиро муқаррар менамояд. Сайидризо Ализодаи Самарқандӣ, ки пас аз Инқилоби Октябр нахустин китоби форсии дастуриро бо номи “Сарфу наҳв” (соли 1926) таълиф намуда буд, роҷеъ ба мавзӯоти морфологию синтаксисии забони тоҷикӣ сухан меронад. Чунончи дар бораи феъл, сиға, замони мозӣ (гузашта), ҳол (оянда) ва ғайра маълумот пешниҳод намуда, истилоҳоти ба кор бурдаи донишмандони гузаштаро мавриди истеъмол қарор додааст.

Омӯзиши феъли забони тоҷикӣ асосан дар даврони Ҳукумати Шӯравӣ ба роҳ монда шудааст ва тадқиқотчиён ба мактаби забоншиносии рус такя карда, системаи грамматикии забони тоҷикиро мавриди баррасӣ қарор додаанд. Маҳз дар ҳамин давра чандин корҳои илмӣ дар доираи забоншиносии муқоисавӣ-типологӣ гузаронида шуда, як қатор маводи таълимию илмӣ, аз қабили китобу дастур ва рисолаву монографияҳо рӯйи кор омаданд. Чунончи, рисолаҳои номзадии донишмандон Ҷамшедов П. дар мавзӯи “Сопоставительный анализ английских глагольных форм разряда Continuous и таджикского Муайян” (1973), Ҳамроалиев Н. перомуни “Глагольный вид в современном английском и таджикском языках” (1979), Мамадназаров А. оид ба “Сравнительно-типологическое изучение условно-желательного наклонения в современных английском и таджикском языках” (1986) ва чанди дигар навишта шуданд, ки тавонистанд дар рушди илми забоншиносии муқоисавии тоҷик таъсири мусбӣ расонанд.

Пас аз соҳибистиқлолии кишвар низ таҳлили муқоисавии феъл дар мисоли забони тоҷикӣ бо дигар забонҳо идома мекунад. Муҳаққиқоне чун Искандарова Д.М. (1997), Носирова Ф.Х. (2002), Ҷабборова М.Т. (2005), Усмонов К. (2006), Ибрагимова Р. А. (2010), Яқубов Т.Н. (2010), Исмоилзода Э. (2011), Тошев А. (2013), Ғафурова Ф. (2014) ва дигарон ба мавзӯъҳои гуногуни феълӣ дахл намуда, рисола ва мақолаҳои илмӣ таълиф намудаанд.

Ҳарчанд таҳлилҳои илмӣ зиёд анҷом дода шудаанд, вале то кунун баъзе аз масъалаҳои ин ҳиссаи нутқ баҳсталаб боқӣ мондааст ва хулосаи ягонаи илмӣ дастнорас мебошад. Махсусан, дар ифодашавии замонҳои феъл ҳоло ҳам гуногунфикрӣ вуҷуд дорад.

Замон дар қатори дигар категорияҳои феъл (шахс, шумора, тарз, намуд, сиға) [5, с.172] муҳимтарин ҷузъи хабар ба шумор меравад.

Замону сиға ду воҳиди мураккабтарини феъл ҳастанд, ки дар якҷоягӣ лаҳзаи воқеъшавии амалу ҳолат ва воқеию ғайривоқеӣ, эҳтимолию шартӣ, амрию хоҳишмандӣ будани онро нишон медиҳанд. Таҳқиқи ин ду аломати феъл дар алоҳидагӣ ғайриимкон аст, чунки хусусиятҳои амалу ҳолат дар ин сурат ба пуррагӣ мавриди пажӯҳиш қарор

намегиранд. Ба андешаи забоншиноси барҷастаи рус Гак В.Г., онҳо дар ҳамбастагӣ як категорияи баланддараҷаи феълро ташкил медиҳанд [3, с.151].

Аз навъҳои сиға (хабарӣ, шартию хоҳишмандӣ, эҳтимолӣ, амрӣ) нисбатан мураккаб ва серистеъмол сиғаи хабарист. Вазифаи он нишон додани воқеию ғайривоқеӣ будани амал ва тасдиқу инкори он мебошад [5, с.205]. Миқдори замонҳои ин сиға дар муқоиса ба дигар навъҳои сиға зиёд буда, ҳама навъҳои замон, яъне гузаштаву ҳозира ва ояндаро дар бар мегирад ва дар навбати худ дорои шаклҳои гуногуни замонӣ мебошад, ки лаҳзаҳои муайяни иҷроиши амалро нишон медиҳанд. Гак В.Г. дар бораи замон ҳамчун категорияи феъл сухан ронда, замони ҳозираро сабаби асосии мавҷуд будани се навъи замон номидааст ва онро нуқтаи ҷудокунандаи замони гузашта аз замони оянда медонад. Ба аншедаи ӯ "Вақт (замон-С.Х.) мувофиқи самт аз гузашта ба тарафи оянда ҳаракат мекунад" [3, с.169].

Шаклҳои замони ҳозираи сиғаи хабарӣ ба қатори замонҳои мураккабу сертобиш дохил шуда, амали дар айни нутқ давомдоштаро ифода менамоянд [5, с.211], вале вобаста ба мақсаду муҳтавои сухан метавонанд амалҳои дигар лаҳазотро низ дар алоқамандӣ бо ҷумлаҳои дигари матн инъикос кунанд. Ду навъи замони ҳозираи сиғаи хабарӣ дар забони тоҷикӣ дида мешавад: ***замони ҳозираи давомдор (муайян)*** ва ***замони ҳозира-оянда***. Доираи истеъмоли шакли аввалӣ маҳдуд, вале нисбатан дақиқу возеҳ аст. Навъи дуюмӣ тобишҳои гуногуни маъноиро соҳиб буда, барои дарки дурусти маънои замонии вай мазмуни матн кӯмак мекунад ва баъзан аз ҷумлаҳои дар дигар лаҳзаи нутқ ифодашуда маълум мегардад.

Замони ҳозираи давомдор аз ҷумлаи замонҳои мураккаби забони тоҷикӣ ба шумор рафта, бо ёрии феъли "истодан" дар шакли гузаштаи нақлӣ (сифати феълӣ бо бандакҳои хабарӣ) ва сифати феълии феъли маънодори ҷумла сохта мешавад. Чунончи, тасрифи феъли "хондан" дар замони ҳозираи давомдор чунин буда метавонад: *хонда истодаам, хонда истодаӣ, хонда истодааст* ***(шахсҳои танҳо)****, хонда истодаем, хонда истодаед, хонда истодааанд* ***(шахсҳои ҷамъ)***.

Феъли замони мазкур мувофиқи мазмуну муҳтавои ҷумла шаклҳоро ифода мекунад: 1) *Ҳозираи давомдор (муайян), ки амали дар айни ҳол ҷараёндоштаро мефаҳмонад*; 2) *Ҳозираи давомдор, ки ҷараёни доимии амалро ифода мекунад*; 3) *Ҳозираи давомдор, ки маънии замони гузаштаро низ ифода карда метавонад* [5, с.222-223]. Дар повести "Одина" устод Айнӣ ба таври фаровон аз замони зикршуда истифода намудааст. Гуфтан бамаврид аст, ки муаллиф ҳангоми эҷоди асар тамоми меъёрҳои забони адабии тоҷикро ба инобат гирифта, дар корбурди замонҳо маҳорати баланди нависандагиро нишон додааст. Нависанда нисбат ба амалу ҳолатҳои мухталиф, ҳодисаю воқеаҳои гуногун, махсусан хусусиятҳои замонии феълҳоро хеле хуб ба ҳисоб гирифтааст [15, с.101].

....аз ин ҳама <u>некиҳои</u> ройгон, ки дар ҳаққи ман <u>карда истодааст</u>... [1, с.100]; *Je <u>vois</u> qu'il ne me <u>vient</u> que du bien de cet homme, rien d'autre...* [19, с.265].

Феъли таркибии "некӣ кардан" дар ҷумлаи овардашуда замони ҳозираи давомдор (*некиҳои...карда истодааст*)-ро нишон медиҳад ва иҷрошавии доимии амалро ифода мекунад. Ҳарчанд мутарҷимон мазмуни ҷумлаи тоҷикиро нишон додаанд, аммо айнан феъли замони ҳозираи давомдорро кор нафармудаанд. Феъли "voir-дидан" (*vois-мебинам*) ва феъли "venir-омадан" (*vient-омада истодааст*) дар замони ҳозираи сиғаи хабарии забони фаронсавӣ ифода шудаанд. Вобаста ба муҳтавои ҷумла онро чунин тарҷума кардан мумкин аст: *Мебинам, ки аз ин мард ба ман танҳо некӣ омада истодааст, дигар ҳеҷ...* (С. Х.).

Бояд гӯем, ки дар забони фаронсавӣ сиғаи хабарӣ (le mode indicatif) дорои як шакли замони ҳозира (le Présent) мебошад. Аз ин рӯ, ҳарду замони ҳозираи сиғаи хабарии забони тоҷикӣ аксаран ба воситаи он ифода карда мешаванд. Ҳарчанд ҷумла ба мазмуни забони асл наздикӣ дошта бошад ҳам, вале муҳтавои онро ба пуррагӣ ифода накардааст.

Феъли замони ҳозираи давомдор метавонад амалеро ифода кунад, ки дар ҳангоми нутқ иҷро мегардад. Дар чунин ҳолат мазмуни ҷумла барои муайян кардани лаҳзаи воқеии амал кумак мекунад: – *Рост аст, ки камтар арақ хӯрдаам, аммо гапҳоямро хуб фаҳмида ва*

дониста гуфта истодаам [1, с.111]; - *J'ai bu un peu. Mais je ne suis pas ivre, ami. Je suis prêt à expliquer tout ce que je dis* [19, с.271].

Чида шуда омадани феълҳои "фаҳмидан, донистан, гуфтан"-ро дар ҷумлаи болоӣ дидан мумкин аст, лекин дар чунин ҳолат феъли ёридиҳандаи замони ҳозираи давомдор бо ҷузъи охир меояд (*гуфта истодаам*). Тавре аз мазмуни ҷумла бармеояд, феълҳо амали дар лаҳзаи нутқ ҷараёндоштаро ифода мекунанд. Муҳтавои ҷумлаи тоҷикӣ ба воситаи се ҷумлаи содаи забони фаронсавӣ нишон дода шудааст. Дар ҷумлаи якум хабар (boire-нӯшидан – *ai bu-нӯшидам*) дар замони гузаштаи мураккаб (Passé composé) омада, дар ду ҷумлаи дигар феълҳо (être-будан – *suis-ҳастам*; être prêt-тайёр будан – *suis prêt-тайёр ҳастам;* dire-гуфтан – *dis-гуфта истодаам*) дар замони ҳозира (Présent) ифода гардидаанд: *Ман каме нӯшидам. Аммо маст нестам, дӯст. Барои фаҳмонидани он чизе, ки гуфта истодаам, тайёр ҳастам* (С.Х.).

Устод Айнӣ замони ҳозираи давомдорро аксаран барои нишон додани амали дар лаҳзаи нутқ воқеъшаванда истифода бурдааст. Чунончи ҷумлаи зерин низ ҳолатеро нишон медиҳад, ки гӯянда ҳодисаи айнизамониро нақл мекунад: *Ин аҳволест, ки баъд аз осуда шудани мамлакат шуда истодааст…* [1, с.129]; *Cela se passait au temps où un calme relatif régnait dans le pays…* [19, с.279].

Хабари ҷумла "шудан" буда, ба маънои "рух додан" кор фармуда шудааст ва дар замони ҳозираи давомдор (*шуда истодааст*) ифода гардидааст. Феъли "будан" дар шакли кӯтоҳшудаи **-ст** аз шахси сеюми танҳои замони ҳозираи давомдор (аст) бо исм якҷоя омадааст (*аҳволест* = *аҳволе аст*). Ҷумлаи забони фаронсавӣ куллан аз ҷумлаи асл аз рӯйи маънои замонӣ фарқ намуда, амалеро ифода мекунад, ки анҷоми он номуайян мебошад. Феълҳои "se passer-гузаштан" (*se passait*) ва "régner-ҳукмронӣ кардан" (*régnait*) дар замони Imparfait, ки ба замони гузаштаи ҳикоягии забони тоҷикӣ монанд аст, омадаанд ва амали нотамому бардавомро нишон медиҳанд: *Ин дар вақте мегузашт, ки дар мамлакат нисбатан оромӣ ҳукмронӣ мекард* (С.Х.).

Истифодаи феъли "будан" дар шакли кӯтоҳшудаи замони ҳозираи давомдор *-ст* аз *"аст"* дар қисса зиёд мушоҳида карда мешавад, ки ин ба хусусиятҳои грамматикии он вобаста аст. Чунин шакли феъл асосан амали дар ҷараён бударо ифода мекунад: – *Одина! Шишаки сиёҳ кучост? – гуфта фарёд кард* [1, с.12]; – *Odina, Odina! cria-t-il où est la noire de six ans?* [19, с.218].

Нависанда дар ҷумлаи болоӣ тавассути шакли феъли мавриди назар амали дар ҳоли нутқ иҷрошавандаро инъикос карда, барои нишон додани макон кор фармуда шудааст. Дар варианти баргардоншуда ҳам феъли "être-будан" дар Présent (*est-ҳаст, мебошад*) омадааст. Мазмун бо ҷумлаи асл ягона буда, замони ҳозираро нишон медиҳад: – *Одина, Одина! дод зад ӯ, сиёҳи шашсола дар кучо аст?* (С.Х.)

Яке аз хусусиятҳои барҷастаи феъли замони ҳозираи давомдор он аст, ки дар алоқамандӣ бо дигар ҷумлаҳо ва мазмуни матн амали гузаштаро ифода мекунад. Ба ин маънӣ асосан вай дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ, ки бо пайрави муайянкунанда ва пуркунанда омадаанд, кор фармуда мешавад [5, с.223]: *Дид, ки дар гӯшае бар болои чорпояи чӯбин чароғи сиёҳи чӯянӣ афрӯхта истодааст* [1, с.156]; *...un flambeau y répand sa lumière faible. Il est sur le point de s'éteindre* [19, с.299].

Ҳарчанд хабари ҷумла "афрӯхтан" дар шахси сеюми танҳои замони ҳозираи давомдор (*афрӯхта истодааст*) омадааст, вале мазмунан вай амали дар гузашта воқеъшударо далолат мекунад. Маънои гузаштагии онро феъли "дидан" дар замони гузаштаи наздик (*дид*) пурра намуда, характернокии феълро ифода менамояд. Аммо мазмуни ҷумлаи тоҷикӣ, ки ба воситаи ду ҷумлаи фаронсавӣ ифода гардидааст, феълҳо "répandre-пош додан, être-будан" дар замони ҳозира (Présent) кор фармуда шудаанд (*répand-пош медиҳад, est-ҳаст*) ва амали дар айни нутқ ҷараёндоштаро мефаҳмонад: *…дар он ҷо чароғе равшании хираи худро пош медиҳад. Вай дар ҳоли хомӯш шудан аст* (С.Х.).

Феълҳои "будан, доштан" бе феъли ёридиҳандаи "истодан" дар замони ҳозираи давомдор ифода мешаванд. Онҳо дар шаклҳои "ҳастам, ҳастӣ, ҳаст (аст), ҳастем, ҳастед, ҳастанд" ва "дорам, дорӣ, дорад, дорем, доред, доранд" мавриди корбурд қарор мегиранд:

Акнун чораи ин корро худи шумоён, ки калоншавандагони деҳа ҳастед, бубинед… [1, с.13]; *Maitenant, vieillards honorés, décidez ce qu'il y a à faire* [19, с.219]. Тавре дар ин ҷумла дида мешавад, шакли тасрифшудаи феъли "будан" амали дар ҷараёнбударо ифода мекунад. Аммо варианти тарҷумашудаи ҷумла ҳарчанд мазмунан ба ҷумлаи асл наздикӣ дошта бошад ҳам, вале аз ҷиҳати истеъмоли феълҳо дигаргуна мебошад. Феъли мавриди назар дар он мавҷуд набуда, иҷроиши амал ба воситаи феъли фармоиши сиғаи амрӣ, ки замони ояндаро далолат мекунад, зикр гардидааст: *Акнун, бузургони муҳтарам, чӣ кор карданро қарор кунед* (С.Х.).

Мисоли дигар: *Ба ҳамаи мо маълум аст, ки Одина аз шумо қарздор аст, аз ин ваҷҳ ба дасти шумо васиқа ҳаст* [1, с.14]; *Tout le monde sait qu'Odina est le débiteur de votre grâce. Vous avez la reconnaissance de dette* [19, с.220].

Феъли "будан" дар шахси сеюми танҳои замони ҳозираи давомдор (*аст, ҳаст*) ҳолати дар айни нутқ вуҷуддоштаро нишон дода, воқеият доштани онро инъикос мекунад. Мутарҷимон мазмуни ҷумларо дар ду ҷумлаи содда баён намудаанд, ки дар ҷумлаи якум хабарҳо (*sait-медонад, est-ҳаст*) дар замони ҳозираи давомдор ва ҳозира-оянда омада, амали доимию воқеиро ифода мекунанд. Дар ҷумлаи дуюм хабар (*avez-доред*) чун замони ҳозираи давомдор корбаст шуда, аз амали айнинутқӣ хабар медиҳад: *Ҳама медонад, ки Одина қарздори лутфу марҳамати шумост. Шумо забонхати қарздорӣ доред* (С.Х.).

Шаклҳои феъли "доштан" дар замони ҳозираи давомдори сиғаи хабарӣ ва аористи сиғаи шартию хоҳишмандӣ якранг буда, муҳтавои ҷумла барои дарки дурусти онҳо кумак мекунад. Чунончи дар ҷумлаи зерин феъли мазкур дар шахси якуми танҳо сиғаи хабарӣ ва амали ояндаи бо ҳозира алоқамандро ифода мекунад: *Худ мегӯӣ, ки тӯй дорам.* [1, с.67]; *Tu dis toi-même que tu veux célébrer ton mariage* [19, с.244)]. Дар тарҷума гарчанде феъли таҳлилшудаистода зикр нашуда бошад ҳам, лекин муҳтавои ҷумла бо истифодаи феълҳо дар замони ҳозира (*dis-гуфта истодаӣ*) амали ҳозира ва феъли модалии «хостан» (*veux-мехоҳӣ*) дар оянда иҷрошавии амалро инъикос мекунанд: *Ту худат гуфта истодаӣ, ки таҷлил кардани ҷашни оиладоршавиатро мехоҳӣ* (С.Х.). Вале «дорад» аз феъли «доштан» дар ҷумлаи поёнӣ на сиғаи хабарӣ, балки дар шакли аорист кор фармуда шуда, сиғаи шартию хоҳишмандиро мефаҳмонад ва орзую омоли гӯяндаро зикр мекунад: – *Тарафи хуби ин хоб ҳамин аст, ки Одина ба зудӣ расида меояд, аммо тарафи бад ҳам дорад, ки аз вай Худо нигоҳ дорад* [1, с.71]. Дар ин ҷумла ду шакли замони ҳозираи давомдори феъл (*аст, тарафи…дорад*) ва як шакли аористи феъл (*нигоҳ дорад*) омадааст. Мутаассифона, ҷумлаи мазкур аз тарафи мутарҷимон баргардон карда нашудааст.

Бояд гуфт, ки устод Садриддин Айнӣ повести "Одина"-ро соли 1924 эҷод намудааст, вале он дертар (1927) ба сифати асари ҷудогона ба хонандагон пешниҳод мешавад. Соли 1929 П.П. Введенский онро ба забони русӣ баргардон мекунад ва соле баъд З.Хацревин дар тарҷумаи нав повестро тақдими хонандагони русзабон менамояд. Мутолиаи варианти тарҷумашудаи қисса ба забони фаронсавӣ, ки аз ҷониби С.Бородин ва В.Вуанот дар соли 1957 сурат гирифтааст, нишон медиҳад, ки мутарҷимон такя ба тарҷумаи З.Хацревин намудаанд, ҳарчанд дар саҳифаи аввали китоб навишта шудааст, ки тарҷума аз забонҳои тоҷикиву русӣ гирифта шудааст. Донишмандон ҳам ба ин нукта ишора намуда, дар рисолаву мақолаҳояшон инро тасдиқ кардаанд [2, с.17].

Таҳлили мавзӯъ нишон медиҳад, ки устод Айнӣ шаклҳои феъли замони ҳозираи давомдорро мувофиқи мазмуни матн ва лаҳзаи амал барои нишон додани амали иҷрошудаву ҷараёндошта ва ҳам доимию такрорёбанда ба кор бурдааст. Дар маҷмӯъ, муаллиф дар 91 ҷумла шаклҳои замони ҳозираи давомдори феълҳоро кор фармудааст, ки дар бештари ҳолат онҳо амалу ҳолати дар лаҳзаи нутқ воқеъбудаву ҷараёндоштаро инъикос мекунанд (*ниг. ба ҷадвали 1*).



Диаграмма: Ифодаи замонии шаклҳои феъли замони ҳозираи давомдор дар повести "Одина"-и С.Айнӣ.

Сохти маъмулии замони ҳозираи давомдори сиғаи хабарӣ бо ёрии феъли «истодан» дар повести «Одина» бениҳоят кам истеъмол гардидааст. Ҳамагӣ дар 6 ҷумла ин ҳолатро муаллифи асар кор фармудааст. Боқимонда амалу ҳолатҳои замони ҳозираи давомдор тавассути шаклҳои феъли феълҳои «будан, доштан» ифода гардидаанд. Чунонки таҳлил нишон дод, мутарҷимони фаронсавии асар зимни баргардонкунӣ диққати бештарро ба инъикоси мазмуну муҳтавои матн додаанд ва ба ҷиҳати грамматикии ҷумлаҳои он таваҷҷуҳи кам зоҳир гардидааст, алалхусус дар ифодаи замонии ҷумлаҳо гуногунӣ ба назар мерасад.

Мутаассифона, аз маҷмӯи ҷумлаҳои забони асл, ки дар таркибашон шаклҳои феъли замони ҳозираи давомдор доранд 19-тоаш дар тарҷумаи фаронсавии асар дида намешаванд, ки сабаби ин такя намудани баргардонкунандагон ба варианти русии асар мебошад. Махсусан, аз он ҷумлаҳое, ки бевосита бо феъли ёвари «истодан» сохта шудаанд, 2-тоашон аз тарҷума дур мондаанд.

Тарҷумаи фаронсавии ҷумлаҳои замони ҳозираи давомдори повести «Одина»-ро ба назар гирифта, гуфтан мумкин аст, ки ҳангоми тарҷумаи чунин замони сиғаи хабарии забони тоҷикӣ ба забони фаронсавӣ мазмуни матн нақши асосиро мебозад. Онро метавон ҳам ба воситаи замонҳои гузашта ҳам ҳозира ва ҳам оянда ифода кард. Танҳо ба мутарҷимон зарур аст, ки муҳтавои матнро дуруст муайян карда, онро ба хонанда ё шунаванда пешниҳод кунанд. Дар акси ҳол пайдарҳамии матн ва ё ин ки нутқ гум мешавад ва ин ба дарки моҳияти сухан таъсири манфӣ мерасонад. Албатта, ба инобат гирифтани хусусиятҳои дастурӣ низ яке аз шартҳои муҳимми тарҷума ба шумор меравад, вале дар ҷойи аввал мазмуни матн меистад.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ С. Одина (повест) / С.Айнӣ. – Душанбе: Маориф, 2014. – 178 с.
2. Бабаева Д.Х. Садриддин Айни и французская литература (к проблеме литературных связей Востока и Запада на современном этапе): автореф. дис. … канд. филол. наук: 10.01.02, 10.0105 / Д.Х.Бабаева. – Душанбе, 1996. – 21 с.
3. Гак В.Г. Теоретическая грамматика французкого языка: учебник для студентов высших учебных заведений / В.Г. Гак. – М.: Добросвет, 2000. – 414 с.
4. Гак В.Г. Сравнительная типология французского и русского языков: учеб. пособие для студентов фак. и ин-тов ин.яз / В.Г. Гак. – Л.: Просвещение, 1976. – 286 с.
5. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Дар 3 ҷилд. Ҷилди 1. Фонетика ва морфология. – Душанбе: Дониш, 1985. – 356 с.
6. Исмоилзода Э.С. Грамматические особенности конструкций с модальными глаголами в таджикском и английском языках: дис. … канд. филол. наук: 10.02.20 / Э.С.Исмоилзода. – Душанбе, 2011. – 171 с.

7. Қулматова Г.Т. Роҳҳои ифодаи замони гузаштаи наздик дар «Ёддоштҳо»-и С.Айнӣ ва усули тарҷумаи он дар забони англисӣ / Г.Т.Қулматова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2011. – №9 (73). – С. 290-293.
8. Маҷидов Ҳ. Системаи шаклҳои категорияи замони феъли забони тоҷикӣ / Ҳ.Маҷидов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2019. – №3. – С. 10-17.
9. Мирзоева М.Ҷ. Муродифоти шаклҳои феълӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ / М.Ҷ.Мирзоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2016. – №4/2 (199). – С. 37-40.
10. Расулова Г.Н. Семантическо-грамматическая характеристика глагола в таджикском и английском языках: дис. … канд. филол. наук.: 10.02.20 / Г.Н.Расулова. – Хуҷанд, 2016. – 181 с.
11. Раҳмонов Б.Н. Баъзе ҷанбаҳои назариявии категорияи замон дар забоншиносӣ / Б.Н.Раҳмонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2015. – №4/1 (159). – С. 76-79.
12. Хоҷаев Д. Афкори забоншиносии тоҷик дар асрҳои X-XVI / Д.Хоҷаев. – Душанбе: Маориф, 2013. – 344 с.
13. Хуҷамқулов С. Аз таърихи омӯзиши категорияи сиға дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ / С.Хуҷамқулов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2015. – №4/1 (159). – С. 68-72.
14. Ҳалимиён С. Феъл (куниш) / С.Ҳалимиён. – Душанбе, 2013. – 128 с.
15. Ҳусейнов Х. Забон ва услуби повести «Одина»-и С. Айнӣ / Х.Ҳусейнов. – Душанбе: Ирфон, 1973. – 254 с.
16. Джамшедов П. Сопоставительный анализ таджикских глагольных форм муайян и английских continuous: автореф. дис. … канд. филол. наук: 10.02.08 / П.Джамшедов. – Ленинград, 1973. – 28 с.
17. Джамшедов П. Вопросы типологии видо-временных систем глагола (на материале таджикского, английского, русского и шугнанского языков): автореф. дис. … д-ра филол. наук: 10.02.20 / П.Джамшедов. – Москва, 1985. – 42 с.
18. Якубов Т.Н. Временные формы глагола изъявительного наклонения таджикского языка и их способы передачи в арабском языке: автореф. дис. … канд. филол. наук: 10.02.22 / Т.Н.Якубов. – Душанбе, 2010. – 28 с.
19. Aini S. La mort de l'usurier (nouvelles): traduites du tadjik et du russe par S. Borodine et V. Voinot / S. Aini. – Paris: Les éditeurs français réunis, 1957. – 317 p.

БАЁНИ ЗАМОНИ ҲОЗИРАИ ДАВОМДОРИ СИҒАИ ХАБАРИИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ БА ЗАБОНИ ФАРОНСАВӢ

(таҳлили муқоисавӣ дар мисоли повести «Одина»-и С. Айнӣ)

Дар мақола яке аз мавзӯъҳои мубрами илми забоншиносӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф доир ба хусусиятҳои грамматикиву семантикии замони ҳозираи давомдори сиғаи хабарии забони тоҷикӣ маълумот дода, бо асосноккунии ҷумлаҳои қиссаи «Одина»-и С.Айнӣ роҳҳои ифодашавӣ ва тарҷуманамоии онро ба забони фаронсавӣ нишон додааст. Замони ҳозираи давомдор дар доираи замонҳои сиғаи хабарии забони тоҷикӣ ба қатори замонҳои мураккаб дохил шуда, бо ёрии сифати феъли феъли «истодан» ҳамроҳ бо бандакҳои хабарӣ ва асоси замони гузаштаи феъли маънодори ҷумла сохта мешавад. Шакли феъли замони мазкур дар алоқамандӣ бо муҳтавои матн лаҳзаҳои гуногуни иҷрошавии амалро мефаҳмонад. Вай асосан барои нишон додани амали дар лаҳзаи нутқ ҷараёндошта бо кор бурда мешавад, инчунин метавонад давомнокиву такроршавандагии амалро низ ифода кунад. Бо феъли замони гузашта омада, дар ҷумлаи мураккаб амали дар ҳамон замон воқеъшударо инъикос мекунад. Натиҷаи таҳлили мавзӯъ гувоҳи он аст, ки ҳангоми тарҷумаи замони ҳозираи давомдор ба забони фаронсавӣ мазмуни ҷумла нақши аввалиндараҷа мебозад ва онро бо замонҳои Présent, Passé composé, Passé simple ва Imparfait-и забони фаронсавӣ ифода намудан мумкин аст.

Калидвожаҳо: феъл, замон, сиға, шакли феълӣ, замони ҳозираи давомдор, сиғаи хабарӣ, забоншиносӣ, муқоиса, тарҷума, повест.

ВЫРАЖЕНИЕ НАСТОЯЩЕГО ДЛИТЕЛЬНОГО ВРЕМЕНИ ИЗЪЯВИТЕЛЬНОГО НАКЛОНЕНИЯ ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА ВО ФРАНЦУЗСКОМ ЯЗЫКЕ

(сопоставительный анализ на основе материалов повести С.Айни «Одина»)

Изучение категории времени в современном языкознании является актуальной и важной проблемой. Особенно исследование того или иного времени в разноструктурных языках в сопоставительном плане содействует развитию лингвистических наук. Принимая во внимание эту важность в данной статье автор попытался исследовать способы передачи настоящего длительного времени таджикского языка во французском языке на основе материалов повести С.Айни "Одина". Главным образом категория времени имеет 3 формы – прошедшее, настоящее и будущее. Но каждое из них имеют разные формы времени, которые выражают реальный момент действия. Настоящее длительное время - это сложное время, потому что оно создается с помощью глагола "истодан" (стоить) в прошедшем повествовательном времени (замони гузаштаи наклї) и осмысляет глагол предложения. В принципе названное время отражает действие, которое осуществляется во время речи. Но связанное со значением контекста оно может указывать на постоянное и регулярное действие. А также в сложноподчинённом предложении настоящее длительное время употребляется для выражения завершенного действия. Как показывает результат исследования, при выражении настоящего длительного времени таджикского языка во французском в первую очередь надо обращать внимание на смысл предложения. Обычно оно переводится на французский язык при посредстве Présent, Passé composé, Passé simple и Imparfait.

Ключевые слова: глагол, время, наклонение, глагольная форма, настоящее длительное время, изъявительное наклонение, языкознание, сравнение, перевод, повесть.

THE EXPRESSION OF THE PRESENT CONTINUOUS TENSE IN INDICATIVE MOOD OF TAJIK LANGUAGE IN FRENCH

(the comparative analysis on the basis of materials of story S.Aini "Odina")

The research of formation tenses is considered an important problem in modern linguistics. Specially the research this or that tense in the different languages according to structure with comparative method contribute in the development linguistics science. Taking into consideration this necessity the article author has tried to research ways of transfer of the present continuous tense of Tajik language in French on the basis of materials of story S.Aini "Odina". Principally the grammatical category of tense has 3 types – the past, the present and the future. But each of them have different forms of tenses which express the real moment of action. The present continuous tense is the compound tense, because it is created by means of verb "istodan" (to stand) in the past narrative tense and participle of conscious verb of sentence. In principle this tense reflects actions which is carried out during speech. But connected with value of context it could show the constant and regular action. In the complex sentence the present continuous tense express the action that was fulfilled. The result of research proved that the sentences of present continuous tense of Tajik language expound with Présent (the Present tense), Passé composé (the Past indefinite tense), Passé simple (the Past tense) and Imparfait (the Past continuous tense) in French language. In translating the verb of present continuous tense of Tajik into French it is necessary to take into consideration the contents of sentence.

Key words: verb, tense, mood, the verbal form, the present continuous tense, the indicative mood, linguistics, comparison, translation, story.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Хучамқулов Сирочиддин Хучамқулович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, аспиранти кафедраи байнидонишгоҳии забонҳои немисӣ ва фаронсавӣ. **Суроғa:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **sirojiddin.1790@mail.ru**. Тел.: **(+992) 901-22-29-67**

Сведения об авторе: ***Худжамкулов Сироджиддин Худжамкулович*** – Таджикский национальный университет, аспирант общеуниверситетской кафедры немецкого и французского языков. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **sirojiddin.1790@mail.ru**. Тел.: **(+992) 901-22-29-67**

Information about the author: ***Khujamqulov Sirojiddin Khujamqulovich*** – Tajik National University, post-graduate student of the Department of German and French languages. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **sirojiddin.1790@mail.ru**. Tel.: **(+992) 901-22-29-67**

УДК: 808.2.916.63.(574.3)

МАВҚЕИ ИСТИЛОҲШИНОСӢ ДАР СОХТОРИ ЗАБОН

Шарипов Н.Н.

Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Истилоҳ калима ё ибораест, ки мафҳуми ягон соҳаи илм, техника, маданият ва ё истеҳсолотро ифода мекунад. Худи вожаи истилоҳ арабӣ буда, маънои «ба ҳам сулҳ кардан ё ба ҳам иттифоқ кардани қавмҳо»– ро дорад. Дар забони мо ин калима бо вожаи юнонии термин (ба маънои ҳад, худуд, андоза) муродиф мебошад, яъне калима ё иборае, ки ба маънои мушаххас дар ҳадду андозаи муайян (дар доираи муайяни илм) истифода мешавад. Масалан, истилоҳҳои **арзиз (алюминий), мумиё, синтез, булӯр, оҳар, оҳанрабо, чӯян, ангишт, тезоб** дар илми кимиё танҳо як маъно доранд.

Истилоҳ ё термин аз калимаи муқаррарии забон бо хусусиятҳои зерин фарқ мекунад:

1. Маъно ва мафҳуми соҳаи муайянро равшану возеҳ ва ба таври мушаххас ифода мекунад.

2. Истилоҳ дар соҳаи истифодашаванда танҳо як маъноро ифода менамояд.

3. Истилоҳҳо сермаъно шуда наметавонанд ва аз обуранги бадеӣ ва ифоданокӣ холӣ мебошанд.

4. Ин гурӯҳи калимаҳои забон муродиф надоранд, вале бо роҳи иқтибос аз забонҳои дигар истилоҳи аслӣ бо истилоҳи иқтибосӣ якчанд вақт метавонад баробар вуҷуд дошта бошад ва бо бартарӣ дар истифода яке аз онҳо дар забон боқӣ мемонад. Масалан, ҳоло дар забонамон дар бештари соҳаҳои илму техника истилоҳҳои тоҷикӣ аз истилоҳҳои

хоричӣ, ки ду-се даҳсола қабл мустаъмал буданд, бартарӣ пайдо намуда, устувор шуда истодаанд. Истилоҳҳои **савтиёт (фонетика), дастурӣ (грамматикӣ), наҳв (синтаксис), муҳосиб (бухгалтер)** аз ҳамин қабиланд.

Бо мақсади муайян кардани мавқеи истилоҳшиносӣ дар сохтори забон фаҳмидан зарур аст, ки чӣ гуна ва ба чӣ восита истилоҳшиносӣ бо чунин воқеияти забон чун забони миллӣ, забони адабӣ, забони илм ва техника ба услуби функсионалӣ алоқаманд аст.

Тоҷикон ҳамчун халқи мутамаддин ва соҳиби фарҳангу маданияти қадимаву пурғано дар гузаштаи дур дар масъалаи истилоҳсозиву истилоҳшиносӣ таҷрибаи калон доштанд. Асарҳои зиёди илмҳои гуногун маҳз ба забони форсии тоҷикӣ навишта шудаанд. Дар асри ХХ вобаста ба таҳаввулоту пешрафти ҷамъият ва вазъи сиёсию мадании давлат истилоҳҳои зиёди хоричӣ мавқеи истилоҳҳои тоҷикӣ ва арабии маъмулро танг намуда, ҷойи онҳоро гирифтанд. Ба истилоҳҳои асрҳои аср корбастшудаи тоҷикӣ унвони «куҳнашудагӣ»–ро часпонданд. Дар охири асри ХХ барои ислоҳи ноҷӯриҳои истилоҳсозиву истилоҳгузинӣ дар забони тоҷикӣ шароити мусоид фароҳам омад: тоҷикон истиқлолияти миллӣ гирифтанд, забони тоҷикӣ мақоми давлатиро соҳиб шуд, Кумитаи татбиқи Қонуни забон дар назди Дастгоҳи Президенти кишвар ташкил шуд. Ҳамаи ин навгониҳо боиси таҷдиди назар қарор гирифтани истилоҳҳои зиёди илмҳои гуногун ва мураттаб кардани луғатномаҳои соҳавӣ шуд. Охири қарни ХХ ва ибтидои асри ХХ1–ро давраи нави инкшофи истилоҳшиносии тоҷик шуморидан мумкин аст.

Забони миллӣ - адабӣ як системаи мураккаб, динамикӣ ва мақсадноки фарҳангӣ-таърихӣ мебошад, ки ҳамаи намудҳои фаъолиятро муттаҳид мекунад. Метавон гуфт, ки забони миллии русӣ, ҳамчун тартиби ягонаи система тамоми навъҳои нутқи русӣ: забони адабӣ, забони илм ва техника, забони гуфтугӯии содафаҳм намуди забони адабӣ-гуфтугӯӣ, шеваҳои минтақавӣ – иҷтимоиро дар бар мегирад [8, с.119-127]. Истилоҳоте, ки номгӯи объектҳои касбӣ ва мафҳуми забони илму техникаро таъмин месозанд, ба тарзи ҷудонопазир ба забони миллӣ дохил мешаванд.

Барои ҷавоб ба саволи истилоҳот ва забони адабӣ дар кадом мавқеъ қарор дорад? ҷавоб гардондан– бояд муайян кард, ки оё истилоҳот бо хусусиятҳое, ки дар муайян кардани забони адабӣ ҷудо карда шудаанд, ҷавобгӯ ҳаст ё не. Дар зери мафҳуми истилоҳот одатан маҷмӯи истилоҳҳо, яъне таркиби лексикии забони илмӣ – техникӣ фаҳмида мешавад. Аз ин рӯ, муқоисаи истилоҳот ва лексикаи забони адабӣ мувофиқи мақсад аст.

Хусусиятҳои зерини таркиби луғавии забони адабӣ фарқ мекунанд [8, с.177 - 184].

1. Коркард ва ба тартиб даровардани лексикаи забони адабӣ дар қиёс бо таркиби лексикии забонҳои дигари миллӣ.
2. Меъёри ба рамзнокӣ мубаддал гашта.
3. Устуворӣ–таъмингари мавҷудият ва рушди забони адабӣ.
4. Ҳатмӣ будан барои ҳамаи ҳайати соҳибони ҳамин забон.
5. Айният, ки хидмати тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятиро таъмин мекунад.

Пайдоиши муошират касбӣ бевосита бо рушди ҷомеаи инсонӣ ва тасдиқи меҳнат ҳамчун омили асосӣ дар ташаккули шахс алоқаманд мебошад. Ҳол он ки ҳамеша меҳнат дастаҷамъӣ мебошад ва натиҷаи меҳнат раванди муоширатҳои махсуси касбӣ пайдо мешаванд ва худи истилоҳ ин натиҷа ва аслиҳаи фикрронии касбӣ ва махсусан муошират касбӣ мебошад.

Ин ақида хато аст, ки гӯё истилоҳ танҳо вақте пайдо мешавад, ки илм ва донишҳои назариявӣ ва рушд меёбанд. Ҳам дар гузашта ва ҳам дар замони мо, ҳар гуна касб, ҳар гуна намуди фаъолият истилоҳҳои худро дорои мебошанд. Калимаҳои зиёде, ки чун калимаҳои умумиистифодаанд, ва аз ин рӯ, ғайри истилоҳӣ мебошанд ва дар нутқи касбӣ мафҳуми касбиро ба даст меоранд. Аз ин рӯ, дар гуфтугӯи маъмулӣ ибораҳои булут, тус, алм, чанор, арча умумиистифода мебошанд, ибораҳои банкир ва иқтисодчӣ бошанд истилоҳ мебошанд. Истифодаи мафҳумҳо аз тарафи намояндагони ҳамон як тахассус муоширатро дар раванди фаъолияти муштарак таъмин менамояд ва ба дараҷаи самаранокии он таъсир мерасонад.

Истилоҳшиносӣ таърихи тӯлонӣ дорад, аммо мафҳуми«истилоҳ» дар илм асосан аз оғози асри бистум пайдо шудааст. Ф.А. Брокҳауз ва И.А. Ефрон дар луғати энсиклопедии худ истилоҳ ва истилоҳшиносиро чунин тавсиф кардаанд: “Истилоҳ калима – фаҳмиши муайянест, ки ҷудо карда шудааст ё дар дохили фикр мебошад ё хулосабарорӣ карда шудааст. Истилоҳоти илмӣ – калимаҳое мебошанд, ки дар ҳамин соҳаҳои илм мафҳуми махсус ва муайян доранд. Маҷмӯи истилоҳотии дар ҳамин соҳаи илм комилан муайян шуда истилоҳоти ҳамин илмро ташкил мекунанд.... баҳисобгирӣ маҷмӯӣ истилоҳот барои ҳама намуди фанҳо мебошад, ки ин илмро баррасӣ мекунад”.

Вазъи муосири илм ба мо имкон медиҳад, ки чунин тавсифи муҳтавои истилоҳ ва истилоҳшиносиро муайян намоем.

Истилоҳшиносӣ – ин маҷмӯи истилоҳоти марбут ба соҳаҳои фаъолияти касбӣ (самти дониш, техника, идоракунӣ, фарҳанг) мебошад, ки онҳоро дар робита бо якдигар дар сатҳҳои фаҳмиш, лексикӣ – семантикӣ, иборасозӣ ва грамматикӣ алоқаманд мекунад.

Инқилоби илмӣ-техникӣ ба тақвияти равандҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ оварда расонд, ки дар натиҷа ба афзоиши миқдори афзояндаи мафҳумҳо дар соҳаҳои мухталифи дониш ва фаъолона паҳншавии онҳо дар забони муштараки мардум мусоидат намудаанд.

Дар баробари ин, истилоҳи терминология бисёрмаъно буд ва дар ду маъно истифода мешуд:

1. Истилоҳшиносӣ ҳамчун маҷмӯи калимаҳо ва ибораҳое, ки объектҳои махсусро ифода менамояд ва фаҳмиши махсуси касбиро мефаҳмонад.

2. Истилоҳшиносӣ – қисми забоншиносӣ мебошад, ки маҷмӯи мафҳумҳо, ташкили грамматикӣ ва қонунҳои амалиро таҳлил мекунад.

Ҳар як соҳибзабон бояд дар фаъолияти касбии худ истилоҳоти мувофиқро барои истифода дошта бошад.

Истилоҳоти самтҳои муайяни дониш танҳо ба мутахассисон фаҳмо аст. Ҳамин тариқ, мафҳуми экономайзер (иқтисодиёт), нишондиҳандаи нақш, петиненсивӣ (информатика), латетит, гумус (геология) ба шумораи зиёди нафароне, ки соҳибони забони русӣ мебошанд, нофаҳмо аст. Аммо ин мафҳумҳои забон: 1) мувофиқи қонунҳои забони русӣ буда; 2) муносибатҳои синтагмавии русиро дар таркиби ибораҳо ва ҷумлаҳо амалӣ месозанд. Дар ниҳоят, талаботи муоширатӣ метавонад гузариши ин ё дигар мафҳумҳои лексикиро ба категорияи мафҳумҳои умумиистифодашаванда таъмин намояд.

Аз ин нуқтаи назар, истилоҳот ба осонӣ ба забони адабӣ мувофиқат мекунад ва бояд ҳамчун зерсохтори алоҳидаи калимаҳои забони адабӣ тавсиф карда шавад, ки иҷрои вазифаи муҳимтарини иҷтимоии забон – муоширати махсуси касбиро таъмин менамояд.

Мафҳуми истилоҳ ба шарҳи мавҷудаи истилоҳи забони адабӣ, ки воситаи рушди ҳаёти иҷтимоӣ, пешрафти моддӣ ва маънавии одамон, воситаи муборизаи иҷтимоӣ, воситаи тарбияи оммаи одамон комилан мувофиқ мебошад, ки онҳоро минбаъд ба дастовардҳои фарҳанги миллӣ, мардумӣ шинос мекунонад [5, с.91-110].

Истилоҳотро ҳамчун зерсохтори сохти лексикии забони адабӣ матраҳ намуда, бояд муносибатҳои терминологияро бо чунин зерсохторҳои функсионалӣ ҳамчун фонетика, морфология ва синтаксис дарк намуд. Бояд қайд кард, ки 1) иборасозии истилоҳӣ, сохтани ибораҳои истилоҳӣ асосан ба қонунҳои умумии забонӣ тобеанд; 2) функсияи морфологӣ-синтаксисӣ аз фаъолияти модели шабеҳи калимаҳо ва ибораҳои маъмул дар матнҳои адабӣ истифода шуда фарқ мекунанд; 3) дар матнҳои махсус, дар қатори истилоҳ, калимаҳои умумӣ низ амал мекунанд.

Мафҳуми истилоҳшиносӣ дар қисматҳои гуногуни сохти забонӣ, ки қисматҳои гуногуни фаъолияти иҷтимоии одамонро таъмин менамоянд, дар истилоҳоти услуби забон ва услуби нутқ тасвир шудааст.

Ҳамин тариқ, нақши истилоҳшиносӣ дар сохти забонӣ хеле бузург ва инкишофёбанда аст. Калимаҳои зиёде, ки ҳамчун умумиистифода қабул шудаанд ва ғайриистилоҳӣ ба шумор мераванд, дар истифодаи касбӣ мафҳуми истилоҳро мегирад.

Забони адабии русӣ асосан хусусиятҳои фарқкунандаи маъно ва тарҷумаи истилоҳотро дар забони русӣ нишон медиҳад. Таърихи омӯзиши истилоҳот таҳқиқ карда мешавад. Нисбати маънои аслии калимаву истилоҳот нуқтаи назари олимон мухталиф мебошад. То имрӯз оиди ин мавзӯъ даҳҳо таҳқиқот ба сомон расонида шудааст. Дар забоншиносии русӣ барои кор бо истилоҳот заминаи хеле васеъ фароҳам гардидааст. Шиносоӣ бо корҳои илмӣ нишон медиҳад, ки ҳангоми муайян кардани марҳилаҳои пайдоиш дар забонҳои алоҳида фарқиятҳои назаррас боқӣ мемонанд.

ЛИТЕРАТУРЫ

1. Қосимова М.Н. Мухтасар оид ба истилоҳоти забоншиносии тоҷик. Воситаи таълимӣ / М.Н. Қосимова. - Душанбе, 2003. – 107 с.
2. Назарзода С. Забон ва истилоҳот. китоби дарсӣ / С. Назарзода. – Душанбе, 2003. – 67 с.
3. Назарзода С. Ташаккули истилоҳоти ҷамъиятиву сиёсии забони тоҷикӣ дар асри XX. Китоби дарсӣ / С. Назарзода. – Душанбе, 2004. – 59 с.
4. Гринев С.В. Введение в терминоведение. Учебное пособие / С.В. Гринев. - М: Московский лицей, 1993. – 289 с.
5. Термин в научном документе. Межвуз. сб. науч. Квитко КС. - Львов: Вища школа, 1976. – 127 с.
6. Квитко, КС. Терминоведческие проблемы редактирования. Учебное пособие / КС Квитко, В.М. Лейчик, Г.Г. Кабанцев. - Львов: Вища школа, 1986. – 151 с.
7. Климовицкий, Я.А. Некоторые вопросы развития и методологии терминоведческих работ в СССР. дис. / Я.А. Климовицкий. - М.; Л.: Наука, 1967. – 184 с.
8. Климовицкий, Я.А. Некоторые методологические вопросы работы над терминологией науки и техники / Я.А. Климовицкий // Современные проблемы терминологии в науке и технике. – М.: Наука, 1969. – 110 с.
9. Головин Б.Н.Терминоведение. Учебное пособие / Б.Н. Головин. - Москва: Выс.школа. – 27 с.
10. Даниленко В.П. Терминология и наука: предмет, задачи, проблематика / В.П. Даниленко // Гуманитарные термины. Учебник. – Москва, 1972. – 24 с.

МАВҚЕИ ИСТИЛОҲШИНОСӢ ДАР СОХТОРИ ЗАБОН

Мақолаи мазкур ба таҳлили масъалаҳои истилоҳотшиносӣ дар системаи забонҳо, ки дар маҷмӯъ бо истилоҳу истилоҳотшиносӣ ва нақши истилоҳоти илмӣ иқтисодиёти байналхалқӣ бахшида шудааст ва дар он нуқтаи назари олимони забоншиноси рус оварда шудааст. Дар шароити муосири рушди иқтисодиёт, дар роҳи пешрафти босуръати илму техника, рушди технологияи компютерӣ ва техникаи роботсозӣ, усулҳои идоракунии муосир аҳаммияти махсус доранд. Дар мақолаи мазкур моҳият ва маънои истилоҳотшиносии расмии тиҷорати байналхалқӣ дар забони русӣ нишон дода шудааст. Муаллиф асосан хусусиятҳои фарқкунандаи маъно ва тарҷумаи истилоҳотро дар забони русӣ нишон медиҳад. Таърихи омӯзиши истилоҳот таҳқиқ карда мешавад. Муаллифи мақола боварӣ дорад, ки нисбати маънои аслии калимаву истилоҳот нуқтаи назари мухталифро баён мекунад. Маҷмӯи ин корҳо аз даҳҳо таҳқиқот иборат буда, то имрӯз дар забоншиносии русӣ барои кор бо истилоҳот заминаи хеле васеъ фароҳам оварда шудааст. Барои тасдиқ кардани ақидаи худ, таҳқиқгар аз корҳои илмии олимони рус (Квитко КС., Лейчик В.М., Кабанцев Г.Г. ва дигарон) иқтибосҳо меорад, ҳамчунин маводи мушаххаси аз корҳои илмӣ ва таҳқиқотӣ ба даст овардашуда мавриди таҳқиқу таҳлили ҷиддӣ қарор мегиранд.

Калидвожаҳо: истилоҳ, истилоҳотшиносӣ, олот, иқтисодиёт, ниҳон будан, гумус, васеъ, дақиқ (бодиққат), ҳамаҷониба, таалуқдошта, нақшин, зина.

МЕСТО ТЕРМИНОЛОГИИ В СИСТЕМЕ ЯЗЫКА

Данная статья посвящена анализу терминологических вопросов в системе языка, связанных с терминами и терминологией в целом, и ролевой терминологией международной экономики, в частности с точки зрения российских ученых-лингвистов. В современных условиях развития информатики и экономики на пути ускорения научно-технического прогресса, современных методов управления терминология в системе языка приобретает особое значение. В статье раскрывается сущность и значение деловой терминологии международной экономики в национальном русском языке. Автор, в частности, указывает на отличительные особенности значения и перевода терминов на русский язык. Прослеживается история изучения терминов. Автор статьи уверен в том, что терминология выражает разного вида отношения высказывания к действительности. Корпус этих работ составляет десятки исследований, и к настоящему времени в русском языкознании накоплена достаточно обширная база по работе с терминами. Знакомство с научными трудами показывает, что в определении этапов становления терминалогии в отдельных языках встречаются значительные расхождения. Для подтверждения своих взглядов, исследователь приводит цитаты из научных трудов русских и советских ученых (Квитко К.С., Лейчик В.М., Кабанцев Г.Г. и др.), а также тщательно анализирует конкретные материалы, извлеченные из научных и исследовательских работ.

Ключевые слова: термин, терминология, орудие, экономика, пертинентность, латерит, гумус,обширный, тщательно, деловой, ролевой, этап.

PLACE OF TERMINOLOGY IN THE LANGUAGE SYSTEM

This given article is devoted to the analysis of terminological issues related to terms and terminology in the goal, and role terminology of the international economy in particularin leading point of view of Russian linguists. In modern conditions of intensification of the economy on the way of accelerating scientific and technological progress, the development of computer science and robotics, modern management methods are of particular importance. The article reveals the essence and meaning of business terminology of international economics in the Russian language. The author, in particular, shows the distinctive features of the meaning and translation of terms in Russian.Traced the history of the study of terms. The author of the given article is sure that he expresses different types of attitudes towards reality to terminology. The corpus of these works is made up of dozens of studies; an extensive base has been accumulated in Russian linguistics for working with terms. An acquaintance with scientific works shows that, as in the definition, the stages of manifestations in individual languages remain significant differences. To confirm his convictions, the researcher quotes from the scientific works of Russian and Soviet scientists (Kvitko K.S., Leichik V.M, Kabansev G.G. and others) and also carefully analyzed specific materials extracted from scientific and research works.

Key words: terms, terminology, accumulated, economics, corpus, extensive, carefully, business, dedicated, role-playing, manifestations, stages.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Шарипов Начибулло Неъматуллоевич*** - Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улугзода, аспиранти баъди дипломии шуъбаи нусхаи муқоисавӣ **Суроғa:** 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч. Муҳаммадиев 17/6. E-mail: **snajibullo@inbox.ru**.
Тел.: **(+992) 900-79-01-11**

Сведения об авторе: ***Шарипов Наджибулло Негматуллоевич*** - Таджикский государственный институт языков им. С. Улугзаде, аспирант кафедры сопоставительной типологии. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6. E-mail: **snajibullo@inbox.ru.** Тел.: **(+992) 900-79-01-11**

Information about the author: ***Sharipov Najibullo Nigmatulloevich*** - Tajik State Institute of languages named after S. Ulugzada, graduate student of the Department of comparative typology. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Mukhammadiev Str. 17/6. E-mail: **snajibullo@inbox.ru.** Tel.: **(+992) 900-79-01-11**

УДК: 42:491.550 (03)

ХУСУСИЯТИ НИГОРИШИ КАЛИМАҲОИ МУРАККАБ ВА ТАРКИБИИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ДАР ФАРҲАНГИ АНГЛИСӢ-ТОҶИКӢ

Шарипов Х.А.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯбдуллоҳи Рӯдакӣ

Ҳар як забон хусусиятҳои хосси худро дорад, ки ҷанбаҳои гуногунро ба монанди сохтори грамматикӣ, таркиби луғавӣ ва системаи овозӣ ташкил медиҳад. Ҳар яки ин ҷанбаҳои забон ба тадқиқоти мустақили назариявӣ ниёз доранд. Дар гузашта бештар ҷанбаи грамматикии забон баррасӣ мегардид, вале бо мурури замон ҷанбаҳои дигари он, аз ҷумла таркиби луғавӣ ва системаи хосси овозҳо низ омӯхта мешаванд.

Ба ақидаи Генри Суит «калима – ҳадди ақали потенсиалии ҷумла мебошад», ки ин танҳо ҷанбаи синтаксисии калимаро шарҳ медиҳад. Ҷанбаи семантикии калимаро забоншиноси машҳури америкоӣ Э. Сепир чунин шарҳ медиҳад: «калима яке аз хурдтарин, вале мустақилтарин ҷузъҳои маънои ҷудогона мебошад, ки ҷумла ба он равона карда мешавад» [3, с.27].

Аз нуқтаи назари илми забоншиносии муқоисавӣ калима дар ҳар як забон сохтор, хусусият, маъно ва мафҳуми хосси худро дошта, инчунин монандиҳо низ байни забонҳои муқоисашаванда дида мешаванд.

Дар забонҳои олам калимасозӣ нақши калон ва дар байни дигар воситаҳои ғанисозии фонди луғавӣ калимасозӣ мавқеи хос дорад. Моҳияти калима ва хусусиятҳои фарқкунандаи он аз нигоҳи сохтор ва корбаст аҳаммияти худро гум накардаанд. Гарчанде намудҳои асосии калимаҳои мураккаб аз тарафи грамматикони Ҳинди қадим муайян ва тавсиф шудаанд. Моделҳои алоҳидаи калимаҳои мураккаб дар забонҳои гуногун мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифта истодаанд ва оид ба калимасозӣ адабиёти илмӣ низ зиёд гашта истодааст.

Калимаҳои мураккаби забони англисиро олимони забоншинос ба монанди В.Д. Аракин [2, с.208], И.В. Арнолд [3, с.152], Е.Н. Бортничук, И.В. Василенко ва Л.П. Пастушенко [5, с.143], П.В. Сарев [13, с.7], А.И. Смирнитский [9, с.135-137] ва дигарон ба таври гуногун тасниф кардаанд.

Забонҳои англисиву тоҷикӣ ба гурӯҳи забонҳои ҳиндуаврупоӣ дохил мешаванд. Аз ин лиҳоз, миёни ин ду забон аз бисёр ҷанбаҳо фарқият ва умумиятҳо ба назар мерасанд.

Дар забонҳои муқоисашаванда гурӯҳи калимаҳое мавҷуданд, ки қисман аз рӯйи сохтор, таркиби овозу оҳанг ва семантика ба ҳам шабеҳ ҳастанд. Ба монади: mother - модар, father - падар, brother - бародар, daughter - духтар, cow - гов ва ғайра. Вале дар забони англисӣ гурӯҳи калимаҳое мавҷуданд, ки нисбат ба калимаҳои забони тоҷикӣ аз рӯйи сохтор, семантика ва корбурд фарқ мекунанд.

Ҳадаф аз навиштани мақолаи мазкур таҳлил намудани тарзҳои инъикоси воҳидҳои луғавии мураккаби хосси забони англисӣ дар фарҳангҳои луғоти дузабонаи англисӣ ба тоҷикӣ мебошад.

Оид ба сарчашмаҳои луғатшиносии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ дар тадқиқоти махсуси олимони тоҷик маълумоти муфассал дарёфт кардан мумкин аст [7, с.10-16; 10, с.208]. Барои ноил шудан ба ин ҳадаф мо асосан ба фарҳанги дузабонаи англисӣ-тоҷикӣ «Standard English-Tajik Dictionary» (соли таълиф 2017), муаллиф А. Мамадназаров такя намудем.

Аз ин рӯ, сарчашмаи мисолҳое, ки дар мақола пешниҳод мегарданд, аз фарҳанги номбурда сарчашма мегиранд.

Ҳангоми мутолиа ва таҳлили фарҳанги мазкур намудҳо ва шумораи калимаҳои мураккаби забони англисӣ муайян карда шудаанд. Бояд тазаккур дод, ки сохтори воҳидҳои луғавии мавриди баррасии мо бештар ба забони англисӣ маҳсуб аст, бинобар ин, бо мақсади гузаронидани таҳлили мисолҳо аз рӯйи тартиби муайян гурӯҳҳои воҳидҳои луғавии мазкурро шартан калимаҳои мураккаби бо нимтире (дефис) сохташуда, калимаҳои мураккаби пайваст ва таркибӣ ном гузоштем. Инчунин, шумораи калимаҳои мураккабе, ки бо як нимтире, ду нимтире, се нимтире сохта шудаанд, калимаҳои мураккаби пайваст ва таркибӣ муайян гардида мансубияти онҳо ба ҳиссаи нутқ нишон дода шудаанд.

Баррасии тарзҳои инъикоси калимаҳои мураккаби забони англисӣ дар фарҳанги зикршуда аз рӯйи гурӯҳҳои зерин ба мақсад мувофиқ аст: калимаҳои мураккаб, ки бо нимтире сохта шудаанд, калимаҳои мураккаби пайваст ва воҳидҳои луғавии таркибӣ (ба монанди «carbon paper-коғази капир, back and filling-калавиш дудилагӣ»).

1. Калимаҳои мураккаби бо нимтире (дефис) сохташуда

Яке аз маъмултарин ва серистеъмолтарин гурӯҳи калимаҳои мураккаби хосси забони англисӣ гурӯҳи калимаҳои мураккаби бо нимтире сохташуда ба шумор мераванд. Дар аксарияти луғатҳои забони англисӣ шумораи зиёди калимаҳои мураккаби бо нимтире сохташударо мушоҳида кардан мумкин аст. Калимаҳои мураккаби бо нимтире сохташуда аз ду ва зиёда асоси калима, бандҳо, як ва зиёда нимтиреҳо сохта мешаванд. Ҳатто дар баъзе мавридҳо шакли ҷумларо ба худ мегиранд, ки бо нимтиреҳо ва бе нимтиреҳо сохта шудаанд ва ин намуд сохторро калима-ибораи мураккаби хосси забони англисӣ ҳисобидан мумкин аст: “If you try to give **an on-the-one-hand-or-the-other-hand answer,** only one of the hands tend to be quoted – Агар шумо **ҷавоби дутарафа** додан хоҳед, танҳо як ҷавоб қабул карда мешавад” [6, с.47]. “Despite **turn-out-the-vote efforts** of both parties, the number of **stayat-home voters** was again high – Сарфи назар аз **кӯшишҳои** ҳар ду тараф барои **овоздиҳӣ** шумораи **овоздиҳандагони дар хона монда** боз ҳам баландтар буданд” [6, с.41].

Калимаҳои мураккаб бо чанд хусусияти худ аз ибораҳо фарқ мекунанд. Аз ҷумла, фонология яке аз омилҳои асосии фарқгузорандаи байни калимаи мураккаб ва ибораҳо мебошад. Дар калимаи мураккаб як калима ба калимаи дигар ба воситаи аломати китобатӣ вобаста шудааст. Аз ин лиҳоз, зада нақши калон дорад. Мисол, дар калимаи goodman [ˈgudmæn]-соҳибхона зада дар калимаи якум афтидааст ва дар калимаи goodman [gudmæn]-марди хуб дар калимаи дуюм меояд.

Калимаҳои мураккаби бо нимтире сохташудаи забони англисиро дар навбати худ боз ба зергурӯҳҳои зерин тақсим кардан мумкин аст: а) калимаҳои мураккаби бо як нимтире сохташуда, б) калимаҳои мураккаби бо ду нимтире сохташуда, в) калимаҳои мураккаби бо се нимтире сохташуда.

а) калимаҳои мураккаби бо як нимтире сохташуда. Ба ин гурӯҳ калимаҳое дохил мешаванд, ки аз ду решаи калима бо як нимтире сохта шудаанд. Шакли бо нимтире сохташудаи калимаи мураккаб маънои онро дорад, ки қисмҳои калимаи мураккаб дар алоҳидагӣ ҳанӯз калимаи мураккаб нестанд. Ин роҳи калимасозӣ дар забони англисӣ маъмул ва сермаҳсул аст.

Калимаҳои зерин мисол шуда метавонанд: Fortune-teller [ˈfɔ:ʧənˌtelə] n- фолбин, толеъбин; lodge-house [ˈlɔʤhaus] n- меҳмонхона; lily-livered [ˈlılılıved] a- тарсончак; crow's-foot [ˈkrouzfut] n- 1) танобҳои соябони киштӣ; 2) ожангҳои кунҷи чашм; crow's-nest [ˈkrouznest] n- 1) лонаи зоғ; 2) дидбонгоҳ (дар болои сутуни киштӣ) ва ғайра.

Қисме аз калимаҳои мураккаби забони англисӣ, ки дар фарҳангҳои дузабона, аз ҷумла дар фарҳанги забони англисӣ-тоҷикӣ инъикос ёфтаанд, баъзе калимаҳои мураккаби бо як нимтире сохташуда дарёфт карда шуданд, ки ғайр аз ду асоси калима, бандҳо ва як нимтире, инчунин аз як калимаи дигар иборат мебошанд. Ин намуд калимаҳоро ба гурӯҳи калима-ибораҳои атрибутивӣ дохил кардан мумкин аст, зеро аз рӯйи сохтор ва семантика монанди мисолҳои дар боло зикргардида ба ибора шабеҳанд. Дар раванди тарҷума аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ низ онҳо ҳамчун ибораи изофӣ тарҷума мешаванд, на дар шакли як калима. Мисол: cod-liver oil [ˈkɔdlivəˈɔil] n- равғани моҳӣ; cut-throat competition [ˈkʌtθroutˌkʌmpiˈtiʃn] n-рақобати шадид; full-time job [(ə)fultaimjɔb] n- кори тамоми вақт, кори пурра; non-stop system [nɔn ˈstɔp ˈsistəm] n- системаи мунтазами кори шабонарӯзӣ, асосӣ, штатӣ ва ғайра.

Тавре ки мебинем, ин намуди калимаҳои мураккаби забони англисӣ аз рӯйи сохтор баҳснок ҳастанд ва чунонки маълум гардид, дар забони тоҷикӣ ба ибора шабоҳат доранд.

Бинобар ин, калимаҳои мураккаби бо нимтире сохташударо дар ин ҳолат ҷузъи ибора ҳисобидан шояд ба мақсад мувофиқ бошад. Ҳарчанд онҳоро воҳидҳои луғавии таркибӣ низ меноманд.

б) калимаҳои мураккаби бо ду нимтире сохташуда. Калимаҳои мураккаби бо ду нимтире сохташудаи забони англисӣ аз ду ва зиёда решаи калима, пайвандаку пешоянд ва баъзан артикл низ иборат буда, бо ду нимтире сохта мешаванд. Мисол: four-in-hand [ˈfɔ:rinˈhænd] n- аробаи чораспа; general-in-Chief [ˈʤenərəlinˈʧi:f] n- сарфармондеҳи кулл; good-for-nothing [ˈgudfəˌnʌθiŋ] n- 1.n бекоргард, 2.a нодаркор; pepper-and-salt [ˈpepərəndˈsɔ:lt] n- 1. n матои пашмини холдор; 2. a сафед ва сиёҳ (мӯй); penny-a-liner [ˈpeniəˈlainə] n- нимчаадиби кироя; blind-man's-buff [ˈblaindmænzˈbʌf] n- чашмбандакбозӣ, бозии чашмбандак ва ғайра.

в) калимаҳои мураккаби бо се нимтире сохташуда. Ин навъ калимаҳои мураккаби забони англисӣ аз ду решаи калима, пайвандак, ҷонишин, ҳиссача, ҳатто як ҳарфу апостроф ва артикл сохта шудаанд. Мисол: head-in-thesand [ˈhedinðiˌsend] a- сардардег; hop-o'-my-thumb [ˈhɔpəmiθʌm] n- одами резаандом; will-o'- the-wisp [ˈwiləðwisp] n- маҷ.нақшаи ғайриамалӣ; Jack-o'-lantern [ˈʤækəˌlæntən] n- фонуси кадуӣ (дар ҷашнҳо даруни кадуро холӣ мекунанд ва дарунаш шамъ мегузоранд); Jack-ofall- trades [ˈ ʤækɔvɔ:ltreidz] 1. n- шахси боҳунар; 2. v 1) бо фашанг/домкрат бардоштан; ragand- bone-man [ˌ rægənˈ bounˌmən] n- куҳнафурӯш ва ғайра.

2. Калимаҳои мураккаби пайваст

Ин гуна калимаҳои мураккаб калимаҳое мебошанд, ки ду решаи калима ва баъзан бо вандҳо якҷоя пайваст шуда, дар забони англисӣ як калимаи мураккаб месозанд. Шумораи калимаҳои мураккаби пайваст низ монанди калимаҳои мураккаби бо як нимтире сохташуда нисбат ба дигар сохти калимаи мураккаб зиёд мебошанд. Мисол: stagedoor [ˈ steiʤdɔ:] n- дари ақиби саҳна; highwayman [ˈ haiweimən] n- роҳзан, дузд; footballer [ˈ futbɔ:lə]

n- футболбоз; flatbottomed [′ flætbɔtəmd] a- тагпаҳн; humpback [′ hʌmpbæk] n- одами кӯзапушт ва ғайра.

Калимаи highwayman [′ haiweimən] n- роҳзан, дузд аз се калимаи сода сохта шудааст, яъне аз се калимаи сода, ки ҳар яки онҳо дар алоҳидагӣ тамоман мазмуни дигар доранд, як калимаи мураккаби мафҳуми том ва ба тарҷумаи решаҳои он вобаста набуда сохта шудааст. Мисол, high [hai] -баланд, бузург, аъзам; way [′ wei]- роҳ, самт, тарз; man[mæn]- мард, одам.

Агар тарҷумаи таҳтуллафзӣ намоем, он гоҳ тарҷума ин тавр шакл мегирад: high- баланд→way- роҳ, самт→man- мард, одам=баланд роҳ мард. Аммо агар калимаи мазкурро қисман таҳлил намоем, пас калимаи додашуда аз як калимаи мураккаб ва як калимаи сода сохта шудааст. Мисол, highway [′ hʌiwei]- роҳи калон, шоҳроҳ; man[mæn]- мард, одам. Дар тарҷумаи байни калимаҳои highway- роҳи калон, шоҳроҳ ва highwayman- роҳзан, дузд монандӣ дида мешавад. Мисол, роҳзан, дузд ё худ дузди роҳи калон, дузди сари роҳ.

Калимаи footballer [′ futbɔ:lə] n- футболбоз низ калимаи мураккаби аз ду реша ва як пасванд таркиб ёфтааст. Мисол, foot [fut]n- по, пой, поча (калимаи сода); ball [bɔ:l] n-кура, тӯб (калимаи сода);–er [ə]-пасванди исмсоз. Калимаи ишорашуда аз калимаи football [′ futbɔ:ə] n- футбол гирифта шудааст ва худи ҳамин калима низ дар асл мураккаб мебошад: foot [fut]n- по, пой, поча (калимаи сода); ball [bɔ:l] n-кура, тӯб (калимаи сода).

Калимаи flatbottomed [′ flætbɔtəmd] a- тагпаҳн, тагвасеъ аз ду решаи калима ва пасванди –ed сохта шудааст. Мисол, flat [flæt]n-1) хона; 2) ҳамворӣ; bottom[′ bɔtəm]n- таг, зер, бех (калимаи сода); -ed suff.- пасванди сифати феълии шахси II-соз ё худ нишондиҳандаи замони гузаштаи феъл. Калимаи мазкурро ҷудогона ва бо нимтире низ навиштан мумкин аст: flatbottomed, flatbottomed, flat-bottomed.

Тарҷумаи таҳтуллафзии калимаи зерин ба тарҷумаи маъноияш шабоҳат дорад. Мисол, flat- хона, ҳамворӣ→bottom [′ bɔtəm]n- таг, зер, бех ё худ bottomed-чуқур, поён, таг=ҳамвории чуқур, сатҳи поёни тагдор; flatbottomed- тагпаҳн, тагвасеъ.

Дар забони англисӣ гурӯҳи калимаҳои мураккаб мавҷуданд, ки дар онҳо ду решаи калима бо ҳамсадо ё садонокҳои пайвасткунанда пайваст мешаванд. Ҳамсадои пайвасткунандаи ин намуд калимаҳои мураккаб -s- ва садонокҳои -i- ва -o- мебошанд.

Айни замон чунин намуд калимаҳои мураккаб дар забони англисӣ кам вомехӯранд. Дар забони англисии қадим ин гуна калимаҳо нисбат ба забони англисии муосир бештар дар истифода қарор дошта буданд. Бештари калимаҳои ин зергурӯҳро калимаҳое ташкил медиҳанд, ки ҳарфи пайвасткунандаашон ҳамсадои -s- мебошад. Мисол: brake(s)man [′ breik (s) mən] n- тормозчӣ (роҳи оҳан), мутасаддии тормоз; handicraft [′ hændikra:ft] n-1) ҳунар; 2) кори дастӣ; 3) санъаткорӣ; handicraftsman [′ hændikra:ftmən] n- ҳунарманд, усто; Anglo-Saxon [′ æŋglə′ sæksən] n- 1) Англо-Саксон (қабилаҳои германӣ); 2) забони англосаксонҳо (англисии қадим); Indo-European [′ indou, juərə′ pi:ən] a- ҳиндуаврупоӣ; gasometer [gæ′ sɔmitə] n- дастгоҳи ченкунии газ, газҳисобкунак; pharmacology [fa:mə′ kɔlədʒi]n- дорушиносӣ, фармакология (илми сохтану истифодаи доруҳо) ва ғайра.

Дар калимаи brake(s)man [′ breik(s)mən] n- тормозчӣ (роҳи оҳан), мутасаддии тормоз ду решаи калимаи сода бо ҳамсадои мобайнии -s- ба ҳам пайваст шуда, як калимаи мураккабро ташкил додаанд. Ҳар яке аз ин калимаҳо дар шакли ҷудогона маъноҳои алоҳидаи худро доранд ва дар якҷоягӣ маънои дигарро ифода кардаанд, ки қариб ба маъноҳои асл монанд ҳастанд. Мисол, калимаи brake [breik] дар алоҳидагӣ дорои чанд маъно мебошад ва дар ин калима маънои мувофиқи он интихоб шудааст, яъне тормоз; калимаи man [mæn] - одам, мард ва ҳамсадои -s- пайвасткунандаи ин ду калима мебошад, ки дар ин ҷо аз рӯйи семантика ва синтаксис соҳибиятро ифода кардааст. Яъне, шахси назораткунандаи тормоз ё худ тормозчӣ, назоратчии тормоз (дар роҳи оҳан).

Дар калимаи handicraft [′ hændikra:ft] n-1) ҳунар, дастоварзӣ, пеша; 2) кори дастӣ, фароварди ҳунар; 3) санъаткорӣ, ҳунаркорӣ, устокорӣ пайвасткунандаи ду калимаи сода садоноки пайвасткунандаи –i- мебошад. Вазифаи садоноки пайвасткунандаи -i- дар забони

англисӣ аз пайваст кардани ду калима иборат буда, дар забони тоҷикӣ он нишондиҳандаи бандаки изофӣ аст. Мисол, тарҷумаи калимаи hand [hænd] n-даст; калимаи craft [kra:ft] n-маҳорат, санъат, забардастӣ, санъаткорӣ ва садоноки -i- ишоракунандаи чӣ гуна касбу ҳунар будан тасвир шудааст. Яъне, handi-дастӣ craft-касбу ҳунар ё худ handi craft=кори дастӣ, устокорӣ.

А Д А Б И Ё Т

1. Азимова, М.Н. Структурно-семантические особенности сложных существительных в современном английском и таджикском языках / М.Н. Азимова // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. - Худжанд, 2012. - №1. - С. 166-179.
2. Аракин, В.Д. Сравнительная типология английского и русского языков. Учеб. пособие / В.Д. Аракин. –3-е изд. – М.: ФИЗМАТЛИТ, 2005. - 232 с.
3. Арнольд, И.В. Лексикология современного английского языка. Учебное пособие / И.В. Арнольд. – М.: Изд-во лит-ры на иностр. яз., 1959. - 352 с.
4. Баракаева, Г.Б. Луғати мухтасари тоҷикӣ-англисӣ / Г.Б. Баракаева. - Душанбе: Университети давлатии Тоҷикистон, 1968. - Қ. 1, 2. - 397 с.
5. Бортничук Е.Н. Словообразование в современном английском языке. Учеб. пособие для ин-тов и фак. Иностр. яз / Е.Н. Бортничук, И.В. Василенко, Л.П. Пастушенко; под ред. Ю.А. Жлуктенко. – Киев: Вищ. школа: Изд-во при Киев. гос. ун-те, 1988. - 261 с.
6. Бузаджи, Д.М. Техника перевода. Сборник упражнений по переводу с английского языка на русский язык. Грамматические аспекты перевода / Д.М. Бузаджи, А.С. Маганов. - М.: Р.Валент, 2007. - Часть I. – 208 с.
7. Мамадназаров, А. Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ /А. Мамадназаров. - Душанбе: ЭР-граф, 2017. – 1016 с.
8. Мюллер, В. Англо-русский словарь / В. Мюллер. - М.: Русский язык, 1978. – 888 с.
9. Смирницкий, А.И. Лексикология английского языка / А.И. Смирницкий. - М.: Омен: Моск.гос. ун-т им. М.В. Ломоносова. Филол. Фак, МГУ, 1998. - 259 с.
10. Турсунов, Ф.М. Безэквивалентная лексика в переводе (на материале английского и таджикского языков): Монография / Ф.М. Турсунов. – Душанбе: Бебок, 2015. – 432 с.
11. Фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ. Ҷ.1; зери таҳрири: С. Назарзода, Сангинов А. ва диг. - Душанбе: Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти Рӯдакӣ, 2010. - 997 с.
12. Фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ. Ҷ. 2; зери таҳрири: С. Назарзода, Сангинов А. ва диг. – Душанбе: Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти Рӯдакӣ, 2010. - 1096 с.
13. Царев, П.В. Сложные слова в английском языке. Учеб. пособие / П.В. Царев. – М.: Из-дво МГУ, 1980. – 125 с.

ХУСУСИЯТҲОИ НИГОРИШИ КАЛИМАҲОИ МУРАККАБ ВА ТАРКИБИИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ДАР ФАРҲАНГИ АНГЛИСӢ-ТОҶИКӢ

Дар мақола оид ба хусусияти нигориши калимаҳои мураккаб ва таркибии забони англисӣ дар фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ мулоҳизаҳо ронда шудааст. Чуноне ки муаллиф менигорад, ҳадафи ба роҳ мондан ва таълифи ин мақола муайян ва исбот намудани вожаҳои мураккабу таркибии забони англисӣ буда, муаллиф зимни таълифи мақола зикр намудааст, ки: “Ҳар як забон хусусиятҳои хосси худро дорад, ки ҷанбаҳои гуногунро ба монанди сохтори грамматикӣ, таркиби луғавӣ ва системаи овозӣ ташкил медиҳад. Ҳар яки ин ҷанбаҳои забон ба тадқиқоти мустақили назариявӣ ниёз доранд. Дар гузашта бештар ҷанбаи грамматикии забон баррасӣ мегардид, вале бо мурури замон ҷанбаҳои дигари он, аз ҷумла таркиби луғавӣ ва системаи хосси овозҳо низ омӯхта мешаванд”. Инчунин муаллиф дар ин тадқиқот вижагиҳои хоссаи ҳаводиси таърихӣ, сарчашмаҳои луғавӣ ва корбурди онро мавриди омӯзиши муқоисаи илмӣ қарор дода, зимни таълифи мақола кӯшиш ба харҷ додааст, ки дар асоси сарчашмаҳои бурҳони илмӣ дар заминаи тадқиқотҳои зиёди муҳаққиқони дохилию хориҷӣ, фарҳангҳои тоҷикиву арабӣ, луғату қомусҳои муътамад ва сомонаҳои интернетӣ, раванди ташаккул ва таҳаввули мавзӯи мазкур, мазмун, моҳият, таърихи тавлид ва корбурди онҳоро ошкор менамояд. Ба ақидаи муҳаққиқ, аслан зимни таълифи мақола қисми муайяни мушкилоти ҷавонон ва роҳҳои ҳалли он муайян ва муқаррар карда мешаванд. Муаллиф зимни таълифи мақола аз сарчашмаҳои муътабари илмӣ, китобҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ истифода намуда, инчунин корбурди сомонаҳои интернетӣ низ фаровон ба назар мерасад.

Калидвожаҳо: таҳлилу баррасӣ, забони англисӣ, муқоиса, забони тоҷикӣ, таҳқиқот, забоншиносӣ ва замина.

ОСОБЕННОСТИ НАПИСАНИЯ СЛОЖНЫХ И СОСТАВНЫХ СЛОВ АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА В АНГЛО-ТАДЖИКСКОМ ТОЛКОВОМ СЛОВАРЕ (КУЛЬТУРЫ)

В статье рассматриваются особенности сложных и составных слов английского языка в англо-таджикском толковом словаре (культуры). Цель написания этой статьи, по мнению автора, состоит в определении и доказательстве сложных и составных слов английского языка. Автор статьи подчеркивает: «Каждый язык имеет свои особенности, которые охватывают различные стороны, такие как грамматический строй, словарный состав и фонетическую систему языка. Каждое свойство языка нуждается в самостоятельном практическом исследовании.

В прошлом рассматривались грамматические свойства языка, но с течением времени стали изучаться и другие его свойства, в том числе словарный состав и фонетическая система». Автор в этом исследовании обратил особое внимание на особенности, свойственные историческим событиям, словарным источникам и их использованию как объекта изучения научного сравнения. В этой статье он старался рассматривать данную тему на основе научных источников, доводов. На основе исследований многих отечественных и зарубежных исследователей, таджикской и арабской культуры, словарей, надежных энциклопедий и интернет - сайдов он прослеживал процесс развития и преобразования и выявил содержание, суть, историю рождения слов. По мнению исследователя, поредством этой статьи будут частично определены трудности молодежи и указаны пути их решения. Автор при написании данной статьи использовал достоверные научные источники, таджикские, английские, русские книги, также широко использовал интерет - сайды.

Ключевые слова: анализ, рассмотрение, английский язык, сравнения, таджикский язык, исследование, лингвистика и основа.

CHARACTERISTICS OF THE COMPOSITION OF COMPLEX AND COMPOUND WORDS OF ENGLISH LANGUAGE BETWEEN OF ENGLISH AND TAJIK CULTURE

In the article analysis the structure of the focuses of the English wording and composition in English-Tajik culture. As the author seems, the aim of this article is to define and the complexity of the English language, and states that "every language has its own characteristics that have different aspects, such as the grammatical structure, the composition of the microcosm and the voice system. Each of these aspects requires theoretical research. In the past it is considered as a grammatical aspect of the language, but it is also studied in other aspects, including the composition of the vocabulary. Also, the authors examined the unique features of the historical heritage, the sources of their roots, and use of scientific comparisons. In the researchin has been striving to focus on the basis of scientific researches on the basis of many internal and external researchers, Tajik and foreign cultures, linguistic and online magazines, discover and describe this topic, content, nature, date of birth, and the other part of that have used in work. In the opinion of the researcher, in fact, the article is defined and determined by some of the problems of young people and their ways. The author of the article have been using the original scientific work of tajik, russian, and English researching work, as well as to use the work of Internet sites.

Key words: analysis, English, comparisons, Tajik language, research, linguistics and basis.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Шарипов Хуршед*** – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ, ассистенти кафедраи забони англисӣ. **Суроғa:** 734065, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Кулоб, кӯч. С.Сафарова 16. E-mail: **sharipov.hurshed@inbox.ru.** Тел.: **(+992) 918-48-87-03**

Сведения об авторе: ***Шарипов Хуршед*** - Кулябский государственный университет им. А. Рудаки, ассистент кафедры английского языка. **Адрес***: 734065, Республика Таджикистан, г.Куляб, ул. С.Сафарова 16.*
E-mail: **sharipov.hurshed@inbox.ru.** Тел.: **(+992) 918-48-87-03**

Information about the author: ***Sharipov Khurshed*** **-** Kulob State University named after A. Rudaki, assistant of the English language department. **Address:** 734065, Republic of Tajikistan, Kulob, S. Safarov Str. 16.
E-mail: **sharipov.hurshed@inbox.ru.** Tel.: **(+992) 918-48-87-03**

УДК: 809.155.0

ҶОЙГОҲИ АЪЗОИ ҶУМЛА ДАР ЗАБОНИ НАСРИ ДАВРОНИ КЛАССИКӢ

(дар мисоли маводи “Таърихи Табарӣ”-и Балъамӣ)

Раҳмонов Б.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Забони «Таърихи Табарӣ» хеле бою рангин ва нисбатан сода буда, услуби ба худ хос дорад. Матни аслии китоб ба забони арабӣ буда, дар охири қарни Х Абӯалӣ Балъамӣ онро ба форсии дарӣ (тоҷикӣ) тарҷума намудааст. Соли 2015 қиссаи “Баҳроми Чӯбин”-и “Таърихи Табарӣ”-ро профессор Худоӣ Шарифов ба хатти кириллӣ баргардон намуданд, ки мисолҳои мақола аз он китоб оварда шудааст. Тарзи ҷумласозие, ки дар он истифода гардидааст, такрибан дар тамоми китобҳои дар даврони классикӣ навишташуда ба назар мерасад. Бинобар ин, метавон гуфт, ин асар тамоми хусусиятҳои мухталифи забони адабии асрҳои IX-X-ро дар худ инъикос кардааст.

Аъзоҳои ҷумла дар таркиби ҷумла бо ёрии воситаҳои грамматикӣ ба якдигар алоқаманд гардида, вазифаҳои муайяни грамматикиро адо менамоянд. Маҳз воситаҳои

грамматикӣ, ки онҳо аз калимаҳои ёвар (ғайримустақил), бандакҳову вандҳои гуногун, ҷойи ҷузъҳо (калимаҳо ва ҷумлаҳо) иборатанд, калимаҳо ё ҷумлаҳои содаро бо якдигар алоқаманд карда, дар ибораорӣ ва ҷумласозӣ хидмат менамоянд.

Дар алоқамандии грамматикии таркиби ибора ва ҷумла дар осори хаттии асрҳои IX-X шинохти воситаҳои грамматикӣ (пайвандакҳо, пешояндҳо, пасояндҳо, пешоянду пасояндҳо (якҷоя), бандакҳо, пасвандҳо, артикли –е, ҷойи аъзоҳои ҷумла) аҳаммияти вижае доранд.

Вобаста ба ҷойгоҳи аъзои ҷумла дар таркиби ибора ва ҷумлаҳои мутуни классикӣ ду равишро мушоҳида кардан мумкин:

Аввал, равиши ҷумласозии монанд ба сабки муосир, ки қолиби онро ба таври нисбӣ метавон чунин арзёбӣ кард:

Мубтадо + муайянкунанда, пуркунанда, ҳол + **хабар**:

Пас седигар рӯз Парвиз ба румиён кас фиристод, ки шумо фардо биёсоед, ки ин бист ҳазор савори Аҷам ҳарб кунанд [1, с.43].

Сохтори ҷумлаи мазкур мувофиқ ба сабки муосири ҷумласозӣ буда, муайянкунандаи ададии тартибӣ дар шакли **седигар** омадааст, ки он ҳам бошад, бозгӯкунандаи равиши баёни ададҳои тартибӣ дар забони осори классикист. Дар даврони классикӣ тартиби ашё бо роҳи афзудани пасвандҳои ифодакунандаи тартиби “-ум” (“-юм”) ва ё калимаи пасвандгунаи “дигар” ба адад баён мегардид. Ифодаи тартиби ашё бо истифода аз калимаи пасвандгунаи “дигар” дар замони муосир маъмул нест.

В своём составе фразеология объединяет множество разных словесных комплексов, отличающихся друг от друга семантикой компонентов, грамматической структурой, устойчивостью, мотивированностью и т.п. Например, для понимания таких выражений, как в таджикском языке:

«шолӣ бе кирмак намешавад» (т.е. во всём есть свои недостатки), в русском языке: **«кричать во всю Ивановскую»** (т.е. кричать во весь голос, громко говорить)в английском языке: **«coals to Newcastle »**(безполезное дело не нужная вещь в определённом месте или ситуации, где его много) необходимо знать контекст, их породивший. Подобные широко распространённые жанры, как пословицы и поговорки, вплотную примыкают к фразеологизмам в силу своей природы (предметно- логическая основа, идентичность исторического опыта народа, заимствование как результат культурно- исторического взаимодействия и общности языкового ареала, языковое родство конструктивная близость родственных языков, диалектические законы и категории) могут выражаться в разных языках одинаковыми или близкими формами. Например, таджикскому фразеологизму **«Чун барги бед ларзидан»** в русском языке употребителен фразеологизм **«дрожать как осиновый лист»,** а в английском языке аналогом этого фразеологизма служит **«tremble like an aspen leaf»**, что означают «сильно дрожать от холода или от страха». В значении «оберегать, стеречь как что - либо очень важное» можно привести следующие фразеологизмы из исследуемых языков: **«чун гавхараки чашм эхтиёт кардан»**, **«беречь как зеницу ока» «to take care as an apple of one`s eye»**. В значении «скрытого врага»: **«каждуми таги бурё» «змея подколодная» «a snake in the grass»**. В

значении «не следует обсуждать домашние дела при посторонних» **«гапи хона ба бозор рост намеояд», «не выносить сора из избы», «wash one`s dirty linen at home»**. В значении «одним действием завершить или решить дела» **«бо як тир ду нишон», «убить двух зайцев одним выстрелом », «kill two birds with one stone»** [5, с.812, 45, 900, 655].

Нужно отметить, что и в таджикском, и в русском, и в английском языках довольно много пословиц и фразеологических единиц, которые имеют полные эквиваленты и аналоги в этих исследуемых языках. Они совпадают и по значению, и по лексическому составу, их можно отнести к общему фразеологическому фонду, обозначавшему одни и те же понятия в данных языках:

«гул бе хор намешавад» - «нет розы без щипов» - «there is no rose without thorn»;

«то охирин қатраи хун» - «до последней капли крови» - «to the last drop of blood»;

«тухми адоват коштан» - «сеять семена раздора» - «sow the seeds of discord»;

«аз чанголи марг» - «из когтей смерти» - «from the jaws of death»;

«хоҳу нохоҳ» - «волей неволей» - «will he nil he»

«ба гузашта салавот» - «прошлого не вернёшь» «things past cannot be recalled» [5, с.428, 823, 414, 755].

В образовании некоторых фразеологических единиц учитывается то обстоятельство, что они не содержат в своём составе редких, устаревших слов, связанных с национальным своеобразием как таджикского, так и английского, и русского языков. Соответственно, покомпонентный перевод не разрушает образности, метафоричности, присущих фразеологизмам в языке - источнике, эти признаки сохраняются и в языке рецепторе, т.е. языке, на который переводится фразеологическая единица. Это могут подтвердить следующие примеры из исследуемых языков:

«аз паша фил сохтан» - «буря в стакане (воды)» или **«делать из мухи слона» -«the devil rides on fiddle stick»; «асоси гап (мағзи гап)» - «суть дела» - «the root of the matter»; «ба даст афтидан» -«попасть на чью-либо удочку» - «alight on one`s lure»; «чун балои осмонӣ» - «как гром среди ясного небо» «like a bolt out of clear sky»** [5, с.414, 901, 207, 209].

«Говоря, о фразеологизмах, нужно иметь в виду, что при переводе их на иностранных языки часто требуется не передача в точном соответствии с содержанием цитируемого выражения, а поиск бытующего в языке, на который переводят, близкого по смыслу выражения» **«убить одним ударом двух зайцев,** теоретически можно было бы, например, вполне точно перевести на английский язык, но правильнее передать это выражение в соответствии с английским фактическим употреблением таким образом: **«to kill two birds with one stone»** (буквально – убить двух птиц одним камнем)**»** [6, с.34].

Некоторые фразеологические единицы как в таджикском, так и в русском, и английском языках не поддаются передаче фразеологической системой другого языка, эти безэквивалентные устойчивые словосочетания являются языковыми уникалиями. Перевод подобных фразеологизмов целесообразно осуществлять при помощи лексических средств подбором монолексем и свободных словосочетаний в языке - рецепторе. Таким образом, перевод фразеологических единиц таджикского языка на русский или на английский языки можно осуществлять подбором эквивалентов, аналогов, калькированием, монолексемами и другими способами.

Нужно заметить, что точный, цельный и оригинальный перевод несомненно требует хорошего и профессионального знания языков, которое невозможно без знания фразеологических единиц определённого языка. Умение точно употреблять фразеологических единицы чрезвычайно облегчает чтение и перевод как публицистической, так и художественной литературы. Совершенствование практического владения фразеологией любого языка, а также исследуемых языков, т.е. и таджикского, и русского, и английского языков, требует должного внимания. Кроме этого, необходимость дальнейшего исследования языков, практика перевода, методика преподавания этих языков выдвигают в качестве первоочередных задач синхронно-сопоставительное изучение особенностей контактирующих

языков в плане их функционирования и определения способов перевода фразеологических единиц с одного языка на другой.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Ашмарина Л.В. Лингвистический комментарий... “Русский язык и литература в школах Таджикистана”. Учебно - методический журнал министерства образования Республики Таджикистана. “Эр-граф” / Л.В. Ашмарина. – Душанбе, 2010. - №6(254). – 64 с.
2. Баранов М.Т. Методика лексики и фразеологии., “просвещение” / М.Т. Баранов. – Москва, 1988. – 190 с.
3. Булаховский Л.А. Введение в языкованые., часть 2 гос.изд. Министерство просвещения РСФСР / Л.А. Булаховский. – Москва, 1953. – 177 с.
4. Кунин А.В. Англо-русский фразеологический словарь., Гос.изд иностранных словарей / А.В. Кунин. – Москва, 1956. – 1455 с.
5. Кунин А.В. Англо-русский фразеологический словарь / А.В. Кунин. – Москва: издание “Советская энсциклопедия”, 1967. – 738 с.; Москва: Русский язык, 1984. - Издание 4-ое. – 941 с.
6. Кунин А.В. Курс фразеологии современного английского языка /А.В. Кунин. – Москва: Высшая школа, 1986. - 336 с.
7. Кунин А.В. Английская фразеология (теоретический курс) / А.В. Кунин. – Москва: Высшая школа, 1970. -343 с.
8. Маджидов Х. Фразеологическая система современного таджикского литературного языка / Х. Маджидов. – Душанбе: Деваштич, 2006. – 460 с.
9. Фозилов М. Фразеологический словарь современного таджикского языка (Том II) / М.Фозилов. - Душанбе: Ирфон, 1964 – 730 с.
10. Фозилов М. Фразеологический словарь современного таджикского языка (Том I) / М. Фозилов. – Душанбе: Гос. издат., 1963. – 680.с.
11. Щерба Л.В. Избранные работы по языкознанию и фонетике. Том 1 / Л.В. Щерба. - издание ленинградского университета 1958. – 180 с.

ТАРҶУМАИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ ДАР АСОСИ МАВОДИ ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ, РУСӢ ВА АНГЛИСӢ

Дар мақола оиди воҳидҳои фразиологӣ, оиди роҳҳои мухталифи тарҷума ки дар доираи маводҳои забони тоҷикӣ, русӣ, англисӣ сурат мегиранд, сухан меравад. Тарҷумаи воҳидҳои фразеологӣ аз як забон ба забони дигар ин ифодаи мазмуни воҳиди фразеологӣ бо усул ва хусусиятҳои хосси он забон тарҷума мешавад. Зимни тарҷума дар баробари ба даст овардани мазмун ва мундариҷаи комилу дақиқ хусусиятҳои эмосионалӣ (ҳисси) - услубии ибораи мазкурро ба инобат гирифтан зарур аст, зеро воҳидҳои фразеологии ҳар забон ба таври мухталиф мутаносибан бо роҳҳои гуногун ташаккул ёфтаанд ва то ҳанӯз ҳам дар зинаҳои густаришанд. Бар замми он, баъзан воҳидҳои фразеологие низ мавриди таҳқиқ қарор мегиранд, ки хусусиятҳои хоссашон мутааллиқи як забон мебошаду дар дигар забон, яъне забоне, ки ибора тарҷума мешавад, вуҷуд надоранд. Бояд қайд кард, ки чун дар забони тоҷикӣ дар забонҳои русӣ ва англисӣ ҳам воҳидҳои фразеологӣ бениҳоят зиёданд ва чун қоида, дар ҷараёни тарҷума образ, яъне шевае, ки дар ибораи асл омадааст, ба тариқи тарҷумаи айнан ифода шуда наметавонад. Тарҷумаи ибораҳои мазкур бо усули истифодаи воситаҳои лексикӣ, интихоби монолексемаҳо ва ҳамчун истифодаи ибораҳои рехтаи забони дигар амалӣ мегардад.

Калидвожаҳо: танзими фразеологӣ, хусусиятҳои хосси (обуранги) миллӣ, хосиятҳои воҳидҳои фразеологӣ, воситаҳои ифодаи мазмун, асл, муродиф, худвижагӣ, таъсирбахшӣ, васеъ, мувофиқат, фарқият, серистифода, умумиятҳои фразеологӣ, сохторҳои грамматикӣ, семантика, воситаҳои лексикӣ, ҷузъ, забонҳои муайян, тадқиқи минбаъдаи забонҳо, обуранги услубӣ.

ПЕРЕВОД ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИХ ЕДИНИЦ НА ОСНОВЕ АНАЛИЗА МАТЕРИАЛОВ ТАДЖИКСКОГО, РУССКОГО И АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКОВ

В статье речь идет о фразеологических единицах, о способах их перевода, которые производятся различными путями в рамки материалов таджикского, русского и английского языках. Перевод фразеологизма с одного языка на другой – это передача значения фразеологической единицы средствами другого языка. При переводе, помимо исчерпывающей точности в передаче смыслового содержания, т.е. оригинального значения, важно учесть эмоционально – стилистические особенности данного выражения, так как фразеология разных языков развивалась и развивается разными путями, в различных условиях. Боле того, иногда стилистические нюансы, свойственные фразеологическим единицам одного языка, отсутствуют в другом языке. Как и в таджикском, так и в русском, и в английском языках очень много фразеологических единиц, и как правило, в процессе перевода образ, лежащий в основе оригинального выражения не может быть передан адекватными средствами. Часто перевод подобных фразеологизмов осуществляется при помощи лексических средств подбором монолексем, а также при помощи свободных словосочетаний другого определённого языка.

Ключевые слова: фразеологическая система, национальный колорит, особенности фразеологических единиц, пути передачи значения, оригинал, эквивалент, своеобразие, эффект, обширный, совпадение, различия, фразеологические универсалии, грамматические структуры, семантика, лексические средства, компоненты, определённые языки, дальнейшие исследования языков, стилистическая окраска.

THE TRANSLATION OF PHRASEOLOGICAL UNITS ON THE BASIC OF TAJIK, RUSSIAN AND ENGLISH MATERIALS

The article is about the theme of phraseological units, the ways of their translation which is reproduced on the basic of materials of Tajik, Russian and English. The translation from one language into another – it`s to express the meaning of phraseological units by means of another language. It`s important to take into consideration that the emotionally – stylistic features of given expression, during the process of translation besides the full correctness in expressing the meaning of content i.e. original meaning, as the phraseology of various languages was developed and has been developing through the different ways and different conditions. Moreover, sometimes the stylistic nuances of appropriate to phraseological units of one language differ from another. As in Tajik as well in Russian and in English, there are a great number of phraseological units and as rule in the process of translation the exemplar which is in the basis of original expression cannot express by the adequate or sufficient ways. The translation of these kinds of phraseological units i.e. fulfilled with the help of lexical means, through the selection of monolexemes and also by means of special phrases or idioms of another language.

Key words: phraseological system national coloration, the peculiarities of phraseological units, the ways of expressing of meaning, original, equivalent, singularity, effect, extensive, coincidence, difference, widely used phraseological standarts, grammar structures, semantics, lexical means, components, definite languages, further researches of languages, stylistic coloring.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Зубайдова Сулҳия Шодмоновна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи байнидонишгоҳии забони англисӣ. Суроғa: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 918-80-30-11**

Сведения об авторе: ***Зубайдова Сулхия Шодмоновна*** - Таджикский национальный университет, старший преподаватель общеуниверситетской кафедры английского языка. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. Тел.: **(+992) 918-80-30-11**

Information about the author: ***Zubaydova Sulhiya Shodmonovna*** - Tajik National University, the senior teacher of English department. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 918-80-30-11**

УДК: 891.550

НУСХАҲОИ ХАТТӢ ВА ЧОПИИ “МАВОҲИБИ АЛИЙЯ”

Абдуқодирзода Саидмукаррам
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Аз “Мавоҳиби Алийя”-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ, ки бештар бо номи “Тафсири Ҳусайнӣ” машҳур аст, аз замони зиндагии муаллиф то ба имрӯз нусхаҳои мутааддиде қаламӣ шуда ва ба сурати чопӣ ин китоб хеле зиёд табъ ва мунташир шудааст. Макони нусханависии тафсири мазкур доираи васеи ҷуғрофии сарзаминҳои Мовароуннаҳру Хуросон, Эрон, Осиёи Сағир ва дигар манотиқи ҷаҳонро дар бар мегирад, аммо ба сурати чопӣ бештар дар Шибҳи қораи Ҳинд, махсусан, дар Ҳиндустону Покистон хеле зиёд интишор ёфтааст. Дар кишвари мо ҳам “Тафсири Ҳусайнӣ” маҳбубияти зиёд дошта, дар хазинаҳои нусахи хаттӣ ва дар дасти мардум ҳам дар шакли чопӣ бо қатъҳои гуногун ва ҳам ба сурати нусхаи хаттӣ маҳфузу мавҷуд мебошад. Дар идома ба машҳуртарин нусахи хаттӣ ва чопии тафсири мавриди назар пардохта мешавад.

Нусахи хаттии “Мавоҳиби Алийя”. Аз “Мавоҳиби Алийя”, ё худ “Тафсири Ҳусайнӣ” нусхаҳои хаттии зиёде боқӣ мондаанд, ки дар каталогҳои китобхонаҳо ва китобҳои феҳрасти нусахи хаттӣ муаррифӣ шудаанд. Инчунин, дар дасти баъзе одамон ҳам китоби “Тафсири Ҳусайнӣ” ҳамчун ёдгории бебаҳо мавҷуд мебошад, ки барои онҳо ба масобаи мероси мондагору ёдгории хонаводагӣ арзишманд буда, аз насл ба насл интиқол мешавад.

Мо ҳангоми ҷустуҷӯ бо нусхаҳои хаттию чопии зиёде аз тафсири мазкур шинос шуда, ба баъзеи онҳо дастрасӣ пайдо карда тавонистем. Маълум шуд, ки агар ҳамаи нусхаҳои дар китобҳои тахассусӣ муаррифӣ гардида, шаклҳои чопӣ ва дар дасти мардум қарордоштаи “Мавоҳиби Алийя”-ро аз нигоҳи нусхашиносӣ (мушаххасоти кодикологӣ) тавсифу муаррифӣ кунем, кори ҳаҷман хеле бузург мешавад. Бинобар ин, мо тасмим гирифтем, ки дар ин ҷо, пеш аз ҳама, машҳуртарин нусхаҳоеро муаррифӣ кунем, ки онҳоро бевосита ҳамчун сарчашма дар корамон истифода кардаем, баъдан, ба баъзе нусхаҳое ишора мешавад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон мавҷуд ҳастанд, дар ниҳоят, нусхаҳое муаррифӣ хоҳанд шуд, ки дар асоси онҳо яке аз чопҳои китоб сурат гирифтааст.

Дар миёни нусхаҳои зиёди “Тафсири Ҳусайнӣ”, ки мо ба онҳо дастрасӣ пайдо кардем, яке аз ҷолибтарин нусхаҳо, ки аз нигоҳи имлою нигориш, ороиш, ҳаҷм, комил будан ва санъати тазйин ҷалби таваҷҷуҳ мекунад, нусхае мебошад, ки таҳти рақами 726 дар Ганҷинаи нусахи хаттии Китобхонаи ба номи Абдурраҳмони Ҷомии Маркази фарҳангии ба номи профессор Шарифҷон Ҳусаейнзодаи факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон нигаҳдорӣ мешавад [1]. Мушаххасоти ин нусха дар китоби “Феҳристи нусхаҳои хаттии Маркази фарҳангии ба номи профессор Ш. Ҳусайнзода” ба таври зайл муайян карда шудааст:

“Тафсири Ҳусайнӣ. Ҳусайн Воизи Кошифӣ.

Насри форсӣ. Лавҳи музаҳҳабу музайян дорад. Настаълиқ. Оятҳои қуръонӣ ба шинҷирифт. Матн дохили ҷадвали сурх. Лаккаҳои обрасидагӣ дорад. Авроқи аввалу охир кирмхӯрдагӣ дорад. 28×16,5. 343 варақ. Котиб: Шайх Салоҳуддини Муборак. Сана ва ҷойи китобат марқум нест. Муқовааш картони хонаводагӣ” [2, с.73].

Маъмулан дар тавсифи нусхаҳои хаттӣ дар китобҳои феҳрист (каталогҳо) мушаххасоти дигар ҳам навишта мешаванд, аммо дар феҳристи мазкур маълумот мухтасар буда, ҳар чӣ ҳаст, мо онро дар боло нақл кардем. Аввалу охири нусхаро аз рӯйи худи нусха меоварем, ки чунин аст:

Аввали нусха, ки фарогири муқаддимаи мухтасар аст, чунин оғоз мешавад:

“Бисмиллоҳир-р-Раҳмони-р-Раҳим. Баъд аз тамҳиди қавоиди маҳомиди илоҳӣ ва таъсиси мабонии санохонии ҳазрати рисолатпаноҳӣ, алайҳи ва ало олиҳи ва асҳобиҳи салотан масунатан ани-т-таноҳӣ, намуда мешавад, ки қабл аз ин ба ишорати муштамил бар башорат, ки....” [1, с.1].

Матни асосии тафсир чунин сар мешавад: “Аъӯзу биллоҳи: паноҳ мегираму илтиҷо менамоям ба маъбуди баҳаққу Худованди мутлақ; мина-ш-шайтони: аз шарру васвасаи деви фиребандаи саркаш ё дурмонда аз раҳмати беғаш; -р-рачим: рондашуда аз риёзи ҷинон, ё рамида гашта аз табақоти осмон [наъӯзу биллоҳи мин шарриҳи абадан]” [1, с.2].

Охири нусха чанд варақ афтодагӣ дорад, хатти поёнии варақи охири мавҷуд бо оғози сураи Кофирун ба охир мерасад, ки чунин аст:

“Гурӯҳе аз Қурайш, чун Абӯҷаҳлу Осу Валиду Умайяву Асвад ибни Абдуяғус ва Асвад ибни Абдулмутталиб ба забони Аббос, разияллоҳу анҳу пайғом фиристоданд, ки...” [1, с.344].

Дар ҷилди дуюми китоби “Феҳристи нусахи хаттии форсии Институти шарқшиносӣ ва осори хаттии Тоҷикистон” [7] нусхаҳои хаттии мавҷуди китоби “Тафсири Ҳусайнӣ” дар ганҷинаи дастхатҳои китобхонаи Маркази мероси хаттии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муаррифӣ шудаанд, ки теъдодашон зиёд мебошад. Мо дар зер нусхаи якумро бо тамоми ҷузъиёти нусхашиносӣ нақл карда, аз нусхаҳои дигар ба таври мухтасар ёд мекунем.

Нусхаи аввал бо ҷузъиёти махсусаш чунин муаррифӣ шудааст:

“Тафсири Ҳусайнӣ (Мавоҳиби Алийя) 1196.

Камолиддин Ҳусайн ибни Алӣ машҳур ба Воизи Кошифии Сабзворӣ (910 ҳ. / 1504 м.), дар санаи 897 ҳ. / 1491-1492 м. таълиф шудааст. Тафсири Қуръони маҷид ба забони форсӣ, ки ба унвони “Тафсири Ҳусайнӣ” ва ё “Мавоҳиби Алийя” низ ёд мешавад, насху настаълиқ, шарқии зардранг, эҳтимолан Самарқандӣ, махдуми Султон, дар санаи 899 ҳ. / 1493 м., 586 варақ, 17×31 с., ановин ба шингарф, авроқ муҷадвал ба хутути тилло ва сурхранг, муқаввоии навсохт, нусхаи ноқис буда ва аз аввал афтодагӣ дар ҳудуди чанд варақ дорад” [7, с.238].

Нусхаҳои дигар бо зикри ибораи “нусхаи мукаррар” ва овардани рақами нусха зикр шудаанд. Мо мушаххасоти нусхаҳоро пурра зикр накарда, фақат шумораи мушаххаси нусха, соли китобат, теъдоди варақ, ҷойи китобат ва дар сурати мавҷуд будан номи котибро зикр мекунем, ки ба қарори зайланд:

1. № 1546. Соли китобат 900 ҳ. / 1494 м., 294 варақ. Комил будан ё набудани нусха зикр нашудааст.

2. № 998. Соли китобат қабл аз зулқаъдаи 958 ҳ. / 30 сентябри 1551 м., дар Ҳирот китобат шудааст, 383 варақ. Саҳҳофи нусха мулло Абдурраҳим ибни мулло Қаландари Хоразмӣ буда, нусха ноқис аст.

3. № 4263. Соли китобат 974 ҳ. / 1566 м., 359 варақ. Нусха ноқис аст.

4. № 4050. Санаи китобат авохири қарни 11 ҳ. / 17 м., 358 варақ. Нусха ноқис аст.

5. № 706. Соли китобат 1008 ҳ. / 1599-1600 м., 565 варақ. Дар Ҳоҷипури Ҳиндустон китобат шудааст. Нусха ноқис буда, фақат як ҷузви китобро дар бар мегирад.

6. № 4344. Санаи китобат 5 рамазони 1039 ҳ. / 18 апрели 1630 м., 422 варақ. Дар Ҳирот аз ҷониби Ҷамолиддин Муҳаммади Асфодӣ китобат шудааст.

7. № 351. Соли китобат 4 рабеъулаввали 1073 ҳ. / 17 октябри 1662 м., 415 варақ. Нусха нуқсон дорад.

8. № 1320. Санаи китобат 15 сафари 1076 ҳ. / 27 августи 1665 м., 620 варақ. Котиби нусха Абдуллоҳ валади Абдурраҳим аст.

9. № 4345. Соли китобат 11 муҳаррами 1083 ҳ. / 8 майи 1672 м., 477 варақ. Дар Ҳирот аз ҷониби Ҳофиз Дӯстмуҳаммад ибни шайх Иброҳими Фаридободӣ китобат шудааст. Нусха ноқис аст.

10. № 4237. Санаи китобат 1099 ҳ. / 1687 м., 492 варақ. Котиби нусха Ҳайдар Муҳаммад ал-Ҳусайнӣ аст.

11. № 2048. Соли китобат тақрибан қарни 11 ҳ. / 17 м., 357 варақ. Саҳҳоф – Ҳаким Муллохоҷа.

12 № 211. Санаи китобат тақрибан қарни 11 ҳ. / 17 м. аввалҳои қарни 12 ҳ. / 18 м., 259 варақ.

13. № 4092. Соли китобат эҳтимолан дар қарни 12 ҳ. / 18 м., 662 варақ. Нусха ноқис аст.

14. № 2464. Санаи китобат тақрибан қарни 12 ҳ. / 18 м., 539 варақ.

15. № 1078. Соли китобат тақрибан қарни 13 ҳ. / 19 м., 399 варақ. Матн дар ҳошияи нусха навишта шудааст. Аввали нусха тамом тасвир дорад. Нусха аз нигоҳи ҳунарӣ нафосати фаровон дорад, вале ноқис аст.

16. № 4303. Соли китобат тақрибан қарни 13 ҳ. / 19 м., 303 варақ. Нусха ноқис буда, тафсири фақат 28 сураро фаро мегирад [7, с.238-241].

Аз басомади мазбур маълум мешавад, ки танҳо дар як маркази нигаҳдории нусахи хаттӣ 17 нусха аз китоби “Тафсири Ҳусайнӣ” маҳфуз мебошад. Ин теъдод, дар ҳақиқат, ба маъруфияти асар гувоҳӣ медиҳад.

Дар ҷилди чоруми китоби “Собрание восточных рукописей Академии наук Узбекской ССР” се нусха аз китоби “Тафсири Ҳусайнӣ” муаррифӣ шудааст [3, с.85-86]. Матни феҳрист ба забони русӣ ва мушаххасоти нусхашиносии нусхаҳо ҳам ба ҳамин забон аст, мо муҳимтарин махсусиятҳои ҳар се нусхаро дар зер ба таври мухтасар менависем:

1. № 2680. “Мавоҳиби Алийя” (مواهب علیه). Высокие дары. Муаллиф – (مولانا حسین ابن علی الواعظ الکاشفی) Мавлоно Ҳусайн ибни Алӣ ал-Воиз ал-Кошифӣ (ваф. 910 / 1505 с.)... Дар гуфтори сода ин китоб “Тафсири Ҳусайнӣ” (تفسیر حسینی) – “Хусейново объяснение [Корана]” ҳам номида мешавад. Муҳимтарин тафсири Қуръон, ки нусхаи хаттӣ ва чопи литографии он сершумор аст.

Дастхатти бисёр хуб..., нусха ҳаждаҳ сураи аввали Қуръонро дар бар мегирад, ба асри XVI мутааллиқ буда, аз 183 варақ иборат аст, бо андозаи 22,5×33 см. [3, с.85-86].

Дар зайли маълумоти мазкур маълум мешавад, ки тавсифи ҳамин тафсир дар китобҳои феҳристи дигар ҳам мавҷуд мебошад.

2. № 2597 // II. Танҳо қисми дуюми тафсир, дар ҳошияи дастнависи Қуръон, аз сураи 19-ум сар мешавад.

Котиб – Муҳаммад Саъид. Таърихи нусха, ки дар охири дастнавис навишта шудааст, соли 1018 ҳ. / 1609 м. мебошад, 455 варақ, бо қатъи 27×44 см. [3, с.86].

3. № 3117 // II. Бо хатти настаълиқ дар ҳошияи “Тафсири Насафӣ” навишта шудааст, ҳошия фарсуда шудааст, ширеш шуда бошад ҳам, матн зарар дидааст, охири нусха билкул нест.

Котиб – Алӣ ибни Фатҳуддини Аббосӣ. Таърихи китобат 1063 ҳ. / 1653 м., 359 варақ, бо қатъи 23,5×33,5 см. [3, с.86].

Муҳимтарин нусхаҳои хаттии китоби “Мавоҳиби Алийя”, ки бар мабнои онҳо чопи Ҷалоли Ноинӣ сурат гирифтааст, инҳоянд:

1. Нусхаи хаттии комили фарогири аввали Қуръон то ба охир, ба қатъи 32×21, ба хатти настаълиқи қадим, оёти раббонӣ бо хатти насхи дурушттаре навишта шуда, рӯйи оёт, зоҳиран барои фарқ, хатти сурхе кашида шудааст. Ин нусха нисбатан камғалаттару беҳтар аз нусахи дигар шинохта шудааст. Аз 1110 саҳифа иборат аст.

Номи котиб ва соли китобати нусха маълум нест, вале аз рӯйи хатту коғази он Ҷалоли Ноинӣ тахмин кардааст, ки “зоҳиран, дар авоили замони силсилаи Сафавӣ” китобат шудааст. Агар ин гумон дуруст бошад, маълум мешавад, ки шуҳрати “Тафсири Ҳусайнӣ” дар ҳамон авоили таълиф шурӯъ гардида, андаке баъдтар дар миёни аҳли ташайюъ низ маълуму машҳур шудааст. Тахмини дигар ин аст, ки маълум мешавад, дар авоили аҳди Сафавиён ҳанӯз таассуби мазҳабӣ чандон роиҷ набудааст.

Ин нусха нусхаи мунҳасир ба фард буда, дар китобхонаи шахсии Сайид Муҳаммадкозими Усор нигаҳдорӣ мешавад. Мушаххасоти онро Ҷалоли Ноинӣ муфассалтар зикр карда, ки аз он ба унвони яке аз сарчашмаҳои асл дар тасҳеҳи худ истифода кардааст.

2. Нусхаи Сайид Ҷамолиддин Мирдомодӣ. Мушаххасоти ин нусха чунин аст: бо қатъи 30×20 см., хатти настаълиқ, оёти Қуръон бо хатти насху дурушттар аз хатти настаълиқ нигошта шудааст.

Таърихи китобат ва номи котиби ин нусха ҳам номаълум аст.

3. Нусхаи Сайид Иброҳими Шодмон. Ин нусха аз авосити сураи "Ҳаҷ" то охири Қуръонро фарогир аст. Мушаххасоташ чунин аст: қатъи 28×16, ба хатти настаълиқ, оёти қуръонӣ бо ранги сурху қаламе дурушттар навишта шудааст.

Ному насаби котиб ва соли китобати нусха дар охири сураи "Соффот" зикр шудааст. Котиб худро Боязид валади Сайид Аббос ал-Ҳусайнӣ навишта, таърихи итмоми нусхаро рӯзи душанбеи ҳафтуми моҳи ҷумодиюлохири санаи 1031 зикр кардааст, ки ба соли 1621 мелодӣ рост меояд.

4. Нусхаи Сайид Карим Амири Фирӯзкӯҳӣ. Нусхаи комил буда, мушаххасоташ чунин аст: қатъи 29×18, ба хатти настаълиқ, оёти қуръонӣ бо хатти насх навишта шудааст.

Таърихи китобат ва номи котиб маълум нест.

5. Нусхаи Сайид Ҳусайни Фотимӣ. Ин нусха аз аввали Қуръон то охири сураи Каҳф мебошад, бо чунин мушаххасот: қатъи 29,5×19,5; ба хатти насх, оёти қуръонӣ бо ранги сурх навишта шудааст.

Соли китобату номи котиби нусха маълум нест.

6. Нусхаи Сайид Муҳаммад Муҳити Таботабоӣ. Ин нусха аз аввали сураи "Марям" оғоз шуда, то охири Қуръонро фарогир аст.

Таърихи китобати нусха маълум нест, вале Ҷалоли Ноинӣ аз рӯйи хатту коғази он тахмин кардааст, ки "бояд ин нусха дар авоили қарни даҳум (асри XV мелодӣ – С.А.) навишта шуда бошад" [13, с.109].

Агар ин тахмин дуруст бошад, пас маълум мешавад, ки ҳамин нусха дар миёни шаш нусхаи муаррифишуда қадимтарин маҳсуб мешавад.

Чопҳои замонавии "Мавоҳиби Алийя". Машҳуртарин ва паҳншудатарин шакли чопии "Тафсири Ҳусайнӣ", ки аз оғози пайдо шудани санъати чопи ҷадид то кунун борҳо ба чоп расидааст, нусхае мебошад, ки тасҳеҳи он бидуни зикри номи мусаҳҳеҳ дар як муҷаллади бузург ҳамроҳ бо Қуръони маҷид ва бо зернависӣ аз тарҷумаи Шоҳ Валиюллоҳи Деҳлавӣ борҳо дар Ҳинду Покистон ба табъ расидааст [10, с.620]. Айни замон ду нусхаи чопӣ бо ҳаҷму андозаи бузургтару хурдтар аз ҳамин чопро дар даст дорем, ки ҳар ду ҳамгун ҳастанд, тафовут танҳо дар андозаи қатъи онҳо ба назар мерасад. Андозаи бузургтар бо қатъи 33×23 см. таҳти унвони "Қуръони маҷид маъа "Тафсири Ҳусайнӣ. Тарҷума аз ҳазрати Шоҳ Валиюллоҳ Муҳаддиси Деҳлавӣ, тафсир аз ҳазрати Мулло Ҳусайн ал-Воиз ал-Кошифӣ" [9; 10] чоп шудааст. Чунон ки зикр шуд, номи мусаҳҳеҳ наёмадааст, таърихи чоп ҳам маълум нест, аммо ношир зикр шудааст, ки "Тоҷ кампани лимитид" мебошад. Ин муассиса, чунон ки дар васати сафҳаи аввали китоб омадааст, дар шаҳри Лоҳури Покистон мавҷуд буда, дар поёни сафҳае аз сафаҳоти аввал, ки ба шумораи умумии саҳифаҳои китоб шомил набуда, фарогири исми зот ва асмои сифоти Худованд мебошад, ношири Қуръони маҷид ва матбуоти исломӣ [10, с. зайли вараҚи дуюм] муаррифӣ шудааст.

Сохтори нусхаи мазкур чунин аст, ки дар миёнаи вараҚи пеш аз саҳифаи аввали китоб истидъономаи хурде ба забони урду зикр шуда, саҳифаи якум шомили дебочаи хурде мебошад, ки ба сурати ҳошиянигорӣ навишта шудааст. Дар миёнаи ҳамин саҳифа ба сурати муҚоваи хурди миёнсафҳаӣ муаррифинома ва ноширу макони нашр зикр шудааст. Матни Қуръони маҷид бо зернависии тарҷума ва тафсир аз саҳифаи дуюм оғоз мешавад. Ба ғайр аз сураи аввал дар дигар сураҳо тартиби ҷойгиршавии оятҳо дар сафҳаҳо бо

тартиби Қуръон мувофиқ намеояд. Дар ҳар як саҳифа аз се то ҳафт сатр оятҳои қуръонӣ бо тарҷумаи зернависи онҳо оварда шуда, дар нисфи дувуми саҳифа матни тафсир омадааст.

Чопи дигари “Мавоҳиби Алийя” дар соли 1317 ҳиҷрии шамсӣ / 1938 мелодӣ бо тасҳеҳи Муҳаммадризо Ҷалоли Ноинӣ сурат гирифтааст, ки дар чаҳор муҷаллад фароҳам омадааст [11]. Ҷалоли Ноинӣ ба ин чоп муқаддимаи муфассале нигошта оид ба баъзе паҳлуҳои зиндагӣ, мероси адабӣ ва равиши тасҳеҳи худ маълумот додааст. Ин чоп дар кишвари мо танҳо барои муҳаққиқон маълум аст, аз он доираи васеи хонандагон истифода намекунанд.

Ҳамин тавр, муруре ба нусхашиносии китоби “Тафсири Ҳусайнӣ” шаҳодат бар он медиҳад, ки аз ин китоб то ба рӯзгори мо нусхаҳои зиёди хаттӣ боқӣ мондаанд. Нусхаҳои қаламии китоб аз назари сифат ва фарогирии матн гуногун буда, баъзе комил ва бархе фарогири фақат бахше аз сураҳо мебошанд. Аз миёни нусхаҳои хаттии “Тафсири Ҳусайнӣ”, ки мо онҳоро муаррифӣ кардем, яке аз комилтаринашон нусхае мебошад, ки таҳти рақами 726 дар ганҷинаи нусахи хаттии Китобхонаи ба номи Абдурраҳмони Ҷомии Маркази фарҳангии ба номи профессор Шарифҷон Ҳусаейнзода нигаҳдорӣ мешавад. Аз нусхаҳои чопии “Тафсири Ҳусайнӣ” машҳуртар аз ҳама нусхаи чопи Ҳиндустону Покистон мебошад. Нусхаҳои мавҷуд дар дасти одамони ҷудогона ҳисоб надоранд.

А Д А Б И Ё Т

1. Кошифӣ, Ҳусайн Воиз. Тафсири Ҳусайнӣ / Ҳусайн Воизи Кошифӣ: нусхаи хаттии № 726, маҳфуз дар Ганҷинаи нусахи хаттии китобхонаи ба номи Абдурраҳмони Ҷомии Маркази фарҳангии ба номи профессор Шарифҷон Ҳусейнзодаи факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 343 варақ.
2. Мақсудов, Б. Феҳристи нусхаҳои хаттии Маркази фарҳангии ба номи профессор Ш. Ҳусейнзода / Б. Мақсудов. – Душанбе: Сино, 2007. – 100 с.
3. Собрание восточных рукописей Академии наук Узбекской ССР; под редакцией и при участии члена-корреспондента Академии наук Узбекской ССР, действительного члена Академии наук Таджикской ССР, доктора исторических наук, профессора А.А. Семенова. – Том IV. – Ташкент: Издательство АН Узбекской ССР, 1957. –347 с.
4. جعفریان، رسول. ملا حسین واعظ کاشفی و کتاب روضة الشهدا / رسول جعفریان // آینهٔ پژوهش. – مرداد و شهریور1374. – شمارهٔ 33. – صص. 20-38.
5. صفا، ذبیح الله. تاریخ ادبیات در ایران / ذبیح الله صفا. – چاپ هشتم. – جلد پنجم. – تهران: فردوس، 1378. – 778 ص.
6. علوی مقدّم، سیّد محمّد. کاشفی و تفسیر قرآن / سیّد محمّدعلوی مقدّم // فصل نامهٔ تخصصی ادبیات فارسی دانشگاه آزاد اسلامی مشهد. – ص. 9-35.
7. فهرست نسخ خطی فارسی انستیتوی شرق شناسی و آثار خطی تاجیکستان (جلد دوم) ؛ زیر نظر سید علی موجانی، علی بهرامیان، جوربیک نظری، امریندان علیمردان. – تهران: کتابخانهٔ بزرگ...، 1378.
8. قرآن مجید مترجم مع تفسیر حسینی : ترجمه از حضرت شاه ولی الله محدث دهلوی، تفسیر از حضرت ملا حسین الواعظ الکاشفی. – کراچی – لاهور: تاج کمپنی لمیتد،1373. – 1394 صح.
9. قرآن مجید مترجم مع تفسیر حسینی : ترجمه از حضرت شاه ولی الله محدث دهلوی، تفسیر از حضرت ملا حسین الواعظ الکاشفی. – کراچی – لاهور: تاج کمپنی لمیتد، 1373. – 1384 صح.
10. قرآن کریم، همراه با ترجمه، توضیحات، واژه نامه : مترجم بهاءالدین خرّمشاه ی. – چاپ سوم. – تهران، 1376. – 902 صح.
11. کاشفی، کمال الدین حسین. مواهب علیّ یا تفسیر حسینی ؛ با تصحیح و مقدمه و حاشیه نگاری سیّد محمّد رضا جلال نایینی. – جلد یکم. – تهران، 1317 هجری شمسی. – 501 صح. – ص. 7-113.
12. کاشفی، کمال الدین حسین.جواهر التّفسیر لتحفة الامیر/ کمال الدین حسین کاشفی ؛ نسخهٔ متعلق به کتاب خانهٔ مجلس شورای ملی جمهوری اسلامی ایران.
13. نایینی، سیّد محمّد رضا جلال. در آمد تفسیر مواهب علیّ //کاشفی، کمال الدین حسین. مواهب علیّ یا تفسیر حسینی ؛ با تصحیح و مقدمه و حاشیه نگاری سیّد محمّد رضا جلال نایینی. – جلد یکم. – تهران، 1317 هجری شمسی. – 501 صح. – ص. 7-113.

НУСХАҲОИ ХАТТӢ ВА ЧОПИИ “МАВОҲИБИ АЛИЙЯ”

Дар ин мақола баҳс перомуни машҳуртарин нусахи хаттӣ ва чопии тафсири “Мавоҳиби Алийя” сурат гирифтааст. Мақола шомили ду мабҳас аст: а) нусхаҳои хаттии “Мавоҳиби Алийя” ва б) чопҳои замонавии “Мавоҳиби Алийя”. Дар бахши якуми мақола, қабл аз ҳама, машҳуртарин нусхаҳое муаррифӣ шудаанд, ки онҳоро муаллиф бевосита ҳамчун сарчашма дар таҳқиқоти худ истифода кардааст, инчунин, ба баъзе нусхаҳое пардохта шудааст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон мавҷуд ҳастанд. Дар ниҳоят, нусхаҳое муаррифӣ гардидаанд, ки дар асоси онҳо яке аз чопҳои китоб сурат гирифтааст. Дар бахши дуюми мақола нусхаҳои чопии “Мавоҳиби Алийя” муаррифӣ шудаанд. Машҳуртарин ва паҳншудатарин шакли чопии “Тафсири Ҳусайнӣ”, ки аз оғози пайдо шудани санъати чопи ҷадид то кунун борҳо ба чоп расидааст, нусхае мебошад, ки тасҳеҳи он бидуни зикри номи мусаҳҳеҳ дар як муҷаллади бузург ҳамроҳ бо Қуръони маҷид ва бо зернависӣ аз тарҷумаи Шоҳ Валиюллоҳи Деҳлавӣ борҳо дар Ҳинду Покистон ба табъ расидааст. Айни замон ду нусхаи чопӣ бо ҳаҷму андозаи бузургтару хурдтар аз ҳамин чоп мавҷуд аст, ки ҳар

ду ҳамгун ҳастанд, тафовут танҳо дар андозаи қатъи онҳо ба назар мерасад. Андозаи бузургтар бо қатъи 33×23 см.

Калидвожаҳо: Ҳусайн Воизи Кошифӣ,Шоҳ Валиюллоҳи Деҳлавӣ, тафсир, Қуръони маҷид, “Мавоҳиби Алийя”, нусхашиносӣ, нусахи хаттӣ, нусхаҳои чопӣ.

ПИСЬМЕННЫЙ И ПЕЧАТНЫЙ ЭКЗЕМПЛЯРЫ “МАВАХИБ АЛИЙЯ” (“ВЫСОЧАЙШИЙ ДАР”)

В данной статье автор ведет спор относительно известного письменного и печатного экземпляра комментария к Корану “Мавахиб Алийя” (“Высочайший дар”). Статья рассматривает два источника: а) письменный экземпляр “Мавахиб Алийя” и б) современные экземпляры “Мавахиб Алийя” (“Высочайший дар”). В первом разделе статьи прежде всего, представлены известные экземпляры, которые автор непосредственно использовал как первоисточник в своем исследовании, также рассмотрены некотрые экземпляры данной книги, которые хранятся в Республике Таджикистан и в Республике Узбекистан. Также рассмотрены экземпляры, на основе которых и была напечатана одна из книг. Во втором разделе статьи представлены печатные экземпляры “Мавахиб Алийя” (“Высочайший дар”). Самая известная и распространенная печатная форма “Тафсири Хусайни”, которая со времени появления нового печатного искусства и до наших дней была издана много раз, является экземпляром, которая после корректировки без указания имени корректора вместе со Священным Кораном была издана несколько раз с заголовком из перевода Шаха Валиюллаха Дехлави В Индии и Пакастане. В данное время существует два печатных экземпляра из данного издания с большим и меньшим объёмом и размером, которые схожи друг с другом, их разница только в объёме их страниц - 33×23 см.

Ключевые слова: Хусайн Воиз Кошифи, Шах Валиюллах Дехлави, комментарий, Священный Коран, “Мавахиб Алийя”, копирование, письменный экземпляр, печатный экземпляр.

WRITTEN AND PRINTED COPIES "MAWAHIB ALIYAH" ("THE HIGHEST GIFT")

In this article, the author is arguing about the well-known written and printed copy of the commentary to the Qur'an "Mawahib Aliya" ("The Highest Gift"). The article considers two sources: a) a written copy of "Mawahib Aliya" and b) modern copies of "Mawahib Aliya" ("The Highest Gift"). In the first section of the article, first of all, famous copies are presented, which the author directly used as a primary source in his research, and some copies of this book, which are stored in the Republic of Tajikistan and the Republic of Uzbekistan, are also considered. Also considered copies, on the basis of which one of the books was printed. In the second section of the article, printed copies of "Mawahib Aliya" ("The Highest Gift") are presented. The most famous and widespread printed form "Tafsiri Husayni", which has been published many times since the appearance of the new printing art until the present day, is a copy that, after correcting without indicating the name of the proofreader, together with the Holy Quran, was published several times with the title from the translation of Shah Waliyullah Dehlavi In India and Pakastan. At this time, there are two printed copies from this edition with a larger and smaller volume and size, which are similar to each other, their difference is only in the volume of their pages - 33 × 23 cm.

Key words: Husayn Voiz Koshifi, Shah Waliyullah Dehlavi, commentary, Holy Quran, “Mawahib Aliya”, copying, written copy, printed copy.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Абдуқодирзода Саидмукаррам*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсент, докторанти кафедраи таърихи адабиёти тоҷик. **Суроғa:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 988-31-50-50**

Сведения об авторе: ***Абдукодирзода Саидмукаррам*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент, докторант кафедры истории таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки 17. Тел.: **(+992) 988-31-50-50**

Information about the author: ***Abdukodirzoda Saidmukarram*** - Tajik National University, candidate of philological sciences, associate professor, doctoral candidate of the department of history of Tajik literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 988-31-50-50**

УДК: 82.06 (821.21)

МАСЪАЛАҲОИ ТАҲАВВУЛИ ҲИКОЯИ УРДУ АЗ НИГОҲИ БАЪЗЕ МУҲАҚҚИҚОНИ ВАТАНӢ ВА ХОРИҶӢ

Ҷӯраева З.Г.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Жанри ҳикоя дар оғоз ва умуман дар нимаи асри ХХ давраи раҳпаймоӣ, такомул ва инкишофро аз сар гузаронидааст. Ҳикоя яке аз жанрҳои адабии маъмултарин дар адабиёти ҷаҳонӣ ва аз он ҷумла адабиёти урду маҳсуб мешавад. Дар ҳама давру замонҳо ҳикоя инъикоскунандаи ҳақиқати рӯзгори инсонҳо буда, паҳлуҳои гуногуни онро пешкаши хонанда мекард. Тӯли солиёни зиёд ҳикояи урду дучори тағйироти зиёд гардида, ҳикояи муосири урду аз лиҳози нигориш хеле пеш рафтааст, аз доираи замону макон ва қаҳрамонҳо фарсаҳҳо бадар гашта, басо мукаммал шудааст.

Бо вуҷуди ҳамаи ин омӯзиши давраҳои инкишофи жанри ҳикоя дар тафоҳум ва гирифтани маълумот доир ба масъалаи пайдоиш ва такомули ҳикояи адабиёти урду кӯмаки беандоза мерасонад.

Агар дар маҷмӯъ фарогирии омӯзиши раванди такомулу ташаккули ҳикояи урдуро аз ҷониби муҳаққиқини муосири Ҳинду Покистон ва хориҷ аз он пеши назар оварем, он гоҳ маълум мегардад, ки ба ин навъи насрии хурд кам касоне таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд ва бештари муҳаққиқон таҳқиқи жанри романро афзалтар шуморидаанд.

Дар ҳиндшиносии собиқ шӯравӣ ва баъдан русӣ низ чунин сурати ҳол ба назар мерасад. Адабиётшиносони шинохтаи рус А. Сухочев, А. Суворова ва дигарон дар таҳқиқҳояшон роман, драмаи урдуву ҳиндиро мавриди пажӯҳиш қарор додаанд.

Айнан ҳамин сурати ҳол дар ҳиндшиносии тоҷик низ ҷой дорад. Муҳаққиқе бевосита ба омӯзиши жанрҳои мансури адабиёти урду машғул набудааст, ба истисно аз чанд мақолаву асарҳои Ҷ. Холов, ки баъзе аз паҳлуҳои ҳикоя ва ё новеллаи урдуро дар бар гирифтааст. Аммо роҷеъ ба такомулу ташаккули ҳикояи ҳиндӣ, ки аз бисёр лиҳоз бо ҳикояи адабиёти урду ҳамсанг аст, муҳаққиқ, ҳиндшиноси шинохтаи тоҷик Ҳ. Раҷабов корҳои илмии зиёдеро ба сомон расонидааст. Аз ҷумла, ковишҳои Ҳ. Раҷабов «Ташаккул ва инкишофи ҳикояи муосири ҳиндӣ» (1998) ва «Се насли ҳикоянависони ҳиндӣ» (2006) таҳқиқҳои басо ҷолиб ва дорои моҳияти илмӣ барои ҳиндшиносон ва бахусус ҳиндшиносии тоҷик маҳсуб мешавад. Китоби «Таърихи ташаккул ва инкишофи ҳикояи муосири ҳиндӣ» такрибан як асрро (асри ХХ) дар бар мегирад. Дар ин муддат се насли ҳикоянависони ҳиндӣ зиндагӣ ва эҷод кардаанд.

Ба ақидаи Ҳ. Раҷабов, таҳлили заминаҳои пайдоиш ва такомули ҳикояи ҳиндӣ мавзӯи хеле актуалист, зеро жанри ҳикоя маҳз дар нимаи аввали асри ХХ давраи эҳё ва инкишофи худро аз сар гузаронидааст. Муҳаққиқ тасдиқ мекунад, ки «ҳикояи муосири ҳиндӣ дар давоми такрибан навад сол марҳилаҳои гуногуни инкишофи худро тай карда, аз ҳикояҳои нимафсонавию таклидӣ ба ҳикояҳои реалистӣ ва аслӣ табдил шуда, худро ҳамқадами замон нишон додаст. Премчанд, Яшпал, Ашк, Моҳан Ракеш, Раҷендра Ядав, Камлешвар, Рамеш Упадҳяй, Удай Пракаш, Абдул Бисмиллоҳ ва дигар ҳикоянависони маъруф барои ба дараҷаи баланд инкишоф ёфтан ва шаклу мазмуни мустақилу аслӣ ҳосил кардани ҳикояи муосири ҳиндӣ саҳми арзандае гузоштаанд». Ҳамчунин Ҳ. Раҷабов тазаккур мекунад, ки ҳикояи ҳиндӣ дорои ғояҳои консепсияи инфиродии бадеӣ мебошад, ки дар он хусусиятҳои хоссаи бадеият, чи дар мазмуни жанрӣ ва чи дар шаклофаринӣ мунъакис гаштааст. Ва дар ҳамин зовия муҳаққиқ дар таҳқиқҳояш ковишҳои амиқеро пайгирӣ кардааст, аз ҷумла, консепсияи шахсият ва усулҳои таҷассуми бадеиро дар ҳикояҳои Премчанд, Пҳнишварнатҳ Рену, Моҳан Ракеш, Манну Бҳандарӣ, Носира Шарма, Дивендра Упадҳяй ва дигарон мавриди омӯзиш қарор додаст.

Муҳаққиқини дар боло зикршуда дар мавзӯъҳои мухталифи адабиёти урду ва ҳиндӣ таҳқиқ бурда, гӯшаҳои тарҷумаиҳолӣ, услуби нависандагӣ, жанрҳои ҷудогонаи адабӣ ва

дигар ҷиҳатҳои мансуб бо ин адабиётро матраҳ намудаанд. Вале ташаккул ва такомули ҳикояи урду дар алоҳидагӣ мавриди пажӯҳиш қарор нагирифтааст.

Пажӯҳиши бархе аз масоили марбут бо жанри хурди насрӣ дар адабиёти урду дар рисолаҳои номзадӣ, мақолаҳои илмӣ ва дигар ташреҳот ҷой доранд. Чунин таҳқиқ дар рисолаи Ҷ. Холов «Тождественные социальные мотивы в современной таджикской прозе и в творчестве Масрур Джахан» ба назар мерасад. Муаллиф дар заминаи таҳлили типологии жанри ҳикоя дар мисоли чанде аз нависандагони тоҷик ва ҳикояҳои нависандаи урдузабон Масрур Ҷаҳон ҳаммонандии доираи мавзӯъ, услуб ва тарзи нигориши намояндагони ҳарду адабиётро мавриди арзёбӣ қарор додааст.

Муҳаққиқи адабиёти урду А.С. Сухочев дар заминаи омӯзиши жанрҳои ин адабиёт доир ба навъи ҳикоя чунин андеша меронад, ки «ин шакли хурди адабиест; асари ҳикоягии хурдҳаҷм бо миқдори ками қаҳрамонҳо ва ифодаи кӯтоҳмуддати воқеаҳост».

Ҳикоя ё худ достони кӯтоҳро ба забони англисӣ *short story* ва ба фаронсавӣ *nouvelle* гӯянд. Ривоятест мансур, ки чандон тӯлонӣ набошад. А.С. Сухочев дар натиҷаи мушоҳида бештар навъе аз ҳикояро дар адабиёти урду тафкиқ додааст, ки онро метавон ҳикояи шахсият унвон кард. Яъне, такяи аслӣ дар ин гуна ҳикояҳо кашф ва баёни вазъиятҳои зеҳнии шахсиятҳост ва нависанда дар ин гуна ҳикоя саъй дорад, ки ангезаи аъмолро тавзеҳ диҳад. Ҳодисаи аслӣ ба наҳве интихоб мешавад, ки ҳар чӣ бештар шахсияти қаҳрамонро таъмин кунад ва ҳаводиси фаръӣ бояд ба ин вазъ кӯмак кунад.

Дар ҳикоя ягонагии вақт, ягонагии амал, ягонагии ҷой ва ягонагии персонаж бештар ба мушоҳида мерасад. Дар адабиёти урду низ чун дар дигар адабиётҳои гуногунзабони Ҳинд ҳикоя ҳамчун жанри адабӣ ворид гашта, бо мурури замон аз жанрҳои мустақилу мустаҳками адабиёт гардидааст. Ва ин жанр дорои устухонбандии хос мебошад. Адибони урдузабон яке аз пайи дигар ин жанри адабиро ба яке аз жанрҳои пешрави адабиёт табдил дода, ба воситаи он андешаҳои худро баён намудаанд.

Ба жанри ҳикоя олимони шарқшинос, аз ҷумла, ҳиндшиносони Ҳинду Покистон низ рӯ овардаанд. Ҳикояи урду аз ин миён истисно нест. Аз ин хотир, таваҷҷуҳи мо ба муҳаққиқини адабиёти урду низ нигаронида шудааст. Роҷеъ ба ин масъала метавон адабиётшиноси шинохтаи урду Саид Виқор Азимро ном бурд. Азим менависад, ки «Ҳикоя бори аввал дар ривоят як ваҳдати муҳимме пайдо кард. Дар ҳикоя воқеае, ҷозибае, эҳсосе, таъсире, баёни мақсаде, кайфияти рӯҳие бояд чунон инъикос шавад, ки аз дигар унсурҳо равшантар ба чашм расад. Ҳамин гуна хусусиятҳо ҳикояро аз новеллаву достон фарқ мекунонанд».

Қурейшӣ Ҳайдар дар «Натиҷаи мутолиа» пайдоиши ҳикояи урдуро чунин тавсиф мекунад: «Домони адабиёти урду аз ривоятҳову достонҳо пур шуда буд, ҷойи онро оҳиста ва номаълум ҳикоя иваз намуд. Ҳикоя дар адабиёти урду бо ном ва шаклҳои гуногун дохил шудааст: новелла, ҳикоя, ҳикояи хурд ва ғайра».

Бартарии ҳикоя нисбат ба дигар жанрҳои адабӣ дар кӯтоҳии он аст, ки дар натиҷа, соддагӣ, тартиби муайян ва тавозун падид меояд. Маълум аст, ки ҳикоя маҳз барои худ мавзӯе надорад. Мавзӯи ҳикоя доираи воқеаву ҳодисотест, ки зиндагии инсонро фаро гирифтаанд. Ҳамчунин бояд ёдовар шуд, ки ҳикоя аз изҳори таззод, мураккабот, пешгӯӣ, ҳолатҳои номаълум, ҷойивазкунӣ барин чузъҳо иборат аст.

Профессор Эъҷоз Ҳусейн доир ба ҳикоя чунин мегӯяд: «Як ҳикоя аз ҳикояи дигар бояд имтиёз дошта ва бо чизе фарқ карда истад. Ва он кайфияти лаҳзавӣ аст, ки хонанда дар ҳамон замон ҳикояро қироат кардааст. Аз хондани он вуҷуди хонанда ба ваҷҳ меояду каме дертар бошад, ӯ таассуроти аҷоиб ва хуберо эҳсос мекунад, ки ҳамаи ин бояд дар ҳикоя ҷой дошта бошад.

Ва ё адиби мумтози адабиёти урду Саодат Ҳасан Манто ҳикояро чунин маънидод кардааст: «Ҳикоя ин инъикоси воқеаи таъсирбахшест, ки ба воситаи он шунаванда ҳолати аслии ҷараёни ҳодисаву воқеотро тасаввур карда тавонад».

Доктор Накҳат Райҳонахон дар тадқиқоти худ «Ҳикояи урду: мутолиаи маҳорат ва усули техникӣ» дар таърифи ҳикоя ба чунин хулоса меояд, ки: «доир ба ҳикоя касе дар маҷмӯъ қоидаи қотеъе нанавиштааст, ки хусусиятҳои пурраи онро мунъакис созад».

Дар баробари ҳикоя бамаврид аст қайд намоем, ки истилоҳи новелла дар адабиёти урду хеле васеъ истифода бурда мешавад. Вале ин истилоҳ дар адабиёти урду ба маънои дигар истифода мешавад. Дар адабиёти Ғарб, аз ҷумла, адабиёти русӣ новелла як намуди асари хурдҳаҷмро ифода менамояду бо ҳикоя тавъам аст. Ба ифодаи А.С. Сухочев «новелла ин жанри насри хурд аст, ки аз лиҳози ҳаҷм бо ҳикоя қаробат дошта, бо ҷараёни тезу тунди воқеа, сужети мутамарказонидашуда, гоҳо парадоксалӣ ва бидуни тасвиру композитсияи музайян аз ҳикоя фарқ мекунад».

Ҳикояҳои Муншӣ Премчанд, Султон Ҳайдар Ҷӯш, Саҷҷод Ҳайдар Ялдарам аз аввалин намунаҳои ҳикояи комили урду маҳсуб мешаванд. Роҷеъ ба ин масъала Накҳат Райҳонахон менависад, ки Муншӣ Премчандро мисли дигар адибони урду «…аз сарварон ё худ саромадони ҳикояи урду меномад».

Ақидаи Райҳонахонро баъдтар Ҳ. Рачабов низ тақвият бахшидаст: «…Премчанд барин нобиғаи адаб, ки маҳорати хуби романнависӣ дошт, аз аввалин солҳои асри ХХ ба иншои ҳикояҳо пардохт».

Дар таълифоти адибон чун Премчанд, Кришан Чандар, Қурратулъайн Ҳайдар ва Исмат Чиғатоӣ хусусиятҳои хоссаи ҳикояи қарни бистуми адабиёти урду таҷассум ёфтааст.

Як қатор адибон аз услубу пайравии кӯркӯронаи пешина даст кашида, нависандагонро ва дар баробари онҳо ҷомеаро ба сӯйи гуфтори тоза, зиндагии тоза, таълифоти тоза раҳнамун сохтаанд. Онҳо барои ҳақиқатнигорӣ дар ҳикоя тарз ва мактаби наверо ихтисос доданд. Махсусан, мактаби адабии Премчанд дар ин замина созанда аст.

Агар ба доду гирифтҳои давраҳои адабӣ назар кунем, чунин нигориш пеши назар меояд, давраи аввал аз соли 1903 то солҳои 1931-32 –ро фаро мегирад ва ин давра фазои романтизми урду мебошад. Дар ҳикояҳои ин давр тасвири ҳамон давр, ҷомеа ва аҳли он ба назар ҷилвагар намешавад, ҳақиқатбаёнӣ ва ҷилои воқеии сужа мавҷуд нест, аммо баёни қисса ва ё воқеае бо тамоюли хаёлотӣ ҳатман ҷой дорад. Маҳз дар ҳамин давра жанри ҳикоя арзи вуҷуд кард ва рӯ ба иртиқо намуд.

Аз соли 1930-32 сар карда, пас аз табаддулоту инқилобҳои гуногуни ҷаҳонӣ, дар назарияи адибон ва тасаввуроти онҳо низ дигаргунии афкор ва табдили ҷараёни нигориш дар ҳикоя амри воқеӣ буд. Махсусан, пас аз соли 1930 дар адабиёти урду равияи романтикӣ ва реалистӣ баробар арзи вуҷуд доштанду ҷараёни ҳақиқатбаёнӣ оҳиста-оҳиста романтизмро бар адабиёт танг кардан гирифт. Иртизо Карим менависад, ки «Интишори «Ангаре» инқилоби муҳимтарини ин давр ба ҳисоб меравад». «Ангаре» иртиқову мизоҷи ҳикояи урдуро қадами тоза бахшид. Ин маҷмӯа ба авому ашроф хеле писанд омад. «Ангаре» аз аввалин муждаи иттиҳоду якдигарфаҳмии мусаннифини тараққипарвар дар адабиёти урду буд, ки дар дунёи адабиёти урду таркишеро ба вуҷуд овард. Ин ҷо бояд зикр кард, ки ин ҳикояҳо бе ҳеҷ ваҷҳ аз усулу тариқаи ҳикояи то ин давраи урду орӣ нестанд, яъне офариниши қаҳрамонҳо услуби баён, моҷаро-масъалагузорӣ ва сужа аз ҳамон ҳикояи романтикии урду гирифта шудааст. Заҳмати адибони тараққипарвар он буд, ки онҳо на танҳо аз ҳақиқати рӯзгори айём рӯ натофтанд, балки тавонистанд бо як ҷуръат ва шуҷоат дар ҳикояҳояшон онро мунъакис гардонанд ва он минбаъд дар густариши ҷараёни тараққипарварона мақоми хоссаеро пайдо кунад. Самараи он буд, ки ин ҷараён дар як муддати кӯтоҳ ҳаводорону тарафдорони бешумореро ба миён овард.

Бояд гуфт, ки ҷараёни тараққипарвар ва адибони ба ин равия асарэҷодкунанда тайи 20-25 соли охир аз нав ба таълифи ҳикояҳои ҳақиқатҷӯёнаву воқеӣ рӯ оварданд. Яъне адибоне, ки ба ҷараёни ҳикояи нав тааллуқ доранд, саропо зери сояву муҳити тараққипарварона асар таълиф менамоянд ва зоҳир аст имкониятҳои зиёдеро соҳибанд, то ҳикояи урдуро боз ҳам баландтар ба парвоз оранд.

Ҳикояҳои Ҷогендар Пал (соли таваллудаш 1925) маҷмӯаи ҳикояҳояш «Сурхии ватан» (1961), «Ман чӣ гӯям» (1962), «Эҳсоси хок» (1970), «Мақбараи Худобобо» (1994), «Парранда» (2000), «Деҳот» (2001), Рам Лаъл ва насли нави ҳикоянигорони ҷадид Анвар Хон, Анвар Қамар, Салом Бинраззоқ, Калом Ҳайдарӣ, Шоҳид Аҳмад Шуъейб, Шафақ, Абдусамад, Сурендра Пракаш, Саҷҷод Рашид, Алӣ Имом Наквӣ, Ифтихор Имом, Ворис

Алавӣ ва ғайра исботи ташаккулу такомули он дар адабиёти имрӯзаи урду мебошад. Илова бар ин, Шаҳзода Манзар, Тайиб Ансорӣ ва Ториқ Сайид низ мақолаҳои худро доир ба ҳикояи ҷадид интишор карда назарашонро иброз доштаанд.

Роҷеъ ба ҳикояи ҷадид ақидаҳои адабиётшиносон ниҳоят мухталиф аст. Гурӯҳе бар онанд, ки ҳикояи ҷадид дар адабиёт мавқеи худро дарёфтаву гурӯҳи дигар холӣ аз фасоҳату балоғати калом медонанд. Вале дар маҷмӯъ ҳаминро бояд зикр кард, ки ҳикояи ҷадид аз ривоёту ақидаҳои ҷараёни тараққипарвар истифода карда истодааст ва ин эътирофи он аст, ки шарти бунёдии ҳикоя «каҳанипан» (пероҳани ҳикоя) –ро риоя бояд кард, мисли ин ки Премчанд, Бедӣ, Манто, Кришан Чандар, Ҳаётуллоҳ Ансорӣ, Аҳмад Надим Қосимӣ, Қурратулъайн Ҳайдар, Ҷогендар Пал, Калом Ҳайдарӣ, Ғиёс Аҳмадгадо, Суҳейл Азимободӣ, Ғулом Аббос, Масрур Ҷаҳон ва садҳо ҳикоянигорони дигар ба анҷом расонидаанд. Ҳамаи онҳо аз мактаби ҳикоянигории ҷараёни тараққипарвар гузашта таҷрибаи бузург бардоштаанд, ба услуби офариниши ҳикоя тағйиротҳои саҳеҳ ворид кардаанд, маълумотҳои гуногунҷабҳаи сиёсӣ, иҷтимоӣ, таърихӣ, фарҳангиро истифода бурдаанд, вале аз баҳри «ҷузъҳои аслӣ»-и ҳикоянигорӣ ва услуби баёни хосси ҳикоя даст накашидаанд. Маҳз ҳамин ҷиҳат ин адибонро миёни ҳамзамононашон машҳур гардонид ва имрӯзиён низ пайравӣ ба эшон мекунанд.

Намояндагони ҳикояи ҷадидтар бештар азми он доранд, ки сафи хонандагонашонро афзун гардонанд ва ҳоло ин ҷараёни адабӣ ба комёбиҳо муваффақ гашта истодааст. Доир ба ин масъала Калом Ҳайдарӣ таъйид намудааст, ки «Дар он (яъне пас аз заволёбии ҳикояи ҷадид он ҳикояҳое, ки эҷод шуда истодаанд) тамаддун вуруд омад, ваҳшату даҳшат аз байн бурда шуд. Мавзӯи нигориш бошад дар тӯли ҳашт-даҳ соли охир тағйирпазир набудааст. Аммо ҳаминро бояд қабул дошт, ки он оби аз наҳрҳо истеъмолкардаи мо софношуда буд ва ҳам акнун мо оби софро нӯшида истодаем. Имрӯз ба мо рӯшан гашт, ки бемории паҳннамудаи Маҳмуд Ҳошимӣ ва Шамсурраҳмон Форуқӣ дигар паҳн намешавад».

Метавон ҳаминро қайд намуд, ки ҳикояи ҷадидтар ба сӯйи эътирофи ҷараёни тараққипарвар қадамҳои устувортар мебардорад.

Ҳикоянигорони покистонӣ Осиф Форуқӣ, Оғо Бобур, Аҳмад Надим Қосимӣ, Асад Муҳаммадхон, Ашфақ Аҳмад, Интизор Ҳусейн, Ҷамила Ҳошимӣ, Ҳиоб Имтиёз Алӣ, Холида Ҳусейн, Хадича Мастур, Саодат Ҳасан Манто, Шавкат Сиддиқӣ, Азиз Аҳмад, Ғулом Аббос, Муҳаммад Умар Нуъмон, Мирзо Ҳамидбег, Мумтоз Муфтӣ ва Маншаъ Ёд мебошанд.

Дар таълифоти адибони тараққипарвар мавзӯи мубориза барои ба даст овардани сулҳ мавқеи асосиро ишғол намудааст. Ҳикояҳои Аҳмад Надим Қосимӣ «То ва баъди Ҳиросима», «Меҳри модар» ҷангҳои истилогаронаи давлатҳои абарқудратро маҳкум намуда, натиҷаҳои ҳузновари он ва талафоти моливу ҷонии табақаи поёниро хуб тасвир намудааст.

Муборизаи халқҳо баҳри сулҳ, комёбиҳои мардуми Ҷумҳурии мардумии Чин, муборизаҳои миллӣ-озодихоҳонаи мардуми Осиёву Африқо аз мавзӯъҳоеанд, ки дар таълифоти Ибни Иншо, Зоҳири Кашмирӣ ва даҳҳо дигар адибон мавриди тасвир қарор гирифтаанд.

Муқоисаи нигоҳи нависандагон дар мавриди воқеияти Покистон хеле ачиб ба назар мерасад. Адибони тараққипарвари урду ба муқобили тафриқаҳои динӣ ва мазҳабӣ баромада, ҳама гуна ихтилофоти чунин ҷараён доштаро маҳкум менамуданд ва дар ин роҳ ташвиқу тарғиби фарангиёнро фош намуда, ба мардум аз асли ҳодисот хабар медоданд. Онҳо кӯшиш мекарданд, нишон диҳанд, ки бе якдигарфаҳмӣ ва муносибати дӯстонаву одилона ҳаллу фасли ягон масъала имконият надорад.

Дар навиштаҳои худ Аҳмад Надим Қосимӣ меҳнаткашонро ба он даъват менамуд, ки муттаҳид бошанд ва тамоми ғаразҳову душмангароиро миёни хеш аз байн баранд. Мисоли равшани инро мо дар ҳикояи «Парамешвар Сигҳ» мебинем.

Адибони дигар ҷараёнҳо бошанд, намехостанд аз асли ҳақиқат бархӯрдор гарданд ва барои ҳамин ҳам бо нигоришоти фитнаангез ва берун аз ахлоқи ҳамидаи инсонӣ

мардумро ба задухӯрдҳои номатлуб ва ҷудоиҳои диниву мазҳабӣ, қабоилию маҳалгарӣ даъват менамуданд. Ва ин, албатта, боиси пурзӯр шудани ошӯбҳову низоъҳо миёни мардум мегашт.

Дар ҳикояҳои Қосимӣ тасвири деҳккони бечораву бекас, ки тамоми рӯз дар саҳро ба кори худ машғул буду ба фоидаи заминдор кор мекард, ба назар мерасад. Деҳқон нисбати зиёӣ нозукиҳои санъату фарҳангро хуб дарк намекард, вале дар ҳисси ватандӯстиву ватанпарварӣ, нигаҳдории шаъну шарафи мардӣ аз онҳо боло меистад. Дар ҳикояҳои Шавкат Сиддиқӣ, Иброҳим Ҷалис, Ҳамид Ахтар, Шавкат Тҳанвӣ ва дигарон масъалаҳои иҷтимоии кишвар рӯйи коғаз оварда шудааст.

Ба ақидаи як қатор муҳаққиқон ҳикояҳои Манто хеле машҳуранд. Дар эҷодиёти Манто таъсири баланди ғоявии Горкий ва Чехов ба чашм мерасад. Ҳанӯз дар кӯдакӣ Манто ҳодисаҳои хунбори генерали бритониро алайҳи гирдиҳамомадагони осоишта дар Амритсар бо чашмони худ дида буд ва ҳеҷ гоҳ фаромӯш карда наметавонист. Ва аз ҳамон лаҳза Манто ба чунин сохтор ва чунин ҳукмфармоён нафрат дошт, тасвири ин манзараро мо дар ҳикояи «Тамошо» ба хубӣ дида метавонем.

Аз лиҳози таҳлили равоншиносӣ ва падидаҳои инсонпарварӣ Манто аз беҳтарин ҳикоянависони адабиёти урду дар садаи бистум ба шумор меравад.

Ҷараёни тараққихоҳона таъсири афкори хаёлпарастонаи дар ҳикояи урду ҷойдоштаро кам кард. Адабиётро гӯё аз парвозҳои осмонӣ ба ҳаёти заминӣ фаровард. Бисёр адабиётшиносон густариши ҳикояро дар давоми солҳои 1936-1947 давраи тилоии он меҳисобиданд.

Дар ҳикояҳои Ҳоҷира Масрур (1929) бештар таъсири ҷараёни тараққипарвар ба назар мерасад. Ӯ кӯшиш ба харҷ додааст, ки дар ҳикояҳояш ғояҳои инсондӯстиву инсонпарвариро тараннум намояд ва бо тасвири ҳақиқат ва рӯзгори воқеӣ, санъати волои хешро нишон дода тавонистааст. Ҳоҷира занро аз хоби ғафлат бедор намуда, менависад, ки чӣ тавр зан фазои коинотро фатҳ намудааст (дар ҳикояи «Дайҷести сайёра»). Ҳоҷира Масрур аз зиндагӣ дур нарафтааст. Дар ҳикояҳои адиба мавзӯи тақсими Ҳинд, тарки ватан, бадномӣ, бадахлоқӣ ҷойи намоёнро соҳиб шудааст. Барои занҳо ҳикояҳои ӯ муҳити озод ва баробарҳуқуқии занҳоро нишон додааст.

Фаъолияти адабии Хадича Мастур (1927-1982) бо инкишофи давраи адабиёти тараққипарвар рост меояд. Дар зери таъсири муҳити мавҷудаи ин давра адиба мавзӯи тазодҳои иҷтимоӣ ва ҳолати носозгори занонро мавриди тасвир қарор додааст. Тавассути ҳикояҳояш Х. Мастур қаҳрамонҳои ҳикояҳояшро аз миёни табақоти мутавассит ва поёнӣ ҷустуҷӯ намудааст. Дар назари Хадича дар айёми ӯ дар ҳама ҷо мардҳо ҳокиму фармонфармоёни зиндагӣ мебошанд ва аз ин хотир, нависанда кӯшиш кардааст, ки мавқеи занонро дар ҷамъият баланд бардорад ва ба онҳо талқин менамояд, ки зан қодир аст ба мисли мардҳо чархи зиндагиро соҳибӣ кунад. Хадича ҳаёти табақаҳои поёнӣ ва миёнаро дар ҳикояҳояш тасвир намуда, изҳор медорад, ки ин табақа мавриди шикори табақаҳои болоӣ қарор гирифтаанд.

Ғараз аз эҷоди ҳикоя ташвиқи озодиву истиқлоли кишвар ва умуман раҳоии омма аз ҷаҳолат буд. Адибони ин давра тибқи гуфтаи доктор Мумтоз Ҳасан «… мушоҳидакоронанд. Қудратманду қобилиятноканд, забону баёни хуб доранд. Аксар ҳаракатҳои фикриашон низ саҳеҳ аст, вале тахайюлоти кофӣ ва нигоҳи фалсафиёнаи азиматбахш дар эшон ба чашм намерасад».

Олимон ва нависандагони зикршуда оид ба мавзӯот ва рушди ҳикояи урду, тарзу услуби он нуқтаи назари худро иброз доштанд, аммо таҳлили ҷиддӣ оид ба ташаккул ва такомули ҳикояи урду ва тадқиқи ин мавзӯъ ҳанӯз дар пеш аст.

АДАБИЁТ

1. Раҷабов Ҳ. Ташаккул ва инкишофи ҳикояи муосири ҳиндӣ / Ҳ.Раҷабов. - Душанбе: Пайк, 1998. – 176 с.
2. Раҷабов Ҳ. Се насли ҳикоянависони ҳиндӣ / Ҳ.Раҷабов. - Душанбе: Статус, 2001. – 272 с.
3. Холов Ҷ. Адабиёти урду дар садаи бистум / Ҷ.Холов. - Душанбе: Истеъдод, 2010. - 154 с.
4. Холов Ҷ. Масрур Ҷаҳон ва романи урду / Ҷ.Холов // Ахбори Академияи Илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2010. - №2. - С.160-164.

5. Хоҷамуродов О. Насри зеҳнгарои форсии Эрон дар қарни бист / О. Хоҷамуродов. - Душанбе, 2003. – 233 с.
6. Андреев А.Н. Целостный анализ литературного произведения / А.Н. Андреев. - Минск, 2001. – 142 с.
7. Бент, М.И. Немецкая романтическая новелла: генезис, эволюция, типология / М.И. Бент. - Иркутск: Изд-во Иркутского ун-та, 1987. – 120 с.
8. Глебов Н. Литература урду / Н.Глебов, А.Сухочев. - М., 1967. – 230 с.
9. Раджабов Х. Становление и развитие современного рассказа хинди: докт.дис. / Х.Раджабов. - Душанбе, 1999. – 32 с.
10. Сухочев А.С. Место творчество Назир Ахмада в истории литературы урду: автореф. дис. канд. филол.наук / А.С. Сухочев. - М., 1962. – 20 с.
11. Холов Дж. Независимость Индии и вклад прогрессивных писателей (на примере романов Саджада Захира, Кришана Чандара и Исмата Чугтаи) / Дж.Холов. - Душанбе: Ирфон, 2017. – 110 с.
12. Azimi Shahob Zafar. Urdu ke nasri asalib / Zafar, Azimi Shahob. - Dehli, 2001. – 159 с.
13. Azimi Shahob Zafar. Urdu naval ke asalib / Zafar, Azimi Shahob. - Patna, 2005. – 201 с.
14. Chughtai Ismat. Terhi lakir / Ismat Chughtai. – Lahor: Maktabai urdu, 1967. – 356 с.

МАСЪАЛАҲОИ ТАҲАВВУЛИ ҲИКОЯИ УРДУ АЗ НИГОҲИ БАЪЗЕ МУҲАҚҚИҚОНИ ВАТАНӢ ВА ХОРИҶӢ

Дар мақола сухан дар бораи назари муҳаққиқон ва нависандагон ба масъалаи инкишоф ва таҳаввули жанри ҳикоя дар адабиёти урду меравад. Таҳаввули ин жанри хурди адабиро дар адабиёти ҳинд ва бахусус дар адабиёти урду муҳаққиқон гуногун шарҳ додаанд ва таҳлил кардаанд. Боиси қайд аст, ки доир ба тадқиқи жанри ҳикоя дар адабиёти урду кам муҳаққиқон даст задаанд. Муҳаққиқе бевосита ба омӯзиши жанрҳои мансури адабиёти урду машғул набудааст, ба истисно аз чанд мақолаву асарҳои Ҷ. Холов, ки баъзе аз паҳлуҳои ҳикоя ва ё новеллаи урдуро дарбар гирифтааст. Инчунин, роҷеъ ба ин масъала адабиётшиносони шинохтаи урду Саодат Ҳасан Манто, Саид Виқор Азим ва Қурейшӣ Ҳайдарро метавон ном бурд. Муҳаққиқон солҳои 1936-1947-ро дар густариши ҳикояи урду давраи тилоӣ меҳисобиданд. Ғараз аз эҷоди ҳикоя ташвиқи озодиву истиқлоли кишвар ва умуман раҳоии омма аз ҷаҳолат буд. Як қатор адибони аз услубу пайравии кӯркӯронаи пешина даст кашида, ҷомеаро ба сӯйи гуфтори тоза, зиндагии тоза раҳнамун сохтанд. Онҳо барои ҳақиқатнигорӣ дар ҳикоя тарз ва мактаби наверо ихтисос доданд. Махсусан, мактаби адабии Премчанд дар ин замина созанда аст. Ҳамин тариқ, дар адабиёти урду жанри хурди адабӣ - ҳикоя арзи вуҷуд намуда, бо хусусият ва равияҳои ба худ хос чун равияҳои романтикӣ ва реалистӣ рушд намуд.

Калидвожаҳо: ҳикоя, муҳаққиқ, жанри адабӣ, адабиёти урду, равия.

ВОПРОСЫ ЭВОЛЮЦИИ РАССКАЗА УРДУ, С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ НЕКОТОРЫХ ОТЕЧЕСТВЕННЫХ И ЗАРУБЕЖНЫХ ИССЛЕДОВАТЕЛЕЙ

Статья посвящена точкам зрения ученых и писателей по вопросам развития и эволюции жанра рассказа в литературе урду. Эволюцию этого жанра в индийской литературе и в особенности в литературе урду исследователи рассматривают и комментируют по - разному. Следует отметить, что исследованием жанра рассказа в литературе урду занимались не многие. Непосредственно комплексным исследованием данного жанра не занимался никто, кроме нескольких статей и трудов Дж.Холова, которые посвящены некоторым сторонам рассказа урду или новелле. Также относительно жанра рассказа урду высказывались известные литературоведы Саодат Хасан Манто, Саид Викор Азим и Курейши Хайдар. 1936-1947 года исследователи считают золотым периодом в развитии данного жанра. Целью сочинения рассказа той эпохи являлась пропаганда свободы и независимости родины и свобода общества от невежества. Ряд писателей, отказавшись от слепого следования предшественникам, направляют общество к новому слову и новой жизни. Для отражения реальности в рассказе они создали новую прозаическую школу, в особенности в её становлении примечательна литератрная школа Премчанда. Таким образом, в литературе урду появился малый литературный жанр – рассказ, он развивался в особых направлених, таких как романтизм и реализм.

Ключевые слова: рассказ, исследователь, литературный жанр, литература урду, течения.

ISSUES OF THE EVOLUTION OF URDU STORY FROM THE POINT OF VIEW OF SOME DOMESTIC AND FOREIGN RESEARCHERS

The article is devoted to the points of view of scientists and writers on the development and evolution of the story genre in Urdu literature. The evolution of this genre in Indian literature, and especially in Urdu literature, has been viewed and commented on in different ways by researchers. It should be noted that not many have studied the genre of storytelling in Urdu literature. No one was directly involved in a comprehensive study of this genre, except for several articles and works by J. Holov, which are devoted to some aspects of an Urdu story or a short story. Famous literary critics Saodat Hasan Manto, Said Vikor Azim and Kureishi Haydar also spoke about the genre of Urdu storytelling. The researchers consider 1936-1947 to be a golden period in the development of this genre. The purpose of writing a story of that era was to promote the freedom and independence of the homeland and the freedom of society from ignorance. A number of writers, refusing to blindly follow their predecessors, direct society to a new word and a new life. To reflect reality in the story, they created a new prose school, especially the literary school of Premchand in its formation. Thus, a small literary genre appeared in Urdu literature - the story, it developed in special directions, such as romanticism and realism.

Key words: story, researcher, literary genre, Urdu literature, trends.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ҷӯраева Замира Гулямовна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, саркотиби илмии шӯроҳои диссертатсионӣ. **Суроғ:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17.
E-mail: **farah2000@mail.ru.** Тел.: **(+992 37) 2-27-20-59**

Сведения об авторе: ***Джураева Замира Гулямовна*** – Таджикский национальный университет, главный учёный секретарь диссертационных советов. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр.Рудаки, 17.
E-mail: **farah2000@mail.ru.** Тел.: **(+992 37) 2-27-20-59**

Information about the author: ***Jurayeva Zamira Gulyamovna*** – Tajik National University, the shef academic secretary of dissertation committee. **Address:** 734025, Republik of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki, Ave., 17. E-mail: **farah2000@mail.ru.** Tel.: **(+992 37) 2-27-20-59**

УДК: 8Т1

МАЗОМИНИ ИРФОНИИ НАЙ ВА НАЙИСТОН ДАР ОСОРИ МАВЛОНОИ БАЛХ

Ҳоҷӣ Ҳусайн Мусозода

Мавлоно дар таърихи адабиёти форсу тоҷик дар канори ин ки бо сурудани маснавии беназири рӯҳонии «Маснавии маънавӣ» ва девони пур аз шӯри «Девони Шамс» ҷойгоҳ ва мақоми хоссаеро касб намуд, аммо бо ин ҳама мурур ба куллияи ашъори вай собит месозад, ки дар таҳаввули адабиёти ирфонӣ ва фаротар рафта истилоҳ ва мафоҳими ирфонӣ нақши муассире битавонист аз худ гузорад. Агарчи дар маснавиҳои Саноӣ ва Аттор як марҳилаи оғозини таҳаввулоти истилоҳ ва мафоҳими ирфонӣ ба мушоҳида мерасад ва аксари соҳибназарон навъе ибтидои гузиниши истилоҳоти хосси тасаввуфиро дар мисоли унвонҳои ҳафт водӣ, маю муғону амсоли ин ба шумор овардаанд, аммо Мавлоно бо ҳузури хеш ва тавассути эҷоди ҷараёни тозае дар қаламрави тасаввуфи исломӣ ба унвони «Мавлавия» мафоҳим ва истилоҳотеро ба қаламрави адабиёти ирфонии форсу тоҷик ворид намуд, ки қаблан собиқае надоштанд ё камтар ба кор рафтанд. Намунаи барҷастаи ин навъ мафоҳими ирфонӣ вожагони най, найистон ва амсоли ин ба шумор мераванд, ки метавон гуфт аз пуркортарин истилоҳоти ирфонии Мавлоно ба шумор мераванд. Тахмин метавон зад, ки Мавлонои Балхӣ ба иллати таваҷҷуҳ ба фалсафаи самоъ дар ирфони хоссаи хеш истилоҳоти мусиқиро бештар ба қаламрави тасаввуфи исломӣ кашид, ки ҳар яке аз маънӣ ва мазомини хоссае касб намудаанд ва, албатта, яке аз онҳо ҳамин ной аст.

Вақте ба оғози «Маснавии маънавӣ», ки аслан найнома унвон дорад ва қиссаи ҳиҷрони инсонро аз асолат таваххуди худоафтодагии най аз найистон ифода менамояд, таваҷҷуҳ мефармоем, зарурати матраҳи ин суол пеш меояд. Чаро Мавлоно найро василаи тафсиру ташреҳи ин матлаб - яъне аз асл ҷудо шудани инсон ва муҷиби нолаи мардум аз нафири он қарор медиҳад? Ба абёти оғози Маснавӣ мувоҷеҳ мешавем:

Бишнав аз най чун ҳикоят мекунад,
В-аз ҷудоиҳо шикоят мекунад.
К-аз найистон то маро бибридаанд,
Дар нафирам мардум зан нолидаанд.

Мусаллам аст, ки мусиқӣ, билхосса най дар зиндагии инсон пайванди азалӣ дорад ва тибқи ривоёт ҳанӯз замони офариниш Худованд хост, ки рӯҳро бар тани одам ворид созад, рӯҳ аз ҷисми хокӣ эҳтироз кард ва нахост ба он зиндон дасти вуруд ёбад. Ба қавле фаришгагон мусиқии гуворое навохтанд, ки гӯё он оҳанг асосан тавассути оҳанги ной садо дод ва рӯҳ асири он наво гашт ва фикр кард, ки мусиқии гуворо аз андаруни он ҷисми хокӣ меояд. Пасон вориди он гашт. Ташреҳгарон ва пажӯҳишгарон яке аз авомили пайванди найро ба зиндагии маънавии инсон ва иштиёқи инсонро ба мусиқӣ, билхосса оҳангу навои най ба ин ривоят мансуб медоанд. Аз назари луғавӣ бошад, аслан най ё ной навъе гиёҳ аст, ки аз он шакар ҳам ҳосил мекунанд ва ҳам василаи бунёди асбоби най ҳам

бошад. Агар андаруни ной пур аз шакар бошад, аз он садое берун наояд ва чун бихоҳанд, ки асбоби мусиқӣ таҳия кунанд, бояд шакарро аз даруни вай берун оваранд, то васаташ холӣ ва оҳангэҷод гардад. Оҳанги аз ной бардошта бештар мусиқии фироқу ҳиҷрон ва ҷудоиро дорад ва ба ҳамин хотир аст, ки Мавлоно самбули найро барои ифодаи инсон ва асли маънавии ӯ ба кор мегирад. Ин аст, ки Мавлоно найро ҳарифи ҳар кӣ аз ёре бурид медонад ва пардаҳояш пардаҳои мо дарид мегӯяд:

Най ҳарифи ҳар кӣ аз ёре бурид,
Пардаҳояш пардаҳои мо дарид.

Вобаста ба ҳамин ҷиҳати фазилати ирфонии най аст, ки аксари шореҳони «Маснавии маънавӣ» дар мавриди маънии истилоҳии най изҳори назар намудаанд. Аз ҷумла, Мусии Насрӣ бар ин ақида аст, ки «най аз қиссаҳои ғамангези ишқи Маҷнун ва оворагардиҳои водии ҷунун ҳикоят мекунад [7, с.2]. Муҳаққиқи осори Мавлоно Салими Хатлонӣ низ бар ин ақида аст, ки найи Мавлоно рамзи ҳамон солик аст, ки бо оҳи ҷигарсӯз ба ҳамин мурод нола аз ҷон берун мекашад. Аммо орзу ва сирри ҷигарсӯзи ишқ, ки оқибат дар ниҳоди солик рӯ гирифтааст, ӯро ворастаи ниёз мегардонад ва дар ҳамин замина дар бунёди ӯ эҳтиёҷро ба бор меоварад [9, с.93].

Гоҳо дар Девони Шамс Мавлоно найро ягона василае медонад, ки зимни навозиши он овои вуруди ҷон ба ҷони инсон ба гӯши ҷонҳо мерасад ва ин ҳамон ояти шарифаи Қуръонист, ки Сураи ҳаҷр, ояти бисту нуҳ омада: «Ва нафахту фиҳи мин руҳи.

Бишнав навои ной к-аз он «Нафаҳту» бо навост,
Даркаш шароби лаъл, ки ғам дар кашокаш аст.

Ваҷҳи дигари робитаи найро ба вуҷуди инсон пажӯҳишгарон аз диди сохторшиносии он низ муқаррар намудаанд. Муҳаққиқи Эронӣ Маҳдии Ситоишгар бар ин назар аст, ки «дар мавзӯи иртиботи нуҳ сӯрохи ной ба нуҳ сӯрохи бадани инсон (ду гӯш, ду бинӣ ва ду чашм ва даҳону пушту ҷулу) ва бо нуҳ гӯвдӣ (фурӯрафтагӣ)-и ҷисми одамӣ матолибе унвон шуда, бахусус тавассути Аҳмад ибни Аҳмади Тӯсӣ (дар китоби «Баворик ул уламоъ»), ки донистани онҳо ҳам ҳеҷ мушкилеро осон намекунад ва дар асли мусиқии Мавлоно бо мусиқии самоъ ва сӯфия дахолате надонад. Интисобҳо ва иртиботҳое аз ин даст дар таърихи кишварҳо бисёр машҳур аст, монанди ҳафт дарё, ҳафт осмон, ҳафт ситора ва ҳафт … Аммо таваҷҷуҳ ба най ба суратсозии хонакоҳӣ дар осори сӯфия бисёр дида мешавад ва шоирони ориф мазомине бисёр олӣ дар бораи най сурудаанд [874].

Ба мушоҳида мерасад, ки ин андеша дар ташреҳи донишманди Эронӣ аз ин рубоии маъруфи Мавлоно берун омадааст, ки худи ӯ дар он фармуда:

Нойе бибурид аз найистон устод,
Бо нӯҳ суроху одамаш ном ниҳод.
Эй ной, ту омади аз ин лаб дар фарёд,
Он лабро бин, ки ин лабатро дам дод.

Аз ин сурудаи Мавлоно дар назари аввал рамзи аслии инсон ва рӯҳи муқаддас будани най дигарбора собит мешавад ва найистон бошад, чунонки гуфта омад, олами асолат аст, ки рӯҳи инсон баргирифта аз он бошад. Ин ҷо дар рубоии хеш Мавлоно ба шарҳи қиссаи офариниш пардохта, ки най ва найистон чун истилоҳоти аслии шеъри Мавлоно дар он мақоми хоссаеро касб намудаанд. Қобили тазаккур аст, ки дар шеъри Мавлоно аксари вожагони мукаррар ҳам метавонанд ба маъниҳои ирфонӣ истифода шаванд, чунонки дар ин ҷо мазомини аксари вожагон ҷанбаи тасаввуфӣ касб намудаанд. Бар асоси ин калимаи устод ба маънии Офаридгори якто, ки ӯро Устоди азал ҳам мегӯянд, ной рӯҳ ва ҳам инсон, дам додан ба маънии ҷон дода, лаб сарчашмаи офариниш ва амсоли ин ба кор рафтаанд.

Вобаста ба ин равишҳои шинохт муайян мешавад, ки Най самбули рӯҳи инсон аст, ки аз найистони асли худ ҷудо шудаву ба зиндони тан афтодааст. Ба ин хотир Мавлоно таъкид дорад, ки най василаи баёни ишқи пурхуни ҷудоии инсон аз асл аст:

Най ҳадиси ишқи пурхун мекунад,
Қиссаҳои ишқи Маҷнун мекунад.

Рамзи ишқу ҷудоафтодагӣ аз асл будани нойро ҳам Мавлоно дар ҳамон оташи ишқи абадӣ тафсир мекунад, ки рӯзи аласт дар вуҷуди инсонҳо фурӯзон гардидааст. Ба ҳамин ваҷҳ аст, ки Мавлоно ҳар кӣ ин оташ надорад, нест бод мегӯяд:

Оташ аст ин бонги нойу нест бод,
Ҳар кӣ ин оташ надорад, нест бод!

Пас, ин ҷон бонги най дар андешаи ирфонии Мавлоно оташи ишқ аст, ки ҳарчанд ба зоҳир садо надорад, аммо аз андаруни инсон овои пурсӯзе бурун меоварад ва ин ҳамон фарёду фиғони ошиқонаи Мавлоност, ки тавассути бонги ной, яъне садои ботинии ишқ бурун метаровад. Дар канори ин, навои най аст, ки аз диди Мавлоно қиссаи худоиро ташреҳ мекунад ва шарҳи дарди иштиёқ мекунад:

Сина ҷоҳам шарҳа-шарҳа аз фироқ,
То бигӯям шарҳи дарди иштиёқ.

Аз ин мулоҳизот натиҷа берун меояд, ки ба иртиботи пайванди маънавии най ва рӯҳи инсон Мавлоно найро ба масобаи рӯҳи аз асл ҷудоафтодаву дар тан фитода тафсир карда, оғози асари бузурги худро «Найнома» унвон мениҳад, ки қисмати боқии шаш дафтари он ба тафсири ин бахш навишта шудааст. Аз ин рӯ, куллияи Маснавиро мо метавонем, шарҳи қиссаи най ба шумор оварем, ки бозтоби рӯҳи инсон ва қиссаи ҷудоиҳои вай аз найистон - олами асл ва ворид шудан ба ҷаҳони омадшуд ва баъдан дубора баргаштан ба ҳамон ҷаҳони асл маҳсуб мешавад. Ин аст, ки Мавлоно дар идомаи бозгӯии қиссаи ҷудоии рӯҳ сухан аз баргаштан ба асл мекунад:

Ҳар касе к-ӯ дур монд аз асли хеш,
Боз ҷӯяд рӯзгори васли худ.

Мавлоно дар шарҳи маъонии истилоҳии Най танҳо маҳдуд ба «Маснавии Маънавӣ» намешавад, балки рамзҳои зиёде аз ин мафҳумро дар Девони Шамс ҳам тафсир кардааст. Аз ҷумла, навои ной барои ориф ва солики андешаҳои Мавлоно азиз ва муътабар аст, чун ба таъбири ӯ дар бонги ин ной таъми шакар аст. Агар дар «Маснавии Маънавӣ» ин бонги ной оташи ишқ аст, ин ҷо овоест, ки аз он бӯйи шакар меояд:

Эй, бонки нойи хушсамар, дар бонги ту тамъи шакар,
Ояд маро шому саҳар аз бонги ту бӯи вафо.

Дар назари аввал, Мавлоно пайвандҳои воқеии калимотро барои тафсири маъниҳои ирфонии вожагони мавриди назари хеш ба кор мегирад. Масалан, беҳикмат нест, ки аз бонги ной таъми шакар ояд, чун барои асли ҳосил шудани найи навозанда зарур аст, ки шакари дохили онро бигиранд ва ҳамон сӯрохиҳои ваҷҳи шабоҳати он бо инсон ҳосил гардад. Дар аслу бунмояи най мавҷуд будани шакар, ки ин ҷо ҳам, аллакай, ин вожа аз асолати хеш дур шудааст, маънии рифоҳ ва шодии рӯҳониро дорад, ки барои равони инсони роҳрав ва солики тариқат ғазои маънавӣ биофаринад. Дар мисраи дувум бошад, вуҷуди бонги нойро аслу моҳияти ҳузури бӯйи вафо меҳисобад ва ин бонг садои муқаррарӣ нест ва ин вожа ҳам мунҳасир ба овоз ё садо дар луғат намебошад. Зеро, ин бонгу нидои ишқ ва сӯзи андарунии ошиқ аст, ки ҳарчанд зоҳиран баланду пуровоза нест, аммо андарун ва ҷони ошиқонро ба ларза оварад ва танҳо ҳамон бонги ной аст, ки ба гӯши ҷони ошиқон бӯйи вафодорӣ ва садоқат меоварад.

Дар канори ин, дар осори Мавлоно ҳамеша ной бо мафҳумҳои дам задан, дамидан, дам баровардан, суру сӯз ва амсоли ин истифода мешавад ва дар ҳамаи ин ҳолот вожагони муқаррарӣ аз сарҳади маъниҳои луғавии хеш дур рафта, ба ҷаҳоншиносии ирфонии шоир тобеъ гардидааст. Агар худи вожаи дам ҳамчун унсури корбурд ва мутаносиб бо най ба кор равад, он гоҳ даме, ки дар луғат ба маънии нафас ва ҳатто гоҳ рӯҳ тафсир мешавад, дар андешаи Мавлоно чанд маънии ирфонӣ касб мекунад. Нахуст, ҳамон василаест, ки тавассути он ной навохта мешавад ва ин дам ишорат ба дамидани рӯҳ бар ҷисми хокии инсон бошад. Ба ин хотир, феълҳои дамидан, шикастан, бастан бо истифода аз вожаи най чандин маонии ирфонӣ офаридаанд, ки нуфузи он дар ғазалиёти Мавлоно ошкор аст. Барои намуна ба чанд байт аз Мавлоно ручӯъ мекунем:

Чу нойи мо бишкастӣ, шикастаро барбанд,
Ниёзи ин найи моро бубин бадон дамҳо.

Най гоҳо дар сурудаҳои Мавлоно тимсоли Шамси Табрезӣ аст, ки асли эҷоди ҳамон бонги ишқ аз он берун ояд. Аз ин рӯ, Шамси Табрезӣ барои Мавлоно марказ ва нуқтаи овоз, ҳар нолаву овоз аст, ки аз вуҷуди ӯ берун меояд:

Андар дили овозе, пуршӯришу ғаммозе,
Он нола чунин донам, к-аз нойи ту меояд.

Ҷойи дигар ҳам мефармояд:

Бигӯ, эй ной ҳоли ошиқонро,
Ки овози ту ҷон меозмояд.

Дар маворидиҳо зиёде Мавлоно нойро ҳамроҳ бо аносири дигари мусиқӣ ба кор мебарад, ки ҳамагӣ василаи самоъ ва шеваи иртибот бо асл буда, моҳияти таълимоти ӯро тафсир мекунанд. Аз ин рӯ, най дар сурудаҳои Мавлоно бо чанг, рубоб, даф ва амсоли ин ҳамроҳ ба кор рафта, мазмунҳои орифонаеро касб мекунад, ки ҳамагӣ матолиби таълимоти ҷараёни Мавлавияро ташреҳ медиҳанд. Барои намуна чанд байти Мавлоно тазаккур хоҳад ёфт:

Най бо чанг:

Эй, чанг пардаҳои сипоҳонам орзуст,
В-эй ной нолаи хуши сӯзонам орзуст.

Ин ҷо нолаи хуши сӯзон, ки аслан дар илми адаб ҳамчун санъати парадокс ёд мешавад, махсуси нойи вуҷуди инсон аст, ки бо сӯзи хеш ба равони инсонҳо хушҳолӣ ато мекунад.

Ной бо даф:

Ором мадеҳ ту ной дафро,
К-орому қарори мо наёмад.

Ин ҷо ҳам дар беоромии наю даф шӯру исёни орифона таҷассум дорад, ки манзур ҳамоно самоъ аст ва аслу моҳияти таълими Мавлавия, ки бо рақси орифона маъруфият касб намудаву дар ҳар як ҳаракати он навъе маъниву рамзҳои ирфонӣ нуҳуфтааст.

Ной ва рубоб:

Гуфтамаш: «Рӯҳ худ тӯӣ, аҷабо чист он дигар,
Ҳала эй нойи хушнаво, ҳала эй боди пардадар.

Ҳамин тавр, дар осори Мавлоно най ҳамчун истилоҳи хосси ирфонӣ бо маъонии мухталиф ба кор рафтааст ва нуфузи он баёнгар аз матолибест, ки Пири Балх бар асоси онҳо мазмунҳои орифонаи андешаҳои хешро тафсир намудааст. На танҳо най, балки кулли асбоб ва мафоҳими мусиқӣ дар шеъри Мавлоно ба унвони истилоҳ ё таркиби ирфонӣ ҷой пайдо намуда, андешаҳои пурбори сӯфиёнаи ӯро шарҳу тавзеҳ додаанд. Аз ин ҷо, най ҳамчун намоди рӯҳ, худи инсон ва вуҷуди муборакі Шамси Табрезист, ки аз он бонги хушнавое меояд ва соликро ба сӯйи асл ва ватани азалӣ мехонад.

АДАБИЁТ

1. Аттор, Фариддудин, ибни Иброҳим. Мусибатном: бо тасҳеҳи доктор Нуронии Висол. - Теҳрон: Интишороти Заввор, 1338
2. Балхӣ, Ҷалолуддин. Маснавии Маънавӣ / Ҷалолуддини Балхӣ. – Теҳрон: нашри Замон, 2001.
3. Кошифӣ, Ҳусайн Воиз. Футувватномаи султонӣ. Ахлоқи Муҳсинӣ. Рисолаи Ҳотамия; таҳиякунанда ва муаллифи пешгуфтору шарҳдиҳандаи луғот Қурбон Восеъ. – Душанбе: Адиб, 1991.
4. Мавлавӣ, Ҷалолуддин Муҳаммад. Маснавӣ: ба тасҳеҳи Риналд Николсон. – Теҳрон, Интишороти Мавло, 1360.
5. Мавлавӣ, Ҷалолуддин Муҳаммад. Куллиёти Шамс ё Девони Кабир: ба тасҳеҳ ва ҳавошии Бадеуззамони Фурӯзонфар. – Теҳрон, Интишороти Донишгоҳи Теҳрон, 1330.
6. Маҳдии Ситоишгар. Рубоби Румӣ / Ситоишгар Маҳдӣ; гаште дар рафтор ва осори мусиқоии ҷамолофарин Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ. - Теҳрон, 1384. - Ҷ.1-2.
7. Мӯсии Наср. Насру шарҳи Маснавии Маънавии Мавлоно Ҷалолуддини Балхии Румӣ. Ҷилди аввал / Наср, Мӯсӣ. – Теҳрон: ношир Муҳамади Рамазонӣ, 1326.
8. Саҷҷодӣ, Сайдҷаъфар. Фарҳанги истилоҳот ва таъбироти ирфонӣ. – Теҳрон: Таҳурӣ, 1370.
9. Хатлонӣ, Салим. Бенавое дар навои най / Салими Хатлонӣ. – Душанбе: Истеъдод, 2011.
10. Ҳиравӣ, Ансори Хоҷа Абуллоҳ. Табақот ус-суфия; бо тасҳеҳи доктор Сарвари Мавлоӣ. – Теҳрон: Тӯс, 1362.

МАЗОМИНИ ИРФОНИИ НАЙ ВА НАЙИСТОН ДАР ОСОРИ МАВЛОНОИ БАЛХ

Мақола ба баррасии маъниҳои ирфонии най ва найистон дар эҷодиёти Мавлоно Балхӣ, бахусус, дар «Маснавии маънавӣ» бахшида шудааст. Таъкид мегардад, ки Мавлоно тавассути эҷоди ҷараёни тозае бо номи «Мавлавия» мафҳуму истилоҳотеро ба адабиёти ирфонии форсу тоҷик ворид намуд, ки қаблан собиқае надоштанд ё камтар ба кор рафтаанд. Намунаи барҷастаи ин гуна мафҳумҳо вожагони най, найистон буда, аз пуркортарин истилоҳоти ирфонии Мавлоно ба шумор мераванд. Муаллифи мақола дар заминаи таҳлили намунаҳо аз эҷодиёти шоир маъниҳои рамзии най ва найистонро тавзеҳ дода, ба хулосае мерасад, ки дар сурудаҳои шоир най асосан самбули рӯҳи инсон аст.

Калидвожаҳо: Мавлоно Балхӣ, «Маснавии маънавӣ», тасаввуф, най, найистон, истилоҳоти сӯфия, самбул.

СУФИЙСКИЕ ПОНЯТИЯ «НАЙ» И «НАЙИСТОН» В ТВОРЧЕСТВЕ МАВЛЯНА БАЛХИ

Статья посвящена рассмотрению суфийских понятий най (свирель) и найистон (заросли камыша) в творчестве Мавляна Балхи, особенно, в его «Месневи ма'нави». Подчеркивается, что Мавляна благодаря созданию нового течения – «Мавлявия» вводит в суфийскую персидско -таджикскую литературупонятия и термины, которые до этого времени не имели прецедента или были малоупотребительны. Яркий тому пример – слова най и найстон, относящиеся к числу наиболее распространенных суфийских терминов, используемых Мавляна. Автор статьи, на основе анализа примеров из творчества поэта осуществляет интерпретацию оттенков символического значения рассматриваемых понятий и приходит к выводу, что в стихотворениях поэта най в основном символизирует человеческую душу.

Ключевые слова: Мавляна Балхи, «Месневи ма'нави», мистицизм, най (свирель) и найистан (заросли камыша), суфийские термины, символы

SUFI NOTIONS OF "NAI" AND "NYISTON"IN MAVLAVIBALKHI`S CREATION

The article dwells on the consideration beset with the Sufi concepts of nai (pipe) and nayiston (reed thickets) in MavlaviBalkhi`s creation, namely in his "Mesnavima'navi". The author of the article lays an emphasis upon the idea that, due to the creation of a new trend, Mavlaviya, Mavlaviintroduces concepts and terms into Sufi Persian-Tajik literature, which until that time had no precedent or were of scantly resorting to. A vivid example of the relevant words nay and nyston, which are among the most common Sufi terms used by Mavlavi. Proceeding from the analysis of examples out of the poet's creation, the author of the article conducts the interpretation concerning the shades of the symbolic meaning of the notions in question and concisely, he concludes that in the poet's creations the nay symbolizes the human soul basically.

Key words: MavlaviBalkhi, "Masnavima'navi", mysticism, nai (pipe) and nayistan (reed beds), Sufi terms, symbols.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Хоҷӣ Ҳусайн Мусозода*** – Раиси шӯрои уламои вилояти Суғд, номзади илмҳои филологӣ. E-mail: **musozoda@mail.ru.** Тел.: **(+992) 92-771-64-01**

Сведения об авторе: ***Ходжи Хусайн Мусозода*** **-** председатель Совета улемов Согдийской области, кандидат филологических наук. E-mail: **musozoda@mail.ru.** Тел.: **(+992) 92-771-64-01**

Information about the author: ***Hoji Husain Musozoda*** **-** Head of Ulama Council in Sogd region, PhD in Philological sciences. E-mail: **musozoda@mail.ru**. Tel.: **(+992) 92-771-64-01**

УДК: 891.5

МАВҚЕИ МИСОЛҲОИ ШЕЪРӢ, БАСОМАД ВА ТАРЗИ ИСТИФОДАИ ОНҲО ДАР "АХЛОҚ-УЛ-АШРОФ"- И УБАЙДИ ЗОКОНӢ

Ғаффоров Ш.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

"Ахлоқ-ул-ашроф" яке аз бузургтарин осори насрии Убайди Зоконӣ ва, ба гуфтаи Забеҳуллои Сафо, аз муҳимтарин осори вай ба ҳисоб меравад. Тибқи нишондоди муҳаққиқи мазкур, ин асарашро Убайд ба равиши асари Насируддини Тӯсӣ – "Авсоф-ул-ашроф" чунин номгузорӣ кардааст [9, с.1270]. Яке аз хусусиятҳои назарраси "Ахлоқ-ул-ашроф" – ин тавассути назм ё намунаҳои шеърӣ таҳвият додани афкори интиқодӣ ва андешаҳои иҷтимоии муаллиф аст. Мисолҳои шеърӣ сар то интиҳои рисоларо фаро гирифта, муаллиф зимни овардани онҳо суханони танзомезу муканнаи худро боз ҳам муассиртар гардонидааст. Бояд зикр кард, ки дар ин маврид "Ахлоқ-ул-ашроф" шабоҳати

зиёде ба “Гулистон”- и Шайх Саъдӣ дорад ва ба эҳтимоли қавӣ метавон гуфт, ки Убайди Зоконӣ дар навиштани ин асари худ пайравӣ ба асари мазбури Шайх намудааст. Парвиз Нотили Хонларӣ дар ҳамин вуҷуди шабоҳати зиёд миёни осори насрии Убайд, хусусан “Ахлоқ-ул-ашроф”- и вай ва “Гулистон”- и Шайх Саъдӣ Убайдро шогирди Саъдӣ гуфтааст, ки қобили қабул аст [11, с.123]. Агар яке аз нишонаҳои татаббуи Убайд ба “Гулистон” – ин истифодаи ҳунармандонаву мустаидона аз санъати саҷъ бошад, нишонаи бориз ва назарраси дигари ҳамоҳангиву шабоҳат миёни ду асар ҳамин корбурди амсилаи шеърӣ ё намунаҳои назмӣ дар “Ахлоқ-ул-ашроф” ба ҳисоб хоҳад рафт. Чунонки дар “Гулистон”- и Шайх Саъдӣ истифода аз амсилаи шеърӣ ҷуз аз муҳассаноти каломӣ вазифаи қувватнокии фикру мудаллал гаштани андешаҳои муаллифи он аст, дар “Ахлоқ-ул-ашроф” низ мисолҳои шеърӣ агар, аз як сӯ, омили вуҷуди бадеӣ-эстетикии матнҳои он гашта бошанд, аз сӯйи дигар, муҷиби асосноктар ва далелноктар гаштани фикру андешаҳои муаллифи он мебошанд. Аммо, бояд тазаккур дод, ки ҳайсият ва усули корбурди амсилаи шеърӣ дар ҳар ду асар фарқияти қобили таваҷҷуҳ дорад. Дар “Гулистон”, чунонки маълум аст, бакоргирии ашъор, пеш аз ҳама, ҷиҳати баёни матолиби пандуҳикматӣ ва тақвият додани ҷанбаи ҳикматии матнҳои он сурат пазируфтааст. Шайх Саъдӣ асари мазбури хешро танҳо ва танҳо аз назаргоҳи ҳикмат ва ахлоқ таълиф намудааст, чун ҷанбаи андарзии он дар саропои асараш машҳуд аст ва мақсуди вай аз эҷоди асараш танҳо мубтанӣ аст бар фаропеш овардани афкори пандуахлоқӣ ва ба ин сурат таблиғи ахлоқи мустаҳсан дар баробари ахлоқи ношоистаи инсонӣ. Афкори пандуахлоқии Шайх Саъдӣ чошниҳои таҷоруби рӯзмарраи худи вай аз сафарҳояш мебошанд ва аксари онҳоро хонанда метавонад дар рӯзгори ҳамарӯзаи хеш мавриди истифода қарор бидиҳад. Агарчи дар “Гулистон” нукоти танқидӣ ҳам вуҷуд доранд, аммо Саъдӣ онҳоро на бар мабнои интиқод аз авзои рӯзгори хеш матраҳ намудааст, балки манзур ва ҳадафи асосии Шайх аз корбурди нукоти маъдуди танқидӣ боз ҳам панд додан ва андарз гуфтан аст, ба манзури ислоҳи ҷомеаи худ ва ҷалб ва раҳнамоии хонандаи хеш сӯйи ахлоқи мустаҳсан.

Аммо афкори матраҳнамудаи Убайди Зоконӣ дар “Ахлоқ-ул-ашроф” аз диди тамоман дигаре сурат пазируфта ва ҷуз аз он аст, ки мо дар матнҳои “Гулистон” бархӯрдашон менамоем, афкори Убайд бо диди нав ва ногуфта ва ба қасди дигаре матраҳ гардидаанд. Убайди Зоконӣ афкору андешаҳои худро бар мабнои интиқодоти тезу талх матраҳ намудааст ва мақсуди вай аз таълифи ин асараш на панд додан ва андарз гуфтан бар хонандагони худ аст, балки интиқоди бепардаву рамз ва ҳадафмандона аз усули ҳаёт ва тарзи рӯзгузаронии абнои рӯзгори хеш дар мисоли аъёну ашрофи он аст. Дар иртибот бар ин гуфтаҳо, муҳаққиқи эронӣ Исфандиёри Ковиёнӣ ақидаи бархе аз муҳаққиқонро, ки Убайди Зокониро аз зумраи адибони ҳаззол медонанд, инкор намуда, ӯро шоир ва нависандаи нуктасанҷ ва мунтақиди бузурги иҷтимоӣ мешуморад [5, с.202].

Амсилаи шеърие ҳам, ки дар “Ахлоқ-ул-ашроф” истифода гардидаанд, ба манзури тақвият додани афкори интиқодии Убайд корбурд шудаанд ва тарзи бакоргирии онҳо ҳам то ҷойи қобили таваҷҷуҳ аз “Гулистон” фарқ менамояд.

Дар “Ахлоқ-ул-ашроф”, дар маҷмӯъ, 50 мисоли шеърӣ коргир шудаанд. Дар ин ашъор се рубоӣ ва як маснавӣ низ иборат аз 10 байт бар вазни “Шоҳнома”- и Ҳаким Фирдавсӣ мавҷуданд ва боқии мисолҳо фарогири абёти ҷудогона мебошанд. Қайд кардан бамаврид аст, ки ҷуз аз 49 байт дар ҷо-ҷойи “Ахлоқ-ул-ашроф” мисраъҳои ҷудогуна низ ба теъдоди 9 адад истифода гардидаанд, ки Убайд онҳоро, пеш аз ҳама, ба манзури тақвияти интиқодоти иҷтимоии хеш коргир шудааст ва онҳо бештар дар либоси танзу киноя корбурд шудаанд.

Амсилаи шеърӣ ҷуз аз фасли аввали боби ҳафтуми “Ахлоқ-ул-ашроф” дар муқаддима (дебоча) ва ҳама бобҳои он мавриди истифода қарор гирифтаанд. Басомади бакоргирии ашъор дар асар гуногун аст, дар баъзе кам, дар баъзе зиёд ва дар баъзе бисёртар. Дар қисмати муқаддимавии асар 6 байт, дар боби якум 6 байт иборат аз 2 рубоӣ ва 1 байти алоҳида ва, ҳамчунин, 2 мисраи ҷудогуна (дар матнҳои алоҳида), дар боби дувум 5 байт, дар боби сеюм 16 байт якҷо бо 1 рубоӣ ва 1 маснавии 10-байта, боби чаҳорум – 2 байту 1

мисраъ, боби панҷум – 5 байту 1 мисраъ, боби шашум – 5 байт ва 1 мисраъ ва дар боби ҳафтум 4 байт ва 4 мисраи алоҳида истифода гардидаанд. Дар ҳар фасли бобҳо теъдоди абёт ва мисраот фарқ мекунанд. Масалан, дар боби якум: фасли якум – 2 мисраъ, фасли дувум – 6 байт фарогири 2 байту 2 рубоӣ; боби дувум: фасли якум – 1 байт, фасли дувум – 4 байт; боби сеюм: фасли якум – 1 байт, фасли дувум – 15 байт фарогири 2 байти ҷудогуна, 1 рубоӣ ва як маснавӣ иборат аз 10 байт; боби чаҳорум: фасли якум – 1 байт, фасли дувум – 1 байт ва 1 мисраъ; боби панҷум: фасли якум – 1 байт, фасли дувум – 4 байт ва 1 мисраъ; боби шашум: фасли якум – 2 байт, фасли дувум – 3 байт ва 1 мисраъ; боби ҳафтум: фасли якум – 0, фасли дувум – 4 байт ва 4 мисраъ. Басомади корбурди абёт ва мисраот дар "Ахлоқ-ул-ашроф"- ро метавон тавассути нақшаи зер матраҳ намуд:

"Ахлоқ-ул-ашроф"		Миқдори байтҳо	Миқдори мисраот
Муқаддима		6	
Боби аввал	Мазҳаби мансух	0	2
	Мазҳаби мухтор	6	
Боби дувум	Мазҳаби мансух	1	
	Мазҳаби мухтор	4	
Боби сеюм	Мазҳаби мансух	1	
	Мазҳаби мухтор	15	
Боби чаҳорум	Мазҳаби мансух	1	
	Мазҳаби мухтор	1	1
Боби панҷум	Мазҳаби мансух	1	
	Мазҳаби мухтор	4	1
Боби шашум	Мазҳаби мансух	2	
	Мазҳаби мухтор	3	1
Боби ҳафтум	Мазҳаби мансух	0	
	Мазҳаби мухтор	4	4

Нахустин абёти "Ахлоқ-ул-ашъор" чунинанд:

Туро, к-аз ду гетӣ баровардаанд,
Ба чандин миёнҷӣ бипарвардаанд.
Нахустини фикрат, пасини шумор
Туӣ, хештанро ба бозӣ мадор [4, с.141].

Як вижагии корбурди амсилаи шеърӣ дар "Ахлоқ-ул-ашроф" иборат аз он аст, ки онҳо дорои ду ҷанбаанд: пандунасиҳатӣ ва интиқоди тамасхурангез. Ҷанбаи андарзиву ҳикматии он дар муқаддимаи рисола ва фаслҳои аввали он, ки ба ахлоқи мазҳаби мансух бахшида шудааст, бастагӣ дорад. Убайд ашъори ин қисматҳоро бе рамзу киноя ва баёни танзомез ба таври маънии аслияшон овардааст, чунонки намунае аз он дар фавқ нишон дода шудааст. Намунаи дигар байти зер аст, ки он ҳам ҷанбаи пандуахлоқӣ дорад, чун назари манфии Убайдро аввалан бар таассуботи диниву мазҳабӣ бозгӯйӣ карда, хонандаро дар рӯҳияи таҳаммулгаройӣ тарбият менамояд, баъдан, таблиғи хулқи хуш менамояд:

Ба ҳар мазҳаб, ки хоҳӣ, бош, некухулқу бахшанда,
Ки куфру некхӯйӣ беҳ зи ислому бадахлоқӣ [4, с.142].

Махсусан, дар фаслҳои нахустини бобҳо ҳама ашъори овардаи Убайд ҷанбаи пандунасиҳатиро бархӯрдоранд ва вай онҳоро ба манзури нишон додани ахлоқи мутақаддимон ба ҳайси мисол оварда, бад-ин сурат он амсиларо ба ҳайси намунаи ибрат ва улгуи рафтори мустаҳсан ва қобили пазириш дар пешорӯйи хонандагони хеш, бахусус, абнои рӯзгори худ ва муосиронаш, ки ба бадахлоқӣ ва фаҳшову маноҳӣ ғӯтавар гардида буданд, қарор додааст. Аммо манзури овардани амсилаи андарзӣ аз мутақаддимон барои Убайд, аслан, на нишон додани ахлоқи пешиниён ва ситоиши он аст, балки чизи тамоман дигарест. Убайд тавассути ин асараш чун Шайх Саъдӣ ба панду ҳикмат додан намекӯшад, ӯ ҳамчун ҳакиме ваъзгӯ ва амрдиҳанда ба маъруфот баромад намекунад, балки ӯ худ аз

минбари ваъзу панд безор аст, панду насиҳат доданро ӯ амре хайр намеҳисобад, баръакс, вай ашхоси ваъзгӯ ва насиҳатпардозро бад мебинад ва, чунонки аз муҳтавои ҳикоёти “Ахлоқ-ул-ашроф” дида мешавад, ӯ чунин ашхосро ба боди масхараву истеҳзо мекашад ва онҳоро дар чашми ҷомеаи даврони худ ҳақиру оҷиз менигорад. Вай мунтақиди бузурги иҷтимоиёти даврони худ аст, мехоҳад ҷомеа ва даврони худро ба навъи дигар бубинад [6, с.4]. Бинобар ин, манзури Убайд аз овардани амсилаи шеърӣ ҷуз аз нишон додани ахлоқи пешиниён, ҳамчунин, қиёси ахлоқи онон бо тарзи ҳаёт ва урфи муосирони худ аст, ба манзури ислоҳи ахлоқи номустаҳсани абнои рӯзгори хеш. Ҳамин аст, ки Убайд ҳама фаслҳои нахустини бобҳои асарашро ба таври умумӣ “Мазҳаби мансух” номгузорӣ кардааст, ки мурод аз он насху лаґв шудани ҳамчунин ахлоқ аст. Дар ҳама таърифоте, ки Убайд дар иртибот бар ахлоқи пешиниён мекунад, ґаму андуҳ ва таассуфи шадиде ниҳон аст. Аз ин ҷиҳат, таърифот аз ахлоқи пешиниён мадҳу ситоиши холиси онон нест, балки изҳори таассуф аз лаґви он аст.

Дар фаслҳои дувуми ҳар боб агар амсилаи шеърӣ истифода шуда, танҳо ба манзури тамасхуру истеҳзои муосирони худи муаллиф истифода шудаанд. Маънии ашъори овардашуда ҳамон маънии аслии онҳост, вале хатти сайри онҳо на сӯйи ваъзу ситоиш, балки ба самти тамоман дигаре майл менамояд. Ин самти интихобнамудаи муаллифи “Ахлоқ-ул-ашроф” хонандаи худро ба пасманзари маонии ашъор, ба дунёи танзу киноёт савқ медиҳад ва манзараи мудҳишу фалокатбореро дар иртибот бар ахлоқи абнои рӯзгори муаллиф ба намоиш мегузорад. Ашъори мисолии фаслҳои “Мазҳаби мухтор”, бо ин ки аз маонии ахлоқӣ низ бархӯрдоранд ва агарчи аз бори андарзӣ низ орӣ нестанд, аммо нишондиҳандаи бадахлоқии муосирони муаллифанд, чаро ки ба василаи онҳо шебу нузули фитриву табъии онон мавриди “таъриф” қарор гирифтаанд. Ҳама амсилаи шеърии фаслҳои дувуми рисола ба манзури тамасхур аз абнои рӯзгори муаллиф дар мисоли аъёну ашроф, ки Убайд аз онон ба унвони асҳобуно ном гирифтааст, истифода шуда, дар пардаи танзу киноёти риққатовар сурат пазируфтаанд.

Дар робита бар он чи зикр гардид, хатти машии амсилаи шеърӣ дар фаслҳои ҳар боби “Ахлоқ-ул-ашроф” ба таври муқобил ҳаракат карда, ду вазифаро иҷро менамояд: дар фаслҳои нахустин ба сӯйи таъриф ва ёдкарди таассуфангез аз гузаштагон ва ахлоқи мустаҳсани онон, дар фаслҳои баъдӣ ба манзури ифшои бепардаи ахлоқи муосирон. Вобаста ба ҳамин хатти машӣ, ашъори мисолияи фаслҳои нахустин бори маънавиву ҳикматиро доро мебошанд, чун тавассути онҳо Убайд ахлоқи пешиниёнро ситоиш кардааст. Амсилаи фаслҳои дувум, баръакс, бадахлоқии муосиронро бозгӯйӣ менамоянд, зеро мақсуди муаллиф аз овардани онҳо на таъриф, балки тамасхуру истеҳзо ва, ниҳоятан, интиқоди шадид аз абнои рӯзгори худ аст, чун ин амсила танҳо ва танҳо дар пардаи рамзу киноя пардохта шудаанд. Ба ҳайси мисол, байтеро аз “Мазҳаби мансух”- и боби аввал меорем, ки тавассути он Убайд сирати накуҳидаи муосиронашро бозгӯйӣ менамояд, ки баёнгари ҳирсу оз, маишатпарастиву дунёпарастии муосирони муаллиф аст:

Онро, ки додаанд, ҳамин ҷо-ш додаанд,
В-онро, ки нест, ваъда ба фардо-ш додаанд [4, с.144].

Дар байти мазкур ҳадафи Убайд чанд чиз аст: аввал ин ки ӯ ахлоқи ношоистаи абнои рӯзгори худро баррасӣ менамояд; дувум, дарачаи ҷаҳонбинӣ ва пояи тафаккури ононро бозгӯйӣ мекунад; сеюм, муқаддасоти диниро дар мисоли рӯзи фардо (/қиёмат) аз даҳони абнои дунёпарасти рӯзгораш ба боди тамасхуру истеҳзо меафканад.

Дар ҳамин фасл Убайд ду рубоиро, ки мазмуни фалсафӣ дошта ва яке аз Умари Хайём аст, мисол оварда, ба василаи онҳо ба доми дунёву ҳавои нафс гирифтор будани абнои рӯзгорро баррасӣ менамояд:

Эй он ки натиҷаи чаҳору ҳафтӣ
В-аз ҳафту чаҳор доим андар тафтӣ.
Май хӯр, ки ҳазор бор бешат гуфтам:
Боз омаданат нест, чу рафтӣ, рафтӣ [4, с.145].

Ва:

З-ин сақф бурун равоқу даҳлезе нест,

Ҷуз бо ману ту ақлеву тамйизе нест.
Ночиз, ки ваҳм кардаӣ, к-он чизе ҳаст,
Хуш бигзар аз ин хаёл, к-он чизе нест [4, с.145].

Чунонки дида мешавад, дар ҳар ду рубоӣ Убайд ахлоқи муосирон ва дараҷаи ҷаҳондонии ононро баррасӣ намуда, нисбат ба муқаддасот камаҳаммият будани онҳоро бозгӯйӣ менамояд.

Дар боби дувум, ки ба мавзӯи шуҷоату мардонагӣ бахшида шудааст, дар фасли нахуст ин байтро Убайд ба манзури нишон додани истиқболи мутақаддимон аз ҷавонмардиву далерӣ овардааст:

Ки сармояи мард мардонагист,
Далериву родиву фарзонагист [4, с.146].

Аммо дар фасли дувуми ҳамин боб ҷавонмардии муосирон ва назари онон бар ин мавзӯъро аз даҳони худи онон бад-ин тариқ баррасӣ менамояд:

Диловар, ки н-андешад аз тиру асир,
Ту девона хонаш, махонаш далер [4, с.146].

Чунонки дида мешавад, Убайд тавассути ин байти “пандуахлоқӣ” ҳадди ҷавонмардии абнои рӯзгори хешро баён дошта, онҳоро ба тамасхур диловари бо оини нав хондааст. Диловарии абнои рӯзгори вай, ба гуфтаи Убайд, иборат аз андеша кардан аз тир хӯрдан ва асир афтодан аст, на дар баробари борони тир рафтан ва наандешидан аз асорат. Дар байти дигар диловари даврони Убайд тарсими ҳақиқӣ шудааст, он диловари майдони мутрибу базм ва маноҳӣ аст:

Тиру табару найза намедонам х(в)ард,
Луту майю мутрибам аҷаб месозад [4, с.146].

Ҷавонмардӣ дар даврони Убайд гурез аз майдони разм ва хуни худро барҳадар нарехтан аст. Убайд бо танз мегӯяд, ки хушо он паҳлавон, ки аз майдон фирор менамояд ва ақиби худро ба рақибонаш нишон медиҳад:

Гурезе баҳангом пирӯзӣ аст,
Хунук паҳлавоне, к-аш ин рӯзӣ аст [4, с.146].

Чунонки дида мешавад, дар ҳар се мисоли шеърӣ нақши танз сахт маҳсус аст, Убайд тавассути нешханди ҳадафманди хеш ахлоқи муосиронашро ба боди интиқод кашида, аз ҷониби дигар, ахлоқ, фитрат ва дараҷаи ҷаҳонбинии ононро ифшо намудааст.

Дар боби сеюми “Ахлоқ-ул-ашроф”, ки ба мавзӯи иффат ихтисос ёфтааст, байте, ки Убайд дар фасли “Мазҳаби мансух” истифода кардааст, онро ба ҳайси намогари ахлоқи мутақаддимон ба кор бурда ва дар он танзу киноятe ба назар намерасад:

Ба ҳама халқ сарафроз бувад он ки чу сарв
Покдоман буваду ростраву кӯтаҳдаст [4, с.147].

Ва тавассути ташбеҳи шахси хушахлоқ ба сарв покдоманиву иффатро таблиғ намудааст. Аммо, дар мисоле, ки тавассути рубоӣ дар фасли “Мазҳаби мухтор” дар робита ба ахлоқи абнои рӯзгори худ оварда, ниҳод ва табиати бадахлоқонаи ононро бо истифодаи танз фош намудааст:

То битвонӣ, нигори дилбаре меҷӯ,
Маъшуқаи чобуки хушхар меҷӯ.
Чун ёфтияш, мадеҳ маҷолаш нафасе,
Ме...ву раҳо мекуну дигар меҷӯ [4, с.148].

Он чӣ дар ин маврид муҷиби тааҷҷуби хонанда мешавад, услуби ба худ хосси Убайд мебошад, ки оганда аз талхгӯйиҳову фаҳшпардозиҳост, ки ин равиш, албатта, бесабаб нест. Хонандаи ноогаҳ аз авзои сиёсӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангӣ-мадании замони зиндагонии Убайди Зоконӣ фикр мекунад, ки корбурди ҳамчунин алфози дур аз доираи ахлоқ ба худи шахси Убайд ҳам хос аст ва худи вай ҳам аз зумраи афроди авбоштабиат ва ринди бозорӣ аст. Аммо, ба хонандаи закитабъ ва огоҳ манзараи тасвирнамудаи Убайд ба навъи дигаре ҷилва медиҳад, ӯ дарк менамояд, ки Убайд ҳамчунин алфози қабеҳ ва дур аз доираи ахлоқи мустаҳсанро ба мақсади хоссе истифода намудааст. Давлатшоҳ низ дар тазкираи худ оварда, ки яке аз муосирони Убайд ӯро ба ҳамин ҷиҳат, яъне фаҳшпардозиву талхгӯйӣ

маломат карда буд ва ба вай гуфта буд: “... Аз илму фазоил иҷтиноб намудан ва бо вуҷуди ҳунар ва фазилат, ки турост, ба хасоис машғул будан, аз тариқи ақл баид менамояд” Убайд дар посух ба вай ин қитъаро мегӯяд:

Эй Хоҷа, макун, то битавонӣ, талаби илм,
К-андар талаби ротиби ҳаррӯза бимонӣ.
Рав, масхарагӣ пеша куну мутрибӣ омӯз,
То доди худ аз меҳтару кеҳтар биситонӣ [1, с.289].

Қитъаи мазкур шолудаи танзу киноя нисбат ба вазъи илму фарҳанги замони худи Убайд аст. Убайд, албатта, худ медонад, ки илм ва омӯзиш шарофат дорад ва муҷиби сарфарозии инсон мегардад. Вале, ин ҷо вазъи ҳокими даврони хешро масхара карда, таблиғ бар дурӣ ҷустан аз омӯзиш ва илм мекунад. Бинобар ин, ба василаи ин тарзи гуфтор Убайд фазои ахлоқӣ, дурусттар: бадахлоқии ҷомеаи худро дар мисоли аъёну ашрофи давронаш инъикос карда, тавассути дуруштгӯйӣ ниҳоди орӣ аз ҳама гуна иффату покдоманӣ ва сафови ботину қалби абнои рӯзгори худро инъикос менамояд. Истифода аз танзу киноя дар саропои “Ахлоқ-ул-ашроф” ба таври возеҳ ба назар мерасад ва дар ин бобат бояд зикр намуд, ки танзу киноя сутуни устувори ақоиди иҷтимоии Убайд ба ҳисоб мераванд. Ҳусайни Саффоридӯст дар ин маврид дуруст қайд менамояд: “Он чӣ Мавлоно Убайди Зокониро назди хоссу ом азиз гардонида, танзҳои ӯст, ки бар золимон ва фосиқон ва шайёдон тохта ва рӯзгори онҳоро ба ришханд гирифтааст” [10, с.153]. Холиқ Мирзозода ба ин равиш, яъне ба гуфтори танзомез майл кардани Убайдро дар назари танқидии вай ба аъёну ашрофи замонаш мебинад, ки қобили дастгирӣ аст, чун дар ҳама бобҳои “Ахлоқ-ул-ашроф” диди Убайд танҳо аз нуқтаи назари танқид талаққӣ мешавад [7, с.207]. Мусташриқи даврони шӯравӣ Мӯсо Раҷабов, ки оид ба ҷаҳонбинии Убайди Зоконӣ бо ҳамин унвон таҳқиқоти арзишманде бурдааст, қайд менамояд, ки дар асари мазбур Убайд ахлоқи ҳокими даврони худро зери тозиёнаи ниҳоят сахти танқид гирифтааст [8, с.35].

Дар ҷомеае, ки Убайд ба сар мебурд, ҳама ҷо ва дар ҳама қишри он, хусусан дар байни аъёну ашроф, бадахлоқии бесобиқа ҳукмфармо буд ва, аз ҷониби дигар, дасти зулму тааддӣ ва заҷру ситам бар болои мардуми Эрон бас дароз буд, замона,- ба гуфтаи Хоҷа Ҳофиз,- чу чашми суроҳӣ хунрез буд. Мардони разм оини ҷавонмардиву таҳамтаниро батамом аз хотир зудуда буданд ва барои роҳ ёфтан ба доираҳои ҳукумату дарбор аз ҳеҷ гуна беномусиву бевиҷдонӣ чашм намепӯшиданд. Аҳли дарбор ва риҷоли ҳукумат дар даврони Убайд бештар ба ашхоси мутамаллиқу хушомадгӯ ва орӣ аз номусу виҷдон ҳусни таваҷҷуҳ зоҳир менамуданд, ки ба аҳли фазлу дониш. Риҷоли ҳушманду худогоҳ ва мардони илм ҷойи худро ба афроди бадахлоқу беномус дода буданд ва ба танҳоӣ дар кунҷи узлату бехабарӣ ба сар мебурданд [2, с.24]. Дар боби мазбури “Ахлоқ-ул-ашроф” Убайд ҷиҳати тасвири таҳамтанон ва паҳлавонони даврони худ маснавие муштамил бар даҳ байт ба вазни “Шоҳнома” оварда ва дар он бо танзу киноя бо истифода аз номҳои мустаори Рустам, таҳамтан, ял ва Ҳумон ҳокимони давр ва умарои замони худро сахт ба боди масхараву ҳаҷв кашида, ки овардани он ин ҷо адами риояти адаб хоҳад шуд [2, с.149]. Дар қитъаи мазкур Убайд, бемуҳобо, ишорати муканнаъе ба аъёну ашрофи Шероз ва ҳокимони Форс менамояд. Шояд дар нигоҳ ба ҳамин равиши ғайри риоят дар адабгуфторӣ аст, ки муҳаққиқи эронӣ Эраҷи Вомиқӣ “Ахлоқ-ул-ашроф”- и Убайдро ҷуз аз он ки дилкашу марғуб муаррифӣ кардааст, аз тундтарин ва сахттарин осори вай қаламдод кардааст [3, с.251]. Мо бар гуфтаи муҳаққиқи мазкур ҳаминро илова карданием, ки асари мазбури Убайд на танҳо аз тундтарину сахттарин осори ӯ, балки тамоми осори мансури адабиёти классикии форсу тоҷик ба ҳисоб хоҳад рафт.

Бад-ин минвол, метавон натиҷагирӣ кард, ки амсилаи шеърӣ дар “Ахлоқ-ул-ашроф”, умуман, ба ду тарз истифода мешавад: 1) ба тарзи мутаодил ва одиву шаффоф, чунонки маънӣ медиҳанд; 2) ба таври ғайримутаодил ва рамзӣ. Дар тарзи якум Убайд амсилаи шеъриро, чунонки ҳаст, истифода менамояд ва бар маонии он дигаргуние ба василаи маҷозу рамз ворид намесозад. Аксари ашъоре, ки дар ин маврид аз ҷониби Убайд оварда мешаванд, аз ҳайси мазмуну маъно дорои бори пандуахлоқиянд ва арзиши ҳикматӣ дар

онҳо дида мешавад. Ин ашъорро Убайд, чунонки зикр намудем, дар қисмати муқаддимаи асар ва фаслҳои нахустини бобҳо овардааст ва тавассути онҳо, аз як ҷониб, ниҳоди мамлу аз ахлоқи мустаҳсани пешиниёнро баррасӣ намуда, аз сӯйи дигар, ин ахлоқро дар баробари ахлоқи муосирони худ гузошта ва онро ба ҳайси тарозуи ченаки ахлоқӣ мустафод шудааст. Аммо, амсилаи шеърии фаслҳои дувуми ҳама бобҳо ба гунаи дигар ва бо мақсади хос мавриди истифода қарор гирифтаанд. Убайд тавассути овардани онҳо, аз як тараф, ахлоқи ношоиста ва дур аз инсонии абнои рӯзори хешро дар мисоли аъёну ашроф нишон додааст, аз ҷониби дигар, ин амсиларо василаи танзҳову киноёти ҳадафмандонаи хеш қарор додааст. Бояд тазаккур дод, ки маҳз дар ҳамин маврид тарзи нигориши Убайд аз тарзи носирии Шайх Саъдӣ дар “Гулистон”-аш фосила пайдо мекунад ва нуқтаи назари ҳар дуро дар муқобили ҳам қарор медиҳад: нуқтаи назари Убайд ба сӯйи мазоҳу тамасхур дар либоси танзу киноя ва фаҳшгӯйиҳову ношоистанависӣ самт мегирад ва нуқтаи назари Шайх Сайдӣ ба сӯйи панду ахлоқ ва таблиғи хушахлоқӣ ба василаи риояти таодул ва маданияти гуфтор. Ин фосилагузинии Убайд возеҳтарин фарқияти тарзи нигориши вай аз сабки Саъдӣ ва кулли носирони пеш ва баъд аз ӯ мебошад, ки мунҷар бар сабки хоссе махсус бар худи вай гаштааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Ассамарқандӣ, Амир Давлатшоҳ бинни Алоуддавла Бахтишоҳ. Тазкират-уш-шуаро / Давлатшоҳ, Амир ибни Алоуддавла Бахтишоҳи Ассамарқандӣ; бо саъй, эҳтимом ва тасҳеҳи Э.Браун. - Лондон, 1318 мутобиқ ба 1900 милодӣ.
2. Атобакӣ, Парвиз. Дар шинохти Убайди Зоконӣ / Парвизи Атобакӣ // Убайди Зоконӣ латифапардоз ва танзовари бузурги Эрон; гирдоварӣ ба кӯшиши Беҳрӯзи Соҳибихтиёр ва Ҳамид Боқирзода. - Теҳрон: Интишороти “Ашкон”, 1375. - С.15-29.
3. Вомиқӣ, Эраҷ. Убайди Зоконӣ – латифасарои қарни сукут / Эраҷи Вомиқӣ // Убайди Зоконӣ латифапардоз ва танзовари бузурги Эрон; гирдоварӣ ба кӯшиши Беҳрӯзи Соҳибихтиёр ва Ҳамид Боқирзода. - Теҳрон: Интишороти “Ашкон”, 1375. - С.242-264.
4. Зоконӣ, Убайд. Осор / Убайди Зоконӣ; бо тасҳеҳ ва муқаддимаи Ҷобулқо Додалишоев; зери назари Асғари Ҷонфидо ва Аълохон Афсаҳзод. - Душанбе: Дониш, 1991.- 212 с. (бо хатти форсӣ).
5. Ковиён, Исфандиёр / Ёде аз Убайди Зоконӣ – танзовари бузург / Исфандиёри Ковиён // Убайди Зоконӣ латифапардоз ва танзовари бузурги Эрон; гирдоварӣ ба кӯшиши Беҳрӯзи Соҳибихтиёр ва Ҳамид Боқирзода. - Теҳрон: Интишороти “Ашкон”, 1375. - С.202-213.
6. Мирзозода, Холиқ. Сатиранависи бузург Убайди Зоконӣ / Холиқ Мирзозода // Газетаи муаллимон.- Органи КХМ ва Союзи коркунони мактабҳои ибтидоӣ – миёна ва Союзи марказии коркунони мактабҳои олӣ ва муассисаҳои тадқиқотӣ, коркунони равшаннамоӣ – политикии РСС Тоҷикистон. - №35 (596), 30-юми июли 1939. - С. 4.
7. Мирзозода Х. Таърихи адабиёти тоҷик / Х. Мирзозода.- Китоби 2 (асрҳои XII-XV). - Душанбе: Маориф, 1977. - 394 с.
8. Раджабов Муса. Мировоззрение Убайда Зокони / Муса Раджабов. - Сталинабад: Таджикгосиздат, 1958. - 113 с.
9. Сафо, Забеҳуллоҳ. Таърихи адабиёти Эрон. Аз авоили қарни ҳафтум то поёни қарни ҳаштуми ҳичрӣ / Забеҳуллоҳ, Сафо. - Теҳрон: Интишороти “Фирдавсӣ”, 1363. - Ҷилди савум. - Бахши дувум. - 1461 с.
10. Саффоридӯст, Ҳусайн. Нигоҳе ба танзи Убайди Зоконӣ / Ҳусайни Саффоридӯст // Убайди Зоконӣ латифапардоз ва танзовари бузурги Эрон; гирдоварӣ ба кӯшиши Беҳрӯзи Соҳибихтиёр ва Ҳамид Боқирзода. - Теҳрон: Интишороти “Ашкон”, 1375. - С.151-156.
11. Хонларӣ, Парвиз Нотил. Як мунтақиди иҷтимоии забардаст / Парвиз Нотили Хонларӣ // Убайди Зоконӣ латифапардоз ва танзовари бузурги Эрон; гирдоварӣ ба кӯшиши Беҳрӯзи Соҳибихтиёр ва Ҳамид Боқирзода. - Теҳрон: Интишороти “Ашкон”, 1375. - С. 121-132.

МАВҚЕИ МИСОЛҲОИ ШЕЪРӢ, БАСОМАД ВА ТАРЗИ ИСТИФОДАИ ОНҲО ДАР “АХЛОҚ-УЛ-АШРОФ”- И УБАЙДИ ЗОКОНӢ

Тибқи суханони муаллифи мақола, “Ахлоқ-ул-ашроф”- и Убайди Зоконӣ дар баробари дигар осори вай амсоли “Даҳфасл”, “Панднома” маъруф ба “Садпанд”, “Рисолаи дилкушо”, “Ришнома” аз маъруфтарин осори насрии садаи XIV адабиёти форсу тоҷик ва аз зумраи беҳтарин осори ҳунарии бар асоси танзу киноя ва ҳаҷву ҳазл эҷодшуда ба ҳисоб меравад. Аз ҳайси ҳаҷм “Ахлоқ-ул-ашроф” дар байни дигар асарҳои адиб бузургтарин ба ҳисоб рафта, мухтавои он низ қиёсан фарқ мекунад. Аз нигоҳи сохтмону бурунсохт асари мазкур фарогири 7 боби алоҳида мебошад, ки, дар навбати худ, абвоби он аз ду қисмат ё фасл иборат буда, ҳар якеи онҳо зери унвонҳои умумии “Мазҳаби мансух”ва “Мазҳаби мухтор” мураттаб гаштаанд. Дар ҳар бобе Убайд як мавзӯъро мавриди муҳокима қарор медиҳад, ки ин мавзӯъҳо иборатанд аз ҳикмат, шуҷоат, иффат, адолат, саховат, ҳилм, раҳмату шафқат. Мувофиқи нишондоди муаллиф, “Ахлоқ-ул-ашроф” аз ҳайси фарогирии мавзӯъ гуногун буда, дар он мавзӯъҳои таърихиву сиёсӣ, фарҳангиву адабӣ ва ахлоқиву

дидактикӣ ва бадеиву эстетикӣ бо тарзҳои махсус ба ҳунари носирии муаллифи он зимни тарҳрезии ҳикоёти ҷолибу завқангез ва ривоёти ибратангезу таъсирбахш матраҳ гардидаанд. Сабки ҷумлапардозӣ, усули овардани ҳикоёту ривоёт ва баёни матолиби мавриди баҳс,- қайд менамояд муаллиф,- дар саропои рисола бар асоси танзу киноёти марғубу муассир бунёд ёфта, тавассути онҳо интиқодоти иҷтимоии Убайд музайян гаштаанд. “Ахлоқ-ул-ашроф” дар ниҳояти худ асари интиқодист ва бар пояи танқидҳои нешдору танзомез ва киноянҳои талху сахт асос ёфта, нуқтаи назари муаллиф дар баёни матолиби матраҳнамудааш аз назаргоҳи нақди иҷтимоӣ сурат гирифтааст.

Калидвожаҳо: “Ахлоқ-ул-ашроф”, Убайди Зоконӣ, танз, киноя, нешханд, интиқодоти иҷтимоӣ, назм, амсилаи шеърӣ, мисолҳои шеърӣ, “Мазҳаби мансух”, “Мазҳаби мухтор”, танқид.

МЕСТО СТИХОТВОРНЫХ ПРИМЕРОВ, ЧАСТОТА И МЕТОДИКА ИХ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ В “АХЛОК-УЛ-АШРОФ” (“ЭТИКА АРИСТОКРАТИИ”) УБАЙДА ЗОКОНИ

По словам автора статьи, “Ахлок-ул-ашроф” Убайди Зокони наряду с другими его произведениями, такими как “Даҳфасл”, “Панднома” или “Садпанд” (“Сто назидательных советов”), “Рисолаи дилкушо” (“Очаровательное послание”), “Ришнома” (“Книга о бороде”) является одним из самых знаменитых прозаических наследий таджикско-персидской литературы XIV века и считается одним из лучших примеров демонстрации писательского мастерства, созданных на основе насмешки и сатиры. С точки зрения объема, “Ахлок-ул-ашроф” среди других произведений писателя является самым большим и по содержанию также отличается от других его произведений. С точки зрения композиции и общего настроя, вышеупомянутое произведение состоит из семи томов, каждый из которых, в свою очередь, содержит две части, под общим названием “Мазхаби мансух” (“Отмененное учение”) и «Мазхаби мухтор» («Утвержденное учение»), состоящие из таких тем: мудрость, мужество, невинность, справедливость, щедрость, добродушие, сочувствие и милосердие. Как указывает автор, “Ахлок-ул-ашроф” с точки зрения содержания разнообразно и в нём наряду с интересными рассказами и увлекательными преданиями особым образом и мастерски затронуты историческо-политические, культурно-литературные и нравственно-дидактические темы и вопросы. Стиль изложения, метод приведения рассказов и преданий, описание подвергнутых обсуждению вопросов,- отмечает автор,- целиком основаны на почве воздействующих и привлекательных насмешек и намеков, с помощью которых украшены социально-критические взгляды писателя. “Ахлок-ул-ашроф” является критическим произведением и изложено на основе колких и критических насмешок, острых и резких намеков, и поэтому, с точки зрения автора трактата, в описании затронутые вопросы принимает форму социальной критики.

Ключевые слова: “Ахлок-ул-ашроф”, Убайд Зокони, насмешка, намек, социальная критика, поэзия, стихотворные примеры, “Мазхаби мансух”, “Мазхаби мухтор”, критика.

THE PLACE OF POEM EXAMPLES, FREQUENCY AND THEIR USE METHODS IN "AHLOK-UL-ASHROF" ("ETHICS OF ARISTOCRACY") UBAIDA ZOKONI

According to the author of the article, “Ahlok-ul-ashrof” by Ubaydi Zokoni, along with his other works, such as “Daxfasl”, “Pandnoma” or “Sadpand” (“One Hundred Instructive Advice”), “Risolai Dilkusho” (“Enchanting Message”), "Rishnoma" ("The Book of the Beard") is one of the most famous prose legacies of Tajik-Persian literature of the 14th century and is considered one of the best examples of the demonstration of literary skill, created on the basis of ridicule and satire. In terms of volume, “Ahlok-ul-ashrof” is the largest among the writer's works, and its content, in comparison, also differs from his other works. From the point of view of composition and external mood, the aforementioned work consists of seven volumes, each of which, in turn, contains two parts, called by the general title “Mazhabi Mansukh” (“Canceled Doctrine”) and “Mazhabi Mukhtor” (“Approved Doctrine”) consisting of such topics: wisdom, courage, innocence, justice, generosity, good nature, compassion and mercy. As the author points out, “Akhlok-ul-ashrof” is diverse from the point of view of content and, along with the laying of interesting stories and fascinating legends, historical-political, cultural-literary and moral-didactic topics and issues are specially and skillfully touched in it. The style of presentation, the method of presenting stories and legends, the description of the issues under discussion, - the author notes, - are entirely based on the soil of the leaders and attractive ridicule and allusions, with the help of which the socio-critical views of the writer are adorned. “Ahlok-ul-ashrof” is a critical work and is presented on the basis of sharp and critical ridicule, sharp and harsh allusions and, therefore, the point of view of the author of the treatise in describing the issues raised takes the form of social criticism.

Key words: “Akhlok-ul-ashrof”, Ubaid Zokoni, mockery, hint, social criticism, poetry, poetic examples, “Mazhabi mansukh”, “Mazhabi mukhtor”, criticism.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ғаффоров Шоҳрух*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷик. **Суроғa:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 904-77-55-40**

Сведения об авторе: ***Гаффоров Шохрух*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикского языка и методики обучения таджикскому языку и литературе. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 904-77-55-40**

Information about the author: ***Gafforov Shohrukh*** - Tajik National University, Ph.D. in Philology, associate professor of the Tajik language department and methods of teaching the Tajik language and literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 904-77-55-40**

УДК: 891.5

НАҚШИ АЙНӢ ДАР ТАҲРИРИ ОСОРИ Ҷ. ИКРОМӢ

Алиева Ҷ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Устод Айнӣ дар инкишофу камоли эҷодии бисёре аз шоирону нависандагони муосири тоҷик ва махсусан дар парваришу тарбияти Ҷ. Икромӣ дар масири нависандагӣ нақши чашмгир доштааст. Агар тамоми корҳои таҳририи устодро канор гузошта, танҳо амри таҳриргарии ӯро дар иртибот бо эҷодиёти Ҷ. Икромӣ аз назар гузаронем, миқёсу андозаи хидмати устод дар кори таҳриргарӣ маълум мегардад.

Дар бораи ҷузъиёту чигунагии робитаи эҷодӣ, амри таҳриру таҳриргарии С. Айнӣ матлабу мақолаҳои сершуморе мавҷуданд. Худи Айнӣ перомуни фаъолияти таҳририи хеш дар пайванд бо осори Ҷ.Икромӣ дар баъзе аз номаҳояш ишорат мекунад.

Мавсуф дар номае, ки ба А.Деҳотӣ унвон шуда, чунин изҳор медорад: «Ман барои дуруст шудани кори ҳеҷ нависандаи ҷавон садяки он дараҷае, ки барои дуруст шудани кори Ҷ.Икромӣ азоб кашидаам, накашидаам. Ман он корҳоеро, ки дар болои ҳикояҳои дар «Роҳбари дониш» чопшудаи ӯ чоп шуда буд, ба як тараф гузошта, танҳо ҳамин романи «Шодӣ»-и ӯро ба назар мегирам. Вақте ки Ҷ.Икромӣ қисми якуми ҳамин романро навишта тамом кард, «Тоҷгиз» барои таҳрир ба ман дод. Дастнавис дар як дафтари калони муқовадор саҳифа дар миён навишта шуда буд. Ман дар болои кори ин китоб ба муқобили ҳар саҳифа як саҳифа дар бораи хатоҳои он саҳифа навиштаам ва дар охир ҳамин мулоҳизаро қайд кардам, ки «агар муаллиф ҳамаи он хатоҳоеро, ки дар ин ҷо нишон дода шудааст, ислоҳ намояд, қобили табъ аст» [3].

Бояд зикр намуд, ки муносиботи С. Айнӣ бо Ҷ. Икромӣ таърихи ҷолибу дуру дарозе дорад. Маълум аст, ки Ҷ.Икромӣ замоне ки шогирди доррулмуаллимини Бухоро буд, нахустин бор дар ин муассиса тобистони соли 1927 бо С. Айнӣ мулоқот мекунад ва шеъреро, ки таълиф намуда буд, ба ӯ месупорад. Устод пас аз баррасии шеър ба Ҷалоли ҷавон маслиҳат медиҳад, ки «чорчӯбаи шеър танг аст. Ман ба Шумо маслиҳат медиҳам, ки ҳикоя нависед, зеро ки домани наср васеъ аст. Ман бовар дорам, ки дар наср қобилияти Шумо зоҳир мегардад» [2, с.77].

Пас аз ин мулоқот муддате пас Ҷ. Икромӣ нахустин ҳикояи хешро бо номи «Хаёл ё шабе дар Регистони Бухоро» пешкаши устод менамояд ва ҳикояти зикршуда бо андаке таҳрир дар маҷаллаи «Раҳбари дониш» ба нашр мерасад. Ба андешаи муҳаққиқон, навиштаи Ҷ. Икромӣ камбуду норасоиҳои зиёде дошт, вале устод ба хотири ташвиқу дилбардорӣ намудани нависандаи ҷавон онро барои чоп пешниҳод намуд. Ба табъ расидани аввалин навишта дар зиндагии нависандаи ҷавон падидаи фаромӯшнашавандае буд. Баъдан ӯ таҳсилашро дар шаҳри Самарқанд идома дод, чун устод С. Айнӣ он ҷо зиндагӣ мекард. Ҷ. Икромӣ ҳикояи дуюми худро таҳти унвони «Ширин» барои хондан ба С. Айнӣ месупорад. Бархӯрди С. Айнӣ бо ин ҳикоя ниҳоят сахтгирона буд. Тибқи ривояти Икромӣ зимни таҳририи нахустини ҳикояи «Ширин», ки бо ширкати худи ӯ оғоз шуда, Саидризо Ализода, Ҳасан Ирфон ва Раҳим Ҳошим низ ҳузур доштаанд. Вазъу фазои он баҳс ва ҷиддияташро баъдҳо нависанда чунин баён медорад: «Дар сари ҳар калимае, ки ман нодуруст ва надониста кор фармудаам, махсусан истода, маро аз ҳаллоҷӣ мегузарониданд, ҷанг мекарданд ва ба дараҷае мерасиданд, ки рангашон меканд ва аз ғазаб меларзиданд. Ман гумон мекардам, ки ҳамин ҳоло ба дастони сергӯшт ва дар меҳнат пухта сахту мустаҳкам гардидаи худ маро чунон мезананд, ки ба рӯйи хона меафтам» [2, с.81].

Дар бораи ҷараёни таҳрири ҳикояи «Ширин» Ҷ. Икромӣ дар замонҳои гуногун ва дар маҷаллоту нашрияҳои адабӣ матлаб чоп намудааст. Аз гуфтаи ӯ равшан мегардад, ки таҳрири ҳикоя на як бору ду бор, балки ҳафт маротиб сурат гирифтааст. Бо ҳар дафъае ҳикоя ислоҳ шудаву ба сарҳади камол расидааст. Шеваи бархӯрди устод чунин буда, ки пас аз ҳар таҳрир ба нависанда муҳлат медодааст, то рафта сари ҳикоя кор кунад. Ҷ. Икромӣ менависад: «Пас аз ин ҳафта боз як ҳафта кор кардам ва ҳикояи ислоҳкардаамро оварда, ба устод супоридам. Он кас боз «пас аз се рӯз биё» гуфтанд. Пас аз се рӯз боз мисли аввала, балки аз вай ҳам сахттар карда сарзаниш намуданд ва ҷанг карда–ҷанг карда ҳикояро ба худам бозгардониданд. Ман боз кор кардам ва фақат дар ҳафтумин бор устод қаноат ҳосил карда, ҳикояро ба журнал доданд. Ҳамин тавр, якчанд ҳикоя ва асарҳои ман аз назари муҳаққиқонаи устод гузаштааст» [3].

С. Айнӣ ба ҷуз ҳикояҳои нависанда повести «Аз Маскав чӣ овардӣ» ва «Тирмор»-ро низ таҳрир намуда, қайду мулоҳизоташро дар ҳошияи китобҳои мазкур зикр намудааст.

Бояд хотиррасон сохт, ки даҳаи сеюми асри ХХ барои Ҷ. Икромӣ аз пурбортарин давра маҳсуб мешавад. Мавсуф пас аз интишор гаштани нахустин повести худ «Тирмор» ба таълифи жанри бузургтари эпикӣ - роман оғоз намуд ва романи «Шодӣ»-ро дар муддати ду сол таълиф мекунад. Ҷ. Икромӣ қисми аввали романро соли 1936 навишта ба поён мерасонад ва дастнависи романро барои таҳриру маслиҳат ба Самарқанд – ба С. Айнӣ мефиристад. Албатта, аз назари шахсияте мисли С. Айнӣ гузаштани асар барои нависанда ниҳоят арзишманд буд, тавре ки худи ӯ менависад: «Онҳое, ки таълими устодро гирифтаанд ва онҳое, ки устодро аз наздик мешиносанд, бояд донанд, ки ягон асарро аз таҳрири устод гузаронидан дар кори нависандагӣ як олами нав кашф кардан буд» [3].

Қобили зикр аст, ки ҳарчанд романи «Шодӣ» дар 28 дафтар иншо шуда буд, вале С. Айнӣ онро дар як замони хеле кӯтоҳ таҳрир намуда, бо қайду мулоҳизоти зиёде ба муаллиф пас мегардонад, то зимни ба табъ расонидани роман онҳоро ба матн ворид созад.

Худи С. Айнӣ пас аз ба анҷом расонидани таҳрири роман дар номае унвонии нависанда чунин изҳор медорад: «Шодӣ»-и Шуморо аз рӯйи хоҳиши худатон ва талаботи сектори адабиёти бадеии Нашриёти давлатии Тоҷикистон кор карда баромадам. Нуқсонҳое, ки аз тарафи худатон дуруст кардан лозим буд, саҳифа ба саҳифа ҳам дар охири китоб қайд кардам» [7, с.29].

Ҷойи таъкид аст, ки қайду мулоҳизаҳои С. Айнӣ фарогири соҳаҳои мухталиф ва масъалаҳои муҳимми эҷодӣ буда, аз нигоҳи хусусияту мазмуну муҳтаво гуногун мебошанд. С. Айнӣ дар рафти таҳрири романи «Шодӣ» ба ғайр аз қайдҳои забонӣ-услубӣ, ҳамчунин дар атрофи мазмуну мундариҷа, инкишофи сужаи асар, бандубаст, сохтору таркиб, шеваҳои тасвири шахсиятҳо, муносибат бо забони адабӣ, нутқи қаҳрамонҳо ва забони муаллиф, доир ба истифодаи воситаҳои тасвири бадеӣ, нақши калимаву ибораҳои рехта дар асар, изҳори назар намудааст.

С. Айнӣ дар баробари қайду мулоҳизаҳо то ҷое перомуни нақшу ҷойгоҳи адабиёт дар ҷомеа ва дар тарбияти инсон, масъалаҳои фардикунонӣ, роҷеъ ба мактабҳои адабӣ, мисли реализм, ҳаёт ва нависанда андешаронӣ кардааст.

Қайдҳо ва мулоҳизоти С. Айнӣ ҳам аз ҷиҳати илмӣ ва ҳам амалӣ хеле аҳаммиятноканд. Ҷ. Икромӣ баъдҳо дар атрофи романи худ ва фаъолияти таҳриргарии С. Айнӣ чунин гуфта буд: «Романи «Шодӣ»-ро устод дар дастнависи ман хонда, ба бисёр ҷойҳояш эрод гирифта, батафсил навишта буданд, ки он дастнавис барои ҷавонҳои имрӯза як мактаб аст» [3].

Тавре ки аз таҳқиқоти мунаққидон бармеояд, ҳангоме ки Ҷ. Икромӣ дастнависашро барои таҳриру назарҳоҳӣ ба С. Айнӣ мефиристад, нахустин ҷанбае, ки таваҷҷуҳи устодро ба худ ҷалб месозад, вуҷуди истеъдоде буд, ки дар дастнавис пеши назараш ҳувайдо шуда буд. Тасвири воқеияти зиндагии солҳои сиюм ва ҷанбаҳои ҳунармандонаи роман устодро водор месозад, ки ризоиятмандона чунин бинависад: «Асар ба таланти хуби нависандааш далолат мекунад» [6].

Ҳамон гуна ки қайд намудем, яке аз ҷанбаҳои пурқуввати асар, ки аз ҷониби устод махсус таъкид шудааст, воқеъбинона инъикос сохтани ҳаёти ҷомеаи онрӯза аст. Вале дар

баробари ин, яке аз нуқсонҳои ҷиддӣ ва ба назар намоёни асар реалистона инъикос нашудани шахсияту ҳиссиёти қаҳрамонон аст. С. Айнӣ бисёре аз саҳнаҳои зиндагии қаҳрамононро бо ҳаёти воқеӣ муқоиса мекунад ва андешаву мулоҳизаҳояшро дар ҳошияи асари нависанда изҳор медорад. Яке аз саҳнаҳое, ки дар роман нодуруст инъикос шуда, манзараи кулаккунӣ мебошад, ки аз нигоҳи устод хеле заифу ноқис буда, таъсири баръакс дорад. Нависанда ҷараёни кулаккуниро ба гунае тасвир мекунад, ки дар зеҳну ҳуши Гулнор, қаҳрамони асар, ба ҷойи нафрат эҳсоси раҳму шафқат бедор мекунад.

С. Айнӣ дар бораи матн чунин менависад: «Ба ин тариқа тасвир кардани кулаккунӣ дуруст нест. Бояд нависанда фикрҳоро ба тарзи реализми инқилобӣ тасвир кунад. Дар ин ҷо ба тарзе тасвир ёфтааст, ки ба дили хонанда дар ҳаққи Тӯрабек раҳм меояд. Нависанда дар аввали тасвири худ «…дар рӯйи ҳавлии Тӯрабек ҳақиқатан як манзараи дилгиреро дида» мегӯяд: ин тасаввуроти худи нависанда аст. Ин гуна тасвирот бояд дар дили яке аз ҳамсафҳои Тӯрабек пайдо мешуд» [6, с.113].

Бояд хотиррасон намуд, ки қайду мулоҳизоте, ки устод дар таҳрири якуми асар анҷом дода буд, дар таҳрири дувуми роман мавриди истифода қарор гирифтанд. Ба андешаи Камол Айнӣ, «Ҷ. Икромӣ дар таҳрири дуюм манзараи кулаккуниро ба тариқе тасвир кардааст, ки рафтори Тӯрабек, муносибати байниҳамдигарии занони он ба ҳоли кулакшавандагон нафрати хонандаро бедор мекунад. Нафрат нисбат ба душманони халқу Ватан яке аз хусусиятҳои муҳимми Гулнор шуда мемонад. Гулноре, ки дар варианти якум бо дидани манзараи кулаккунӣ «дилгир» ва беҳуш шуда буд, дар ин вариант бо дидани манзараи чизталошкунии занони бой, доду фиғони онҳо, «беобрӯйҳо» мегӯяд» [6, с.114].

Қайду мулоҳизоти устод дар атрофи романи «Шодӣ» гуногунанд, вале хулосаи умумӣ ин аст, ки С. Айнӣ бо ҳама паҳлуҳои асар ба бандубаст, сохтори роман, шеваҳои андешаронӣ ва суханронии қаҳрамонҳо таваҷҷуҳ доштааст.

Мулоҳизоти дигари С. Айнӣ ба шеваи баёни рухдодҳои асар вобастагӣ доранд. Гап дар ин аст, ки бахши зиёди воқеаҳо аз забони қаҳрамони асар - Истадака баён мешаванд. Дар ҳоле ки, ба андешаи устод, воқеаҳо бояд аз ҷониби нависанда тасвир карда шаванд.

Ин камбудии асарро устод ба шарҳи зер тавзеҳ медиҳад: «Ҳикояи Истадака аз ду ҷузъи чопӣ зиёд шудааст. Ин гуна ҳикояҳои дарозро тамоман аз ҷониби як одам бо абзасҳои дароз нақл кардан ҳикояро хеле гарон мекунад. Аввал лозим буд, ки ин ҳикояро аз ҷониби гӯянда навишта, худи нависанда ба тарзи тарҷимаи ҳол саргузашти худро шарҳ медод. Дар он вақт дар миёнаҳои тасвир табиати характери одамон даромада, ҳикояро ширин мекард. Ҳеҷ набошад, лозим буд, ки нависанда абзасҳоро кӯтоҳ карда, аз забони шунавандаҳо саволҳоро ва баъзе корҳои дигарро дар миён медаровард, шояд ҳикоя аз ин вазнинӣ қадаре мебаромад» [6, с.119].

С. Айнӣ дар номае, ки зимистони соли 1937 унвонии Ҷ. Икромӣ менависад, ба костагиҳо ва норасоиҳои дастнавис ишора намуда, аз нависанда таҳозо мекунад, ки «пеш аз он ки кори дубораро сар кунед, асарро бо қайдҳои ман дар читкаи умумии нависандагону шоирон ва тарҷимонон монед. Барои ду кор: яке аз ин, ки ин меҳнати ман дар Шумо маҳдуд шуда намонад ва бародарони дигар фоида баранд, дуюм ин, ки ба болои мулоҳизаҳои ман мулоҳизаҳои рафиқонаи дигарро зам карда гиред ва дар кори дубора дар назар доред, то ки асаратон боз ҳам мукаммалтар шавад» [6, с.120].

Зикри ин нукта бамаврид аст, ки дастнависи романи «Шодӣ» пас аз таҳрири устод ба дасти нависандаи номдори тоҷик Ҳ. Карим меафтад. Ҳаким Карим низ изофа бар қайду мулоҳизоти устод фикру андеша ва баъзе мулоҳизоти хешро баён медорад.

Ҷалол Икромӣ бошад, ҳангоми ба чоп ҳозир кардани дастнависи роман на фақат ба қайд ва мулоҳизаҳои С. Айнӣ такя мекунад, балки баъзе аз пешниҳоду маслиҳатҳои Ҳ. Каримро низ барои камолу пухтагии роман ба кор мебарад. Нависанда дар таҳрири дуюм воқеаву рухдодҳои мавҷуд дар боби Истадакаро аз нав кор карда мебарояд, онро хеле кӯтоҳ мекунад. Ба роман бахшҳои тозаеро илова намуда, образи Истадакаро барҷастатар месозад. Нависанда мазмуни ғоявӣ ва бадеии образи Истадакаро низ тағйир медиҳад. Дар таҳрири дуюм Истадака ҳамчун шахси дар муборизаҳо пухтагӣ, таҷрибанок, кордида ба ҷавонҳо маслиҳатгӯ инъикос шудааст.

Типӣ, умумӣ мунъакис намудани падидаву рухдодҳои асар, образи қаҳрамонҳо мавзӯи дигарест, ки С. Айнӣ ҳангоми таҳрири романи «Шодӣ» ба он диққати махсус додааст. Ба андешаи С. Айнӣ, як адиб, ҳунарманд дар асари бадеӣ ҳодисаҳо, воқеиятҳои тасодуфиро, ки аҳаммияти дуюмдараҷа доранд, бояд дар ҷойи аввал нагузорад: «нависанда дар як асари адабӣ ҳар чизеро, ки тасвир мекунад, бояд типӣ бошад. Масалан, нависанда агар хоҳад, ки баҳори Самарқанд, тобистони Бухоро ва зимистони кӯҳистонро тасвир кунад, бояд тарзе нишон диҳад, ки бештарини солҳо ин мавсимҳо дар он вилоятҳо ба нишон додани нависанда мувофиқ ояд» [6, с.137].

Аз сӯйи дигар, С. Айнӣ бар ин назар аст, ки барои инъикосу тасвир, пурраву комилсозии бархе аз саҳнаҳову эпизодҳо, ҷанбаҳои мухталифи як шахсияти асар ё вижагиҳои як мавзӯи тасвиршаванда истифодаи ҳолоту воқеиятҳои ҷузъӣ зарур ба назар мерасад. Дар қайду мулоҳизаҳои С. Айнӣ мо ба тамоми мавзӯъҳо ва масъалаҳое бармехӯрем, ки зимни офариниши як асари адабӣ мавриди истифода қарор мегиранд. Ба ақидаи С. Айнӣ, нависандаро лозим аст, ки на танҳо дар тасвири характеру образҳо, балки дар тасвиру тавсифи манзараҳои табиат ҳам ҳақиқатнигор бошад. Доим ба ҳама мазоҳири табиат мушоҳидакор бошад ва аз миёни ҳодисаву рухдодҳо муҳимтаринашро дарку интихоб карда тавонад. Масалан, дастнависи романи «Шодӣ» бо тасвири манзараи шаҳри Бухоро шурӯъ мегардад. Вале ҷузъиёти тасвир барои тобистони Бухоро хос нест. С. Айнӣ чунин нигоштааст: «Дар аввали китоб моҳи августи Бухоро тамоман бо шамоли аз ҳад берун сахт нишон дода шудааст. Ин ҳол дар Бухоро хусусан дар моҳи август ҳеҷ дида нашуданӣ аст. Агар шуда бошад ҳам, аз ҷумлаи ҳодисаҳои нодир ба шумор меравад. Ин гуна тасвир барои шаҳри Қуқанд, райони Тирмиз ва Қӯрғонтеппа типикианд, на барои Бухоро» [6, с.138].

С. Айнӣ бар ин андеша буд, ки дар як асари бадеӣ тасвир намудани ҳама чиз, ҷою маконҳо зарурат надорад. Бояд маконе мавриди тасвир қарор гирад, ки ба кушода додани падидаву рухдодҳои мавриди назар иртиботу пайванд дорад. Ё ин ки дар ҷараёни ҳаракати умумии масири андеша ёрӣ мерасонад. Дар дастнависи романи «Шодӣ» устод зимни мурури тасвирҳои нависанда дар бораи шеваи тасвир ва махсусан тасвири қишлоқ чунин хотирнишон месозад: «Қишлоқро тасвир кунад, бояд, ки кӯчаҳо, ҳавзҳо, ҳавлиҳоро тасвир кунад, тасвири умумӣ хуб нест, балки тасвири он ҳавлиро кардан лозим аст, ки ҳодиса дар он ҷо меравад. Лекин он тасвири хусусӣ бояд характери умумӣ дошта бошад. Яъне тип шуда тавонад. Дар ин саҳифа ҳавлиҳо умуман тасвир ёфтаанд. Дуюмбора ба тасвири ҳавлӣ ва ҳикоя гузошта шудааст, ки ин номуносиб аст» [6, с.139].

Мавзӯи дигаре, ки замони таҳрири асар С. Айнӣ дар атрофи он изҳори назар намудаву риояти низоми онро таъкид намудааст, занҷираи хотираи нависандагист. Яъне, зимни ривоят ва баёни ҳадаф парешонии андеша, гусастагӣ дар хатти сужа вуҷуд надошта бошад.

Бояд қайд намуд, ки низоми баёни андеша, мутобиқати мазмун бо ҷузъиёти он ҳамеша мадди назари ҷузъиёти ӯ будааст ва дар номае перомуни ин мавзӯъ ба Ҷ. Икромӣ чунин менависад: «Барои ҳар нависанда аз ҳар чиз пештар хотираи устувор лозим аст. Нависанда бояд чунон диққат кунад, ки дар кадом саҳифа чӣ навиштанашро донад» [6, 140].

Тавре ки аз баррасии қайдҳои устод маълум мегардад, як гурӯҳ аз нуқсонҳои роман дар тасвири манзараҳои табиат дида мешавад. Ҷ. Икромӣ ба тасвир дода шуда мантиқи пайванди калимаҳоро фаромӯш мекунад. Ба сифати намуна чанд мисол меорем. Дар дастнависи роман боби «Муаллими ишқ» бо тасвири манзара оғоз мегардад: «Моҳи декабр гӯё мехост, ки моҳи зимистон будани худро нишон диҳад. Дар рӯзҳои аввали худ ҳаворо сахт хунук кард. Осмон ба абри яклухти тира пӯшида шуда буд. Кушод будан ва на абр будани он маълум набуд. Шабҳо қирав борида, ҳама ҷоро сафедча мекард».

Номутаносибии корбурди калимаҳо, халалдор шудани мантиқи баён С. Айниро водор намуда, ки дар атрофи ин порча чунин изҳор намояд: «Модоме ки шаб тира аст, пас чаро абр будан маълум нашавад? Аввал ин, ки қирав намеборад, мерезад. Дуюм ин, ки дар

шаби абр на қирав ва на шабнам намерезад. Шабнам ҳамеша дар шабҳои беабр, ором, бешамол мерезад. Агар ҳаво соф бошад, ин шабнам қирав мебандад» [6, с.142].

Ночаспониҳо дар тасвирҳои романи «Шодӣ» кам нестанд ва ҷолиб ин аст, ки устод дар атрофи ҳар яки онҳо ниҳоят дақиққорона ва назаррасона шарҳу мулоҳизот баён намудааст. Масалан, дар тасвири зерин, ки дар миёни матлаби баёншуда мантиқ нест: «Шодӣ дар тамоми роҳ фикру хаёл карда, аз пеши масҷид гузаштани худро надониста монд. Аммо ду кас Зайнаб ва Қудрат аз тарсе, ки онҳо ба Шодӣ рӯ ба рӯ нашаванд, худро ба ҳуҷраи масҷид паноҳ карданд. Ва ҳол он ки Шодӣ онҳоро надид» [6, с.143].

Устод бо эҳсоси харобии мантиқи баён чунин менависад: «Модоме ки он ду касро надидааст, агар дар тасаввури худ машғул намешуд ҳам, дар бораи онҳо фикр намекард. Бинобар он, далели мантиқ дар ҳаққи онҳо фикр накарданаш надидани онҳост» [6, 143].

Яке аз кӯшишҳои С. Айнӣ зимни таҳрир ин буда, ки маънои ҳар як ҷумла, ҳар як сухан ба хонанда аниқу фаҳмо бошад. То кадом андоза дақиққор будани устод дар кори таҳрир аз нигориши ин мисолҳо равшан мегардад.

Баёни равшану возеҳи матлаб, дурӣ ҷустан аз калимаву таркибҳои печидаву номафҳум талаби дигари С. Айнӣ аст, ки пеши Ҷ. Икромӣ гузошта шудааст.

Матн: Дар байни мардум ҳар гуна гап паҳн шуда буд: «Колхоз шавад, кас кофир мешудааст. Кофир шавад, ризқаш бурида мешудааст.

–Ба колхозчиён вабо афтидааст.

–Анбори ғаллаи колхозро тороҷ карданд.

–Барзагов нест шудааст. Колхоз як моҷаро будааст…»

С. Айнӣ пас аз бознигарии бахши мазкур чунин нигоштааст:

Қайд: «Тороҷ кардани дуздон амбори колхозро табиӣ аст, ҳам воқеъ аст.

Ин на як бор, сад бор шуд. Лекин инро донистан даркор аст, ки ин дуздон ҳамон аксулинқилобчиёнанд, ки ба колхоз муқобиланд.

Дуздидани моли колхоз ҳам яке аз муборизаи онон аст» [6, с.147].

Лозим ба зикр аст, ки яке аз масъалаҳое, ки устод Айнӣ дар дастнависи романи «Шодӣ» ҳамвора дар миён гузоштаву онҳоро мисли як забоншиноси воқеӣ ҳаллу фасл намудааст, муносибати забони адабии тоҷик бо шеваву лаҳҷаҳо аст. Мавсуф корбурди калимаву лаҳҷаҳои маҳаллиро дар асари адабӣ ниҳоят арзишманд медонад.

Аслан, баҳрагирӣ аз калимаву ибораҳои лаҳҷавӣ дар осори адабӣ мавзӯи тозае нест ва аксари нависандагон бо мақсадҳои гуногун аз вуҷуди онҳо истифода мекунанд, вале тақозо аз нависандагон ин аст, ки ҳадду андозаро дар истифода нигоҳ доранд.

Аммо, тавре ки аз қайду мулоҳизаҳои устод дар ҳавошии дастнависи романи «Шодӣ бармеояд, Ҷ. Икромӣ дар асараш аз лаҳҷаву шеваҳо зиёд ва бемавқеъ истифода намуда, мавриди сарзаниши устод қарор гирифтааст.

С. Айнӣ сӯистеъмоли лаҳҷаҳоро дар саҳифаҳои роман нуқсони ҷиддӣ номида, нависандаро зери тозиёнаи танқид мегирад.

Таъкиди махсуси нависанда рӯйи ин масъала бесабаб набуд, зеро дар солҳои сиюм гурӯҳе аз мунаққидону адабиётшиносон истифодаи калимаҳои лаҳҷавиро дар осори адабӣ ҳусну арзиши баланди он меҳисобиданд. Маҳзи хотири нодурусту бепоя будани ин ақидаро нишон додан ва нависандагони ҷавонро ба роҳи рост ҳидоят кардан вазифаи аввалиндараҷаи адабиётшиносону муҳаққиқон буд.

С. Айнӣ анқариб барои тамоми калимаву таркибҳои шевагии романи «Шодӣ» шарҳ навиштаву дурустиву мавқеияти онҳоро хотирнишон кардааст. Ба сифати намуна чанд мисоле нақл мекунем. Ҳангоме ки қаҳрамони асар Истадака ногаҳон бемор шудани Муқимро аз Шодӣ мешунавад, бо ҳайрат чунин мепурсад: Матн: «Чӣ, дирӯз дуппа-тузук буду? Хайр одамида, мешудааст, ин тавр бошад ман ҳам рафта пурсида биём. Ҷур набошад».

С. Айнӣ роҷеъ ба матни боло чунин изҳори назар мекунад: Қайд: «Ҷур» ва «ҷуред»-и хуҷандиро ба «гусел» қиёс кардан дуруст нест. Бо «ҷур» ва «ҷуред» сахт муборизa кардан даркор аст» [6, с.154].

Бояд арз намуд, ки истифодаи шева дар роман ба андозаест, ки гоҳо унвони бобҳои романро фаро мегирад. Масалан, як боби роман «Рошед ба хона» номгузорӣ шудааст. Устод ҷумлаи «Рошед ба хона»-ро дар ҳошияи китоб оварда, ба шакли «ба хона равон шавед» ислоҳ мекунад ва зимнан хотирнишон мекунад:

Қайд: «Дар ин гуна мавридҳо забони кӯчагиро кор фармудан дуруст нест. Чунончи, «рашоед: дар Бухоро «рашоед» мегӯянд;

Дар Самарқанд «рашоед» мегӯянд. Дар баъзе ҷойҳои дигар «рушоед» мегӯянд? Дар ин гуна мавридҳо, беҳтар он аст, ки ин калима «равон шавед» кор фармуда шавад» [6, с.154].

С. Айнӣ бар ин назар буд, ки аз забони мардум, аз лаҳҷаву шеваҳои тоҷикӣ танҳо он гурӯҳ аз вожагону иборот ба забони адабӣ ворид гарданд, ки қобили қабулу дарки умуманд.

С. Айнӣ дар дастнависи роман калимаҳои лаҳҷавии «ҳамчун, ҳамунту, ҳамин тавр, инзайлин, набошад»-ро, ки ғайриадабӣ мебошанд, ба шакли дурусту адабиаш «ҳамааш, ҳамин тавр, ин гуна» иваз кардааст.

Нуктаи дигаре, ки аз миёни қайду мулоҳизоти устод берун меояд, ба тарзу шеваи сухан гуфтани қаҳрамон дахл дорад. Ӯ борҳо таъкид мекунад, ки нависанда вазифадор аст, қаҳрамонашро ба дурусту рост, беиштибоҳ сухан гуфтан водор созад. Худи нависанда низ замоне ки нақши ровиро дар асараш мебозад, бояд бехатову камбудӣ гап занад, бояд дар риояти сарфу наҳви забони тоҷикӣ дақиққор бошад. Мутаассифона, камбуду костагиҳои забонӣ дар заминаи низому қоидаҳои забон дар роман зиёд буда, ки ҳатто боиси хашму ғазаби С. Айнӣ гардидааст.

Масалан, нависанда Шодиро таърифу тавсиф намуда, аз забони Муҳаммадҷонака чунин мегӯяд:

Матн: «Худаш бачаи кушодарӯй, хушфеъл немӣ, аз бозӣ ҳамин бачаҳо ба гирди вай ғун мешаванд».

Устод таркиби «аз бозӣ»-ро бо таркиби «аз боиси» иваз намуда, чунин менависад: Матн: «Агар дар адабиёт ба ҷойи «аз боиси» «аз бозӣ» навиштан гиред, дар ду се сол ба арвоҳи забони адабии ҳозираи тоҷикӣ фотиҳа мехонем» [6, с.168].

Равшан аст, ки нақши забони адабӣ дар тарбияти маънавӣ ва зебошинохтии хонандагон ниҳоят муҳим аст. Гузашта аз ин, забони як асар барои омӯзишу фарогирии забон, луғату таркибҳои тозаи забонӣ манбаи муҳимме маҳсуб мешавад. Аз ҳамин сабаб С. Айнӣ дар тамоми осоре, ки аз таҳрири ӯ гузаштааст, ин масъаларо дар мадди назар доштааст. Аз ҷумла, зимни таҳрири романи «Шодӣ»-и Ҷ. Икромӣ. Гоҳо аз навиштаҳои устод ҳолати равонии ӯ, ки сабабаш дучор омадан ба калимаҳои ғайриадабӣ ва мантиқи хароби ҷумлабандист, эҳсос мешавад. Мисоли поёнӣ намунаи равшани фикри болост.

Матн: «Юсуф гап назада монд. Комиссияҳои омадагӣ хеста рафтанд.

Қайд: «Охир ин ҷумла аз забони нависанда аст, бояд рост шавад. Ин ҷо чанд комиссия нест, як комиссия кор мекунад».

Лозим ба зикр аст, ки қайду мулоҳизоти устод С. Айнӣ дар атрофи ҷанбаҳои гуногуни забону услуб, муҳтаво, сохтору бандубасти романи «Шодӣ» зиёданд, вале мо бо он мисолҳое, ки нақл кардем, иктифо мекунем.

Он чи ки аз маҷмӯи қайду мулоҳизоти устод бармеояд, ин аст, ки ҳар як нависанда дар радифи амиқу ҳамаҷониба донистани воқеияти айнӣ бояд забони халқро ба тамоми ҷузъиёташ фаро бигирад. Донистани фасоҳату салосат, зебоиҳои забон ба нависанда ё шоир имкон медиҳад, ки асари хубу қобили қабул эҷод намояд. Маҳзи хотири ин то чӣ андоза арзишманду муҳим будани хидмати устодро дар тарбияту камоли нависандагону адибони тоҷик метавон, бо ин андешаи муҳаққиқи номдори тоҷик Н. Маъсумӣ хулоса намуд: «Барои хушсифатии забон ва услуби эҷодии нависандагон ёрӣ расондани Айнӣ на танҳо дар протсесси муҳокимаи асарҳои бадеӣ характернок аст, балки аз аввал то ба охир дар зери назорати эҷодӣ гирифта, ба нависандагон аз ҷиҳати принсипӣ, эҷодӣ, забон, услуби адабӣ ёрмандӣ намудани ӯ муҳим аст.

Таърихи аз тарафи Айнӣ ба тариқи маслиҳат гаштаву баргашта ислоҳ карда шудани ҳикояҳои нависанда Ҷалол Икромӣ, қайдҳои Айнӣ оид ба забону услуби романи ӯ «Шодӣ» ва ғайра ҳақиқатан барои пешрафту эҷоди нависандагон, ба хушсифаттар шудани забону услуби адабиёт ёрии амалии устодро мефаҳмонад» [7, с.29].

АДАБИЁТ

1. Горький М. О литературе / М.Горький. – М., 1953. – 867 с.
2. Икромӣ Ҷ. Устоди ман, мактаби ман, худи ман / Ҷ.Икромӣ. – Душанбе: Ирфон, 1970. – 120 с.
3. Икромӣ Ҷ. Вақте ки устодро ёд мекунем / Ҷ.Икромӣ // Шарқи сурх. – 1958. – №4.
4. Камолиддинов Б. Сухан аз баҳри дигарон гӯянд (Нуқсонҳои забонии аҳли матбуоти тоҷик) / Б. Камолиддинов. – Душанбе: Интерюс Тоҷикистон, 2001. – 171 с.
5. Камолиддинов Б. Забон ва услуби Ҳаким Карим / Б. Камолиддинов. – Душанбе: Ирфон, 1967. – 186 с.
6. Мактаби адабии устод Садриддин Айнӣ (Пажӯҳиш, тадвин ва таҳия аз Камолиддин Сайидмуродзодаи Айнӣ). – Душанбе: Ирфон, 2010. – 202 с.
7. Маъсумӣ Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик / Н. Маъсумӣ. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1959.

НАҚШИ С.АЙНӢ ДАР ТАҲРИРИ ОСОРИ Ҷ. ИКРОМӢ

Мақолаи мазкур ба таҳлилу арзёбии фаъолияти таҳриргарии асосгузори адабиёти муосири тоҷик С.Айнӣ бахшида шудааст. Қобили зикр аст, ки С.Айнӣ аз солҳои бистуми қарни гузашта шурӯъ намуда, то поёни умр ба кори муҳаррирӣ машғул буд ва онро як ҷузъи ҷудонашавандаи фаъолияти адабии хеш меҳисобид. Дар тӯли замон корҳои зиёди таҳрирӣ, ки ба забони китобҳои дарсӣ, китобҳои таҳқиқӣ, мақолаҳои ҷудогонаи осори нависандагон ихтисос доштанд, аз ҷониби устод таҳрир гаштанд ва С. Айнӣ бо ниҳояти масъулияту ҷиддият болои осори нависандагон кор мекард. Нақши С.Айнӣ махсусан дар таҳрири осори Ҷ. Икромӣ ниҳоят бузург аст. Икромӣ аз қадамҳои нахустини худ бо С.Айнӣ вохӯрд, ки дар кори таҳрирӣ хеле ҷиддиву сахтгир буд ва камбуду костиҳои асарҳои ӯро нишон медод. Аввалин ҳикояҳои ӯ бо таҳрири Айнӣ дар маҷаллаи «Роҳбари дониш» ба чоп расидаанд. Дар фаъолияти таҳриргарии С.Айнӣ романи «Шодӣ»-и Ҷ.Икромӣ ҷойгоҳи махсусеро ишғол мекунад. Дар мақола ба таври васеъ шеваҳои таҳриргарии С.Айнӣ нишон дода шудаанд.

Калидвожаҳо: таҳрир, адабиёт, С.Айнӣ, Ҷ.Икромӣ, ҳикоя, роман, журнал.

РОЛЬ АЙНИ В РЕДАКТИРОВАНИИ ПРОИЗВЕДЕНИЙ ДЖ.ИКРОМИ

Статья посвящена анализу редакторской деятельности основоположника современной таджикской литературы С.Айни. Как известно, начиная с 20-х годов прошлого столетия до конца своей жизни С. Айни всегда занимался редакторской работой и считал её неотъемлемой частью своей литературной деятельности. На протяжении многих лет Садриддином Айни было выполнено значительное количество редакторских работ, связанных с редактированием учебников, исследовательской литературы, отдельных статей и произведений таджикских писателей, над которыми писатель работает со всей ответственностью и серьёзностью. Велика роль Айни в редактировании произведений Дж.Икроми. Икроми в самом начале своей литературной деятельности познакомился с С.Айни, который был весьма серьезен и строг в редакторском деле и указывал на все недоработки и недостатки его произведений, и подчеркивал, что если он внимательно и правильно будет изучать реальную жизнь, он преуспеет на поприще писателя. Первые сказки писателя были отредактированны С.Айни и опубликованны в журнале «Рахбаре дониш». В редакторской деятельности С.Айни особое место занимает редактирование романа Дж.Икроми «Шоди». В статье подробно анализированы в особенности работы С.Айни.

Ключевые слова: редактированние, литература, С.Айни, Дж. Икроми, рассказ, роман, журнал.

AINI 'S ROLE IN EDITING J. IKROMI 'S WORK

The article is devoted to analysis of editorial activity of the founder of modern Tajik literature S. Aini. As is known, from the 20th years of the last century until the end of his life S. Aini always engaged in editorial work and considered it an integral part of his literary activity. Over the years, SadriddinAini has done a considerable amount of editorial work involving editing textbooks, research literature, selected articles and works by Tajik writers, on which the writer works with all responsibility and seriousness. Aini 's role in editing J. Ikromi 's works is great. Ikromi at the very beginning of his literary activity met S. Aini, who was very serious and strict in the editorial business and pointed out all shortcomings and shortcomings of his work, and emphasized that if he carefully and correctly studies real life, he will succeed in the role of writer. The writer 's first tales were edited by SadriddinAini and published in the magazine "." In S. Aini 's editorial activities, editing of jalolIkromi 's novel "Shodi" takes a special place. The article analyses in detail the work of S. Aini.

Key words: editing, literature, S. Aini, J.Ikromi, story, novel, magazine.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Алиева Ҷамила*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, аспиранти кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабии факултаи журналистика. **Суроғ:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 918-28-73-18**

Сведения об авторе: *Алиева Джамила* - Таджикский национальный университет, аспирант кафедры стилистики и литературного редактирования факультета журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. Тел.: **(+992) 918-28-73-18**

Information about the author: *Aliyeva Jamila* - Tajik National University, is a graduate student of the department of stylistics and literary editing at the faculty of journalism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 918-28-73-18**

УДК: 82-1/29

ВИЖАГИҲОИ ҲУНАРИИ ШЕЪРИ ГУЛНОЗ

Бобоева Т.Р.
Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ

Таҳаввулоти шеъри нави тоҷикӣ дар ибтидои қарни бисту як чеҳраҳои тозаеро ба майдони адабиёт ворид намуда истодааст, ки бо диду назари хоссаи худ ба шеър пайванд гирифта, бо суннатҳои хосси адабиёти пешин, таҷаддуд дар қолаб ва тафаккури шоирона дар ташаккули шеъри имрӯзи тоҷикӣ хидмат мекунанд. Шоираи соҳибназар ва соҳибтафаккур Гулноз дар шумори ҳамин чеҳраҳои тозаи шеъри имрӯзи тоҷик қарор дорад, ки дар эҷоди равиши хоссаи худ дар қаламрави шеъри муосири тоҷик тавфиқ ёфтааст. То кунун панҷ маҷмӯаи ашъори ӯ ба дасти чоп расидааст, ки дар ҳар яке аз онҳо зина ба зина пешрафтҳои ҳунарӣ ва фикрии муаллиф эҳсос мегардад. Махсусан, дар маҷмӯаи «Шаб дар паси ман буд…» назари хос ва равиши тозаи ӯ ҳам дар шеъри сапед ва ҳам дар шеъри суннатӣ таҷассуми равшан дорад. Ин маҷмӯа худ фарогири ашъори дар қолиби сапеду нимоӣ, ғазал ва рубоиву дубайтӣ сурудаи Гулноз буда, дар ҳар қолиб бо ҷилварезии афкори фалсафиву ирфонӣ ва танини каломи самимонаи шоирона сурудаҳояшро ҷаззоб гардонидааст. Дар ҳар шеъру ҳар сурудаи шоира маърифати хос ва нигоҳи тоза, ҳиссомезиву тасвирофаринӣ эҳсос мегардад. Аз ҷумла, вақте хонанда ба ҷаҳони андешаву эҳсоси шоира дар шеъри «Садоямро бароят ҳадя хоҳам кард» ворид мегардад, нахуст ба ҳамин таркиби зебои шоиронаи садоро ҳадя кардан бармехӯрад, ки хеле ҷолибу тоза аст. Тафаккури фалсафии шоир боз ҳам ба ҳамон диди тозаи ӯ рабт мегирад, яъне садояшро ба нафари азизтарин ҳадя мекунад, ҳатто дар ҳадде ки барои зиндагонии якумраи бесадоӣ ризоят медиҳад.

… Иқтидори рӯҳпаймои садоямро
ба диске сабт хоҳам кард
То аз ин ово
Бодҳо маҳзун шаванд,
Обҳо мазмун шаванд.
Ман садоямро бароят ҳадя хоҳам кард.
Бесадо якумр хоҳам монд [2, с.9].

Корбурди калимоти муосир ба тафаккури мудернии шоира дар шеър ишорат мекунад ва эҳсос мегардад, ки ӯ набзи замонро рӯҳан дар пайвастагӣ ба ҷаҳони андешаҳояш дарк мекунад ва маҳз ҳамин шинохт ва маърифати рисолати замон омили мондагории суханвар хоҳад буд, вагарна такрори калимот ва андешаҳои қадима наметавонад дар таҷассуми ҳунари шоирӣ таъсире гузорад.

Аслан таваҷҷуҳ ба муҳтавои худи ҳамин ибора ҷолиб ба назар мерасад, яъне садоро ҳадя намудан. Шоира далелҳоеро барои судури ин амр дар дасти худ дорад ва нукоте аз он қаблан тазаккур ёфт. Аммо бояд ба зарурати фикрии ичрои ин амал мурур намуд. Ин тақдими садо танҳо ба хотири изҳори садоқат дар қаламрави ишқ аст, чун маҳбуб гуфта, ки садоятро дӯст хоҳам дошт. Таркиби нахустини шеъри мазкур ҳам ҷолиб аст, яъне ёдҳо афсӯс мегарданд дар ҷаҳони ноаёни ишқ ва пайроҳаи беэътимодӣ.

Ёдҳо афсӯс мегарданд

дар ҷаҳони ноаёни ишқ
дар пайроҳаи беэътимодӣ.
Гуфта будӣ: «Дӯст медорам садоятро» [2, с.9].

Давоми ин суруда ҳам борвар аз калимоту таркиботи шоиронаи пурбор мебошад, ки аз ҷумлаи онҳо оганда аз маҳтоби зардолуи номи ту ва дарахте, ки дар шарёни тилфун шоха медавад. Боз ҳам тафаккури мудернии шоира андешаҳои фалсафии ӯро таҷассум мекунад ва корбурди аносири муфассири ҷаҳони муосир аз пайванд ёфтани тафаккури қадим ва ҷадид дар қолиби шеъри нав дар сурудаҳои Гулноз паём мерасонад. Дар шеъри «Модарам аз абр метарсад» бошад, нуқтаи авҷи тафаккури шоирона дар ин ҷо таҷассум ёфтааст, ки ӯ мегӯяд:

Зиндагонӣ, рухсатиям деҳ,
то нафасҳоро диҳам бар модарам [2, с.19].

Ҷолиб аст, вақте шоира аз зиндагонӣ рухсатӣ мехоҳад ва лаҳзае умри худро нигоҳ доштанӣ мешавад, то нафасҳояшро барои модараш ҳадя намояд. Дар бораи модар шоирони мо сурудаҳои фаровоне доранд ва ҳатто силсилаи модарномаҳо ба вуҷуд омаданд. Аз ин шеъри барои модар бахшидаи Гулноз нуктаи ҷолиб эҳсос мешавад, ки садоқати ӯро тафсир мекунад, яъне хостори харидории саломатии модар бо нафасҳои худ аст. Дар зимни шеър масоили иҷтимоӣ низ таҷассум ёфтааст, ки вобаста ба пайванд гирифтан ба ҳолатҳои ҷудогонаи рӯзгори шоира метавон онҳоро шарҳ дод. Ба ибораи дигар, дар ин шеър ҷузъиёти зиндагонии худи шоира ҷилвагар аст, ки мурур ба муҳтавои он нукотеро аз рӯзгори ҷории ӯ барои мо равшан менамояд.

Сурудаҳои Гулноз чи дар навъи суннатӣ ва чи дар сурати ҷадид аз тафаккури хос, тасовири ҷолиб, пайванди амиқи эҳсос ва тафаккури шоирона барҳӯрдор мебошанд. Ҳатто дар қолиби ғазал ҳам шоира муваффақ шудааст, ки масоили мубрамро таҷассум намояд ва фаротар аз ҳама, тафаккури ирфонӣ ва ваҳдатназарӣ дар ғазалҳои Гулноз ҷилваи равшан доранд. Муҳаққиқ Қосимов С. дар мақолаи “Се сабки ғазалсароӣ дар ашъори Салими Хатлонӣ” доир ба марҳилаҳои ташаккули ғазал ва саҳми шоирони муосир дар такмил ва корбурди он сухан ронда, қайд менамояд, ки “ин жанр аз солҳои 60-уми асри XX боз дар назми тоҷик мавқеи муносиб пайдо намуд” [8, с.233]. Таваҷҷуҳ ба намунаи ғазалҳои шоира ин ҳақиқатро ошкор месозад:

Рафтам ба сӯйи оина дидам, ки боз ту,
Сад осмон таҷаллии лутфу ниёз ту.
Гуфтӣ, ки чист зиндагӣ? Гуфтам: туӣ фақат,
Яъне, ки обу оташу хоку фароз ту.
Бардор офтоби дилам, уфтодаест он,
Эй соҳиби тараннуми оҳанги роз ту.
То пуррагии маҳ фақат як дақиқа монд,
Меоӣ то ба сояи шабҳои ноз ту [2, с.78].

Вақте шоира мегӯяд, ки обу оташу хоку фароз ту, ҳамин андешаи ваҳдатгароиро тафсир мекунад ва навъе таҷассуми андешаҳои ирфониро дар қолиби ин ғазал бозгӯӣ менамояд.

Диди фалсафӣ ва ирфонӣ дар ашъори шоира, ки файзгир аз ҳунару қариҳаи шоиронаанд, танҳо ба сурудаҳои нимоӣ ё мудернӣ хос нестанд, балки ғазалу ашъори суннатӣ низ ҷарақаҳои рӯшан доранд. Муроҷиат ба чанд байте аз як ғазал ҳақиқати ин андешаҳоро ошкор месозад. Шоира мегӯяд:

Аз ту, аз ту медонам марги аввалинамро,
Баъди макси дил дидам будани навинамро.
На, намурдаам, бахшой, душмани азизи ман,
Дар канори худ дорам узри нозанинамро [2, с.85].

Бад-ин сурат аз ин ду байт ҳувайдо мегардад, ки шоира бо диде фалсафӣ ба ҷаҳони омадшуд менигарад ва ҳикмати дар адами як чиз зуҳур кардани чизи дигарро ба сурати дигаргуна бо меъёри шинохти худ баён месозад. Будан баъд аз макси дил ибораест, ки ҳамин андешаро таҳвият мебахшад ва шоира дар ин макси дили худ, ки оинаи инсон аст,

шурӯи як зиндагонии ҷадид ва ҳузури тозаеро паём мерасонад. Ба ҳамин хотир, ки дар мисраи савуми ғазал ба сароҳат ва таъкид мегӯяд: «На, намурдаам бахшой, душамани азизи ман…»

Ҷанбаи қавии сурудаҳои Гулнозро метавон аз рӯйи корбурди тасвирҳои шоиронаи ӯ муқаррар намуд, ки ин хусусияти ҳунарӣ дар ҳар яке аз ашъори вай ҷилвагар мешавад. Масалан, вақте ба муҳтавои шеъри «Ману соли навем дар истгоҳи аср» мурур мекунем, пайдост, ки ҳатто ин гуна як навъ тасвирофаринӣ дар худи унвони шеър таҷассум дорад. Яъне, истгоҳи аср ҳамон фазову замони муайян аст, ки дар андешаи шоира ба сурати қароргоҳи мошин ё истгоҳ даромадааст ва чун вақт ҳамеша ба суръат ҳаракат менамояд, тасаввуроти шоиронаи Гулноз онро ба шаклу сувари истгоҳи мушаххас даровардааст. Аслан, истгоҳ танҳо ҷойи қарор гирифтан ё сукут намудан нест, балки дар баробари он ки мошин он ҷо қарор мегирад, вай метавонад ба ҳаракат дарояд, яъне сарчашма ё оғоз ҳам бошад. Ин шеър бо сурати зайл шурӯъ мешавад:

… Ва оби рӯди Сайҳун
кам шуду
ваҳми дили мурғобиён афзуд.
Дили ман низ кам мегардад аз ёдат [2, с.6].

Аз ёд кам шудани дил ҳам навъе тасвири шоирона аст, ки аз вуҷуди эҳсоси самимонаи суханвар дарак медиҳад. Вақте дар давоми ин шеър таъбирҳои шоиронаи «дар он сӯйи барҳам хӯрдани фосилаи ҳиҷрон», «мазрааи чашмон» ва «дар мазрааи чашм парранда шудан» -ро ба мутолиа мегирем, боз ҳам ин амр ба он таъкид мекунад, ки ҷанбаи тасвирии ашъори шоира тақвият ёфтааст. Ин ҷо аз тасвире сухан меравад, ки ошиқ дар мазрааи чашмони дӯстдоштаи худ парранда мешавад, яъне висолро тафсир мекунад, ин матолиб дар порчаи зерин:

Таваҳҳум мешавад афзун,
Ки дар он сӯйи
барҳам хӯрдани фосилаи ҳиҷрон
шабе дар мазраи чашмони ту
парранда хоҳам шуд [2, с.6].

Хулосаи шеър ҳам ҷолиб аст, чун сухан аз омадани қатораи вақту рафтани ҳама меравад, ки боиси аз фурсат оқиб мондани худи соҳиби сухан аст ва, албатта, ин як навъ андешаи шоирона аст, ки бо он ҳама азамати шинохти замон ва қадам гузоштан дар фурсатҳои навини умр боз ҳам аз асари эҳсоси ба худ қонеъ набудан хештанро ба пушт меандозад. Ин ҷо ҳам агарчи сухан аз омадани фасли барф, яъне ибтидои соли нав меравад, шоира ҳанӯзам дар кӯчаҳои тирамаҳ қадам мезанад ва ин қадам задан на ба маънии воқеӣ, балки бо ҳамон ҳузну андуҳи худ боқӣ мондани ӯро шарҳ медиҳад, чунки тирамоҳ ҳамеша рамзи ғаму андуҳи инсонист.

Қатора омад аз даври хиёбонҳову
аз ман ҳамсафарро бурд.
Ҳама рафтанд сӯйи барфу
ман дар кӯчаҳои тирамаҳ мондам [2, с.7].

Эҳсос мешавад, ки тасвирҳои шоиронаи муаллиф ҳам куҳна нестанд, балки бо замон қадам мезананд ва суханвар тасаввури хешро тавассути аносир ва ашёи рӯзгори хеш шоирона баён менамояд.

Дар шеъри дигаре аз ӯ низ, ки «Шуълае дар садаф» унвон дорад, тавассути ба кор гирифтани восита ва ашёи наве мисли тӯб мехоҳад заминро ба он монанд кунад, ки дар илми нуҷум куррашакл хонда шудааст. Аз ин ҷост, ки дар мавриди дигар фармудааст:

Замоне
Тӯбро оғӯшкунон гуфта буд:
Замин чӣ қадар бузург аст!
Зуд замин шуд,
Хокро афзуд,
нафас намекашид [2, с.8].

Дар се сатри баъдӣ бошад, таркибҳои «замин шудан», «хокро афзудан», «нафас накашидан» ҳамагӣ маргро тафсир мекунанд, ба иллати он ки замин шудан ҳамон хок гаштан аст ва дар зимни хок шудан инсон аз ҳисоби ҷисми хокиаш хокро зиёда мегардонад ва баъдан нишонаи марг нафас накашидан аст.

Дар зимни шеъри «Самти вақт» низ вақте таркиби дақиқаҳои мусофир ба забон оварда мешавад, аллакай, аз ҳамин ҷойгоҳ мақоми тасвир дар ин шеър ба мушоҳида мерасад.

Дақиқаҳои мусофир
Ба рӯйи соҳати саҷҷода дам гирифта буданд.
Ин замон
Ишқи саргаштаи даргоҳ
Осмон санги сари роҳаш буд.
Аз китоби нави садсаҳфаи аср
Сафҳае боз рабудааст замон [2, с.12].

Рostӣ, мутолиаи кулли сурудаҳои шоира аз сабки тозаи суханварӣ, андешаҳои баланду мазмунофарона, маъниҳои ҷадид ва махсусан, дарки фалсафаи тасвирсозӣ дар шеър паём мерасонад. Дар бораи ҳамаи маҷмӯаҳои шоира метавон ин ҳарфро ба забон овард, ки ҳамагӣ аз сухани тозаву андешаҳои бикр ва тафаккури шоиронаи фалсафӣ башорат медиҳанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Акбаров Ю. Шеъри эҳсос ва тафаккур / Ю. Акбаров. – Душанбе: Адиб, 1985. - 147 с.
2. Гулноз. Шаб дар паси ман буд... (маҷмӯаи шеърҳо) / Гулноз. - Душанбе: Адиб, 2011. - 96 с.
3. Давронов А. Шеър ва ашё дар шеър / А.Давронов // Фарҳанг. - 2002, № 3-4.
4. Доро Начот. Рисолате дар ростои халлоқияти шеър / Доро Начот // Шоҳроҳи ваҳдат. – 2002. - № 8.
5. Келдиёров Т. Шеър чун махсусият / Т. Келдиёров // Адабиёт ва санъат. – 2002. – 28 июн. - № 25-26.
6. Нурзод Н. Меъроҷе то хуршедии висол. (нақду баррасии баъзе вижагиҳои мавзӯиву ҳунарии ашъори Доро Начот) / Н. Нурзод. - Душанбе: Деваштич, 2003. - 99 с.
7. Нурзод Н. Парниёни сабзи андеша. (Маҷмӯаи мақолаҳо дар нақди адабиёти муосир) / Н. Нурзод. - Хуҷанд: Меъроҷ, 2014. - 308 с.
8. Қосимов С. Се сабки ғазалсароӣ дар ашъори Салими Хатлонӣ / С. Қосимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2019. - № 2. - С.233-239.
9. Ҳакимов А. Дар қаламрави сухан / А. Ҳакимов. – Душанбе: Ирфон, 1982. - 224 с.
10. Ҳакимов А. Шеър ва замон / А. Ҳакимов. – Душанбе: Ирфон, 1978. - 256 с.

ВИЖАГИҲОИ ҲУНАРИИ ШЕЪРИ ГУЛНОЗ

Дар мақолаи мазкур таҳқиқи вижагиҳо ва таҳаввулоти шеъри нави тоҷикӣ дар ибтидои қарни бисту як, ки боиси ба майдони адабиёт ворид шудани чеҳраҳои тозае гаштааст, ки бо диду назари хосаи худ ба шеър пайванд гирифта, бо суннатҳои хоси адабиёти пешин, таҷаддуд дар қолаб ва тафаккури шоирона дар ташаккули шеъри имрӯзи тоҷикӣ хидмат мекунанд, сурат гирифтааст. Муаллифи мақола вижагиҳои сохтмони тасвирро дар шеъри яке аз намояндагони адабиёти муосири тоҷик Гулноз мавриди тадқиқ қарор дода, назари хос ва равиши тоза, таҳаввули афкори фалсафиву ирфонии ӯро ҳам дар шеъри сапед ва ҳам дар шеъри суннатӣ нишон додааст. Дар мақола махсусан ба масъалаи корбурди калимоти муосир дар ашъори шоира, ки тафаккури мудернии ӯро дар шеър ишорат мекунад ва эҳсос мегардад, ки ӯ набзи замонро рӯҳан дар пайвастагӣ ба ҷаҳони андешаҳояш дарк мекунад, таваҷҷуҳ зоҳир гардидааст. Қайд гардидааст, ки маҳз ҳамин шинохт ва маърифати рисолати замон омили мондагории суханвар хоҳад буд, вагарна такрори калимот ва андешаҳои қадима наметавонад дар таҷассуми ҳунари шоирӣ таъсире гузорад. Муаллифи мақола бо зикри намунаҳо аз эҷодиёти шоира навҷӯиҳои ҳунарӣ ва муҳокотофарӣ дар заминаи афкори фалсафӣ ва ирфонӣ, сабки тозаи суханварӣ, андешаҳои баланду мазмунофарона, маъниҳои ҷадид ва махсусан, дарки фалсафаи тасвирсозиро дар шеъри Гулноз таҳқиқ менамояд.

Калидвожаҳо: адабиёти классикӣ, адабиёти муосири тоҷик, шеъри муосир, шеъри сафед, тафаккури шоирона, сувари хаёл, афкори фалсафӣ, ирфон, тасвир, тасвирсозӣ, ғазал, рубоӣ.

ХУДОЖЕСТВЕННЫЕ ОСОБЕННОСТИ ПОЭЗИИ ГУЛНОЗ

В данной статье исследуются особенности нового таджикского стихотворчества начала XX1 века, что стало основой появления в мире литературы новых образов, по своим индивидуальным взглядам близким традиции предшествующей литературы, и способствующим формированию поэтического мышления современного стихосложения. Автор статьи подвергает обсуждению особенности построения образов в стихах одной из представительниц современной таджикской литературы Гулноз, показывает ее индивидуальный взгляд и новое течение в преобразовании ее философского мышления в белом и традиционном стихах. В статье особое внимание

уделено вопросам применения современных слов в произведениях поэтессы, которые дают понять ее новые взгляды и ее новое мышление, созвучное с пульсом времени. Отмечается понимание поэтессой современных задач просвещения, так как повтор слов и старых мыслей не смогут оставить впечатление в поэтическом творчестве. Автор статьи на примерах показывает нововведения, высокое и новейшее мнение, превосходство в красноречии и особенно понятие философского образа в творчестве поэтессы Гулноз.

Ключевые слова: классическая литература, современная таджикская литература, современный стих, белый стих, поэтическое мышление, картина мышления (воображение), философская мысль, суфизм, изображение, образ, лирика, рубаи.

ARTISTIC CREATION OF GULNOZ'Z POEMS

This article describes the study of the characteristics and transformation of the new Tajik poem of the beginning of the 21st century, which was the reason for the entry into the world of literature of new images that serve their individual views with the characteristic tradition of prior literature, the formation of poetic thinking of modern versification.The author of the article discusses the features of building an image in the poems of one of the representatives of modern Tajik literature, Gulnoz, shows her individual view and a new trend in transforming her philosophical and Iranian thinking in white and traditional verses. The article focuses on the use of modern words in the works of the poetess, which makes it clear about her new views and her new thinking, consonant with the pulse of time. The poetess understands the modern tasks of enlightenment, since the repetition of words and old thoughts will not leave an impression in poetic activity. The author of the article in the examples shows innovations, high and modern opinion, excellence in eloquence and especially the concept of a philosophical image in the work of the poetess Gulnoz.

Key words: classical literature, modern Tajik literature, modern poem, white poem, poetic thinking, picture of thinking, philosophical sense, Sufism, expression, image, lyrics, rubai.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Бобоева Таиба Раҳматовна*** – Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ, номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи забони давлатӣ ваҷамъиятшиносӣ. **Суроғa:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, хиё. И.Сомонӣ, 227.
E-mail: **Farah_a@mail.ru**

Сведения об авторах: ***Бобоева Таиба Рахматовна*** – Политехнический институт Таджикского технического университета им. академик М.С. Осими, кандидат филологических наук, заведующая кафедрой государственного языка и обществознания. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр. И.Сомони, 227.
E-mail: **Farah_a@mail.ru**

Information about the author: ***Boboeva Taiba Rahmatovna*** – Polytechnical Institute of Tajik Technical University after M.S. Osimi, Candidate in Philological Sciences, head of the chair of the state language and humanities. **Address:** Republic of Tajikistan, Khujand city, Somoni Ave., 227. E-mail: **Farah_a@mail.ru**

УДК: 891.5

САҲИФАҲОИ ЗИНДАГОНИИ А.ЛОҲУТӢ ДАР ТУРКИЯ

Зоиров Б.Ш.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Абулқосим Лоҳутӣ ду маротиба ба Туркия ҳиҷрат кардааст. Аз рӯйи нишондоди мақолае, ки дар ҷилди дуюми Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик вобаста ба рӯзгору осори Лоҳутӣ нашр шудааст, ба ин кишвар ҳиҷрат кардани ӯ «байни солҳои 1914-1915 ва 1918-1921» [5, с.108] зикр мешавад. Ҳиҷрати аввали Лоҳутиро ба Туркия муҳаққиқ Х.Асозода мушаххастар карда менависад, ки «дар моҳҳои август –сентябри соли 1914 ба Бағдод, баъд оғози соли 1915 ба Хонақин ва пас ба воситаи Ҳалаб ба Истамбул муҳоҷират карданаш аз имкон дур нест» [3, с.162]. Аз ин ишораҳо бармеояд, ки муҳоҷирати аввали Лоҳутӣ дар Туркия камтар аз 1 сол давом ёфтааст. Аммо муҳоҷирати дуюмбораи ӯ ба ин кишвар, ки байни солҳои 1918-1921 рост меояд, нисбатан тӯлонӣ буд ва ин ба ташаккули шахсияти Лоҳутӣ ҳамчун як чеҳраи шинохтаи сиёсиву фарҳангӣ таъсири бештар гузоштааст.

Соли 1914 ҳукумати подшоҳии Россия ва Англия, ки, аллакай, артиши худро ба Эрон дароварда, ҳукумати ин кишварро зери таъсири худ қарор дода буданд, барои идораи он

назди ҳукуматдорони ин кишвар шарт мегузоранд, ки “Эрон, ғайр аз қувваи жандармерӣ, набояд ҳеҷ як қувваи низомӣ дошта бошад” [6, с.169].

Дар пайи ин шартгузориҳои қувваҳои истисморкунандаи хориҷӣ роҳбарони гурӯҳҳои инқилобӣ, ки Лоҳутӣ яке аз онҳо буд, пинҳонӣ ҷамъ омада, ба хулосае меоянд, ки қувваи мусаллаҳи асосии инқилобро дар зери либоси жандармерӣ омода нигоҳ доранд. Дар ҳамин замина Лоҳутӣ вазифадор мешавад, ки барои афзун намудани сафи инқилобчиён ба шаҳрҳои гуногуни Эрон сафар намуда, дастаи иловагӣ ташкил кунад. Ин “сарбози инқилоб” дар як муддати кӯтоҳ дастаи махсуси худро таъсис медиҳад. Вале ҷосусони Англия ва ҳукумати подшоҳии Россия аз ин огоҳ шуда, дастаи Лоҳутиро пароканда намуда, худашро ғоибона ба куштан ҳукм мекунанд. Худи Лоҳутӣ ин воқеаро дар “Тарҷумаи ҳол” ном очеркаш, ки соли 1954 дар маҷаллаи “Адабиёти советӣ” нашр шудааст, нақл намуда, менависад, ки баъди ин “бо гурехта гаштан аз ҳудуди Эрону Туркия ҷони худро халос кардам ва то вақте ки бо инқилобчиёни Эрон робита мумкин буд, дар қасабаи Сулаймонияи Туркия таваққуф намудам” [6, с.169]. Дар муҳоҷирати аввал ба Туркия, новобаста ба ин, ки муҳлати кӯтоҳро дар бар мегирифт, Лоҳутӣ душвориҳои зиёдеро паси сар намуд. Муҳаққиқи эронӣ Ғуломҳусайни Амирӣ менависад, ки «пас аз вуруд ба Туркия ба сабаби ноошноӣ бо муҳит ва наёфтани дӯстон ва муборизони ҳамватанаш Лоҳутӣ муддатҳо саргардон буд … ва ин даврон аз талхтарин ва душвортарин лаҳзаҳои зиндагии ӯ ба шумор мерафт» [3, с.158]. Новобаста ба чунин рӯзгори сахту сангин ӯ муборизаи худро зидди ҳукумати шоҳӣ ва ишғолгарони хориҷӣ, ки он шабу рӯз бо мақсади ғорат намудани мардуми Эрон ва ба нобудӣ кашидани ин сарзамини бостонӣ аз ҳар гӯшаи ин кишвари паҳновар сар дароварда буданд, қатъ накарда, балки онро тавассути қалам шиддат бахшид. Дар ин шабу рӯз Лоҳутӣ бо шеъру мақолаҳо ва хабару гузоришҳои худ тавассути матбуот ва варақаҳои махсуси иттилоотӣ нақшаи ғасбгароёнаи хориҷиён ва хиёнати ҳукумати шоҳиро нисбат ба мардум ва сарзамини Эрон фош намуда, аҳли заҳмати ин кишвари тамаддунофарро ба мубориза мехонд. Мақолаву хитобаҳои Лоҳутӣ дар ин солҳо ба рӯҳияи инқилобии мардуми Эрон таъсири ҷиддие гузоштаанд. Дар натиҷаи ин даъватҳо ҳанӯз аз ҳиҷрати Лоҳутӣ ба Туркия як сол ҳам сипарӣ нашуда буд, ки дар Эрон ҳаракатҳои нави инқилобӣ зидди ҳукумати шоҳӣ ва истилогарони хориҷӣ шурӯъ мешавад. Бо шунидани ин хабар Лоҳутии ташнаи мубориза бо зулму беадолатӣ ба он нигоҳ накарда, ки дар Эрон ӯро марг таҳдид мекард, ба ватан баргаштан мехоҳад. Аз он, ки он шабу рӯз дар Туркия вазъи сиёсӣ чандон ором набуд ва сарҳадҳо бо Эрон баста буданд, шоир маҷбур мешавад, ки тавассути Ироқ ба ватан ояд. “Ман пиёда ба Бағдод рафтам ва аз он ҷо ба Кирмоншоҳ гузаштам” [6, с.169], - менависад Лоҳутӣ дар “Тарҷумаи ҳол”-и худ.

Ҳиҷрати дуюми Лоҳутӣ ба Туркия ба солҳои 1918-1921 рост меояд. Ин дафъа ҳам ӯ ба Туркия дар ҳоле ворид мешавад, ки империалистони хориҷӣ дар ҳамдастӣ бо хоинони ҳукумати маҳаллӣ ташкилоти “Фирқаи коргарӣ”, ки онро Лоҳутӣ баъди бозгашт аз муҳоҷирати аввалааш ба Туркия дар Кирмоншоҳ, дар натиҷаи сарҷамъ кардани як қатор чеҳраҳои маъруфи сиёсиву шахсони ватандӯст таъсис дода буд, бо як бераҳмии хос террор мекунанд. Дар ҳиҷрати дигарбораи худ ба Туркия Лоҳутӣ дар қиёс ба ҳиҷрати аввал ҳамчун як чеҳраи дар сиёсат обутобёфта вориди Истамбул мегардад ва гуфтан мумкин, ки ҳамчун як дипломати муҳофизи манфиатҳои халқи меҳнаткаши Эрон кору фаъолияташро идома медиҳад. Аммо ин дафъа ҳам зиндагӣ дар муҳоҷират барои ӯ осон набуд. Худи Лоҳутӣ ҷараёни сафари пурмашаққати навбатиаш ба Туркияро ёдовар шуда, мегӯяд, ки “дар ҳавои гарми тобистон ятимбачагони бехонумоне маро дар кӯчаи Истамбул беҳуш ёфта, ба паноҳи худ гирифтаанд. Дар сояи ҳимояту ғамхории онҳо ба худ омадам” [6, с.171]. Дар Истамбул аввалҳо Лоҳутӣ гуруснагӣ мекашад ва баъд ба корҳои гуногун машғул шуда, “коргари оддӣ, шахтиёр, фурӯшандаи газетаҳо, хизматгори ошпаз ва дар охир муаллими забони форсӣ” [10, с.40-41] шуда кор мекунад.

Аммо ин душвориҳо барои идома додани муборизаҳои сиёсӣ ба муқобили истилогарони аҷнабӣ ва ҳукумати шоҳӣ дар Эрон пеши роҳи Лоҳутиро гирифта наметавонанд. Ба таъкиди Соҳиб Табаров «Лоҳутии ватандӯст аз Туркия истода ҳам

баҳри озод намудани кишвари худ, ҳам барои бахту саодат ва озодии меҳнаткашон, аз ҷумла занони беҳуқуқи Эрон ва ҳам барои таъмини ҳуқуқҳои оддии инсонии онҳо бо ашъори худ муборизаро давом медиҳад” [9, с.8].

Фаъолияти омӯзгорӣ дар Туркия Лоҳутиро бо як қатор тоҷирону равшанфикрони эронии муқими Истамбул, ки фарзандонашон назди ӯ дарси забони форсӣ меомӯхтанд, шинос мекунад. Сипас, бо кумаки молии сафири собиқи Эрон дар Туркия Мирзо Ризохони Дониш як дӯкони китобфурӯшӣ таъсис медиҳад. Ин дӯкони китобфурӯшӣ ҷойи асосии мулоқоту ошноиҳои ӯ бо доираи васеи равшанфикрони эронии муҳоҷир мегардад. Маҳз дар ҳамин дӯкони китобфурӯшӣ, ки макони маҳфилҳои сиёсиву адабии равшанфикрони эронитабори муқими Истамбул гардида буд, ӯ бо равшанфикрону мухолифони сиёсати ҳукумати шоҳӣ дар Эрон забон як карда, ба ҳадафҳои бузургтар иқдом мекунад. Муҳаққиқ Х.Асозода ҳам бо ишора ба ин паҳлуи фаъолияти шоир навиштааст, ки Лоҳутӣ «иқомати иҷбориашро дар Истамбул фақат ба шеърнависӣ сипарӣ накарда, балки «Ҷамъияти ҷавонони Эрон»-ро ташкил дод» [3, с.164].

Дар қадами баъдӣ Лоҳутӣ дар ҳамдастӣ бо равшанфикрони эронии муҳоҷир, аз ҷумла Ҳасанхони Муқаддам, ки бо тахаллуси Алии Наврӯз маъруф аст ва кумакҳои моддиву маънавии корманди сафорати Эрон дар Истамбул Хонмалики Сосонӣ маҷаллаи «Форс»-ро таъсис медиҳад. Ба таъкиди Х.Асозода нависандагони маъруфи Эрон ва Туркия Ризо Тавфиқбек, Адибулмамолики Фароҳонӣ ва Шӯридаи Шерозӣ низ барои таъсиси ин маҷалла ба Лоҳутӣ кумак кардаанд. Маҷаллаи мазкур бо забонҳои форсӣ ва фаронсавӣ чоп мешуд, ки бахши форсии онро Лоҳутӣ ва бахши фаронсавиашро Алии Наврӯз пеш мебурданд. Шумораи аввали маҷалла 15 апрели соли 1921 дар Истамбул нашр гардидааст. Бо таъсиси ин маҷалла барои Лоҳутӣ, ки то ин замон хабару мақолаҳо, даъватномаҳо ва шеърҳои инқилобиашро тавассути варақаҳо паҳн намуда ва ё дар нашрияҳои гуногун бо мушкилоти зиёд нашр мекард, акнун минбари баёни андеша ва даъвати мардум ба озодӣ фароҳам омад. Ӯ ва ҳамроҳонаш ин маҷалларо ҳамчун минбари инқилобии худ истифода менамуданд. Дар ин маҷалла як силсила мақолаву хабар, ҳикояву ашъори гуногунжанри Лоҳутӣ чоп шудаанд, ки ҳамагӣ баёнгари андешаҳои инқилобии нависанда, эҳсоси ватандӯстӣ ва рӯҳияи муборизии ӯро ифода мекунанд. Эҳсосоти ватанхоҳӣ ва эрондӯстии ӯ дар ин осор инъикоси возеҳи худро дарёфтаанд.

Мутаассифона, мо шумораҳои ин маҷалларо дастрас карда натавонистем, вале бо чанд маводи он, ки дар таҳқиқотҳои алоҳида, газетаи «Маориф ва маданият» ва маҷаллаи «Садои Шарқ» бознашр шудаанд, шинос шудем. Рӯзномаи «Маориф ва маданият» дар таърихи 3 декабри соли 1963 таҳти унвони «Бозёфти нав» як ҳикояи Лоҳутиро аз шумораи №3 маҷаллаи «Форс» нашр кардааст. Ин маводи дар газетаи «Маориф ва маданият» нашр шуда аслан як хабар аст, ки дар хусуси ёфт шудани 4 шумораи ин маҷалла иттилоъ медиҳад. Вале баъди ин хабар ҳикояи мавриди назари мо, ки ба қавли масъулини рӯзнома бо «услуби ҳикоянависи Саъдии Шерозӣ» [4] навишта шудааст, алоҳида нашр гардидааст. Аз ишораи таҳиягарони ин мавод бармеояд, ки он дар маҷаллаи «Форс» ҳам зери рубрикаи «Ҳикоят» чоп шудааст. Ҳикояи мазкур дар бораи писари савдогарзодаи эроние, ки дар мактаби аврупоии Истамбул таҳсил менамояду забони модарии худро фаромӯш кардааст, баҳс мекунад. Ҳарчанд, ки ин ҳикоя ҳаҷман хурд аст, вале мазмуни як мақолаи хуби таҳлилиро дорад. Мақсадгузориҳои муаллиф дар ин ҳикоя дақиқанд. Муаллиф дар он бетаваҷҷуҳии ҳукумати Эрон нисбат ба забони форсӣ ва мушкилоти мактабу маорифро дар ин кишвар, ки боис шудааст то сарватмандони ин миллати куҳанбунёд фарзандони худро барои илмомӯзӣ ба хориҷ бубаранд, сахт танқид кардааст.

Х.Асозода дар китоби «Саргузашти устол Лоҳутӣ» аз ду мақолаи дигари А.Лоҳутӣ дар маҷаллаи «Форс» - «Устоди дилмаконӣ» (шумораи 2) ва «Эрон ва удабои он» (шумораи 4) ёдовар мешавад ва онро саҳми Лоҳутӣ «дар саҳифаҳои маҷаллаи «Форс» чун адабиётшинос ва насрнавис»[3, с.166] арзёбӣ мекунад. Аммо аз иқтибосҳои овардашуда бармеояд, ки ин мақолаҳо хусусияти даъватӣ доранд ва муаллиф бо нашри ин мақолаҳо аз адибони Эрон даъват ба амал меорад, ки дар бедории мардум фаъол бошанд. Тавре дар китоби «Саргузашти устод Лоҳутӣ» мехонем, дар ин мақолаҳо муаллиф «кӯшиш менамояд,

ки ватанпарварии як қатор шоиронро таъкид ва аҳаммияти сухани бадеиро барои пешрафти мамлакат нишон диҳад» [3, с.164]. Аз ин ба осонӣ пай бурдан мумкин аст, ки мақсад аз иншои мақолаҳои мазкур аз ҷониби Лоҳутӣ, ки он шабу рӯз дар ғурбат умр ба сар бурда, ҳадафаш танҳо пирӯзӣ ба муқобили ҳукумати истисморгари шоҳии Эрон ва империалистони хоричӣ дар ин кишвар буд, на таҳқиқу нақди шеъру адабиёти Эрон, балки даъвати адибони ин кишвар ба инқилоб ва бедории мардум аст. Лоҳутӣ хуб медонист, ки барои мардуми ҷафокашида, вале маорифпарвару адабдӯсти кишвараш таъсири сухан ва махсусан сухани адибони шуҳратёри диёраш чӣ аҳаммияте дорад. Аз ин хотир, бо ин мақолаҳо ӯ ҳадафмандона ҳампешагонашро барои ба муборизa даъват намудани мардуми озодихоҳ таҳрик медиҳад.

Таъсиси маҷаллаи «Форс» дар Истамбул, аз як ҷиҳат, ба тарғибу ташвиқи ғояҳои инқилобии шоир ва шариконаш хидмат намуда бошад, аз ҷониби дигар, дар муаррифии осори адабии ӯ низ саҳми арзишманд гузоштааст. Пажӯҳишгарон Акбаров Ю. ва Шодиқулов Ҳ. дар мақолаи «Ашъори Лоҳутӣ дар хорича» таъкид намудаанд, ки «ҳиҷрат ба Туркия ва дар онҷо аз тарафи шоир таъсис дода шудани нашрияи «Форс» ба тарғибу интишори асарҳои ҷудогонаи устод кумаки ҷиддие расонидаанд» [2, с.216]. Ба таъкиди ин муаллифон маҳз дар Истамбул соли 1921 панҷ маҷмӯаи шеърҳои Лоҳутӣ ба ҳуруфоти арабӣ чоп гардидааст, ки онҳо ба хонандагони форсизабони Эрон, Афғонистон, Ҳинду Покистон, Тоҷикистон ва Озарбойҷон дастрас буданд. Ҳамчунин дар саҳифаи фаронсавии маҷалла аксари ашъори дар он нашршуда бо забони фаронсавӣ тарҷума шуда, дастраси хонандагони аврупоии ин нашрия гардидаанд. Муҳаққиқ С. Давронов ҳам ба ашъори дар Туркия эҷодшудаи Лоҳутӣ ишора карда, аз “якчанд маҷмӯаи ашъор”-и шоир ёдовар мешавад ва менависад, ки “аз байни онҳо танҳо маҷмӯаи “Лаолии Лоҳутӣ” маълум аст” [5, с.108].

Маҷаллаи «Форс» баъди нашри ҳафт шумора аз ҷониби ҳукумати Туркия баста шуд. Дар баста шудани ин маҷалла ҳукумати шоҳии Эрон нақш дошт. Зеро ин нашрия бо вуҷуди фаъолияти кӯтоҳмуддати худ дар Эрон маҳбубияти зиёд пайдо карда, дар бедории рӯҳияи мардум ва ба инқилоб ҷалб намудани онҳо нақши муассир гузошт, ки ин ба манфиатҳои ҳукумати шоҳӣ рост намеомад. Аз ин рӯ, ҳукуматдорони Эрон аз Туркия хоҳиш карданд, ки барои бастани ин маҷалла мусоидат кунад. То баста шудани ин маҷалла, аллакай, дар Эрон ҳаракатҳои инқилобӣ шурӯъ шудаву авҷ гирифта истода буданд. Аз ин рӯ, баъди он ки Лоҳутӣ аз ин минбари муборизааш маҳрум мешавад, ба хулосае меояд, ки ба ватанаш баргардад ва дар ҳаракатҳои инқилобии мардумӣ иштирок кунад.

Мавриди зикр аст, ки ашъори дар Туркия эҷодшудаи Лоҳутӣ низ, ки як қисмати онҳо дар маҷаллаи «Форс» ва матбуоти маҳаллии Истамбул чоп шудаанд, ҷанбаи пурқуввати иҷтимоӣ доранд ва ҳамагӣ баёнгари ҳадафҳои инқилобии ӯ ба шумор мераванд. Шеърҳои дар Истамбул навиштаи Лоҳутӣ, ки ба қавли худи ӯ “аксаран бо рамзу киноя” гуфта шудаанд, ҳамон замон дар Эрон шуҳрати калон пайдо карда буданд. Сабаби ба чунин услуб рӯ овардани худро шарҳ дода, Лоҳутӣ навиштааст, ки “агар матлабро ошкоро мегуфтам, сензураи ҳарбии Туркия, ки дар зери назорати инглисҳо буд, ашъори зиддиимпериалистии маро ҳаргиз ба матбуот роҳ намедоданд” [6, с.171]. Шеърҳои маъруфи “Шамъу парвона”, “Аё сайёд шарме кун маранҷон нимҷонамро”, “Фақат сӯзи диламро дар ҷаҳон парвона медонад” аз ҷумлаи ҳамон ашъор аст, ки дар онҳо дар маркази диққати шоир мавзӯи “истиқлоли Эрон ва вобаста ба ин мавзӯъ кӯшиши ангехтани ҳисси ифтихори миллии эрониён ва нафрати онон нисбат ба сиёсати мустамликавии Англия меистад [1, с.19]. Яъне, ин шеърҳо як паҳлуи қавии публитсистикаи Лоҳутиро ташкил медиҳанд. Аксари ин шеърҳо, ки дар онҳо мавзӯи ҳадафҳои ишғолгароии империалистони ғарбӣ ва ноуҳдабароиву хиёнаткориҳои аҳли Шарқ дар маркази диққати шоир қарор гирифтаанд, имрӯз ҳам моҳияти худро гум накардаанд. Ҳаҷ ба ҷониби устод А.Саъдуллоев аст, ки гуфтаанд, «осори публитсистии устод Лоҳутӣ куҳна нашудааст. Сухани пурэҳтироси шоири инқилоб имрӯз ҳам барои беҳбудии иҷтимоии башар кор мекунад» [8, с.38].

Соли 1921 ҳаракатҳои инқилобӣ дар Эрон аз нав авҷ мегиранд. Махсусан ба амал омадани инқилоби дубора дар Гелон ҳушу ёди Лоҳутии ташнаи муборизаро тамоман ба худ ҷалб мекунад. Аз ҷониби дигар таъқиботи ҳукумати Туркия, аз пайи Лоҳутӣ афтодани ҷосусҳои шоҳи Эрон ва империалистҳои англис хавфи дастгир гардидани ӯро бештар мекунад. Ин аст, ки Лоҳутӣ тобистони ҳамон сол пинҳонӣ роҳи ватанашро пеш мегирад. Чун имкони якбора аз Туркия ба Эрон гузаштанро надошт, маҷбур мешавад, ки "бе пул, пойи бараҳна ва пиёда" [7, с.263] бо душвориҳои азим саҳрою биёбонҳои Арабистонро тай намуда, ба ватанаш баргардад.

Лоҳутӣ дар ду ҳиҷрати маҷбурии худ ба Туркия ба хотири наҷоти ҷонаш иқомати муваққатиро дар ин кишвар ихтиёр кард ва саргардонии зиёде ҳам кашид. Беҳуда ҳам нест, ки пажӯҳишгарони рӯзгораш ин давронро аз талхтарин ва душвортарин лаҳзаҳои зиндагии ӯ арзёбӣ кардаанд. Аммо дар баробари ин ранҷу машаққат муҳоҷират дар Туркия ба Лоҳутӣ манфиати зиёд ҳам овард. Машғул шудан ба фаъолиятҳои сиёсиву ҷамъиятӣ дар Истамбул, ки он замон яке аз марказҳои бузургтарини илму фарҳанг дар Шарқи мусулмонӣ маҳсуб меёфт, ба ҷаҳонбинии Лоҳутӣ бетаъсир намонд ва барои ӯ аз чанд ҷиҳат муфид буд:

1. Паноҳ ёфтан аз таъқиботи ҷосусони ҳукумати шоҳии Эрон, империалистони Англияву Россияи подшоҳӣ ва султони Туркия, аз як тараф ва ҳимояи манфиати мардуми заҳматкаши Эрон, аз тарафи дигар, аз Лоҳутӣ талаб мекард, ки роҳу равиши мубориза бо душманонашро тағйир диҳад ва ин ба ташаккули шахсияти ӯ ҳамчун сиёсатмадор ва дипломат мусоидат кард.

2. Дар эҷодиёташ пешравии назаррасе ба амал омад ва 5 маҷмӯаи ашъораш чоп шуд, ки дар адабиётшиносӣ аз он бо номи "ашъори истамбулӣ" ёд мекунанд.

3. Бо таъсиси "Ҷамъияти ҷавонони Эрон", маҷаллаи "Форс" ва дар ин замина муттаҳид намудани як гурӯҳ равшанфикрону мухолифини ҳукумати шоҳии Эрон ба инқилобҳои баъдӣ дар Эрон замина гузошт.

АДАБИЁТ

1. Абдуманнонов А. Абулқосим Лоҳутӣ / А.Абдуманнонов, Х.Отахонова, Ҳ.Шодиқулов. – Душанбе: Адиб, 1987. – 160 с.
2. Акбаров Ю. Ашъори Лоҳутӣ дар хорича / Ю.Акбаров, Ҳ.Шодиқулов // Ёдбуди Лоҳутӣ. – Душанбе: Дониш, 1974. – С.209-217.
3. Асозода Х. Саргузашти устод Лоҳутӣ. Монография / Х. Асозода. – Душанбе: Деваштич, 2009. – 300 с.
4. Бозёфти нав // Маориф ва маданият. – 1963. – 3 декбар. – № 145 (2283).
5. Давронов С. Лоҳутӣ / С. Давронов // Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Ҷ.2. – Душанбе, 1989. – С.106-112.
6. Лоҳутӣ А. Кулиёт. Ҷ.6. / А. Лоҳутӣ. – Душанбе, 1963. – 336 с.
7. Мирзозода Х. Абулқосим Аҳмадзода Лоҳутӣ / Х. Мирзозода // Лоҳутӣ А. Кулиёт. Ҷ.6. – Душанбе, 1963. – С.257-272.
8. Саъдуллоев А. Гузаргоҳ ва равзанаҳои абадият / А.Саъдуллоев // Устод Лоҳутӣ ва назми инқилобии Шарқ. – Душанбе: Дониш, 1987. – С.32-38.
9. Табаров С. Адиби сухандон ва муборизи майдон. Монография / С. Табаров. – Душанбе: Дониш, 1986. – 32 с.
10. Табаров С. Материалҳо оид ба омӯхтани адабиёти советии тоҷик. Воситаи таълимӣ / С.Табаров. – Сталинобод: НДТ, 1948. – 199 с.

САҲИФАҲОИ ЗИНДАГОНИИ А.ЛОҲУТӢ ДАР ТУРКИЯ

Ин мақола дар хусуси ду ҳиҷрати маҷбурии А.Лоҳутӣ ба кишвари Туркия ва рӯзгори талху сагини ӯ дар ин сафарҳо, идомаи роҳи муборизаи шоири инқилобӣ ба муқобили империалистони хориҷиву роҳбарони ватанфурӯши ҳукумати шоҳии Эрон маълумот медиҳад. Дар ҳарду ҳиҷрати худ ба Туркия ҳам, ки байни солҳои 1914-1915 ва 1918-1921 рост меояд, Лоҳутӣ муборизаи худро зидди ҳукумати шоҳӣ ва ишғолгарони хориҷӣ, ки он шабу рӯз бо мақсади ғорат намудани мардуми Эрон ва ба нобудӣ кашидани ин сарзамини бостонӣ аз ҳар гӯшаи ин кишвари паҳновар сар дароварда буданд, қатъ накарда, балки онро тавассути қалам шиддат бахшид. Новобаста ба рӯзгори сахту сангинаш дар ғурбат ӯ бо шеъру мақолаҳо ва хабару гузоришҳои худ тавассути матбуот ва варақаҳои махсуси иттилоотӣ нақшаи ғасбгароёнаи хориҷиён ва хиёнати ҳукумати шоҳиро нисбат ба мардум ва сарзамини Эрон фош намуда, аҳли заҳмати ин кишвари тамаддунофарро ба муборизa мехонд. Мақолаву хитобаҳои Лоҳутӣ дар ин солҳо ба рӯҳияи инқилобии мардуми Эрон таъсири ҷиддие гузоштаанд. Дар ҳиҷрати аввали худ ба Туркия, ки камтар аз 1 сол давом ёфтааст, Лоҳутӣ ба сабаби ноошноӣ бо муҳит ва наёфтани дӯстон ва муборизони ҳамватанаш саргардонии

зиёд мекашад. Аз ҳамин ҷост, ки муҳаққиқони рӯзгораш ин давронро аз талхтарин ва душвортарин лаҳзаҳои зиндагии ӯ арзёбӣ кардаанд. Аммо дар ҳиҷрати дуюмбора ба ин кишвар (байни солҳои 1918-1921), Лоҳутӣ ба иқдомҳои ҷиддитар даст зада, ба муваффақиятҳои зиёде ноил гардид. Кушодани дӯкони китобфурӯшӣ дар Истамбул, ташкил намудани "Ҷамъияти ҷавонони Эрон", таъсиси маҷаллаи "Форс", нашр кардани 5 маҷмӯаи ашъораш дар ин давра ба ташаккули шахсияти Лоҳутӣ ҳамчун як чеҳраи шинохтаи сиёсиву фарҳангии берун аз Эрон таъсири бештар гузошт.

Калидвожаҳо: Туркия, Эрон, маҷалла, Лоҳутӣ, инқилоб, қалам, Истамбул, муборизa, форс, шеър, мақола, ҳиҷрат.

ЖИЗНЕННЫЙ ПУТЬ А. ЛАХУТИ В ТУРЦИИ

Это статья посвящена двум насильственным миграциям поэта А. Лахути в Турцию и его тяжёлой жизни в изгнании. А также продолжению его борьбы против иностранных империалистов и продажных лидеров шахского режима Ирана. В обеих своих миграциях в Турцию, которые совпали с серединой 1914-1915 и 1918-1921 годов, Лахути не сокращал свою борьбу, наоборот, усилил ее своим пером против шахского режима и иностранных оккупантов, которые в те дни с целью ограбления этой древней земли вошли в Иран. Несмотря на тяжелую жизнь на чужбине, поэт своей поэзией, статьями в прессе, а также специальными брошюрами разоблачал оккупационные цели иностранцев и измену шахского режима трудового народа на иранском земле и призвал своих соотечественников на борьбру против угнетателей. Статьи и обращение поэта Лахути в те годы на революцинный дух народа оказали серьезное воздействие. В своей первой миграции в Турцию, которая длилась менее года, Лахути из-за незнания среды, не имея знакомых и соотечественников-борцов, очень тосковал и скитался. С этой точки зрения исследователи оценили этот период как самых трудный в его жизни. Но во втором изгнании в этой стране (между 1918 и 1921 гг.) Лахути занимался серьезным делом и достиг многих успехов. Открытие книжного киоска в Стамбуле, учреждение «Молодежной ассоциации Ирана», создание журнала «Персия», публикации 5 сборников своих стихов в этот период очень повлияло на развитие личности Лахути как важной политической и культурной фигуры за пределами Ирана.

Ключевые слова: Турция, Иран, журнал, революция, перо, Стамбул, борьба, персия, поэма, статья, миграция.

THE LIFE PATH OF A. LOKHUTI IN TURKEY

This article is dedicated to the two forced migration of the poet A. Lokhuti to Turkey and his hard life in exile. And also the continuation of his struggle against foreign imperialists and the corrupt leaders of the shah regime of Iran. In both of his migrations to Turkey, which had coincided by the middle of 1914-1915 and 1918-1921, Lohkuti did not reduce his struggle, on the contrary he strengthened it with his pen against the Shah regime and foreign occupiers, who in those days went to plunder this ancient land. Iran. Despite his difficult life in a foreign country, the poet through his poetry exposed articles through the press as well as special brochures to the occupation goals of foreigners and the betrayal of the Shahi regime against the working people on Iranian soil and urged their compatriots to fight against the oppressors. The articles and appeal of the poet Lokhuti in those years had a drastic effect on the revolutionary spirit of the people. In his first migration to Turkey, which lasted less than a year, Lokhuti, because of his unfamiliarity with the environment, did not have friends and fellow wrestlers very much wandering. From this point of view, researchers rated this period as the most difficult moments of his life. But in the second exile in this country (between 1918 and 1921), Lohuti was engaged in serious business and achieved many successes. The opening of the book stand in Istanbul, the establishment of the Iranian Youth Association, the creation of the magazine Persia, the publication of 5 collections of its poetry in this period, greatly influenced the development of the personality of Lohuti as an important political and cultural figure outside Iran.

Key words: Turkey, Iran, revolution, feather, Istanbul, struggle, Persian, poem, article, migration.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Зоиров Бахтиёр Шодибегович*** –Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, аспиранти кафедраи журналистикаи байналхалқӣ. **Суроғa:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ 17.
E-mail: **zbsh@list.ru.** Тел.: **(+992) 907-30-70-35**

Сведения об авторе: ***Зоиров Бахтиёр Шодибегович*** – Таджикский национальный университет, аспирант кафедры международной журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр.Рудаки, 17.
E-mail: **zbsh@list.ru.** Тел.: **(+992) 907-30-70-35**

Information about the author: ***Zoirov Bakhtiyor Shodibegovich*** - Tajik National University, is an aspirant (Postgraduate Student) of Department of International Journalism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.
E-mail: **zbsh@list.ru.** Tel.: **(+992) 907-30-70-35**

УДК: 891.550-1:82

БАЪЗЕ МУЛОҲИЗАҲО ОИД БА ШЕЪРИ НАВ ВА ШЕЪРИ САФЕД ДАР АДАБИЁТИ МУОСИРИ ТОҶИК

Миралиева С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Истилоҳи «шеъри нав» ё «арӯзи озод» ва «шеъри сафед» дар таърихи адабиёти форсу тоҷик дар ибтидои асри ХХ пайдо шуда, нимаи дуюми ин аср равшан ва маълум гардидааст. Чуноне ки Худоӣ Шарифов дар китоби «Балоғат ва суханварӣ» овардааст: «Шеъри классикии адабиёти тоҷик тартиби қатъии вазну қофия дорад… Дар асри бистум ба ин қолаби суннатӣ рахнаҳо зада шуд ва чунин асарҳоро шеъри озод гуфтаанд. Озодии ин навъи шеър дар он аст, ки вазн дорад, вале авзони мисраъҳо баробар нест, онҳо кӯтоҳу дарозанд. Қофия ҳам, ки нишонаи асосии навъи шеър буд, тартибу қонуни ягона надорад» [14, с.240].

Гузашта аз ин, дар бораи таърихи пайдоиши шеъри нави тоҷикӣ ва нахустин гӯяндаи он дар байни адибону пажӯҳишгарон ақидаҳои гуногуни дигар ҳам арзи вуҷуд дорад. Масалан, Раҳим Мусулмониён бар чунин ақида аст, ки муаллифи нахустин шеъри нав дар адабиёти тоҷик Муъмин Қаноат аст. Гулназар хидматҳои Муъмин Қаноатро дар поягӯзорӣ ва барқарории шеъри нави тоҷик бузург медонад, аммо ӯро ҳам "нахустин гӯяндаи шеъри нав" намеҳисобад [6, с.15].

Ба ақидаи аксари пажӯҳишгарон, устод С. Айнӣ аввалин шоири тоҷик аст, ки ба сурудани шеъри нави дорои мавзӯъҳои иҷтимоӣ гомҳои нахустин гузоштааст. Академик М.Шукуров дар ин замина менависад, ки «Истилоҳи шеъри нав дар адабиётшиносии тоҷик пас аз панҷоҳ соли дигар аз даҳаи шашум ва ҳафтуми қарни бист расм шуд ва аз Эрону Афғонистон омад. Вале пайдоиши он ба даҳаи аввали садаи бист тааллуқ дорад ва ба падидаҳои адабӣ чун нахустин шеърҳои Садриддин Айнӣ вобаста аст» [14, с.105-118].

Субҳон Давронов тозакорию навпардозии Садриддин Айниро дар вазни шеъри "Марши Ҳуррият" далел оварда, ӯро асосгузори ин навъи шеърӣ медонад ва таъкид мекунад, ки "Айнӣ ба туфайли ин суруд қонунҳои арӯзро ба оҳанги суруди байналхалқӣ, яъне "Марселёз" мутобиқ кунонидааст, ки ин дар таърихи адабиёти тоҷик кашфиёти бузурге буд" [4, с.256-257].

Рустам Ваҳҳобзода, ки худ аз ҷумлаи пажӯҳишгарони фаъоли шеъри муосири тоҷик аст, бархе аз ашъори Айниро ба унвони «муқаддимаи шеъри нави форсӣ» арзёбӣ кардааст. Ин муҳаққиқ бар он ақида аст, ки ҳарчанд асосгузори ин навъи шеър дар Эрон Нимо Юшиҷ дониста шудааст, вале бархе ашъори Садриддин Айниро низ метавон «муқаддимаи шеъри нави форсӣ» номид [1, с.83].

Ба ақидаи Рустам Ваҳҳобзода, ашъори нави Айнӣ дар ибтидои асри ХХ ва солҳо қабл аз ашъори маъруфи «Афсона»-и Нимо Юшиҷ, вале тақрибан ба ҳамон сабки нимоӣ суруда шудааст [1, с.83].

Агар сухан оид ба таърихи дақиқи суруда шудани шеъри нав дар адабиёти муосири тоҷик равад, пас, бино ба таъйиди Абдунабӣ Сатторзода, шеъри "Марши ҳуррият"-и устод Садриддин Айнӣ соли 1918, "дар байни таърихи 22-юми октябр ва 7-уми ноябр, дар арафаи ҷашни яксолагии ғалабаи инқилоби октябрӣ [11, с.12-13]" суруда шудааст. Таърихи расмии интишори шеъри мазкур "ба 17-уми сентябри 1919 милодӣ рост меояд" [7, с.66].

Оид ба шеъри нави тоҷикӣ ва оғози он шоирон ҳам изҳори ақида кардаанд. Аз он ҷумла, Бозор Собир дар суҳбате бо Алиризо Қазва "худро нахустин сарояндаи шеъри нави тоҷик" [6, с.14] донистааст, ки шоир Гулназар Келдӣ ин даъвои ӯро дуруст намеҳисобад [6, с.14].

Масъалаи дигари мавриди назари мо ривоҷи шеъри нав дар адабиёти муосири тоҷик мебошад. Оид ба ривоҷи шеъри нав дар адабиёти тоҷик муҳаққиқон Х. Шарифов, М.

Шукуров, Р. Мусулмониён, А. Сатторов, Р. Ваҳҳобзода, М. Нарзиқул ва дигарон андешаҳои худро баён кардаанд.

Абдунабӣ Сатторзода дар китоби «Куҳна ва нав» аз дастовардҳои шоирони тоҷик дар солҳои 50-60-уми асри ХХ ёдовар шуда, фаъолияти пурсамари устод Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Пайрав Сулаймонӣ, Ҳабиб Юсуфӣ ва Мирзо Турсунзодаро дар шеъри нави тоҷикӣ қайд намудааст. Аз баррасиҳои ин муҳаққиқи тавоно бармеояд, ки дигаргуниҳои сифатӣ ва куллие, ки дар шеъри навини тоҷикӣ дар он солҳо ворид гардидаанд, ба шарофати офаридаи шоироне, ба монанди Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Қутбӣ Киром, Мастон, Ашӯр Сафар, Ғоиб Сафарзода, Гулрухсор ва дигарон ба амал омадаанд [9, с.66].

Адабиётшинос Мисбоҳиддини Нарзиқул дар мақолаи “Перомуни шеъри нави тоҷикӣ ва арӯзи озод” [7, с.65-75] баҳсҳо оид ба пайдоиши шеъри нав дар адабиёти тоҷикро баррасӣ карда, дар хусуси аввалин шеъри нави адабиёти муосири тоҷик баҳси мухтасаре карда, “пайдоиш ва таҳаввули шеърҳои дар қолаби авзони арӯзи озод суруда шуда дар Тоҷикистон”-ро ба ду марҳалаи ҷудо кардааст. Марҳалаи аввалин “ба фаъолияти шоирии устоди аллома Садриддин Айнӣ бастагӣ дорад” [7, с.65]. Марҳалаи дуюм, бино ба тавзеҳи муаллиф, “бо ном ва кӯшиши шоирони тозанафас, ба монанди Муъмин Қаноат, Бозор Собир, Лоиқ Шералӣ, Гулрухсор ва дигарон алоқаманд аст. Бо зуҳури ин шоирон ва ҳамсафону шогирдони эшон, ки яке пас аз дигаре шурӯъ аз нимаи дувуми даҳаи шастуми асри бист ба майдони адабиёт ворид гардидаанд, шеъри нимоӣ дар ҳавзаи адабии Тоҷикистон ҷойгоҳи худро устувор намуд” [7, с.72-73].

Андешаҳои муҳаққиқи мазкур оид ба истилоҳи “шеъри нав” ва шинохти он низ ҷолиб аст. Бино ба ақидаи вай, “кӯшишҳои навҷӯёнаи устод Айнӣ ва шоирони муосири эшон дар қолаби арӯзи ҷадидро бо истилоҳи “шеъри нав” ёд мекунанд, аммо зери ин мафҳум шеъри нимоӣ мавриди назар нест, шеъри нимоӣ дар кишвари мо аз нимаи дувуми садаи бист ба баъд роиҷ мешавад” [7, с.65].

Дар миёни андешаҳои муҳаққиқон масъалаи чигунагии сохтори шеъри нав ва чигунагии ифодаи муҳтаво дар он ҳам баҳс сурат гирифтааст. Масалан, Раҳим Мусулмониён оид ба сохтори шеъри нав ва ҳузури вазн дар он дар китоби «Назарияи адабиёт» чунин ибрози ақида намудааст: “Бо ду сухан моҳияти ҳодисаи нави вазн иборат аз ин аст, ки шоирони асри ХХ қолаби арӯзро шикастанд ва дар ин шиканиш бо анъанаҳои мавҷуда, ҳамчун мустазод, муталаввин, зубуҳур, баҳри тавил ва амсоли онҳо такя намуданд. Дар нимаи дуюми асри ХХ равшан шуд, ки шоирон арӯзро инкор накарда, балки имкониятҳои нави онро кашф намудаанд, яъне мисраъҳои шеърро аз рӯи талабот ва ғунҷоиши мазмун дарозу кӯтоҳ кардан мумкин аст, чунончи, агар мисрае як тақтеъ бошад, дигараш шаш тақтеъ шуда метавонад” [5, с.245].

Бино бар ақидаи донишманди мазкур, тағйироти рукнӣ бинобар эҳтиёҷе барои ифодаи сазовори мазмун содир шуда бошад, ҳодисаи мусбат аст, агар бидуни зарурат аз рӯи ҳавову ҳавас ба амал омада бошад, он, албатта, ҳодисаи манфист. Дар сурати вайрон шудани таносуби рукнӣ таносуби оҳанги шеър низ халал меёбад, аммо шоири моҳир метавонад, ин халалро рафъ кунад [5, с.245].

Абдунабӣ Сатторзода дар китоби «Таърихчаи назариёти адабии форсии тоҷикӣ» аз асари «Бадоеъ-ус-саноеъ»-и Амир Бурҳониддин Атоуллоҳ ибни Маҳмуди Ҳусайнӣ овардааст, ки ӯ шеърро ба ду қисмат карда, навъи аввалро «абёти дилпазир» ва ё шеъри «матбӯъ» ва навъи сониро «сухане нописандида» ва ё «шеъри мутакаллиф» меномад. «Матбӯъ шеъреро гӯянд, ки бинои он ба вазни мақбули тибоъи солим ва қофияи дуруст ниҳода бошанд ва алфози он хушоянда ва машҳуралистеъмол бошад…, забонзадаи мардум нашуда бошад…». Дар баёни навъи дуюм чунин фармудааст: «Мутакаллиф шеъреро гӯянд, ки бо такаллуф бар ҳам баста бошанд, баъзе абёте, ки мардум аз барои имтиҳон ё барои адои саноеъ гуфтаанд» [10, с.121].

Агар аз рӯйи назарияи мазкур қиёс шавад, маълум мешавад, ки агар шоир бидуни вазну қофия аз рӯи зарурат шеъри озод эҷод намуда бошад, ҳодисаи мусбӣ аст, вале агар

аз рӯи ҳавою ҳавас, шаклпарастию таҚлиди анъанавӣ эҷоди ӯ сурат гирифта бошад, ҳодисаи манфӣ дониста мешавад.

Роҳҳои шикастани мисраъ дар шеъри муосири тоҷик ба суратҳои гуногун буда, ин масъала ҳанӯз баррасии ҷудогона нашудааст. Бинобар ин, то ҳанӯз назарияи ягонаи шинохти сохтори мисраъ дар шеъри арӯзи озод мушаххас нашудааст. Ба ҳар ҳол, муҳаққиқони тоҷик дар асоси шеъри шоирон баъзе суратҳоро мушаххас кардаанд. Аз ҷумла, дар мисоли шеъри зерини Бозор Собир аз ҷониби Мусулмониён таъкид шудааст, ки шоир дар шеъри «Мадду ҷазр» “ташбеҳкунандаеро, ки тамоми шеърро ҷамъбаст мекунад, дар ҳаҷми як рукн дар охир чун як мисраъ овардааст:

Худашро об меполад ба ин ҷозиба дар дарё
Ба ин ҷозиба дилҳо тоза мегардад
Чун дарё” [5, с.247].

Аскар Ҳаким дар китоби «Шеър ва замон» оид ба масъалаи арӯзи озод баҳс ба миён оварда, навии шакли шеърро ба доираи васеи мазмун ҳам алоҚаманд дониста, арӯзи озодро имконияти дигаре аз арӯзи анъанавӣ ба Қалам додааст: “...навии шакл низ яке аз аломатҳои тозагии ҷаҳонфаҳмӣ ва идроки шоир аз воҚеияту зиндагӣ аст [12, с.14], дигар аз шоҳаҳои навоварӣ ҳоло аз сарчашмаи сероби робитаи адабиёти халҚҳо об мехӯрад [12, с.15]. Ҳамин муҳаққиқ, инчунин, Қайд намудааст, ки ҳудуди арӯзи анъанавӣ фарохтар шуда, барои ташаккул ёфтани арӯзи тоза, ки ҳоло ба истилоҳ арӯзи озод аст, мусоидат мекунад [12, с.23].

Шеъри сафед ҳам дар адабиёти муосири тоҷик мавҚеи муайян пайдо кардааст. Мо намунаи чунин шеърро дар эҷодиёти шоирони зиёде дучор мешавем, ки дар миёни онҳо аз ҳама зиёд шоир Доро Начот шеър сурудааст. Ин шеър ҳам ба воситаи ашъори шоирони эронӣ ба ҳавзаи адабии мо дохил шудааст. Дар бораи шеъри сафед ва шоирони сафедсарои тоҷик баъзе баҳсҳо сурат гирифтаанд, вале ҳанӯз кифоя намебошад. Мо шоҳиди баҳси миёни шоир Доро Начот ва адабиётшиносон У. Тоиров ва М. Солеҳов ҳастем ва аз он баҳсҳо маълум мешавад, ки шеъри сафед дар муҳити адабии Тоҷикистон ҳам ҷонибдорон дорад ва ҳам мухолифон. Ба ҳар сурат, бояд эътироф кард, ки шеъри сафед дар назми муосири тоҷик низ маҚоми муносиби худро пайдо кардааст ва вижагиҳои худро доро мебошад.

Рустам Ваҳҳобзода оид ба «шеъри сафед» дар рисолаи илмии хеш «Шеър ва дониш» маълумоти возеҳу саҳеҳтар додааст. Ӯ аз он ҷумда Қайд намудааст, ки шеъри сафед дар адабиёти форсӣ шеъреро номидаанд, ки бидуни вазн аст ва тафовути аслии он аз он чи «нимоӣ» номидаанд, дар ҳамин аст… Бе вазн, аммо ҳатман бо лаҳну ритми муайян ва дигар унсурҳои оҳангсоз, ки онро аз наср ва ҳатто «шеъри мансур» тафовут медиҳад [1, с.10].

Ӯ, инчунин, Қайд намудааст, ки шеъри сафед дар назми тоҷик пеш аз он ки баҳсҳо сари ин мавзӯъ дар Эрон сурат гирифт, ба майдон омадааст. Баъзе аз намунаҳои назми АбулҚосим Лоҳутӣ, хусусан тарҷумаи ӯ аз достони А.С. Пушкин «Моҳигир ва моҳии тилло» (агарчи то кунун бо «вазни ҳиҷо» муаррифӣ шудааст), дар Қолаби шеъри сафед сурат гирифтааст [1, с.102].

Инчунин, ҳамин муаллиф дар идома ёдовар мешавад, ки яке аз омилҳои асосии пешрафту ривоҷи «шеъри сафед» дар Эрон ва дигар адабиёти ҷаҳон тарҷума аст, зеро ғайр аз Русия ва собиҚ давлатҳои Шӯравӣ дар дигар кишварҳои дунё осори манзумро бидуни вазну Қофия тарҷума мекунанд, ки шабоҳат ба шеъри сафедро дорад. Чун иҚдоми навиштани шеъри сафед менамоем, вазифаи сангинеро ба дӯш мегирем, зеро сар то сари як шеъри бевазну Қофияро мо бояд ба ҷаззобияти маънавии сухан таъмин намоем, ки корест басо мушкил ва бидуни он хонанда ба зудӣ хаста мегардад [1, с.103-105].

Шеъри сафедро дар Эрон бо номи Аҳмади Шомлу ҳам мешиносанд, чунки оғози шеъри сафед дар адабиёти форсӣ расман аз маҷмӯаи Аҳмади Шомлу «Ҳавои тоза» (1950) ба ҳисоб гирифта шудааст. Аҳмади Шомлу аз пайравони мактаби Нимо Юшиҷ буд ва Нимо ҳифзи арӯзро дар шеъри нав аз мабноҳои усулии назарияи худ эълон карда буд. Ба ҳукми маълуму расмшуда, баъди баҳсҳои тӯлонию гуфтугузорҳо нахустин гӯяндаи “шеъри

нав” Нимо ва “шеъри озод” Шомлу дониста шудааст. Дигар шоирони маъруфи эронӣ дар он даврон низ шеъри нав, арӯзи нав, шеъри озод ва сафедро таҷриба кардаанд, ба монанди Фурӯғи Фаррухзод, Суҳроби Сипеҳрӣ, Меҳдӣ Ахавони Солис, Бежан Ҷалолӣ ва ғайраҳо.

Шеърияти шеъри сафед ба омилҳое вобаста аст, ки онҳоро дар танини калимаҳои шеър бояд ҷустуҷӯ кард. Масалан, “шеъри сапеди муваффақ бо табиият ва самияти баён, бо ҷанбаҳои шигифтангезе, ки аз нафси воқеияти мавриди тасвир бармехезад, бо лаҳни худ, зарби муносиби калимаҳо, вазни андешаҳо, мавҷи густардаи эҳсосот воқеан моро аз пурсучӯ дар шаклу қолаби хориҷии шеър фориғ ва комилан ба худ маҷзуб месозад” [1, с.106-107].

Сотим Улуғзода дар баъзе қисми драмаҳояш аз ин навъи шеъри сафед истифода кардааст. Тарҷумаи драмаҳои драманависи англис Шекспирро Абулқосим Лоҳутӣ бо ҳамин навъи шеър анҷом додаст [14, с.241].

Ҳамин тавр, аз баррасии анҷомшуда перомуни масъалаи оғози шеъри нави тоҷикӣ бармеояд, ки доир ба пайдоиш ва муаллифи нахустин шеъри нав дар адабиёти тоҷик то ба имрӯз назари ягона ва дақиқ вуҷуд надорад. Дар умум, бисёре аз адибону шоирон ва донишмандон, ба монанди А. Сатторзода, Р. Ваҳҳобзода, М. Нарзиқул устод Садриддин Айниро дар навиштани “шеъри нав”, талоши навгарой ва сохторшиканӣ дар шеъри суннатӣ пештозу пешгом меҳисобанд [11, с.12-13; 1, с.83,7; 65-66], ки мо ҳам ба ақидаи ҳамин гурӯҳи донишмандон мувофиқ буда, устод Айниро ҳамчун нахустин гӯяндаи шеъри нав дар адабиёти муосири тоҷик мешиносем. Оид ба масъалаи ривоҷи шеъри нав ҳамчун қолаби арӯзи озод хулосаи мо чунин аст, ки чунин навъи шеър бо истилоҳи шеъри нимоӣ ё шеъри арӯзи озод дар адабиёти муосири тоҷик баъд аз солҳои шастуми асри бист расм шуда ва то имрӯз идома дорад. Вазъи имрӯзи шеъри арӯзи озод ба суратест, ки ҳам шоирони ҷавон ва ҳам наслҳои пешин ба чунин навъи шеър алоқаи зиёд доранд.

А Д А Б И Ё Т

1. Ваҳҳобзода, Р. Шеър ва дониш / Р. Ваҳҳобзода. – Душанбе: Адиб, 2017.- 187 с.
2. Давронов, С. Насими рӯҳбахш / С. Давронов // Масъалаҳои адабиёти муосири тоҷик. – Душанбе: Ирфон, 1970. – С.252-262.
3. Зеҳнӣ, Т. Санъати сухан / Т. Зеҳнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1979. – 327 с.
4. Келдӣ, Г. Лоиқе чун Лоиқе / Г. Келдӣ. – Душанбе: Ирфон, 1993. – 104 с.
5. Мусулмониён, Р. Назарияи адабиёт / Р. Мусулмониён. – Душанбе: Маориф, 1990. – 336 с.
6. Насрулло, К. Ҳарфе ба лаб як пора ҷон… (Ваалайка бар «Салом»-и Рустам Ваҳҳобзода) / К. Насрулло // Адабиёт ва санъат. – Душанбе, 2017. – №28 (1895). – С.10.
7. Нарзиқул, М. Перомуни “шеъри нав”-и тоҷикӣ ва “арӯзи озод” / М. Нарзиқул // Пайванд. – Душанбе, 2016. – № 3(25). – С.65-75.
8. Наҷот, Д. Корвон бо роҳи худ равон аст / Д. Наҷот // Адабиёт ва санъат. – Душанбе, 2016. – №6. – С.7.
9. Сатторзода, А. Куҳна ва нав / А. Сатторзода. –Душанбе: Адиб, 2004. – 253 с.
10. Сатторзода, А. Таърихчаи назариёти адабии форсии тоҷикӣ / А. Сатторзода. –Душанбе: Адиб, 2001. – 141 с.
11. Сатторов, А. Нуқтаи пайванд / А. Сатторов. –Душанбе: Ирфон, 1982. – 238 с.
12. Ҳакимов, А. Шеър ва замон / А. Ҳакимов. – Душанбе: Ирфон, 1978. – 354 с.
13. Шакурӣ, М. Шеъри тоҷик ба кадом сӯ меравад? / М. Шакурӣ. – 2008. – № 5. – С.105-118.
14. Шарифов, Х. Балоғат ва суханварӣ / Х. Шарифов. – Душанбе: Ирфон, 2002. –276 с.

БАЪЗЕ МУЛОҲИЗАҲО ОИД БА ШЕЪРИ НАВ ВА ШЕЪРИ САФЕД ДАР АДАБИЁТИ МУОСИРИ ТОҶИК

Дар ин мақола баъзе масъалаҳои алоқаманд ба шеъри нав (шеъри арӯзи озод), шеъри сафед ва мавқеи қолабҳои мазкури шеърӣ дар адабиёти муосири тоҷик таҳқиқ шудааст. Аз таҳқиқи муаллиф маълум мешавад, ки истилоҳи «шеъри нав» ё «арӯзи озод» ва «шеъри сафед» дар таърихи адабиёти форсу тоҷик дар ибтидои асри ХХ пайдо шуда, нимаи дуюми ин аср равшан ва маълум гардидааст. Оид ба пайдоиш ва муаллифи нахустин шеъри нав дар адабиёти тоҷик то ба имрӯз бисёре аз адибону шоирон ва донишмандон изҳори назар карда, устод Садриддин Айниро ҳамчун нахустин гӯяндаи шеъри нав дар адабиёти муосири тоҷик донистаанд. Шеъри нав ҳамчун қолаби арӯзи озод бо истилоҳи шеъри нимоӣ ё шеъри арӯзи озод дар адабиёти муосири тоҷик баъд аз солҳои шастуми асри бист расм шуда ва то имрӯз идома дорад. Вазъи имрӯзи шеъри арӯзи озод ба суратест, ки ҳам шоирони ҷавон ва ҳам наслҳои пешин ба чунин навъи шеър таваҷҷуҳи зиёд доранд. Шеъри сафед ҳам дар адабиёти муосири тоҷик мавқеи муайян пайдо кардааст. Намунаи чунин шеърро дар эҷодиёти шоирони зиёде дучор шудан мумкин аст, ки дар миёни онҳо аз ҳама зиёд шоир Доро Наҷот шеър сурудааст. Ин шеър ҳам ба воситаи ашъори шоирони эронӣ ба ҳавзаи адабии

мо дохил шудааст. Дар бораи шеъри сафед ва шоирони сафедсарои тоҷик баъзе баҳсҳо сурат гирифтаанд, вале ҳанӯз нокифоя бокӣ мемонанд.

Калидвожаҳо: шеър, шоир, адабиёти муосир, қолабҳои шеърӣ, шеъри нав, арӯзи озод, шеъри сафед.

НЕКОТОРЫЕ РАЗМЫШЛЕНИЯ ОТНОСИТЕЛЬНО НОВОГО СТИХА И БЕЛОГО СТИХА В СОВРЕМЕННОЙ ТАДЖИКСКОЙ ЛИТЕРАТУРЕ

В данній статье автором рассмотрены некоторые проблемы связанные с белым стихом (поэзии без рифмы), белый стих и место данных поэтических форм в современной таджикской литературе. Из исследования автора становится очевидным, что термин «новый стих» или «свободный аруз» и «белый стих» появился в истории персидско-таджикской литературы в начале XX века, и во второй половине данного столетия получил известность. Относительно появления и автора первого нового стиха в таджикской литературе до сегодняшнего дня высказали свое мнение очень многие литераторы, поэты и ученые и признали Садриддина Айни первым стихотворцем нового стиха современной таджикской литературе. Новый стих, как форма свободного аруза с термином «свободный или новый аруз», вошел в обиход в современной таджикской литературе после шестидесятых годов XX века и данная традиция продолжается до наших дней. Сегодняшнее состояние свободного или нового аруза состоит в том, что и молодое и предыдущее поколение поэтов уделяют огромное внимание данной стихотворной форме. Былый стих также занимает определенные позиции в современной таджикской литературе. Примеры таких стихов можно увидеть в творчестве многих поэтов, но самым плодотворным из них считается Доро Наджот. Данный стих также вошёл в наши литературные круги посредством стихов иранских поэтов. О белом стихе и таджикских поэтах воспевающих стихи в данном жанре возникли некоторые споры, но так и остались неразрешенными.

Ключевые слова: стих, поэт, современная литература, поэтические формы, шеъри нав, арўзи озод, белый стих.

SOME REFLECTIONS ABOUT THE NEW VERSE AND WHITE VERSE IN MODERN TAJIK LITERATURE

In this article, the author examines some of the problems associated with white verse (poetry without rhyme), white verse and the place of these poetic forms in modern Tajik literature. From the author's research, it becomes obvious that the term "new verse" or "free aruz" and "white verse" appeared in the history of Persian-Tajik literature at the beginning of the 20th century, and gained popularity in the second half of this century. To this day, many writers, poets and scientists have expressed their opinion regarding the appearance and author of the first new verse in Tajik literature and recognized Sadriddin Aini as the first poet of the new verse in modern Tajik literature. The new verse, as a form of free aruz with the term "free or new aruz", came into use in modern Tajik literature after the sixties of the twentieth century, and this tradition continues to this day. The current state of free or new aruz is that both the young and the previous generation of poets pay great attention to this poetic form. The old verse also occupies certain positions in modern Tajik literature. Examples of such poems can be seen in the works of many poets, but Doro Najot is considered the most fruitful of them. This verse also entered our literary circles through the poems of Iranian poets. Some controversy arose about white verse and Tajik poets singing poetry in this genre, but they remained unresolved.

Key words: verse, poet, contemporary literature, poetic forms, sheri nav, arzi ozod, white verse.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Миралиева Сарварбӣ Толибовна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикӣ. **Суроғa:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 917-67-71-11**

Сведения об авторе: ***Миралиева Сарварби Толибовна*** – Таджикский национальный университет, соискатель кафедры теории и новейшей персидско - таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 917-67-71-11**

Information about the author: ***Miralieva Sarvarbi Tolibovna*** - Tajik National University, applicant for the Department of Theory and the Latest Persian - Tajik Literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki, Ave., 17. Tel .: **(+992) 917-67-71-11**

УДК: 891.550

ИСТИФОДАИ САНЪАТҲОИ БАДЕӢ ДАР АШЪОРИ КАМОЛ НАСРУЛЛО

Мустаҷобова Р.М.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Аз мутоилаи осори шоири халқии Тоҷикистон, Камол Насрулло барои мо маълум гардид, ки шеърҳои ӯ бо шева ва сабки баёни хос фароҳам омада, дорои асолат, балоғат ва назокати тасвир мебошанд ва бо резакориҳо дар маъно, тасвир, забон ва шеваи гуфтор ба қалбу рӯҳи хонанда таъсир мерасонанд.

Дар шеъри Камол Насрулло санъатҳои зиёди лафзӣ ва маънавӣ фаровон корбурд шудаанд. Аз рӯйи тартиби қабулшуда аввалан аз истифодаи чанд намунаи санъатҳои асосии лафзӣ мисол меорем.

Таҷнис яке аз санъатҳои маъмул ва беш истифодашавандаи адабиёт аст, ки навъҳои зиёде дорад, овардани ҳамаи онҳо дар ин ҷо зарурат надорад. Дар шеъри Камол Насрулло ин санъат зиёд истифода шудааст, зеро яке аз саъатҳои зебоест, ки ба шеъри шоир ҳам аз ҷиҳати лафзиву зоҳирӣ ва ҳам аз ҷиҳати маънавӣ ҳусн зам мекунад. Мисол:

Дар рӯйи даст ҷонам, дар рӯйи шона шонам,
Меҳан ту мекунӣ дард дар мағзи устухонам [2, с.8].

Дар ин байт вожаи “шона” таҷнис аст, ки дар аввал маънои тахтапушт, китфро дошта, дар мавриди дуюм маъни шаъну шонро дорад.

Мисоли дигар:

Сар бар сари фалакҳо афрохтӣ ҳама умр,
Акнун куҷост он сар андар сарои пирӣ? [2, с.97].

Дар ин байт вожаи “сар” дар се маврид омада, дар ҳар маврид маънӣ ва нақши муайяне бозидааст.

Дар байти зер низ шоир дар корбурди вожаҳои “болида”-ву “боло” таҷнисҳои зебое офаридааст, ки ба шеър ҳам маънӣ ва ҳам ҳусн афзудаанд:

Аз сесаду шаст нағмаи минқорам
Болидаву болидаву боло шудаам [2, с.105].

Шоир кӯшидааст, намудҳои гуногуни таҷнисро корбаст намояд. Аз ҷумла, корбурди таҷниси ноқис:

Симурғи ту аз фасона хоҳад баргашт,
Хаффош машав дар ин ҳавошӣ, тоҷик! [2, с.14].

Дар ин байт вожаҳои “хаффош” ва “ҳавошӣ” гунае аз таҷниси ноқис мебошанд. Ё худ, вожаҳои “рошид ва рошӣ” дар байти мазкур низ таҷниси ноқис ба ҳисоб мераванд:

Эй рошиди илму фарҳанги ҷаҳон,
Дар марзи вафо ҳамеша рошӣ, тоҷик! [2, с.14].

Таҷниси зоид дар байти зер дар мисоли вожаҳои “Ориён” ва “ор”мушоҳида мешавад:

Аз ориён ту мондӣ – як пора ҷони рахшон,
Бо ор зинда мебош, фархунда меҳани ман! [2, с.15].

Таҷниси мураккаб:

Эй сабза, саломи ҷӯйборон сабза,
Эй сабза, паёми ҷӯю борон сабза [2, с.105].

Вожаҳои ҳамҷинс яке аз калимаҳои сода, яъне “ҷӯй” ва “борон”, дигаре аз калимаи мураккаби “ҷӯйборон” иборат мебошад.

Мисоли дигаре, ки дар як байт таҷнисҳо пайи ҳам меоянд:

Эй басо инкор кори нек шуд, ин кори кист?
Ё ба користони Ҳақ ин корҳо оё равост?[2, с.63].

Боз як мисоле, ки дар он ҳам санъати таҷнис ва ҳам санъати иштиқоқ, яъне шикофтани сухан аз сухане бо ҳам омадааст:

Аз қавоқат рехт чун абри ғазаб,
Обрӯи ту аз абрӯи ту рехт [2, с.142].

Санъати иштиқоқ низ дар байти зер, дар вожаҳои “устувон” ва “устухон” падид омадааст:

Мо туро дар мағз-мағзи ҷисму ҷон мепарварем,
Мо туро чун устухон дар устувон мепарварем [2, с.18].

Талмеҳ санъати дигарест, ки низ ба қатори санъатҳои лафзӣ медарояд. Ин санъати хушоянди бадеӣ дар эҷодиёти Камол Насрулло фаровон истифода шудааст. Мо бо чанд намунаҳои он ҳангоми баррасӣ дар пажӯҳишҳои ҷудога шинос гардида, ҳузури санъати мазкурро дар шеърҳо таъкид ҳам карда будем. Ин ҷо бо мақсади нишон додани басомади зиёди санъати бадеии мазкур намунаҳои дигар меоварем:

Бо пайки аҳуроӣ, бо шогуни зардуштӣ,
Озодагӣ кун эҷод, Наврӯз муборак бод! [1, с.42].

Дар ин байт ибораҳои “шогуни зардуштӣ” ва “пайки аҳуроӣ” талмеҳанд, яъне ишора ба таъриху асотир доранд. Байти дигари ҳамин шеър саросар аз санъати талмеҳ иборат аст:

Аз Хусраву аз Парвез, аз Шопуру аз Фарҳод,
Аз Ҷоми Ҷам орад ёд, Наврӯз муборак бод! [1, с.42].

Дар ин ҷо Ҷоми Ҷам, Хусраву Парвез, Шопуру Фарҳод талмеҳ буда, ишора ба асотир ва таърих доранд.

Истифодаи санъати мутазод(д) ҳам аз ҷумлаи мухтассоти эҷодии шоир маҳсуб мешавад. Масалан, дар ин байт:

Талх бар комат чу рафт, андеша кун ширин бувад,
Дӯст кардан душманонро беҳтарин ойин бувад [2, с.98].

Дар байти боло талху ширин ва дӯсту душман вожаҳои муқобил ва зидди ҳамдигаранд ва дар корбурди онҳо санъати мутазод истифода шудааст.

Дар байти дигар:

Зиндагонӣ чист? Шодон зистан,
Дар дили зулмат дурахшон зистан!
Талхро ширин фурӯ бурдан ба ком,
Гиряро бо рӯи хандон зистан [1, с.78].

Ибораҳои дар дили зулмат дурахшон, талхро ширин фурӯ бурдан, гиряро бо рӯйи хандон зистан санъати мутазод(д) ва ё муқобиланд: “дурахшон” алайҳи “зулмат”, “ширин дар муқобили “талх” ва “ханда” дар баробари “гиря”.

Ду санъати бадеии дигар ташхис ва саволу ҷавоб ҳастанд. Азбаски шеъре, ки ба далели санъати саволу ҷавоб меорем, саршор аз санъати ташхис ҳам ҳаст, ин ду санъатро дар як саф овардем:

Ишқ омад борҳо, гуфтам, ки: – Вақтам нест.
Ёри ман гуфто; – Биё! Гуфтам, ки: – Вақтам нест.
Ёр гуфто: – Чанд гирди хона мегардӣ?
Боз кун дарро, даро! Гуфтам, ки: – Вақтам нест.
Ақл мегуфто, ки: бо роҳи хато рафтӣ,
Тарки ин раҳ кун, баро! Гуфтам, ки: – Вақтам нест.
Ҷуръати ман гуфт: – Сӯзон дардҳоятро,
Шуъла зан, худро намо! Гуфтам, ки: – Вақтам нест... [2, с.78].

Илова бар санъати саволу ҷавобе, ки мебинем, дар ин ҷо ба забон омада, сухан кардани ишқ, ақл ва ҷуръат санъати ташхис аст.

Дар ашъори Камол Насрулло шеърҳое ҳастанд, ки саросар аз санъати саволу ҷавоб иборатанд. Шеъри “Гуфтугӯ бо худ” аз он ҷумла аст:

– Аз ҳама бӯҳои олам хуштарини бӯ кадом аст?
– Бӯйи нони гарм!
– Аз ҳама гулҳо гули хушрӯ кадом аст?
– Дар рухи духтар гули шарм! [2, с.20].

Мисраи охир бениҳоят шоирона ва бозёфти хубест: гули шарм. Ба ақидаи Мир Ҷалолуддини Каззозӣ, “пурсишу посух замоне ороя шумурда мешавад, ки арзиши

зебошинохтӣ метавонад дошт, ки посухи додашуда ба пурсиш посухе нағз ва зиракона бошад” [8, с.98].

Аз мисолҳои овардашуда метавон мушоҳида кард, шеърҳои Камол Насрулло бозгӯи ин талабот аст, зеро воқеан, дар онҳо ҳам пурсиш ва ҳам посух “нағз ва зиракона”-анд.

Ба замми санъати саволу ҷавоб, яъне пурсишу посух дар шеъри овардашуда истилоҳоти “ишқ омад борҳо”, “ақл мегуфто”, “ҷуръати ман гуфт”, яъне мисли шахс сухан гуфтани ишқ, ақл ва ҷуръат ташхисанд.

Истифодаи санъати ташхисро дар эҷодиёти Камол Насрулло дар шеърҳои дигар низ метавон дид, хусусан, дар “Манзумаи инсон ё алаллоҳ” ва манзумаи “Модарпаланг”, ки фаровон истифода шудааст. Дар “Манзумаи инсон” тамоми ҷонварон, аз ҷумла маймун, шер, хурӯс, мор, паланг, шутур, рӯбоҳ, каждум, моҳӣ, муш, хар, гов, саг, оҳу, хук, асп, харгӯш, хирс ва ҳатто кайк ба сухан меоянд ва байни худ мубоҳисае фалсафӣ меороянд, ки ҳикматомӯз аст.

Санъати ташбеҳ ва намудҳои гуногуни он дар шеърҳо мавриди пажӯҳиши мо фаровон корбаст шудааст, ки аз онҳо намунаҳо меорем:

Ҷону дилам чу оби зулолат зулол бод!
Ризқам чу нони мардуми покат ҳалол бод! [2, с.11].

Ва:

Кӯҳсоронат, Ватан, сарсахту сангин аст,
Марди кӯҳистони ту кӯҳи батамкин аст [2, с.12].

Ва ё:

Ин матое нест рангин ҷилвагар,
Ашку хуну хоки мо рӯи фар аст [2, с.27].

Ё:

Зи чашми тифлаконат нур борад,
Чароғони дурахшонат муборак [2, с.20].

Ё худ:

Субҳи ту равшан чун субҳи дидор,
Рӯи ту равшан чун хандаи ёр [1, с.59].

Дар мисолҳои овардашуда ҳама монандкуниҳо марбут ба санъати ташбеҳанд. Аммо дар байти мазкур низ ташбеҳ бидуни монандкунӣ оварда мешавад:

Мо ҳама маҳбасии панҷараи пешонӣ,
Ҳама тан ҳайкали ҳайратзадаи ҳайронӣ.
Аз паси панҷараи чини ҷабин ночорем,
Ба Худо менигарем аз паси он пинҳонӣ [1, с.142].

Ё ташбеҳи дигар ба тариқи дигар:

Дар миёни зиндагиву марг мегардам,
Барги ларзоне ба дасти бодҳои сард [1, с.143].

Дар ин ҷо қаҳрамони лирикӣ, яъне “ман” ба “барги ларзон” ташбеҳ дода шуда, бодҳои сард киноя аз зиндагиву ҳодисот аст.

Чанд мисоли дигар барои корбурди ташбеҳ дар шеъри шоир, ки бидуни тавзеҳ оварда мешаванд:

Хонаи чӯпон баланд аст,
Хонаи чӯпон барои ман писанд аст:
Пардаи тирезаҳояш аз шафақ,
Каҳкашонаш шифтдор,
Тармаҳои кӯҳҳо девор.
Хонаи чӯпон фурӯзон аст,
Баски маҳ ҳамчун чароғи нурбор
То саҳар дар сақфи он аст [1, с.107].

Ва:

Ҳар якеро чун кӯҳистонаш бубин,
Сахт ҳамчун санг паймонаш бубин,

Пок ҳамчун чашма виҷдонаш бубин,
Рӯд ҳамнабзи дилу ҷони ман аст,
Ин замини Тоҷикистони ман аст! [6, с.27].

Бояд гуфт, ки дар шеъри навини имрӯз ташбеҳ дар шаклу намуду баёнҳои тоза зуҳур мекунад, ки рада бастани онҳо кори таҳқиқотии дигареро таҚозо дорад.

Корбурди истиора низ дар шеъри Камол Насрулло ҚобилиТаваҷҷуҳ аст. Истиора, чунонки медонем, ба ташбеҳ хеле наздик аст, балки ҳамон ташбеҳ аст, бе зикри ташбеҳшаванда:

Дарё тарона хонаду рози Ватан кунад,
Мо лаб фурӯ бубаставу дарё сухан кунад [3, с.92].

Садову навои дарё бидуни ном бурдан ба тарона хондану рози Ватан ё сухан кардани дарё монанд карда шудааст ва “дарё тарона хонад” ё “рози Ватан кунад”, ё ”сухан кунад” истиора мебошад.

Такрор санъатест, ки низ намунаҳояшро метавон дар шеъри Камол Насрулло ба таври фаровон пайдо кард. Мо дар баррасиҳоямон дар фаслҳои боло ба ҳузури ин санъат дар шеъри шоир ишора карда будем. Ин ҷо фаҚат мисоле меорем, ки равшан аст:

Боз эҳё, боз эҳё, боз эҳё мешавем,
ҚатраҚатра, ҚатраҚатра боз дарё мешавем.
Зарра-зарра, зарра-зарра боз хуршеди мунир,
Аз муҳаббат дар фазои бахт рахшо мешавем.
Тахта-тахта тахтапушти хешро бигзошта,
Даста-даста дасткому дастболо мешавем [3, с.41].

Дар байти охир дар баробари санъати такрор санъати таҷнис ҳам истифода шудааст.

Санъати киноя яке аз санъатҳои фаровон истифодашуда дар ашъори Камол Насрулло мебошад. Мисоле аз манзумаи “Шеъри сафеди рӯзҳои сиёҳ”-и китоби “Тоҷикистонро дигар ҚисатМакун” меорем:

Эй рӯди шӯхобу зулоли кӯҳӣ, ки ба дӯшат бори уҚёнусҳоро
фикандаанд!
Эй пирамарди нуронии норасида ба манзил ва афтода ба роҳ!
Эй оинаи ҳазорсола муҷаллову ҷаҳоннамо, ки имрӯз зарҳалат фурӯ
рехтаву чун шишаи тиҳӣ он сӯи мамнуъи худро намудор
кардаӣ!
Эй ҚосидиГумкардапайғом!
Эй мани норасида ба ман! [3, с.15].

Дар ин мисол ҳама ҷо санъати киноя истифода шуда, мухотаб Ватан мебошад.

Ё дар байти зерини ғазале шоир мегӯяд:

Солҳои ман маро бар сӯи пирӣ мекашанд,
Ҳасрато, ин гурги ҳастихӯр шубони зиндагист [3, с.86].

Дар ин байт “гурги ҳастихӯр” киноя аз умр аст.

Санъати ирсоли масал низ дар ашъори Камол Насрулло корбурд дорад. Ирсоли масал ба таъбири гузаштагон “он аст, ки шоир андар байт ҳикмате гӯяд, ки он бо роҳи масал бувад” [8, с.98].

Мисоле чанд:

Он чист ба ҳаҷр зинда дорад ёдаш,
Чун шаҳд ҳамеша дар забон аст? – Ватан! [5, с.11].

Ва:

Борҳо дар зиндагонӣ
Заҳр хӯрда шаҳд ангоридаам [5, с.18].

Ва ё:

– Беҳтарин одоби чашмон?
– Айби мардонро надидан! [5, с.20].

Дар мисолҳои овардашуда “чун шаҳд ҳамеша дар забон”, “заҳр хӯрда шаҳд ангоридан”, “айби мардонро надидан” санъати ирсоли масал аст.

Мисоли дигар:

Гуфт Эзид: Мо рамайта из рамайт,
Мо камону тирандозаш Худост [5, с.75].

Ин ҷо таъбир аз ояи 34 сураи Фуссилати Қуръони маҷид ва зарбулмасали “мо камонему тирандозаш Худост” истифода шудаст.

Дар адабиёти навини мо тасвир ва санъатҳои наве пайдо шудаанд, ки онҳоро наметавон дар қолиби таъбирҳои куҳан ҷо кард. Инҳо падидаҳои санъатҳои навини адабиёти навини моянд, ки бояд мавриди омӯзиш қарор гиранд. Масалан, дар шеъри “Ҳолат” мехонем:

Хоҳам, ки туро биборам, эй борон,
Хоҳам, ки туро бихонам, эй гунҷишк! [1, с.43].

Вақте ки шоир мегӯяд, боронро биборам ё гунҷишкро сароям, ин тарзи баёни нав, ин падидаи нав аст ва онро ба кадом санъат нисбат диҳем?

Ё дар худи ҳамин шеър тарзи баръакси баёни болоро мебинем, ки дар шеъри мо тарзи гуфтори ғайримаъмулии нав аст. Аҷаб ин аст, ки наметавонем гӯем: ин тарзи баён нодуруст аст, ин як тарзи нави баёни шоирона аст, ки мо онро қабул мекунем. Аммо ин чӣ санъат аст, чӣ унвон метавон ба он дод?

Мисоли дигар:

Хоҳам, ки таронаҳо маро хонанд,
Хоҳам, ки фасонаҳо маро ҷӯянд.
Хоҳам, ки гулу гиёҳу нахли нав
Аз хоки диёри ман маро рӯянд [1, с.43].

Таронаҳо маро хонанд, фасонаҳо маро ҷӯянд, гулу гиёҳу нахл маро рӯянд. Оё ин чӣ санъат аст, чӣ ном дорад, яъне ин падидаи нави санъати баён бояд номи худро дошта бошад.

Тарзи дигари чунин баёни ғайри маъмулиро метавон аз эҷодиёти дигар шоирон низ пайдо кард. Масалан, дар як шеъри Гулназар мехонем:

Шеърро шоир кунед, то рози Лоиқро бигӯяд,
Ишқро ошиқ кунед, то дарди ошиқро бигӯяд [4, с.18].

Таркибҳои шоиронаи “шеърро шоир кардан” ва “ишқро ошиқ кардан” истиора аст.

Истифодаи чандин санъат дар як байтро ҳам дар миёни шеърҳои ватандӯстонаи Камол Насрулло мушоҳида кардан мумкин аст. Дар шеърҳои шоир мавридҳое ҳаст, ки дар як байт чандин санъати сухан таҷассум ёфтааст. Аз ҷумла, дар ин байт аз шеъри “Замини эътиқод”-и Камол Насрулло чунин ҳолатро метавон мушоҳида кард.

Нахли ту дар ман шукуфта, шохи ту дар ман шикаста,
Чун ҳавасҳо рехт аз ман ғӯраҳои норасида [1, с.57].

Аввалан, дар саропои ин байт санъати тасвир истифода шудааст. Сипас, дар ин байт андешаҳо маҷозан баён ёфтаанд, санъати маҷоз корбурд шудааст. Мурод аз “нахли шукуфта”, “шохи шикаста”, “ғӯраҳои норасида рехта” фақат ҳамин нахли шукуфтаву шохи шикаставу меваҳои нопухта рехта нест, маънои дигаре ҳам ифода мешавад, ки рамз аст ва дар баробари ин, ин ҷо муаллиф санъати киноярo ҳам кор мефармояд. Инчунин, шоир “рехтани ҳавасҳо”-ро ба рехтани меваҳои норасида шабеҳ медиҳад, яъне санъати ташбеҳро истифода мебарад ва дар маҷмӯъ, ин байт талмеҳ низ буда метавонад, зеро ишора ба таърихи гузашта ҳам дорад. Албатта, санъати бадеии муроотунназир ё таносуби каломро ҳам бояд ба назар гирифт, ки дар саросари шеъри мавриди назар риоят гардида, дар садри ҳамаи ороятҳои адабӣ қарор дорад. Ба ин тариқ, дар ин як байт шаш санъати бадеӣ истифода шудааст: муроотунназир (таносуби калом), тасвир, маҷоз, киноя, ташбеҳ ва талмеҳ.

Метавон мавзӯи истифодаи санъати сухан дар ашъори Камол Насуллоро идома дод, зеро эҷодиёти Камол Насрулло чун яке аз шоирони ҳунарманди мо саросар иборат аз истифодаи саршори санъатҳои мухталифи шеърист. Ҳатто метавон гуфт, шеър ва гоҳе байте, ки орӣ аз истифодаи ҳунар ва санъати сухан бошад, дар он наметавон пайдо кард.

Ба ин матлаб ашъореро ҳам бояд илова кард, ки бо истифода аз ду ва ё беш аз он санъатҳои бадеӣ гуфта шудаанд.

Хулоса, дар эҷодиёти адиб санъатҳои бадеии маънавию лафзӣ, аз қабили ташбеҳ, тавсиф, ташхис, талмеҳ, тазод(д), истиора, санъати суолу ҷавоб, таҷнис, муталаввин, ибораҳои рехта, зарбулмасал ва суханони ҳикматноки халқӣ омезиш ёфта, ашъори адибро муассиру хонданбоб ва ҷолибу мунаққаш гардонидаанд. Онҳо ба тасвир ҳусну малоҳат бахшида, аз ҳунару маҳорати баланди нигорандагии шоир башорат медиҳанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Насрулло, Камол. Фаросӯи нигоҳ / Камол Насрулло. – Душанбе: Адиб, 2007. – 228 с.
2. Насрулло, Камол. Дар оғӯши хазонрез / Камол Насрулло. – Душанбе: Адиб, 2018. – 255 с.
3. Насрулло, Камол. Тоҷикистонро дигар қисмат накун / Камол Насрулло. – Душанбе: Адиб, 1996. – 192 с.
4. Насрулло, Камол. Гулхани гул / Камол Насрулло. – Душанбе: Адиб, 2013. – 50 с.
5. Насрулло, Камол. Рӯ ба меҳроби Ватан / Камол Насрулло. – Душанбе: Адиб, 2010. – 232 с.
6. Насрулло, Камол. Номаи боли кабӯтар / Камол Насрулло. – Душанбе: Адиб, 1986 - 222 с.
7. Насрулло, Камол. Навгонӣ / Камол Насрулло. – Душанбе: Ирфон, 1978. – 80 с.
8. Зеҳнӣ, Т. Санъати сухан / Т. Зеҳнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1979. – 328 с.
9. Мирзозода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик / Х.Мирзозода. Китоби I-II. – Душанбе: Маориф, 1989. – 420 с.
10. Шарифов, Х. Балоғат ва суханварӣ / Х. Шарифов.– Душанбе: Ирфон, 2007. – 276 с.

ИСТИФОДАИ САНЪАТҲОИ БАДЕӢ ДАР АШЪОРИ КАМОЛ НАСРУЛЛО

Дар мақола муаллиф масъалаи истифодаи санъатҳои бадеӣ дар ашъори Камол Насруллоро мавриди баррасӣ қарор додааст. Дар натиҷаи пажӯҳиш муаллиф он натиҷаро ба даст овардааст, ки корбасти санъатҳои бадеӣ дар коргоҳи эҷодии ҳар як шоир бо мақсади ороиш ва муассир гаштани сухан амалӣ мешавад. Ба ақидаи муаллиф Камол Насрулло дар ашъори худ ҳунари баланди эҷодкории худро ба воситаи фаровон истифода бурдани санъатҳои бадеӣ ба намоиш гузоштааст, ки ин аз ҳунар ва огоҳии томи шоир аз ашъори шуарои бузурги пешин дарак медиҳад. Муаллиф таҳлилҳои худро перомуни ин масъала дар эҷодиёти Камол Насрулло чунон баён намудааст, ки сартосари ашъори шоир аз санъатҳои мухталифи шеърӣ иборат буда, шеър ва байте, ки орӣ аз истифодаи ҳунар ва санъати сухан бошад, дар онҳо ба назар намерасад. Дар мақола ҳар як санъати зикршуда бо овардани намунаҳои шеърӣ баррасӣ шудааст ва ба андешаи муаллиф дар эҷодиёти адиб, санъатҳои бадеии маънавию лавзӣ, аз қабили ташбеҳ, тавсиф, ташхис, талмеҳ, таззод, истиора, санъату суолу ҷавоб, таҷнис, ибораҳои рехта, зарбулмасал ва ҳикматҳои халқӣ зиёд ба назар мерасанд, ки ашъори адибро хонданбоб ва ҷолиб гардонидаанд. Дар шеърҳои шоир мавридҳое ба назар мерасад, ки дар як байт чандин санъати сухан таҷассум ёфтааст. Ба андешаи муаллиф дар корбасти анвои санъатҳо Камол Насрулло дар баробари риояи анъана инчунин дар мавридҳои муносиб ба тозакориҳо низ рӯ овардааст. Ҷиҳати умумии кори ӯ дар ин ҷода билвосита ҷорӣ намудани рӯҳи замон дар шеър, нигоҳи тоза, ҷустуҷӯӣ хаёлӣ ва омезиши якчанд навъи санъатҳо зимни офариниши тасвири бадеӣ мебошад. Дар мақола масъалаи санъатҳои бадеӣ дар ашъори Камол Насрулло, мавриди пажӯҳиш қарор дода шуда, кӯшиши равшани андохтан ба масъалаи болозикр ба харҷ дода шудааст.

Калидвожаҳо: Камол Насрулло, муаллиф, санъатҳои бадеӣ, шеър, ашъор, забон, шоир, байт, сухан, ҳунар.

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ХУДОЖЕСТВЕННОЙ ЛИТЕРАТУРЫ В ТВОРЧЕСТВЕ КАМОЛА НАСРУЛЛО

В статье автор исследует использование образцов художественной литературы в поэзии Камола Насрулло. В результате проведенного исследования автор пришел к выводу, что использование художественной литературы в творчестве каждого поэта осуществляется с целью оформления и повышения эффективности речи. По словам автора, Камол Насрулло продемонстрировал свой высокий уровень творчества в своей поэзии благодаря широкому использованию художественных приёмов, которые показывают артистизм и осознанность великого поэта прошлого. Автор анализирует этот вопрос в творчестве Камола Насрулло таким образом, что весь спектр стихов этого поэта состоит из различных поэтических приёмов, и нет ни одного стихотворения или стиха, свободного от использования художественной литературы и искусства речи. Каждый из упомянутых творческих приёмов рассматривается в статье с примерами и, по мнению автора, в произведениях писателя были использованы духовные и словесные приёмы, такие как метафора, описание, вопросы и ответы, таджис, идиомы, пословицы и поговорки, которые делают стихи поэта увлекательными и интересными. В стихах поэта есть случаи, когда несколько стихов воплощены в одном стихе. По словам автора, при использовании образцов художественной литературы, Камол Насрулло наряду с соблюдением традиций, также совершенствует их, когда это необходимо. Общий аспект его работы в этой области – это непосредственное отражение духа времени в поэзии, свежий взгляд, творческий поиск и сочетание нескольких видов искусства в создании художественного образа. В статье рассматриваются вопросы художественной литературы в поэзии Камола Насрулло и делаются попытки решения этой проблемы.

Ключевые слова: Камол Насрулло, автор, искусство, художественная литература, поэзия, язык, поэт, стих, речь.

USE OF FICTION IN THE WORK OF KAMOL NASRULLO

In the article, the author discusses the use of fiction in the poetry of Kamol Nasrullo. As a result of the research, the author came to the conclusion that the use of fiction in the work of each poet is carried out in order to design and improve the effectiveness of speech. According to the author, Kamol Nasrullo demonstrated his high level of creativity in his poetry through the extensive use of art, which shows the artistry and awareness of the great poet of the past. The author analyzes this issue in the work of Kamol Nasrullo in such a way that the entire range of poems of this poet consists of various poetic arts, and there is not a single poem or verse that is free from the use of fiction and the art of speech. Each of the mentioned arts is considered in the article with examples and, according to the author, the writer's works used spiritual and verbal arts, such as metaphor, description, questions and answers, tagis, idioms, Proverbs and sayings, which make the poet's poems fascinating and interesting. There are cases in the poet's poems when several verses are embodied in one verse. According to the author, when using the worst-known literature, Kamol Nasrullo, along with observing traditions, also improves it when necessary. The General aspect of his work in this field is a direct reflection of the spirit of the times in poetry, a fresh look, creative search and a combination of several types of art in creating an artistic image. The article deals with the issues of fiction in the poetry of Kamol Nasrullo and attempts to solve this problem.

Key words: Kamol Nasrullo, author, art, fiction, poetry, language, poet, verse, speech.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Мустаҷобова Рудоба Мукаррамшоевна*** – Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода, унвонҷӯйи кафедраи назария ва таърихи адабиёт. **Суроғa:** 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч. Муҳаммадиев, 17/6. E-mail: **rudobaimukarram @ mail.ru.**
Тел.: **(+992) 934-80-15-03; 224-58-89**

Сведения об авторе: ***Мустаджобова Рудоба Мукаррамшоевна*** – Таджикский государственный институт языков им. С.Улугзаде, соискатель кафедры теории и истории литературы. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6. E-mail: **rudobaimukarram @ mail.ru.** Тел.: **(+992) 934-80-15-03; 224-58-89**

Information about the author: ***Mustajobova Rudoba Mukarramshoevna*** - Tajik State Institute of Languades named after S.Ulugzoda, applicant for the Department of Theory and History of Literature. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Muhammadiev Str., 17/6. E-mail: **rudobaimukarram @ mail.ru.** Tel.: **(+992) 934-80-15-03; 224-58-89**

УДК: 891.5

ТАРҶУМАИ ОСОРИ ВИКТОР ГЮГО БА ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Одилова З.О.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Тарҷума чун истилоҳ дар адабиёти тоҷик хеле қадимӣ буда, маъниҳои боз ҳам фарохтар дорад. Дар тарҷума тамоми қимати идеявӣ ва бадеии асар нигоҳ дошта шуда, чунон ки ҳаст, айнан ҳамон тавр тарҷума мешавад. Тарҷума кори эҷодист ва созандаи он шахси эҷодкор мебошад. Адабиётшиноси маъруф Раҳим Ҳошим таъкид намудааст, ки «Тарҷума аҳаммияти бузурги сиёсӣ ва тарбиявӣ дорад. Адабиёти тарҷумавӣ дар қатори адабиёти аслӣ барои кори умумии мо мубориза бурда, бисёр асарҳои санъаткоронаро ба адабиёти мо ҳамроҳ мекунад ва дар пешрафти маданияти мо ҳиссаи муайяни худро мегузорад…» [4, с.63-64].

Дар хусуси тарҷумаи бадеӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо зиёиёни кишвар чунин суханҳоро иброз доштанд:

“Дар айни замон тарҷумаи бадеӣ омили муҳимми ташкили робитаҳои адабист. Бояд беҳтарин осори адабиёти ҷаҳонӣ ба тоҷикӣ тарҷума шавад ва асарҳои беҳтарини адабиёти мо ба забонҳои дигар баргардон шаванд” [10].

Дар Тоҷикистон аввалин мутарҷими шеъри “Сангари хунин”-и Гюго А. Лоҳутӣ мебошад. Дувумин шоире, ки ба тарҷумаи шеъри ӯ рӯ овардааст устод Лоиқ Шералӣ аст. Ду шеъри Гюго таҳти унвонҳои «Фирдавсӣ» ва «Шоҳи Форс» дар тарҷумаи Лоиқ соли 1969 ба воситаи маҷаллаи «Садои Шарқ» ба мутолиа пешкаш гардид.

Виктор Гюго дар адабиёти кишвар ҳамчун шоир шинохта шуд, ҳамчун драматург машҳур гашт, баъдан адиби романнигор дар олам машҳур гардид. Ҳам дар осори драматургиаш, ҳам дар шеъраш ва ҳам дар романҳояш ӯ услуби романтизмро истифода бурд ва то охири умраш ба ин ҷараёни адабии давронаш содиқ монд. Агар берун аз кишвараш ӯро бисёртар ҳамчун устоди насри романтикӣ эътироф кунанд ва осорашро ҳамеша қироат бикунанд, Гюгоро дар ватанаш ҳамчун шоир эътироф мекунанд. Дар беҳтарин шеърҳои Гюго бачагии худи шоир тасвир шудааст. Соли 1830 маҷмӯаи шеърҳои лирикии «Оҳангҳои шарқӣ» (Les Orientales), сипас «Баргҳои тирамоҳӣ» 1831 (Les feuilles d'automne), «Таронаҳои шомгоҳон» 1835 (Les Chants du crepuscule), «Садоҳои дохилӣ» 1837 (Les voix interieures), «Нурҳо ва соянҳо» 1840 (Les Rayons et les ombres) дастраси хонандагон гардид. Дар «Оҳангҳои шарқӣ» Гюго на танҳо манзараҳои аҷоиби Шарқро васф мекард, балки ӯ ватанпарварони юнониро, ки барои истиқлолият муборизa мебурданд, тараннум мекард. Якчанд шеърҳои ӯ аз фаронсавӣ ба русӣ баъдан ба тоҷикӣ тарҷумаю нашр гардидаанд, ки яке аз онҳо "Сангари хунин" ном дорад, ки дар асл чунин аст:

Sur une barricade
Sur une barricade, au milieu des paves
Souillés d'un sang coupable et d'un sang pur lavés,
Un enfant de douze ans est pris avec des hommes.
Es-tu de ceux-là, toi? — L'enfant dit: Nous en sommes [9].

Ба тарҷумаи забони тоҷикии устод Лоҳутӣ назар меафканем:

Сангари хунин
Размоварони сангари хунин шуданд, асир,
Ба кӯдаке далер. Ба синни дувоздаҳ,
-Он ҷо будӣ ту ҳам?
-Бале, бо ин диловарон.
-Пас, мо кунем ҷисми туро ҳам нишони тир [4, с.13-14].

«Баргҳои тирамоҳӣ» (1831) савумин маҷмӯаи шеърҳои Гюго мебошад. Ин ҷо чунин ба назар мерасад, ки шоир, аллакай, ба бачагӣ падруд гуфтан мехоҳад. «Баргҳои тирамоҳӣ» аз дилу ҷони худи шоир ҳарф мезанад. Дар шеърҳои мухталифи он шоир аз ишқ, кӯдакӣ, табиат, оила сухан меронад. Тавре номи маҷмӯа нишон медиҳад, оҳанги марказии достонҳои онро ғаму андуҳ ташкил медиҳанд. Ҷавонӣ мегузарад, шоир ба гузаштани рӯзгори худ ба меҳр менигарад. Баъзе шеърҳои «Баргҳои тирамоҳӣ» аз рӯзгори ғамангези Гюго посух медиҳанд. Мавзӯъҳои мазкур дар «Сурудҳои ғуруб» (1835), «Овозҳои дохилӣ» (1837) ва «Шуоъҳо ва солҳо» (1840) ном маҷмӯаҳои шеърҳои ӯ низ такроран ёд шудаанд. Дар маҷмӯаи аввал воқеаҳои сиёсии давр, ба монанди инқилоби соли 1830, шӯришҳои парижиён дар соли 1834 тараннум гардидааст. Қисмати дигари шеърҳои «Сурудҳои ғуруб» оҳанги достонҳои китоби «Баргҳои тирамоҳӣ»-ро пеша карда бошад ҳам, ин ҷо мавзӯи марказии он ғаму андуҳ камтар ба назар мерасад. Шиносоӣ бо Жюлет Друэ зиндагии Гюгоро дигаргун месозад: тараннуми ишқ дар эҷодиёти ӯ аз нав эҳё мегардад. Дар сию ду достони маҷмӯаи «Овозҳои дохилӣ», асосан ба гуфти худи Гюго дар пешгуфтор, се паҳлуи зиндагӣ: кошона, замин, кӯча бештар ба назар мерасад. Кошона шеъри дил аст. Гюго фарзандӯст мебошад ва беҳуда нест, ки як силсила шеърҳои «Озодӣ» ба кӯдакон бахшида шудаанд. Замин шеъри табиат аст ва кӯча бошад шеъри «Муборизаи хашмгинонаи фикрҳост». Шеъри «Овозҳои дохилӣ» садои дили шоир мебошад [5, с.78]. Ӯ ғайр аз шеърнависӣ инчунин романнигори барҷаста низ аст.

Романи «Мардудҳо» яке аз арзишмандтарин асарҳои Гюго мебошад. Ҳаёти табақаҳои гуногуни ҷомеаи Фаронсаро аз замони шикасти Наполеон то замони Монархияи июлӣ тасвир намуда, Гюго дар ин асар чун ҳимоятгари ҳуқуқҳои инсон барои зиндагии хушбахтонаю озод баромад мекунад. Ин романи машҳурро ӯ байни солҳои 1860-1861 навишта ба анҷом расонид. Қисматҳои ба Гаврош бахшидаи романи «Мардудҳо» дар тарҷумаи мутарҷими шинохта Ҳабиб Аҳрорӣ соли 1962 нашр гардид.

Дувумин романи машҳури Виктор Гюго «Калисои модархудои Порис» «Notre Dame

de Paris» (1831) ном дорад. Нахустин романи пуарзиши Гюго ба шумор рафта, нависанда дар он асрҳои миёна, зиндагии пурталотуми оммаи халқ ва фоҷиабор будани муборизаҳои иҷтимоии онҳоро ба қалам медиҳад. Воқеаҳои роман, ки Гюго дар он ҳаёти Пориси асри XV-ро тасвир мекунад, дар атрофи бинои бошукӯҳи калисои модархудои Порис сурат мегиранд. Майлу рағбати демократии Гюго дар он ифода мегардад, ки ӯ шарафмандӣ ва ба қаҳрамонӣ қодир буданро танҳо дар симои бенавоён мебинад. Қаҳрамонҳои асар ҷӯгидухтари раққосаи кӯчагӣ Эсмералда ва зангӯланавози калисо-шахси кӯзапушт Квазимодо аст, ки дар пайкари безеби ӯ дили бузургу ҳиммати баланде ҷойгир аст [5, с.77]. Соли 1935 бошад маҷаллаи «Барои адабиёти сотсиалистӣ» яке аз асарҳои Гюгоро порча-порча тарҷума намуда, пешкаши хонандагон намудааст. Соли 1938 нашриёти давлатии Тоҷикистон барои бачагони хурдсол пораеро аз романи машҳури Гюго бо номи «Козетта»-ро ҳамчун китоби алоҳида бо теъдоди даҳ ҳазор адад аз чоп баровард. Ин романро мутарҷими тоҷик М.Б.Саидӣ тарҷума намуда, соли 1954 бори дуюм ва соли 1968 бори сеюм пораи ин романро адабиётшиноси ҷавон Шукур Ҷумъаев бо номи «Козетта» тарҷума намуд ва аз чоп баромад. Романи машҳури дигари Гюго «Рӯзи охирини маҳкумшуда» мебошад, ки соли 1953 Р. Ҳодизода аз забони русӣ ба тоҷикӣ тарҷумаю нашр намуда, нависандаи боистеъдоди тоҷик Пӯлод Толис онро таҳрир намудааст.

АДАБИЁТ

1. Аҳрорӣ Ҳ. Суҳбат аз санъати тарҷума / Ҳ. Аҳрорӣ // Садои Шарқ, 1984. - №5. – С.115-128.
2. Абдусаторов А. Равобити адабии Арабу Аҷам дар асри XI / А.Абдусаторов. – Душанбе, 2006. – 80 с.
3. Мухтор Ш. Замон ва тарҷумон / Ш.Мухтор. – Душанбе: Адиб, 1989. – 308 с.
4. Мухтор Ш. Ситораҳои бурҷи Эйфел / Ш.Мухтор. - Душанбе: Ирфон, 1982. – 143 с.
5. Мухтор Ш., Баргузидаи насри Фаронсаи асрҳои XIV-XX / Ш.Мухтор, Ш. Ҳақназаров. - Душанбе: Истеъдод, 2011. - 560 с.
6. Мухтор Ш. Ситораҳои бурҷи Эйфел / Ш.Мухтор. - Душанбе: Ирфон, 1982. – 143 с.
7. Мухтор Ш. Мақолот / Ш.Мухтор. – Душанбе: Матбуот 2001. – 240 с.
8. Мухтор Ш. Сарчашмаи дарёи назм / Ш.Мухтор // Маданияти Тоҷикистон, 15 июни соли 1982.
9. www.google.ru/ Poeme victor hugo sur une barricade / Poeme victor hugo sur une barricade //https://akyla.net// victor-hugo /11735-sur-une-barricade-za-barricadam.
10. www.google.ru/ Паёми Президент- 2008/president.tj/node.198

ТАРҶУМАИ ОСОРИ ВИКТОР ГЮГО БА ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Дар ин мақола сухан дар бораи “Тарҷумаи осори Виктор Гюго ба забони тоҷикӣ” меравад. Нависандаи машҳури Фаронса Виктор Гюго соли 1802 дар Фаронса таваллуд шуда, дар синни 83 солагӣ вафот кардааст. Виктор Гюго дар давоми умри худ шеъру ҳикоя ва романҳои зиёде навиштааст. Ӯ зиндагии пурмашаққати халқи Фаронса ва муборизаи далеронаи онро баҳри озодӣ тасвир менамояд, дар бораи камбағалони бекормонда, кӯдакони гуруснаву бехонумон бо дарду алам ҳикоят мекунад. Вақте асарҳои ӯро кас мехонад, худро дар Фаронсаи ҳамонвақта тасаввур мекунад, шаҳру қишлоқ, хонаву кӯчаашро бо чашмони худ мебинад, мардумонашро мешиносад ва шарики ғаму андуҳи онҳо мегардад. Оид ба ин нависандаи машҳур бисёр мақолаҳо дар рӯзномаю маҷаллаҳо чоп шудааст. Дар мақолаи А. Мирпочоев чунин гуфта шудааст: «Гюгои романтик ба ҷараёни пешинаи адабиёти фаронсавӣ-классисизм аст» [3, с.102]. Дар ҷаҳон шуҳрати бузургро пеша кардани Виктор Гюго на фақат аз дорои қимати баланди бадеӣ будани романҳо, шеърҳо, драмаҳо ва мақолаҳояш, инчунин боз аз он иборат аст, ки ӯ шоири ҳамқадами ҳаёт, инъикоскунандаи рафтори пурҷӯшу хурӯши ҳодисаҳои ҷамъият, шоири ҷустуҷӯкори замони худ буд. Бисёр асарҳо ва шеърҳои ӯ аз забони фаронсавӣ ба забони русӣ ва баъдан аз русӣ ба тоҷикӣ тарҷумаю нашр гаштааст. Ғайр аз шеърҳо бисёр асару романҳояш низ аз фаронсавӣ ба русӣ баъдан аз русӣ ба тоҷикӣ тарҷумаю нашр гардидааст. Инчунин аз забони фаронсавӣ ба тоҷикӣ мутарҷимони тоҷик якчанд асару шеърҳои адиби бузурги Фаронса Виктор Гюгоро тарҷума намуда, ба табъ расониданд. Ин мутарҷимон устоди зиндаёд Ҳақназаров Шамсиддин ва Ҷумаев Туйчибой мебошанд, ки асари машҳури Гюго «Наваду савум»-ро аз забони асл (фаронсавӣ) ба тоҷикӣ тарҷумаю нашр намудаанд. Тарҷумаҳои Раҳим Ҳошим, Ҳабиб Аҳрорӣ, Шамсӣ Собир, Фазлиддин Муҳаммадиев, Ш.Ҷумъаев ва Шариф Шараф беҳтарин тарҷумаҳо мебошанд. Ҳар яке аз ин тарҷумонон баҳри сарватманд шудани адабиёти мо солҳои дароз хизмати босазоеро ба анҷом расонидаанд ва як қисми дигарашон то ҳол хизмат мекунанд. Шариф Шараф дар тарҷумаҳои худ услуби адибони худро ҳифз намуда, кӯшидааст, ки тамоми нозукиву зебоии асарҳои ононро дар забони тарҷума нигоҳ дорад.

Калидвожаҳо: шоир Виктор Гюго, забони тоҷикӣ, тарҷума, тарҷумаи бадеӣ, романҳо, шеър бо забони тоҷикӣ, шеър бо забони фаронсавӣ, мутарҷимони тоҷик, адабиёт бо забони тоҷикӣ, адабиёт бо забони фаронсавӣ.

ПЕРЕВОД ПРОИЗВЕДЕНИЙ ВИКТОРА ГЮГО НА ТАДЖИКСКИЙ ЯЗЫК

В данной статье рассматриваются переводы произведений Виктора Гюго на таджикский язык. Виктор Гюго родился в 1802 года во Францию и умер в возрасте 83 лет. При жизни Гюго написал много стихов, рассказов и романов. Он описывал тяжелую жизнь французского народа и его мужественную борьбу за свободу, рассказывал истории безработных, бедных, голодных и бездомных. Когда читаешь его произведения, как будто ты живешь во Франции в то время, ты видишь город, деревню, дом и улицы своими глазами, ты знаешь людей и разделяешь их печали. Об этом знаменитом писателе было опубликовано много статьей в газетах и журналах. В статье Мирпочоева говорится: «Гюго был романтиком и продолжителем французскиого классицизма и древней литературы. Виктор Гюго не только был представителем крупнейшей поэзии мира, не только высоко ценил романы, поэмы, драмы, но и был поэтом жизни, отражающим великолепное общественные события. Многие его произведения и стихи переведены с французского на русский, а затем с русского на таджикский. Также переведено несколько стихотворений с французского на таджикский язык. Кроме поэзии, многие произведения и романы были переведены и изданы с французского на русский, а затем с русского на таджикский язык. Эти переводчики – учителя Хакназаров Шамсиддин и Туйчибой Чумаев, которые перевели и опубликовали знаменитое произведение «Девяносто третий» перевели с французского на таджикский язык. Лучшие переводы произведений иностранных писателей сделали Рахим Хошим, Хабиб Ахрори, Шамси Собир, Фазлиддин Мухаммадиев, Ш.Чумаев и Шариф Шариф. Каждый из этих переводчиков многое сделал для обогащения нашей литературы в течение многих лет, а некоторые из них до сих пор занимаются переводом. В своих переводах Шариф Шараф сохранил стиль переводимых писателей и старался сохранить все тонкости и красоту произведений в языке перевода.

Ключевые слова: поет Виктор Гюго, таджикский язык, перевод, художественный перевод, романы, стихотворения на таджикском языке, стихотворения на французском языке, таджикские переводчики, литература на таджикском языке, литература на французском языке.

TRANSLATION THE WORK OF VICTOR HUGO IN TAJIK LANGUAGE

In this article is looking the “Translation the work of Victor Hugo in tajik language”. Victor Hugo was born 1802 in France and he died on at the age of 83. During his lifetime, Hugo wrote many poems, short stories and novels. He describes the hard life of the French people and his courageous struggle for freedom, tells the story of the unemployed, poor, hungry and homeless. When someone reads his work, as if you were living in France at that time, you see the city, village, house and street with your own eyes, you know people and share their sorrows. About this famous writer, many articls were published in newspapers and magazines. The article in Mirpochoev states: Hugo was romantic a classism of French ancient literature. Victor H., not only was the professor of the world’s greatest poetry, not only highly valued novels, poems, drams and his articles, but also a poet, a poet life, reflecting the magnificent behavior of social events. Many works and poems were translated from french to russian, and then from russian to tajik. Also published in tajik, several poems have been translated from french into tajik. These translators are the -teacher of franch is Khaknazarov Samsiddin and Djumaev Tuychiboy who translated and published the famous work of “Ninety-Three” translated from french into tajik. Translations the work of foreign writers is better translations of Rahim Khoshim, Khabib Ahrori, Shamsi Sobir, Fazliddin Muhammadiev, Sh.Jumaev and Sharif Sharaf. Each of these translators has served to enrich our literature for many years, and some of them still serve. In his translations Sharif Sharaf retained the style of his writers and tried to preserve all the subtlety and beauty of his works in the target language.

Key words: poet Victor Hugo, tadjik language, translation, literary translation, the novels, poem in tajik, poem in French, tajik translators, literature in tajk, literature in French.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Одилова Зайнура Обидовна*** – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ, докторант (Ph.D) кафедраи забони франсавӣ ва методикаи таълими он. Суроғa: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 121. E-mail: fransugenka89@mail.ru. Тел.: (+992) 93-893-80-04

Сведения об авторе: ***Одилова Зайнура Обидовна*** - Таджикский государственный педагогический университет им. С.Айни, докторант (Ph.D) кафедры французского языка и методики его преподавания. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Рудаки 121. E-mail: **fransugenka89@mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-893-80-04**

Information about the author: ***Odilova Zaynura Obidovna*** – Tajik State Pedagogical University named after S.Ayni, doctor (Ph.D) of French language and it’s teaching method. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, ul. Rudaki 121. E-mail: **fransugenka89@mail.ru.** Tel.: **(+992) 93-893-80-04**

УДК: 891.5

ЭҶОД ВА САМАРИ УМРИ АБӮҲОМИД МУҲАММАДИ ҒАЗЗОЛӢ

Раҳмоналиев Ҷ.Х.
Донишгоҳи давлатии Данғара

Дар зиндагӣ инсонҳое ба арсаи вуҷуд меоянд, ки умри хешро дар хидмати мардум вомегузоранд ва бори нафарони дигарро сабук месозанд. Ин гуна шахсиятҳо бо эҷодашон барои чанд насли оянда хидмат хоҳанд кард, то ки дигарон дар осудагӣ умри хешро паси сар намоянд. Яке аз ин гуна шахсиятҳои нотакрор Абӯҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ мебошад. Зиндагӣ ва шахсияти ин донишманди бузург дар таърихи башар ҳамчун диншинос, файласуф ва мутафарриди барҷаста шуҳратёр гашта буд, ки дар садаи XI ва аввали садаи XII дар байни мутафаккирони Шарқ бо чунин хусусиятҳояш назир надошт. Чунон ки Ҷалолиддини Суютӣ гуфтааст, яке аз муфассирони шинохта ва донишманди барҷастаи исломӣ, «Агар чунин мебуд, ки Худованди Муттаъол паёмбаре баъд аз Муҳаммад (с) барангезад, бешак он паёмбар Ғаззолӣ мебуд» [2, с.7].

Зеро Абӯҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ ҳамаи ашколи маърифати инсониро дар шинохти ҳақиқати динӣ истифода бурд ва бо эроди худ ва равиши таҳқиқаш такони муассире ба улуми исломӣ бахшид ва роҳро барои фикри динӣ ҳамвор сохт, ки дар натиҷа бисёре аз бузургони илму фалсафа аз осори ӯ илҳоми тоза гирифта, аз ҷумла Абдулфаттоҳ Тоҷиддин Муҳаммади Шаҳристонӣ, Муҳаммад Фахриддини Розӣ, Шаҳобиддин Яҳёи Сӯҳраварди, Мирдомод ва дигарон илми фалсафа ва каломро сайқал додаанд. Шояд гумон равад, ки аксари осори Ғаззолӣ бо забони арабӣ аст ва ин сабаби шуҳратёбии ӯ дар кишварҳои араб шуда бошад, аммо ин тавр нест, зеро сидқи беназир ба усул ва арзишҳои дин, умқи фикр, бозёфтҳои илмиаш, ӯро аз бузургони илму фалсафаи исломӣ гардонидааст. Ба андешаи Ҳанно Фохурӣ ва Халил Ҷарр «Он чӣ ки дар он тардид наметавон дошт, ин аст, ки Ғаззолӣ аз машҳуртарин ва муассиртарин мутафаккироне аст, ки олами ислом ба худ дидааст» [2, с.7].

Ҳуҷҷатулислом Абӯҳомид Муҳаммад ибни Муҳаммади Ғаззолӣ соли 450 ҳичрӣ-қамарӣ баробар ба соли (1058 мелодӣ) дар деҳаи Тобирони вилояти Тӯс дар оилаи шахси каммоя, аммо парҳезгору сӯфимаслак чашм ба дунёи ҳастӣ кушодааст. Кӯдакию ҷавонияш сарфи донишандӯзию ҷаҳонгардӣ шуд, то он ки дар марзи чиҳилсолагӣ дар анвои риштаҳои улуми исломӣ саромади донишварони рӯзгори худ гашт ва номаш дар саросари ҷаҳони онрӯза забонзади ҳамагон гардид. Номи комили вай Ҳуҷҷатулислом Абӯҳомид Муҳаммад ибни Муҳаммади Ғаззолии Тӯсӣ мебошад, зеро фаъолияти пешбурди ин оила дар деҳаи Тобирони шаҳри Тӯс ба пашмресӣ ё риштагарӣ машғул буданд. Зеро дар фарҳангу луғатномаҳо маънии калимаи «ғаззол» дар арабӣ маҳз ҳамин касбро ифода мекунад. Ҳарчанд ки ташдиди ҳарфи «з» – ро на ҳамаи муҳаққиқон пазируфтаанд. Яъне, шаҳри Тӯс деҳа ё маҳаллаи «Риштаресон», қаблан бо номи «Ғаззола» вуҷуд доштааст, ки Ҳуҷҷатулислом, имом Зайниддин Абӯҳомид Муҳаммад ибни Муҳаммади Ғаззолӣ онро тахаллуси худ қарор додааст. Ин пеша ҳанӯз дар Машҳад бо номҳои ҳаллоҷ, наддоф, нахфурӯш роиҷ будааст, зеро ин маъниро худи Имом Муҳаммади Ғаззолӣ дар китоби «Эҳё-ул-улумид-дин» чунин ёдовар шудааст: «Восил ибни Аторро бад-он «ғаззол» хондандӣ, ки бо ғаззолон нишастӣ, барои он ки чун заифаеро бинад, садақа ба вай диҳад».

Падараш ба андешаи баъзе аз муҳаққиқон марди сӯфимаслак буда, дар шаҳри Тӯс пешаи ғаззолӣ ё нахи пашмфурӯши доштааст ва ҳангоми фароғат аз фурӯши наху риштаҳо дар маҷлисҳои воизону фуқаҳо ширкат варзида аз он баҳсҳо лаззат бурда, орзӯи онро мекардааст, ки фарзандонаш Муҳаммад ва Аҳмад мисли онҳо бошанду ба мардум ҳақиқатро тарғиб кунанд. Чун марги ин сӯфӣ наздик мешавад, ду фарзанди худ Муҳаммаду Аҳмадро бо мухтасари андӯхтае, ки доштанд, ба дӯсте аз ҳаммаслакони хеш месупурад ва ба ӯ мегӯяд: «Чун бар асари маҳрумӣ аз ҳунари хондану навиштан андуҳи фаровон хӯрдаам, орзӯ дорам, ки фарзандонам аз ин ҳунар баҳравар гарданд» [2, с.44].

Дар ҳақиқат, орзӯи деринаи ин мард ҷомаи амал мепӯшаду фарзандаш Муҳаммад аз бузургони шинохтаи дину тасаввуф мегардад. Лекин ба сабаби ҷомаи амал пӯшидани орзӯи деринаи пирамад умр ҳам рӯз то рӯз кам шудан гирифт ва дере нагузашта эҳтимолан соли 457 ҳиҷрӣ – қамарӣ баробар ба соли (1065 мелодӣ) риштаи умри пирамард аз ин олам канда шуда, ҳарду фарзанд аз саробон бебаҳра монданд. Баъдан ин тифли оҷиз аз ҳама чиз, тахминан соли 463 ҳиҷрӣ – қамарӣ баробар ба соли (1070 мелодӣ) дар синни 12 – солагӣ дар мадрасаи динӣ пас аз он, ки аз ҳадди ақалли ниёзмандиҳои зиндагӣ бархӯрдор шуд, ба хотири осудаю умеди фаровон дил ба китоб супурд ва гӯш ба сухани аввалин устодаш Аҳмад ибни Муҳаммади Родиконӣ фаро дод ва аз ӯ илми фиқҳи Шофеъиро омӯхт. Нахустин давраи талабагии Муҳаммад Ғаззолиро дар Тӯс, бар асоси бархе қароин, метавон ҳудуди панҷ сол тахмин кард, яъне ҳангоме ки вай аз шаҳри Тӯс раҳсипори Ҷурҷон шуд, то аз маҳзари дувумин устодаш Абулқосим Исмоили Ҷурҷонӣ баҳравар шавад, эҳтимолан навҷавоне ҳаждаҳ ё нуздаҳсола будааст. Дар баробари омӯзиши илми фиқҳ, илми наҳв, луғат, ҳадис ва Қуръонро аз бар карда, худро дар ин ҷода назар ба дигар толибилмон хело пешқадам нишон дода, омодаи роҳи тӯлонитари илмомӯзӣ дарёфт.

Бе шакку шубҳа, нахустин сафари донишҷӯии Муҳаммад Ғаззолӣ сафаре аст, ки вай аз Тӯс ба Ҷурҷон рафтааст. Аммо ин сафар дар чӣ соле анҷом шуда ва Ғаззолӣ дар оғози ин сафар чандсола будааст, дар маъхазҳои мавҷуда равшание нест. Агар фарз кунем дар ҳаждаҳ ё нуздаҳсолагӣ роҳи ин сафар шуда бошад, эҳтимолан муддати рафту баргашт ва даврони иқоматаш дар Ҷурҷон ҳудуди ду солро дар бар гирифтааст, зеро ин ҳадс бо ҳикояте, ки Имом Асъади Меҳнаӣ аз Ғаззолӣ ривоят мекунад, то ҳадде ҳамоҳанг мешавад. Имом Асъад мегӯяд: «Аз Абӯҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ шунидам, ки мегуфт: «Дар роҳи бозгашт аз Ҷурҷон дучори айёрони роҳзан шудем. Айёрон ҳар чиро, ки бо худ доштем, гирифтанд. Ман барои пас гирифтани таълиқа (ҷузва, ёддошти дарсӣ) – ҳои худ дар пайи айёрон рафтам ва исрор варзидам. Сардастаи айёрон чун исрори маро дид, гуфт: «Баргард, вагарна кушта хоҳӣ шуд». Вайро гуфтам: «Туро ба Он касе, ки аз Вай умеди эминӣ дорӣ, савганд медиҳам, ки танҳо ҳамон анбони таълиқаро ба ман бозпас диҳед, зеро онҳо чизе нест, ки шуморо ба кор ояд». Айёр пурсид, ки таълиқаҳои ту чист? Гуфтам: «Дар он анбон ёддоштҳо ва дастнавиштаҳое аст, ки барои шунидану навиштану донистанаш ранҷи сафар ва душвориҳо бар хештан ҳамвор кардам». Сардастаи айёрон хандае карду гуфт: «Чӣ гуна ба донистани онҳо иддао мекунӣ, дар ҳоле, ки чун аз ту гирифта шуд, доноии худро аз даст додӣ ва бедониш шудӣ. Он гоҳ ба ёронаш ишорате кард ва анбони маро пас доданд». Муҳаммад Ғаззолӣ идома дода мегӯяд: «Ин айёр маломатгаре буд, ки Худованд вайро ба сухан овард, то бо сухане пандомӯз маро дар кори донишандӯзӣ роҳнамо шавад. Чун ба Тӯс расидам, се сол ба тааммул пардохтам ва бо хештан хилват кардам, то ҳамаи таълиқаҳоро ба хотир супурдам ва чунон шудам, ки агар бори дигар дучори роҳзанон гардам, аз дониши андӯхтаи худ бенасиб намонам».

Аз ин сухани Муҳаммад Ғаззолӣ, ки «чун ба Тӯс расидам, се сол ба тааммул пардохтам…» метавон хулоса кард, ки Ғаззолӣ пас аз бистусесолагӣ аз Тӯс раҳсипори Нишобур шуда, то аз маҳзари олими баландовоза, Имо-мулҳарамайн Абулмаъолии Ҷувайнӣ баҳравар шавад. Шиносоӣ ба ин олими донишманд ба ӯ муяссар шуд ва дар маҳзари ин устоди номдор чунон кӯшиду дурахшид, ки пас аз як-ду сол дар шумори беҳтарин шогирдони вай ҷой гирифт ва Имомулҳарамайн чунон шефтаи ин шогирди дарсхону ҳушёр гардид, ки дар ҳар маҳфиле ба доштани шогирде чун ӯ ба худ меболид. Ин давра аз донишандӯзии Муҳаммад Ғаззолӣ, ки сабаб шуд дар ҷамъи фақеҳони Нишобур машҳур ва ангуштнамо шавад, беш аз панҷ сол напоид, яъне чун чароғи зиндагии Имомулҳарамайн ба соли 478 ҳиҷрӣ хомӯш шуд, Ғаззолӣ дар ҳадде аз дониши динии рӯзгори худ расида буд, ки дигар ниёзе ба устод надошт ё он ки устоде, ки барояш қобили истифода буда бошад, пайдо накард. Бинобар ин, ба нигоришу пажӯҳиш пардохт, то шоистаи маснади устодӣ шавад.

Дар ҳақиқат, ошноӣ бо Хоҷа Низомулмулки Тӯсӣ ба соли вафоти устодаш Имомулҳарамайн рост омад. Дар ин сол Муҳаммад Ғаззолӣ ба лашкаргоҳи Маликшоҳи

Салҷуқӣ, ки дар наздикии шаҳри Нишобур воқеъ буд, роҳ ёфт ва ба хидмати ҳамвилоятии сиёсатмадори худ Хоҷа Низомулмулки Тӯсӣ пайваст. Дар маҳзари ин вазири шофеимазҳабу адабдӯсту гавҳаршинос борҳо бо фақеҳону донишварон ба мунозара пардохт ва дар ҳар маврид бар мухолифони ақидаю андешаи хеш пирӯз гашт. Лекин ин кор дере напоид, ки Хоҷа Низомулмулк бо шавқу майли зиёд ба ҳимояташ бархост ва дар бузургдошти вай кӯшид, то он ҷо ки ӯро «Зайнуддин» ва «Шарафулаимма» лақаб дод ва ба устодии мадрасаи Низомияи БаҒдод баргузид. Оғози устодӣ дар мадрасаи Низомияи БаҒдод дар соли 484ҳ.қ.=1091 м. рост омад, ки аз шаҳри Тӯс тариқи роҳи Исфаҳон раҳсипори БаҒдод шуд. Мардуми ин сарзамин қадамашро ба гармӣ пазиро шуданд. Номаш хеле зуд забонзади хоссу ом гардид, зеро дар маҳфилҳои илмӣ аз истеъдоди фавқулода ва дониши бисёраш достонҳо гуфтанд ва корвониёне, ки аз БаҒдод раҳсипори шарқу ғарб мешуданд, барои мардумони шаҳрҳои сари роҳ аз нубуғу ҳушёрии вай ҳикоятҳо ривоят мекарданд, то он ки бузургворӣ ва азаматаш ба пояе расид, ки ҳатто дар амирону подшоҳон ва вазирони муосири худ асар гузошт.

Дар соли 487 ҳиҷрӣ Ғаззолӣ яке аз бузургоне буд, ки бо унвони ҳуҷҷатулисломӣ ва устоди баргузидаи мадрасаи Низомияи БаҒдод дар маросими насби ал-Мустазҳар биллоҳ – бисту ҳаштумин халифаи Аббосӣ бар маснади Хилофат ширкат ҷуст ва бо вай аҳду паймон кард.

Худаш дар номае, ки ба соли 504 ҳиҷрӣ дар посухи Низомиддини Аҳмад навиштааст, зимни ибрози надомат аз зиндагии ҷанҷолию ашрофии гузаштаи хеш чунин менигорад: «Дар БаҒдод аз мунозара кардан чора набошад ва аз саломи Дору-л-Хилофа имтиноъ натавон кард».

Пас аз он ки дар БаҒдод ба авҷи шавкату шуҳрат расид ва дар миёни хоссу ом мақоме бартар аз ҳама пайдо кард, дарёфт, ки аз ин роҳ наметавон ба осоишу оромиши рӯҳӣ расид. Пас аз тардиди бисёр, саранҷом дунболарави сӯфиёни ворастаи бе ному нишон шуд. Ба баҳонаи зиёрати Каъба аз БаҒдод берун рафт, чанде бо гумномӣ ба ҷаҳонгардӣ пардохт ва солҳо дар Ҳиҷозу Шому Фаластин бо хештани хеш ба хилват нишаст, то доруи дарди дарунии худро пайдо кард.

Абӯҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ баъди дувоздаҳ соли узлат боз дубора ба миёни мардум боз гашт ва дар пеши худ мақсад гузошт, ки ба ифозати илми шариат машғул бояд шуд. Пас, чун иҷобат карда омад ва кори тадрисро равнақ пайдо шуд ва талабаи илм аз атрофи ҷаҳон ҳаракат кардан гирифтанд. Дар баробари ин, ҳасудон, ки Ғаззолӣ ба онҳо ишора кардааст, рӯҳониёне будаанд, ки дар дастгоҳи султон Санҷар шавкату қудрате ёфта буданд. Пас барои ҳифзи мақому мансаби хеш бо бархе аз фақеҳони моликимазҳаб, аз мардуми Тароблуси Ғарб, ҳамдостон шуданд, то бузургмарде чун Ғаззолиро бо туҳмату найранг аз майдон бадар кунанд ё барои пешбурди мақсадҳои худ аз қудрати шофеимазҳабон бикоҳанд. Муҳаммад Ғаззолӣ дар номае, ки ба султон Санҷар навишта, аз бегуноҳии хеш чунин дифоъ мекунад: «Ва аммо ҳоҷиби хос он аст, ки ман дувоздаҳ сол дар зовияе нишастам ва аз халқ эъроз кардам. Пас, Фахрулмулк, раҳмату-л-Лоҳи алайҳи, маро илзом кард, ки ба Нишобур бояд шуд. Гуфтам: «Ин рӯзгор сухани ман эҳтимол накунад, ки ҳар кӣ дар ин вақт калимату-л-ҳақ бигӯяд, дару девор ба муодоти ӯ бархезад». Гуфт: «(Санҷар) малике аст одил ва ман ба нусрати ту бархезам». Имрӯз кор ба ҷое расида, ки суханҳое мешунавам, ки агар дар хоб дидаме, гуфтаме: азғоси аҳлом аст. Аммо он чи ба улуми ақлӣ тааллуқ дорад, агар касеро бар он эътироз аст, аҷаб нест, ки дар сухани ман ғарибу мушкил, ки фаҳми ҳар кас бадон нарасад, бисёр аст. Лекин ман якеам, он чи дар шарҳи ҳар чӣ гуфта бошам, бо ҳар кӣ дар ҷаҳон аст, дуруст мекунам ва аз уҳда берун меоям, ин саҳл аст. Аммо он чӣ ҳикоят кардаанд, ки ман дар Имом Абӯҳанифа, раҳма-ту-л-Лоҳи алайҳи, таън кардам, эҳтимол (таҳаммул) натавонам кард…» [2, с.51].

Пас аз он ки васвасаи номардумон дар дили султон Санҷар асар гузошт, ин подшоҳ нафаре фиристод ва ҳуҷҷатулисломро, ки дар зодгоҳи худ Тобирони Тӯс ба таълиму ибодат машғул буд, ба лашкаргоҳи хеш, Туруғ, наздики Машҳади имрӯз, фаро хонд. Ғаззолӣ чун медонист, ки дар кафи шери нари хунхорае қарор гирифта ва аз рафтан чорае нест, баҳона пеш овард ва бо номаи устодона хашми Султон Санҷарро фурӯ нишонид, ки

чунин омадааст: «Бар мардумони Тӯс раҳмате кун, ки зулми бисёр кашидаанд ва ғалла ба сармою беобӣ табоҳ шуда ва дарахтҳои садсола аз асл хушк шуда ва марди рустоиро ҳеч намонда, магар пӯстине ва муште иёли гуруснаю бараҳна, агар ризо диҳад, ки пӯстин аз пушт боз кунад, то зимистон бараҳна бо фарзандон дар танӯре шаванд, ризо мадеҳ, ки пӯсташон бозкананд. Ва агар аз эшон чизе хоҳанд, бар асари тиҳидастӣ ҳамгинон бигурезанд ва дар миёни кӯҳҳо ҳалок шаванд ва ин пӯст бозкардан бошад [2, с.52].

Ин шахсияти нотакрори анвои риштаҳои улуми исломӣ, саромади донишварони рӯзгори худ, ки номаш дар саросари ҷаҳон забонзади ҳамагон гардида буд, панҷоҳусе сол умр дид, ки чиҳил соли онро дар дарёи улуми дин сарф кард, то ба ҷое расид, ки сухани вай аз андозаи фаҳми бештари аҳли рӯзгор даргузашт. Бист сол дар айёми султони Шаҳид (Маликшоҳ) рӯзгор гузаронд ва аз вай ба Исфаҳону БаҒдод иқболҳо дид. Ва чандин бор миёни султону Амирулмуъминин расул буд, дар корҳои бузург ва дар улуми динӣ наздики ҳафтод китоб кард. Пас дунёро чунон ки буд, бидид. Ҷумлагӣ биандохт, муддате дар Байтулмуқаддасу Макка мақом пайдо кард ва бар сари машҳади Иброҳими Халил, салавоту-л-Лоҳи алайҳи, аҳд кард, ки низ пеши ҳеч султон наравад ва моли султон нагирад ва мунозараю таассуб накунад. Дувоздаҳ сол бад-ин аҳд вафо кард ва амирулмуъминин ва ҳамаи султонон вайро маъзур доштанд».

Пас аз даргузашти Шамсулислом Киё Имом Ҳаросии (Ҳарозӣ) Табарӣ, фақеҳи шофеӣ ва устоди Низомияи БаҒдод, ки аз шогирдони баргузидаи Имомулҳарамайн ва ҳамдарси Ғаззолӣ будааст, ба ишорати халифаи Аббосӣ ва султони Салҷуқӣ, вазири Ироқ Зиёулмулк Аҳмад фарзанди Хоҷа Низомулмулк ба вазири Хуросон Садриддин Муҳаммад фарзанди Фахрулмулк номае навишт, ки Ғаззолиро бо навозишу дилҷӯӣ ба БаҒдод бозгардонад, то шогирдони мадрасаи Низомия аз нобасомонӣ наҷот ёбанд. Вале Ғаззолии ворастаю даст аз ҳама чиз шуста, таслим нашуд ва дар посухи онон чунин навишт: «Омадем ба ҳадиси мадрасаи БаҒдод ва узри тақоуд аз имтисоли ишорати садри вазорат. Узр он аст, ки изъоҷ (=аз ҷой барангехтан) аз ватан муяссар нашавад, илло дар талаби зиёдати дин ё зиёдати дунё [2, с.53].

Муртазо Забидӣ, нависандаи бузургтарин шарҳ бар «Эҳё-ул-улуми-д-дин», поёни зиндагии Ғаззолиро дар муқаддимаи хеш бар шарҳи «Эҳё» бо нақли гуфтаҳои дигарон нек нигоштааст, ки тарҷумаи бахши аввали он чунин аст: «Гуфтаанд, ки вақти худро пайваста ба тиловати Қуръон ва ҳамнишинӣ бо соҳибдилону гузоридани намоз машҒул медошт, то ҷумодолохири соли понсаду панҷ фаро расид. Аҳмади Ғаззолӣ, бародари Ҳуҷҷатулислом гуфтааст: «Рӯзи душанбе ба ҳангоми субҳ бародарам вузӯ сохту намоз гузориду гуфт: «Самъан ва тоъатан лид-духули ала-л-малик», он гоҳ пойи хешро дар ҷиҳати қибла дароз кард ва пеш аз баромадани хуршед роҳии биҳишт гардид».

Ғаззолӣ дар ҷаҳони донишу дурандешӣ аз ҷумлаи бузургтарин номоварони бархӯрдор аз андешаи инсонӣ аст, мутафаккири ворастае аст, ки дар миёни мардуми рӯзгор ба болотарин пойгоҳи андеша роҳ ёфтааст. Пас агар дар мавриди теъдоди осори марде пуркору фаровонасар чун ӯ муболиҒа шавад ва ҳақиқату афсона дарҳам омезад, ҷойи шигифте нахоҳад буд, зеро Ғаззолӣ ҳамчун Арасту аз донишварони баландовозае аст, ки илова бар навиштаҳои аслии худаш бо гузашти замон китобҳое фаровони дигаре ба вай нисбат додаанд, китобҳое, ки теъдодаш шаш баробари рақаме аст, ки худаш ду сол пеш аз марг дар номае, ки ба Санҷар навишта, ёдовар шудааст. Омехтани ҳамин осори фаровон бо китобҳои аслии ӯ кори пажӯҳишро бар аҳли таҳқиқ чунон душвор карда, ки барои шиносоии дуруст аз нодуруст пажӯҳишгаронро ба меъёри дақиқ, яъне тартиби таърихии осори Ғаззолӣ ниёз афтодааст, меъёре, ки метавонад таърихи пайдоиши ҳар як аз осори аслии Ғаззолиро равшан созад. Шинохти даврони такомули андешаи ин бузургустод танҳо бо вуҷуди чунин меъёре имконпазир аст ва бадин васила мумкин аст аз чигунагии таҳаввули бузурге, ки дар зиндагии пурнишебу фарози ӯ рух намуда, огоҳ шуд.

Хушбахтона, ховаршиносон дар заминаи тартиби таърихии осори Муҳаммад Ғаззолӣ бисёр кор кардаанд ва доктор Абдурраҳмони Бадавӣ чакидаи корҳои илмии бештари ононро дар оғози китоби арзандаи худ ба номи «Муаллафоту-л-Ғаззолӣ» гирд овардааст, тарҷумаи гулчине аз онро дар ин ҷо хоҳам овард. Аз Гошею Макдоналд ва

Голдзиҳер, ки бигузарем, нахустин ховаршиносе, ки дар китоби хеш зери унвони «Тартиби таърихии муаллафоти Ғаззолӣ» сухан гуфтааст, Луӣ Масинён аст, ки замони таълифи осори Ғаззолиро дар чаҳор марҳила бадин тартиб танзим кардааст:

Марҳилаи аввал – (478 то 484ҳ.қ.) «Китобу-л-ва-ҷиз»-и Ғаззолӣ дар ин марҳила таълиф шудааст.

Марҳилаи дувум – (484 то 488ҳ.қ.) Ғаззолӣ дар он китобҳои «Мақосиду-л-фалосифа» ва «Таҳофуту-л-фалосифа» ва «ал-Иқтисод фӣ-л-эътиқод» ва «Фазоеҳу-л-ботиния»-ро навишт.

Марҳилаи савум – (489 то 495ҳ.қ.) Ғаззолӣ дар ин солҳо «Эҳё-ул-улмид-дин»-ро, ки қаблан оғоз карда буд, ба анҷом расонида ва китобҳои «ал-Мустасфо» дар усули фиқҳ ва «Кимиёи саодат» ва «Минҳоҷу-л-обидин ило ҷаннати Рабби-л-оламин»-ро навиштааст.

Марҳилаи чаҳорум – (аз соли 495 ҳиҷрӣ оғоз мешавад ва дар соли 505 ҳиҷрӣ дар шаҳри Тӯс бо марг поён мепазирад) Ғаззолӣ дар ин солҳо ба нигориши китобҳои «Меъёру-л-илм» ва «Маҳакку-н-назар» ва «ал-Мақсаду-л-асно фӣ шарҳи асмои-л-Лоҳи-л-ҳусно» ва «ал-Аҷвибату-л-мускита» ва «Мизону-л-амал» ва «Ҷавоҳиру-л-Қуръон» ва «ал-Мунқиз мина-з-залол» ва «Илҷому-л-авом» ва теъдоде китобу рисолаи дигар пардохтааст.

Пас аз Луӣ Масинён нахустин баҳсро дар бораи ташхиси муаллафоти асил ва машкуки Ғаззолӣ Асин Паласиос оғоз кард ва китобе бузург дар чаҳор муҷаллад ба номи «Рӯҳонияти ал-Ғаззолӣ» таълиф намуд, ки байни солҳои 1934-1941 дар Мадрид мунташир шудааст. Муаллиф дар ҷилди чаҳоруми ин китоб, аз сафҳаи 385 то 390, дар бораи китобҳои Ғаззолӣ аз ҳар лиҳоз баҳс карда, далели хешро дар мавриди китобҳои машкуки вай баён доштааст.

Пас аз пажӯҳиши арзандаи Асин Паласиос, аз мақолаи таҳқиқии Монтгомери Вотт метавон ном бурд, ки дар соли 1952 зери унвони «Сиҳҳати муаллафоти мансуб ба Ғаззолӣ» мунташир шуд.

Он гоҳ Морис Буиж барои тартиби таърихии осори Ғаззолӣ ба кори ҷомеътаре мепардозад ва дар такмили кори ховаршиносони пеш аз худ роҳи беҳтареро пеш мегирад вале пеш аз он ки ҳосили кораш мунташир шавад, дар таърихи 22 январи соли 1951, ба коми марг фурӯ меравад. Хушбахтона, кори ниматамоми ин донишмандро устоди лубнонӣ Мишел Аллар такмил намуда, дар соли 1959 мунташир кардааст.

Саранҷом донишманди мисрӣ доктор Абдурраҳмони Бадавӣ аз маҷмӯи пажӯҳишҳои ховаршиносон ёрӣ мегирад ва ба нигориши китоби нафиси худ «Муаллафоту-л-Ғаззолӣ» мепардозад. Ин китоб ба муносабати ҷашнвораи ҳазорумин соли милоди Абӯҳомид Имом Муҳаммади Ғаззолӣ дар тобистони соли 1960 милодӣ мунташир шудааст. Дар ин китоб аз 457 китоби аслию мансубу машкук ёд шуда, ки муаллиф ҳафтоду дутои онҳоро бетардид аз они Ғаззолӣ дониста ва дар сиҳҳати бақия тардид намудааст.

Муртазо Забидӣ (1145-1205ҳ.қ.), тазкиранависи мусалмон, ки дар муқад-димаи худ бар шарҳи даҳҷилдии «Эҳё-ул-улуми-д-дин» ба номи «Итҳофу-с-содати-л-муттақин бишарҳи асрори «Эҳёи улуми-д-дин» дар бораи Имом Муҳаммади Ғаззолӣ ва осораш баҳсе дақиқу олимона кардааст, баҳсе, ки дар саросараш нишонаҳои диққату садоқату амонати илмӣ ба чашм мехӯрад. Ин шореҳи моявар 78 асар аз осори Ғаззолиро ба тартиби ҳуруфи алифбо, бар асоси ҳарфи аввали ҳар китоб танзим кардааст ва пеш аз ҳамаи китобҳои Ғаззолӣ, аз китоби «Эҳё-ул-улуми-д-дин»-и вай ёд кардааст ба се далел: яке он ки номи ин китоб бо ҳарфи алиф оғоз мешавад; дигар он ки ба ақидаи муаллиф, ба сабаби шомил будани улуми охират бар дигар китобҳои Ғаззолӣ бартарӣ дорад; сабаби савум он ки ин китоби хуршедосо аз шуҳрати ҷаҳонӣ бархӯрдор аст.

Хулосаи сухан он ки Абӯҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ бо навиштаҳои амиқу пурмағзи худ ба қолаби анвои улуми исломӣ ҷони тоза дамид ва дар заминаи тасаввуфу ирфон, фалсафаю калом, равоншиносию ахлоқ навовариҳо кард. Вай аз 39-солагӣ ба баъд барои тасфияи рӯҳ ва нигориши арзандатарин осори худ мардумгурез шуд ва то поёни умр дар гумномию гӯшанишинӣ ба сар бурд. Саранҷом дар соли 505 ҳиҷрӣ, пас аз панҷоҳу панҷ соли зиндагии пурсамар, чароғи зиндагияш дар зодгоҳаш фуруд омад, аммо машъали пурфурӯғи андешааш дар канори осори фаровону арзандае, ки аз худ боқӣ гузошта,

ҳамчунон фурӯзон барҷой монда ва ин фурӯзандагӣ, то оини мусулмонӣ барҷой бошад, соҳибдилонро дар масъалаҳои динию ахлоқӣ ва иҷтимоию адабӣ равшангари бисёре аз ҳақиқат хоҳад буд.

А Д А Б И Ё Т

1. Анри Корбэн. Таърихи фалсафаи исломӣ / Корбэн Анри. - Теҳрон, 1352.
2. Ғаззолӣ М. Кимиёи саодат / М. Ғаззолӣ. - Душанбе, 2008. - Ҷ.1.
3. Ғаззолӣ М. Мақосид ул – фалосифа / М. Ғаззолӣ. – Теҳрон, 1960.
4. Ғаззолӣ М. Эҳё-ул-улуми-д-дин / М. Ғаззолӣ. – Теҳрон, 1372 ҳ.
5. Ғаззолӣ М. Ал Мунқиз мина-з-залол / М. Ғаззолӣ. – Бейрут, 1375 ҳ.
6. Ғаззолӣ М. Насиҳат-ул-мулук / М. Ғаззолӣ. – Теҳрон, 1351 ҳ.
7. Динаршоева З.М. Мухаммад Газали и его отношение к философии / З.М. Динаршоева. - Душанбе, 2000.
8. Забеҳулло Сафо. Таърихи улуми ақлӣ дар тамаддуни исломӣ / Сафо Забеҳулло. - Теҳрон, 1331 (1952).
9. Комилов Рустам. Фалсафаи тоҷик / Рустам Комилов. – Душанбе, 2011.
10. М. Иқбол. Сайри фалсафа дар Эрон / Иқбол, М. - Теҳрон, 1380.
11. М. Иқбол. Эҳёи фикри динӣ дар ислом / Иқбол, М. - Душанбе, 1997.
12. М. Шариф. Таърихи фалсафа дар ислом / Шариф М. - Теҳрон, 1939. - Ҷ.2.
13. Ҳалабӣ А.А. Таърихи фалосифаи эронӣ / А.А. Ҳалабӣ. - Теҳрон, 1381.
14. Ҳанно Фохурӣ. Таърихи фалсафа дар ҷаҳони исломӣ / Фохурӣ Ҳанно, Ҷарр Халил. - Теҳрон, 1386.
15. Шамолов А.А. Философско-теологические воззрения Газали / А.А. Шамолов. - Душанбе, 2003.
16. Шиблии Нуъмонӣ. Илми каломи ҷадид / Нуъмонӣ, Шиблӣ. - Теҳрон, 1329.

ЭҶОД ВА САМАРИ УМРИ АБӮҲОМИД МУҲАММАДИ ҒАЗЗОЛӢ

Дар зиндагӣ инсонҳое ба арсаи вуҷуд меоянд, ки умри хешро дар хидмати мардум вомегузоранд ва бори нафарони дигарро сабук месозанд. Ин гуна шахсиятҳо бо эҷодашон барои чанд насли оянда хидмат хоҳанд кард, то ки дигарон дар осудагӣ умри хешро паси сар намоянд. Яке аз ин гуна шахсиятҳои нотакрор Абӯҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ мебошад. Зиндагӣ ва шахсияти ин донишманди бузург дар таърихи башар ҳамчун диншинос, файласуф ва мутафарриди барҷаста шуҳратёр гашта буд, ки дар садаи XI ва аввали садаи XII дар байни мутафаккирони Шарқ бо чунин хусусиятҳояш назир надошт. Абӯҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ бо навиштаҳои амиқу пурмаҒзи худ ба қолаби анвои улуми исломӣ ҷони тоза дамид ва дар заминаи тасаввуфу ирфон, фалсафаю калом, равоншиносию ахлоқ навовариҳо кард. Ғаззолӣ дар ҷаҳони донишу дурандешӣ аз ҷумлаи бузургтарин номоварони бархӯрдор аз андешаи инсонӣ аст, мутафаккири ворастае аст, ки дар миёни мардуми рӯзгор ба болотарин пойгоҳи андеша роҳ ёфтааст. Абӯҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ ҳамаи ашколи маърифати инсониро дар шинохти ҳақиқати динӣ истифода бурд ва бо эроди худ ва равиши таҳқиқаш такони муассире ба улуми исломӣ бахшид ва роҳро барои фикри динӣ ҳамвор сохт. Абӯҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ бо навиштаҳои амиқу пурмаҒзи худ ба қолаби анвои улуми исломӣ ҷони тоза дамид ва дар заминаи тасаввуфу ирфон, фалсафаю калом, равоншиносию ахлоқ навовариҳо кард.

Калидвожаҳо: мутафаккир, ҳақиқат, забон, адабиёт, ҳаёт, маънавиёт, фаъолият, тахаллус, таълимот, танҳоӣ, эҷодиёт, осор, илм.

ТВОРЧЕСТВО И ПЛОДОТВОРНАЯ ЖИЗНЬ АБУХАМИДА МУХАММАД ГАЗЗОЛИ

В статье автор рассматривает жизнь и творчество Абухамида Газзоли, который, несомненно, является ценнейшим примером для многих людей современности. Он пожертвовал своим величайшим творчеством, является Абухамид Газзоли. Именно поэтому нам следует изучать и проанализировать жизнь и творчество таких великих мыслителей как Абухамид Газзоли, рассмотреть и изучать своеобразие жизни, особенности личности, характерные черты творчества, а также бытие, семейное положение и все трудности жизни таких людей. Анализ творчества и особенности языка произведений Абухамида Газзоли в свете филологических исследований является весьма значимым и ценным. При анализе и интерпретации творчества и жизни мыслителя становится ясно, что великий мыслитель был преданным науке, его особое внимание было направлено на человека, как достойной личности, а также особенностям человеческого познания. Его жизнь была связана с несокрушимой религиозной правдой и божественной истиной. Правда мыслителя заключается в том, что его нравоучения, мудрые и разумные наставления стали средством нравственного и морального воспитания личности и в целом показательным направлениемдля всей общественности. Основная цель Абухамида Газзоли заключалась в том, что люди могут делать много добрых дел и разумные люди всегда находятся на верном жизненном пути и познания истины.

Ключевые слова: мыслитель, истина, язык, литература, жизнь, мораль, деятельность, псевдоним, учение, одиночество, творчество, наследие, наука.

CREATIVITY AND A FRUITFUL LIFE OF ABUKHAMID MUHAMMAD GAZZOLI

In the article, the author examines the life and work of Abukhamid Gazzoli, who, undoubtedly, is the most valuable example for many people of our time. He sacrificed his greatest creativity, is Abuhamid Gazzoli. That is why we should study and analyze the life and work of such great thinkers as Abuhamid Gazzoli, consider and study the originality of life, personality traits, characteristic features of creativity, as well as being, marital status and all the difficulties of life of such people. The analysis of creativity and the peculiarities of the language of the works of Abukhamid Gazzoli in the light of

philological research is very significant and valuable. When analyzing and interpreting the work and life of the thinker, it becomes clear that the great thinker was devoted to science, his special attention was directed to a person as a worthy person, as well as to the peculiarities of human cognition. His life was associated with an unbreakable religious truth and divine truth. The truth of the thinker lies in the fact that his moral teachings, wise and reasonable instructions have become a means of moral and moral education of the individual and, in general, an indicative direction for the entire public. The main goal of Abuhamid Gazzoli was that people can do a lot of good deeds and reasonable people are always on the right path in life and knowledge of the truth.

Key words: thinker, truth, language, literature, life, morality, activity, pseudonym, teaching, loneliness, creativity, heritage, science.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Раҳмоналиев Ҷовидон Худоёрович*** – Донишгоҳи давлатии Данғара, муаллими калони кафедраи забон ва адабиёти тоҷик. **Суроғ:** 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Данғара, кӯч. Шарифова, 3. Тел.: **(+992) 918-54-68-68**

Сведения об авторе: ***Рахмоналиев Джовидон Худоёрович*** - Дангаринский государственный университет, старший преподаватель кафедры таджикского языка и литературы. **Адрес:** 735320, Республика Таджикистан, Дангара, ул. Шарифова, 3. Тел.: **(+992) 918-54-68-68**

Information about the author: ***Rakhmonaliev Jovidon Khudoyorovich*** **-** Dangara State University, Senior Lecturer of the Department of Tajik Language and Literature. **Address:** 735320, Republic of Tajikistan, Dangara, st. Sharifova, 3. Tel.: **(+992) 918-54-68-68**

УДК: 891.550:82

ХУДОЙ ШАРИФЗОДА ВА МАСОИЛИ РӮДАКИШИНОСӢ

Рустамов М.Ю.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Масъалаи таҳқиқи осори боқимонда аз Рӯдакӣ дар замони истиқлол шурӯи тозае касб намуд. Махсусан дар ду даҳсолаи охир таълифоти арзишманде дар заминаи рӯдакишиносӣ ба вуҷуд омад, ки қисмати асосиаш ба қалами шодравон профессор Х.Шарифзода марбут аст.

Рӯдакӣ аз шумори шоироне маҳсуб мешавад, ки дар хилоли ҳаёти илмӣ-эҷодии Х.Шарифзода ҳамвора мавриди таваҷҷуҳу диққаташ будааст. Муҳаққиқ ба ҷуз ишороти кӯтоҳе, ки дар бархе аз навиштаҳо ба Рӯдакӣ ва замону ҷанбаҳои мухталифи осораш намуда, чанд мақолаи ихтисосӣ дар перомуни ҷанбаҳои гуногуни дунёи эҷоди Рӯдакӣ таълиф кардааст, ки дар рӯдакишиносии Тоҷикистон дар навъи худ беназиранд.

Дар заминаи рӯдакишиносӣ дар Тоҷикистон таълифоти арзишманде ба нашр расидааст, вале мавзӯи Рӯдакӣ ва ашъораш ба он вусъату абъоде, ки дорад, барои муҳаққиқон ҳамеша боз аст. Бо назардошти ин нукта метавон гуфт, ки нақши Х.Шарифзода дар шинохти ҷойгоҳи Рӯдакӣ ва ҷаҳони шеъру андешаи ӯ қобили мулоҳиза аст. Яке аз таълифоти бунёдии мавсуф «Нақди шеъри Рӯдакӣ» мебошад [2, с.3-22]. Такяи муаллиф болои дидгоҳҳои интиқодие аст, ки аз оғоз то қарни XIII мелодӣ дар бораи шеъру ҳунари шоирии Рӯдакӣ дар сарчашмаҳо, тазкираҳо, ҷунгҳо баён гардидааст. Аввалан, муаллиф изҳор дошта, ки манобеи мавҷудро дар иртибот ба шеъри Рӯдакӣ то имрӯз ҳамчун «манбаи ахбор» шинохтаанд, дар ҳоле ки арзишу қимати нақкодии онҳо дар шинохти Рӯдакӣ бисёр муҳим аст. Бояд арз дошт, ки шеваи таҳлили муҳаққиқ аз андешаҳои шоирону тазкиранависон ва соҳибони кутуб дар иртибот бо осори Рӯдакӣ бисёр тозаву нодир аст. Мазкур пас аз нақли қавл саъй мекунад назари интиқодии муаллифонро аз матн берун биёрад. Амре, ки дар арзёбии дидгоҳҳои интиқодӣ камтар сурат гирифтааст. Х.Шарифзода бо диди фароху зеҳнияти хос аз миёни иқтибосоти манзум ҷанбаҳои интиқодии андешаву ororo бозшиносӣ ва таъйин месозад.

Афкору андешаҳои интиқодие, ки дар бистари замон дар пайванд бо шеъри Рӯдакӣ сурат гирифта, якранг нестанд. Бо сипарӣ шудани замон, дигаргун шудани арзишҳои ҳунарӣ, ахлоқиву иҷтимоӣ, таҳаввули сабку услуби суханварӣ, бархӯрду тарзи таллақӣ аз

сурудаҳои Рӯдакӣ тағйир мекунад. Равшан аст, ки Рӯдакӣ мисли бисёре, аз ҳунарварони дигар мавриди номеҳрубониву таънҳои нобихрадона қарор гирифтааст. Ҳамзамон ашхосе буданд, ки аз шеъру ҷойгоҳи ӯ ҳимоят намудаанд, ки мисолашро муҳаққиқ дар шахси Низомии Арӯзии Самарқандӣ дар мақола овардааст. Ба назар чунин мерасад, ки Х.Шарифзода бо зикри бархе аз шоирон ва нақли порае аз навиштаҳои эшон мехоҳад дидгоҳҳои амиқи хешро, натиҷаи ҷустуҷӯҳояшро дар бахши ашъори шоир, сатҳи ҳунару истеъдодаш дар суханварӣ, бинишу ҷаҳоншинохтиаш иброз дорад.

Мазияти нигариши муҳаққиқонаи Х.Шарифзода маҳз дар ҳамин нукта зоҳир мегардад, ки аз хилоли баёни кӯтоҳи як шоир назари интиқодиашро, ҳадафашро борикбинона муайян месозад ва бозгӯ менамояд ва ба натиҷаҳои амиқи илмӣ мерасад.

Натиҷаи дигаре, ки аз таҳқиқоти ноқидони Рӯдакӣ барои муҳаққиқ равшан шуда, ин аст, ки то асри XIII мелодӣ бештари адибону фозилоне, ки бо шеъри Рӯдакӣ бархӯрде доштанд, назарашон ба сухани ӯ мусбат аст ва зимни ситоишу такрими сурудаҳои Рӯдакӣ абёти ҷудогонаи ашъорашро истиқлолу тазмин намудаанд.

Мақолаи «Рӯдакӣ ва Шаҳиди Балхӣ» низ дар шинохти гӯшаҳои хосси зиндагии эҷодии Рӯдакӣ, муҳити адабии асри мавриди назар, таъйини марзҳои донишҳои адабӣ, маърифати робитаҳои адабӣ миёни шоирон, бисёр пурумқу аҳаммиятнок аст [3,с.27-45].

Ин ки ҳарду шоир бузургтарин намояндагони аҳди Сомонӣ маҳсуб мешаванд ба касе пӯшида нест. Дар таълифи ин мақола, ки ҷанбаи қиёсӣ дорад Х.Шарифзода дар садад буда, то бо мурури амиқ масири эҷоду офариниши ин ду гоми муассире дар шинохти густурдаи суннатҳо ва қонуниятҳои такявар ба онҳо бардорад.

Тавре ки аз таҷриба бармеояд, ҳар муҳити адабӣ эҷодгари фазои хосси пайванду амал миёни шоирону ҳунармандон аст. Фазое, ки шоиронро бо ҳам наздик месозад, ба эҷоди ҳамдигар алоқаманду дилбаста мегардонад.

Зимни қиёсу арзёбии зиндагии эҷодии Рӯдакӣ ва Шаҳиди Балхӣ мавзӯе, ки ба таври назаррасе таҳқиқ шуда, қиёси мероси боқимонда аз нигоҳи шаклу сохтор ва мавзӯю муҳтаво ба шумор меравад. Донишманди фозил Х.Шарифзода зикр намуда, ки мероси ночизи расидаи ин бузургмардон барои пажӯҳанда ин имконро намедиҳад, ки муқоисаи куллии мавзӯю мундариҷа ва жанрҳои шеърии онҳоро анҷом диҳанд.

Махсусан, аз Шаҳиди Балхӣ шеъре комил бокӣ намонда то бо шеъри Рӯдакӣ битавон муқоиса намуд. Бояд гуфт, ки ҳамсониҳои мавзӯӣ, тасвирҳо, махсусан бозтоби саҳнаҳои табиӣ муҳаққиқонро ба ин натиҷа расонида, ки васфи мазоҳири табиат хосси ҳунари аср будааст.

Тарҳи мазомини панду андарзӣ гувоҳ бар он аст, ки Шаҳид марди ҳакиму донишманде буда ва тавсифу тасвирҳояш гувоҳ аз соҳибҳунар будани вай аст.

Қобили қайд аст, ки баррасии амиқи мероси ин ду шоири номии аҳди Сомониён зеҳни муҳаққиқро ба домани хулосаҳои ҷолиб мекашонад, ки камтар муҳаққиқе ба онҳо ишора намудааст. Аз ҷумла изҳор намуда, ки вусъату дониши Рӯдакӣ дар риштаи ҳикмату фалсафа аз Шаҳиди Балхӣ камтар нест. Шаҳид аз зумраи шоиронест, ки дар радифи шоирӣ ҳамвора машғули пажӯҳишҳои илмӣ аст ва дар заминаи илму ҳикмат осоре ҳам таълиф намудааст. Бар хилофи ӯ Рӯдакӣ дар зиндагӣ бештар дунболи рамзу розӣ ҷаҳони ҳунару офариниш буда ва ба маснади болои суханварӣ расидааст.

Миёни таҳқиқоте, ки Х.Шарифзода дар шинохти шеъру ҷаҳони андешаи Рӯдакӣ бахшидааст, мақолаи «Шеъри Рӯдакӣ ва шакли байти адабиёти классикӣ ҷойгоҳи вижае дорад» [3, с.9-26].

Лозим ба тазаккур аст, ки дар ин навишта дидгоҳҳои назарии Х.Шарифзода ниҳоят амиқу мӯшикофона баён гардидаанд. Дуруст аст, ки барои як қитъа шеър ваҳдати шаклу маъно яке аз рукнҳои бунёдист ва чунин ваҳдате дар шеърӣ форсӣ дар асри Рӯдакӣ решадор шуд ва қолаби асосии худро пайдо намуд. Дар асрҳои баъдӣ шакли он аз нигоҳи вазну қофия тағйиру дигаргунии хоссе ба худ нагирифт ва созмонаш мисли пешин устувор монд.

Ба ақидаи Х. Шарифзода дар шеъри форсӣ дар сохтмони дохилиаш тағйироте сурат гирифт, ки баъдҳо сабабгори тағйири услуби шеър гардид. Дар зуҳуру шаклгирӣ ва ба

сарҳади камол расидани як қитъа шеър васоилу абзорҳои мухталифи шеърсоз коргаранд. Мисли шаклу маъно, вазну қофия ваҳдату ҳамбастагии ин абзор дар навбати худ фазову макони хосси зуҳурро таҳозо мекунанд. Барои шеъри замони Рӯдакӣ чунин фазои содаву ибтидоӣ байт ҳисоб мешуд ва таваҷҷуҳи Х. Шарифзода ҳам дар мақолаи мазкур чигунагии банду басти байт дар асри мавриди назар аст.

Мавсуф зикр месозад, ки аслан шеъри қарни даҳум бештар ба ҳақиқатнигорӣ таваҷҷуҳ дорад. Дар қаламрави чунин шеъре «ҳаракати зеҳнӣ ва айнияти тасвири ҳунарӣ чун ҷузъи маънӣ дар навбати аввал мебошад ва камолоти ҳунарӣ дар ин ҷузъ зарурати такмили ниҳоии зиёд бар дӯш надорад» [3, с.11].

Бо дигар сухан манзури ниҳоӣ ин аст, ки сохти байти шеъри форсӣ дар қиёс бо шеъри арабӣ истиқлол надорад ва онҳо марҳилаҳои такомули худро мегузаронанд.

Равшан аст, ки аксари анвои шеъри форсӣ баргирифта аз шеъри арабианд, ки дар тӯли замон рушдёфта ва истеҳкому инсиҷом пазируфтаанд. Беҳуда нест, ки шоирони форсигӯ орзу доштанд, ки шеъри онҳо низ комилу пухтагии шеъри арабиро дошта бошад. Рӯдакӣ, ки дар бархе аз сурудаҳояш худро шоири камолёфтаву тозагӯ эълом медорад, дар асл тибқи шавоҳиди мавҷуд абёти ашъораш ба сатҳи баланди истиқлолу камолот нарасидааст: Муҳаққиқ барои шарҳу баёни васеъ ва қобили дарк кардани мавзӯъ ба маънои истилоҳии байт ва вазифаҳои он мепардозад. Пажӯҳанда хотирнишон медорад, ки байти шеър биное аз калом аст, ки алоқаю пайвастагӣ нигоҳ доштан ва андеша бар рӯйи он рондан лозим мебошад. Муаллиф ҳамзамон дар атрофи ду масъалаи ниҳоят муҳимми мутааллиқ ба байт, ки ҷанбаи назарӣ доранд, баҳс мекунад. Нахуст равшан намудани он даъво, ки вазни шеър мизони каломи мавзун аст.

Гап дар ин аст, ки калом замоне дар ихтиёр вазну қофия дорад, ки ба тобеияти қонуни ҳунарӣ дохил мешавад. Ҳангоме ки аз таркиби каломи мавзун вожаи манзумро ҳазф кунем, аз сатҳи ҳунарӣ ба мақоми наҳвӣ пойин меояд. Дар идомаи мақола ҷузъиёти мавзӯъ дар мисоли қасидаҳои ҷудогонаи Рӯдакӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад.

Масъалае, ки зимни таҳқиқи қасидаҳо зеҳни муҳаққиқонро ҷазб намуда, ваҳдати мавзӯъ ва масири камоли он дар чаҳорчӯби қасидаҳост. Ин биниши муҳаққиқона мавсуфро ба чунин натиҷае меорад, ки «шоир дар маърифати мавзӯъ сухан мегӯяд ба таври дақиқ, на монанди ояндагон ба монанди Хоҷа Ҳофиз дар ҳақоиқи маънавӣ, завқӣ ва рӯҳонӣ, ки дар назди ӯ зарурат ба баҳсу шубҳа надоранд. Шоир гӯё он шакли шубҳаеро, ки мухотаби воқеӣ ва тасаввурӣ дар ҳақоиқи мавҷудот, аслҳои моддиву рӯҳонӣ дорад, бартараф менамояд» [3, с.20].

Бояд арз дошт, пас аз зикри ҷанбаҳои назарии мавзӯи матрӯҳа, бахшҳои байт аз нигоҳи муҳаққиқон, ҷойгоҳи онро дар шеъри Рӯдакӣ ва Ҳофизи Шерозӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор медиҳад ва натиҷа мегирад, ки дар шеъри Рӯдакӣ бахшҳои байт бо ҳам мувофиқати устувор надоранд, вале дар шеъри Ҳофизи Шерозӣ абёт мувофиқати қобили мулоҳизае доранд, ки аз истиқлоли байт дарак медиҳад. Тадбиқу қиёси шеъри Рӯдакӣ бо ғазалиёти Ҳофиз мавсуфро ба чунин натиҷа расонида, ки «дар қарни чаҳори ҳиҷрӣ шеъри форсӣ дар шакли баёни байт ягонагиву устувории замони баъдиро надоштааст. Вай воситаи баёни мушоҳида ва нақли воқеият аст, на ифодаи муҳокимавӣ ва баёни мантиқию поэтикӣ дар шеъри қарнҳои минбаъда устувору матин гардида» [3, с.24].

Чи тавре ки дар боло қайд намудем, Рӯдакӣ ва масири эҷодиёту хусусиятҳои ҳунарӣ, шоирии ӯ ҳамеша мадди назари Х.Шарифзода қарор доштааст. Яке аз таълифоти арзишманду муфассали номбурда «Диди замонии сабки шеърӣ Рӯдакӣ» мебошад.

Ҳадафи муаллиф бознигарии сабки шеъри шоир аст, ки арзёбиву бозгӯии хасисаҳои он дар тӯли замон вобаста ба пешрафту вусъати дидгоҳҳои зебошинохтӣ, шеваҳои таҳлилу арзёбии осори бадеӣ дучори тағйиру дигаргунӣ шудааст. Сабки як шоир ё нависанда замоне маърифат мешавад, ки дар қаламрави офаридаҳои ӯ умумиятҳо, ҷузъиёти такрорӣ муайян гардад. Ҷузъиёту умумиятҳое, ки дар ҳар давру замоне собиту пойдор бимонанд. Албатта, барои шинохти сабки шоири ҷудогона адабиётшиносони муосир маводу шеваҳои фаровони роҳгушоро дар ихтиёр доранд, вале новобаста ба ин ҳар адабиётшиносе дар таълифоти сабк дидгоҳҳои замонии худро дорад.

Х.Шарифзода дар баррасӣ ва шинохти сабки Рӯдакӣ аз тарзу шеваҳои мухталиф кор мегирад, ба он аз зовияҳои гуногун менигарад.

Бадин тариқ натиҷаи мулоҳизоту мушоҳидаҳои мо дар атрофи пажӯҳишҳое, ки аз ҷониби Х.Шарифзода сурат гирифта ин аст, ки шеваи талаққӣ ва бархӯрди мавсуф ба масоили рӯдакишиносӣ дар қиёс бо таълифоти дигар муҳаққиқон комилан мутафовит аст. Дар иншои ҳама мақолаҳо саъй шуда, то такроре дар зикри аҳкоми илмӣ сурат нагирад. Аз ҷумла таъкид шуда, ки даврони ҳукумати Сомониён созгортарин мақтаи замонӣ барои зуҳури густариши адабиёт ва забони форсӣ маҳсуб мешавад.

- Замони Сомониён адабиёти расмии дарбориро бо анвои мухталифаш ба зуҳур расонид, намунаи боризаш осори Рӯдакӣ маҳсуб мешавад.

- Дар таълифоти Х.Шарифзода барои нахустин бор ба таври густурда қимати нақдии дидгоҳҳои ҳамзамонони Рӯдакӣ таҳлилу арзёбӣ гардидааст.

Муаллиф бо биниши хоссу зеҳнияти фарохи олимона аз миёни анбуҳи шеъру қатаоти мансуб ба Рӯдакӣ ҷанбаҳои интиқодии онҳоро решашиносиву таъйин намудааст.

- Яке аз тозатарин бозёфтҳои Х.Шарифзода дар қисмати ашъори Рӯдакӣ таъйини вижагиҳои бархӯрди мутақаддимону мутааххирон ба осори шоир аст.

Ба ақидаи ӯ назаргоҳҳои мутақаддимон чун қимати интиқодӣ дорад, пас қобили баррасӣ аст. Варна бархилофи онҳо дидгоҳҳои ноқидони пасин дар шинохти сабку услуби гӯяндагон ҷолиб ба назар мерасад.

Дар навиштаҳои муаллиф шояд аввалинбор муҳити адабии мавриди назар ба суннану қавоиди роиҷаш бар мабнои қиёсӣ масири зиндагӣ ва ҷойгоҳӣ дар шоири бузурги ҳамаср Рӯдакиву Шаҳиди Балхӣ барандоз мегардад.

Дар мақолоти Х.Шарифзода масъалаи сохтори шеъри Рӯдакӣ ва хоссатан, ҷойгоҳи байт, нақши он дар расонандагии ҳадафу мақсад ба гунаи возеҳу равшан таҳлилу маънидод шудааст. Аҳаммияти байт низ дар шаклгирӣ, инсиҷому истеҳком ва ваҳдати маъноӣ бозгӯ гардидааст.

Мавзӯи дигаре, ки ба андешаи мо дар таълифоти ба Рӯдакӣ бахшидаи муаллиф қобили аҳаммият аст, шинохти тағйиру таҳаввули шеваи бархӯрд ба шеъри Рӯдакӣ ва таъйини ҷанбаҳои зебошинохтии он аст.

Х.Шарифзода миёни рӯдакишиносон шояд аз маъдуд пажӯҳандагоне бошад, ки ба заминаҳо, сарчашмаи илҳому эҷоди шоир ишорат мекунад. Дар рушду каломи шоирии Рӯдакӣ нақши суннатҳои фарҳангии тоҷикӣ, ориёӣ ва тамаддуни исломиро бисёр муҳимму барҷаста мешуморад.

Нуктаи дигаре, ки дар мақолоти мазкур барҷаста ба назар мерасад, тарҳу баррасии масоили ичтимоист, ки бо вуҷуди гузашти қарнҳо муҳаққиқон ба он каме таваҷҷуҳ намудаанд. Дар иртибот бо ин мавзӯъ ба таври васеъ осори шоирро мӯшикофона баррасӣ менамояд. Ба ақидаи мо, махсусан қасидаи «Шикоят аз пирӣ»-и Рӯдакӣ бисёр амиқу дақиқ таҳлилу арзёбӣ гардидааст. Хулосаи ҷомеъе, ки аз осори ба Рӯдакӣ ихтисосдодаи Х.Шарифзода бармеояд ин аст, ки бо вуҷуди пажӯҳишҳои ба субут расида мероси боқимонда аз шоир барои муҳаққиқон дари боз аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Шарифов Х. Шоир ва шеър. Маҷмӯаи мақолаҳо / Х. Шарифов. - Душанбе: Адиб, 1998. - 216 с.
2. Шарифов Х. Озурдагон ва умедворон / Х.Шарифов. - Душанбе: Сино, 2001. – 195 с.
3. Шарифов Х. Суннатҳои адабӣ / Х. Шарифов. - Душанбе, 2007. - 259 с.
4. Шарифов Х. Сухан аз адабиёти миллӣ (Маҷмӯаи мақолаҳо) / Х. Шарифов // Пажӯҳишгоҳи фарҳанги форсӣ – тоҷикии Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон. - Душанбе, 2009. - 476 с.
5. Худоӣ Шарифзода. Сездаҳ мақола (Маҷмӯаи мақолаҳо) / Шарифзода, Худоӣ. – Душанбе: Офсет Империя, 2013. - 272 с.
6. Х. Шарифзода. «Шоҳнома» ва шеъри замони Фирдавсӣ / Шарифзода, Х. – Душанбе, 2014. - 400 с.

ХУДОӢ ШАРИФЗОДА ВА МАСОИЛИ РӮДАКИШИНОСӢ

Мақолаи мазкур ба омӯзиши пажӯҳишҳои илмие, ки ба масоили зиндагӣ ва эҷодиёти бунёдгузори адабиёти классикии тоҷик А.Рӯдакӣ дар замони соҳибистиқлолӣ ихтисос доранд, бахшида шудааст. Қобили зикр аст, ки рӯдакишиносӣ дар Тоҷикистон аз солҳои 20-уми қарни сипаришуда оғоз мегардад. Устод Айниро метавон бунёнгузори рӯдакишиносӣ дар Тоҷикистон номид. Хидмати ӯ дар шинохти Рӯдакӣ,

омӯзиши зиндагинома ва таҳқиқи вижагиҳои осораш бисёр муҳим аст. Нақши олимони машҳури тоҷик Х.Мирзозода, Ш.Ҳусейнзода, Р.Ҳодизода, А.Афсаҳзод дар амри рӯдакишиносӣ бисёр бузург аст. Пас аз касби истиқлолият дар Тоҷикистон рӯдакишиносӣ шурӯи тоза намуд. Дар ду даҳсолаи охир даҳҳо китобу монография, садҳо мақола дар иртибот ба масоили эҷодиёт ва вижагиҳои ҳунарии шеъри Рӯдакӣ ба нашр расид. Бояд гуфт, ки дар ин замина таълифоти олиму адабиётшиноси маъруфи тоҷик шодравон Х.Шарифзода бисёр бузург аст. Дар корҳои ӯ дар адабиётшиносии тоҷик барои аввалин бор дидгоҳҳои нақкодии шоирони ҳамасри ӯ дар атрофи шеъраш мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор гирифтаанд. Ҳамчунин таҳлили қиёсии шеъри Рӯдакӣ бо Шаҳиди Балхӣ сурат гирифта, вижагиҳои сохтории байти ашъори Рӯдакӣ таҳқиқ шудааст.

Калидвожаҳо: шеър, Рӯдакӣ, таҳлили қиёсӣ, адабиёт, байт, назарияи адабиёт, сохтор.

ХУДОИ ШАРИФЗОДА И ВОПРОСЫ РУДАКИВЕДЕНИЯ

Данная статья посвящена изучению научных работ о жизни и творчестве основоположника таджикской классической литературы А. Рудаки в период независимости. Следует отметить, что рудакивидение в Таджикистане берет начало с 20-ых годов прошлого века. С. Айни можно назвать основоположником рудакиведения в Таджикистане. Велика его заслуга в открытии Рудаки, изучении его биографии, исследовании творчества. Большой вклад в рудакиведение внесли известные таджикские ученые Х. Мирзозода, Ш. Хусейнзода, Р. Хадизаде, А. Афсахзод, и др. После обретения Таджикистаном независимости, рудакиведение получило новый импульс. В последние два десятилетия были изданы более десятка книг и монографий, сотни статей, касательно творчества и художественных особенностей поэзии Рудаки. В этой сфере видное место занимают работы знаменитого литературоведа, учёного Х.Шарифзаде. В его трудах впервые в таджикском литературоведении анализированы критические взгляды современников поэта на его поэзию. Сравнительно изучена творчество Рудаки и Шахида Балхи. Исследована структурная особенность бейта поэзии Рудаки.

Ключевые слова: поэзия, Рудаки, сравнительный анализ, литература, бейт, теория литературы, структура.

KHUDOI SHARIFZODE AND THE QUESTIONS OF RUDAKI STUDIES

The article analyses the study of scientific work on the life and work of the founder of the Tajik classical literature A. Rudaki in independence period. The Rudaki studies in Tajikistan dates back to the 20s of the last century. S. Ayni can be called the founder of Rudaki studies in Tajikistan. His merit in the discovery of Rudaki, the study of his biography, the study of creativity is great. Famous Tajik scientists H. Mirzozode, S. Huseynzode, R. Hadizade, A. Afsakhzod and others made a great contribution to Rudaki studies. When Tajikistan became independence, Rudaki studies received a new impetus. In the past two decades, more than a dozen books and monographs, hundreds of articles on the work and artistic features of Rudaki's poetry have been published. In this area, a prominent place is occupied by the work of the famous literary critic, scholar KH. Sharifzade. In his works for the first time in Tajik literary studies, the critical views of the poet's contemporaries regarding his poetry are analyzed. Comparatively studied creativity Rudaki and Shahida Balkhi. The structural features of the bayt of Rudaki's poetry are investigated.

Key words: poetry, Rudaki, comparative analysis, literature, bayt, a theory of literature, structure.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Рустамов М.Ю.*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи филологияи Эрон. **Суроғa:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон. ш.Душанбе, хиё. Рудакӣ, 17. Тел.: **(+992) 93-511-42-98**

Сведения об авторе: ***Рустамов М.Ю.*** – Таджикский национальный университет, старший преподаватель кафедры иранской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан г. Душанбе, пр.Рудаки, 17.
Тел.: **(+992) 93-511-42-98**

Information about the author: ***Rustamov M.Y.*** **–** Tajik National University, senior lecturer Department of Iranian Philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 93-511-42-98**

УДК: 891.55

ҲАЁТ ВА ФАЪОЛИЯТИ МУҲАММАД АВФИИ БУХОРОӢ

Сангова Ҳ.Р.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Нахустин сарчашмаҳое, ки дар бораи нависанда ва осори ӯ маълумоте дода ва аз зикри ному насаб ва зодгоҳи ӯ асноде овардаанд, асосан маълуманд. Аввалин касе, ки зикре аз ӯ менамояд, Ҳамдуллоҳи Муставфӣ аст, ки такрибан як қарн баъд аз ӯ зистааст Дар китоби "Таърихи гузида"-и ӯ (соли таълифаш 730 ҳиҷрӣ), ки бо саъй ва кӯшиши Эдуард Браун соли 1328 ҳ. (1910 м.) ба табъ расида, чунин омадааст: "Муҳаммад Ал-авфӣ, лақабуҳу Нуруддин соҳиби китоби "Ҷавомеъ-ур-ривоёт ва-л-ҳикоёт" дар аввали давлати муғул даргузашт" [1, с.811]. Ин муаллиф ҳам лақаб ва ҳам номи китобро нодуруст қайд кардааст.

Баъд аз Ҳамдуллоҳи Муставфӣ Хондамир дар "Ҳабибу-с-сияр" зимни баёни давраи ҳукмронии Султон Шамсуддин Элтутмиш гуфтааст: "Ва аз ҷумлаи афозил Нуруддин Муҳаммад Алавфӣ дар замони Султон Элтутмиш дар Деҳлӣ иқомат дошт ва китоби "Ҷомеъ-ул-ҳикоёт"-ро ба номи он вазири софзамир бар сафҳаи иншо нигошт" [2, с.163]. Санаи таълифи китоб соли 930 ҳ. (1523 м.) буда, ин муаллиф низ дар зикри лақаби нависанда ва номи китоб ба иштибоҳ роҳ додааст.

Ҳоҷӣ Халифа (ваф.1207 ҳиҷрӣ) дар китобаш "Кашф-уз-зунун" мансубияти "Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт ва лавомеъ-ур-ривоёт"-ро ба Муҳаммад Авфӣ тасдиқ намуда, менависад: "Ҷомеъ ул-ҳикоёт ва ломеъ ур-ривоёт ли Ҷамолиддин Муҳаммад Алавфӣ ва ҳува форсийун ҷаммааҳу ливазир Низомулмулк Шамсуддин…" [3, с.940].

Ниҳоят, Ризоқулихони Ҳидоят дар китобаш "Маҷмаъ-ул-фусаҳо" маълумоти бештаре дар бораи Муҳаммад Авфӣ дода намунае аз ашъори ӯ дар ҳаҷми ҳаждаҳ мисраъ ва як рубоӣ овардааст. Ӯ менависад: "Муҳаммад Авфӣ аз фузалои замони худ буда ва тазкираи мусаммо ба "Лубоб-ул-албоб"-ро ба номи Айнулмулк Ҳусайн вазири Ашъарӣ нигошта ва китоби "Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт" низ аз таълифоти ӯст" [4, с.1668].

Баъдтар Муҳаммад Қосим ибни Ҳиндушоҳи Астарободӣ дар "Таърихи Фариштa" (1015 ҳиҷрӣ (1601/7 мелодӣ) дар баробари Муҳаммад Авфӣ чунин қайд кардааст: "Аз ҷумлаи фузало ва аҳли иншо Нуриддин Муҳаммад дар аҳди Султон Шамсуддин Элтутмиш дар Деҳлӣ иқомат дошт ва китоби "Ҷомеъ-ул-ҳикоёт" ба номи вазираш Низомулмулк Муҳаммад ибни Абӯсаид Ҷунайдӣ бар лавҳи баёни ӯ нигошта" [5, с.67].

Чунон ки мебинем, сарчашмаи асосии ахборӣ оид ба ҳаёт ва эҷодиёти Муҳаммад Авфӣ "Таърихи гузида"-и Ҳамдуллоҳи Муставфӣ, "Ҳабиб-ус-сияр"-и Хондамир, "Кашф-уз-зунун"-и Ҳоҷӣ Халифа, "Маҷмаъ-ул-фусаҳо"-и Ризоқулихони Ҳидоят ва "Таърихи фариштa"-и Муҳаммад Қосим ибн Ҳиндушоҳи Астарободӣ мебошанд.

Маълумоти мазкур шоҳиди он аст, ки муаллифони сарчашмаҳо дар қуруни мухталиф ба шахсияти Муҳаммад Авфӣ ва осори ӯ рӯ оварда, бо баъзе саҳвҳо дар таъйини тахаллуси муаллиф ва унвони китоби "Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт", зикре аз ӯ кардаанд, ки барои шиносонидани нависанда ба мутааххирин дорои маълумоти пурқимат аст.

Саҳви аз тарафи Ҳамдуллоҳ содиршуда дар боби унвони китоби нависанда боиси такрори он аз тарафи мутааххирин гардид. Дар ин хусус Муҳаммад Муин чунин менависад: "Ҳамдуллоҳ Муставфии Қазвинӣ нахустин муаллифе аст, ки шарҳе мухтасар аз Авфӣ дар "Таърихи гузида" овардааст. Ин таърих дар 730 ҳ. (1330 м.), яъне як қарн пас аз марги Авфӣ таълиф шуда ва дар он лақаби ӯро Нуриддин ёд мекунад ва дар ин боб ҳамаи нависандагони мутааххир аз ӯ табаъият кардаанд" [6, с. 3].

Муҳаммад Муин дар мавриди таъйини зиндагӣ ва эҷодиёти Авфӣ тадқиқот анҷом дода, матни интиқодии боби аввали "Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт"-ро аз қисми якум омодаи чоп кард. Номбурда дар муқаддимаи муфассали ин нашр ҳаёт ва фаъолияти адабии Муҳаммад Авфиро таҳқиқ кардааст.

Муҳаққиқони минбаъда дар баёни шарҳи ҳолу осори Авфӣ баъд аз рисолаи Муҳаммад Низомуддин бештар ба ҳамин муқаддимаи Муҳаммад Муин муроҷиат намудаанд. Он иттилое, ки Муин оиди маъхазҳои ҳаёту эҷодиёти Авфӣ медиҳад, дар нисбати муаллифони қаблӣ хеле батафсил аст. Чунон ки ӯ нишон медиҳад, маъхази қадимтарини ба замони Авфӣ наздиктар "Таҷоруб-ус-салаф" таълифи Ҳиндушоҳ ибни Санҷар (муаллаф ба соли 724 ҳ. (1324 м.) мебошад. Дар ин китоб омадааст: "Чунон ки дар "Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт" марҳум Садидуддин Муҳаммад Авфии Бухорӣ овардааст…" [6, с.43]. Дар ин ҷо ҳам номи китоб ва ҳам лақаби нависанда дуруст зикр шудаанд, вале мутааххирин дар ин масъала ба иштибоҳ роҳ додаанд.

Руҷӯъ ба маъхазҳои қадима ба нияти ба даст овардани асноде оид ба ҳаёту фаъолияти Авфӣ, ки хеле пароканда ва ноқис менамоянд, моро ба ҷустуҷӯи минбаъда водор сохт. Пеш аз ҳама, диққати муҳаққиқинро ба омӯзиши тарҷумаи ҳоли мусанниф ба нашр омода намудани ду асари муҳимми нависанда: "Лубоб-ул-албоб" ва "Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт" ҷалб кардааст.

Эдуард Браун - шарқшиноси англис дар тӯли солҳои 1904-1906 ду ҷилди "Лубоб-ул-албоб"-ро бо сарсухан ба табъ мерасонад. Вай дар китоби "Таърихи адабии Эрон" чунин нигоштааст: "Ду нусхаи хаттӣ аз "Лубоб" дар Урупо мавҷуд аст ва Натаниэл Блэнд (The oldest Biography of Persian Poets) дар васфи яке аз он ду нусха мақолаи олӣ ва муҳкаме навишта, онро "куҳнатарин сарнавишти шоирони Эрон" номидааст. То рӯзе, ки нигоранда онро интишор надода буд, бад-он сурат дастраси донишмандон ва донишпажӯҳон набуд" [7, с.805].

Оид ба ин мақола М.Бақоев, ки соли 1966 сад ҳикоятро аз "Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт" ба табъ расондааст, дар муқаддимаи худаш ба ин маҷмӯа чунин қайд мекунад: "Дар хусуси Авфӣ ва мероси ӯ дар нимаи аввали асри XIX мақолаи тадқиқотии Натаниэл Блэнд нашр мешавад, ки он "Қадимтарин тазкираи шуарои форсӣ" ном дошта асосан дар бораи "Лубоб-ул-албоб" баҳс намудааст" [8, с.1].

Браун ҳангоми нашри ҷилди дувуми "Лубоб-ул-албоб" дар соли 1903 ба унвони "Муқаддимаи мусаҳҳеҳ" ва Муҳаммад Қазвинӣ ба номи "Тарҷумаи мусанниф" (соли 1906 м.) муқаддимоте доранд, ки оиди ҳаёту зиндагӣ ва осори нависанда маълумоти пурарзише додааст. Аз зумраи тадқиқоти муҳимми дигар дар асоси омӯзиши адабиёт ва нусахи зиёди "Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт", ки дар китобхонаҳои Аврупо ва Ҳиндустон маҳфузанд, аз тарафи донишманди ҳиндӣ Муҳаммад Низомуддин ба анҷом расонда шудааст. Рисолаи номбурда бо унвони "Мадхали Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт ва лавомеъ-ур-ривоёт"-и Садидуддин Муҳаммад Алавфӣ соли 1929 бо забони англисӣ дар Лондон ба табъ мерасад. Фавоиди зиёде, ки дар ин китоб аст, аз он шаҳодат медиҳад, ки муҳаққиқини минбаъда зимни баёни ҳаёту фаъолият ва нусахи китоби "Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт" аслан ба асноди овардаи вай чун маъхаз муроҷиат намудаанд. Минбаъд омӯзиши роҳи ҳаёти Авфӣ ба нашри асари хеле калонҳаҷми ӯ "Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт" тавъам аст. Шояд маҳз пурмуҳтавоии ин асар боис гардид, ки муаллифон дар солҳои гуногун ба омода намудани матни интиқодии он даст зада, ҳамвора аҳволи зиндагии нависандаро низ дар назар доштаанд.

Дар баробари ин, баъд аз Муҳаммад Низомуддин хидмати донишманди эронӣ Муҳаммад Муин дар муайян сохтани ҳаёту зиндагии Авфӣ қобили зикр аст. Номбурда соли 1335 ҳиҷрӣ (1957 м.) китобе бо номи "Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт ва лавомеъ-ур-ривоёт" таълифи Садидуддин Муҳаммад Авфӣ" ба табъ расонд.

Инчунин, тадқиқоти комиле оиди Авфӣ ва осори ӯ аз тарафи Бону Мусаффо анҷом пазируфта (соли 1352 ҳ. 1974 м.) ҷилди аввал аз қисми савуми "Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт ва лавомеъ-ур-ривоёт"-и Муҳаммад Авфӣ интишор меёбад, ки дар он бо унвони "Муқаддимаи мусаҳҳеҳ" иборат аз 124 саҳифа доир ба шарҳи ҳол, лақаб, нусхаҳо, манобеъ ва сабки асар тадқиқоти муфассал анҷом дода, маводи асосиро аз китоби Муҳаммад Низомуддин тарҷума ва дарҷ менамояд. Ин тадқиқоти комиле буда, дар муайян сохтани ному насаб ва ҷараёни зиндагии нависанда аҳаммияти назаррасеро дорост.

Донишманди дигаре, ки солҳои охир барои ба чоп омода сохтани ин асар заҳмати зиёде кашидааст, Ҷаъфар Шиор мебошад. Ӯ соли 1972 бахши марбут ба таърихи Эрони

"Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт"-ро, ки боби чаҳорум аз қисми аввал "Дар зикри мулуки аҷам ва таърихи давлати эшон" аст, бо муқаддимаи тадқиқӣ ба табъ расонидааст. Ин муаллиф дар охирин маҷмӯае, ки соли 1990 бо унвони "Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт"-и Садидуддин Муҳаммад Авфӣ чоп кард, ҳикоётро аз чаҳор қисми ин асар интихобан гирд овардааст.

Дар ҷумҳурии мо аввалин маротиба соли 1966 М.Бақоев чанд ҳикоятро аз "Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт" бо муқаддима ба табъ расонида оиди тарҷумаи ҳоли Авфӣ низ маълумоти муфассал медиҳад. Марҳум профессор Султон Воҳидов ҳангоми тадқиқот роҷеъ ба тазкираи "Лубоб-ул-албоб" оиди аҳволи зиндагии нависанда таваққуф кардааст.

Муҳаммад Қазвинӣ дар асоси маълумоти сарчашмаҳо ному насаби нависандаро "Нуруддин Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Яҳё ибни Тоҳир ибни Усмон Алавфӣ Албухорӣ Алҳанафӣ" медонад [9, с.20]. Номбурда мафҳуми "Алҳанафӣ"-ро дар ҳошия чунин шарҳ додааст: "Аз тазоъифи "Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт" ҳанафӣ будани ӯ яқин мепайвандад, илова бар он ки шуъбаи ҳанафӣ мазҳаби оммаи Мовароуннаҳр аст, умуман, ва аҳли Бухоро хусусан" [9, с.22].

Дар "Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт" низ номи ӯ қайд шудааст: "Муаллифи китоб Муҳаммад ибни Муҳаммад Авфии Бухорӣ мегӯяд…"[10, с.2].

Доири насаби нависанда Браун дар муқаддимаи "Лубоб-ул-албоб" оварда: "Насабаш, ба қавли худаш, ба Абдурраҳмон ибни Авф мепайвандад ва аз ин ҷиҳат ӯро Авфӣ гуфтаанд" [11, с.8]. Қазвинӣ низ дунболаи ҳамин маънӣ дар муқаддимаи ба ин китоб навиштааш чунин менигорад: "Аммо он чӣ иттилооти роҷеъ ба тарҷумаи ҳоли ӯ аз "Лубоб-ул-албоб" ва "Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт" истинбот мегардад, аз ин зайл аст. Аввалан, маълум мешавад, ки мусанниф аз авлоди Абдурраҳмон ибни Авф, аз машоҳири саҳобаи расул аст ва ба ҳамин ҷиҳат аст, ки ӯро "Авфӣ" мехонанд. Дар "Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт" гӯяд: "Чун Амирулмуъминин Умарро разияллоҳу анҳу вафот расид, саҳоба ҷамъ шуданд ва ихтилоф миёни онҳо қоим шуд ва наздик буд, ки фитнае падид ояд, он гоҳ Абдурраҳмон ибни Авф, ки ҷадди аълои муаллифи ин таълиф ва муҳаррири ин тасниф аст, сухан оғоз кард" [9].

Ҳамин тариқ, бо далоили раднашаванда аз қавли муаллиф ва дигар донишмандон, ки ба омӯзиши аҳволи зиндагӣ ва муайян намудани ному насаби ӯ машғул буданд, маълум мешавад, ки номаш Муҳаммад Авфии Бухорӣ будааст.

Далели дигар байти зайл аст, ки Мансури Исфизорӣ дар бораи бузургворӣ ва каромати Авфӣ бо забони арабӣ гуфтааст:

Мо абсарат айёма умри тарфӣ
Қавман кариман ка-с-Садид ул-Авфӣ ("Лубоб-ул-албоб", саҳ.138).

Маънии байти арабӣ, ки чунин аст: "Чашми ман дар рӯзгори умри худ бузургвори бахшандае ҳаммонанди Садиди Авфӣ надидааст" [12, с.2], далолат бар он мекунад, ки лақаби Авфӣ Садидуддин будааст.

Дар натиҷа бо саъйи донишманди ҳиндӣ Муҳаммад Низомуддин лақаби дурусту саҳеҳи Авфӣ, ки дар замонааш роиҷ буда, худ низ онро эътироф намуда қабул доштааст, дар миёни аҳли илм эътироф гардид. Баъд аз ин шубҳае намемонад, ки лақаби нависандаи "Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт" Садидуддин будааст, на Нуруддин ё Ҷамолуддин.

Ҳамаи пажӯҳишгарон, чи аврупӣ ва чи ҳиндию эронӣ, бешак зодгоҳи нависандаро Бухоро медонанд. Аз ҷумла, Муҳаммад Қазвинӣ мегӯяд: "Авфӣ дар Бухоро мутаваллид гашта…" [9, с.22]. Муҳаммад Низомуддин: "Маҳалли таваллудаш Бухоро аст", – мегӯяд [12, с.11]. Муҳаққиқон М.Бақоев ва Ҷаъфар Шиор низ ҳамин ақидаро доранд.

Аммо мувофиқи гуфтаи Султон Воҳидов дар "Таърихи фаришта "гӯё маҳалли таваллуди ӯ Нишопур қайд шудааст [13, с.12] ва Бобоҷон Ғафуров ӯро "аслан аз Марв буда, дар Бухоро тарбия гирифта ва ҳамин ҷо таҳсил намудааст", - мегӯяд [14, с.637]. Ин шубҳа дар нисбати зодгоҳи нависанда аз ҷониби С.Воҳидов дар асоси он тахмин падид омадааст, ки шояд Бухорӣ нисбаи Авфӣ бошаду ба ҷойи таваллудаш далолат накунад. Ба гумони мо дар Бухоро будани зодгоҳи Авфӣ шубҳае бояд набошад, дар ҳолате, ки аз осори худи муаллиф сар карда, аввалин сарчашмаҳо ва донишмандони машҳур, ки солҳои тӯлонӣ ба

омӯзиши ҳаёту мероси адабии нависанда машғул будаанд, шакке надоранд, ки Авфӣ маҳз дар Бухоро таваллуд шудааст.

Санаи валодати нависанда монанди вафоташ аниқ маълум нест. Ин санаро донишмандон аз рӯйи тахминҳо муайян кардаанд. Аз ҷумла Муҳаммад Муин таваллуди ӯро байни солҳои 567 ва 572 ҳ.(1171/2-1176/7) м. донистааст [6, с.8]. Дар ин асос ӯ мегӯяд, ки Авфӣ андаке камтар аз шаст соли қамарӣ зистааст [6, с.9].

Муҳаммад Низомуддин низ таърихи таваллуди ӯро байни солҳои 567 то 572 ҳиҷрӣ тахмин кардааст, зеро, вақте ки соли 597 ҳиҷрӣ аз Бухоро ба дарбори Султон Ҷалолуддин Иброҳим ибни Алҳусайн Тамғочхони Самарқандӣ (даврони ҳукуматаш 576-597 ҳиҷрӣ) рафт, марди бисту панҷ - сисола буд" [12, с.12].

Давраҳои ҳаёти ӯ аз тарафи Муҳаммад Низомуддин таҳқиқ шудааст ва Муҳаммад Муин дар муқаддимаи "Тарҷумаи аҳволи Авфӣ" навишта: "Оқои Низомуддин дар бораи ҳар як аз ин адвор тавзеҳоте дар саҳ. 6-14 додаанд" [6, с.10].

Арзиши муҳимми ин адворулҳаётро дар нишон додани аҳволи зиндагии Авфӣ ба эътибор гирифта, ҳамчунин аз сабаби он ки вай дар кутуби минбаъда такрор меёбад, зикри онро аз муқаддимаи Муин ба "Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт" зарур меҳисобем. Ин адвор ба тариқи зайл аст:

"Ин умр дар ҳудуди 60-сол ба василаи давраи мушаххаси ҳаёти вай мумтоз аст:

1. Таваллуд, кӯдакӣ ва тарбияти ибтидоӣ, яъне 572-597 ҳ. (1176-1200 м.) дар Мовароуннаҳр ва ғолибан дар Бухоро мавтини аслии вай.

2. Давраи сафар, яъне 597-617 ҳ.(1200-1220 м.). Аз нахустин зуҳури вай дар Самарқанд, то замони истиқрор дар дарбори Малик Носируддин Қубочаи Муъиззӣ - ҳукмрони Синд.

3. Давраи таҳрири кутуб байни 617-630 ҳ.(1220-1232/3 м.). Аз таълифи "Лубоб-ул-албоб" то итмоми "Ҷавомеъ-ул ҳикоёт" ва ҳатто пас аз он" [6, с.10].

Чунонки қайд шуд, ин аснодро оиди давраҳои ҳаёти Авфӣ Муҳаммад Муин аз китоби Низомуддин мувофиқи қайди ҳошияи саҳифаи 1-6 овардааст.

Охирин китоби ба табъ расида аз тарафи Ҷаъфар Шиор маҷмӯае аз ақсому абвоби "Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт" аст. Мусанниф дар сарсухан оиди санаи таваллуди Авфӣ чунин мегӯяд: " Вай дар Бухоро байни солҳои 567-572 ҳ. чашм ба ҷаҳон кушуд ва пас аз мутаҷовиз аз шаст соли зиндагӣ дар ҳудуди солҳои 630-640 ҳ. даргузашт" [15, с.10].

Ҳамин тариқ, ҳамаи муҳаққиқон санаи таваллуди Муҳаммад Авфиро тахминан солҳои 567-572 ҳ. (1171/2-1176/7 м.) медонанд, ки ба ҳақиқат наздик аст.

Таҳсили ибтидоиро Авфӣ мувофиқи асноди пешниҳоднамудаи муҳаққиқон дар зодгоҳаш – Бухоро гирифтааст. Браун мегӯяд:" Худаш дар овони шабоб дар Бухоро таҳсили улум кард" [11, с.9]. Муҳаммад Муин низ дар муқаддимааш ба "Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт" қайд карда, ки ӯ баъди итмоми таҳсил дар ватанаш ба сафарҳои бешумори хеш шурӯъ намудааст: "Авфӣ давраи аввалини таҳсилоти худро дар Бухоро ба итмом расонид ва сипас дар талаби илму мулоқоти машоих аз Бухоро сафар кард ва ғолиби шаҳрҳои Мовароуннаҳр, Хуросон, Систон ва баъзе билоди Ҳиндустонро, ки зикри онҳо биёяд, паймуд" [6, с.10].

Нависанда дар Бухоро, ки маркази илму тамаддуни он давр ба ҳисоб мерафт, дар мадраса назди устодоне, ки аз шумори уламо ва донишмандони машҳур буданд, сабақ гирифтааст. Ҳамин тавр, Муҳаммад Авфӣ дар Бухоро назди фузало ва машоих таҳсили улум карда, сипас барои идомаи таҳсил, бештар донистану омӯхтан ва қаробат ҷустан ба дарборҳо ба муҳоҷират шурӯъ менамояд.

Бино ба қавли дигар Авфӣ баъд аз сайру мусофиратҳои зиёд аз тариқи Марву Омӯй ба Бухоро – зодгоҳи худ бармегардад [12, с.19]. Аммо дар зодгоҳаш зиёд истода наметавонад, зеро овозаи даҳшати ҳуҷуми муғул рӯз то рӯз наздиктар мешуд. Мутаассифона, соли ҳиҷрати ӯ маълум нест, аммо Маликушшуаро Баҳор дар бораи вазъи мусофирати Авфӣ ба Ҳиндустон менависад: "Бар асари интишори хабари омадани муғул, аз Хуросон ба мамлакати Синд сафар гузидааст, чи мо дар санаи 617, ки ҳамон соли тохтутози муғул ба Хуросон аст, вайро дар хидмати Носируддин Қубоча аз мамолики Ғур (662-625 ҳ.), ки дар билоди Синд ва Мултон дам аз истиқлол мезадааст, мебинем" [16, с.36].

Албатта, яке аз сабабҳои тарки ватан кардани Авфӣ нооромии кишвар буд, ки хавфи хучуми муғул онро зиёд мекард. Инчунин гӯё мақсади ниҳоии нависанда мавқеи муносиб ёфтан дар яке аз дарборҳо буд, зеро сафарҳои бешумор ба шаҳру кишварҳои мухталиф ӯро ба ин мақсад нарасонидааст. Ба қавли Низомуддин "Ӯ дар хеҷ ҷо мақоми дилхоҳро наёфт ва ночор роҳи диёри Ҳинд дар пеш гирифт. Гузашта аз ин, назаре ба таърихи Хуросон дар он рӯзгор нишон медиҳад, ки вусъати императории султон Муҳаммад Хоразмшоҳ кам шуда (ҳудуди соли 615 ҳ.) ва тӯфони ҳавлноки муғул наздик ба зуҳур аст ва шуҳрати рӯзафзуни шоҳзодагони Ҳинд бештари шуаро ва донишмандони Хуросонро ба он тараф мекашад" [12, с.17]. Авфӣ низ аз ҷумлаи ин ашхос аст ва барои зиндагонии осудатар ба диёри Ҳинд раҳсипор мегардад. Сабабҳои муҳоҷирати Авфӣ ба Ҳиндустон мухталифанд. Пеш аз ҳама, ҳангоми ҳамлаи муғул, дигар кам шудани нуфузи Хоразмшоҳ ва овозаи дастгирии удабою уламо аз тарафи шоҳони адабдӯсти ҳинд ва ба умеди мавқею мақоми дилхоҳу муносиб ёфтан дар дарбори ҳокиме Авфиро озими ин мамлакат гардонидааст. Аз як ҷиҳат, ин гуфтаҳо ба авзои онвақтаи нависанда ва андешаҳои дигар пажӯҳишгарон мувофиқ буда, ба ҳақиқат наздиктар менамояд.

Дар Ҳиндустон Авфӣ мулозими дарбори Султон Носируддини Қубоча мегардад ва дар он ҷо ба таълифи асарҳои худ шурӯъ менамояд. Соли 1221/22 тазкираи "Лубоб-ул-албоб"-ро навишта ба Фахруддин Ҳусайн ибни Шарафулмулк ном вазири Носируддини Қубоча мебахшад.

Ҳама муҳаққиқон ба ин андешаанд, ки соли вафоти ӯ монанди таваллудаш аниқ маълум нест. Муҳаммад Муин ба гуфтаи Низомуддин такя намуда, чунин тахмин мекунад, ки Авфӣ умри дарозтаре дидааст: "Ҳарчанд дар "Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт" далоили қотеъ ҳаст, ки Авфӣ то соли 630 ҳ. (1233 м.) зиндагӣ кардааст, як байти пурмаънӣ ба ёди хулафои Аббосӣ муайиди он аст, ки вай умри дарозтар доштааст. Ӯ саргузашти 32 халифаи Аббосиро навишта ва таърихи ононро то замони хилофати Алмустансир (623-640ҳ. (1226-1243 м.) овардааст" [6, с.10].

М.Бақоев доир ба вафоти Авфӣ "тақрибан дар солҳои 1233-1242 аз дунё чашм мепӯшад" – гуфтааст [17, с.2]. Албатта, ин санаҳои тахминии оиди вафоти нависанда аз тарафи М.Бақоев пешниҳодшуда низ аз ҳақиқат дур нестанд.

Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳо асарҳои Муҳаммад Авфӣ аз тазкираи "Лубоб-ул-албоб", "Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт", тарҷумаи "Фараҷун баъда-ш-шидда" ва маснавии "Мадоеҳ-ус-султон" иборатанд. Дар бораи он ки "Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт" ва "Лубоб-ул-албоб" навишта ва моли худи Авфӣ аст, шубҳае нест. Аммо баъзе кутуби дигарро ба ӯ нисбат додаанд, ки асоси илмӣ надоранд. Аз ҷумла, Ҷаъфар Шиор дар муқаддимаи китоби "Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт" мегӯяд: "Аз осори Авфӣ танҳо "Лубоб" ва "Ҷавомеъ" ба даст мондааст ва аз китоби "Таърихи мулуки Туркистон", ки ба номи султон Қилич Тамғоҷхон таълиф карда асаре пайдо нест" [15, с.111]. Номбурда китоби дигареро бо номи "Хос-ул-ашё" ба Авфӣ нисбат додааст. Дар асл оиди ин ду китоб, ки ин муаллиф ба Муҳаммад Авфӣ нисбат додааст, муҳаққиқон чизе нагуфтаанд.

Аз тарафи мо монография [18] таҳти назари устоди гиромиқадр, доктори илмҳои филологӣ, профессор Худоӣ Шарифов, инчунин намунае аз «Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт» [19] аз рӯйи чопи донишманди эронӣ Ҷаъфар Шиор ба хатти кириллӣ баргардонда ба чоп расонида шудааст.

Ҳамин тариқ, айёми зиндагии ин нависандаи бомаҳорат, ҷӯёи маърифату ҳақиқат хотима меёбад. Санаи вафоти ӯ маълум нест, вале муҳим он аст, ки Муҳаммад Авфӣ дар зиндагии кӯтоҳи худ асарҳои "Лубоб-ул-албоб" ва "Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт"-ро ба олами илму маърифат оварда, номи худро ҷовидонӣ гардонидааст. Навиштани "Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт" барин асари хеле калонҳаҷми пурарзиш, ки саршори асарҳои бадеӣ, ахлоқӣ, таърихӣ, динӣ, иҷтимоӣ аст, як ганҷинаи бузурги маърифат ва ҳунари адабӣ мебошад. Ӯ дур аз хоки Ватан, дар диёри дурдасти Ҳиндустон асари бебаҳое офарид, ки нусхаҳои зиёди он тавассути ташнагони илму дониш ба Ватанаш меояд ва дилу ақли ҳамзабонону ҳаммеҳанонро бо нури маърифат мунаввар месозанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Ҳамдулло Муставфии Қазвинӣ. Таърихи гузида; бо саъй ва эҳтимоми Эдаурд Браун. – Лондон, 1910. – 853 с.
2. Ғиёсуддин Хондамир. Ҳабиб-ус-сияр. Ҷилҳои 1-3. - Ҳиндустон, 1273ҳ. – 374 с.
3. Ҳоҷӣ Халифа. Кашф-уз-зунун. Ҷилди 1. – Теҳрон, 1346. – 636 с.
4. Ризоқулихони Ҳидоят. Маҷмаъ-ул-фусаҳо. – Ҷилди 3; ба кӯшиши Мазоҳир Мусаффо. – Теҳрон, 1340.
5. Муҳаммадқосим ибни Ҳиндушоҳи Астарободӣ. Таърихи фариштa. Ҷилди 2. - Ҳиндустон, 1332ҳ. – 794 с.
6. Муҳаммад Муин. Тарҷумаи аҳволи Авфӣ. Ҷавомеъ ул ҳикоёт ва лавомеъ-ур-ривоёти Садиддудин Муҳаммад Авфӣ. – Теҳрон, 1335. – С. 1-80.
7. Эдуард Браун. Таърихи адабиёти Эрон / Браун, Эдуард. – Теҳрон: Интишороти Амири Кабир, 1369. - 545 с.
8. Бақоев М. Муҳаммад Авфӣ / М.Бақоев // Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои XII –XIV (китоби дуюм). – Душанбе, 1983.
9. Муҳаммад Қазвинӣ. Тарҷумаи мусанниф. Лубоб-ул-албоб. – Лондон, 1906. – С.11-32.
10. Авфии Бухороӣ. Лубоб-ул-албоб; ба тасҳеҳи ҷадид, ҳавошӣ ва таълиқоти комил ба кӯшиши Саид Нафисӣ. – Теҳрон, 1335. – 827 с.
11. Эдуард Браун. Муқаддимаи мусаҳҳеҳ / Браун, Эдуард // Муҳаммад Авфӣ. Лубоб-ул-албоб. - Теҳрон, 1335. - С.8-10.
12. Бону Мусаффо. Муқаддимаи мусаҳҳеҳ. Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт ва лавомеъ-ур-ривоёти Садиддудин Муҳаммад Авфии Бухороӣ. – Теҳрон: Интишороти Бунёди фарҳанги Эрон, 1352. – С.1-100.
13. Вохидов Султон. Жизнь и творческое наследие Мухаммада Ауфи / Султон Вохидов. - Душанбе: Дониш, 1989. – 168 с.
14. Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна. Китоби 1. / Б. Ғафуров. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 700 с.
15. Ҷаъфар Шиор. Муқаддима. Гузидаи Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт ва лавомеъ-ур- ривоёти Садиддудин Муҳаммад Авфии Бухороӣ; бахши марбут ба таърихи Эрон. – Теҳрон, 1370. - С.1-15.
16. Муҳаммадтақии Баҳор. Сабкшиносӣ. Ҷилди дувум. - Теҳрон, 1337. – 432 с.
17. Авфии Бухороӣ. Гулчини Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт ва лавомеъ-ур-ривоёт; тартибдиҳанда ва муаллифи муқаддима М. Бақоев. – Душанбе: Ирфон, 1966.
18. Ҳадисаи Раҳмон. Муҳамммад Авфӣ ва «Ҷавомеъ-ул- ҳикоёт»- и ӯ. Душанбе, 2004. – 161 с.
19. Муҳаммад Авфӣ. Ҷавомеъ-ул- ҳикоёт ва лавомеъ-ур-ривоёт; бо кӯшиши Сангова Ҳ.Р. - Душанбе, 2017. – 283 с.

ҲАЁТ ВА ФАЪОЛИЯТИ МУҲАММАД АВФИИ БУХОРОӢ

Мақолаи «Ҳаёт ва фаъолияти Муҳаммад Авфӣ» ба таҳқиқи ҳаёт ва фаъолияти Авфӣ, муқаррар намудани баъзе санадҳои тарҷумаи ҳоли ӯ, тасвири воқеаҳои асосии ҳаёташ, ки ба фаъолияти эҷодии ӯ таъсир доштанду аз маъхазҳои аслӣ омӯхта шудаанд, бахшида мешавад. Мувофиқи ин маъхазҳо номаш Авфӣ ибни Муҳаммад, тахаллусаш Бухороӣ, лақабаш Садидаддин аст, на Нуриддин. Аз авлоди Абдураҳмон ибни Авф, аз машоҳир саҳобаи расул аст. Санаи валодат ва марги ӯ то ҳол аниқ набуда, олимон таваллуди ӯро солҳои 567-572 ҳичрӣ (1171 – 1176) тахмин мекунанд. Авфӣ дар Бухоро маълумот гирифта, баъди хатми таҳсил ба шаҳрҳои мухталиф саёҳат мекунад. Аз хавфи ҳучуми муғул ба Ҳиндустон сафар менамояд. Дар Ҳиндустон Авфӣ мулозими дарбори Султон Насируддини Қубоча шуда, тазкираи «Лубоб-ул-албоб» - ро навишта ба ӯ мебахшад. Баъди шикаст хӯрдани Султон Қубоча соли 1228 Авфӣ ба хизмати шоҳ Шамсуддин Элтутмиш гузашта, асари худ «Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт» -ро ба анҷом мерасонад. Ӯ саргузашти 32 халифаи Аббосиро навишта ва таърихи ононро то замони хилофати Алмустансир (623-640 ҳ. (1126-1243м.) овардааст. Далоили мазкур исботи онанд, ки санаи вафоти нависанда шояд баъди соли 1243 бошад. Муҳаммад Авфӣ китоби нависандаи асри Х Танухиро, ки «Фарачун-баъда-ш-шидда» ном дошт аз арабӣ тарҷума мекунад, ки аз маҷмӯи ҳикоёт ва достон иборат буд. «Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт ва лавомеъ-ур-ривоёт» (Маҷмӯаи ҳикоёт ва ривоёти дурахшон) асари бебаҳои Авфӣ маҳсуб меёбад. Он аз 100 боб, ки ҳар яке дорои муқаддима буда, аз 2113 ҳикоёту ривоёт иборат аст. Ба гуфти Муҳаммад Муин: «Ин яке аз асарҳои муҳиммест, ки ба забони форсӣ таълиф ёфта, сарчашмаи бебаҳои маълумоти таърихӣ ва адабист, ки аз дигар китобҳо пайдо карда намешаванд». Ин асар дар тамоми дунё машҳур аст. Нусхаҳои хаттии он дар китобхонаҳои Аврупо маҳфузанд. Номи Авфӣ дар тӯли қарнҳо маҳз аз рӯйи ин китобаш машҳур аст.

Калидвожаҳо: Муҳаммад Авфии Бухороӣ, зиндагӣ, фаъолият, маъхазҳои илмӣ, тазкираи «Лубоб-ул-албоб».

ЖИЗНЬ И ТВОРЧЕСТВО МУХАММАДА АУФИ

Статья посвящена истории изучения жизни и творчества Ауфи, разъяснению некоторых деталей его биографии, освещению основных жизненных событий, которые в значительной степени повлияли на его работы, информация о которых сохранилась в некоторых из оригинальных источников писателя. Согласно этим источникам, имя "Ауфи ибн Мухаммад", псевдоним "Бухорои", а прозвище его не Нуриддин, а Садидаддин. Генеология семьи Ауфи восходит к сподвижнику пророка Мухаммада (с.а.с) Абдурахмону ибн Ауфи. Даты рождения и смерти Ауфи до сих пор не уточнены. Ученые предположительно определили датой рождения писателя 567-572 хиджри (1171-1176 г.). Ауфи получил образование в Бухаре, после окончания учебы Ауфи начинает путешествовать по разным городам. В связи с нашествием монголов Ауфи иммигрирует в Индию. В Индии Ауфи попадает во дворец султана Насируддина Кубоча, где создает свою таскира (анталогию) Лубоб-ул-

албоб ("Сердцевина сердцевин", 1221/22 гг.) и посвящает ее правителю. После падения власти Султана Кубоча в 1228 году Ауфи переходит на службу при дворе Шаха Шамсиддина Илтутмиша, где завершает свой труд Джавоме-ул-хикоёт. Ауфи создал историю жизни 32 аббасидских халифов вплоть до эпохи ал Мустансира, отметив время создания этого произведения 623-640 гг. хиджри (1226 - 1243гг.). Данные факты дают основание утверждать, что дата смерти писателя должна быть обозначена после 1243 года. Мухаммад Ауфи является переводчиком книги арабского писателя десятого века Танухи, которая называется "Фарадж бада шидда" (Облегчение после затруднения), представляющей сборник рассказов и не-больших поэм. Джавоме-хикоёт и лавоме-ур- ривоёт (сборник (свод) рассказов и блестящих преданий) является бесценным созданием Ауфи. Джавоме-ул -хикоёт включает 100 глав, каждая из которых предваряется предисловием своего рода путеводителем по главам. В целом, свод Ауфи насчитывает 2113 рассказов, преданий. Мухаммад Муин следующим образом оценил произведение Ауфи Джавоме-ул-хикоёт: "Это одна из наиболее важных книг, созданных на персидском языке и представляющих собой богатейший источник исторических и литературных сведений, которые невозможно почерпнуть из других книг". Этот труд известен по всему миру. Его многочисленные рукописи можно обнаружить в библиотеках Европы. Имя Ауфи прославилось в веках благодаря этой книги.

Ключевые слова: Мухаммад Авфи Бухорои, жизнь, деятельность, научные источники, антология «Лубоб-ул-албоб».

LIFE AND WORK OF MUHAMMAD AUFI

The article "Life and oeuvre of Muhammad Awfi" is devoted to the history of the study of the life and work of Awfi, clarification of certain details of his biography, coverage of major life events that largely impacted his works, information about which been preserved in some of the original sources of the writer. According to these sources the name "Awfi ibn Muhammad", the pseudonym "Bukhuroi", and his nickname is not Nuriddin, but Sadidaddin. The genealogy of the Awfi family goes to the companion of the Prophet Muhammad (sas) Abdurahmon ibn Awf. The dates of birth and the death of Awfi have not been clarified. Scientists supposedly determined the date of birth of the writer 567-572 hijiri (1171-1176). Awfi gained education in Bukhara. After graduating from studies, Awfi begins to travel to different cities. Due to the invasion of the Mongols, Awfi immigrates to India. In India, Awfi finds himself in the palace of Sultan Nasiruddin Kubocha, where he creates his taskira (anthology) Lubob-ul-albob ("Core of the Cores", 1221/22) and devotes it to the ruler. After the fall of Sultan Kuboch's authority in 1228, Aufi switches to the service at the court of Shah Shamsiddin Iltutmish, where completes his work "Jawome -ul-hikoyot". Awfi created the life story of the 32 Abbasid caliphs up to the age of al Mustansir, noting the dateof creation of this work 623-640 (1226 - 1243). These facts give grounds to assert that the date of death of the writer should be designated after 1243. Muhammad Awfi is the translator of the book of the tenth century Arabic writer Tanuchi, which is called "Faraj Badashida" (Relief after embarrassment) representing a collection of short stories and not large poems. Jawome-ul-hikoyot and lavome-ur-riwoyot" (a collection of stories and brilliant legends) is an invaluable creation of Awfi. Jawome-ul-hikoyot includes 100 chapters, each of which is preceded by a preface of a kind of guidebook for chapters. In general, the masterpiece of the Awfi includes 2113 stories and legends. Muhammad Muin praised Awfi's work Javome-ul- hikoyot as follows: "This is one of the most important books created in the Persian language and representing the richest source of historical and literary information that can not be learned from other books". This work is known all over the world. His numerous manuscripts can be found in the libraries of Europe. The name of Awfi became famous in the ages of the book of this book.

Key words: Muhammad Avfi Bukhoroi, life, activity, scientific sources, anthology "Lubob-ul-albob".

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Сангова Ҳадиса Раҳмоновна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳои немисӣ, франсузӣ ва лотинӣ. **Суроғa:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **Hsangova@ mail.** ru. Тел.: **(+992) 919-22-24-30**

Сведения об авторе: ***Сангова Хадиса Рахмоновна*** **–** Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент общеуниверситетской кафедры немецкого, французского и латинского языков. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **Hsangova@ mail. ru.**
Тел.: **(+992) 919-22-24-30**

Information about the author: ***Sangova Hadisa Rahmonovna*** - Tajik National University, Candidate of Philology, Associate Professor of the University-wide Department of German, French and Latin Languages. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **Hsangova@ mail. ru.** Tel.: **(+992) 919-22-24-30**

УДК: 891.5

ЛОИҚ ШЕРАЛӢ АЗ НИГОҲИ УСТОД МУЪМИН ҚАНОАТ

Солиҳов Н.Ш.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Нигоҳи устод Муъмин Қаноат ба маҳорат ва тавонмандии Лоиқ Шералӣ дар ҷодаи сухану суханварӣ ҷолиби диққат аст. Доир ба паҳлуҳои гуногуни осори Лоиқ Шералӣ таҳқиқоти зиёде аз тарафи муҳаққиқон ва адабиётшиносон ба монанди Юсуф Акбарзода, Абдунабӣ Сатторзода, Усмонҷон Ғаффоров, Худоӣ Шарифзода, Атахон Сайфуллоев, Алиасғари Шеърдӯст, Маҳмудзода Мисбоҳиддин, Гулназар Келдӣ ва дигарон анҷом шудааст. Дар ин мақола танҳо нигоҳи устод Муъмин Қаноатро ба эҷодиёти Лоиқ Шералӣ баррасӣ менамоем. Ҳамзамон нигоҳи устод Муъмин Қаноат боиси шинохти бештари осори арзишманд ва шахсияти нотакрори Лоиқ Шералӣ мегардад. Ҳамин ҷиҳат дар адабиётшиносии муосир ҷолиби диққат буда, паҳлуҳои камтар омӯхташудаи фардият ва шахсияти шоирии Лоиқ Шералӣ мавриди баррасии муфассал қарор мегирад.

Агар аз як тараф, назари мушаххаси як шоири тавоно устод Муъмин Қаноат ба эҷодиёти Лоиқ Шералӣ масъалаи пайгирифтаи моро то ҳадде бозтоб намояд, аз дигар тараф, баррасии фикрҳои мушаххаси устод Муъмин Қаноат ба афкори адабӣ марбут мешавад, ки ин ҷиҳати афкори адабӣ ва назарии устод Қаноат ба таври бояду шояд мавриди таҳқиқи амиқ қарор нагирифтааст.

Аз ҳамин нуқтаи назар фикру мулоҳиза ва назару дидгоҳи устод Муъмин Қаноат ба фардият ва шахсияти Лоиқ Шералӣ ба таҳқиқи ҷиддитаре ниёзманд аст. Аз ин рӯ, баррасии ин мавзӯъ муҳим ва зарурист.

Устод Муъмин Қаноат назари фардӣ ва мушаххаси худро, ҳам аз паҳлуи назарӣ ва ҳам аз паҳлуи амалӣ нисбат ба осори шахсиятҳои барҷастае чун: устод Садриддин Айнӣ, Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода ва хусусан Лоиқ Шералӣ дар суҳбату гузориш ва мақолаҳояш баён намудааст.

Аз он ҷумла, устод Муъмин Қаноат назари худро дар маҳфили таҳти унвони “Устод ва шогирд”, ба муносибати 70-умин солгарди Лоиқ чунин иброз доштааст: “Омадани Лоиқ ба майдони адабиёт қолабшиканӣ ва як падидаи нав буд. Ӯ дар таърихи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ягона шоире буд, ки бидуни доштани маҷмӯа (шарти узвият ҳамин буд) ба узвияти ин иттиҳод пазируфта шуд” [1, с.6]. Албатта, ин ҷиҳатҳо маҳорат ва истеъдоди нотакрор доштани Лоиқ Шералиро нишон медиҳад. Ин падида дар фазои Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон бемонанд аст. Ва инро на танҳо устод Муъмин Қаноат, балки аксари муҳаққиқони осори Лоиқ Шералӣ дар мақолаву гузоришҳояшон ёдовар шудаанд. Инчунин, дар идомаи суханаш мегӯяд: “Истеъдоди фавқулода ва ҷасорату тавоноиаш буд, ки танҳо бо се шеър, аз қабили “Зарафшон” ва “Ба модарам”, ки ҳанӯз дар овони донишҷӯияш эҷод карда буд, аъзои Иттифоқи нависандагон шуд” [1, с.6]. Вобаста ба ин мавзӯъ адабиётшинос Худоӣ Шарифов чунин навишта аст: “Лоиқ танҳо ба хотири ҳамин шеър (шеъри – “Ба модарам” дар назар аст- Н.С.) ба узвият пазируфта шуд [10, с.57]. Бо се шеър ба узвият пазируфта шудани Лоиқ Шералиро аз ҷониби устод Муъмин Қаноат ёдоварӣ кардан чунин маъно дорад, ки то навиштани шеъри “Ба модарам” ду шеъри дигар иншо намуда буд. Адабиётшинос Худоӣ Шарифов вобаста ба ин андеша чунин нигошта аст: “Лоиқ танҳо ба хотири ҳамин шеър ба узвият пазируфта шуд. Ҳол он ки мувофиқи низомнома ӯ бояд ду китоби чопшуда медошт ва дар миёни ҳамкасбон аз шуҳрату эътиборе бархӯрдор мебуд”[10, с.57]. Аз далелҳои дар боло овардашуда маълум мегардад, ки Лоиқ дар ҷодаи шеъру шоирӣ аз ибтидо қадамҳои устувор ниҳодааст.

Устод М. Қаноат дар идомаи суҳбаташ дар бораи навпардозии Лоиқ Шералӣ назари худро чунин баён намудааст: “Дар баробари Лоиқ дар ҳамон давра чеҳраҳои нави адабӣ, аз қабили Ҳабибулло Файзулло, Ғоиб Сафарзода, Шоҳмузаффар Ёдгорӣ ба майдони адабиёт омаданд ва шеърро аз доираи шеъри ҷадвалӣ, шахшудагӣ ва ситоишӣ

баровардaнд, ки ин як падидаи нав дар адабиёт буд” [1, с.6]. Дар нисбати ин падида Абдунабӣ Сатторзода чунин менависад: “Шеъри тоҷикӣ дар ин солҳо ба шарофати кӯшиш, заҳмат ва ҷустуҷӯҳои пайвастаи шоирони ҳунарманде, монанди Лоиқ гӯётар, хонотар, расотар, гиротар ва мушаххастар гардида, аз дарди умумигӯию қолабигӯиҳо раҳоӣ ёфта, барои бозтоби зиндагии имрӯзӣ ва инсони муосир муносибтар ва мувофиқтар шуд ”[7, с.93-94]. Аз натиҷаи баррасии назарҳои М. Қаноат ва А. Сатторзода чунин бардошт намудан мумкин аст, ки Лоиқ дар адабиёти муосири тоҷик чун шоири навовару навпардоз шинохта шуда, бо заҳмату талош ва кӯшишу ғайрат тавонистааст, ки саҳми арзандаи худро дар пешрафту инкишофи шеъри муосири тоҷик дар асри бист гузошта бошад.

Устод Қаноат аз он ифтихор кардааст, ки ба шахсияте мисли Лоиқ ёрӣ ва дастгирии худро дареғ надоштааст ва табиаташон ба якдигар мувофиқ омадааст. Ин ҷо назари худро доир ба масъалаи қаробати устоду шогирд чунин баён доштааст: “Маълум аст, ки барои шогирдиву устодӣ одам бояд як дастгоҳ дар дасташ дошта бошад. Ман мудири бахши шеър, котиби масъул ва иҷрокунандаи вазифаи муҳаррири маҷаллаи “Шарқи сурх”(Садои Шарқ) будам, ки ба Лоиқ ва дигар шогирдон ёрии амалӣ карда метавонистам ва гузашта аз ин, ақида, ҷаҳонбинӣ, зебоипарастӣ ва ахлоқи ман ба Лоиқ мувофиқ омад” [9, с.6].

Ин қаробат ва наздикии устоду шогирдро Убайд Раҷаб низ таъкид менамояд: “Муъмин Қаноат бошад сурудаҳои ӯро (Лоиқ Шералиро – Н. С.) бо як борикбинӣ ва дақиқназарӣ мутолиа кардааст ва барои мавзун шудани ҳар мисраъ ҳамроҳаш соатҳоро ба харҷ додааст” [6, с.46].

Устод М. Қаноатро савол медиҳанд, ки “Лоиқ шуморо устод мегуфт, қабул доред?” [1, с.6]. Вай дар ҷавоб гуфтааст: “Мегӯям, ки дар мактаби адабиёт сабақи озод аст ва баъд аз он ки ба ин мактаб даромадед, як кас не, як кас ба ҳамон ҳадафи асосӣ бирасад. Лоиқ бешубҳа аз ҳамон чеҳраҳост, ки ҳадафмандии мо, ормонҳои мо ва ҳама чизи моро ба ҳамон марзи ниҳоӣ расонд” [1, с.6]. Маълум аст, ки устод М. Қаноат дар ҷавоби ин савол хоксорӣ ва фурӯтанӣ зоҳир намудааст. Аммо, Лоиқ Шералӣ ҳаққи устодӣ доштани М. Қаноатро қоил аст. Дар намоише бо номи “Суҳбати мардона”, ки се моҳ пеш аз фавти шоир тавассути симои ҷумҳурӣ пахш гардид, ҳамсуҳбаташ Ҳокими Азиз савол мекунад. “Дар шеър киро устоди худ мешуморед?” Лоиқ Шералӣ дар ҷавоб мегӯяд: “- Устоди воқеии ман устод Мирзо Турсунзода ҳастанд ва дуюм устоди ман устод Муъмин Қаноат ҳастанд. Устод Мирзо Турсунзода мехонданд, хуб ё бад мегуфтанд. Аммо, резакориҳое, ки дар шеър ҳаст, аз қабили як ҳиҷо кам, арӯз хароб, қофия хароб ин корро устод Муъмин Қаноат дуруст месохт. Дасти маро он кас дар шоирӣ рост кардаанд” [9, с.115]. Дар идомаи суҳбат ба устодонаш мехоҳад изҳори сипосу ташаккур намояд. Аз ҷумла мегӯяд: “... Ин насли мо, ки шастсола, иншооллоҳ, мешавем, ҳамааш мадюн ё қарздори устодон Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода, Муъмин Қаноат, Убайди Раҷаб, Пӯлод Толис ҳастанд” [9, с.115].

Нигоҳи М. Қаноат ба шеъри Лоиқ на танҳо дар мақолаҳои алоҳида, балки дар гузоришҳои Пленуми Иттифоқи нависандагон зимни баррасӣ ва нақди осори манзуму мансур дида мешавад. Аз ҷумла, зимни баррасии мавзӯи сиёсӣ ва тасвири Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар нисбати шеъри Лоиқ чунин ибрози назар намудааст: “Бояд гуфт, ки дар жанри лирикаи сиёсӣ кори худро давом медиҳад. Шеъри ӯ “Аз Боми ҷаҳон аз номи ҷаҳон” бар зидди ҷанги ситоравӣ, бар дифоъи инсоният, бар дифоъи сулҳи рӯйи замин гуфта шудааст” [2, с.3]. Зеро масъалаи сулҳ, баробарӣ ва арзишҳои олии инсон дар адабиёти мо яке аз мавзӯъҳои доимӣ ба ҳисоб рафта, пешдастӣ ва муваффақияти шоирону нависандагони мо М. Қаноат ва Лоиқ низ дар ҳамин аст.

Дар мусоҳибаи дигар боз дар бораи Лоиқ Шералӣ чунин навиштааст: “Дар ин ҷо дастовардҳои Лоиқ бешубҳа ва бегумон аст” [3, с.101]. Дарстовардаш дар мисоли падидаи шеъри нав ва тасвири ҳақиқати воқеӣ, тасвирҳои навтар дар осораш ба мушоҳида мерасад.

Ҳамчунин аз назари устод Муъмин Қаноат “нахустин шоири ҷавоне, ки барои дарёфти Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ пешниҳод шуд, боз ҳам Лоиқ буд

ва гузашта аз ин, қабл аз Лоиқ шеъри ҳеҷ шоири ҷавон бе таҳрири ҷиддӣ ба чоп намерасид” [1, с.6]. Маълум мегардад, ки аксар вақт Лоиқ Шералӣ аз як қатор муқаррароти роиҷбуда истисно гардидааст. Вақте ки Лоиқ Шералӣ дар ҳузури устодон Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода ва дигарон шеъри “Ба модарам”- ро бо як тавозӯи махсус қироат менамояд, устод Боқӣ Раҳимзода ноаён ашки худро аз чашмонаш сар медиҳад. Баъди қироати ана ҳамин шеър эҳсоси болидарӯҳӣ устод Мирзо Турсунзодаро фаро гирифта хурсанду хушҳол мешавад ва Лоиқ Шералиро ба оғӯш гирифта мебӯсад.

Лоиқ Шералӣ дар як суҳбаташ ба Ҳокими Азиз иброз доштааст, ки баъд аз шунидани шеъри “Ба модарам” устод Мирзо Турсунзода гуфтааст: “... чаро ҳамин қолабҳоро нашиканем. Ҳамин як шеър бас аст, ки ба узвият пазируфта шавад” [9, с.116].

Ҳунару маҳорат ва хусусиятҳои умедбахш дар шеъри Лоиқ Шералӣ аз ибтидо дар назари устод Мирзо Турсунзода ва Муъмин Қаноат ҳувайдо гардид. Заҳмату талош ва кӯшиши пайвастаи Лоиқ буд, ки дар муддати на чандон дур ормонҳои устодонашро дар ҷодаи шеър ба қавли устод Муъмин Қаноат “ба марзи ниҳоӣ расонд” [1, с.6].

Устод Муъмин Қаноат хусусияти шеърҳои Лоиқро низ баён доштааст: “Шеъру андешаи ӯ тавъам ба зиндагиаш буд ва аз он ҷудоӣ надошт” [1, с.6]. Ин навъ махсусият тақрибан хосси кулли осори Лоиқ мебошад. Лоиқ аз зумраи он адибонест, ки зиндагиро, бурду бохти халқамонро, хусусан солҳои нооромиҳои кишварро, дар шеъраш устодона тасвир намудааст. Муваффақияти ӯ низ бештар дар он зоҳир мегардад, ки аз дили халқ гуфт ва ба дили халқ ба зудӣ роҳ ёфт. Устод Муъмин Қаноат масоили “шеъри нав”- ро дар адабиёти муосирамон матраҳ намуда, назари худро перомуни он бо овардани далелу бурҳон баррасӣ намудааст. Аз он ҷумла, нигоҳи худро доир ба масъалаи зикршуда дар навиштаҳои Лоиқ Шералӣ низ таъкид менамояд. Ва мегӯяд: “Яке аз намояндагони насли нав ва “шеъри нав” Лоиқ аст. Ӯ ба ин ном шеъре ҳам гуфтааст:

Шеъри нав бархост ҳамчу одами нав,
Ҳамчу тифли инқилоб,
Бо саволу бо ҷавобу бохитоб.
Захмҳои пушти Айнӣ мисраҳои ӯ шуданд,
Оҳҳои хашмолудаш нидои ӯ шуданд” [3, с.98-99].

Қобили таваҷҷуҳ аст, ки дар аввали ин шеър навишта шудааст: “Ба Муъмин Қаноат”. Яъне Муъмин Қаноат ба унвони пешоҳанги шеъри нав мавриди хитоб қарор мегирад.

Инчунин дар идомаи суханаш Муъмин Қаноат мегӯяд: “Майл ба шеърҳои лирикӣ-фалсафӣ, андешаҳо, тасвири психологӣ ба чанде аз ҷавонони навпардоз хос аст. Дар ин роҳ Лоиқ собитқадамтар аст ва шеърҳои “Аё модар”, “Модар” ва “Фарзанд”, “Дастёри офтоб”, “Достони дастҳо”, “Зиндагӣ” бешубҳа аз фикру андешаи амиқ ва нафаси тозаи шоир гувоҳӣ медиҳад. Шакли шеъри ӯ бо ҷунбиши фикр ва дараҷаи эҳсосаш мувофиқати кулл дорад:

То наорояд ҷавониям ҷаҳони пирро,
То набандам бо сурудам пеши роҳи тирро,
То нагирам бо қалам пеши дами шамшерро,
Ман намемирам,
Ман нахоҳам мурд” [3, с.99].

Устод Муъмин Қаноат дар поёни суханаш мегӯяд: “Як бори дигар вазъи назму насри ҷавонро мулоҳиза кардам. Манзараи фараҳбахш ва дилкушо дидам. Киштҳо ва ҷӯяҳои сабзу шукуфон, ғӯраҳо ва ҷо-ҷо хӯшаҳои пухтаро мушоҳида кардам ва аз рушду нумуи ин марзи шукуфону умедбахш дилам қувват гирифт” [9, с.2]. Дар ин манзараи фараҳбахш, ки ҷӯяҳои сабз дида мешавад саҳми Лоиқ ҳам ҳаст. Ин ҳам бошад, баҳри амалӣ сохтани орзуву умедҳои гузаштагон ва баҳри фардои дурахшон мусоидат хоҳад кард.

Дар мавриди масоили шеъри нав устод Қаноат як навъ хулоса кардааст: ““Шеъри нав” ҳоло хизмати сарбозии худро комилан адо карда натавониста истодааст. Ба ҳар ҳол дар шеъри Лоиқ, баъзе шеърҳои Қутбӣ, Мастон фикри қавӣ ва бо чашми шоири имрӯз дарк кардани зиндагӣ мушоҳида мешавад. Шеъри навро маҳз ҳамин унсурҳо ба миён овардаанд”.

Бо вуҷуди он ки дар осори як гурӯҳ шоирони ҷавон ояндаи умедбахш ва дастоварди назаррас мушоҳида шавад, ҳам дар ибтидо шеърҳояшон чун таҷриба буданд. Албатта, сари вақт шеърҳояшон мавриди нақду баррасӣ қарор дода мешуданд, махсусан шеърҳои Лоиқ. Ба назари М. Қаноат: “Зуҳуроти дигар дар назми мо омӯзиш аз тозаписандиҳои шеъри ҷаҳон аст. Ин зуҳурот тавассути тарҷумаҳо ва огоҳии шоирон аз ҷараёни шеъри муосир пайдо шудаанд. Шеърҳое гуфта шудаанд, ки аз назари шакл ҳам чун таҷриба буданд ва табиист, ки ҳамаи онҳо тавфиқ ёфтанд. Чунончи, Лоиқ Шералӣ таҳти таъсири Пабло Неруда шеъри тӯлоние ба унвони “Шеъри сафеди тиллои сафед” навишт. Ин шеърро сари вақт танқиди адабии мо баҳои дуруст дод. Ҳақиқатан ҳам Лоиқ дар ин шеъраш ба хотири ифодаи мазмуни урён перояи шеърро аз даст додааст” [4, с.18].

М. Қаноат дар бораи ҳунари шоирӣ ва камолоти сухани Лоиқ чунин мулоҳиза кардааст: “Беҳтарин шеърҳои Лоиқ Шералӣ шеъри андешапарвар, ҳикматомез ва пандомӯзанд. Дар санъат ва кор бастани сухан ӯ ба камоли ҳунар расидааст. Костагии сухани Лоиқ Шералӣ ба куллӣ дигар аст. Дар шеъри фаровонаш Лоиқ суханро барои сухан истифода мекунад. Ӯ дар сухандонӣ ва суханронӣ ҳунарманд аст, аммо ин ҳунар ба зарурати амрӣ хизмат намекунад. Худи Лоиқ ҳам инро ҳис мекунад ва худ ба худ мегӯяд: “Хабар доред, оё ҳазрати Лоиқ, ба ҳован об кӯбидед” [4, с.18].

Муъмин Қаноат дар хусуси ба кадом мартабаи суханварӣ расидани Лоиқ Шералӣ мегӯяд: “Лоиқ дар олами ҳодиса, орзу ва ормонҳо ҷустуҷӯҳои зиёде кардааст. Балки ӯ ягона шоирест, ки кӯшидааст, тамоми роҳҳо ва василаҳои тасвирро аз тасвири воқеӣ то тасвирҳои орифона, ошиқона ва риндона ба кор барад, аз рӯйдодҳои хурду бузург ҳолат ва лаҳзаҳои мухталифро ба қолаби шеъри нав, ғазал, дубайтӣ, тарона дарорад. Аз ҳамосаи зиндагӣ то “Мадҳи аҷал”- дар ин паҳнои беохир қаҳрамони лирикии ӯ андеша меронад. Гоҳ чун ҳамзамони мо бори шодӣ ва ғами асрро мекашад ва гоҳ ба андеша ва хаёлот дар вақту фазои дигаре - қабл аз мо зиндагӣ мекунад. Балки дар бисёрии ғазал ва шеърҳои ғиноӣ сухан аз вақту фазои имрӯз канда мешавад” [4, с.18-19]. Тарзи ифодаи матлаб ва баёни андеша дар шеъри Лоиқ натиҷаи фикри мушаххаси М. Қаноат аст, ки ба таври мувозӣ сурат гирифтааст.

Дар мақолаи дигар доир ба ҳусну қубҳи шеъри Лоиқ ишораи сабук мекунад: “Аз ҳусни шеърҳои Лоиқ дар матбуот аҳли танқид мақолаҳо навиштанд. Ин шеърҳои асосан васфианд, шоир кӯшише ҳам кардааст, ки як манзараи монументалии чашмрас ба вуҷуд орад. Дар шеъри “Бунёдгоҳи кохи нур ” ва “Симчӯбҳо” ду манзараи хуб ва чанд лаҳзаи хуш барои он сурат сохта тавонистааст” [5, с.87]. Масъалаи нақду баррасии осори Лоиқ ва адибони дигар дар осори М. Қаноат мавқеи муҳим дошта ба шакли доманадор ва таҳлилу баррасии бештар мавзӯи баҳси баъдист.

Ҳамин тариқ, аз таҳлилу баррасии мулоҳиза ва назару дидгоҳи устод Қаноат ва муносибати ӯ бо Лоиқ чунин натиҷа ҳосил мешавад, ки дар пешрафту инкишоф, маҳорат ва дилнишинии шеъри Лоиқ саҳми арзанда гузоштааст. Инчунин ба ҳунар, маҳорат, истеъдод ва фардияти эҷодии Лоиқ баҳои дурусту воқеӣ додааст. Фикру мулоҳизаҳои устод М. Қаноат доир ба масъалаи шинохти шахсияти Лоиқ дар адабиётшиносии муосир заминаи бунёдӣ маҳсуб меёбад. Дигар ин ки Лоиқ ҳамчун шогирд аз мактаби адабии устод Қаноат баҳравар будааст. Аҳаммияти назару дидгоҳҳои М. Қаноат ба осори Лоиқ дар он аст, ки дар фазои шеъри солҳои шастуми асри бист ба баъд, ки бо таъсири шеъри рус дар адабиёти тоҷик таҳаввулоте ба вуҷуд омад ва дар солҳои ҳафтодуми асри бист мактаби адабӣ, ки бо ҳузури бевоситаи М. Қаноат шакл гирифт, тарбиятдидагони ин мактаб хусусан, Лоиқ инчунин Бозору Гулрухсор, Гулназар, Аскар Ҳаким, Камол Насрулло, Раҳмат Назрӣ, Зиё Абдулло ва шоирони нисбатан ҷавони дигар Фарзона, Муҳаммадалии Аҷамӣ буданд, вижагиҳои ин давра дар гуфтаҳои ӯ мушаххас мегардад.

Маҷмӯан он чи ки дар мақола назари устод ба шогирд баён шудааст, баррасӣ гардид ин аст, ки аз нигоҳи илмӣ натиҷагирӣ карда ва ҳам аз нигоҳи амалӣ дида ва санҷидааст. Инчунин назари худро вобаста ба ниёзи ҷомеа ва тақозои замони имрӯз ироа менамуд, ки шеъри имрӯзӣ чигуна бошад, шоир чӣ рисолат дошта бошад, кадом шакли шеър ба вуҷуд

биёяд ва кадом тарзи офаридани он ба дарди мардум бихӯрад ва монанди инҳо. Ба андешаи М. Қаноат шеър дархури тамоми ниёзҳои ҷомеа бошад.

Ҳамзамон дар баромаду суханрониҳояш асару шеърҳои тозаэҷодро ба риштаи танқид мекашид. Ҷиҳатҳои пурбору камбори онҳоро муайян менамуд. Ва барои пурбор шудани асару шеърҳо тавсия ва пешниҳоди худро низ зикр мекард. Зимнан инро ҳам бояд қайд кард, ки М. Қаноат пеш аз он ки барои аҳли эҷод эроду пешниҳоди саривақтӣ ироа намояд, аввал онро дар коргоҳи худаш месанҷид, дар амал татбиқ мекард, сармашқи кори худ месохт, пасон ба аҳли қалам тавсия ва пешниҳод менамуд. Инро аз нахустин эҷодаш чи дар силсилаи шеърҳо ва чи дар достонҳояш равшан мушоҳида намудан мумкин аст.

Аз нуқтаи назарҳои шоири саршинос М. Қаноат бармеояд, ки тамоми кӯшишу ғайрат, бурду бохт, дастовард ва маҷмӯан роҳи тайкардаи Лоиқро дар ҷодаи шеър муайян намуда, шахсият ва мақоми ӯро аз дидгоҳи худ дар адабиётшиносӣ таъйин кардааст.

АДАБИЁТ

1. Қаноат М. Лоиқ аз нигоҳи Қаноат ё чӣ тавр шоире бе китоб узви Иттифоқи нависандагон шуд? / М. Қаноат // Миллат, 2011. 1 июн. - № 22.- С.3.
2. Қаноат М. Каломи нависанда - воситаи муҳимми тарбияи интернатсионалӣ: (Маърӯзаи котиби якум дар пленуми 3- юми Правлениями Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон) / М. Қаноат // Адабиёт ва санъат. 1987. - 11 июн. - № 24. - С.1-4.
3. Қаноат М. Вазъияти назми имрӯзаи тоҷик / М. Қаноат // Садои Шарқ, 1971. - №7. - С.94-102.
4. Қаноат М. Адабиёти советии тоҷик дар партави қарорҳои съезди XXV11 КПСС; Маърузаи котиби яккуми парвлениями Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон М. Қаноат дар анҷумани 1V нависандагони республика / М. Қаноат // Садои Шарқ, 1986. - № 6. - С.11-27.
5. Қаноат М. Панҷ эҳсоси шоир ва шаш ҷиҳати зиндагӣ [Нутқи шоир дар анҷумани Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон] / М. Қаноат // Садои Шарқ, 1976. - № 7. - С.77-88.
6. Рачаб Убайд. Ҷое дар хонаи дил дорад / Убайд Рачаб // Садои Шарқ, 2001. - № 1-6. - С.46.
7. Сатторзода А. Шеърҳои офтобӣ ва бӯяҳои осмонӣ / А. Сатторзода // Садои Шарқ, 2001. - № 1-6. - С.78.
8. Сафар Умар. Мулк бесангистону мо бесангарем / У. Сафар // Адабиёт ва санъат, 1991. - 17 октябр. - С.7.
9. Ҳокими Азиз. Мову ту дар шоири ҷон медиҳем... / Азиз Ҳоким // Садои Шарқ, 2001. - № 1-6. - С.116.
10. Шарифов Х. Шоири бузург / Х.Шарифов // Садои Шарқ, 2001. - № 1-6. - С.57.

ЛОИҚ ШЕРАЛӢ АЗ НИГОҲИ УСТОД МУЪМИН ҚАНОАТ

Дар мақолаи мазкур афкори таҷрибӣ ва назарии Муъмин Қаноат дар хусуси шахсияти адабӣ ва вижагиҳои таҳаввулоти эҷодиёти Лоиқ Шералӣ гирдовирӣ ва баррасӣ гардидааст. Муаллиф дар мақола масъалаҳои равобити шахсӣ ва эҷодии М. Қаноатро бо Л. Шералӣ, аз ҷумла муносибати ғамхории устодона ва бародаронаи М. Қаноатро таҳлил намуда, қайд менамояд, ки барои таҳрир ва аз назар гузаронидани шеърҳои Лоиқ соатҳоро ба харҷ медодааст. Зимни баррасӣ дар мақола қайд мегардад, ки Муъмин Қаноат фикру мулоҳизаҳои худро доир ба шахсият ва ҳунари шоирии Лоиқ Шералӣ дар мақола, мусоҳиба ва гузоришҳояш ироа доштааст. Ҳамчунин муаллиф дар мавриди тарзи офаринандагӣ, даст задан ба мавзӯъҳои мубрам, ба мавзӯъҳои муҳим рӯй овардани Лоиқ ва муносибати самимонаи ду шоир, таъсир дар рӯҳия ва ҷаҳонбинии якдигар, маслиҳату машварат ба Лоиқ Шералӣ баррасӣ шудааст. Ғайр аз ин, дар ташаккул ва пешрафти эҷодиёти Лоиқ саҳми арзандаи М. Қаноат дида мешавад, зеро аз мактаби адабии ӯ баҳравар гардидааст. Аз ин рӯ, М. Қаноат ба Лоиқ ҳаққи устодӣ низ доштааст.

Калидвожаҳо: Лоиқ Шералӣ, Муъмин Қаноат, шоири саршинос, назари фардӣ, паҳлуи амалӣ, падидаи нав, истеъдоди нотакрор, шоири навовар, лирикаи сиёсӣ, мактаби адабиёт, шоири ҷавон.

РАЗМЫШЛЕНИЯ МУЪМИНА КАНОАТА О ЛОИКЕ ШЕРАЛИ

В данной статье автором рассмотрены практические и теоретические воззрения Муъмина Каноата относительно литературной личности и особенностей эволюции творчества Лоика Шерали. Автор в статье проанализировав в статье проблемы личных и творческих отношений Муъмина Каноата с Лоиком Шерали, в том числе братскую и наставническую заботу Муъмина Каноата, отмечает, что редактированию и рассмотрению стихов Лоика Муъмин Каноат уделял огромное время. При рассмотрении темы в статье отмечается, что Муъмин Каноат свои суждения и размышления относительно личности и поэтического мастерства Лоика Шерали изложил в своих статьях, беседах и комментариях. Также в статье автор отмечает способы сочинения стихов и обращения к важным темам Лоика Шерали и искреннее отношение двух поэтов, влияние на мировоззрение и душевное состояние друг друга. Также в формировании и продвижении творчества Лоика просматривается бесценный вклад Муъмина Каноата, так как его литературная школа дала Лоику очень многое. Поэтому, Муъмин Каноат может по праву считаться наставником Лоика Шерали.

Ключевые слова: Лоик Шерали, Муъмин Каноат, великий поэт, личный взгляд, практический аспект, новое явление, неповторимый талант, поэт-ноавтор, политическая лирика сиёсї, литературная школа, молодой поэт.

MU'MIN KANOAT'S REFLECTIONS ON LOIK SHERALI

In this article, the author examines the practical and theoretical views of Mumin Kanoat regarding the literary personality and the characteristics of the evolution of Loic Sherali's work. The author in the article, having analyzed in the article the problems of personal and creative relations between Mumin Kanoat and Loik Sherali, including the brotherly and mentoring care of Mumin Kanoat, notes that Mu'min Kanoat devoted a lot of time to editing and reviewing Loik's poems. When considering the topic, the article notes that Mumin Kanoat expressed his judgments and reflections on the personality and poetic skills of Loic Sherali in his articles, conversations and comments. Also in the article, the author notes the ways of writing poetry and addressing important topics of Loic Sherali and the sincere attitude of the two poets, the influence on the worldview and state of mind of each other. Also, in the formation and promotion of Loic's creativity, one can see the invaluable contribution of Mumin Kanoat, since his literary school gave Loic a lot. Therefore, Mumin Kanoat can rightfully be considered the mentor of Loic Sherali.

Key words: Loic Sherali, Mumin Kanoat, great poet, personal view, practical aspect, new phenomenon, unique talent, poet-author, political poetry of siyoshi, literary school, young poet.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Солиҳов Назриддин Шоҳинбекович*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, аспиранти кафедраи назарияи ва адабиёти навини форсии тоҷикӣ. **Суроғa:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 918-67-82-75**

Сведения об авторе: ***Солихов Назриддин Шохинбекович*** – Таджикский национальный университет, аспирант кафедры теории и новейшей персидско - таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 918-67-82-75**

Information about the author: ***Solikhov Nazriddin Shokhinbekovich*** **-** Tajik National University, postgraduate student of the Department of Theory and Contemporary Persian - Tajik Literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 918-67-82-75**

УДК: 891.5

ҚОЛАБҲОИ ШЕЪРӢ ВА МАВЗӮОТИ ОН ДАР ДЕВОНИ НОСИРАЛИИ САРҲИНДӢ

Убайдуллоев А.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Бо назардошти ин ки жанри роиҷу серистеъмол дар сабки ҳиндӣ жанри ғазал буд, дар баробари ин қасида низ дар давраи ба майдони адабиёт қадам ниҳодани шоироне чун Амирхусрави Деҳлавӣ, Соиби Табрезӣ, Мирзо Абдулқодири Бедил ва монанди инҳо мавқеъ пайдо намуд. Носиралии Сарҳиндӣ ҳам дар канори он суханвароне қарор дорад, ки ба шеваи хос ва сурудани ашъори баланд дар инкишофу ривоҷи сабки ҳиндӣ саҳм гузоштаанд. Муаллифони сарчашмаҳо бо ихлоси баланд номи ӯро дар канори саромадону бунёдгузорони «сабки ҳиндӣ» ба қалам овардаанд. Соҳиби тазкираи «Маҷмау-н-нафоис» Сироҷиддин Алихони Орзу ёдовари намуда, андешаҳояшро чунин баён кардааст: «Носиралӣ ва Мирзо Бедил тарзи суханро ба оини тоза андохтанд ва ин ҷавҳари қобилро ба сурати назарфиреб ҷилвагар сохтанд». Яъне Носиралӣ дар асри XVII ҳамчун шоири тозаназару тозагуфтор маъруфият доштааст. Албатта, ин чунин маънӣ дорад, ки ба Носиралӣ «шеваи ҷадид» ё ба қавли Сироҷиддин Алихони Орзу «оини тоза» хос аст. Ин гуфта ҳамчун падидаи ашъори Носиралӣ дар адабиётшиносии муосир метавонад зовияҳоеро барои шинохти ашъори намояндагони асри XVII боз намояд. Таҳқиқи осори Носиралӣ то ҷое заминаи шинохти сабки ҳиндиро дар шароити навин ба вуҷуд меоварад. Сироҷиддин Алихони Орзу бо ишора ба сабки гуфтори Носиралӣ дар мавриди дигар хусусиятҳои ашъори он мулоҳизаҳояшро ба миён гузоштааст ва дар баробари ин ба нақду баррасии бештари ғазалиёти ин шоир дахл намуда, дар ин ҷода ҳамчун суханвари ба ашъори шоир алоқаманд баъзе фикру мулоҳизаҳояшро баён намудааст. Ба назари ин ҷониб, дар иқтибоси боло шеваву оини тозаи шоирро ин муҳаққиқ дар ғазалиёташ дарёфта ва ҳамин қисмати «тозакорӣ»-и Носиралиро дар сурудани жанри ғазал ба мушоҳида гирифтааст. Лекин ин маънии онро надорад, ки жанри қасида аз зарфияти ҳунариву эҷодии шоир берун мондааст, баръакс мо метавонем, онро ҳамчун фазилатҳои ҳунарӣ, ки муҳаққиқон дар сурудани жанри ғазал мушоҳида кардаанд, дар қасидаҳои

Носиралии Сарҳиндӣ мушоҳида намоем. Шоир дар қасидаи ба васфи Зулфиқорхон бахшидааш робита доштанашро ба аҳли ҷоҳу мансаб нишон дода, ба сурудани қасоиди мадҳӣ гироиш пайдо карданашро ба субут мерасонад. Қасидае, ки мо дар зер матлаашро меоварем бо сӣ ҳазор рупӣ аз ҷониби Зулфиқорхон тақдир гардидааст ва бешубҳа, онро метавон чунин маънидод намуд, ки дар он давра шеъри ӯ ҳанӯз дар маърази таваҷҷуҳи муосирону зимомдорони замон қарор доштааст.

Матлаъи ин қасида чунин аст:

Зи шаъни ҳайдарӣ аз ҷабини ту ошкор,
Номи ту дар набард кунад кори Зулфиқор.

Ё дар мавриди дигар дар қасидае дар ин бора менависад:

Бетакаллуф дар чаман бинад қабо вокард нест,
Баргрези ранги гул золим тамошо кард нест.

Ҷойи дигар номи Зулфиқор дар баробари номи ҳазрати Алӣ гузошта шудааст:

Баъди Сайф охир Алиро Зулфиқор омад ба кор,
Ло фатиё, ло Алӣ, ло Сайфи мо, ё Зулфиқор.

Корбурди хитоба дар жанри қасида яке аз хусусиятҳои ин жанри адабӣ ба ҳисоб меравад. Носиралӣ ин суннатро нигоҳ дошта, оҳанги мадҳу ситоишро пурзӯр намудааст. Истифодаи фаровони шоир аз рӯзгори намояндагони барҷастаи дин як андоза сухани суханварро ба он оварда расонидааст, ки шахсияти инсони мадҳшаванда аз будаш зиёд мавриди ситоиш қарор гирад ва барои ривоҷи санъати «ғулув» имконият фароҳам оварад. Аз ин ҷиҳат, тарзи сухани Носиралии Сарҳиндӣ монандии бештар ба ашъори Анварии Абевардӣ дорад.

Ғазал: Чи тавре ки дар боло ишора намудем, дар сабки ҳиндӣ жанри роиҷу серистеъмол ғазал мебошад ва он дар девони шоир мавқеи хосса дорад. Ҳусайнқулихони Азимободӣ дар тазкираи «Хазинаи омира» ба суханвариву суханофарии Носиралии Сарҳиндӣ ишора намуда, ӯро «фасоҳатфитрати қарни худ» номидааст. Ӯ дар ин бора менависад: «Носиралии Сарҳиндӣ сухандонест, ки гӯи суханро дар майдони сухансанҷӣ рабуда, шери бешаи фасоҳат аст… ва пешрави маъниёбон, сарҳалқаи… майдони хушхаёлӣ… дар ғазали бисёр нозукхаёлӣ ба кор бурда, марғуб… тобеи хоссу ом гашта …».

Шафеии Кадканӣ низ Носиралии Сарҳиндиро дар офаридани жанри ғазал эътироф намуда, ба ғазалиёти шоир диққат доштанашро чунин баён намудааст: «Носиралӣ ҳадди фосилаи миёни Бедил ва Соиб аст… бо ин ки дар ғазал бояд ӯро шинохт, муосиронаш, пойгоҳи ӯро дар маснависароӣ, бештар сутудаанд, чунонки Сархуш гӯяд: «Маснавӣ дар заминаи Юсуф ва Зулайхо бисёр рангин ва тарзи тоза гуфта».

Бо таваҷҷуҳ ба ин масоил ҳаминро қайд карданием, ки Носиралӣ дар асри XVII бо эътибор буда, дар роҳи шеъру шоирӣ соҳиби ному шуҳрат гардидааст. Ба ҳамин хотир Сархуш аз наздикон ва дӯстони ӯ ба шеъраш дилбастагӣ зоҳир намуда, ӯро бо унвонҳои «Обрӯи Ҳиндустон … соҳиби сухани баланд, хаёли маъниёб» ёд намудааст, ки ин гуфта як андоза чигунагии моҳияти шеъри шоирро дар асри XVII ифода мекунад. Ғазалиёти Носиралӣ дорои вижагиҳоест, ки бо парайравӣ ба он аз ҳар ҷиҳат шоирони муосираш хостанд истиқбол кунанд. Мо ба ин масъала дар фурсатҳои алоҳида рӯшанӣ меандозем. Ин ҷо ҳаминро қайд карданӣ ҳастем, ки Носиралии Сарҳиндӣ бо ғазалиёти дилангез андешаҳои тоза, латиф, маъниҳои сареҳу рӯшан, таркибҳои бадеу хушоҳанг ва алфози шевою устувор баён намудааст. Ӯ ғамзадагиҳои рӯзгорашро дар ғазалиёташ даромехтааст. Шоир ба ғампарастиҳояш фишурдани зиндагиро, шиддати замону нобаробариҳои кори мардумонро бо рӯҳияи шикоятгарона ба қалам дароварда, онро ҳукми қазо ва сарнавишт маънидод мекунад ва ба истиқболи он мебарояд ва ба қавли худаш «дил ба ғам медиҳад». Ин усули воқеъгароии шоир барои фарогирии зиндагии инсони асри XVII то ҷое кумак мекунад.

Вақте мегӯяд:

Дил ба ғам додаму ғам захмии бедод омад,
Шиша бар санг задам, санг ба фарёд омад,

дарди як инсони оддӣ нест, балки оҳи дили мардум мебошад. Нолае, ки дар дил гирех хӯрда, чароғистони ғам мешавад. Яъне ин ғаму дард кашиданҳо қонунияти ҳаёти инсонист. Чаҳорчӯбаи муайяни хулқи одам аст. Ин ҷо хулқ маънии васеъ дорад, яъне нафс аст. Ба андешаи шоир нафс сабаби гирех хӯрдани нола дар дил мегардад ва заминаи тавлиди ғусса ва ғаму андуҳ мешавад:

Нола то дар дил гирех бошад чароғони ғам аст,
Нурҳо дар парда дорад нағмаи мастурҳо.

Яъне, мавқеи шоир дар ин маврид дар бораи фошсозии заминаи авҷ гирифтани номувофиқатии вазъи иҷтимоӣ бо «ҳаракатҳои пинҳонӣ» ё ба таъбири худаш «нағмаи мастурҳо» муайян шудааст. Ӯ ба ин ақида аст, ки нағмаҳои пинҳонӣ сабаби паси парда гаштани нур ва рӯшноӣ, ки рамзи зиндагии обод ва хотири осуда мебошад, мешавад. Ба ин хотир муборизa бояд ошкоро бошад. Шоир дар ин гуна ашъор бар зидди нафсу ҳисси ҷоҳпарастӣ баромада, ин хислатҳои ғайриинсониро маҳкум месозад.

Носиралии Сарҳиндӣ дар баробари ин, дар ғазалиёти худ ба баёни масоиле аз қабили ишқу муҳаббат, нукоти ахлоқӣ ва фалсафӣ пардохта, ба ҳамин восита тахайюлоташро ба сӯйи орзуҳои ширин, олами романтикӣ ба сӯйи дардҳои ҷовидонаи инсонӣ мебарад. Корбурди калимаҳои ишқ, муҳаббат, ёр, маъшуқ, ҷудоӣ, васл, ҳаҷр диққатҷалбкунанда мебошад. Шоир вақте дар ин маврид ҳарф заданӣ мешавад, саропо ӯро эҳсос фаро мегирад. Носиралӣ дар ғазале ба тафсил ба баёни матлаб пардохта, бо тарзи гуфтугӯ ба маъшуқа шарҳи дил мекунад:

Дил ба оғӯши ту чун беихтиёрам мекашад,
Барқсон бетобии дил дар канорам мекашад.

Носиралӣ бо шеваи мулоим оромона ба тафсири вожаи ишқ мепардозад. Дар ин байт самимияти шоир, ба ишқ, ба муҳаббат, ба меҳру ихлос ҷой дорад. Ӯ садоқат меварзад. Ҳар чӣ мегӯяд аз таҳти дил мегӯяд. Ишқи ӯ ҳам шаҳвату шаҳвоният надорад. Дар суханаш васлу ягонагиву якдилӣ дида мешавад. Покиву сафои рӯҳи инсонӣ ва ҷисмро аз тааллуқоти дунявӣ пок намудан ҳам аз вазифаҳои муҳимми қаҳрамони лирикӣ маҳсуб мешавад. Носиралӣ ишқро сабаби болидагии рӯҳӣ ва нафсро натиҷаи зиёдшавии хӯйи нафсонӣ ё афзоидани ҷисму тани инсонӣ таъбир мекунад. Яъне, шоир пок нигоҳ доштани дилро яке аз шартҳои муҳим дар мазҳаби ишқ ба шумор меоварад:

Ба тоат кӯш гар ишқи балоангез мехойӣ,
Матое ҷамъ кун, шояд, ки ғоратгар шавад пайдо.

Яъне «сафои ботин» ба фурӯзон шудани оташи ишқ дар вуҷуди одам имконият фароҳам меоварад. Ба фикри шоир «ишқи балоангез» мисли ғоратгар аст, ки аз пайи ба даст овардани «матои ҷамъкарда» меравад ва онро аз худ карданӣ мешавад. Носиралӣ ҳар дилро макони ишқу муҳаббат намедонад. Ишқ ба ҷое роҳ меёбад, ки он ҷо шоиста бошад. Ба қавли ӯ инсон бояд дорои дили поку софу тоза бошад. Дар байти зер мехонем:

Ба каф жуз санги тифлонро набинам тахтаи машқе,
Зи шӯри ишқи мажнунат хароб афтод мактабҳо.

Манзури шоир аз мисол овардани ишқи Маҷнун боз ҳам ба оқибати ишқу ошиқӣ назар андохтан аст. Бори дигар имкони ба сахтиву гирифториҳо мувоҷеҳ шудани қаҳрамони лирикӣ таъкид ёфтааст. Ин гуна ашъор хусусияти таълимӣ дорад. Шоир мисли муаллим аст, ки аз дарси ишқ суҳбат мекунад ва шунавандаашро марҳила ба марҳила ба шинохти худ ва омӯхтани ҷаҳони ботиниаш раҳнамун месозад. Қаҳрамони лирикии ашъори шоир аз ҳамин равзана ба назар намоён мегардад. Ба марҳалае мерасад, ки ҳар суханаш ҳама ҳарфи ишқ аст. Дар ҷое ба худ ишора намуда менависад:

Мо мусаввирзодаи ишқем, шоир нестем,
Як қалам тасвири маъшуқ аст дар девони мо.

Масъалаи дигаре, ки дар ғазалиёти Носиралӣ ба чашм мерасад, оҳанги мадҳиявӣ мебошад, ки ғазалро як андоза ситоишӣ мекунад. Барои тасдиқи ин фикр якчанд мисол меорем:

Давлати шоҳӣ мусаллам табъи озоди туро,
Тарки мактабхона маймун бод устоди туро.

Чун ту олиҳиммате побанди мансаб буд, ҳайф,
Домҳо назри гусастан бод сайёди туро.
Бедимоғиҳо, ки оромист номаш пешкаш,
Аз ту дурӣ медиҳам таълими бедоди туро (Девон саҳ. 331)

Ё худ:

Алӣ имшаб зи шавқи шоҳи Одил рафтаам аз худ,
Ба қурбони сараш гардондаам динрову дунёро.

Носиралии Сарҳиндӣ дар ин гуна ашъор ҳарчанд ба тавсифи мамдӯҳ мепардозад, вале он ба дараҷаи қасоиди шоирони ба истилоҳ мамдӯҳи адабиёт Анвариву Унсурӣ нарасидааст, балки онҳо сифатҳое мебошанд, ки иродати як нафар инсони равшанфикри замон, ҳарфҳои сидқи шоири соҳибистеъдоди давр нисбат ба замомдорони асрро бозгӯ менамоянд. Шоир дар ғазалҳояш бо чунин шева дар мавриди рабти мустақимаш ба табақаи болои иҷтимоӣ иттилоъ медиҳад. Агар дар қасида мадҳу ситоишаш мустақим бошад, дар ғазал корбурди сифатҳо бештар ҷолиб афтодааст. Вале ин чунин маънӣ надорад, ки Носиралӣ дар тасвири вазъи зиндагии аср худро дур гирифта ба мадҳу ситоиш рӯ овардааст. Албатта ин тавр нест. Баракс шоир кӯшиш ба харҷ додааст, ки дар баробари зикри сифатҳои намояндагони воломақом танқидро низ ба кор барад ва бо нишон додани сатҳи зиндагии мардум ин ҷанбаро мустаҳкам намояд. Ғазале, ки дар зер меоварем дорои чунин хусусият мебошад:

Аз пайи забти фиғон дар дил гирифтам роҳро,
Дар гирех бастам чу ахгар шуълаҳои оҳро.
Субҳи иқболи ҳумо аз устухон толеъ шавад,
Нест жуз сахтӣ насибе мардуми огоҳро.
Муддате шуд орзуманди итоби қотилам,
Мо ба рӯи теғ мебинем доим моҳро.
Дар зимистон жуббаи дарвеш бошад офтоб,
Пӯстини гарм, гӯ, маґрур дорад шоҳро.
Ин қадар дар хирманам, эй барқи бетобӣ, чаро?
Дар жаҳон магзор аз ҳастӣ нишони коҳро.
Дар залолат то наяфтодам, саодат раҳ надод,
Роҳбар пайдо нашуд, то гум накардам роҳро.
Як нафас ғофил машав аз ҳилаи дунё, Алӣ,
Аз қафо шере ниҳон меояд ин рӯбоҳро.

Носиралии Сарҳиндӣ дар ғазалиёти худ гоҳо аз радифҳое истифода мебарад, ки ба сабки гуфтораш мувофиқ мебошад. Ин радифҳо дар ғазал як андоза ба гуфторҳои навпардозонаи шоир ишорат мекунанд. Носиралӣ дар баробари маънӣ ба сохтори ғазал кӯшиш намудааст, ки бо усули корбурди радифҳои тоза рӯҳи дигар ворид намояд. Масалан, дар ғазали зер радифи «дар зери пӯст» аз ҳамин гуна радифҳои ғазалиёти шоир ба ҳисоб меравад:

Баски месӯзад чу шамъам маґзи жон дар зери пӯст,
Гашта чун фонус равшан устухон дар зери пӯст.
Шуд ба ранги пистаи маґз устухони ман кабуд,
Баски хӯрдам санги бедодаш ниҳон дар зери пӯст.

Шоир бо ифодаи «дар зери пӯст» авҷи дарду ҳасрати каҳрамони лирикиро, ки борҳо бо лутфу марҳамати маъшуқа дарди «санги бедод»-ро таҳаммул намудааст ва инчунин ба монанди «пистаи маґз» кабуд шудани устухонашро дар зери пӯст, нишон додааст. Яъне, радиф дар ин ғазалпораи боло бори маънӣ мекашад. Дар абёти зер низ калимаи «мавҷ» бо ҳамин усул ба кор рафтааст:

Нақш баст аз ҳайрати рухсори ту бар об мавж,
Пушт бар девори соҳил монд бар гирдоб мавж.
Баски шуд аз партави барқи хижолат беқарор,
Аз канори баҳр берун рехт чун симоб мавж.
Хилваи маъшуқ созад обро оташ инон,

Изтироби барқ дорад дар шаби маҳтоб мавж.

«Чун симоб дар канори баҳр берун рехтани мавҷ» зебову хотирмон мебошад ва аз табъи маънидарёбии Носиралии Сарҳиндӣ дарак медиҳад. Шоир бо чунин ифодаҳои шоирона рӯҳияи шеърро дигар намудааст, ки мо поёнтар дар ин маврид таваққуф хоҳем намуд. Калимаи «хушк» низ дар байти зер ифодаи «нафас дар сина хушк шудан»-ро ба вуҷуд овардааст, ки ин ҳам, албатта, як хусусияти сабки гуфтори Носиралии Сарҳиндӣ мебошад.

Ҳарчанд ин радиф дар фардбайт ба кор рафтааст, вале дар девони шоир ҳамин гуна умумиятҳо дороиҳои зиёдеро ба бор овардааст:

Оразат дидам зи ҳайрат шуд нафас дар сина хушк,
Об дар чашми тарам гардид чун оина хушк.

Радифи «ту ҳам медонӣ» аз бозёфтҳои ҳунарии ашъори Носиралии Сарҳиндӣ ба ҳисоб меравад:

Дафъи ғафлат зи шароб аст ту ҳам медонӣ,
Об ғоратгари хоб аст ту ҳам медонӣ.
Ишқ чандин дили маъмур ба вайронӣ дод,
Сел як хона хароб аст ту ҳам медонӣ.
Рух мапӯшон зи ман, эй шӯх, ки ҳайратзадаро,
Пардаи дида ҳичоб аст ту ҳам медонӣ.
Обрӯ аз дари майхона талаб кун зоҳид,
Тоати хушк сароб аст ту ҳам медонӣ.
Варақи гул шуда аз акси рухат пардаи чашм,
Ашки мо сели гулоб аст ту ҳам медонӣ.
Гавҳари маърифат аз хӯи сиришкам хезад,
Чашми бегиря сароб аст ту ҳам медонӣ.
Арзи ҳоли дили пурхун натавон кард, Алӣ
Хӯи ӯ гарми итоб аст ту ҳам медонӣ.

Бояд таъкид кард, ки шоир бо такрори радиф барҷастагии ҳунарашро дар офаридани маъниҳои тоза нишон додааст. Масалан, як радифи «Ҳанӯз» дар девони шоир 12 маротиба ба қайд гирифта шуд. Бо вуҷуди ин, бояд эътироф кард, ки халлоқияти шоир дар ғазал бештар дар корбурди қофия ба назар мерасад. Теъдоди зиёди ашъораш дорои қофияҳои нодир буда, дар бозгӯ намудани матлаби суханвар нақши мунир гузоштаанд. Носиралии Сарҳиндӣ бо қофия ва чаҳорчӯбаи танги вазни шеърӣ афкори барҷастаашро пурвусъат баён намуда, доираи мавзӯоти ашъорашро бо истифодаи ҷанбаҳои ҳунарӣ васеъ кардааст. Қофияҳои ғазалиёти шоир як андоза хусусияти сифатӣ доранд. Ё ба таъбири дигар оҳанги ситоишии сухани суханварро барҷаста таҷассум намудаанд. Масалан, калимаҳои «ваҳшинигоҳон», «каҷкулоҳон», «хушнигоҳон», «гумкардароҳон», «миҷгонсиёҳон» дар ғазали зер дорои ҳамин хусусият мебошанд:

Зи худ рафтам, ки созам хилвагар ваҳшинигоҳонро,
Шикастам ранги дил пайдо намудам каҷкулоҳонро.
Чу миҷгон ноз бар дил мекунад бар хори саҳрояш,
Зиёрат кардаам нахчирҳои хушнигоҳонро.
Ба маҳшар гар чунин лаълаш дари бедод бикшояд,
Забон чун баста гардад қуфл бар лаб додхоҳонро.
Кунунам як биёбон гарди боди оворагӣ дорад,
Имомам, қиблаам, саркардаам гумкардароҳонро.
Бувад дунёву дин пушти рӯҳи ойинаи ҳастӣ,
Бузург ояд вуҷуди хештан дар чашм шоҳонро.
Бувад ҳар қатраи хун дар синаи ман равзани оҳе,
Дигар ойинадорӣ чун кунам миҷгонсиёҳонро.

Носиралии Сарҳиндӣ дар сохтани калимаҳои мураккаб, ки баъзе хусусиятҳои онро дар мавридҳои лозима баён менамоем, маҳорати баланд нишон додааст. Хусусан, ин гуна калимаҳоро бо як оҳангнокии гӯшнавоз паси ҳам қофия кардан ба шоир ё суханвар

маҳорати зиёд талаб менамояд. Ва як шарти офаридани ғазал ҳам ҳамин аст, ки шоир дар баробари ёфтани маъниҳои тоза, зебоии лафзии онро низ аз мадди назар набояд, ки дур созад. Носиралии Сарҳиндӣ саропо дар девонаш тибқи ҳамин қоида амал намудааст. Шоир кӯшиш намудааст, ки бо пасванди калимасози «-нок» ба шеър калима ворид намояд ва дар ҳангоми корбурди қофияҳои нодир аз захираи луғавии забон истифода барад. Носиралии Сарҳиндӣ аз забони зиндаи мардум низ вожаҳои зиёдеро ба ҳам қофия намудааст, вале ин муомилаи он то андозае эҷодкорона ва устодона сурат гирифтааст:

Ин қадар беҳосил аз зикри Худо будан чаро,
Шуд нафас дар синаам золим нигоҳи хобнок.

Ин байт дар ғазале гирифта шудааст, ки матлааш чунин аст:

Метапад дил дар барам бо он ки гардидам ҳалок,
Мурғи рӯҳам хокбозӣ мекунад дар зери хок.

Таъбири «дар зери хок» дар ҳамин ғазал чаҳор маротиба такрор шудааст, ки хусни ғазалро костааст:

Ошиқонро чеҳра коҳиҳост иксири бақо,
Чун тилло ҳаргиз нахоҳад пайкаре дар зери хок.
Ҷилвагар бошад хаёлаш аз мазори ман ҳанӯз,
Партави хуршед кай пинҳон шавад дар зери хок.
Дар лаҳад ҳам куштаи шавқи туро ором нест,
Хокбозӣ мекунад мурғи дилам дар зери хок.

Такрори қофия дар девони шоир зиёд ба назар мерасад. Суханвар ҳарчанд бо зарфиятҳои тоза дар корбурди қофия муваффақ шудааст, вале чунин ҷузъиётҳо на ин ки ба ҳусни сухан таъсир расонидааст, балки онро аз бисёр ҷиҳат каммояву камтаъсир гардонидааст.

Вижагии дигари ғазалҳои Носиралии Сарҳиндӣ танаввуъ ва навоварӣ мебошад. Шоир бо талошҳо ва кӯшишҳояш дар ёфтани мавзӯоти тоза даст ёфтааст. Дарёфти мавзӯъҳои воҳиду нав ба биниши тези шоир вобастагӣ дорад. Носиралии Сарҳиндӣ аз табори шоирони маъниёбу маънигустаре мебошад, ки дар асри XVII мавқеи хоссаеро ба даст оварда буданд. Худи шоир ҳам бад-ин маънӣ ишора намуда, мефармояд:

Ҷазби маънӣ метавон кард аз хамӯшиҳо Алӣ,
Мо дар иқлими сухан соҳибқиронӣ кардаем.

Ё дар ҷойи дигар мегуяд:

Ба оби маънии нозук сиришта шуд гили мо,
Чу ойина ба нафас доғ мешавад дили мо.

Носиралӣ бо ифтихори саршор аз табъи баланду дарёфти маъниҳои тоза ба появу мақоми баланди эҷодӣ расиданашро таъкид намудааст. «Ба оби маънии нозук сиришта шуд гили мо» ба ҳамин мазмун омадааст. Ба андешаи шоир тозакориву навназарӣ ба фитрати суханвар алоқаманд аст. Агар шоир аз ягон ҷиҳат барҷастагӣ надошта бошад, он наметавонад матолибашро эҷодкорона ба қалам оварад. Аз ин лиҳоз, «дар мулки сухан соҳибқирон шудан»- и ӯ ҳам ба ҳамин ҷанбаи масъала ишорат мекунад. Носиралии Сарҳиндӣ бо ин суханҳо истеъдоди шоирро аз ҳама муҳим арзёбӣ намуда, муҳим будани ҷойгоҳи онро дар шеъру шоирӣ эътироф кардааст. Ӯ лафзу маъниро маҳаки асосии кори суханвар дониста, менависад:

Маънии сероб натвон баст дар алфози суст,
Ин гуҳар аз пунба берун метаровад ҳамчу об.

Воқеан, ин дидгоҳи шоири бомасъулияти асри XVII нисбати шеъру ҷойгоҳи сухан аст. Шоир на ин ки ба тарзи нав ба гӯйиши ғазал пардохт, балки ба инкишофи сабки ҳиндӣ ҳамчун як суханвари пешгоми замон мисли Абдулқодири Бедил хидмат намуд. Ин буд, ки номашро дар радифи номи Мирзо Абдулқодири Бедил гузоштаанд. Дар байти зер аз ифодаи «дилхун шудан», таъбири «чу моҳӣ аз оби наштарҳо сафед шудани хун» -ро офаридааст:

Бурид аз дил жафоят рангҳои орзуямро,
Чу моҳӣ дар танам хун шуд сафед аз оби наштарҳо.

Шоир бо ин усул шиддати дарди дарунии қаҳрамони марказиро тасвир намудааст. Дар ин байт ранги сафед рамзи ғаму кулфат, дардкашӣ ва ҳиҷрону дурафтодагӣ мебошад:

Шавад то бар сари кӯйи ту қосид пир мегардад,
Сафед аз дурии ин роҳ шуд боли кабӯтарҳо.

Яъне, аз дурии роҳ сафед шудани боли кабӯтарҳо дарёфти шоирона аст. Кабӯтар, ки бо овардану бурдани хат иртиботи байни ду дилдодаро мустаҳкам менамояд, аз дурии роҳ сафедбол мешавад. Ин сафедии болаш ҳаҷру фироқ аст.

Ба ҳар жониб кушодам дида бе рӯят дар ин гулшан,
Нигаҳ баргашта дар чашмам халад чун неши ақрабҳо.

Дар мавриди ба назар овардани чеҳраи маъшуқа Ҳофизи Шерозӣ ҳам байте дорад, ки дар зер онро меоварем:

Ҳар кас, ки дид рӯи ту бӯсид чашми ман,
Коре, ки кард дидаи ман беназар накард.

Ҳофиз бо як ширинии алфоз ҳолати қаҳрамони лирикиро ба қалам овардааст. Носиралии Сарҳиндӣ бошад дар ин маврид ҳамчун як суханвари намакин, хушсухан ва пурэҳсос зуҳур мекунад. Шеъраш мисли шеъри Ҳофиз рух дорад. Ҳамин аст, ки руҷӯъҳои зиёде ба шеъри Ҳофиз намуда, онро тазмин кардааст. Ҳофиз мисли як ошиқи озода дар шеър ба назар мерасад, Носиралии Сарҳиндӣ бошад чун ошиқи ҷафокашу ҷафодида, боҳаяҷону пурҳаяҷон.

Дар ҷойи дигар мехонем:

Ранги ишрат барнаметобад дили озурдаам,
Сангсори хандаи кабкам дар ин кӯҳсорҳо.

Ифодаи «сангсори хандаи кабк шудан» шоирона аст.

Ҳамин гуна шоир на ин ки бо роҳи истифодаи таъбиру ифодаҳо ба навпардозиву тозакорӣ мепардозад, балки дар тамоми самтҳо, бахусус, дар сабк, услуб, тасвир ва монанди инҳо ҳаракат мекунад, ки чунин равиш бештар ба зуҳур ояд. Дигар хусусияти ғазалиёти Носиралӣ боло будани басомади калимот, ба монанди дард, ғам, кулфат, захм, носур, ноқус, зуннор, ҳарам, дайр, каъба, ҳусн, муғон, бут, тасбеҳ субҳа ва май дар онҳо мебошад. Носиралии Сарҳиндӣ ба шеваи ҷолибе бо ин калимот маънисозӣ ва мазмунпардозӣ намудааст.:

То чун сокит шавад гардад яке оҳангҳо.
Нест ғайр аз як санам дар пардаи дайру ҳарам,

Он ситам кард Алӣ наргиси кофурмиҷае,
Ки ба жуз нолаи бут дар дили ноқус набуд.

Шоир аз батни вожаҳо ба сайри маънӣ мебарояд. Аз ноқус нолаи бутро мешунавад. Аз дайру ҳарам ба санам вомехӯрад ва аз дида ба кулфати ашк гирифтор мешавад. Яъне суханварест, ки асолати суханро бо тобишҳои маъноӣ нигоҳ доштааст. Албатта, ин хусусият бештар ба табъу зарфияти ҳунарии суханвар вобаста аст. Нукоте, ки дар бораи ғазалиёти Носиралии Сарҳиндӣ бояд ин ҷо ишора намоем, қобили қабул набудани сабки ҳиндӣ ва тарзи суханварии ғазалсароёни асри XVII дар ҳамин давра мебошад. Шафеии Кадканӣ дар ин маврид менависад: “Носиралии Сарҳиндӣ ... бегумон яке аз чеҳраи муассири дигаргунии услуб, дар шеъри порсӣ ва шеъри ӯ ба ҷиҳоте аз шеъри ӯ ба ҷиҳоте аз шеъри Соиб ва дигар гӯяндагони он аср ташхис ва имтиёзе дорад, ки, албатта, нигорандаи ин сатрҳо онро чандон намеписандад фақат аз боби нави тозагии шоирӣ ӯро қобили баррасӣ ва мутолиа мешуморад”. Шафеии Кадканӣ дар мавриди имтиёзи шеъри шоир сухан намуда, аз тафовутҳову дигаргуниҳои шеъраш аз ашъори шоирони ҳамасраш ёдовар шудааст. Лекин, аз ифодаи “нигорандаи ин сатрҳо онро чандон намеписандад” гуфтани муҳаққиқ шояд фарқиятҳои услубии сухани суханвар дар назар дошта шуда бошад. Зеро вай бо ҳамин “дигаргунии услуб”-ӣ дар шеър соҳибимтиёз буд. Абдулқодири Бедил низ дар ин давра бо ҳамин услуб маъруфият дошт. Яъне дар алоҳидагӣ ин хусусияти шеъри Носиралии Сарҳиндӣ набуда, балки як вижагии умумии адабист. Таъбири “нигорандаи ин сатрҳо онро чандон намеписандад” бошад, як андоза бетафовутии муҳаққиқро нисбат ба

ҷараёни вусъатпазирии сабки ҳиндӣ, ки имрӯз он дар Мовароуннаҳр пайравони зиёд дорад, нишон медиҳад. Ин мулоҳиза ба он шаҳодат медиҳад, ки ҳанӯз осори суханварони ин давра ба таври шоиста мавриди нақду пажӯҳиш қарор нагирифтааст. Агар аз боби дастёбии мавзӯоти тоза шоистаи писанди муҳаққиқи эронӣ Шафеии Кадканӣ шуда бошад, ин навӣ ва навгароӣ бевосита аз ҳамин сабки гуфтор зуҳур намудааст. Ин чунин маънӣ надорад, ки ин гапи Шафеии Кадканӣ ба ашъори шоир тааллуқ дорад. Не, он ба тарз ва дигаргуниҳои услубӣ дар шеър нигаронида шудааст. Он ба баҳси чигунагии сабки ҳиндӣ ва мавқеву ҷойгоҳи он дар адабиёт, ки перомуни он мубоҳисаҳо низ сурат гирифта буданд, тааллуқ дорад.

Маснавӣ. Носиралии Сарҳиндӣ аз зумраи суханваронест, ки дар баробари вусъати жанри ғазал ва тавсия додани мавзӯоти он дар боби маснавӣ низ қувва озмудааст. Бо ишора аз навиштаҳои тазкиранависон Аброри Сабоҳзод аз сабку салиқаи маснависароии шоир иттилоъ дода, зимни он ба тавсифи ҳунари шоириаш дар ҷодаи офаридани маснавиҳои ирфонӣ пардохтааст. Ба гумони ӯ шоир дар охири умр ба навиштани маснавӣ шурӯъ намудааст: “Гумон меравад, ки чунин маснавиҳои тасаввуфиро дар охири умр эҷод карда бошад”. Ӯ дар идомаи ин навишта боз таъкид менамояд: “Аммо аз маснавиҳои Носиралӣ чӣ миқдор то замони мо омада расидааст, пурра аниқ нест”.

Аз ин иқтибос бармеояд, ки шоир ба анъанаи маснависароӣ домани иродат кушода, барои ифодаи андешаҳои фалсафӣ ба ин жанри адабӣ рӯ овардааст. Пайрави Низомӣ, Амирхусрав ва Абдурраҳмони Ҷомист. Ғуломалихони Озод дар “Хизонаи омира” менависад: “Агарчи ғазалро ба услуби тоза ҷилва дода, аммо дар маснавӣ безиё мемонад”.

Сархуш бо ишораи як маснавии Носиралӣ, ки унвонашро, мутаассифона, зикр намекунад, байтҳои ҷолиби онро дар маснавие, ки ба он тазмин кардааст, меоварад. Чунончи дар пораи зер:

Алӣ, он пешвои хушхаёлон,
Чу шуд дар маснавӣ килкаш дурафшон.
Расондаш поя аз маънӣ ба меъроҷ,
Бувад ин матлаи он дурраттутоҷ.
«Илоҳо, зарраи дурре ба ҷон рез,
Шарар дар пунбазори устухон рез».

Яъне, аз ҳамин байти охир маълум мегардад, ки Носиралӣ дар сурудани маснавӣ ҳам дасти тавоное доштааст. Таъбири Ғуломалихони Озод «дар маснавӣ безиё мемонад» то андозае ба ҳақиқат рост намеояд. Маснавиҳои шоир мавриди татаббӯи суханварон қарор гирифтааст, ки яке аз намунаҳои онро дар боло нишон додем. То имрӯз муҳаққиқон соҳиби маснавиҳои «Юсуф ва Зулайхо», «Манохар ва мадхоламат» будани Носиралиро таъкид кардаанд. Ба ҳар бобат мутолиаи ашъори парокандаи маснавиҳои Носиралӣ моро дучори таъсири анъанаи маснависароӣ мегардонад. Маълумамон мешавад, ки истифодаи тарзҳои наҷибу усулҳои аҷибу навоварона на ин ки дар жанри ғазал, балки дар маснавӣ низ дида мешавад. Аз ҳамон байти охири татаббӯи Сархуш суннати суруда шудани ин жанр эҳсос мешавад:

Илоҳо, зарраи дурре ба ҷон рез,
Шарар дар пунбазори устухон рез,

Шояд ин байт ба қисмати оғози маснавӣ тааллуқ дошта бошад. Зеро ситоиши Офаридгор, мадху тавсифи набии акрам (с), тавсифи меъроҷи набавӣ, тавсифи офариниш ва ғайра дар маснавӣ дар ҳамин қисмат ҷой дода мешавад. Тарз, нигоҳ, ифода, албатта, фарқ мекунад. Ин як муваффақияти эҷодии Носиралӣ дар байни шоирони ҳамасраш аст. Ин омил ба авҷи татаббӯву пайравии ашъори шоир ишорат дорад. Ин намунае аз байтҳои мақбули муосири шоир Сархуш ва интихобияҳои намояндагони ҳамин давра ба ҳисоб меравад. Агар чунин байтҳо дар дохили чунин маснавиҳо гирд оварда шаванд, то андозае имкони шиносоии ҳунари шоирии Носиралии Сарҳиндӣ пайдо мешавад.

Қитъа. Дар девони шоир қитъа ҷойгоҳи махсус дорад. Қитъа дар луғат ба маънии пора ё қисмати чизе омадааст. Мисраи дувуми байтҳояш ҳамқофия мешавад. Носиралии Сарҳиндӣ дар қитъаҳояш мавзӯи тоза интихоб намекунад. Он чӣ дар бахши таҳлили

мавзӯоти ғазал гуфта омад, ба қитъа низ дахл дорад. Агар аз кабӯтар дар ғазалиёташ ҳамчун қосиди ишқ ёдовар шавад, дар қасида онро мурғи номабар ном мениҳад:

Зи мурғи номабар, эй дил, дигар умед мадор,
Ки шовфи он дари вом аст, ҳалқаи домаш.
Маюс дода зи савдои хоб вақти саҳар,
Насиба гир зи файзи бунафшабодомаш.

Дар пораи зер масъалаи ҳастӣ ба мавзӯоти рӯзмарраи иҷтимоӣ омезиш ёфта, норозигиаш аз бахту сарнавишт, аз суратпарастиву зоҳиргароӣ, худнамоӣ баръало эҳсос мешавад:

Гӯшагирии азизон ҳама аз бебаргист,
Мурғ ҳам майли паридан накунад то пар нест.
Гар насозад ба ман он зулфи парешон чӣ ғам аст,
Бахти ошуфтаи ман низ аз он камтар нест.
Зулфиқор аст Алӣ теғи забони тезам,
Зоҳиди беҳудагӯ низ кам аз кофар нест.

Рубоӣ. Шоир доираи рубоиро ба мавзӯъ тақсим карда маҳдуд намесозад, балки мазмуну моҳияти хос бахшида, онро вусъат мебахшад. Теъдоди рубоӣ дар девони шоир нисбат ба ғазал камтар ба назар мерасад, вале фарогири фикру назари тоза, биниши пурвусъат ва завқу салиқаи суханварии Носиралии Сарҳиндӣ мебошад. Шоир дар рубоӣ ба тавсиф ва мадҳ пардохтааст. Аз офариниш суҳбат мекунад. Ба пешвоёни дин садоқат меварзад. Ба зикри хайри номи хонадони нубуват мепардозад ва аз дилҷӯиву қаробату наздикиашон бо аҳли ҷомеа ҳарф мезанад, ки ин вижагӣ ба жанри маснавӣ хос буд. Масалан, дар рубоиҳои зерин метавонем ба ин масъала дучор гардем:

Гӯянд набии зу ҷиҳатайн азалист,
Рӯе ба хафӣ дораду рӯе ба халист.
Рӯе, ки ба халқ дошт онаст набӣ,
Рӯе, ки ба Ҳақ дошт ҳамон рӯи Алист.
Он бода, ки дар майкадаи таҳқиқ аст,
Аз ибни Рабӣ қаҳофааш ибриқ аст.
Оғози вуҷуд аз гуҳари поки набист,
Тасдиқи нахустин зи дили Сиддиқ аст.

Ҳар нахл, ки дар қаламрави хайру шар аст,
Аз файзи адолат аст, агар борвар аст.
Ин Каҳкашон, ки дида бошӣ ҳар шаб,
Бар дӯши фалак дурраи адли Умар аст.

Шоир аз ёдоварии шахсиятҳои исломӣ ба ташвиқи масъалаҳои инсонӣ покиву сафо, имону адл, некуиву ихлос мепардозад. Ин шева моҳияти афкори ахлоқии ашъори шоирони ин давраро таҷассум менамояд. Ин воситаи эътиқодмандии инсон ба худи инсон аст. Дили мардумро ба шинохти хислатҳои барҷастаи худ мебарад. Шоир бо ин равиш ба аслу моҳияти одам, ки тимсили Худо дар рӯи замин аст, ишора мекунад. Ин рубоиҳо аз рубоиҳои Умари Хайём тафовут доранд. Бо сурудани рубоӣ наметавон ҳунари шоирро муайян кард. Зеро рубоӣ нисбат ба ғазал аз забони ширадори Носиралии Сарҳиндӣ камтар баҳравар гардидааст.

Фардбайт. Дар девони шоир шумораи зиёди фардбайтҳо бо шаклҳои аа бештар ба назар мерасанд. Яъне, ин гуна байтҳо дорои қофияву радифанд. Шояд ин матлаъҳои ғазалҳои нобудшудаи шоир бошад. Ба ҳар ҳол ба фардбайт таваҷҷуҳ доштани шоир дар ин давра эҳсос мешавад. Носиралӣ кӯшиш намудааст, ки бо мазмунҳои баланд, дарёфтҳои тоза ва ифодаҳои нав, байтҳои ҷолибу хотирмон офарад ва барои вусъати онҳо заминаи мусоид фароҳам оварад. Фардбайтҳо дар девони шоир баъзан хусусияти тарҷумаиҳолӣ гирифта, чун шарҳи мухтасари рӯзгори ӯ ба ҷодаҳои пурпечутоби зиндагиаш бахшида шудаанд:

Баски заъфу нотавонӣ реша зад дар дил маро,

Мебарад берун фурӯғи шамъ аз маҳфил маро.

Носиралӣ дар офаридани фардбайтҳо аз шакли аб низ истифода мебарад. Дар ин шакл табиист, ки шоир андак аз чаҳорчӯбаи қофияву радиф озод мегардад. Як намуна бо зикри байти зер меорем:

Баски аз шавқаш тапидам бо қади ҳамчун камон,
Устухон шуд пунбаи ҳаллоҷ дар андоми мо.

Дар маҷмӯъ, Носиралии Сарҳиндӣ ҳамчун як суханвари соҳибсабку соҳибном дар тамоми қолабҳои шеърӣ табъозмоӣ кардааст ва то андозае дар ин ҷода муваффақият низ ба даст овардааст. Тазкиранигирон муътақиданд, ки Носиралии Сарҳиндӣ бо он ки дар ҳама навъи шеърӣ худро санҷидааст, боз ҳам шуҳрати ҳунари шоириаш аз офаридани ғазал ба даст омадааст ва ҳеҷ як қолаби шеърии ашъори ӯ ба мақоми ғазалҳои ӯ нарасидааст.

АДАБИЁТ

1. Айнӣ С. Мирзо Абдулқодири Бедил / С.Айнӣ. - Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1947.
2. Гулшани адаб. Ҷилди V. - Душанбе: Ирфон, 1980.
3. Гулшани адаб. Ҷилди IV. - Душанбе: Ирфон, 1977.
4. Исо Махдум. Ашъор / Махдум, Исо. - Душанбе: Ирфон, 1982.
5. Калими Кошонӣ. Гули хуршед / Кошонӣ, Калим. - Душанбе: Ирфон, 1985.
6. Лутфи Латиф; мураттибон У.Ҳақбердӣ ва В.Одина. - Душанбе: МИП «Тоҷикистон», 1992.
7. Носиралии Сарҳиндӣ. Ҷавҳари қобил бувад дар тарбия бас бениёз / Сарҳиндӣ, Носиралӣ; бо муқаддима ва таҳияи А.Сабоҳзод // Ҳафтаномаи «Омӯзгор», 06.11.91.
8. Носиралии Сарҳиндӣ. Гавҳаре чун худшиносӣ нест дар баҳри вуҷуд / Сарҳиндӣ, Носиралӣ; бо таҳия ва пешгуфтори А.Сабоҳзод // Ҳафтаномаи «Омӯзгор», 29.02.92.
9. Носиралии Сарҳиндӣ. Софии ботин ба бозори ҷаҳон афсона аст / Сарҳиндӣ, Носиралӣ; бо таҳия ва пешгуфтори А. Сабоҳзод // Ҳафтаномаи «Сомон», 29.11.91.
10. Носиралии Сарҳиндӣ. Гавҳаре чун худшиносӣ нест дар баҳри вуҷуд / Сарҳиндӣ, Носиралӣ; бо таҳия ва пешгуфтори А.Сабоҳзод // Паёми Душанбе, 06.11.90.
11. Саъдиев С. Адабиёти тоҷик дар асри XVII / С.Саъдиев. – Душанбе: Ирфон, 1985.
12. Суханварони сайқали рӯйи замин. - Душанбе: Ирфон, 1973.
13. Сайидо. Асарҳои мунтахаб. - Душанбе: Ирфон, 1977.
14. Соиб. Мунтахабот. - Душанбе: Ирфон, 1980.
15. Ғанимати Панҷобӣ. Мунтахаби ғазалиёт / Панҷобӣ, Ғанимат. - Душанбе: Дониш, 1983.
16. Ғаффоров А. Мирзо Асадуллоҳи Ғолиб / А.Ғаффоров. - Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1965.
17. Ҳусайнқулихони Азимободӣ. Тазкираи «Наштари ишқ». Ҷ.III. / Азимободӣ Ҳусайнқулихон. - Душанбе: Дониш, 1983.
18. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. – Душанбе, 1989.
19. Китоби ҳаким Синдбод. - Душанбе: Ирфон, 1971.
20. Соколов В.Теория стиля / В.Соколов. - Москва, 1968.
21. Тыняков Ю.Н. Проблемы стихотворного языка / Ю.Н. Тыняков. - Москва, 1965.
22. Рипка Ян. История персидской и тадҷикской литературы / Ян Рипка. - Москва, 1970.
23. Мирзозода Ҷ. Образи бадеӣ чист? / Ҷ. Мирзозода. - Душанбе, 1976.
24. Ҳофизи Шерозӣ. Девони ғазалиёт / Шерозӣ, Ҳофиз. - Теҳрон, 1378.
25. Зайнулобидини Муътаман. Таҳаввули шеъри форсӣ / Муътаман, Зайнулобидини. - Теҳрон, 1339.
26. Шиблии Нуъмонӣ. Шеърулаҷам / Нуъмонӣ, Шиблӣ; бо тарҷумаи Муҳаммадтақии Ғелонӣ. - Теҳрон, 1329 ҳ.ш.

ҚОЛАБҲОИ ШЕЪРӢ ВА МАВЗӮОТИ ОН ДАР ДЕВОНИ НОСИРАЛИИ САРҲИНДӢ

Носиралии Сарҳиндӣ аз шоирони шинохта ва маъруфи адабиёти форсизабони қораи Ҳиндустон ва хосса сабки ҳиндӣ мебошад. Таҳқиқу баррасии осори ин шоири соҳибсабк дар адабиётшиносии тоҷик камранг буда, муаллифи мақола саъй бар он намудааст, ки дар муаррифии ин шоири матраҳ дар адабиёти асри XVII барои адабиётшиносони кишвари азизамон саҳме дошта бошад. Барои шинохтани сабки сухани шоир ва хусусиятҳои он донистан ва баррасиву таҳқиқи анвои адабии таркиби осори шоир муҳим мебошад. Муаллиф бар ин назар аст, ки навъи адабии лирикии ғазал дар эҷодиёти Носиралӣ чун аксари шоирони сабки ҳиндӣ аз ҷойгоҳ ва мақоми махсус барҳӯрдор мебошад. Дар ин замина мавзӯи ғазалиёти шоир агарчи аз доираи мавзӯоти ғазалиёти ҳамзамононаш ва пешиниён фарқе надорад, вале дар тарзи баён ва гузориши мавзӯъҳо тозагӣ ва равиши вижа махсуси худи ӯст, ки аз унсурҳои муҳимми сабки инфиродии шоирро ташкил медиҳанд. Муаллиф инчунин ба навъҳои адабии маснавӣ, рубоӣ ва фардбайт, ки дар девони шоир бо онҳо низ ашъори хос ҷой доранд, таваҷҷуҳ намуда, мавқеи онҳоро дар ташаккули сабки сухани шоир нишон додааст.

Калидвожаҳо: Носиралии Сарҳиндӣ, шеър, шеъри форсизабони Ҳиндустон, сабки ҳиндӣ, ғазал, рубоӣ, фардбайт, қофия, радиф.

ФОРМЫ СТИХА И ИХ СОДЕРЖАНИЕ В ДИВАНАХ НОСИРАЛИ САРХИНДИ

Носирали Сархинди является одним из ярчайших и известнейших персоязычных поэтов Индийского континента. Анализ и исследование творчества этого величайшего представителя таджикской литературы не завершено, но авторы данной статьи попытались определить ту важнейшую роль, какую сыграл величайший представитель литературы XVII века. Авторы обратили внимание на литературные особенности произведений поэта, таких как рубаи, фардбайты, имеющиеся в диванах поэта, определили их роль и место в развитии индийского (сабк), его стихотворную особенность. Для познания значения, содержания и формы стиха и их особенностей следует понять суть стихотворного изложения творчества поэта. Важную роль в этом выполняет определение современными исследователями значимости его литературного наследия. Авторы пришли к выводу, что лирика газелей в творчестве Носиради Сархинди, схожа с произведениями представителей персидской литературы того времени.В этом смысле содержание газелей поэта не отличается от газелей его предшественников и последователей. Содержание тем и поэтического слова принадлежит поэту, что составляет основной, особенный, свойственный только ему - поэту, элемент.

Ключевые слова: Носирали Сархинди, стих, персоязычный стих (стихотворение) Индии (Хиндустан), индийская форма стиха, газель, рубаи, фардбайт, рифма, ряд.

VERSE FORMS AND THEIR CONTENT IN DIVANS OF NOSIRALISARHINDI

Nosirali Sarhindi is one of the brightest and most famous Persian poets of the Indian continent, available in India. The analysis and study of the work of this greatest representative of Tajik literature has not been studied much, but the authors of this article have tried to determine the most important role played by the greatest representative of literature of the XVII century. The authors drew attention to the literary feature of the poet's works, such as rubai, fardbites, available in the poet's divans, determined their role and place in the development of Indian (sabk), its poetic feature. To understand the meaning of the content and form of the verse and their features, it is necessary to understand the essence of the poetic presentation of the poet's work. An important role in this is played by the definition by modern researchers of the significance of his literary heritage. The authors came to the conclusion that the literary lyrics of ghazals in the works of Nosirali Sarhindi as well as works of representatives of Persian literature of that time.In this sense, the content of the poet's gazelles does not differ from the gazelles of his predecessors and followers. The content of themes and poetic words belongs to the poet, which is the main, special, peculiar only to him - the poet, element.

Key words: Nosirali Sarhindi, verse, person-language verse (poem) of India (Hindustan), Indian form of verse, ghazal, rubai,fardbite, rhyme, row.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Убайдуллоев Аҳрорҷон*** – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров, муаллими калони кафедраи педагогикаи умумӣ. **Суроғa:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, хиё. Мавлонбекова 1. Тел.: **(+992) 927-88-83-80**

Сведения об авторе: ***Убайдуллоев Ахрорджон*** – Худжандский государственный университет им. академика Б.Гафурова, старший преподаватель кафедры общей педагогики. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр.Мавлонбекова, 1. Тел.: **(+992) 927-88-83-80**

Information about the author: ***Ubaidulloev Akhrorjon*** **-** Khujand State University named after academician B. Gafurov, Senior Lecturer of the Department of General Pedagogy **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov Ave. 1. Phone: **(+992) 927-88-83-80**

УДК: 891.55:891.5

АДАБИЁТИ КЛАССИКИИ ФОРСУ ТОҶИК ВА ТАРҶУМАИ БАДЕӢ

Шарифова Г.А., Нурова К.А.
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

Дар тӯли қарнҳо таҷрибаи таърихӣ нишон дод, ки ҳеҷ як адабиёт, ҳатто адабиёти бузурги миллатҳои бонуфуз низ бе робита ба адабиёту маданияти ҳалқҳои дигар ташаккулу такомул наёфтааст. Ин ҳақиқати равшани таърихӣ ва адабӣ беш аз пеш диққати муҳаққиқонро ба худ ҷалб карда, онҳоро ба олами мушоҳидаю тадқиқ ҷиддитар раҳнамун сохтааст. Ҳоло барои исботи мулоҳизаҳои хеш як мулоҳизаи адиби олмонӣ Иоҳаннес Бехерро, ки масъаларо хеле нозук ҳис карда, мантиқан хуб ба қалам додааст, зикр менамоем: “... адабиёти ҳақиқатан миллӣ танҳо ба шарофати робитаҳои самарабахш

бо адабиёти халқҳои дигар ба миён омада, камол меёбад”.

Ҳар як муҳаққиқро лозим аст, ки, қабл аз ҳама, бояд ба робитаҳои байни ҳамдигар эътибор диҳад, зеро ҳодиса, ҷунбиш ва зиддиятҳои он асоси ҳама гуна равия ва ҷараёнҳои адабиёт, яъне ин робитаҳо дар такомули симои эҷодии як гурӯҳ адибон хоҳу нохоҳ таъсири худро мерасонад. Хулоса, ин ҳодисаҳо оғози ҳамаи робитаҳост. Таъсири ғазалиёти Ҳофиз ба эҷодиёти шоирони минбаъдаи тоҷику форс ё таъсири ғазалиёти шоирони турк ба осори шоирони минбаъдаи тоҷику турк ифодакунандаи моҳияти робитаҳои байниҳамдигарӣ шуда метавонад. Адабиётшиноси маъруфи рус Д.С. Лихачев доир ба унсурҳои реалистӣ дар адабиёти классикии рус таваққуф намуда, маҳз таъкид мекунад, ки ин унсурҳоро мушоҳида мекунем: “... которые создавались на русской почве и были слабее всего связаны с канонами Византийской литературы”.

Олими Эрон Алии Даштӣ ҳангоми муайян кардани ҳунари ғазалсароии Ҳофиз ва манбаъҳои истифодаи ӯ, пеш аз ҳама, таъсири фикри Хайём, забони Саъдӣ ва рӯҳи Ҷалолиддини Румиро дар ғазалиёти Ҳофиз пай бурда, ин қисмати корро “таҷаллии се гӯяндаи бузург дар девони Ҳофиз” номида, бо ҳамин он қувваҳоеро, ки ғазалсарои бузург аз он шодоб гардида буд, равшан намудааст, ки ин ҳама барои равшан дидани ҳодисаҳои байниҳамдигарии ҷараёни адабӣ кумаки ҷиддӣ мерасонад.

Дар баробари ин, ба робитаҳои адабии ду кишвар диққати махсус дода, онро бо диққату покизакории тамом тадқиқу таҳлил намудан лозим аст. Робитаҳои адабии тоҷику турк дар қарни ХХ ба таърихи адабиёти Шарқ ва ҷаҳонӣ маводи ғанию пурифтихоре дода, тавассути ин иртиботи маънавӣ ба миқёси ҷаҳонӣ баромада, ба равиши ҷаҳонии ҷараёни адабӣ ҳиссаи муносиб гузошт ва худ дар ниҳоят қисми таркибии он гардид. Муносибати оламиён, аз ҷумла, демократҳои маорифпарвари Туркия ба ғазалиёти Ҳофиз, тоҷику форсро ба ғазалиёти Фузулӣ, аврупоиён бо осори Пушкин шаҳодати равшани робитаҳои адабӣ шуда метавонад.

Ҳофиз, Фузулӣ ва Пушкин вазну эътибори осору афкори худро дар байни халқҳои гуногун пай бурда, онро махсус қайд ва таъкид кардаанд. Ҳатто Пушкин дар замонаш мақоми худро дар муносибатҳои адабии халқи рус бо халқҳои дигар ҳис карда, худро чун “вазири корҳои хориҷии адабиёти рус” таъбир кардааст.Истилоҳи робитаҳои байналмилалӣ рӯз аз рӯз дар адабиётшиносии рус ва ҷаҳон дақиқ таъкид шуда истодааст, ки ин барои равшану возеҳ муайян кардани мулоҳизаҳои муҳаққиқон аҳаммияти махсус дорад. Профессор В.М. Жирмунский, қабл аз ҳама, ба ҷараёни адабии халқу миллатҳо диққат дода, онро ба маҳорати тамом ба робитаҳои байналхалқӣ пайваст мекунад.

Профессор А.С. Бушмин ирсияти робитаҳои адабиро дар системаи мураккаби робитаҳо тадқиқ карда, ба хулосае омадааст, ки он инкишофи адабию бадеиро муайян карда метавонад.

Таърихи ғании адабиёти халқҳои форсу ҳинд, арабу рус, аврупо ва махсусан, тоҷику турк шаҳодат медиҳад, ки пеш аз зуҳур ёфтани ягон ҳодисаи алоқаҳои адабӣ, аз ҷумла, таъсири адабиёти як халқ ба олами адабии халқи дигар ворид шуда, он ҷо нуфузу эътибор пайдо карда, дар ҷараёни адабӣ фаъолона иштирок мекунад ва ё баръакс бо мурури замон оҳиста-оҳиста ҳазм шуда, мавҷудияти худро аз даст медиҳад. Даврахое буд, ки илму адабиёти Юнон байни арабҳо, илму адабиёти араб байни аҷамиҳо ва адабиёти бузурги тоҷику форс байни қабилаҳои туркӣ дар аслаш ворид шудааст. Донишманди бузурги тоҷик Абӯалӣ ибни Сино ба адабиёти илми араб дар нусхаи асл шинос шуд. Мутафаккирони зиёди тоҷику форс низ ба монанди Сино адабиёту илми арабро бевосита омӯхтанд ва ба воситаи арабҳо ба илму адаби юнониён шинос шуданд. Чунончи Сино тарҷумаи арабии “Рисолаи шеър” (поэтика)-и Арастуро бо майлу рағбати тамом омӯхта, онро шарҳу тафсир навишт ва ақидаҳои зиёди ӯро эҷодкорона инкишоф дод. Асарҳои Синоро ҳанӯз дар охири қарни XI ва нимаи аввали қарни XII Мхитар Герац ба забони арманӣ тарҷума ва тафсир кардааст.

Тарҷума дар адабиёти халқе, ки онро писандидааст, бетаъсир намемонад. Дар вақташ тарҷумаи русии достони “Рустам ва Сӯҳроб”-и Фирдавсӣ диққати адибон ва хонандагони русро ба таърих ва адабиёти Аҷам дучанд намуд. Н.Г. Чернишевский пеш аз

навиштани тақриз ба тарҷумаи мазкур илми таърих ва нажодшиносии Аҷамро бо диққати тамом омӯхт. Як насли адибони рус бошанд, баъди мутолиаи тарҷумаи “Рустам ва Сӯҳроб” ва тақризи Н.Г. Чернишевский на танҳо ба адабиёт, балки ба таърих ва маданияти мардуми эронинажод эътибори бештар медоданд. Чунин ҳодисаҳои таърихиро низ бояд қайд кард, ки он вақт ҷашни Русия ба мисли давлатҳои дигари Аврупо ба сӯйи шарқӣ дар назари аврупоиён аҷиб менамуд.

“Шоҳномаи”-и Фирдавсӣ асосан тавассути тарҷумаҳо ба оламиён дастрас гардидааст. Аз порчаҳо ва достонҳои алоҳидаи он мардуми фарҳангдӯсту адабиётдӯсти Туркия барои ифодаву омоли хеш фаровон истифода кардаанд, ҳатто корнамоӣ ва қаҳрамониҳои достонҳои “Шоҳнома”- ро ба корномаҳои эпосҳои халқи худ муқоиса кардаанд. Оид ба тарҷумаи арманӣ, русӣ, қазоқӣ, тоторӣ ва ӯзбекии он дар таърихи пайвандҳои адабии то замони инқилоб ва баъдиинқилобии собиқ Шӯравӣ ва Аврупо тадқиқотҳои арзишманд ба миён омадааст.

Асоси мушоҳида ва мулоҳизаҳо доир ба “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ, “Хамса”-ҳои Низомӣ, муносибати Низомӣ ба “Шоҳнома” ва таъсири бузурги он дар тақдири баъдинаи адабиёти халқҳои Шарқ, пеш аз ҳама, тоҷику турк сурат гирифта, ба ҳодиса ва масъалаҳои адабии қарни ХХ низ таъсири беш расонид. Аз ҷумла, ҷиддитарин мақолаи дар ин бобат ба миён омада, ки бо қалами профессор Ш.Ҳусейнзода марбут аст, чунин ишора шудааст: “...ин робита дар охирҳои асри Х1Х ва аввали асри ХХ шавқангезтар мегардад”. Ё худ М.Шукуров, ки мақолааш ба нашр расидааст, пас аз муносибати Низомиро ба “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ қайд кардан, бевосита ба ҳодисаҳои адабии баъди соли 1905 мегузарад. Мутаассифона, масъалаҳои мухталифи робитаҳои адабии чанд асри охир, аз ҷумла, асри ХХ аз доираи мушоҳида ва мулоҳизаҳои пурбаҳои Ш.Ҳусейнзода ва М.Шукуров берун мондааст. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки бори асосии ҳодиса ва масъалаҳои равобити адабии халқҳои тоҷику турк дар асрҳои гузашта бар дӯши маорифпарварон афтода будааст.

Устод Айнӣ то андозае ба ин масъала ишора карда навиштааст, ки “чандин сол боз дар миёнаи мусулмонон ислоҳи алифбо... масъалаи пурхархашае шуда омад... донишмандони форсизабон илоҷи комилро дар туркӣ кардани алифбои араб ва қабул кардани алифбои лотинӣ медонистанд....дар Бухоро аз алифбои лотинӣ гап задан он тараф истад, танҳо масъалаи усули таълимро ҳам дар миён ниҳода намешуд, зеро... болои ин масъала хунҳо рехта ва хонумонҳо барбод рафта буд”.

М.Ф. Охундов барои илму адабиёти халқҳои туркзабон ба адабиёти классикии тоҷику форс муносибати эҷодӣ дошт. Ин адабиёт махсусан, “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ дар дилу шуур ва умуман, тақдири эҷодии ӯ табаддулоте ба вуҷуд овард. Се мактуби беимзое, ки аз Бухоро ба М.Ф. Охундов расидааст, шаҳодат медиҳад, ки номбурда аз байни тоҷикон шиносҳо доштааст. Ин фикрро низ далели зерин тақвият медиҳад. Шахси номаълуме ба забони русӣ дар санаи 25.11.1853 аз Тифлис ба Охундов мактуб навишта, хоҳиш мекунад, ки маводҳои ба Саидалӣ Саидаҳмади Бухороӣ мансубро ҳатман ба забони русӣ тарҷума кунад ва мазмуну мақсади тарҷумаро махфӣ нигоҳ дорад.

Профессор Абдурраҳфи Фитрат ба мисли М.Ф. Охундов барои миллатҳои форсу тоҷик ва турк лоиҳаи алифбои ягонаи лотиниро пешкаш карда, навиштааст, ки “Лоҳутӣ ҳам ба мисли М.Ф. Охундов аз аввалин тарафдорони алифбои лотинӣ дар Шарқ аст”. Илова бояд кард, ки асари шашуми форсии Фитрат тарҷумаи “Мусулмонони дорурроҳат” ном романи таърихӣ ва ҳиссӣ аст, ки Исмоилбек Ғаспаринский, муҳаррири рӯзномаи “Тарҷумон” дар Боғчасарой ба забони туркӣ табъу нашр намуда буд.

Исмоилбек Ғаспаринский, яке аз он пешоҳангоне дар адабиёти Туркия аст, ки 8 марти соли 1851 дар Қрим таваллуд шуда, Гимназияи мардонаи Симферополро ба итмом расонидааст ва соли 1874 аз Фаронса ба Истамбул омада, маданияту таърихи халқи туркро омӯхтааст. Вай рӯзномаи “Тарҷумон”-ро ташкил медиҳад, ки он ба забони русӣ ва туркӣ нашр мешавад. Мардуми туркзабон барои он ки рӯзнома ба забони онҳо нашр мешавад, хурсандӣ мекарданд. Рӯзнома доир ба масъалаҳои рӯз, маориф ва маданият мақолаҳоро интишор мекард.

Дар натиҷаи ин муносибатҳо адибони миллатҳои туркзабон аз ҳарвақт дида, ба адабиёти ҳамдигар бештар рӯ оварда, аз он пурмазмун истифода кардаанд. Анъанаҳои қадима ва ғании ин адабиётҳо дар шароити нави таърихӣ ҷавлонгаҳи нав пайдо кард ва дардмандони даврони айёмро мунис, дармон ва такягоҳ гардид. Муносибатҳои адабӣ то дараҷае зоҳиран тағйир наёфт, вале аз ҷиҳати мазмун ва ғоя такомули тадриҷиро аз сар гузаронд.

Ҳоло мо ба тадқиқоти пурмуҳтавои устод Соҳиб Табаров дар бораи тарҷумаи романи нависандаи франсуз Фердинанд Дюшен «Қамар», ки ба қалами Садриддин Айнӣ тааллуқ дорад ва он аз намунаи барҷастаи асари илмӣ дар соҳаи тарҷумашиносӣ маҳсуб мешавад, назар меандозем. Ҳарчанд худи устод Соҳиб Табаров махсус таъкид намекунанд, лекин ба фикри банда ин тадқиқот аз як рисолаи номзадӣ камӣ надорад ва ҳалли масъалаҳо дар он дар сатҳи баланди касбии илмӣ ба анҷом расидааст. Дар тадқиқоти пурмуҳтавои “С.Айнӣ ва тарҷумаи “Қамар”-и Фердинанд Дюшен” адабиётшиноси тоҷик донишмандона оид ба сабабу асосҳои объективии ба ин тарҷума рӯ овардани Садриддин Айнӣ, зарурати мантиқии баргардони он ба забони тоҷикӣ сухан ронда, аз роҳи муқоисаи матнҳои русӣ, узбекӣ ва тоҷикӣ нишон медиҳад, ки донистани забонҳо ва нозукиҳои он, маҳорати баланди касбӣ барои ба вуҷуд овардани тарҷумаи барҷаста чӣ қадар муҳим аст. Чуноне ки медонем ва тавре ки муҳаққиқ Соҳиб Табаров ба таъкид меоварад, Садриддин Айнӣ ба тарҷумаи тоҷикии роман дар асоси матни ӯзбекии он шурӯъ кардааст. Баргардони ӯзбекӣ бошад аз тарҷумаи русии он бо такя ба баргардони озарӣ ба амал бароварда шудааст.

Аммо устод Соҳиб Табаров далерона ба муқобили ин қазия мебарояд ва ба субут мерасонад, ки дар дасти истеъдоди ҳақиқӣ масъала ранги дигар мегирад. С.Табаров менависад; «Вале ӯ (Садриддин Айнӣ – Г.Ш.) нагз ҳис мекунад, ки роман азбаски аз забони сеюм (ӯзбекӣ баъди франсузӣ ва русӣ – Г.Ш.) ба тоҷикӣ тарҷума мешавад. Дар ин ҳолат рӯй додани баъзе камбудиҳои хурду бузург ва содир шудани як қатор хатоҳо мумкин аст. Илова намудан ҷоиз аст, ки тарҷумаи ӯзбекии роман ё аз ҷиҳати бадеӣ камбудӣ дошт ва ё ба мутарҷими тоҷикии он С.Айнӣ номафҳум буд, боз ҳам хавф дар матни тоҷикӣ зиёдтар гардидани ин камбудиҳо аёнтар ва равшантар мегардад».

Ба ин мақсад С.Айнӣ бо ду матни русии тарҷумаҳои роман (А.Виноградов ва Н.Макшеева) аз наздик шинос мешавад, онҳоро муқоиса мекунад ва баъд ба кори тарҷума шурӯъ менамояд. Ба ин як мисол гуфтан мехоҳем, ки имрӯз адабиётшиносии тоҷик дорои комёбиҳои зиёди назарӣ мебошад ва аз онҳо мавриди тадқиқи мавзӯъ ва ҳалли масъала чун дастури методӣ истифода кардан мумкин ва лозим аст. Ҳоло гурӯҳи муҳаққиқони тоҷик ба монанди А.Давронов, А.Нуралиев, М.Бадалов, Н.Солеҳов, Ш.Муллоев, Х.Холов ва амсоли онҳоро номбар кардан мумкин аст, ки аввалин рисолаҳои илмии худро дар мисоли омӯзиш ва пажӯҳиши як шоир, як нависанда ва ё як асари машҳур ба вуҷуд оварда, дастраси мутахассис гузоштанд. Онҳо метавонанд барои омӯзиш ва тадқиқи масоили гуногуни таҷрибаи эҷодии адибони Туркия, баррасии қиёсии асл ва тарҷума, тарзҳои муносибат ба мероси адабии барҷаста, ҳусни баён ва поэтикаи хосси онон маводи фаровони методӣ ва методологӣ дода бошанд. Доир ба интихоби асар барои тарҷума Раҳим Ҳошим суханронӣ карда, чунин гуфта буд:

«Тарҷумон бояд асареро, ки хонда ва писандаш шудааст, ба тарҷума гирад. Асарҳои як нависандаро то ҳадди имкон тарҷумаи як мутарҷим, ба назари ман, мувофиқтар менамояд, чунки вай рафта-рафта ба услуб, ба асрори нигориши он нависанда беҳтар ошнӣ пайдо мекунад ва ин ба хуб шудани сифати тарҷума низ бетаъсир намемонад» («Мад. Тоҷикистон». 18.08.1981).

Далелҳои боло аз муносибати дутарафаи адибони форсу тоҷик ва турк, эҷоди Фузулӣ ба адабиёти тоҷику форс ва истифодаи вай аз таҷрибаи бадеии пешин дарак дода, адабиёти мардуми туркзабонро ба поя̀ҳои баланд бардошт ва дар инкишофи адабиёти форсу тоҷик ва араб ҳиссагузорӣ кард. Аз ҳамин сабаб хатти асосии робитаҳои адабӣ дониста шуд, ки тавассути он масъалаҳои аз кадом манбаъ ғизо гирифтани яке аз давраҳои тараққикардаи адабиёти тоҷику турк равшан мегардад. Ҳаҷ ба ҷониби олими

чех Юлиус Доланский аст, ки навиштааст: “Беҳтарин асарҳои адибони бузург қариб доимо ба таҷрибаи бадеии пешин такя намуда, аз он ғизо гирифтаанд”.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ С. Куллиёт / С. Айнӣ. Дар ХУ чилд ва ХХ китоб. Ҷилди Х1. Китоби 2. - Д., 1964. - С.347-348.
2. Алии Даштӣ. Таҷаллии се гӯяндаи бузург дар Ҳофиз / Даштӣ, Алӣ. - Теҳрон, 1349. - Чопи панҷум. - С.204-208.
3. Бехер И. В защиту поэзии / И.Бехер. - М.: Изд-во иностр.лит., 1959. - С.84.
4. Бушмин А.С. Преемственность в развитии литературы / А.С. Бушмин.- Л.: Изд-во “Наука”, 1975. - С.39.
5. Давронов А. Горизонты литературных связей / А.Давронов. – Душанбе: Маориф, 2000.
6. Жирмунский В.М. Сравнительное литературоведение / В.М. Жирмунский // Восток и запад. - М.: Наука, 1979. – 493 с.
7. Захираи дастхатҳои АФ Озарбойҷон, инв. 3 218, Г-п 213.
8. Лихачев Д.С. Поэтика древнерусской литературы / Д.С. Лихачев. – Ленинград: Изд-во “Худож.литература”, 1971. - С.142.
9. Охундов М.Ф. Эсерлери. 1т. / М.Ф. Охундов. - Бакы, 1958. - С.316.
10. Самад Валӣ. Тӯшаи ҳамдилӣ. Маҷмӯаи мақолаҳо / Валӣ Самад. - Душанбе: Адиб, 1989.Фузули. Эсерлери. 2 т. - Бакы, 1958. - С.291.
11. Фиш Р.Г. Писатели Турции – книги и судьбы / Р.Г. Фиш. - М.: Св. писатель, 1963.
12. Шахсуварян А.О. Абуали Ибн Сина в армянских источниках / А.О. Шахсуварян. - Ереван, 1960. - С.17.
13. Шарифова Г.А. Таджикско-турецкие литературные взаимосвязи в ХХ веке / Г.А.Шарифова. - Душанбе, 2015. – 280 с.

АДАБИЁТИ КЛАССИКИИ ФОРСУ ТОҶИК ВА ТАРҶУМАИ БАДЕӢ

Дар мақола таърихи бойи адабиёти халқҳои форсу ҳинд, арабу рус, Аврупо, махсусан хориқаи робитаҳои адабӣ, аз ҷумла таъсири як адабиёт ба ҷаҳони адабии халқҳои дигар баррасӣ гардидааст. Муаллифон қайд менамоянд, ки дар натиҷаи ин муносибатҳо адибони миллатҳои туркзабон аз ҳарвақт дида, ба адабиёти ҳамдигар бештар рӯ оварда, аз он пурмазмун истифода кардаанд. Анъанаҳои қадима ва ғании ин адабиётҳо дар шароити нави таърихӣ ҷавлонгаҳи нав пайдо кард ва дардмандони даврони айёмро мунис, дармон ва такягоҳ гардид. Муносибатҳои адабӣ то дараҷае зоҳиран тағйир наёфт, вале аз ҷиҳати мазмун ва ғоя такомули тадриҷиро аз сар гузаронд. Муаллифон ба он ишорат менамоянд, ки таърихи ғании адабиёти халқҳои форсу ҳинд, арабу рус, Аврупо ва махсусан, тоҷику турк шаҳодат медиҳад, ки пеш аз зуҳур ёфтани ягон ҳодисаи алоқаҳои адабӣ, аз ҷумла, таъсири адабиёти як халқ ба олами адабии халқи дигар ворид шуда, он ҷо нуфузу эътибор пайдо карда, дар ҷараёни адабӣ фаъолона иштирок мекунад ва ё баръакс бо мурури замон оҳиста-оҳиста ҳазм шуда, мавҷудияти худро аз даст медиҳад.

Калидвожаҳо: адабиёт, робитаҳои адабӣ,ташхис, рушд, таърих, халқ, рӯйдод, раванд, илм, мутафаккир, тоҷик, форсӣ, арабӣ, амри воқеӣ.

КЛАССИЧЕСКАЯ ПЕРСИДСКО-ТАДЖИКСКАЯ ЛИТЕРАТУРА И ХУДОЖЕСТВЕННЫЙ ПЕРЕВОД

В статье рассматривается богатая история литературы персидских и индийских народов, арабских и русских, европейских, особенно таджикских и турецких, а также феномен литературных связей, в том числе влияние одной литературы на литературный мир других народов. Авторы статьи отмечают, что в результате таких отношений представители туркоязычной литературы все больше стал уделять внимание на литературу друг друга и стали содержательно использовать ее. Древние и богатые традиции этих литератур в новых исторических условиях получили новое веяние и стали опорой для молодого поколения литераторов. Литературные связи в какой-то степени внешне не изменились, но по идейному содержанию получило постепенное развитие и усовершенствование. Авторы указывают на то, что богатая история литературы персидского и индийского, арабского и русского народов и народов Европы, в том числе, таджикского и турецкого народов свидетельствует о том, что перед проявлением какого - нибудь случая литературных связей, в том числе распространения влияния литературы одного народа на литературный мир другого народа, она приобретает там влияние и внимание и активно участвует в литературном процессе или наоборот с течением времени медленно усваиваясь, теряет свое существование.

Ключевые слова: литературные связи, литература, обследование, развитие, история, народ, событие, процесс, наука, мыслитель, таджик, персидский, арабский, факт.

CLASSICAL PERSIAN-TAJIK LITERATURE AND ARTISTIC TRANSLATION

The article examines the rich history of the literature of the Persian and Indian peoples, Arab and Russian, European, especially Tajik and Turkish, as well as the phenomenon of literary ties, including the influence of one literature on the literary world of other peoples. The authors of the article note that as a result of such relations, representatives of the Turkish-language literature began to pay more and more attention to each other's literature and began to use it meaningfully. The ancient and rich traditions of these literatures in new historical conditions received a new trend and became a support for the younger generation of writers. Literary ties to some extent did not change outwardly, but in terms of ideological content they received a gradual development and improvement. The authors point out that the rich history of the literature

of the Persian and Indian, Arab and Russian peoples and peoples of Europe, including the Tajik and Turkish peoples, testifies to the fact that before the manifestation of any case of literary ties, including the spread of the influence of literature of one people to the literary world of another nation, it gains influence and attention there and actively participates in the literary process, or vice versa, slowly assimilating over time, loses its existence.

Key words: literary connections, literature, survey, development, history, people, event, process, science, thinker, Tajik, Persian, Arabic, fact.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Шарифова Гулистон Амриддиновна*** – Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ. **Суроғa:** 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч. Н.Қарабоев 63/3. E-mail: **SharifovaG@inbox.ru.** Тел.: **(+992) 907-70-29-75**
Нурова Кубриё Алифовна - Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ. **Суроғa:** 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч. Н.Қарабоев 63/3.
E-mail: **nurova 74 @ list. ru.** Тел.: **(+992) 985-19-08-60**

Сведения об авторах: ***Шарифова Гулистон Амриддиновна*** - Таджикский технологический университет, доктор филологических наук, доцент кафедры таджикского языка. **Адрес:** 734061, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Карабаева 63/3. E-mail: **SharifovaG@inbox.ru.** Тел.: **(+992) 907-70-29-75**
Нурова Кубриё Алифовна - Таджикский технологический университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикского языка. **Адрес:** 734061, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Карабаева 63/3.
E-mail: **nurova 74 @ list. ru.** Тел.: **(+992) 985-19-08-60**

Information about the authors: ***Sharifova Guliston Amriddinovna*** - Technological University of Tajikistan, doctor of Pilology, docent of the Department of the Tajik language. **Address:** 734061, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Карабаева 63/3. E-mail: **SharifovaG@inbox.ru.** Tel.: **(+992) 907-70-29-75**
Nurova Kibriyo Alifovna - Technological University of Tajikistan, Ph. D. on philology, docent of the Department of the Tajik language. **Address:** 734061, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Карабаева 63/3.
E-mail: **nurova 74 @ list. ru.** Tel.: **(+992) 985-19-08-60**

УДК: 891.5

ТАҶДИДИ НАЗАР БА БАЪЗЕ ОБРАЗҲОИ «ЁДДОШТҲО»-И С. АЙНӢ

Шарифзода Л.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муҳимтарин масъалаи баҳси таҳлилии осори адабӣ дар мисоли асарҳои калонҳаҷми ҳамосӣ, ин таҳлили образҳои офаридаи нависандагон ва муносибати эшон ба онҳо мебошад. Устод Айнӣ ҳамчун мутафаккири бузурги таърихи адабиёту фарҳанги тоҷик дар замони табаддулот ва ҷомеаи сотсиалистии таърихи шӯравии тоҷик ба арзиш ва хувиятҳои миллии халқи тоҷик таваҷҷуҳи бағоят зиёде кардааст. Аз ин ҷост, ки образҳои офаридаи устод Айнӣ барои шинохти шахсиятҳо ва ҳаводиси замону макони таърихи пуршукӯҳи миллӣ ба ҳамзамонон ва наслҳои баъдӣ хизмат намуда меоянд. Ин роҳу усули шинохтани таърих ва шахсиятҳои халқи худ дар рӯҳия ва назарҳои самимии халқи тоҷик ва умуман инсони хирадманд ҷой дорад ва то ба имрӯз ҳамчун асоси диди таърихии тоҷикон идома дорад. Вале, мутаассифона, ин гуна бардошт дар таҳқиқоти замони муаллиф ва ҷомеаи шӯравии тоҷик камтар мавриди таваҷҷуҳ қарор меёфт ва дар гуфтугӯҳо боқӣ мемонд. Имрӯз, хушбахтона, бо даст ёфтан ба Истиқлол ва бунёди давлати миллӣ ин ниёзҳо аз ҳарвақта бештар аҳаммият пайдо мекунанд. Бинобар ин, таҷдиди назар ба ин ё он образ ва персонажҳои «Ёддоштҳо», чигунагии муносибати онҳо ба воқеияти зиндагӣ, ба ҷаҳонбинӣ ва сатҳи маърифати онҳо, хостаҳои зиндагӣ, озодандешӣ ва характеру хислатҳои шахсии ҳар як образи асосӣ ва эпизодӣ, ки онҳо бар сари худ як типи мукаммали инсониро зоҳир мекунанд, аз вазифаҳои муҳимми адабиётшиносии замони муосир аст. Зеро образҳои асосӣ ва эпизодии «Ёддоштҳо» дар адабиёти шӯравии тоҷик аз нуқтаи назари синфӣ ва ҷаҳонбинии танги музофотӣ тавзеҳ шудаанд, ки ин навъ арзёбии мавзӯъ яктарафа буда, маърифати асарро коста, боиси шакку тардид дар бузургии мутафаккире, чун С. Айнӣ мегардад. Вале дар ин миён бархе аз натиҷаҳои муҳаққиқон, аз ҷумла Муҳаммадҷони Шакурӣ истисноҳо дорад.

Муҳаммадҷони Шакурӣ дар мақолаҳо [19; 20] ва хосса монографияи худ, ки ба таҳлили хусусиятҳои ғоявию бадеии «Ёддоштҳо» бахшида шудааст [21], ба натиҷаҳои ҷолиби илмӣ расидааст, вале бо вуҷуди ин ҳама, эҳсос мешавад, ки муҳаққиқ ба асар мувофиқи талаботи идеологияи давр ва тақозои замон баҳо медиҳад. †Ҳамчунин, баҳсҳои зидду нақизи адибону мунаққидони замони шӯравӣ оид ба образи Қозӣ Абдулвоҳиди Садри Сарир ва тасвири корнамоии ӯ дар «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ ва бо фишор иваз намудани номи Шарифҷонмахдум ба Латифҷонмахдум таҷдиди назар мехоҳанд. Эътирози адибону мунаққидони шӯравӣ ба образҳои мазкур ва ҷавоби С. Айнӣ ба онҳо, ки дар мактубҳо омадаанд [2], тарафи ҷолиби масъалаи таҷдиди назар ба образҳои «Ёддоштҳо»-ро фароҳам меоранд. Бинобар ин, санҷидани андешаҳои муҳаққиқони замони шӯравӣ зарурати адабиётшиносии замони имрӯзист. Вале мо дар ин мақола ҳамаи образҳои «Ёддоштҳо»-ро таҳлил накарда, балки чанд нуктаи муҳимми хислату характер, ҷаҳони маънавӣ ва муносибати қаҳрамонҳо ба воқеияти зиндагиро аз дидгоҳи нав таъкид менамоем.

Бояд қайд намуд, ки дар «Ёддоштҳо» таъсири мафкураи замон дар тавзеҳи ками ҳаводис ва образҳо ба дида мехӯрад, вале устод Айнӣ ҳамаи рухдоду ҳодисаҳои аз сар гузаронидаи худ ва ҷараёнҳои адабиро аз дидгоҳи андешаи қаҳрамони ҷавону мушоҳидакори худ, ки он ҳам кӯдакӣ ва ҷавонии худаш аст, ба тасвир мегирад. Ин ҳолат, аз як тараф, намегузорад, ки хонанда дар сари ҳар як рухдоди асар худ андеша биронад ва аз асолати онҳо қазоват бикунад, аз ҷониби дигар, ин роҳ риояи усули (принсипи) таърихии эҷодиро, ки С. Айнӣ дар офаридани «Ёддоштҳо» асоси кори эҷодӣ медонист, муайян менамояд.

Маълум аст, ки дар асари ёддоштӣ имконияти образофарӣ ва типсозӣ назар ба дигар жанрҳои бадеӣ маҳдудтар аст. Вале нависандаи бомаҳорат дар асоси муносибати қаҳрамони асар бо ҳодисаҳои ҷудогонаи замонӣ ва ҷаҳони маънавӣ ва ҷиҳатҳои муҳимми характери ибратбахш ва омӯзанда метавонад образҳои барҷастаи бадеӣ офарад. Аз ҳамин нуқтаи назар, дар «Ёддоштҳо» чандин образи барҷастаи бадеист, ки онҳо чунин хислатҳои ибратбахшу омӯзандаи характерҳои типиро чун маҳсули вазъиятҳои типии аз тарафи С. Айнӣ ҳаққонӣ тасвир кардашуда фаро мегиранд.

Образҳои асосии мусбати ду қисми аввали «Ёддоштҳо» – Сайид Муродхоҷа (падари нависанда), Зеварой (модари нависанда), Тӯтапошшо, Хайбар, Усто амак, Лутфулло – Гӯппон, Қозӣ Абдулвоҳиди Садри Сарир, Ҳабиба, Ҷуфтронон, Бекбобо, Махдуми Гав, Пирак, Мулло Туроб, Қурбонниёз, Аҳмади Дониш (Одами аҷиб) ва ҳамфикрони ӯ, Мулло Бурҳон, Духтари ноком ва худи нависанда – Садриддин мебошанд. Вале муносибати нависанда ба ҳамаи ин образҳои худ якхела нест. Масалан, нависанда барои офаридани образи падар аз бисёр имкониятҳои образофаринӣ истифода бурда, хислату характер, ҷаҳонбинӣ, маънавияту забони ҳикматомези ӯ ва муносибати ӯро ба воқеаҳои замон ба тафсил тасвир менамояд, вале барои офаридани образи Қозӣ Абдулвоҳиди Садри Сарир ҳамагӣ чанд лаҳзаи муҳимми рӯзгори ӯро мегирад. Бидуни шакку тардид метавон гуфт, ки ҳамаи ин образҳо ҳамагӣ бардорандаи хусусиятҳои ғоявию бадеии асарро дар шароитҳои гуногун, гоҳе лаҳзагӣ ва гоҳе типро тар шароити типӣ таъмин намудаанд. Гуфтан мумкин аст, ки бунёди моҳияти иҷтимоӣ ва маънавии ин образҳо асоси ғоявӣ ва композитсионии асарро таъмин мекунанд ва асарро пойдор медоранд. Бояд қайд намуд, ки ин образҳо ҳар як бар худии худ намунаи шахсиятҳои миллии халқи тоҷик мебошанд, на чун образҳои як синфи деҳқони мазлуми ҷомеа. Бинобар ҳамин ҷиҳатҳои муҳимми миллӣ чанд образи асарро аз назар мегузаронем.

Чунонки таъкид рафт, дар образи Сайид Муродхоҷа характери ӯ пурра ва пурқувват тасвир шуда, нависанда хислатҳои асосии ӯро ҳартарафа зоҳир мекунад. Симои миллӣ ва

---

†Бояд қайд намуд, ки ин андешаро нигоштаҳои худи муҳаққиқ дар солҳои бозсозӣ ва даврони истиқлолияти тоҷикон низ равшан мекунанд. Чунончи, донишманди муҳтарам дар сарсухани китоби худ – «Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи бист» (Душанбе: Пайванд, 2006), мегӯяд: «Бештар аз панҷоҳ сол аст, ки камина дар бораи адабиёти шӯравии тоҷик чизе мегӯям ва коғаз сиёҳ мекунам. Имрӯз бисёре аз андешаҳои пештараи худро ботил мешуморам, бо қатъият аз онҳо даст мекашам. Баъзеи ин андешаҳо аз пиндорҳои расмии замони шӯравӣ ва бархе аз норасоии фаҳмиши худам сар зада буданд» [13, с.5] – Л.Ш.

маънавии ӯ хеле боварибахш ва доираи хостаҳояш хеле васеъ буда, хислатҳои ибратбахш ва омӯзандаи бисёре дорад ва дар маҷмӯъ, намунаи як шахсияти инсони комилро нишон медиҳад. Аз ҷумла ҳикматдӯстӣ, илмдӯстӣ, меҳнатдӯстӣ, инсондӯстӣ ва нафрат ба муфтхӯрону фиребгарон барин хислатҳо дар ин образ ҷойи асосиро мегиранд.

Яке аз хислатҳои асосии падар илмдӯстии ӯст, ки ҷанбаи маънавии образро пурқувват ҷилва дода, дар забони ҳикматомези ӯ ба дараҷаи камолот мерасад. Муносибати ӯ бо атрофиён, хосса бо фарзандон ибратбахш ва омӯзанда мебошад. Вай ҳатто барои хонда саводнок шудани атрофиёну ақрабони худ ба онҳо «дарсҳои ибтидоӣ хононда ва якчанд нафар бачагони деҳаро саводхон карда, ҳамаашонро ба Бухоро бурда дар мадраса ҷойгир кунонида» буд ва «Мо худ нарасидем, ту шояд бирасӣ» – гӯён орзу мекард барои онҳое, ки ҳаваси хондан доштанд [3, с.8]. Инчунин барои хондани фарзандон аз ҳарвақта дида меҳнати зиёд мекунад. Илмдӯстӣ ва саводнокии падар дар «Ёддоштҳо» боз дар мунозираҳои ӯ бо мулло ва имомҳои деҳа равшан мушоҳида мешавад. Чунончи, дар мунозираи ӯ барои фош кардани аҳмақӣ, нодонӣ ва тангназарии имоми деҳа, ки се чилими поякиҳоро шикастааст ва ин амали худро бо «мағрурии диндорона» ба мардум мерасонад, барои нодурустии ин амали имом баҳс карда, барои ҳақ надоштани имом ба чунин кор, ба шаҳр меравад ва аз муфтӣ ривояти шаръӣ меорад [3, с.95]. Ин мунозира аз саводнокӣ (вай чанд сол дар Бухоро хондааст [3, с.8]), сатҳи маърифати он ва фикри мустақил доштани ӯ гувоҳӣ медиҳад. Яке аз воситаҳои ӯ дар ин мунозираҳо, ки нависанда ҷанҷол гуфтааст, ин аз «масъалаҳои нӯгирӯймолӣ» огоҳ будани ӯст: «вай масъалаҳоеро, ки баъзе касон барои ғолиб омадан дар мунозира ёд гирифта мемонданд, чистонҳо, муаммоҳо ва ҳисоби абҷад барин чизҳоро, ё маънии баъзе шеърҳоро, ки фаҳмидани он ба донистани ягон воқеа мавқуф аст, медонист, муллоҳои расмии деҳот бошанд, ин гуна чизҳоро намедонистанд, баъзеи онҳо ҳатто саводи алифбоӣ ҳам надоштанд. Ана бо ин гуна масъалаҳо ӯ муллоҳои деҳотро маглуб мекард ва «нодон» гуфта дар пеши рӯяшон таҳқир менамуд» [3, с.92]. Ин гуна муносибати падар ба воқеияти ҳаёт ба сатҳи маънавиёти ӯ хос буда, як андоза огоҳ будани қаҳрамонро аз хатту савод, аз илму адабиёт, аз шариат ва ғайра муайян менамояд.

Дигар хислатҳои омӯзанда ва ибратбахши ин образ адабиётдӯстию шеърфаҳмии вай аст, ки ин ҷиҳат низ ҷанбаи маънавии образро устувор намудааст. Шавқу ҳаваси падар ба адабиёт ва шеър аз табиати шарқиёнаи образ сарчашма гирифта, асоси образи миллиро дар шароити нав бунёд гузоштааст. Сайид Муродхоҷа низ ба шеър ва шахсиятҳое чун Саъдӣ, Ҳофиз, Соиб, Бедил ва Исо барин шоиронро бо эҳтироми тамом ба забон мегирад, аз эҷодиёти онҳо байтҳои зиёде медонад ва гуфтаҳои онҳоро сармашқи кори худ мекунад ва ба ин восита ном ва хотираи онҳоро дар дили худ нигоҳ дошта, анъанаи қадимаи миллии тоҷикиро идома медиҳад. Нависанда ҷанбаи маънавиёти образро дар забони ҳикматомези ӯ ба дараҷаи камолот расонида, ҳикмати халқӣ, ақлу хиради халқи тоҷикро дар он таҷассум менамояд. Ҳангоми сухангӯйӣ муҳокимаҳои ӯ оқилона садо медиҳанд ва аз маънавиёти балани образ дарак медиҳад. Чунончи, падар мегӯяд: «Шеъргӯӣ ҳамеша ва дар ҳама кас сифати нек шудан намегирад. Шеър ҳам монанди илм як шамшер аст, агар бо шамшер одами бадро – душманро кушӣ, хуб аст, аммо агар бо шамшер ягон одами одӣ кушта шавад, хуни ноҳақ мешавад, кушандаро куштан лозим меояд. Шеър ҳам агар ба некӣ кор фармуда шавад, хуб аст, аммо агар ба бадӣ кор фармуда шавад, аз вай бадтар чизе нест» [3, с.93]. Ва ё «Аз ҳама чиз одам зӯр аст» [3, с.37], «Аз болои насаб фахр кардан кори аҳмақон аст» [3, с.106] гуфтани ӯ ҳамагӣ саршор аз ҳикмат аст.

Ин ҷиҳати образ аз назари муҳаққиқи «Ёддоштҳо» Муҳаммадҷони Шакурӣ низ дур намондааст. Донишманди муҳтарам яке аз хислатҳои муҳимми Сайид Муродхоҷаро дар нутқи ҳикматомези ӯ дониста, мегӯяд: «Барҷастатарин хусусияти забони падар ҳикматомез будани он аст. Нависанда дар бисёр гуфтаҳои Сайид Муродхоҷа ҳикмати халқӣ, ақлу хиради халқро таҷассум менамояд» [19, с.95]. Ба ин ҷиҳат бештар аҳаммият додани нависанда, ба назари мо, ду сабаб дорад: нахуст ин аст, ки ҳикматдӯстӣ яке аз хислатҳои муҳимми халқи мо мебошад. Зеро дар ҳаёти маънавии халқи тоҷик панду насиҳат ва ҳикматдӯстӣ ҳанӯз аз замони Рӯдакӣ огоз гирифта, дар эҷодиёти

донишмандони бузурги тоҷик – Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Ҷомӣ, Сайидо ва ҳатто Аҳмади Дониш ба таълимоти тарбиявӣ диққати махсус дода шуда, дар ҳамин замина асарҳои бузурги ҷаҳонӣ офаридаанд. Ин падидаи анъанавии миллиро, ки маънавиёти фарҳанги тоҷикӣ бо умқи мардумпарварӣ, камолоти инсонӣ, ваҳдати пешбари мутамаддини ба худ хос дар образи Сайид Муродхоҷа идома ёфтааст, як навъ эҳёи маънавиёти миллӣ бояд шинохт. Дувум ин ки нависанда таҷаддуди ин фарҳангро мушоҳида карда, хостааст як образро, ки бо ин арзишҳо ба камолоти инсонӣ расидааст, барои насли замони нав намунае офарад.

Дигар аз хислатҳои муҳимми ин образ меҳнатдӯстист. Қариб дар тамоми қисми якуми асар, ки падар дар муносибат ба падидаҳои мухталифи зиндагӣ тасвир шудааст, дар ҷараёни меҳнат ва офаридани неъматҳои моддӣ намоён мегардад. Табиати меҳнатдӯстии вай имконият намедиҳад, ки рӯзеро бе ягон коре гузаронад. Вай ҳам деҳқон, ҳам бофанда, ҳам рангрез ва сангиосиётарош аст. Ба ин ҳолат зиндагӣ кардан ва ҳамеша ба коре машғул гаштан ва касбҳои гуногунро аз худ кардани Сайид Муродхоҷа, бушубҳа танҳо аз характери меҳнатдӯстии ӯ набуда, балки асоси ҷиддитаре дорад. Ин, албатта, аз ҷанбаи иҷтимоии меҳнат холӣ нест, вале ба назари мо, асоси меҳнатдӯстии ӯро кайфияти зиндагӣ фароҳам овардааст. Чунончи, вай дар ҷавоби Қурбонниёз, ки «ман шумо барин боғайрат шуданро мехоҳам» мегуфт, бо чунин суханҳои ҳикматомез ҷавоб мегӯяд: «Агар хоҳӣ, ман баринак не, аз ман зиёдтар бағайрат, коркун ва кордон шуда метавонӣ, ҳама гап дар хостан ва хоҳиши худро ба кор даровардан аст. Агар танбалон ва танпарварон медонистанд, ки *кор чӣ гуна бадани касро сахт мекунад ва дили касро ҳузур медиҳад*, ҳеҷ гоҳ дар сояи бекорӣ намехобиданд» [3, с.25]. Дар ин суханҳо ҳикмати халқӣ ва кайфияти зиндагӣ барои қаҳрамон дар меҳнат аст, ки «чӣ гуна дили ӯро ҳузур медиҳад» [3, с.25].

Ҳамин тавр, образи Сайид Муродхоҷа марди комилест, ки бо хостаҳо, ҷаҳони маънавӣ ва қувваю бозуи худ намунаи як шахсияти комили инсониро ба вуҷуд овардааст. Ӯ кулли халқро намояндагӣ мекунад, на як табақаи деҳқононро, ки дар ин сурат доираи маърифати образ яктарафа шуда, ҷанбаи синфӣ мегирад, ки ин навъи бардошт мақсади нависандаро дар офаридани образ ба манзили мақсуд намерасонад.

Образи дигар, ки бештар ҷанбаи анъанавӣ ва маънавии ҳикмат ва ақлу хиради халқ, қувваи эҷодкории халқро ҳамчун миллати офаранда дар офаридани неъматҳои маънавӣ инъикос намудааст, ин образи афсонагӯи 80-сола Тӯтапошшо аст. Ин образ низ ҷанбаи қавии маънавии миллиро тақвият мебахшад ва халқи тоҷикро дар муҳити маънавӣ кайфияти зиндагӣ илҳо менамояд. Характери муҳимми Тӯтапошшо ин афсонагӯй ва афсонахонӣ мебошад, ки ҷузъи асосии маънавиёти фарҳанги халқи тоҷик аст. Вай на танҳо бисёр афсона медонист, балки, бе шакку тардид, дар айни замон афсонаи маҳсули зеҳни худро низ эҷод менамуд. Аз ҷониби дигар, анъанаи афсонахониро бо як ҳунармандӣ идома медиҳад. Нависанда дар «Ёддоштҳо» афсонаи «Ятими доно ва бойи фиребгари нодон»-ро аз забони вай оварда, дар охир чунин натиҷагирӣ менамояд: «Тӯтапошшо ин ҳикояро бо образҳои бисёр равшан ва бо тасвирҳои содаи халқӣ бағоят дилчасп нақл карда буд, бо вуҷуди хурдсолӣ ман ва дигар шунавандагон бо шунидани ин воқеа ба ҳаяҷон омада будем... Дар ҳар ҳол ман он кампири 80-солаи бесаводро дар ҳикоябандии воқеаҳо устоди аввалини худ медонам ва ӯро ҳар вақт ба некӣ ёд мекунам. Тӯтапошшо, – мегӯяд нависанда, – дар ҳикоянақлкунӣ умуман бисёр ҳунарманд буд» [3, с.34]. Давомдиҳандаи анъанаҳои миллӣ дар ин образ боз дар он зоҳир мегардад, ки Тӯтапошшо на танҳо афсонаҳои деву аҷинаро медонист, балки қиссаҳои Рустам, Исфандиёр, Сиёвуш ва Абӯмуслимро низ аз ёд медонист ва ҳар вақт ба шунавандагон қисса мекард. Яъне, ин образ дар шароити таълифи асар ва шояд имрӯз низ намунаи он образи гӯяндагони моҳир ва донишманди халқист, ки барои зинда нигоҳ доштани ин анъанаи миллии мо, ки реша дар маънавиёт дорад, мусоидат менамояд. Бинобар ин, ин образҳои зикршуда ва дигар образҳои «Ёддоштҳо»-ро низ намунаи нави муборизаи синфии меҳнаткашон ва ин образҳоро одамони нав номидан, яктарафа назар намудан ба асар мебошад, ки барои замони мо номумкин аст. Ва чунонки таъкид рафт, боиси шакку тардид дар маърифати офаридаҳои адиб мегарданд.

Ҳамин тавр, метавон қазоват намуд, ки С. Айнӣ барои замони нав – «замони зиндагии советии сотсиалистӣ» ва шояд имрӯз низ арзишҳоеро, хосса арзишҳои маънавии халқи тоҷикро эҳё намуда, вазъияти ногувори бар асари замон пешомадаро, бо ормону хостаҳои миллии замони гузашта пур намудан хостааст. Ин ҷиҳат имрӯз низ метавонад чун муттакои ормон ва хостаҳои мо барои имрӯзу фардо гардад. Яъне, нигоштаҳи устод Айнӣ, хосса «Ёддоштҳо» ҳам барои замони худ ва ҳам барои ояндаҳост.

АДАБИЁТ

1. Абдуллоҳ М. Устод Айнӣ ва худогоҳии миллӣ / М.Абдуллоҳ // Садои Шарқ. - 1996. – № 5-8. – С. 82-84.
2. Аз мактубҳои С. Айнӣ ба адибони тоҷик (Ба чоп тайёркунанда: К. Айнӣ) // Шарқи сурх. – 1956. – №4. – С. 100-114.
3. Айнӣ С. Ёддоштҳо (чаҳор қисм дар як китоб) // Энсиклопедияи насри муосири тоҷик. Асари бадеӣ / С. Айнӣ. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик, 2009. – 680 с.
4. Акрамов О. Асари барҷаста / О. Акрамов // Тоҷикистони сурх. – 1953. – 24 апрел. – № 21 (958). – С. 2.
5. Амирқулов С. «Ёддоштҳо» ва таҳқиқи ҷараёни адабӣ / С. Амирқулов // Садои Шарқ. – 1976. – № 12. – С. 112-119.
6. Амонов Р. Оид ба мавқеи фолклор дар «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ / Р.Амонов // Ахбороти шуъбаи фанҳои ҷамъиятии АФ РСС Тоҷикистон. – 1950. – № 1. – С. 43-50.
7. Бобоев Ю. «Ёддоштҳо»-и Айнӣ (қ. I-II) / Ю. Бобоев // Шарқи сурх. – 1950. – №6. – С. 115-123.
8. Бобоев Ю. «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ (китоби сеюм) / Ю. Бобоев // Газетаи муаллимон. – 1950. – 12 декабр. – № 50 (957). – С. 3.
9. Бобоев Ю. Қисми сеюми «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ / Ю. Бобоев // Шарқи сурх. – 1951. – №1. – С. 102-109.
10. Брагинский И.С. Ёддоштҳо / И.С. Брагинский // Ҳаёт ва эҷодиёти Садриддин Айнӣ. Монография. – Душанбе: Ирфон, 1968. – С. 131-158.
11. Маҳмадаминов А. Айнишиносӣ ва замони ҳозира. Маҷмӯаи мақолаҳо / А. Маҳмадаминов. – Душанбе: Эҷод, 2005. – 160 с.
12. Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ. Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи бист (Маҷмӯаи мақолаҳо) / Бухороӣ, Муҳаммадҷони Шакурӣ.– Душанбе: Чопхонаи «Пайванд», 2006. – 456 с.
13. Сайфуллоев А. Образи одамони нав дар «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ / А. Сайфуллоев // Шарқи сурх. – 1959. – № 4. – С. 94-110.
14. Табаров С. Дар бораи «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ / С. Табаров // Газетаи муаллимон, – 1949. – № 34 (890). – 6 сентябр. – С. 3.
15. Табаров С. Қисми сеюми «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ / С. Табаров // Тоҷикистони советӣ. – 1951. – 16 май. – С. 3.
16. Турсунзода М. Садриддин Айнӣ / М. Турсунзода // Шарқи сурх. – 1953. – № 4. – С. 8-22.
17. Шарифзода Х. Сездаҳ мақола. Маҷмӯаи мақолаҳо / Х. Шарифзода. – Душанбе, 2013. – 272 с.
18. Шарифов Х. Устод Айнӣ ва мафкураи таърихии халқ / Х. Шарифов // Услуб ва камолоти сухан. Маҷмӯаи мақолаҳо. – Душанбе: Ирфон, 1985. – С. 95-105.
19. Шукуров М. Инъикоси муҳимтарин протсесҳои таърихии ҷамъият дар образҳои мусбати «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ (қисмҳои I ва II). / М. Шукуров // Шарқи сурх. – 1956. – № 5. – С. 90-105.
20. Шукуров М. Инъикоси муҳимтарин протсесҳои таърихии ҷамъият дар образҳои мусбати «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ (қисмҳои I ва II). / М. Шукуров // Шарқи сурх. – 1956. – № 6. – С. 101-117.
21. Шукуров М. Хусусиятҳои ғоявию бадеии «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ. Монография / М. Шукуров. – Душанбе: Дониш, 1966. – 260 с.
22. Шукуров М. Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи бист / М. Шукуров // Садои Шарқ. – 1998. – № 1-6. – С. 111-121.
23. Ятимов С. Адабиёт ва диалектикаи ҳаёт / С.Ятимов. – Душанбе: ҶДММ «Ганҷ нашриёт», 2019. – 248 с.

ТАҲДИДИ НАЗАР БА БАЪЗЕ ОБРАЗҲОИ «ЁДДОШТҲО»-И С. АЙНӢ

Мақолаи мазкур ба шарҳу таҳлили чанд образи ҷолиби диққати «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ бахшида шудааст. Ҳамон гуна ки дар матни мақола омадааст, масъалаи шарҳу таҳлил ба образҳои офаридаи С. Айнӣ, хусусан образҳои барҷастаи миллӣ дар мисоли «Ёддоштҳо» қобили бознигарӣ ва таҳдиди назар аст. Муаллиф аз ин дидгоҳ образҳои Сайид Муродхоҷа – падари нависанда, Зеварой – модари нависанда, Тӯтапошшо – афсонагӯи 80-сола, ки рамзи ҳикмат ва хиради халқ шудааст, Абдулвоҳиди Садри Сарир – қозии ҳалолкор, поквиҷдону раиятпарвар тасвир шудаанд, баррасӣ менамояд. Дар мақола таъкид мегардад, ки дар образи Сайид Муродхоҷа характери ӯ пурра ва пурқувват тасвир шуда, нависанда хислатҳои асосии ӯро ҳартарафа зоҳир мекунад. Симои миллӣ ва маънавии ӯ хеле боварибахш ва доираи хостаҳояш хеле васеъ буда, хислатҳои ибратбахш ва омӯзандаи бисёре дорад ва дар маҷмӯъ, намунаи як шахсияти инсони комилро нишон медиҳад. Аз ҷумла ҳикматдӯстӣ, илмдӯстӣ, меҳнатдӯстӣ, инсондӯстӣ ва нафрат ба муфтхӯрону фиребгарон барин хислатҳо дар ин образ ҷойи асосиро мегиранд. Ин ҷиҳатҳои образ хеле муҳим аст. Дар мақола кӯшиш мешавад, ки образҳои асосӣ ва эпизодии «Ёддоштҳо»-ро, ки дар адабиёти

шӯравии тоҷик аз нуқтаи назари синфӣ ва ҷаҳонбинии танги музофотӣ тавзеҳ шудаанд, бо назари объективӣ ба маводи адабӣ ва бо назари интиқодӣ муносибат кардан ба матнҳои мавриди ниёз шарҳу таҳлил ёбанд.

Калидвожаҳо: «Ёддоштҳо», Сайид Муродхоҷа, образ, образҳои мусбат, таъсири мафкураи замон, назари интиқодӣ, офаридани неъматҳои моддӣ, имкониятҳои образофаринӣ, хислату характер, ҷаҳонбинӣ, маънавият, забони ҳикматомез, камолоти инсонӣ.

ОБНОВЛЕННЫЙ ВЗГЛЯД НА НЕКОТОРЫЕ ОБРАЗЫ “ВОСПОМИНАНИЙ” С. АЙНИ

Данная статья посвящена анализу нескольких интересных, с точки зрения нынешних современных методологий литературоведения, образов величайшего памятника Садриддина Айни “Воспоминания”. Автор приходит к выводу, что некоторые образы произведения, олицетворяющие характерные черты таджикского народа и его особого менталитета, необходимо рассматривать, исходя из новых подходов литературоведческого исследования. К таким замечательным образам относятся Сайид Муродходжа – отец писателя, Зеварой – его мать, Тутапошшо – 80-летняя сказочница, являющаяся воплощением народного разума и мудрости, Абдулвохид Садри Сарир – праведный казий, добропорядочный, честный и добросовестный человек. Среди них особо выделяется Сайид Муродходжа. Писатель характеризирует его всесторонне, показывая не только его сущностные человеческие характеристики, но и внутренний мир персонажа, его думы и переживания. Национальные нравственно-моральные качества данного образа показаны очень глубоко. Для писателя он имеет большое значение в контексте общечеловеческих ценностей. Для С. Айни этот образ является воплощением совершенного человека, его внутренний облик, его стремление с помощью нравственности и морали, наук и мудрости противостоять жестоким проявлениям феодальных правителей вполне созвучны прогрессивным идеям самого писателя, великого просветителя и основоположника нового периода таджикской литературы. Автор также полагает, что необходим обновленный взгляд на некоторые другие образы, рассматриваемые в советское время литературоведами с позиций коммунистической идеологии. Их надо исследовать вне политики и идеологии, в плане объективных реалий и требований ценностей литературы мирового масштаба, с точки зрения новых современных подходов и методологий литературоведческой науки.

Ключевые слова: “Воспоминания”, Сайид Муродходжа, образ, положительные образы, влияние идеологии, критический подход, материальные блага, способы создания образов, характер, мировоззрение, нравственность, язык, мудрость, человеческое достоинство.

AN UPDATED LOOK AT SOME IMAGES OF “MEMORIES” BY S. AINI

This article is devoted to the analysis of several images of the greatest monument of Sadriddin Aini “Memories” from the point of view of current modern methodologies of literary criticism. The author comes to the conclusion that some images of the work, embodying the characteristic features of the Tajik people and their special mentality, should be considered based on new approaches to literary research. Such wonderful images include Sayyid Murodkhoja - the writer's father, Zevara - his mother, Tutaposhsho - an 80-year-old storyteller who is the embodiment of the people's mind and wisdom, Abdulvohid Sadri Sarir - a righteous Kaziy, a respectable, honest and conscientious person. Among them, Sayyid Murodhoja stands out. The writer will characterize him comprehensively, showing not only his essential human characteristics, but also the inner world of the character, his thoughts and experiences. National moral and moral qualities of this image are shown very common. For a writer, it is of great importance in the context of universal human values. For S. Aini, this image is the embodiment of a perfect man, his inner appearance, his desire to resist the cruel manifestations of feudal rulers with the help of morality and morality, science and wisdom are quite consonant with the progressive ideas of the writer himself, the great enlightener and founder of the new period of Tajik literature. The author also believes that a renewed look is needed at some other images, which were considered by literary scholars in Soviet times from the position of communist ideology. They need to be studied outside politics and ideology, in terms of objective realities and the requirements of the values of world literature, from the point of view of new modern approaches and methodologies of literary science.

Key words: “Memories”, Sayyid Murodhoja, image, positive images, influence of ideology, critical approach, material wealth, ways of creating images, character, worldview, morality, language, wisdom, human dignity.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Шарифзода Лутфулло Абдулло*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, аспиранти кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикӣ. **Суроғa:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ, 17. E-mail: **sharifzodal@mail.ru.** Тел.: **(+992) 985-86-86-46**

Сведения об авторе: ***Шарифзода Лутфулло Абдулло*** – Таджикский национальный университет, аспирант кафедры теории и новейшей персидско-таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки 17. E-mail: **sharifzodal@mail.ru**. Тел.: **(+992) 985-86-86-46**

Information about the author: ***Sharifzoda Lutfullo Abdullo*** – Tajik National University, the aspirant of chair theory and the latest tajik-persian. . **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.
E-mail: **sharifzodal@mail.ru**. Tel.: **(+992) 985-86-86-46**

УДК: 891.550.09

ТАҶАЛЛИИ СИМОИ ЗАНОН ДАР АДАБИЁТИ ТАСАВВУФИИ ФОРСИИ ТОҶИКӢ

Шоева Н.А., Муҳаммадиев Ш.М.
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ
Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакӣ

Дидгоҳҳо оид ба ҷойгоҳи зан дар ҷомеа ва адаби форсии тоҷикӣ марбут мешавад ба давраҳои то исломӣ, исломӣ ва дар таърихи навини тоҷикон шурӯъ аз инқилоби октябри русӣ то ба имрӯз.Дар шинохти масъалаи зан ва хусусиятҳои марбут ба тасвири симои ӯ дар адабиёт таваҷҷуҳ ба заминаҳо ва решаҳо, ҷараёнҳо ва сайри таҳаввулоти таърихии онҳо гиреҳкушои бисёр мушкилотест, ки таъсири вақоеъи иҷтимоӣ, сиёсӣ ва таърихиро бар сарнавишти воқеӣ ва китобии зан таъйин мекунад.

Таҳлили ҷомеъ ва дақиқи шеваҳои шаклгирии афкори адабӣ дар бораи зан масъалаҳои нақши сиёсат ва мазҳаб дар бохти асолати инсонӣ ва фарҳангии тасвири мавзӯи занро истисно намекунад, ки дар марҳилаҳои зикршуда нақши муҳим доштааст.

Таъсири омилҳои иҷтимоию фарҳангиро, чунонки ишораҳое доштем, дар тафаккури бадеии Фирдавсӣ низ наметавон инкор кард. Нағмаҳои носозе, ки ҳар ҷойи асараш дар бораи зан Фирдавсӣ сар медиҳад бояд, маҳсули воқеияти иҷтимоии замони шоир ва пеш аз ӯст, ки ба замонҳои таърихӣ ва фарҳангӣ марбут мешавад. Зиёда аз ин бадгумониҳоеро, ки Фирдавсӣ дар ҳаққи зан дорад ва аз забони қаҳрамононаш ба миён мегузорад, ҷуз воқеияти адабӣ ва ҳунарӣ чизи дигаре нест, ки низ ба заминаҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва таърихии ахлоқи ҷомеаи қабл аз Фирдавсӣ ва замони зиндагии шоир ва ҳатто давраҳои сонии таърих пайванд меҳӯрад.

Намунаи чанд бадгумониҳои Фирдавсиро зикр карда, ба тавзеҳи комили масъала мепардозем. Фирдавсӣ аз забони Исфандиёр ба модараш Катоюн меоварад:

Чу бо зан паси парда бошад ҷавон,
Бимонад маниш пасту тира равон.

Ҳамчунин посухи Сиёвуш ба падараш низ аз ҷумлаи ҳамин гуна бадгумониҳост:

Чӣ омӯзам андар шабистони шоҳ,
Ба дониш занон кай намоянд роҳ.

Ҷонон Бобокалонова дар рисолаи “ Зан ва замон” барҳақ навиштааст, ки “образҳои манфии занон дар “Шоҳнома” дар тасвири қувваҳои неку бад, ки решаҳои он аз қарнҳои бостонии пеш аз мелод об хӯрдааст, сурат гирифтааст. Ҳаким Фирдавсӣ агар дар кулли мавридҳо занонро чун бинокунандаи қувваҳои нек, асосгузори ҳаёту ҳастӣ тасвир карда, чун давомдиҳандагони зиндагии инсонҳо ва пайванди ҳиссу эҳсоси некиҳои ҳаёт ситоиш карда бошад, дар мавридҳои алоҳида ба зан чун ба инсони зинда ва на ҳамеша солиму боақлу хирад низ муносибат намудааст. Шоир бо офаридани образҳои манфии занон пойдор набудани бадӣ ва зиштиву тамаъкориро низ тасвир менамояд. Гоҳ мусбату гоҳ манфӣ офарида шудани образи зан дар “Шоҳнома” вобаста ба ғояи асосии асар – муборизаи ду қувваи ба ҳам зид - қувваи некӣ ва бадӣ (Аҳриман ва Аҳурамаздо) мебошад” [2, с.248].Чунин тавзеҳот дар адабиётшиносии тоҷик солҳои тӯлонӣ ба муд даромада буд, бахусус дар тавзеҳи образҳои мусбату манфӣ. Вале ҳақиқат ин аст, ки “заминаи образ хеле пештар то ба вучудоии образи бадеӣ омода мешавад, ҳамчунон ки лаҳзаи зебоишинохтӣ дар заҳмати инсон қабл аз санъат ба дунё меояд» [3, с.3].

Ба ин далел, масъалаҳои мантиқии далоил ва авомили ақли шайдо ва шайдоии оқилона дар тасвири мавзӯи зан ва ба ин васила талаққии ахлоқи бегона, мавзеъгириҳои ошиқонаи Зулайхо тасвири навъи дӯстонаи мушкилоти фаҳшо ва баёни мушкилоти фавоҳиш ва ҳамҳиссӣ бо бепаноҳии зан, чеҳраи ахлоқии ниммарду нимзан (нармода) пайдо кардани зан дар баъзе осори адабии замони шӯравии тоҷик ва ғайра танҳо марбут ба тафаккури бадеӣ, ё худ тарзи идроки бадеии ин ё он қаламкаш нестанд.

Ҳатто «нағмаҳои носозе, ки Фирдавсӣ гоҳе ба зиёни занон сар» медиҳад, реша дар таърихи гузашта дорад. «Дар давраи Сосонӣ чизе, ки беш аз ҳама дастхуши тасарруф ва

носиху мансух ва ҷарҳу таъдили мӯбадон буд, «ҳуқуқи шахсӣ» аст. Махсусан, аҳкоми никоҳ ва ирс ба андозае печида ва мубҳам буд, ки мӯбадон ҳарчӣ мехостанд, мекарданд ва дар ин замина ихтиёр доштанд, ки дар ҳеҷ шариате ба рӯҳониён надодаанд» [8, с.34]. Ҳамчунин устод Муртазо Мутаҳҳарӣ дар китоби «Хадамоти мутақобили Ислом ва Ирон» менависад, ки «таъаддуди завҷот дар давраи сосонӣ ҷорӣ ва маъмул будааст. Зардуштиёни асри охир дар сададі инкори асл ҳастанд, вале ҷойи инкор нест, ҳамаи муаррихон навиштаанд, аз Ҳерудути юнонӣ ва Истробун дар асри Ҳахоманишӣ гирифта, то муаррихини асри ҳозир.Ҳерудут дар бораи табақаи ашрофи аҳди Ҳахоманишӣ мегӯяд: «Ҳар кадом аз онҳо чанд зани ақдӣ доранд, вале иддаи занони ғайриақдӣ бештар аст» [5, с.214].

Ин донишманд меафзояд, ки «он чи дар Эрони Бостон дар миёни табақаи ашроф маъмул будааст, чизе болотар аз таъаддуди завҷот, яъне ҳарамсаро будааст ва лиҳозо на маҳдуд ба ҳадде будааст, масалан, чаҳорто ё бештар ё камтар ва на машрут ба шарте аз қабили адолату тасовии ҳуқуқи занон ва тавоноии молӣ ё ҷинсӣ, балки ҳамон тавр ки низоми иҷтимоӣ як низоми табақотӣ будааст, низоми хонаводагӣ низ чунин будааст» [5, с.214-215].

Мо ба тафсири ҷанбаҳои иҷтимоии ин масъала кор надорем. Дар замони Фирдавсӣ ва дар чашми шоири бузург паҳлуи ахлоқӣ ва равонӣ масъалаи муҳим будааст ва он чӣ Фирдавсӣ аз забони Сиёвуш иқрор мекунад, ки «Чӣ омӯзам андар шабистони шоҳ, Ба дониш занон кай намоянд роҳ» гувоҳи бархӯрди хирадмандонаи ӯ бо фаҷоеъи хонаводагӣ дар ҳарамсароёни шоҳони қадим аст. Оё зикри ин масъала аз ҷониби Фирдавсӣ ва тасвири бадеии шахсияти Судоба ба мушкилоти ахлоқии меросӣ мутаваҷҷеҳ нест? Агар ҳаст, пас решааш дар куҷост? Нуктае, ки Мутаҳҳарӣ меоварад, ба дурнамои таъсири вақоеъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва таърихӣ ба тафаккури бадеии замонҳои баъд ишораи сареҳе дорад. Мутаҳҳарӣ менависад: «Дар китоби «Ардавирофнома», ки онро ба Некшопур аз донишмандони замони Хусрави Аввали Анӯшервон нисбат додаанд ва шарҳе аз меъроҷи рӯҳ аст, чунин омадааст, ки дар осмони дувум равонҳои касонеро дидааст, ки «хветакдас» (издивоҷ бо маҳорим) карда буданд ва то ҷовидон омӯрзида шуда буданд ва дар дуртарин ҷойҳои дӯзах равони занеро гирифтори азоби ҷовидонӣ дида, зеро ки «хветакдас»- ро ба ҳам задааст. Саранҷом гуфта шудааст, Вироф, ки равони вай ба меъроҷ рафта, ҳафт тан аз хоҳарони худро ба ҳамсарӣ баргузидааст. Дар китоби севуми «Динкарт» дар ин замина истилоҳоти дигаре ба кор рафта, аз он ҷумла истилоҳи «наздпайванд» аст, ки ба маънии пайванд бо наздикон бошад ва дар ин замина ба пайванди падар бо духтар ва бародар бо хоҳар ишора кардаанд. Навсои Барзмеҳр, аз рӯҳониёни зардуштӣ, ки ин қисмат аз «Динкарт» - ро тафсир карда, судҳои бисёре барои ин гуна заношӯӣ оварда ва гуфтааст, ки гуноҳони ҷонкоҳро ҷуброн мекунад» [5, с.218].

Дар ҳар сурат Фирдавсӣ дар тафсири бадеии сарнавишти Судоба барин занон бешак, ба замони фарҳангӣ такя дошт. Вай дар тафсири ахлоқии ин масъала аз таъсири арзишҳои исломӣ низ сахт баҳраманд буд ва онро содиқона эҳтиром мекард. Бинобар ин, Фирдавсӣ ба он чӣ дар муҳити хонаводагии Сосониён мегузашт аз назари ахлоқӣ муросо карда наметавонист. Масъалаҳои ба қавли Кристенсен ҳифзи покии насаб ва хуни хонаводагӣ барои Фирдавсии бузург иҷоза намедод, ки фавоҳишро ҳамчун «масъулияти конуни хонаводагӣ ва покии занону духтарон» (Бертланд Рассел) тарафдорӣ кунад [4, с.44]. Балки ҳукми ӯ дар ин замина қатъӣ буда, перояи ахлоқи поки инсониро дорад:

Чу фарзанд шоиста омад падид,
Зи меҳри занон бибояд бурид.
Забон дигару дил-ш ҷойи дигар,
Аз ӯ пой ёбӣ, ки ҷӯйӣ ту сар [9, с.25].

Ба ифодаи Мутаҳҳарӣ «таърихчаҳои ҳарамсароҳо дар достонҳо зикр мекунанд, ки занони ҷавоне, ки аз лиҳози ғариза таҳти фишор қарор мегирифтанд ва мутаркиби фаҳшо мешуданд ва аҳёнан пушти сари он фаҳшоҳо, кушторҳову ҷиноятҳо воқеъ мешуд» [4, с.325]. Ва Фирдавсӣ бо тасвири сарнавишти Судоба ба ҳамин гуна таърихҳо ва ҳарамсароҳо талмеҳ мезанад.Зан, арзиши инсонӣ, ҷойгоҳи ҳуқуқӣ ва мадании ӯ дар матни адабиёти

гузашта, масъалаи муҳим аст ва тадқиқи ҷудогона ва амиқро тақозо дорад. Вале барои равшанӣ андохтан ба масъалаҳои бунёдии ин мавзӯъ ва дақиқ шинохтани моҳиятҳои ҳаракатҳои адабию фарҳангӣ дар ин замина мо лозим донистем ба таври мухтасар шинохти асолати занро дар матни адабиёти тасаввуф ва осори ахлоқӣ баррасӣ кунем, то заминаҳо ва равишҳои таҳаввулоти афкори адабӣ дар ин замина равшан бошад.

Бештари муҳаққиқон бар ин назаранд, ки «асосан дар ирфон занон камтар ҷилва ёфтаанд» [10, с.167]. Ҳатто ба ҷуз Робиаи Адвия, таърих дар боби занони сӯфӣ ҳуҷҷате боқӣ нагузоштааст. Вале он чиро, ки дар осори ирфонӣ дар накуҳиши зан гуфта шудааст, наметавон ҳамчун меъёри кулли шинохти асолати зан донист. Ҳатто ҳамон Мавлавӣ, ки гоҳе занро мазаммат мекунад, дар мавридҳое ба ситоиши ӯ мепардозад. Аз ҷумла Мавлавӣ дар такя ба ҳадиси Пайғамбар нақл мекунад, ки зан бар оқилон ғолиб меояд ва онҳо, ки бар зан ғолиб меоянд, ҷоҳилонанд. Ҷалол Сатторӣ менависад, ки боре гӯяндаи маснавӣ бо ин мазмун, ки вай онро ҳадиси расул мепиндорад, мекӯшад то нишон диҳад, ки ҷоҳилон ба ҳайвонот мемонанд, ҷуз хашму шаҳват надоранд ва чун бар онҳо хӯйи ҳайвонӣ ғолиб аст, дар рафтор бо занон камбудашон риққат ва лутф ва дод» [6, с.169].

Дар таърихи тасаввуф мо бо чунин ашхосе низ вомехӯрем, ки занро мазҳари ҷамол донистаанд ва ишқ ба ӯро муқаддимае бар ишқ ва пуле барои расидан ба маъшуқи ҳақиқӣ маҳсуб менамудаанд. Ҳамчунин, бархе аз тоифаи сӯфиён ва файласуфон мисли Ибни Арабӣ, Ибни Рушд, Баҳоуддин дар таҷлили шахсияти зан доди сухан додаанд.

Аз ҷумла Баҳоуддин гуфтааст: «Чун мард дар фармони зан бошад, агарчи зоҳири хона ороста ва ба тартиб бошад, валекин ба зер расвойӣ падид ояд, аммо расвойӣ мард эҳтироз кунад… ва аммо агар мард занро аз пеш баргирад, буне набошад ва бунёде надорад ва саргардон бошад, зан обгина аст. Чунон сангдил мабош, ки обгинаро бишканӣ ва чунон нармсоре мабош, ки дар миёни обгина равӣ чун моеъ набинӣ, ки Аллоҳ нуфуси мукаллифаро, ки сифати занон дорад агар тозиёнаи иқоб дар ақиби эшон дошт, зимоми инъоми биҳишт дар пеш дошт» [6, с.113].

Ҳамчунин Зиёвуддини Нахшабӣ навиштааст, ки «эй қадам дар роҳи мардон ниҳода, заноне, ки дар ин роҳ мардвор рафтаанд, агар шаммае аз маноқиби эшон бо ту дар миён орам, маъҷари хиҷолат бар сарвақти худ андозӣ, азизи ман, чун фардо дар маҳшар, ки мардони дин нидойи «ё айуҳарриҷол» барояд, аввал касе, ки дар он роҳ қадам занад, Марям бошад» [6, с.115].Як назари кӯтоҳ ба осор ва ақоиди сӯфиён гувоҳи он аст, ки ба рағми ҳамаи маҳдудиятҳои суннатӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ зан аз кашф ва ифшои тавоноиҳои вуҷудии худ ғофил намонда будааст. Сарнавишти Робиаи Адвия далели ҳамин аст. Сарнавишти ин зан диққати моро ба масоиле мекашад, ки воқеан ибратомӯз аст, мисли наҳваи ҳузури зан дар маҷомеи расмии тасаввуф ва мухолифат бо нигоҳи ҷинсиятӣ ба зан. Муҳимтар аз ин, шеваи ба қудрат расидани занон, таъсири омилҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, махсусан бархӯрд ба масоили шахсӣ, отифӣ ва ҷинсии занон, аз ҷумла шеваи пӯшиши мӯй, рӯй ва бадан дар навъи худ муҳим аст. Намунаи он хитобаи зерини Мавлонои Балх аст, ки имрӯз низ пураҳаммият мебошад:

«Ҳарчанд ки занро амр кунӣ, ки пинҳон шав, ӯро даҳдаҳаи худро намудан бештар шавад ва халқро аз ниҳон шудани ӯ рағбат ба он зан беш гардад. Пас ту нишастаӣ ва рағбат аз ду тараф зиёдат мекунӣ ва мепиндорӣ, ки ислоҳ мекунӣ. Он худ айни фасод аст. Агар ӯро гавҳаре бошад, ки нахоҳад феъли бад кунад, агар манъ кунӣ ва накунӣ ӯ бар он табъи неки худ ва сиришти поки худ хоҳад рафтан, фориғ бош ва ташвиш махӯр ва агар ба акс бошад боз ҳамчунон бар тариқи худ хоҳад рафтан. Манъ ҷуз рағбатро афзудан намекунад илал ҳақиқа» [8, с.173].

Ин гуфтаи Мавлавӣ ҳарфҳои Лютерро ба ёди мо меорад, ки хеле баъдтар аз ӯ гуфта буд: «Ҳар кӣ мехоҳад ба муқобили талаботи табиат муқобилият кунад ва он чиро ки бояд табиат анҷом диҳад, иҷро накунад, ӯ ба он касе монанд аст, ки мехоҳад табиат табиат набошад, оташ наафрӯзад, об ҷорӣ нашавад, одам хӯрок нахурад, об нанӯшад, хоб накунад» [1, с.142].Мавлавӣ, пеш аз ҳама, ба озодии иродати зан таъкид мекунад, ки ҳамон маъност. Назари Мавлавӣ ифодагари афкори ҷомеъ ва солими ҷомеаи андешаманди замонаш дар бораи зан ва гирифториҳои он мебошад, ки хеле ҳам арзишманд аст.

Муртазо Мутаҳҳарӣ дар ин замина андешаи ҷолибе дорад ва мефармояд: «Маҳр аз он ҷо пайдо шуд, ки дар матни хилқат нақши ҳар як аз зану мард дар масъалаи ишқ мутағаййири нақши дигаре аст. Урафо ин қонунро ба саросари ҳастӣ сироят медиҳанд, мегӯянд, қонуни ишқу ҷазбу инҷизоб бар саросари мавҷудоту махлуқот ҳукумат мекунад бо ин хусусият, ки мавҷудоту махлуқот аз лиҳози ин ки ҳар мавҷуде вазифаи хоссеро бояд ифо кунад, мутафовитанд. Сӯз дар як ҷо ва соз дар ҷойи дигар қарор дода шудааст. Фахруддуни Ироқӣ, шоири маъруф мегӯяд:

Сози тараби ишқ кӣ донад, ки чӣ соз аст,
К- аз захмаи он нӯҳ фалак андар таку тоз аст.
Розест дар ин парда гар онро бишиносӣ,
Донӣ, ки ҳақиқат зи чӣ дар банди маҷоз аст.
Ишқ аст, ки ҳар дам ба дигар ранг дарояд,
Ноз аст, ки ба ҷоеву ба як ҷой ниёз аст.
Дар сурати ошиқ чӣ дарояд, ҳама сӯз аст,
Дар кисвати маъшуқ чӣ ояд, ҳама соз аст» [4, с.165].

Ҳам Фахруддуни Ироқӣ ва ҳам Мавлавӣ, пеш аз ҳама, ба мутафовит будани эҳсосоти марду зан ишора мекунанд. Қонуни хилқат ҷамолу ғурур ва бениёзиро дар ҷониби зан ва ниёзмандию талабу ишқ ва тағаззулро дар ҷониби мард қарор додааст. Ҳамин далел аст, ки дар ҳамаи давру замон гиреҳи андешаи удабои мо дар сират ва сурати зан нуҳуфта будааст. Ба ҳар ҳол, агар мо назариёти аҳли тасаввуф, бахусус занони сӯфиро аз назари қавонини иҷтимоӣ ва маданӣ (дар матне, ки аз Мавлавӣ иқтибос шуд ин матлаб дақиқ ифода шудааст) мутолиа ва арзёбӣ кунем, мебинем ва розӣ мешавем, ки қавонини ислом ба унвони як силсила қавонини мутараққӣ дар такмили шахсияти зан бетараф набудааст. Воқеан ҳам, на ҳамаи урафо мисли Саноӣ занро дар радифи дигар мавонеъ монеъи қурбу васл донистаанд ва ба мазамматаш пардохтаанд.Албатта, нақши ислом дар эҳё ва таҳаввули афкори пешрав ва созандаи адабӣ дар ҳаққи зан бузург аст. Ин таъсир дар таҳаввули назари сӯфиёни қарнҳои гуногун низ назаррас аст, намунаи онро зикр кардем.

Таваҷҷуҳ ба масоили мавриди назар баъзе мушкилоти ҷомеаи суннатии моро низ ба миён мегузорад, ки танҳо бо зикри он суханро кӯтоҳ мекунем:

- Ҳузури зан дар маҷомеъи расмии тасаввуф ва мухолифат бо нигоҳи ҷинсиятӣ ба зан;
- Назари аҳли тасаввуф оид ба шеваи ба қудрат расидани занон ва омилҳои иҷтимоӣ ва фарҳангии монеъ дар ин роҳ;
- Бархӯрди сӯфиён бо масоили шахсӣ, ахлоқӣ ва ҷинсии занон;

Аз таҳқиқ дар ин мабҳас ба чунин натиҷа расидем, ки баъзе муҳаққиқон, аз ҷумла Захро Тоҳирӣ дар китоби арзишманди «Ҳузури пайдо ва пинҳони зан дар мутуни сӯфия» таҳрифоте дар андешаи орифони равшанзамир ворид кардааст. Аз ҷумла, муаллиф ба истиноди сӯфиён ба Қуръон дар боби ноқисулақл будани занон ишора мекунад [8, с.239], ки нодуруст аст. Дар ҳеҷ ҷойи Қуръони карим иборате мустақиман далел бар ноқисулақл будани зан вуҷуд надорад. Муаллиф ҳарчанд ин истиноди нодурустро ба бархе аз занони сӯфӣ нисбат дода, вале дар радди он изҳори назаре накардааст.

Ҳол он ки агар баъзе назарҳои хилоф, аз ҷумла андешаи Саноӣ барин шайхонро дар накуҳиши зан як сӯ гузорем, дигар назари аҳли тасаввуф дар заминаи мақоми инсонии зан аз назари Қуръон шакл гирифтааст, ки бар чанд асл устувор аст:

1. Ислом асли мусовоти инсонҳоро дар бораи зану мард низ риоят кардааст.
2. Ислом назариёти таҳқиромезеро, ки нисбат ба зан вуҷуд дошта, мансух кардааст.
3. Қуръон дар достонҳои худ тавозунро ҳифз карда, қаҳрамонони достонҳоро мунҳасир ба мардон накардааст.

АДАБИЁТ

1. Бабель, А. Женщина и социализм / А. Бабель. – Москва: Гос. издательство политической литературы, 1959. – 592 с.
2. Бобокалонова, Ҷ. Зан ва замон / Ҷ. Бобокалонова. – Душанбе: Адиб, 2002. – 270 с.
3. Гачев, Г.Д. Жизнь художественного сознания / Г.Д. Гачев. – Москва: Искусство, 1972. – 198 с.

4. Мутаҳҳарӣ, М. Низоми ҳуқуқи зан дар ислом / М. Мутаҳҳарӣ. – Душанбе, 2007. – 348 с.
5. Мутаҳҳарӣ, М. Хадамоти мутақобилаи Ислом ва Ирон / М. Мутаҳҳарӣ. – Душанбе: Ройзании Ҷумҳурии исломии Эрон дар Тоҷикистон, 1999. – 550 с.
6. Сатторӣ, Ҷалол. Рози бақои Эрон дар сухани Фирдавсӣ / Ҷалол Сатторӣ. – Теҳрон: Нашри Марказ, 1373. Ҷ. аввал. – С.268.
7. Таърихи иҷтимоии Эрон. – Теҳрон, 1338. – Ҷ. 2. – 480 с.
8. Тоҳирӣ, З. Ҳузури пайдо ва пинҳони зан дар мутуни сӯфия / З. Тоҳирӣ. – Муассисаи мутолиоти фарҳангҳо ва забонҳои Осиё ва Африқо. Донишгоҳи мутолиоти хориҷии Токийо (ILCA). Силсилаи таҳқиқоти фарҳанги исломӣ, шумораи 86, Токийо, 2007. – 345 с.
9. Фирдавсӣ, А. Шоҳнома. Ҷилди III. / А. Фирдавсӣ. –Д.: Адиб, 2008. – 480 с.
10. Ҳасанободӣ, М. Занон ва адабиёт (Адабиёти форсӣ аз дидгоҳи мактаби асолати зан) / М. Ҳасанободӣ / Маҷмӯаи мақолоти нахустин ҳамоиши миллии эроншиносӣ, 27-30 хурдодмоҳи 1381. Адабиёти Эрон, ҷилди аввал, 1383. – С.161-175.

ТАҶАЛЛИИ СИМОИ ЗАНОН ДАР АДАБИЁТИ ТАСАВВУФИИ ФОРСИИ ТОҶИКӢ

Дидгоҳҳои адабӣ дар бораи зан ва усули тасвири он дар таърихи адаби мо дар тайи марҳилаҳо ва рухдоди воқеаҳои сиёсию иҷтимоӣ шакл гирифтааст. Албатта, нақши ислом дар эҳё ва таҳаввули афкори пешрав ва созандаи адабӣ дар ҳаққи зан бузург аст. Ин таъсир дар таҳаввули назари сӯфиёни қарнҳои гуногун низ назаррас аст, ки намунаи онҳо дар мақола зикр шудааст. Таҳқиқу баррасии симои занон дар адабиёти тасаввуфӣ ҷанбаҳо ва паҳлуҳои бештар ва густурдатар аз он чӣ баён шуд, доштааст ва дар таҳқиқотҳои баъдӣ дар ин бора сухан хоҳад рафт. Тааммул дар осор ва афкори аҳли тасаввуф бар он медорад, ки зан бо вуҷуди ҳамаи маҳдудиятҳои суннатӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ аз кашфу ифшои неруҳои ниҳоди худ бехабар набудааст. Таъсири муҳит ва фазои иҷтимоии замон ба тасвири симои занон дар осори тасаввуфӣ мусаллат ва нофиз будааст. Нақши ислом дар таҳаввулу такомули тасвири симои занон дар адаби тасаввуфӣ хеле назаррас аст. Нуфузу таъсири афкори бадеии аҳли тасаввуфро нисбат ба занон дар осори дар асрҳои гуногун офаридаи онҳо дида метавонем.

Калидвожаҳо: адабиёти форсии тоҷикӣ, адабиёти тасаввуфӣ, зан, симои занон, Мавлоно, ислом, ишқ, маъшуқа.

ВЫРАЖЕНИЯ ЖЕНСКОГО ОБРАЗА В СУФИЙСКОЙ ЛИТЕРАТУРЕ ПЕРСОВ И ТАДЖИКОВ

Литературные взгляды на женщину и способы ее воплощения в истории нашей литературы развивались в течение веков, показано ее вхождение на политическую и социальную арену. Конечно же, ислам сыграл огромную роль в возрождении и развитии передовой мысли и литературного мышления женщин. Это влияние на изменение взглядов служителей мечети разных эпох примечательно, в статье приводятся подобные примеры. Изучение женского образа в суфийской литературе доказало, что он отличается разнообразием свойств и более развёрнут, и дальнейшее исследование будет посвящено этой теме. Размышления суфитов свидетельствуют о том, что женщина, несмотря на традиционные, социальные и культурные ограничения, была в курсе всех открытий, осознавала силу своего нрава. Влияние среды и социальной атмосферы времени на образ женщин в суфийских произведениях было господствующим и обязательно исполняющимся. Роль ислама очень велика в развитии и совершенствовании образа женщин в суфийской литературе. Мы можем наблюдать влияние и на литературную мысль суфитов в отношении женщин в произведениях, созданных ими в разные века.

Ключевые слова: таджикско-персидская литература, суфийская литература, женщина, образ женщин, Мавлоно, ислам, любовь, возлюбленная.

EXPRESSIONS OF WOMEN'S IMAGE IN SUFI LITERATURE OF THE PERSIANS AND TAJIKS

Literary views of woman and the ways of its realization in the history of our literature have evolved over the centuries into the light of political and social events. Of course, Islam played a huge role in the revival and development of advanced thought and literary thinking for women. This influence in changing the views of the servants of the mosque of different eras is remarkable, the article gives their examples. The study of the female image in the Sufi literature proved that it has more properties and it is more detailed and further research is devoted to this topic. The reflection of Sufi thoughts indicates that the woman, despite traditional, social and cultural limitations, was aware of her discoveries and disclosures and her strength of character. The influence of the environment and the social atmosphere of the time on the image of women in Sufi works was dominant and necessarily performed. The role of Islam is very great in the development and improvement of the image of women in Sufi literature. We can observe the influence and literary thought of Sufis on women in the works created by them in different centuries.

Key words: Tajik-Persian literature, Sufi literature, woman, image of women, mawlono, Islam, love, beloved.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Шоева Назокат Акобировна*** – Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ, номзади илмҳои филология, и. в. дотсенти кафедраи забонҳо. **Суроғаи:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч. акад. Раҷабовҳо, 10 А. Тел.: **(+992) 919-02-63-12**
Муҳаммадиев Шамсиддин Муродович – Институти забон ва адабиёти ба номи А.Рӯдакии АИ ҶТ, номзади илми филология, ходими пешбари илмӣ. **Суроғаи:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ, 21. E mail: **Shamsiddin-2010@mail.ru.** Тел.: **(+992) 935-11-23-87**

Сведения об авторах: ***Шоева Назокат Акобировна*** – Таджикский технический университет им. академика М.С. Осими, кандидат филологических наук, и.о. доцента кафедры языков. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. акад. Раджабовых, 10А. Тел.: **(+992) 919-02-63-12**
Мухаммадиев Шамсиддин Муродович – Институт языка и литературы им. А.Рудаки АН РТ, кандидат филологических наук, ведущий научный сотрудник. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 21. E mail: **Shamsiddin-2010@mail.ru.** Тел.: **(+992) 935-11-23-87**

Information about the authors: ***Shoeva Nazokat Akobirovna*** - Tajik Technical University named after academician M.S. Osimi, candidate of philological sciences, acting associate Professor in the department of the languages. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Str. acad. Radjabovs, 10 A. Tel.: **(+992) 919-02-63-12**
Mukhammadiev Shamsiddin Murodovich - Institute of Language and Literature named after A.Rudaki of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, candidate of philological sciences, leading researcher. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 21. E-mail: Shamsiddin-2010@mail.ru. Tel.: **(+992) 935-11-23-87**

УДК:891.550

МУАРРИФИИ ЯК НУСХАИ ХАТТИИ “ТАФСИРИ ҲУСАЙНӢ”

Абдуқодирзода Саидмукаррам
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Баъд аз таълиф ва интишори китоби “Тафсири Ҳусайнӣ”-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ, ки номи аслии он “Мавоҳиби Алийя” мебошад, аз замони зиндагии муаллиф то ба имрӯз нусхаҳои хаттии зиёде рӯнавис шуда ва ба сурати чопӣ ин китоб хеле зиёд табъ ва мунташир шудааст. Марказҳои нусханависии тафсири мазкур доираи васеи ҷуғрофии сарзаминҳои Мовароуннаҳру Хуросон, Эрон, Осиёи Сағир ва дигар манотиқи ҷаҳонро дар бар мегирад, аммо ба сурати чопӣ бештар дар Шибҳи қораи Ҳинд, махсусан, дар Ҳиндустону Покистон хеле зиёд интишор ёфтааст. Дар миёни мардуми тоҷик ҳам “Тафсири Ҳусайнӣ” маҳбубияти зиёд дошта, дар хазинаҳои нусахи хаттии мавҷуд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар дасти мардуми алоҳида ҳам дар шакли чопӣ бо қатъҳои гуногун ва ҳам ба сурати нусхаи хаттӣ маҳфузу мавҷуд мебошад.

Мо ҳангоми ҷустуҷӯ бо нусхаҳои хаттию чопии зиёде аз тафсири мазкур шинос шуда, ба баъзеи онҳо дастрасӣ пайдо карда тавонистем. Маълум шуд, ки агар ҳамаи нусхаҳои дар китобҳои тахассусӣ муаррифӣ гардида, шаклҳои чопӣ ва дар дасти мардум қарордоштаи “Мавоҳиби Алийя”-ро аз нигоҳи нусхашиносӣ (мушаххасоти кодикологӣ) тавсифу муаррифӣ кунем, кори ҳаҷман хеле бузург мешавад. Бинобар ин, мо қаблан дар мақолаи ҷудогонае машҳуртарин нусхаҳоеро, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон мавҷуданд ва нусхаҳое, ки дар асоси онҳо яке аз чопҳои китоб сурат гирифтааст, муаррифӣ карда будем. Мо дар он мухтасар аосан ба нусхаҳое таваҷҷуҳ карда будем, ки онҳоро бевосита ҳамчун сарчашма дар ҷусторҳои илмиамон истифода намуда будем. Дар ин ҷо мо бар онем, ки танҳо як нусхаи дастнависи “Тафсири Ҳусайнӣ”-ро, ки ба аҳли илм камтар ошно мебошад, бо таваҷҷуҳ ба мушаххасоти нусхашиносии асар муаррифӣ кунем.Дар миёни нусхаҳои зиёди “Тафсири Ҳусайнӣ”, ки мо ба онҳо дастрасӣ пайдо кардем, яке аз ҷолибтарин нусхаҳо, ки аз нигоҳи имлою нигориш, ороиш, ҳаҷм, комил будан ва санъати тазйин ҷалби таваҷҷуҳ мекунад, нусхае мебошад, ки таҳти рақами 726 дар Ганҷинаи нусахи хаттии Китобхонаи ба номи Абдурраҳмони Ҷомии Маркази фарҳангии ба номи профессор Шарифҷон Ҳусаейнзодаи факултети филологияи Донишгоҳи милли Тоҷикистон нигаҳдорӣ мешавад [1]. Ин нусха ҳаҷман хеле бузург буда, ба ғайр аз чанд саҳифаи охири асар боқӣ кулли матни тафсирро дар бар мегирад. Мушаххасоти дастнависи мазкур дар китоби “Феҳристи нусхаҳои хаттии Маркази фарҳангии ба номи профессор Ш. Ҳусайнзода” ба таври зайл ва хеле мухтасар чунин муайян карда шудааст:

“Тафсири Ҳусайнӣ. Ҳусайн Воизи Кошифӣ.

Насри форсӣ. Лавҳи музаҳҳабу музайян дорад. Настаълиқ. Оятҳои қуръонӣ ба шинҷирифт. Матн дохили ҷадвали сурх. Лаккаҳои обрасидагӣ дорад. Авроқи аввалу охир кирмхӯрдагӣ дорад. 28×16,5. 343 варақ. Котиб: Шайх Салоҳуддини Муборак. Сана ва ҷойи китобат марқум нест. Муқовааш картони хонаводагӣ” [2, с. 73].

Маъмулан дар тавсифи нусхаҳои хаттӣ дар китобҳои феҳрист (каталогҳо) мушаххасоти дигар ҳам навишта мешаванд, аммо дар феҳристи мазкур маълумот мухтасар буда, ҳар чӣ ҳаст, мо онро дар боло нақл кардем.

Ҳоло барои муқоисаи тавсифи каталогии дастнависи мазкур мушаххасоти кодикологии ду нусхаи дигари ҳамин асарро аз ду китоби феҳрист меоварем, то фарқиятҳо мушаххас шавад.Дар ҷилди дуюми китоби “Феҳристи нусахи хаттии форсии Институи шарқшиносӣ ва осори хаттии Тоҷикистон” [6] нусхаҳои хаттии мавҷуди китоби “Тафсири Ҳусайнӣ” дар ганҷинаи дастхатҳои китобхонаи Маркази мероси хаттии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муаррифӣ шудаанд, ки теъдодашон зиёд мебошад. Мо аз он ҷо нусхаи якумро интихоб карда, онро бо тамоми ҷузъиёти нусхашиносӣ нақл мекунем.

Нусхаи мавриди назар бо ҷузъиёти махсуси он чунин муаррифӣ шудааст:

“Тафсири Ҳусайнӣ (Мавоҳиби Алийя) 1196.

Камолиддин Ҳусайн ибни Алӣ машҳур ба Воизи Кошифии Сабзворӣ (910 ҳ. / 1504 м.), дар санаи 897 ҳ. / 1491-1492 м. таълиф шудааст. Тафсири Қуръони маҷид ба забони форсӣ, ки ба унвони “Тафсири Ҳусайнӣ” ва ё “Мавоҳиби Алийя” низ ёд мешавад, насху настаълиқ, шарқии зардранг, эҳтимолан Самарқандӣ, махдуми Султон, дар санаи 899 ҳ. / 1493 м., 586 варақ, 17×31 с., ановин ба шингарф, авроқ муҷадвал ба хутути тилло ва сурхранг, муқаввоии навсохт, нусхаи ноқис буда ва аз аввал афтодагӣ дар ҳудуди чанд варақ дорад” [6, с.238].Нусхаҳои дигар бо зикри ибораи “нусхаи мукаррар” ва овардани рақами нусха зикр шудаанд, ки онҳоро мо дар мақолаи дигари худ, ки дар боло аз он ёдрас шуда буд, иқтибос кардаем. Ниёз ба такрор нест.

Дар ҷилди чоруми китоби “Собрание восточных рукописей Академии наук Узбекской ССР” се нусха аз китоби “Тафсири Ҳусайнӣ” муаррифӣ шудааст [3, с.85-86]. Матни феҳрист ба забони русӣ ва мушаххасоти нусхашиносии нусхаҳо ҳам ба ҳамин забон аст, мо вижагиҳои дастхатти аввалро аз он ҷо ба таври мухтасар менависем:

“1. № 2680. “Мавоҳиби Алийя” (علی مواهب). Высокие дары. Муаллиф – (مولانا حسین ابن علی الواعظ الکاشفی) Мавлоно Ҳусайн ибни Алӣ ал-Воиз ал-Кошифӣ (ваф. 910 / 1505 с.)... Дар гуфтори сода ин китоб “Тафсири Ҳусайнӣ” (تفسیر حسینی) – “Хусейново объяснение [Корана]” ҳам номида мешавад. Муҳимтарин тафсири Қуръон, ки нусхаи хаттӣ ва чопи литографии он сершумор аст.Дастхатти бисёр хуб..., нусха ҳаждаҳ сураи аввали Қуръонро дар бар мегирад, ба асри XVI мутааллиқ буда, аз 183 варақ иборат аст, бо андозаи 22,5×33 см.” [3, с. 85-86].

Чунон ки аз муқоисаи мушаххасоти нусхашиносии ҳар се дастнавис бармеояд, нусхаи мавриди назари мо, ки шартан онро нусхаи асл меномем, дар қиёс ба ду нусхаи дигар комилтар мебошад, танҳо чанд варақ аз охир афтодагӣ дорад. Нусхаи дуюм аз аввал дар ҳудуди чанд варақ афтодагӣ дошта, ҳамчун нусхаи ноқис муаррифӣ шудааст. Нусхаи сеюм хеле ноқис буда, фақат ҳаждаҳ сураи аввали Қуръонро шомил аст. Аз назари расмулхаттӣ ва шеваи нигориш ҳам нусхаи мавриди назари мо бартарият дорад.

Аввалу охири нусхаи муаррифӣ мекардаамонро аз рӯйи худи нусха меоварем, ки чунин аст:Аввали нусха, ки фарогири муқаддимаи мухтасар аст, чунин оғоз мешавад:

“Бисмиллоҳир-р-Раҳмони-р-Раҳим. Баъд аз тамҳиди қавоиди маҳомиди илоҳӣ ва таъсиси мабонии санохонии ҳазрати рисолатпаноҳӣ, алайҳи ва ало олиҳи ва асҳобиҳи салотан масунатан ани-т-таноҳӣ, намуда мешавад, ки қабл аз ин ба ишорати муштамил бар башорат, ки....” [1, с.1].Матни асосии тафсир чунин сар мешавад: “Аъӯзу биллоҳи: паноҳ мегираму илтиҷо менамоям ба маъбуди ба ҳаққу Худованди мутлақ; мина-ш-шайтони: аз шарру васвасаи деви фиребандаи саркаш ё дурмонда аз раҳмати беғаш; -р-рачим: рондашуда аз риёзи ҷинон, ё рамида гашта аз табақоти осмон [наъӯзу биллоҳи мин

шарриҳи абадан]” [1, с.2].Охири нусха чанд варақ афтодагӣ дорад, хатти поёнии вараҚи охири мавҷуд бо оғози сураи Кофирун ба охир мерсад, ки чунин аст:

“Гурӯҳе аз Қурайш, чун Абӯҷаҳлу Осу Валиду Умайяву Асвад ибни Абдуяғус ва Асвад ибни Абдулмутталиб ба забони Аббос, разияллоҳу анҳу пайғом фиристоданд, ки...” [1, с.344].“Тафсири Ҳусайнӣ” аз нигоҳи сохтор аз муқаддимаи мухтасар, охирсухани кӯтоҳ ва матни тафсир иборат аст. Муқаддимаи тафсирро, ки ба хомаи худи Кошифӣ нигошта шудааст, барои шиносоӣ нақл мекунем:“Баъд аз тамҳиди қавоиди маҳомиди илоҳӣ ва таъсиси мабонии санохонии ҳазрати рисолатпаноҳӣ, алайҳи ва ало олиҳи ва асҳобиҳи салотан масунатан ани-т-таноҳӣ, намуда мешавад, ки қабл аз ин ба ишорати муштамил бар башорат, ки аз олиҷаноби аморатпаноҳи иёлатдастгоҳ, маъолисифот, маноқибсимот, муқарраб-ул-ҳазрат-ис-султония, муътаман-ул-мамлакат-ил-хоқония, азуду-д-давлат-ил-қоҳира, рукн-ус-салтанат-из-зоҳира, муаййиду-л-ислом ва-л-муслимин, низому-д-давлат ва-л-аморат ва-д-дунё ва-д-дин, шеър:

Гавҳари дурҷи каромат, ахтари бурҷи камол,
Офтоби авҷи ҳашмат, сояи лутфи Илоҳ,
Шаҳсавори арсаи иззат Алишер, он ки ҳаст
Волии волоҷанобу довари давронпаноҳ,
Мустафиз аз нафҳаи гулзори фазлаш ҷону дил,
Мустанир аз ламъаи ройи мунираш меҳру моҳ.
Давлати ӯ бо ҷаҳону рафъати ӯ бо сипеҳр
Фош мегӯянд ҳар дам аз сари тамкину ҷоҳ,
К-эй ҷаҳон, аз давлати мо ҳар чӣ меҷӯӣ, биҷӯй
В-эй сипеҳр, аз рафъати мо ҳар чӣ мехоҳӣ, бихоҳ.

Аъаззаҳуллоҳ-ул-азиз биизза-ти-д-дорайн ва ваффаҚаҳу битакмили асбоби саодот-ил-манзилайн шарафи судур ёфта буд, инони таваҷҷуҳ ба таълифи китоби “Ҷавоҳир-ут-тафсир литуҳфат-ил-амир”, ки муҳтавӣ бар чаҳор муҷаллад аст, инъитоф пазируфт ва итмоми муҷаллади аввал ба тартибе комилу тарсиме шомил даст дод ва ба назари олии аморатпаноҳӣ расида, иззи қабул ёфт. Аммо ба воситаи вуфури алоиқу ҳуҷуми авоиқ таҳрири бавоқии муҷалладот дар ҳаййизи таъвиқу уқдаи таъхир меафтод, то дар ғурраи муҳаррам-ул-мукаррами санаи сабъа ва тисъин ва самонимиаи ҳиҷрия имои мулҳими ғайбӣ аз олами лорайбӣ ба хотири фотири бандаи ҷофӣ Ҳусайн Воизи Кошифӣ расид, ки уҷолат-ул-вақтро тарҷумаи мубарро аз такаллуфи суханороию муарро аз изҳори фазилатнамоӣ рақамзадаи килки баён гардад, то ҳазрати мушорун илайҳ ба мутолиаи он аврОқ эҳтимоми тамом намоянду маонии калимоти қуръониро ба назари истеҳзор малҳуз фармоянд ва хотири отирро пеш аз расидани он самароти риёзи қуръонӣ бар ин навбоваи ҳадоиқи маонӣ, ки нисбат ба исми сомии он ҳазрат ба “Мавоҳиби Алийя” иттисом ёфта, маҳзуз гардонанд. Умедворӣ ба иноятн ҳазрати Борӣ, ҷалла шаънуҳу ва азза султонуҳу, чунон аст, ки анқариб насими тавфиқ ниқоби хафо аз чеҳраи шоҳиди мақсуд баркушояд ва ароиси муҷалладоти салоса бар минассаи зуҳур ба ҷилва дарояд, шеър:

Ва арҷу миналлоҳи найла-л-мавоҳиб
Ва Раббӣ лимо ябтағи-л-ъабду воҳиб.

Ва дар ин тарҷума баъд аз мулоҳизаи ҳазфу измору тахсису таъмим ва ҳақиқату маҷози возеҳи маънии оят бар ваҷҳе, ки шомили баъзе аз вуҷӯҳи тафсирӣ бошад, мазкур хоҳад шуд ва аз асбоби нузулу қасаси анбиё он чи асаҳҳу ашҳар аст, ба тариқи хайрулкалом симати зикр хоҳад ёфт ва бархе аз суханони арбоби таҳқиқ дар маҳаллаш сурати талфиқ хоҳад пазируфт ва аз қироати муътабара ривояти Бӯбакр аз Имом Осим, раҳимаҳумуллоҳ, ки дар ин диёр сифати иштиҳору рутбаи эътибор дорад, сабт мегардад ва ба баъзе аз калимот, ки Ҳафсро бо ӯ мухолифат асту маънии сухан ба сабаби он хилоф тағйири куллӣ меёбад, ишорате меравад; валлоҳул-ҳодӣ ва ало карамиҳи эътимодӣ” [1, с.1-2].Бевосита баъд аз муқаддимаи кӯтоҳи мазбур матни тафсир сар мешавад, ки шомили

ояти аввали Қуръони карим аст. Барои ошноӣ бо оғози “Тафсири Ҳусайнӣ” зайлан тарҷума ва тафсири сураи аввалро нақл мекунем:

“Аъӯзу би-л-Лоҳи: паноҳ мегираму илтиҷо менамоям ба маъбуди баҳаққу Худованди мутлақ; мина-ш-шайтони: аз шарру васвасаи деви фиребандаи саркаш ё дурмонда аз раҳмати беғаш; -р-рачим: рондашуда аз риёзи ҷинон, ё рамида гашта аз табақоти осмон [наъӯзу биллоҳи мин шарриҳи абадан].

Сурату-л-Фотиҳа. Бисмиллоҳи: ба номи Худои сазовори парастиш; -р-Раҳмони: нек бахшанда бар халқ ба вуҷуди ҳаёт; -р-Раҳим: бахшоянда ва меҳрубон бар эшон ба бақо ва муҳофизат аз офот. Алҳамду: ҳар саное ва офарине, ки аз азал то ба абад мавҷуду маълум буд ва ҳасту хоҳад буд, ҷумлаи он ба тамому камол; лиллоҳи: мар Худойро, ки мусаммо ва мавсуф аст ба ҳамаи асмо ва сифоти камолия ва ҷалолия ва ҷамолия; Раббилъоламин: офаринанда ва парваранда ва доранда ва тарбияткунанда ва созандаи корҳои ҳамаи оламиён, аз малоика ва ҷину инс ва вуҳушу туюр ва сибоъ ва ҳайвоноти обӣ ва ҷуз он; ар-Раҳмони: бахшандаи вуҷуд бори дигар дар охират баъд аз фанои ҷаҳониён; -р-Раҳим: бахшояндаи дигарбора ба раъфату раҳмат бар муъминон ва дароварандаи эшон дар биҳишти ҷовидон; молики явми-д-дин: Худованди рӯзи ҷазо ё мутасарриф дар он рӯз ба ҳар чӣ хоҳад ё ҳофизи аъмоли бандагон, то дар додану ситадани номаҳо ғалат нашавад ё қозии рӯзи ҳисоб, ки миёни бандагон ба ҳақ ҳукм кунад ё ҷазодиҳанда дар рӯзи подош; ийёка наъбуду: туро мепарастему бас, ки ғайри ту мустаҳиққи ибодат нест; ва ийёка настаъин: ва хос аз ту ёрӣ мехоҳем дар парастиши ту ва анҷоҳи соири ҳавоиҷу муҳиммот; иҳдина: моро роҳ намой; -с-сирота-л-мустақим: ба роҳи рост, ки роҳи анбиё ва авлиёст дар ақволу афъолу ахлоқ, ки он роҳи мутавассит бувад миёни ифроту тафрит ва ғулув ва тақсир. Ё собит дор моро ба роҳи мустақим, ки дини ислому суннати ҳазрати саййиди аном (с) аст.

Ва ҳазрати қутбулорифин, ғавсулвосилин, носирулҳақ ва-д-дин Хоҷа Убайдуллоҳ (р) дар ин маънӣ нуктае баланду калимае арҷманд фармудаанд ва он ин аст, ки бинамой моро роҳи рост, яъне ба муҳаббати зотии худ мушарраф дор, то аз илтифот ба худу ба ғайр аз ту озод гашта, ба тамомӣ гирифтори ту гардем, ҷуз ту надонему ҷуз ту набинем ва ҷуз ту наандешем ва ё он ки бинамой моро роҳи рост, яъне он роҳе, ки ҳазрати турост ба нисбати ҳар мавҷуде, ки он мавҷуд бе он пайдоӣ надорад ва ба ғояти камоли худ ба он намерасад, то дар ҳамаи аҳвол ҷуз ту набинем ва аз таваҷҷуҳ ба ғайри ту озод гардем.

Сирота-л-лазина: бинамой моро роҳи онон, ки ба фазли худ; анъамта ъалайҳим: инъом кардаӣ бар эшон ба неъмати нубувату рисолату вилоят ва сиддиқияту шаҳодату салоҳият ё роҳи онҳо, ки аҳли қурбанд ва ба камоли неъмати зоҳир, ки қабули шариат аст ва ба ҷамоли неъмати ботин, ки иттилоъ ба дақоиқи асрори ҳақиқат аст, эшонро муаззазу мукаррам сохта; ғайри-л-мағзуби алайҳим: на роҳи он касоне, ки хашм гирифтаӣ бар эшон, яъне қабл аз вуҷуд ба маърази ғазаби ту даромадаанд ва бад-он сабаб бар куфр иқдом намуда ё роҳи ҷуҳудон, ки ба сабаби тамарруд дар муонадаву мукобара ва қатли анбиё (а) ва таҳрифи кутуб бар эшон хашм гирифтаӣ; ва ла-з-золлин: ва на роҳи гумроҳон, яъне касоне, ки баъд аз вуҷуд дар туруқи мухталифа ва субули мунҳарифа афтодаанд ё роҳи тарсоён, ки ба сабаби ифрот дар шаъни Масеҳ, алайҳи-с-салом ва тафрит дар боби ҳабиби мо, салавотуллоҳи алайҳимо, гумроҳ гаштаанд” [1, с.2-3].

Баъд аз ин дар идома сураи дуюм ва ҳамин тавр сураҳои дигар ҳам тарҷума ва тафсир мешаванд.Дар матне, ки Ҷалоли Ноинӣ омода кардааст, дар бораи макони нузули сура ҳам баҳс шудааст, ки зоҳиран афзудаи худи ӯст, дар матни дастнависи “Тафсири Ҳусайнӣ” ва нусхаи чопии дастрас баҳси мазкур дучор намешавад. Сухани Ноинӣ чунин аст: “Ва ҳамчунин, Имом Саълабӣ дар тафсири худ фармуда, ки ин сура ба Макка нозил шуд ва гуфтаанд нузули ин сура дар оғози рисолат будааст.

ҚолаАллоҳу таъоло фӣ сурат-ил-Ҳиҷр, “ва лақад отайнока сабъан мин-ал-масонӣ ва-л-Қуръон-ал-ъазим”. Агар тамоми сураи “Ҳиҷр” маккӣ ва қабл аз ҳиҷрат нозил шуда бошад, ояи мазкура далолат хоҳад дошт бар ин ки дар Макка сураи “Фотиҳа” қабл аз

ҳиҷрати ҳазрати Расулуллоҳ нозил шуда. Дар баробари ашхосе, ки гуфтаанд ин сура маккист, бархе низ овардааанд, ки ин сура дар Мадина нозил гаштааст” [10, с.2].

Мо бар онем, ки бояд матни нусхаи мавриди назари мо, агар имкони баргардон ва чопи он ба хатти сириллик ва ё алифбои арабиасоси форсии тоҷикӣ фароҳам ояд, бояд бидуни афзудагиҳо сурат бигирад. Дар акси ҳол фарқи миёни суханони Ҳусайн Воиз, муфассирони дигар ва омодакунандаи матн душвор мегардад ва ин амал як навъ таҳриф ҳам маҳсуб мешавад.Ҳамин тавр, нусхашиносии як дастнависи китоби “Тафсири Ҳусайнӣ” аз он шаҳодат медиҳад, ки аз миёни нусхаҳои хаттии “Тафсири Ҳусайнӣ”, ки мо онҳоро муқоиса кардаем, яке аз комилтаринашон нусхае мебошад, ки таҳти рақами 726 дар ганҷинаи нусахи хаттии Китобхонаи ба номи Абдурраҳмони Ҷомии Маркази фарҳангии ба номи профессор Шарифҷон Ҳусаейнзода нигаҳдорӣ мешавад.

А Д А Б И Ё Т

1. Кошифӣ, Ҳусайн Воиз. Тафсири Ҳусайнӣ / Ҳусайн Воизи Кошифӣ : нусхаи хаттии № 726, маҳфуз дар Ганҷинаи нусахи хаттии китобхонаи ба номи Абдурраҳмони Ҷомии Маркази фарҳангии ба номи профессор Шарифҷон Ҳусейнзодаи факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 343 варақ.
2. Мақсудов, Б. Феҳристи нусхаҳои хаттии Маркази фарҳангии ба номи профессор Ш. Ҳусейнзода / Б. Мақсудов. – Душанбе: Сино, 2007. – 100 саҳ.
3. Собрание восточных рукописей Академии наук Узбекской ССР ; под редакцией и при участии члена-корреспондента Академии наук Узбекской ССР, действительного члена Академии наук Таджикской ССР, доктора исторических наук, профессора А.А. Семенова. – Том IV. – Ташкент: Издательство АН Узбекской ССР, 1957. –347 с.
4. صفا، ذبیح الله. تاریخ ادبیات در ایران / ذبیح الله صفا. – چاپ هشتم. – جلد پنجم. – تهران: فردوس، 1378. – 778 ص.
5. علوی مقدّم، سیّد محمّد. کاشفی و تفسیر قرآن / سیّد محمّدعلوی مقدّم // فصل نامهٔ تخصصی ادبیات فارسی دانشگاه آزاد اسلامی مشهد. – ص. 9-35.
Бояд гуфт, ки барномаҳои Радиои «Фардо» барои аз даст надодани таваҷҷуҳи шунавандагон чандон тулонӣ нестанд. Масалан, соати 8-у 00-и 30 сентябри соли 2019 барномаи “Садои дигар” оид ба занҳо пахш шуд. Барнома бо суханронии духтараки шведӣ Грета Тунберг, фаъоли муборизa барои пешгирии тағйирёбии иқлим дар Ассамблеяи генералии 14 –уми СММ 24.09.2019 оғоз шуд ва баъд назари коршиносон дар ин бора пахш шуд. Ӯ дар баромадаш роҳбарони кишварҳои ҷаҳонро дар он айбдор кард, ки барои пешгирии тағйирёбии иқлим чора намебинанд. Барнома ҳамагӣ 15 дақиқа идома ёфт.

Соати 8-у 00-и 8 уми октябри соли 2019 барномаи «Намои дур, намои наздик» пахш шуд, ки ҳамагӣ 10 дақиқа идома дошт. Дар барномаи мазкур мусоҳиба бо нависанда, муҳоҷири эронӣ, сокини Канада Фариштаи Мавлавӣ оид ба китобаш, ки дар бораи ҳамҷинсгаройӣ аст, садо дод.

Радиои "Фардо" ба ғайр аз мавзӯъҳои сиёсиву иқтисодӣ аслан дар барномаҳои худ ба мавзӯъҳои проблемавӣ ва баҳсноки иҷтимоӣ бештар таваҷҷуҳ мекунад. Масалан, озодии баён, озодии занон ва ҳуқуқҳои онҳо, никоҳи бармаҳал ва ғайра мавзӯъҳое мебошанд, ки пайваста баррасӣ мегарданд. Дар барномаҳои ҳафтаинаи "Дидгоҳҳо", "Ҷомеа" , "Табу" , "Садои дигар" ва ғайра масъалаҳои мазкур ба баҳс кашида мешаванд.

Дар Радиои “Фардо” суруду мусиқиҳои гуногун ва бо забонҳои мухталиф аз ҷумла, форсӣ, англисӣ, арабӣ, туркӣ ва ғайра пахш мешаванд. Дар радио баъзан сурудҳои тоҷикӣ низ садо медиҳанд. Масалан, 30 сентябри соли 2019, соати 6-у 45 дақиқаи субҳ ба вақти Душанбе суруди Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон Нигина Амонқулова “Муҳаббати ту маро кушт” садо дод.

Эрон алорағми ҷангҳои иттилоотии абарқудратҳо тадбирҳои худро роҳандозӣ кардааст. Як пажӯҳиш соли 2018 муайян кард, ки ҷониби Эрон тақрибан 7 сол муқаддам баъзе сомонаҳои тақаллубӣ сохта мавриди истифода қарор додааст. Аз ҷумла, мақомоти Эрон сомонаи форсии Ширкати BBC-ро таъсис додааст, ки пурра ба мисли сомонаи аслӣ мебошад. Вале ба ҷои баъзе маводи интиқодӣ нисбат ба Эрон маводи дигар гузошта шудааст.

Ҳамчунин мақомоти Эрон бар зидди сомонаи Радиои «Фардо» сомонаеро бо номи radiodirooz.com таъсис додааст, ки аз нигоҳи сохт ва ороиш ҳар ду расона ҳаҷ якхела мебошанд. Вале албатта, на ҳамаи маводи сомонаҳо якхелаанд. Дар ҳамин ҳол маводи асл низ аз сомонаи https://radiofarda.com дар сомонаи https: //radiodirooz.com чоп мешаванд. Масалан, 6-уми феврали соли 2018 мақолае оид ба собиқ президенти Эрон Аҳмади Нажод аз сомонаи Радиои “Фардо” дар сомонаи

https: //radiodirooz.com ба табъ расид [14].

Аз рӯйи пурсише, ки Радиои «Фардо» дар байни эрониён соли 2017 гузаронидааст, 20,6 фоизи пурсидашудагон иттилоъро аз «Би-Би-Си» гирифта, 15,9 фоиз – «Садои Америка» ва 15,7 фоиз – Радио «Фардо»-ро гӯш мекунанд [10].

Воқеият доштани пурсиши мазкур зери суол аст. Зеро ин нуктаро собиқ корманди Оҷонсии Федералии ИМА оид ба ВАО-и глобалӣ (USAGM) Ким Эндрю Эллиот низ дар як мақолааш зикр намудааст. Ӯ методологияи пурсиш дар Хитой, Эрон ва Россияро зери суол бурда, ба эътимоднок будани рақамҳои ниҳоии пурсиш шубҳа мекунад [4].

Пажӯҳиши расонаҳои тарғиботии ИМА, ки тобеи Оҷонсии Федералии ИМА оид ба ВАО-и глобалӣ мебошанд, собит мекунад, теъдоди аудиторияи воқеиро дақиқан муайян кардан мушкил аст. Бинобар ин масъулин барои нишон додани самаранокии фаъолияташон теъдоди муштариёни худро аз будааш зиёд мегӯянд.

АДАБИЁТ

1. В Иране задержали около 180 лидеров беспорядков, сообщили СМИ / МИА «Россия сегодня». 2019. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://ria.ru/20191123/1561521335.html (Санаи истифодабарӣ: 25.11. 2019).
2. Идомаи эътирозҳо ва ҳимояти Хоманаӣ аз қарори ҳукумати Эрон. ВИДЕО/ozodi.org. 2007-2019. - [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.ozodi.org/a/30276431.html (Санаи истифодабарӣ: 25.11. 2019).
3. Иран вернулся во времена "до интернета"/ ИА Турон. 2019. - [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.contact.az/ext/news/2019/11/free/Worldwide/ru/85318.htm (Санаи истифодабарӣ: 25.11. 2019).
4. Конгресс США выступил против сокращения бюджетов «Голоса Америки» и «Радио Свобода» / rambler.ru. 2019. - [Манбаи электронӣ]. URL: https://news.rambler.ru/other/42504974-kongress-ssha-vystupil-protiv-sokrascheniya-byudzhetov-golosa-ameriki-i-radio-svoboda/ (Санаи истифодабарӣ: 25.09. 2019).
5. Круглосуточное вещание "Свободы" на Иран отложено до 19 декабря/ МИА «Россия сегодня». 2019. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://ria.ru/20021216/283218.html (Санаи истифодабарӣ: 10.10.2019).
6. Министр обороны Израиля встретился с ведущими иранскими журналистами"/ mfa.gov.il. 2019. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://mfa.gov.il/MFARUS/EnemiesPeace/IranianThreat/Pages/Defense-Minister-Liberman-meets-leading-Iranian-journalists.aspx (Санаи истифодабарӣ: 10.10.2019).
7. Муким Джовид. Радио «Свобода»: ложь и правда. Монография/Джовид Муким. – Душанбе: Деваштич, 2005. – 180 с.
8. Муқим Ҷовид. Сиёсат ва ҷанги иттилоотӣ/ Ҷовид Муқим. – Душанбе, 2006. - С. 10.
9. Муқимов М. А. Нақши ВАО дар низоми нави ҷаҳонӣ / Паёми ДМТ, бахши илмҳои филологӣ, № 2 . - Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, 2018. - С. 251 – 255. ISSN 2413-516X

10. Роухани «удивлён» доверием иранцев к иностранным СМИ/ RFE / RL. 2007-2019. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://rus.azattyq.org/a/rouhani-udivlen-doveriem-irancev-k-inostrannym-smi/29293306.html (Санаи истифодабарӣ: 21.09.2019).
11. Тегеран приступил к глушению западных передач/ golos ameriki.ru. 2009-2019. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.golos-ameriki.ru/a/update-iran-radio-tv-censoring-2009-12-30-80345317/664183.html (Санаи истифодабарӣ: 19.09.2019).
12. Ҳомиёни ҳуқуқ: дар эътирозҳои Эрон беш аз 100 кас кушта шуд/ozodi.org. 2007-2019. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.ozodi.org/a/30283866.html (Санаи истифодабарӣ: 22.09.2019).
13. About Radio Farda/ radiofarda.com. 2019.- [Манбаи электронӣ] - URL: https://en.radiofarda.com/p/6258.html (Санаи истифодабарӣ: 17.09.2019).
14. Ayatollah BBC – An Iranian Disinformation Operation Against Western Media Outlets / clearskysec.com. 2019.- [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.clearskysec.com/bbc/ (Санаи истифодабарӣ: 15.09.2019).
15. Mission Statement/RFE/RL, Inc. 2019.- [Манбаи электронӣ] - URL: https://pressroom.rferl.org/mission-statement-principles-of-ethical-journalism

РАДИОИ «ФАРДО» ТАРҒИБГАРИ СИЁСАТИ ИМА

Дар мақолаи мазкур фаъолияти Радиои «Фардо», ки барои Ҷумҳурии Исломии Эрон аз 19-уми декабри соли 2002 барнома пахш мекунад, мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Радиои номбурда шабонарӯзӣ ба забони форсӣ барнома пахш мекунад ва қисми асосии барномаҳояшро суруду мусиқӣ барои ҷавонон ташкил менамояд. Радиои мазкур лоиҳаи муштараки Радиои «Аврупои озод»/Радиои «Озодӣ» ва Радиои «Садои Америка» мебошад, ки ба ҷои Радиои «Эрони озод» пахш мешавад. Аз соли 2008 радиои мазкур пурра ба тобеияти Радиои «Аврупои озод»/Радиои «Озодӣ» гузаштааст. Радиои мазкур аввал ба мавҷи миёна барнома пахш мекард. Ҳоло вай ба мавҷи кӯтоҳу миёна барнома пахш мекунад. Радиои "Фардо" вобаста ба мавзӯъҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ иттилоъ дода, барномаҳои ҳунарӣ, варзишӣ ва мусиқӣ низ пахш мекунад. Радио бо суроғаи www.radiofarda.com сомона дошта, дар шабакаҳои иҷтимоӣ низ саҳифа боз кардааст. Сомонаи мазкур дар Эрон аз тарафи мақомоти ҳукуматӣ баста буда, дастрасии муштариёни дохили кишвар танҳо аз тариқи VPN имконпазир аст. Радиои “Фардо” бо ҳар роҳу восита дар барномаҳои худ аз роҳбарияти давлати Эрон интиқод намуда, тарғиб мекунад, ки сохти давлатдорӣ сарнагун карда шавад. Аз пажӯҳиш бармеояд, ки радио аз мухолифини Ҳукумати Эрон ҷонибдорӣ менамояд. Радиои "Фардо" аслан дар барномаҳои худ ба мавзӯъҳои проблемавӣ ва баҳснок бештар таваҷҷуҳ мекунад. Масалан, озодии баён, озодии занон ва ҳуқуқҳои онҳо, никоҳи бармаҳал ва ғайра мавзӯъҳое мебошанд, ки пайваста дар барномаҳо баррасӣ мешаванд.

Калидвожаҳо: тарғибот, СММ, ВАО, расонаҳо, Радиои «Озодӣ», Радиои “Фардо,” телевизион, Эрон, ИМА, Ҳасани Рӯҳонӣ, Доналд Трамп.

РАДИО «ФАРДО» - ПРОПАГАНДИСТ ПОЛИТИКИ США

В статье анализируется деятельность Радио «Фардо» ("Завтра"), которое вышло в эфир для Исламской Республики Иран 19 декабря 2002 года. Это радиостанция вещает круглосуточно на персидском языке, песня и музыка для молодежи преобладают в сетке вещания, и являются основными программами. Радио является совместным проектом Радио “Свободная Европа” / Радио “Свобода” и “Голос Америки”, транслируется вместо Радио “Свободный Иран”. В 2008 году радио было полностью передано в подчинение Радио “Свободная Европа” / Радио “Свобода”. Радио с самого начала транслировалось на средней волне. В настоящее время радио «Фардо» транслирует передачи на коротких и средних волнах. Радио «Фардо» освещает политические, экономические, социальные и культурные, проблемы. Радио доступно на веб-сайте www.radiofarda.com, а также имеет страницу в социальных сетях. Сайт заблокирован правительством Ирана и доступен для клиентов в стране исключительно через VPN. Радио «Фардо» любыми средствами в своих программах критикует руководство Ирана и призывает к свержению государственного строя. Исследования показывают, что радио поддерживает оппозицию иранского правительства. Радио «Фардо» в своих программах фокусируется на проблемных темах и противоречивых вопросах. Например, свобода выражения, свобода женщин и их права, ранние браки и многое другое являются основными темами, которые регулярно рассматриваются в программах. Автор отмечает, что иногда в материалах Радио «Фардо» факты комментируются некорректно.

Ключевые слова: пропаганда, ООН, СМИ, Радио Свобода, Радио «Фардо», телевидение, Иран, США, Хасан Рухани, Дональд Трамп.

RADIO “FARDA” PROPAGANDIST OF USA POLICY

The article analyzes the activities of Radio «Farda» (Tomorrow), which aired for the Islamic Republic of Iran on December 19, 2002. The specified radio station broadcasts around the clock in Persian, in the broadcasting is dominated by songs and music for young people. Radio is a joint project of Radio Free Europe / Radio Liberty and Voice of America, which is being broadcast instead of Radio «Free Iran». In 2008, the radio was completely transferred to Radio «Free Europe» / Radio «Liberty». Radio from the beginning aired on the middle wave. Currently, Radio "Farda" transmits broadcasts in the short and medium wave. Radio Farda covers political, economic, social and cultural problems. Radio is available on the website www.radiofarda.com, and also has a page on social networks. The site is blocked by the Iranian

government and is available to customers in the country exclusively through a VPN. Radio "Farda" by any means in its programs criticizes the leadership of Iran and calls for the overthrow of the political system. Studies show that the radio supports the opposition of the Iranian government. Radio Farda focuses on problematic topics and controversial issues in its programs. For example, freedom of expression, freedom of women and their rights, early marriage and much more are the main topics that are regularly addressed in programs. The author notes that sometimes in the materials of Radio "Farda" the facts are commented incorrectly.

Key words: propaganda, UN, media, Radio «Liberty», Radio «Farda», television, Iran, USA, Hassan Rouhani, Donald Trump.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Муқимов Муҳамади Аминович (Ҷовид Муқим)*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи байналхалқӣ. **Суроғa:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: jovidm@mail.ru

Сведения об авторе: ***Мукимов Мухамади Аминович (Джовид Муким)*** - Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор кафедры международной журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: jovidm@mail.ru

Information about the author: ***Muqimov Muhamadi Aminovich (Jovid Mukim)*** – Tajik National University, Doctor of Philology, Professor, Department of International Journalism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. **E-mail:** jovidm@mail.ru

УДК: 070 +891.550-1:82

АХЛОҚ ДАР МАКТАБИ ОДАМИЯТИ УСТОД ШАКУРӢ

Каримова Т.Х.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

«Бузургон одобро ҷавҳари ақлу хирад гуфтаанд. Инсон аз махлуқоти дигар бо ақлу хиради худ фарқ мекунад. Касе, ки онро надорад, зоҳиран намуди инсонӣ дошта, ботинан аз ин сифат маҳрум аст. Дарвоқеъ, кас рафтору кирдори баъзе афроди беодобро дида, ба дурустии ин нукта бовар мекунад» [5, с.6].

Одамизод агар беадаб аст, одам нест,
Фарқ мобайни бани одаму ҳайвон адаб аст (Ҷалолиддини Румӣ).

Ахлоқ аз азал то кунун ифшогари рафтору кирдор ва маърифату маданияти ҳар шахс буд ва боқӣ хоҳад монд. Маҳз ҳар як инсонро дар ҳама ҷода сараввал аз рӯйи феълу рафтор ва ахлоқи ҳамидааш медонанду мешиносанд ва эҳтирому эътирофаш мекунанд.

Устод Муҳаммадҷон Шакурӣ яке аз чунин нафаронест, ки байни ҷомеаи инсонӣ мақому мартабаи махсуси худро дорост ва набояд фаромӯш кард, ки ин омил маҳз вобастааст аз ахлоқи накуи ӯ. Мавриди ёдоварист, ки дар боби мавзӯи ахлоқ М. Шакурӣ қариб дар кулли таълифоташ андеша рондааст ва ё каме ҳам бошад, ҷо-ҷо ишораҳо низ кардааст. Масалан, доир ба хислатҳои одамият, рафтор, муошират, қадри инсон, муносибат ва амсоли инҳоро мавриди баррасӣ қарор додаст, ки ин ҳамаро мо дар такя ба як асари муҳаққиқ бо унвони «Мактаби одамият» дида мебароем. Асари мазкур фарогири матлабҳои дар солҳои гуногун навишташудаи муаллиф буда, аксаран аз лиҳози иҷтимоӣ ба вазъи имрӯзаи ҷамъият вобастагӣ дорад. Дар он баъзе масъалаҳои маънавият ва ахлоқи иҷтимоӣ, инсону инсонпарварӣ инъикос шудааст. Қайд кардан ба маврид аст, ки ин китоб дар нашриёти «Адиб» соли 1991 рӯйи чоп омада, аз 268 саҳифа иборат аст.

Ахлоқ дар мактаби одамият ба таъбири муҳаққиқ М. Шакурӣ чунин аст: «… зоти инсон тағйирнопазир аст ва сифатҳои бади он ҳаргиз барҳам нахоҳад хӯрд…гуногунии табиати инсон, ҳар чӣ неку бад, ки дар сиришти одамизод ҳаст, муборизаи некиву бадӣ, ки бо пайдоиши башарият сар шуда буд, имрӯз ҳамчунон боқист ва минбаъд ҳам давом хоҳад кард» [10, с.158]. Воқеан, инсонҳо аз ҷиҳати зот тағйирнопазиранд, аммо дар феълу рафтор аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Яъне, шахсе, ки дар ботини ӯ то куҷое сифатҳои бад ва ё нек реша давонда бошад, хоҳу нохоҳ ӯ ба ҳамон равиш қадам мезанаду умр ба сар мебарад, зеро қувваи бадию некӣ аз аввали пайдоиши инсоният буд ва боқӣ хоҳад монд. Бинобар

ин, ҳар фарде, ки хоҳад мактаби одамиятро убур намояд, сараввал ба ӯ зарур аст, ки ахлоқи нек дошта бошад. Барои он одамиятро, ахлоқи намунаро соҳиб гаштан моро зарур аст, ки омӯзиши ахлоқро аз ниёгони гузаштаи худ оғоз намоем. Чуноне устод Шакурӣ қайд кардааанд, ки «мо бояд худро ба гузашта муқобил нагузорем, балки аз неку бади он сабақ омӯзем. Дар акси ҳол, аз меъёрҳои олии одамият маҳрум хоҳем монд» [10, с.189]. Албатта, адабиёти классикии форсиву тоҷикӣ дар тӯли асрҳо барои ташаккули маънавияти мардум, муайян шудани сифатҳои баланди ахлоқи наслҳои наврас нақши бузурге бозидааст ва дар замони мо низ нақши он кам нашудааст.

Чизи дигаре, ки дар асари мазкур диққати моро ба худ зиёд ҷалб кард, он аст, ки М. Шакурӣ ҳатто пайдоиши зарраҳои одамиятро дар муносибату муомила ва дастгирии устодон, қадри занон, эҳтиромі волидон, ҳисси худшиносиву худогоҳӣ, андешапарварӣ, хайрхоҳӣ ва амсоли инҳо мушоҳида намуда, ба хубӣ дарк кардааст. Масалан, масъалаи ахлоқу одамиятро дар такя ба шеъру асарҳои офаридаи нависандагон инъикос намудааст. Барои исботи гуфтаҳо М. Шакурӣ дар мусоҳибае, ки «Масъалаҳои умумии маданияти сухан» ном дошт ва соли 1952 ташкил шуда аз ҷониби роҳбарияти Институти забон ва адабиёти Академияи илмҳои Тоҷикистон ба ӯ супориш шуд, ки дар мавриди забони радиои Тоҷикистон мақолае нависад ва ҳамин тавр ҳам шуд. Мақоларо навишт ва аввали соли 1953 дар рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» чоп шуд, аммо касе ба ӯ оид ба хуб ё бад будани мақолааш чизе нагуфт ва ҳатто табрик ҳам накардандаш. Аз ин муаллиф хеле ғамгин гардид, аммо устод Айнӣ ҳангоми ба Самарқанд сафар карданаш М. Шакуриро назди худ хонду таҳсину офаринаш гуфту назди нависандагон ба М. Турсунзода тавсия дод, ки «Рафиқ Турсунзода! Муҳаммадҷон шуданӣ менамоянд. Ин касро тарбият кардан даркор» [10, с.10]. Аз ин суханони устод Садриддин Айнӣ М. Шакурӣ хеле шод шуда, аз ҳамон вақт дар мавзӯи забон боз ҳам ҷиддитар ворид мегардад.

Аз ин бармеояд, ки бо вуҷуди дастгирӣ наёфтан аз ҷониби касе, Муҳаммадҷон Шакурӣ рӯҳафтода нагардид, балки бештар аз пештар ба ин кор майл кард ва дар ин самт муваффақ шуд. Маҳз яке аз шахсиятҳои барӯманди кишвар шудани М. Шакӯриро мо дар ҳамин кӯмаку дастгирии устод Айнӣ мебинем. Яъне як навиштаи ӯро қадр намуд, зеро устод Айнӣ худ захми қалам ва фикрро дидааст. Аз ин рӯ, як навиштаи оддии Шакуриро дастгирӣ намуд. Ин рафтори устод Айнӣ воқеӣ, самимӣ, ояндаи неки шогирдонро андешидан ва софдилии устодиро нишон додан аст. Ин аст яке аз зарраҳои одамият, зеро маълум аст, ки чунин нафарон билкул аз мактаби одамият гузаштаанд.

Маҳз ҳамин дастгириҳои бузургон буд, ки М. Шакурӣ дар ҷодаи илм муваффақ гашт. Ҳатто лаҳзае буд, ки оид ба монографияи ба номи «Мирзо Абдулқодири Бедил» навиштаи С. Айнӣ М. Шакурӣ эродҳо баён мекунад ва пас аз ин каме меҳаросад, то мабодо устод наранҷида бошад. Аммо устод Айнӣ хафа нашуда, ғалати ёфтаи ӯро ислоҳ карда, баръакс бо вақти хуш ба суолҳои М. Шакурӣ ҷавобҳои муфид дода, мегӯяд, ки «Лекин ба кадом мавзӯъ, ки даст занед ба чӣ кор, ки машғул шавед, ба асобағал одат накунед. Дар ҳар сурат то ҳадди имкон бе асобағал гаштанро ёд гиред» [10, с.6]. Дар ин маврид М. Шакурӣ пас аз гапи устод бо худ андешида мегӯяд: «Донистам, ки устод падарона насиҳат мекунад, ки дар зиндагӣ ба ақли худ амал кардан даркор аст, на ба гапи мардум» [10, с.7]. Ин ҷо ҳам муносибати хуб ва бекинагӣ инъикос шудааст. Масалан, фарз кардем агар чунин рафтори М. Шакуриро дар шароити имрӯза ҷавоне нисбати ягон шахсият раво дида, эродҳои ҷиддӣ гирад, ҳатман хоҳу нохоҳ аз он ҷониб сарзанишеро интизор мешавад. Зеро дар ҳоли имрӯз хато ва ғалати бархе аз шахсиятҳоро дарёбӣ на ба ҳамаи онҳо писанд аст ин кор, ҳатман хафа ё боиси малол шудани хотирашон хоҳад шуд. Дар ин ҷо бинед, ки устод Айнӣ метавонист, ки як ҷавони нав ба эҷод машғулшударо зери сарзаниш қарор диҳад. Аммо баръакс ин тавр накард, зеро нахост, ки майлу рағбати як муҳаққиқи ҷавонро аз тадқиқ дур кунад.

Инчунин, илова бар ин М. Шакурӣ дар китобаш аз роману повестҳо ва ҳикояҳои насрнависон ҷанбаҳои ахлоқиашонро ба таври иқтибос оварда ва мавриди таҳлил қарор додааст. Масалан, дар бораи ҳикояи «Омаду рафт»-и Баҳром Фирӯз, ки қаҳрамони он шахси накукор Усто Равшан буд, қисса карда ва аз он одамиятро нишон додааст, ки чунин

аст: «Усто Равшан сухани охирини ӯ ин буд, ки «хоб дидам… асп маро гирифта …андохт…аз қисмат ҷойи гурез нест…Афсӯс, ҳаво носоз омад…» Чунончи мебинем, қаҳрамони нависанда дар дами вопасин афсӯси ҳаво носоз буданро мехӯрад, ки дар ин ҳам дар ташвиш аст, ки мардум барои гӯронидани ӯ азоб хоҳанд кашид. Усто Равшан дар дами марг ҳам ғами дигаронро мехӯрад» [10, с.54]. Дар ин иқтибос М. Шакурӣ аз ин гуна рафтор одамияти қаҳрамонро инъикос намудааст, ки дар ин лаҳзаи ҳарос низ ӯ дар ғами худ не, балки дар ғами дигарон аст.

Оид ба повести «Кини Хумор»-и Ӯрун Кӯҳзод дар бораи паст намудани ҳуқуқи занҳо овардааст. Яъне, дар повест масъалаи асосӣ ин масъалаи муносибат ба зан, масъалаи шаъни одамии вай, худогоҳии инсонӣ ва иҷтимоии ӯст. «Ин масъала бо сарнавишти Хумор, ки ҷавонзани соҳибҷамол ва хушзеҳн буд…ки дар бадбахтиҳояш падараш Раҷаб ном яке аз инқилобкорони собиқ буд, ки омада-омада як рӯз фарзандашро чун мол ба фурӯш монд» [10, с.44], ки воқеан чунин ҳаёти пурфоҷеа ҳуқуқи занонро ба нестӣ бурда мерасонад. Ҳол он ки фаромӯш набояд кард, занон низ ба мисли мардон инсонанд, на ин ки мол. Зеро «хислатҳои накӯ ва беолоиши зан буд, ки бузургтарин родмардони ҷаҳон, нобиғаҳои шеъру суруд, файласуфони абарқудрати дунё дар пеши қудрати зан зону задаанд ва ӯро васфу ситоиш кардаанд» [1, с.14].

Муҳимтарин нишонае, ки одамӣ аз худ боқӣ мегузорад, некиву одамият аст. Одамизод бештар аз ҳама дар сари одамият моҳияти ҳастии худро ифода мекунад ва мешиносад. Инсони ҳақиқӣ он аст, ки моҳияти инсонии худро дарк кард ва ҳастии худро дар роҳи некиву инсоният ба харҷ дод. Дар маҷмӯъ, ҳамаи ин аз ақлу хиради софдилӣ ва поктинатии одам манша мегирад. Дар ин радиф муҳаққиқи илми ахлоқ А. Содиқов чунин баёни андеша намудааст: «Одами софдил ҳаёти шахсӣ ва ҷамъиятиро бояд дар асоси талаботи ақлу хирад ва ҳақиқат танзим созад» [9, с.112]. Ҳақ бар гуфтаҳои муҳаққиқ аст, инсоне, ки тинаташ пок аст, ӯ доимо сазовори ақлу хиради волост ва метавонад то софдилона дар ҳаёти шахсӣ, ҷамъият ҳақиқатро танзим намояд. Мо ба ин гуфтаҳои публитсист М. Шакуриро мутааллиқ медонем, чунки қариб дар ҳама осори эҷодии ӯ пай бурдан мумкин аст, ки муҳаққиқ ҳама вақт дар боби риояи одобу ахлоқ, инсону инсонпарварӣ, адолатпешагӣ, ҳақиқатҷӯйӣ ва одамгариву нексиришти ва амсоли инҳо андеша рондааст, ки гувоҳи гуфтаҳои болост.

Дар асари мазкур масъалаҳои худшиносӣ низ ҷой гирифтааст, ки онро М. Шакурӣ чунин баён кардааст: «Мақсади аслии худшиносӣ камоли маънавию ахлоқист. Агар инсон ба камоли рӯҳонияту ахлоқ нарасад, аз худҷӯй фоида кам хоҳад буд» [10, с.10]. Ақидаи мазкур ифодагари камоли маънавию ахлоқӣ ва рӯҳонияти инсон мебошад. Яъне, барои худро шинохтан, инсонро мебояд бо ақлу маърифат ва рӯҳан хушахлоқу солим бошад, то ба умқи вожаи худшиносӣ сарфаҳм равад. Маърифати комилро сазовор бошад. Дар шинохти масъалаҳои худшиносии миллӣ дар эҷодиёти М. Шакурӣ профессор М. Муродов чунин қайд кардааст: «Академик М. Шакурӣ масъалаи худшиносии миллиро дар паҳлуҳои гуногун ва бо назари фароху мубоҳисаҳои доманадор чунон ба риштаи таҳқиқ мекашад, ки ҳадафи маърифатӣ дар ҷойи аввал мебарояд» [3, с.206]. Воқеан ҳам чунин аст, вақте кас асару мақолаҳо ва умуман эҷодиёти академик Шакуриро варақ мезанад, хоҳу нохоҳ ба масъалаҳои маърифатпарварӣ ва ба ин монанд вожаҳо дучор мегардад. Ҳадафаш билкул баланд бардоштани маърифатнокӣ, ахлоқу маданият ва умуман одобу одамияти фард аст.

Маврид ба ёдоварист, ки дар таълифоти мазкур, яъне «Мактаби одамият» мавзӯъҳои шахсони такаббурпеша, одамию ноодамӣ, рафтору кирдор, маърифат, моҳияти ҳастӣ, камолоти маънавӣ, биниши хештаншиносӣ, масъалаҳои маънавият, зотан фарқи инсон аз ҳайвон, ҳисси миллӣ, худшиносии миллӣ, низоъҳои маҳалгароӣ, донистани ҷанбаи фарҳанг ва таърих, ояндабинии донишмандон, ягонагӣ ва иттиҳоди миллӣ, ифтихори миллӣ, шуури миллӣ, меҳри ватан, инсондӯстӣ, анъанаҳои миллӣ, мактабу маориф ва амсоли инҳо масъалагузорӣ шудааст, ки дар маҷмӯъ, ҳамаи ин сараввал боз аз илми ахлоқ манша мегирад. Бинобар ин, қайд кардан ба маврид аст, ки илми ахлоқ хеле фароху доманадор аст ва пайдоишаш аз файласуфони Юнони қадим Арасту ва Суқрот оғоз шуда, то ҳоли имрӯз мавриди омӯзиши муҳаққиқони дунё қарор дорад. Дар кишвари мо низ кам

нестанд муҳаққиқоне, ки дар ҷодаи илми ахлоқ фаъолият накарда бошанд. Яке аз онҳо Ё. Одинаев умуман ин вожаро чунин маънидод кардааст: «Ахлоқ калимаи арабӣ буда, маъноияш хӯ, рафтору кирдор ва сират аст. Ахлоқ ҳамчун истилоҳи илмӣ маҷмӯи қоида, тартиботи муносибату муомилаи одамонро дар оила ва ҷойҳои ҷамъиятӣ ифода мекунад» [4, с.10]. Ин ҷо калимаи (ахлоқ)-ро муҳаққиқ бисёр олӣ муаррифӣ намудааст. Инчунин хеле ба маврид шарҳу тавзеҳ додааст, ки ҳамчун илм қоидаю тартиботи муносибату муошираты оммаро дар ҳама ҷойҳо ифода мекунад, ки бемубоҳиса метавон гуфт инсонро дар ҳама ҳолат ва дар ҳама кору пайкораш аз рӯйи хислатҳои ҳамидааш метавон баҳо дод, ки ин ҳам аз ахлоқи накуяш манша мегирад.

Академик Шакурӣ ҳамчунин масъалаи тафовути байни инсону ҳайвонро каме ҳам бошад, дар асараш шарҳ додаст, ки чунин матраҳ шудааст: «Зотан фарқи инсон аз ҳайвон он аст, ки ба худшиносиву худогоҳӣ метавонад бирасад. Бедил ин ҳақиқатро басо тунд баён кардааст.

Гову хар аз тарбият инсон намегардад валек
Одамӣ гар як даме ғофил шавад, хар мешавад.

Бедил ҳам монанди дигар бузургон дар ин ҷо худшиносӣ ва маънавияту ахлоқро сахт ба ҳам бастааст. Инсон бояд лаҳзае фаромӯш накунад, ки инсон аст. Вай бояд моҳияти одамии худро донад ва дар зиндагӣ одамвор рафтор кунад» [10, с.11]. Гумон мекунем, ки ин матлаби овардаи муаллифро ҳоҷат ба шарҳу тафсил додан нест, зеро ҳар хонандае ки зеҳн монда назар кунад, зуд худ пай мебарад, ки публитсист аз ин гуфтаҳояш чӣ гуфтан мехоҳад. Танҳо ҳаминро зикр мекунем, фаромӯш набояд кард, ки «инсон дар олами ҳастӣ мавҷудияти нодир ва нотакрор аст» [8, с.20]. Аз ин рӯ, тухми инсонӣ дубора насабзандааст, дар ин дунё одам як маротиба меояд ва бояд кӯшиш ба харҷ дод, ки дар ин омаду рафти кӯтоҳ ахлоқи ҳамида дошта бошаду аз худ як хотироти нек ба ояндагон боқӣ гузорад ва дар ин ҷо мақсади асосии М. Шакурӣ низ ҳамин аст.

Масъалаи зиёиён низ дар асар хеле хуб матраҳ шудааст. Муҳаққиқ зиёиёнро мағзи сари халқанд гуфта ва ҳамчунин овардааст, ки халқ бояд зиёипарвар бошад, то ки рӯзгораш нур гирад. Дар ин радиф, дар хусуси зиёии асил ва қолабӣ боз зикр намудааст, ки: «Дареғ, сад дареғ, ки бисёр касон дар ҷумҳурияти мо зиёъӣ ном доранд, аммо дар рӯяшон нуре нест. Онҳо сазовори ин ном нестанд, зеро фарҳанг, ахлоқу одоб ва одамияташон паст аст. Онҳо равшанфикр не, торикфикр ҳастанд ва ғубори бемаънавиятӣ паҳн мекунанд» [10, с.38]. Мо низ ба ин гуфтаҳо ҷонибдор ҳастем, зеро ин пӯшида нест. Воқеан ҳам дар ҳоли имрӯз низ бархе аз чунин афроде ҳастанд, ки худро зиёӣ мехонанду аммо дар асл дида бароед, заррае сазовор нестанд ба ин вожа. Устод Шакурӣ хеле ҷасурона баён намудааст, ки ба қавле зиёиёни қолабӣ дар рӯяшон нур нест, аз ахлоқу одоб ва фарҳангу маданияти инсонӣ ақибмондаанд. Инчунин бархе аз чунин афрод, ки худро зиёӣ мехонанд баръакс торикфикр ҳастанд, гуфтаҳояшон заррае дар доираи маънавиёту ахлоқ ҷой намегирад. Дар ин хусус Муҳаммад Ғаззолӣ низ ҳикматеро чунин қайд кардааст: «Ва ҳам аз ин маъно пурсиданд. Гуфт: «Ба аввали замона халқ хуфта буданд ва уламо бедор. Имрӯз уламо хуфтаанду халқ мурда. Сухани хуфта мурдаро чӣ суд дорад. Аммо ин он рӯзгор аст, ки рӯҳи халоиқ табоҳ шудааст ва мардум ҳама бадфеълу бадниятгаштаанд. То бими сиёсати султону подшоҳ набошад, халқ бар тоату салоҳ набошанд» [2, с.72]. Аз ин суханон мо инро пай бурдем, ки қариб ҳардуи ақидаҳои муҳаққиқон ҳамрадифанд, чунки Ғаззолӣ низ дар хусуси бадфеълию бадниятӣ ва дар хоби ғафлат мондани зиёиён баён намудааст. Ин ҷо сиёсати султону подшоҳ шояд ба он маъно омадааст, ки то нодурустию беадолатии бархе аз уламоро ҷиддӣ эрод ва ё зери танқиди ислоҳпазир накашед, онҳо ин айби худро нодида мегиранд ва аз паси ислоҳаш нахоҳанд шуд. Ҷойе (сухани хуфта мурдаро чӣ суд) ба он маънист, ки маърифатнокӣ, ахлоқ ва умуман одамият паст бошад, ҳамон фарде, ки ба таври мисол якро аз ду фарқ мекунад, пас аз суханони ба қавле чунин зиёиёни қолабӣ ҳамонро ҳам фаромӯш хоҳад кард ва дигар ба он ягон сухан таъсир намекунад, ба мисли мурда хоҳад шуд.

Шинохти ахлоқ аз назари Шакурӣ боз дар мавзӯи худшиносии миллӣ ба мушоҳида мерасад. Дар ин хусус ӯ қайд кардааст, ки «Аз худ намудани дороиҳои таърихии фарҳангӣ,

ҳосил кардани ёди таърихии пурмазмун шарти асосии худшиносии миллист, балки дараҷаи баланди он аст» [10, с.12]. Ифодаи мазкур доир ба дарки худшиносии миллӣ ва инчунин дараҷаи баланди он буда, ин ҳамаро публитсист сараввал ба омӯзиши таърихи фарҳанги худ, таърихи халқи худ мансуб донистааст, ки ҳаҷ бар ҷониби ӯст, зеро барои миллати худро ба куллӣ шинохтан, мебояд, ки пеш аз ҳама аз гузаштаи он воқиф бошем. Барои ба гузаштаи худ ошноӣ пайдо намудан, моро зарур аст, то таъриху фарҳанги ниёгонро биомӯзем. Ҳамчунин барои боз ҳам рӯшанӣ андохтан ба андешаамон ин ҷо дар мавриди сарчашмаи худшиносии миллӣ аз сарсухани президенти кишвар Э. Раҳмон ба китоби Б. Ғафуров «Тоҷикон» иқтибосеро меоварем, ки таҳвиятбахши ин гуфтаҳост: «…як сарчашмаи худшиносии миллӣ маҳз ошноӣ бо мероси таърихӣ аст. То хотираи қавии таърихиро, ки дар осори фарҳангиву илмии бостон маҳфуз аст, ҷомеа аз худ накунад, аз хираду заковати гузаштагон баҳраманд нашавад, дар тамоми риштаҳои зиндагӣ ба дастовардҳои дилхоҳ ноил шуда наметавонад» [7, с.78,79]. Дар ин андеша ҳам бошад, сарчашмаи муҳимми худшиносии миллӣ боз ба таъриху фарҳанг рабт гирифтааст. Илова бар ин зикр шудааст, ки ҳатто надонистан, яъне ғофил будан аз осори таърихию фарҳанги бостони хеш, инсон наметавонад дар тӯли ҳаёт зиндагӣ баҳраманд шавад ва ба дастовардҳои дилхоҳ ноил гардад. Ин худ ба мисли зиндагии манқурт (одами беҳофиза, ки фақат хӯру хобро медонад) хоҳад буд.

Муҳаққиқ дар асараш ҳамчунин ба мавзӯи миллат низ таваҷҷуҳи хосса зоҳир кардааст ва ҷойе овардааст: «… таъсиси давлати миллӣ яке аз умдатарин шартҳои мавҷудият ва рушду камоли миллат аст» [10, с.69]. Дар ин андешааш муаллиф маълум сохтааст, ки барои мавҷуд ва рушду камол ёфтани миллат моро лозим аст, ки давлати ороми миллӣ дошта бошем. Барои давлати миллӣ доштанамон, ҳар яки моро мебояд ба қадри ватани тинҷу осуда аз сидқи дил кӯшиш кунему дӯсташ дорем ва нагузорем, ки нохалафе сӯи он санги маломат занад. Зеро фаромӯш набояд кард, ки маҳз давлати миллиро мо шаҳрвандонаш сохтаю нигоҳ дошта метавонем. Давлат дар дасти миллат василае барои расидан ба орзуву омоли олии башарист. Фаромӯш набояд кард, ки «тоҷикон бо вуҷуди беадолатиҳои зиёди таърих аз рисолати инсондӯстӣ ва фарҳангпарварии худ ҳеҷ гоҳ даст набардоштаанд» [6, с.12]. Бинобар моро зарур аст, то инсондӯсту фарҳангпарвар ва билохира миллатдӯст бошем, миллати худро обод созем. Ҳамчунин роҳ надиҳем бар он ибораи гӯшхароше, ки оқибаташ ба маҳалгароӣ бурда мерасонад, ки чунин аст «ту аз куҷоӣ?» ва «куҷоиӣ?», зеро асос ин ки мо ҳама тоҷикзодаему аз насли озодагонем. Боқӣ ҳар як хонандаи ин матлаб худ метавон қазоват кунад.

Дар хулоса метавон гуфт, ки маданияту одоб худ аз худ ташаккул намеёбад, зеро баъзан одами оқилу доно ҳам агар аз кӯдакӣ тарбияти хуб нагирифта бошад, ба маънои пурраaш, баодоб ва хирадманд шуда наметавонад. Аз ин рӯ, таълиму тарбияи хуб омили муҳимми ташаккули одобу одамият ва ахлоқ мебошад. Бинобар ин, дар ин мақола аз асари муҳаққиқ Муҳаммадҷон Шакурӣ «Мактаби одамият» мавзӯъҳои мутааллиқ ба инсону инсонпарварӣ, ахлоқу одамият, инчунин аз мушоҳидаву муқоисаи аъмоли одамон, миллат, хештаншиносӣ, маҳалгароӣ, таҷрибаи ҳаётии хеш ва ҷомеаро ба андозае ҷамъбаст намуда, матолибе омода намудем. Агар онҳо барои риояи одобу одамият ва ахлоқ, тарбияти наврасону ҷавонон кумаке расонанд, худро хушбахт мешуморем.

А Д А Б И Ё Т

1. Ғаффоров А. Зан аз ни гоҳи сиёсати гендерӣ / А.Ғаффоров. - Душанбе, 2005. – 44 с.
2. Ғаззолӣ Муҳаммад. Насиҳат-ул-мулук / Муҳаммад Ғазолӣ. - Душанбе, 1993. – 144 с.
3. Муродов М. Аз замон то замон / М.Муродов. - Душанбе, 2010. - 48 с.
4. Одинаев Ё. Бунёди маданияти шахс / Ё.Одинаев. - Душанбе, 1989. - 80 с.
5. Олимов М. Одоби рафтор / М. Олимов. - Душанбе, 2002. - 144 с.
6. Раҳмонов Э. Сарнавишти миллати соҳибтамаддун / Э. Раҳмонов. - Душанбе, 2006. - 44 с.
7. Раҳмонов Э. Ватандӯстӣ ва худшиносии миллӣ / Э. Раҳмонов. - Душанбе, 1999. - 99 с.
8. Саидов А. Фалсафа (ҳикматдӯстӣ, ҳақиқатҷӯйӣ) / А. Саидов, А. Гулов, М. Азимова. - Душанбе, 2016. - 80 с.
9. Содиқов А. Ҷаҳонбинӣ ва ахлоқ аз назари мутафаккирони тоҷик / А. Содиқов. - Душанбе, 2004. – 204 с.

10. Шукуров М. Мактаби одамият / М.Шукуров. - Душанбе, 1991. – 268 с.

АХЛОҚ ДАР МАКТАБИ ОДАМИЯТИ УСТОД ШАКУРӢ

Мақолаи мо дар доираи асари таълифнамудаи Муҳаммадҷон Шакурӣ бо унвони «Мактаби одамият» омода гардидааст. Дар мақолаи илмии худ перомуни шинохти ахлоқ аз назари публитсист М.Шакурӣ сухан намудем. Сарчашмаи одобу рафтор, одамию ноодамӣ, инсондӯстию адолатпарварӣ, сулҳу салоҳ, қавӣ ва мустаҳкам нигоҳ доштани таъриху фарҳанг, миллату давлат ва худшиносиву ҳақиқатҷӯйиро муҳаққиқ дар ахлоқ мебинад. Ҳамчунин дар мавзӯъҳои маҳалгарой, мансабталошӣ, такаббурпешагӣ, бемаърифатии бархе аз зиёиёни қолабӣ, ҳифзу ҳимоя нанамудан аз таъриху фарҳанги бостонро бар коста ва умуман набудани ахлоқи инсонӣ инъикос намудааст. Ин ҷо мо доир ба мавзӯъҳои номбурда аз диди назари хеш ва инчунин барои пурқувват намудани таҳлиламон иқтибосҳо аз асарҳои муҳаққиқони гуногуни соҳаҳо истифода намуда, маводи худро мавриди тадқиқу баррасӣ қарор додем. Пас аз таҳлилҳои асари мазкур ба хулосае омадем, ки дар ҳама самт маориф, сиёсат, иқтисод, фарҳанг, давлат, дин ва ғайраҳо дар ҷойи аввал ахлоқ қарор дорад. Зеро ахлоқ ифшогари тарбияту маданият ва маърифату одамияти инсонҳо мебошад.

Калидвожаҳо: шахсони такаббурпеша, одамию ноодамӣ, рафтору кирдор, маърифат, моҳияти ҳастӣ, камолоти маънавӣ, биниши хештаншиносӣ, масъалаҳои маънавият, мактабу маориф.

НРАВСТВЕННОСТЬ В «ШКОЛЕ ЧЕЛОВЕЧСНОСТИ» МУХАММАДДЖОН ШАКУРИ

Наша статья подготовлена в рамках рассмотрения работы, написанной публицистом Мухаммадджоном Шакури под названием «Школа человечности». В своей научной статье мы подвергли рассмотрению познание нравственности с точки зрения Мухаммадджона Шакури. Первоисточник воспитанности и поведения, человечности и нечеловечности, гуманизма и человеколюбия, мира и спокойствия, уважение истории и культуры своего края, самосознания поиска истины автор книги видит в нравственности. Также он отразил проблемы местничества, карьеризма, высокомерия и бескультуря некоторых граждан, которые он видит в их безнравственности. Также в статье нами приведены высказывания других исследователей относительно данной тематики. После рассмотрения и анализа данного произведения мы пришли к выводу о том, что во всех направлениях: государственной и общественной деятельности, в сферах образования, политики, экономики, культуры и религии на первом месте должна стоять нравственность и нравственное поведение, так как нравственность является обличителем воспитании, культуры и человечности граждан страны.

Ключевые слова: высокомерные личности, человечность нечеловечность, деяние и поведение, познание, сущность бытия, самосазнательность, вопросы духовности, школа и образование.

MORALITY AT THE "SCHOOL OF HUMANITY" MUHAMMAJON SHAKURI

Our article was prepared as part of a review of the work written by the publicist Muhammadjon Shakuri called "The School of Humanity". In our scientific article, we examined the knowledge of morality from the point of view of Muhammadjon Shakuri. The author of the book sees the primary source of good breeding and behavior, humanity and inhumanity, humanism and philanthropy, peace and tranquility, respect for the history and culture of his land, self-awareness of the search for truth, the author of the book sees in morality. He also reflected the problems of parochialism, careerism, arrogance and lack of culture of some citizens, which he sees in their immorality. Also in the article, we present statements by other researchers regarding this topic. After reviewing and analyzing this work, we came to the conclusion that in all directions: state and public activities, in the spheres of education, politics, economics, culture and religion, morality and moral behavior should be in the first place, since morality is the denouncer of education , culture and humanity of the country's citizens.

Key words: arrogant personalities, humanity, inhumanity, action and behavior, cognition, the essence of being, self-consciousness, questions of spirituality, school and education.

Маълумот оид ба муаллиф: ***Каримова Таҳмина Хуҷаназаровна*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи матбуот. **Суроғa:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17.
Тел.: **(+992) 987-77-59-24**

Сведения об авторе: ***Каримова Тахмина Худжаназаровна*** **–** Таджикский национальный университет, соискатель кафедры печати. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 987-77-59-24**

Information about the author: ***Karimova Tahmina Khujanazarovna*** - Tajik National University, applicant for printing department. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 987-77-59-24**

УДК: 07 (575.3)

ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ МУҲАРРИРИ ТЕЛЕВИЗИОН ДАР ҶАРАЁНИ СОЗМОНИ БАРНОМА

Исматуллои Ҳабибулло Нарзуллозода
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар ҷомеа ҳар нафар ҳуқуқ ва уҳдадориҳои худро дорад. Дар навбати дигар, ки уҳдадориҳо марҳила ба марҳила амалӣ гардиданд, инсон мехоҳад ҳуқуқҳои худро аз даст надода, пайваста аз онҳо ҳифз карда бошад.

Дар соҳаи журналистика низ чунин истилоҳ арзи ҳастӣ дорад, ки мо мехоҳем мавриди ҳуқуқ ва уҳдадориҳои муҳаррир суҳбат карда бошем. Барои созмон додани як барномаи телевизионӣ заҳмату талош ва вақти гурӯҳи эҷодӣ сарф мегардад, ки дар саргаҳи ин иқдомот муҳаррир ва ё журналист меистад.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар васоити ахбори омма» ба сифати номи журналист чунин омадааст: «журналист - шахси воқеиест, ки ба ҷамъоварӣ, таҳрир ва омода намудани ахбору мавод барои редаксияи воситаҳои ахбори омма машғул буда, бо ин редаксия тавассути шартномаи меҳнатӣ ё дигар муносибатҳои шартномавӣ алоқаманд аст ва аз рӯйи ваколати ба ӯ дода шуда фаъолият менамояд ва ё узви иттиҳодияҳои касбии журналистон мебошад» [1].

Аз иқтибоси дар боло зикргардида маълум мешавад, ки мафҳуми муҳаррир ва журналист дар якҷоягӣ дар назар дошта шудааст, масалан қайд гардидааст, ки «журналист ба таҳрир ва ҷамъоварии мавод машғул мешавад».

Аммо дар мавриди кӣ будани муҳаррир, мафҳуми он ва арзи ҳастӣ кардани он дар қонун мушаххас гуфта нашудаасту мавриди нақши сармуҳаррир ишорае вуҷуд дорад, ки чунин аст: «Сармуҳаррир (муҳаррир) - шахсе, ки редаксияи воситаи ахбори оммаро роҳбарӣ менамояд ва нисбат ба нашри он қарори ниҳоӣ қабул мекунад» [1].

Яъне, ин ҷо на мавриди эҷоду эҷодкорӣ ва на мавриди офаридани маводи журналистӣ, ки онро муҳаррир омода мекунад, сухан меравад, балки дар ин матлаб вобаста ба вазифаи муҳаррир сухан меравад ва то ҷое яке аз уҳдадориҳои муҳаррир ҳангоми иҷрои вазифа ҳамингуна аст.

Профессор Мурод Муродов дар «Луғати мухтасари истилоҳот ва мафҳумҳои рӯзноманигорӣ» зикр менамоянд: «Журналист – рӯзноманигор корманди касбии ВАО, оҷонсиҳои иттилоотӣ, марказҳои матбуотӣ ва мутахассисони ин соҳа, ки ба штати муассиса дохил мешавад, шартнома мекунад, мавод ҷамъ мекунад, менависад ва таҳрир мекунад» [1, с.50].

Яъне, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои муҳаррир ва журналист дар як сатҳ таҳрезӣ гардидааст ва то ба имрӯз муҳаррир ба маънои томаш ҷудогона фаъолият намебарад. Дигар паҳлуи масоили мавриди журналист - муҳаррир ин аст, ки дар ҳама ҷо журналист ном бурда мешаваду дар муассиса бо номи муҳаррир воҳиди корӣ ҷудо гардидааст, на бо номи журналист. Аз ин рӯ, журналист-муҳаррир уҳдадориҳои яксон доранд.

Муҳаққиқ И.М. Кемарская менависад: «Редактор здесь выступает как руководитель, который организует, направляет и сводит воедино работу всех участников коллектива в интересах достижения главной цели – высокого идейно-политического и художественного уровня передачи» [1, с.17]. Номбурда низ уҳдадории муҳарриро дар созмони барнома ҳамонгуна медонад, ки муҳаррир роҳбари кулли гурӯҳи эҷодии барнома аст ва бо гурӯҳ якҷоя кор мекунад то барномаи таҳиягардида, бархӯрди завқи бинанда бошад.

Дар ин миён метавон ба хулосае омад, ки бояд сухани муҳаррир дар ҷараёни созмони барнома шунида шавад ва гурӯҳи эҷоди андешаи ӯро гӯш кунанд. Гарчанде коргардон баъд омода гардидани сенария бевосита бо баранда кор мекунад ва ё сабт агар дар студия сурат гирад, сари дастгоҳи сабти сайёр менишинаду бо иҷозати ӯ барнома оғоз меёбад, лекин дар як вақт муҳаррир ҳуқуқ дорад, ки дар ҷараёни барнома сабтро манъ кунад ва андешаи худро изҳор намояд, зеро уҳдадориҳои муҳаррир чунин аст.

Агар мушаххасан сари ин масъала сухан гӯем, бо чунин амал муҳаррир метавонад, ки боиси пешгирии садоҳои зиёд дар ҷараёни омода гардидани барнома гардад. Муҳаррир агар дар ҷараёни сабт дахолат накунад, ба хотири вайрон накардани кадри коргардон, ба хотири сарфаи вақт, ба хотири фикри гӯяндаро гум накардан, аммо пас аз сабт, он чизе муҳаррир мехоҳад, он чизе ки бинанда мехоҳад шунаваду тамошо кунад, ба даст намеояд. Яъне, яке аз омилҳои дур кардани тамошобин аз барномаҳои телевизионӣ, ин садоҳои зиёд ҷой доштан дар барномаҳост, ки ислоҳи ин вазифаи ҷонии муҳаррир аст.

Муҳаққиқ А.Абдуллоева дар мақолааш «Аҳаммияти барномаҳои мустақим дар рушди афкори ҷамъиятӣ» чунин зикр менамояд: «Ҳар барнома бо иштироки гурӯҳи калони мутахассисон-муҳаррир, наворбардорон, коргардонҳою нурпошон, овозбардорон, наттоқон, муҳандисон, техникҳо ва дигар гурӯҳҳои ёрирасон таҳия ва пахш мешавад. Вобаста ба паҳлуи амал, табиати телевизион навори табииро меписандад, аммо дар ин баробар аз журналист якчанд сифатҳоро талаб мекунад. Дониши ҳаматарафа, ҷаҳонбинии васеъ, аз худ кардани масъала ва нутқи возеҳ» [1, с.275].

Яъне, андшеаи ин муҳаққиқ низ бархӯрди завқи суханони болост, ки мо зикр доштем. Агар журналист-муҳаррир дорои донишу маҳорат, ҷаҳонбинӣ бошаду пеш аз ҳама, мавзӯи матраҳшавандаро «ҳазм» карда тавонаду аз самтҳои мухталифи он бархӯрдор бошад, мавзӯъро омӯхта, пас садоҳои зиёдатӣ аз барнома бардошта мешавад. Зеро мо медонем, ки дар эфири телевизион вақт аз ҳама чизи асосӣ дониста мешавад. Аз ин рӯ, муҳаррир набояд дар раванди омодасозии барнома вақтро бе маҳдудият истифода бараду тамошобинро аз назди телевизор дур созад.

«Муҳаррир - чашми дуввум аст, ки ҷиҳати дарёфти хато ва носаҳеҳ дар мавод кумак мекунад» [1, с.75].

Яъне, баъд аз сабту танзим, ки зикри нақши муҳаррир рафт, акнун боз мавод дар дасти муҳаррир мерасад, то дубора онро аз назар гузаронида, камбудиашро ислоҳ намояд. Барои амиқан таҳлил намудани ин масоил моро зарур аст, ки чанд барномаҳои телевизиониро таҳлил намоем. Тавре мушоҳида мешавад, дар телевизионҳои Тоҷикистон уҳдадориҳои муҳаррир дар раванди барнома кам ба назар мерасад ва ин муносибат ба худ муаммоҳои зиёд дорад. Агар дар солҳои 2000-2005 муҳаррирон дар телевизионҳои Тоҷикистон танҳо кори таҳрирро анҷом медоданду халос, аммо имрӯз доираи фаъолият ва уҳдадориҳояшон васеъ гардидааст. Талаби давру замон аст, ки муҳаррирони мо бояд худро дар ҳамин самт омода намоянд. Манзури мо ин аст, ки муҳаррири имрӯза ҳам менависад, ҳам таҳрир мекунад ва ҳам худ рӯ ба рӯ ба бинанда ба таҳлили мавзӯъ шурӯъ мекунаду бо коршиносон суҳбат анҷом медиҳад. Дар замони соҳибистиқлолии кишвар чанд шабакаи телевизионие, ки ба фаъолият оғоз намуданд, дар аксари онҳо ба чунин ҳолат рӯ ба рӯ шудан мумкин аст. Яъне, журналист-муҳаррир, муҳаррир-муаллиф, муҳаррир-таҳлилгар ва ниҳоят, муҳаррир-барандаи барнома аст.

Фаъолмандии муҳаррирро метавон дар барномаи «Шаббода» - и Нигинаи Муъмин ном бурд, ки мавсуф барномаро омода менамояду ду нафар ровӣ ё баранда барномаро пеш мебаранд. Муҳаррир аз оғоз то анҷоми барнома пушти парда истода, барандаҳоро идора мекунад, яъне савол пешниҳод мекунад, ҷумлаи гуфташударо ислоҳ ва дар зеҳни пешбарандагон андешаи навро ҷой медиҳад. Гарчанде ки ороиши саҳна, дар рафти барнома аҳаммият додан ба ҳаракату имову ишораи баранда кори коргардон бошад, аммо Нигинаи Муъмин дар вақтҳои зарурӣ ин корро низ иҷро менамояд. Зеро, муҳаррир бо он мақсад ҳар ҷузъиёти барномаро аҳаммият медиҳад, ки барандаҳо ҳанӯз фонди луғавии бою таҷриба надаранд ва ҳанӯз худ донишҷӯй ҳастанд. Дар баробари ин, муҳаррир бо маҳорати таҳлилгарии худ дар ҷараёни созмони барнома кӯшиш мекунад, ки барномаи омодагардидаро ба самт ва равияи интихобнамудаи телевизион мувофиқ намояд ва он суханоне, ки дар телевизионҳои давлатӣ ҷоиз аст, онҳоро ҷой диҳад. Мақсад ва мароми барномаи «Шаббода» анҷом додани суҳбати солиму созанда бо зиёиён, шахсони барӯманди ҷомеа ва он нафаронест, ки саҳмашон дар пешрафти давлат намоён аст.

Масалан, барномае, ки бо Шоири халқии Тоҷикистон Камол Насрулло сабт гардида буд, дар он рангорангии сухан баръало мушоҳида гардид. Меҳмон аз Ватану ватандорӣ сухан мегуфту, нотиқон аз ваҳдату ягонагӣ ва ҳувияти миллӣ. Суханон чунон обуранг гирифта буданд, ки дар онҳо костагӣ ба назар намерасид. Зеро муҳаррир дорои фонди луғавии бой мебошад ва иштирокаш дар барнома бевосита ба назар мерасад. Ҳар қадаре, ки шоир бо истифода аз назму наср ва пардози сухан ватанро васф мекард, ҳамон қадар ровиён ба назари ӯ таҳвият мебахшиданд, насрро бо омехтаи назм. Зеро табиати нигорандаи худи муҳаррири барнома ҳамин гуна аст. Дар натиҷаи чунин талошҳо ва истодагарӣ кардан сари як мавзӯъ ва муҳим аз ҳама огоҳии бештар доштан аз фаъолияти эҷодии қаҳрамони барнома, муҳаррир метавонад бо пешниҳоди барнома ба ҳадафи худ расад.

Аммо назари дигар роҷеъ ба забони нигоранда аст, яъне то кучо муҳаррир забони ширин, оммафаҳм дорад, то таъсири сухан ба тамошобин расад. Дар ин маврид аввалин наттоқи телевизиони «Тоҷикистон» Рафоат Абдусалом ишора мекунад: «Забони нигоранда бояд фаҳмо, таъсирнок, боварибахш бошад. Забон на танҳо мазмунро ифода мекунад, балки фаҳмиши мазмунро муайян месозад» [7, с.50].

Дар ҳақиқат, бояд забони барномаҳои телевизион соддаву оммафаҳм бошанд, на мушкилфаҳму пур аз иқтибосҳои бегона. Дар ин маврид каме Нигинаи Муъмин синонимҳои зиёд ва калимаҳои мушкилфаҳмро дар барномаҳояш ҷой медиҳад, хусусан дар барномаи «Шаббода», ки то ҷое костагиро ба миён меорад. Ҳатто баъзан вақт нотиқон сарфаҳми мазмуну муҳтавои сухан намераванд, дар ин маврид суҳбат хушку холӣ ва қолабӣ мебарояд. Бояд сари ин масоил низ муҳаррир дар омодасозии барнома аҳаммияти ҷиддӣ диҳад.

Дигар муҳаррири муфаввақ Дилшод Солиев мебошад, ки дар телевизиони «Баҳористон» муҳарририи барномаҳои «Матин», «Гурдофарид», «7 рӯзи варзиш», «Ситораҳои футбол»- ро ба уҳда дорад. Масалан, барномаи «Матин», ки дар самти солимӣ ва варзиш омода мегардаду аз 5 шарт иборат аст, дар ҷараёни барнома пурра муҳаррир иштирок мекунаду ба баранда суханони солиму созанда ва истилоҳҳои варзиширо талқин менамояд. Муҳаррир кӯшиш мекунад, ки баранда якҷо бо варзишгарон дар сабқат бошаду бевосита сухан кунад, то гуфтаи ӯ табиӣ барояд. Як барномаи «Матин»-ро аз 24.02.2019 мисол меорем. Ин барнома бахшида ба рӯзи Артиши миллӣ дар яке аз қисмҳои ҳарбӣ сабт гардида, дар он хонандагони синфҳои болоии муассисаҳои таълимӣ ширкат варзиданд. 5 шарти пешниҳодгардидаро мактаббачагон ба хубӣ анҷом доданд. Дар охири барнома ғолибон муайян гардида, бо ифтихорнома қардонӣ шуданд. Дар ниҳоят, ҳар як иштирокчӣ андешаи худро вобаста ба ҷолибияти барнома иброз намуд. Ҳамзамон суханони ровӣ низ хуб буданд. Маълум аст, ки дар ин барнома муҳаррир фаъолият мекунаду баранда барандаи барнома аст. Гарчанд ровии барнома Маҳмадалӣ Талбаков донишҷӯи факултети ҳуқуқшиносӣ бошад ҳам, лекин бо кумаки муҳаррир истилоҳоти соҳаи варзишро хуб меомӯзад ва баъд ба сабти барнома машғул мешавад. Дар ин баробар, муҳаррир бевосита дар ҷараёни сабт иштирок ва ғалати нотиқро ислоҳ мекунад.

Дар омодасозии барнома дар баробари идея, тарзи пешниҳод низ нақши муассир дорад. Аз ин рӯ, муҳаррир Дилшод Солиев дар 5 шарти барнома бо намудҳои гуногун иштирокчиёнро вогузор мекунад, ки пайи иҷрои шартҳо шаванд. Барои нигоранда ин муҳим аст, яъне истифода аз тарзи ҷолиби пешниҳод, ҷиҳати рангорангии барнома. Чун муҳаррир ширкаткунандаи фаъоли ҷараёни сабт мегардад, дар танзими барнома низ норасоии техникӣ, санъати сухан ва камбудии имлоӣ кам ба назар мерасад. Лекин, мутаассифона, дар телевизионҳои Тоҷикистон ин ҳолат кам ба анзар мерасад. Яке аз сабабҳояш ин муаллиф-муҳаррир ва баранда будани худи журналист аст, ки ҳар як журналист бевосита чунин корро анҷом медиҳад. Дигар ин акнун аз саҳлангории худи муҳаррир дарак медиҳад, ки мавзӯъро сар-сарӣ омода мекунаду баранда ба таври дилхоҳ барномаро сабт менамояд. Дигар андеша ин аст, ки дар ҳамаи телевизионҳои мо барномаҳои субҳгоҳӣ ва хабарӣ ба худ барандаи махсус дорад. Ҳамаи маводи

омодагардида аз назари муҳаррир мегузарад, сухани барандаро муҳаррир омода мекунаду халос, дигар ҳамаи барномаи боқимондаро муҳаррир-муаллиф пеш мебарад.

Журналист бо афкори ҷамъиятӣ кор дорад ва бинандаю шунаванда ва ё хонанда зери таъсири маводи журналистӣ қарор мегирад [1, с.23].

Бо андешаи мазкур муаллиф мехоҳад гӯяд, ки дарвоқеъ, пеш аз омодасозии барнома журналист дар миёни ҷомеа гашта, мавзӯъҳои мубрамро ёфта, барнома омода мекунад. Агар чунин бошад, пас маводи ӯро ҳамагон гӯш ва тамошо мекунанд. Яъне, як бурди имрӯза жарналистон-муҳаррирони мо дар он бояд бошад, ки мавзӯъҳои ҳадафрасро дар барномаҳояшон интихоб кунанд.

Таҷрибаи телевизионҳои хориҷи кишвар собит менамояд, ки муҳаррир дар ҷараёни сабт лозим аст. Ток-шоу ва дигар барномаҳои калонҳаҷми дорои хусусияти сиёсиву иҷтимоӣ ва проблемавӣ бо иштироки муҳаррир сурат мегирад, зеро баранда бевосита худ наметавонад як аудиторияи калонро идора кунад. Ба ин мисол шуда метавонад барномаи «60-дақиқа»-и («60 минут») аз телевизиони «Россия 24», ки барандаҳои он Олга Скобеева ва Евгений Попов мебошанд. Дар ин барнома бо вуҷуди таҷрибаи калон доштани ровиён ҳанӯз муҳаррир ҷараёни сабти барномаро идора мекунад, луқма мепартояд, сухан мегӯяд фикр мегирад ва ба баранда хатти сужаро талқин мекунад. Ҳамзамон, барои ҷолиб намудани барнома масъулин коршиносони сермаҳсул ва пурқувватро ба студия даъват мекунанд то онҳо исбот кунанд, ки имрӯз умдатарин мавзӯъ баррасӣ шуда истодааст ва дар як вақт вобаста ба муҳиммияти мавзӯъ ва аҳаммияти он сухани созгор гӯянд.

Дар маҷмӯъ метавон, гуфт, ки дар телевизионҳои ватанӣ уҳдадориҳои муҳаррир дар ҷараёни созмони барнома дар ҳоли ҳозир ҳудуди муайянро такшил медиҳад.

Дар ҷараёни таҳқиқи мавзӯъ уҳдадориҳои муҳаррири телевизион дар ҷараёни омодасозии барнома аз нуқтаи аввал то ба охир мушоҳида шуд, ки мо метавонем онро ба таври зайл зикр намоем:

- интихоби мавзӯъ ва сатҳи омӯзишу матраҳи он;
- навиштани сенарияи барнома;
- омода намудани ровии барнома;
- даъвати коршиносон ва пур кардани аудитория;
- пешниҳоди дархост барои студия ва муайян намудани таърихи сабт;
- дар ҷараёни сабт пурра ширкат варзидан ва суханони ровиро ба танзим даровардану пешниҳоди луқмаи тайёр;
- танзими барнома аз нигоҳи муҳаррир, яъне диққат додан ба сухану матне, ки дар барнома истифода мешавад;
- сохтан ва пешниҳоди анонс;
- пешниҳоди барнома ба маъмурият ва ислоҳ кардани он;
- ба шуъбаи танзим супоридани барнома.

АДАБИЁТ

1. Абдуллоева А. Аҳаммияти барномаҳои мустақим дар рушди афкори ҷамъиятӣ / А. Абдуллоева. // Паёми Донишгоҳи милили Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2016. - №4/1 (195). – С.274-276.
2. Кемарская И.М. Телевизионный редактор / И.М. Кемарская. – Москва, 2015. – 208 с.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар васоити ахбори омма». – Душанбе, 2018. – 16 с.
4. Муродов М. Луғати мухтасари истилоҳот ва мафҳумҳои рӯзноманигорӣ / М.Муродов. – Душанбе, 2011. – 145 с.
5. Сафарова М. Телевидение и аудитория / М. Сафарова. – Душанбе: Кайҳон, 2016. - 101 с.
6. Матин; муҳаррир Д. Солиев // Телевизиони «Баҳористон». – 2019, 24-феврал.
7. Абдусалом Р. Телевизион ва психологияи инсон / Р. Абдсалом. – Душанбе: Истеъдод, 2016. – 251 с.
8. Шаббода; муҳаррир Нигинаи Муъмин // Телевизиони «Сафина». – 2015.
9. Фере Г. Товарищ ТВ / Г. Фере. - Москва, 1974. – 126 с.
10. Ҳамидов И.И. Имиджмейкинг ва нақши телевизион дар шаклгирии он (дар мисоли хизматҳои Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар даврони Истиқлолият) / И.И. Ҳамидов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2017. - №4/5. – С.280-283.

ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ МУҲАРРИРИ ТЕЛЕВИЗИОН ДАР ҶАРАЁНИ СОЗМОНИ БАРНОМА

Зуҳури бошиддати технологияҳои нави мухобиротию рақамӣ ва интернет манбаи комили дастрасӣ ба ахбори фаврию сареъ шуданд, ки он меъёри муайян надорад. Ҳамзамон, хабари нодаркор (ба шумули спам, вирус) тавассути ин мухобирот вориди фазои иттилоотӣ мешавад. Афзоиши ахбори гуногунжанру гуногунмавзӯъ дар назди кормандони телевизион, аз ҷумла муҳаррир, вазифаҳои навро пеш гузоштанд. Шаклгирии вазифаи муҳаррир як навъ бозтоби ин ҳақиқати иҷтимоиеро мемонад, ки мушкил ва дархостҳои ҷомеаро бароварда карда, аз таҷрибаи ҳамарӯзаи корӣ хулоса мегирад. Вазифаи муҳаррири телевизионӣ солҳои охир рӯ ба дигаргунӣ ниҳод. Солҳои тӯлонӣ ин вазифа зери соя буда, ҳатто дуюмдараҷа менамуд, аммо таҷрибаи даҳсолаи охир нишон медиҳад, ки табиати фаъолияти муҳаррири телевизионӣ тағйир ёфта, имрӯз ӯ ба яке аз нафарони асосӣ дар таҳияи барномаҳо гардидааст. Солҳои то истиқлолият муҳаррир, қабл аз ҳама, намояндаи студия ё мансабдори давлатӣ буд, ки аз лиҳози идеологӣ барномаро назорат мекард, далелҳои онро месанҷид ва ба ниёзҳои ҷомеа мувофиқ будан ё набудани намоишро муайян месохт. Бо иваз шудани сохти ҷамъиятӣ фаъолияти муҳаррир низ дигар шуд. Дар баробари иҷро намудани масъулияти ташкилотчигӣ, муҳаррири телевизионӣ продюссер (сарпараст)-и барнома мегардид. Дар шароити муосир муҳаррири телевизионӣ барои ҷараёни омодагӣ ва сабти пурра ё қисмани барнома, эътимоднокии мавод, тарзи пешниҳод, сенария, бунёди образҳо ва персонажҳо дар эфир ва ғайра посух мегӯяд. Ӯ як навъ роҳбари ғайрирасмии гурӯҳи эҷодӣ-техникии намоиш аст. Агар қаблан дар телевизион, мисли кино, мавқеи коргардон барҷаста ва якумдараҷа муаррифӣ мешуд, бо пайдо шудани вазифаҳое чун муҳаррир ва сармуҳаррир муносибат ба ин фаъолият дигар шуда, хислати пешгомиро касб кард.

Калидвожаҳо: муҳаррири телевизион, барнома, сабт, танзим, коргардон, ҳамбастагӣ, ҳамкорӣ, кино, таҳрир, омодагї, эфир.

ПРАВА И ОТВЕТСТВЕННОСТИ ТЕЛЕВИЗИОННОГО РЕДАКТОРА В ПРОЦЕССЕ СОЗДАНИЯ ПРОГРАММЫ

Телевизионный редактор – профессия малоизученная. Формально она существует давно как одна из телевизионных специальностей наравне с ассистентом режиссера или с инженером видеомонтажа. Но в список творческих профессий упорно не попадает. Может быть, потому, что очень трудно вычленить «редакторскую составляющую» из общих трудозатрат. Квалифицированные редакторы на телевидении наперечет. Это крайне уважаемые, а главное – крайне востребованные люди. Редакторов хронически не хватает. Это означает, что такой человек имеет определенный опыт, знания и качества, необходимые для успешной работы по специальности. Но беда в том, что профессиональные требования к редактору трудно поддаются формализации. В самом деле – как точно перечислить все, что подразумевают под функциями телевизионного редактора. Поскольку редакторская профессия существовала, по крайней мере, на советском телевидении (на Западе словом editor упорно называют специалиста по монтажу) – с момента его зарождения, мы пытались проделать небольшой исторический экскурс в нашу специальность. Автор на телевидении, работа редактора с автором над созданием сценария – вот вопрос вопросов, проблема проблем телевизионной редактуры. Совершенно понятно, что главное в работе редактора телевидения – создание сценария, то есть работа с автором. Телевизионный редактор работает со сценаристом – точно так же, как редактор в кино. Цель их совместного труда – создание продукта. Но какого? По всем признакам – телевизионного фильма, «штучного» изделия по определению, а по сути – того же кинофильма, только производимого средствами телевидения. Ни о каком потоке передач или программ нет еще и речи. И у телередактора, как и в кино, есть масса времени для улучшения чужого, авторского произведения.

Ключевые слова: телевизионный редактор, программа, съёмка, монтаж, режиссер, сотрудничество, кино, редакция, готовность, эфир.

RIGHT AND RESPONSIBILITY OF TELEVISION EDITORS IN THE COURSE OF CREATION OF THE PROGRAM

The television editor – a profession poorly studied. Formally it exists as one of television specialties on an equal basis with the assistant to the director or with the engineer of video-tape editing long ago. But persistently is not included in the list of creative professions. Perhaps, because it is very difficult to isolate "an editorial component" from the general labor costs. The qualified editors on television each and all. These are extremely dear, and, above all – extremely popular people. There are chronically not enough editors. It means that such person has certain experience, knowledge and the qualities necessary for successful work in the specialty. But the trouble is that professional requirements to the editor difficult give in to formalization. Really – how precisely to list everything that is meant by functions of the television editor. As the editorial profession existed, at least, on the Soviet television (in the West by the word editor persistently call the mounting specialist) – from the moment of its origin, I tried to do small historical digression to our specialty. The author on television, work of the editor with the author on creation of the scenario – here a question of questions, a problem of problems of television editing. It is absolutely clear that the main thing in work of the editor of television – creation of the scenario, that is work with the author. The television editor works with the screenwriter – in the same way as the editor at cinema. The purpose of their joint work – creation of a product. But what? On all signs – the television movie, a "piece" product on definition, and in fact – the same movie only made by means of television. About any flow of transfers or programs there is no speech also. And the teleeditor, as well as at cinema, has a lot of time for improvement of someone else's, authors worked.

Key word: television editor, program, shooting, mounting, director, cooperation, cinema, editorial office, readiness, air.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Исматуллои Ҳабибулло Нарзуллозода*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, аспиранти кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултаи журналистика. **Суроғa:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **umedjon08@inbox.ru**. Тел.: **(+992) 985-04-93-79**

Сведения об авторе: ***Исматуллои Хабибулло Нарзуллозода*** - Таджикский национальный университет, аспирант кафедры телевидения и радиовещания факультета журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. E-mail: **umedjon08@inbox.ru.** Тел.: **(+992) 985-04-93-79**

Information about the author: ***Ismatulloi Habibullo Narzullozoda*** - Tajik National University, graduate student of Department of television and broadcasting faculty of journalism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **umedjon08@inbox.ru.** Tel.: **(+992) 985-04-93-79**

УДК: 07:501(575.3)

ТАВАҶҶУҲИ МАТБУОТИ ТОҶИК БА МУШКИЛОТИ ОБ ДАР САЙЁРА ЧУН ҚАЗИЯИ ЭКОЛОГӢ

Рустамова Д.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Об, хок, бод ва оташ чор унсури зиндагисоз буда, бе ин чаҳор наметавон ҳастиро дар рӯйи замин тасаввур кард. Бинобар ин, дар тамаддунҳои пешрафтаи башарӣ онҳоро эҳтиром мекунанд ва муқаддас медонанд. Имрӯз, ки кураи заминро тағйироти фоҷеабори экологӣ фаро гирифтааст ва он чун таҳдиде ба ҳаёти башар дониста мешавад, чӣ қадар боарзиш будани ин чор унсур бештар аз пеш аҳаммият пайдо мекунад.

Гармшавии фазои сайёра, обшавии пиряхҳо, ба биёбон мубаддал гаштани заминҳои сабзу хуррам, ба вуҷуд омадани гирдбодҳои бузурги харобиовар натиҷаи асафбори тағйироти экологист. Дар ин миён масъалаи норасоии оби тозаву ширин тамоми сокинони сайёраро ба ташвиш овардааст. Беҳуда намегӯянд, ки об рӯшноист. Яъне, онро дар муқобили марг, ки аз торикӣ ва зулмот меояд гузоштаанд.

Бо назардошти муҳиммияти ин масъала бо пешниҳоди Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон соли 2003 Маҷмаи Умумии СММ қатъномаеро қабул намуд, ки мувофиқи он солҳои 2005-2015 Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт» эълон гардид [3]. Баъдан дар доираи даҳсолаи мазкур СММ ташаббуси Тоҷикистонро дастгирӣ намуда соли 2013-ро Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об эълон кард. Сипас бори дигар бо пешниҳоди ҷониби Тоҷикистон 21 декабри соли 2016 Маҷмаи Умумии СММ Қатъномаи A/RES/71/222-ро зери унвони “Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор” солҳои 2018-2028” бо иттифоқи оро ва бо ҳаммуаллифии 177 кишвари узви СММ қабул намуд. Ҳамаи ин шаҳодати он аст, ки ҳалли масъалаи об дар сатҳи ҷаҳон бисёр муҳим буда, таваҷҷуҳи пайвастаро таҳозо дорад.

Ин нуктаро таъкид кардан ба маврид аст, ки дар ҳошияи иҷлосияи 72-юми Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид ба муносибати оғози Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028” мақолаи Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Маҷаллаи «Нигориши СММ» таҳти унвони «Об барои рушди устувор» нашр гардид [4]. Дар ин мақола Сарвари давлати Тоҷикистон доир ба таҳияи тадбирҳо ва натиҷаҳои ташаббусҳои қаблии ҷониби Тоҷикистон оид ба ҳалли масъалаҳои марбут ба оби ошомиданӣ бар нафъи аҳли башар, маълумоти дақиқу пурмуҳтаво ва таклифу пешниҳодҳоро ба миён гузошт.

Ин масъала дар ВАО низ ба таври густурда мавриди инъикос ва баррасӣ қарор гирифт. Хосса матбуот, ки аз ҷиҳатҳои гуногун қазияи мазкурро пешкаши хонандагон мегардонад. Хусусан, рӯзномаҳои «Ҷумҳурият», «Садои мардум», «Народная газета», «Халқ овозӣ» ва ҳафтаномаи «Минбари халқ» дар ин самт корҳои назаррасеро анҷом

додааанд. Ба назари мо аз назари мазмуну муҳтаво маводҳое, ки дар нашрияҳои зикршуда ба табъ расидааанд ба се даста тақсим мешаванд:

1. Об аз назари устура ва муқаддас будани он
2. Об ва қазияҳои экологӣ
3. Об - манбаи энергетика

Устураи об ва муқаддас будани он. Ниёкони мо ба об эҳтироми хос доштанд ва онро муқаддас мешумориданд. Имрӯз низ хусусан дар деҳот ин эҳтиром ба об аз ҷониби куҳансолон мушоҳида мешавад. Вале дар маҷмӯъ муносибати бепарвоёна нисбат ба об, олуда гардонидани он, исроф кардани ин унсури муҳимми ҳаётбахш боиси он гаштааст, ки бо як силсила мақолаҳои омӯзандаву огоҳибахш рӯзноманигорону коршиносон тавассути матбуот баромад намоянд. Масалан, дар рӯзномаи «Садои мардум» мақолаи Абдухолиқ Мирзозода ва Олимҷон Бухоризода таҳти унвони «Нақши об дар устураи халқҳои қадим» [9] ба табъ расидааст, ки дар он муаллифон кӯшидааанд бо овардани далелҳои фаровон нақш, ҷойгоҳ ва манзалати обро дар миёни мардумони қадим аз ҷумла ориёиҳо муқаррар созанд. Онҳо ба ин васила кӯшидааанд ба тафаккури хонандагон то чӣ андоза муҳим будани обро дар зиндагӣ таъкид намоянд. Дар мақола аз ҷумла омадааст: «Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ ниёкон барои чор унсури бунёдии табиӣ – обу оташу хоку бод эҳтирому эътиқод қоил буданд. Замину обро аз ҳар гуна палидӣ пок медоштанд ва оташро ҳамчун унсури поккунанда муқаддас мешумурданд. Муаррихони юнонӣ ориёиёни қадим (яъне ниёкон)-ро ситоишгарони об меномиданд ва дар ин бора навиштааанд, ки мардуми ориёӣ «…дар миёни об бавл намекунанд, оби даҳон ба он намеандозанд ва дар он даст намешӯянд, ки бояд аз ҳар гуна касофат ба дур бимонад. Ҳамчунин, тайи маросиме барои об қурбонӣ ва фидя мекарданд. Дар ривоёт ҳаст, ки як аср қабл аз мелод эрониён ҳангоми қурбонӣ барои фариштаи об дар канори рӯд ё сарчашма ва каронаи дарё чоҳе меканданд ва дар канори об қурбонӣ мекарданд, ба тавре ки об ба хуни қурбонӣ олуда намешудааст».

Тоҷикистон сарзамини обшор аст. Дар он чашмаҳои бешуморе мавҷуданд, ки ҳар кадоме лаззати хос ва хусусияти табобатӣ доранд. Аз ҷониби дигар, аксари чашмаҳо муқаддас ҳисобида мешаванд ва ҷойи зиёрату сайру саёҳати мардуманд. Дар ҳамин хусус рӯзномаи «Ҷумҳурият» мақолаи Меҳрангез Қодироваро таҳти унвони «Чашми чори Чилучорчашма» [8] ба чоп расонидааст. Дар ин мақола муаллиф мавзеи табиӣ ва муқаддаси «Чилучорчашма»-ро чун макони оби шифобахш ба қалам дода, таъкид кардааст, ки он яке аз мавзеъҳои муҳим барои сайёҳону гардишгарон аст. Зимни суҳбат нигаҳбон ё мутаваллии «Чилучорчашма» мегӯяд, ки дар мавриди пайдоиши чашмаҳо ривоятҳо хеле зиёданд, ки ҳамаи онҳо ба оби муъҷизаосо рабт мегиранд. Ҳоло низ сайёҳон аз ин эъҷози табиат мафтун мешаванд. Тибқи пажӯҳишҳои илмӣ, оби чашмаҳо бемориҳои чашм, меъдаю рӯда, пӯст, сармозадагӣ, фишорбаландӣ, устухондард, гулӯву гӯшу бинӣ, ҷигару санги талха ва ғайраро даво мебахшанд.

Аз ин ду мақолае, ки зикр шуд маълум мегардад, ки муаллифон дар бораи об ва хосиятҳову муқаддас будани он ба хонанда таъкид мекунанд. Рӯзномаи «Народная газета» мақолаи Ибодат Давлатоваро бо номи «Тема воды в произведениях художников» (Мавзӯи об дар асарҳои рассомон) [6] чоп кардааст. Дар ин мақола дар бораи баргузор шудани намоиши асарҳои рассомӣ дар толори Музеи таърихӣ-бостоншиносии вилояти Хатлон дар шаҳри Бохтар сухан меравад. Яъне, инъикоси мавзӯи об аз нигоҳи рассомон ва тахайюли рангини онҳо мавриди арзёбӣ қарор мегирад.

Бояд таъкид кард, ки навиштани ин гуна мақолаҳо ҳатман ба ҷаҳонбинӣ ва тафаккури хонанда таъсир мерасонад ва онҳоро бо муҳимтарин унсури зиндагӣ – об бештару беҳтар ошно месозад.

Об ва қазияҳои экологӣ. Солҳои охир масоили вобаста ба об бо афзоиши аҳолии ҷаҳон доғтар мешавад, аз ин рӯ, саҳифаҳои матбуот низ бо маводҳои вобаста ба ин масъала рангин мегардад. Аз ҷониби дигар, хушксолиҳо, селу обхезӣ, дастрасӣ надоштан ба оби ошомиданӣ, авҷ гирифтани бемориҳои сироятӣ аз истифодаи обҳои олуда зиндагии

одамонро таҳдид мекунад. Ин мушкилот то ҳудуде аҳолии Тоҷикистонро низ таҳдид менамояд.

Ин масъаларо Сайфиддин Суннатӣ дар рӯзномаи «Садои мардум» бо мақолае таҳти унвони «Чаро дарёфти оби тозаю безарар мушкил мешавад?» [11] ба таври ҷиддӣ баррасӣ менамояд. Вай аз тағйирёбии иқлим сухан дар миён оварда таъсир ва оқибатҳои онро дар Тоҷикистон бозгӯ мекунад. Рӯзноманигор барои боварибахш ва пурқувват баромадани маводи хеш аз нуқтаи назари доктори илмҳои географ Холназар Муҳаббатов истифода мебарад. Ӯ менависад: «Ҳар сол иқтисодиёти ҷумҳурӣ аз селу обхезӣ, ярчфуроӣ, шӯршавии заминҳо, эрозия, биёбоншавӣ ва дигар офатҳои вобаста ба об хисороти зиёд мебинад. Чунончи, офатҳои табиӣ соли 2015 ба иқтисодиёти мамлакат 4 миллиард сомонӣ зарар расониданд.

- Мушоҳидаи солҳои охир нишон дод, ки баланд шудани ҳарорат ва дигаргун шудани иқлим яке аз сабабҳои костани пиряхҳои Помиру Олой ва қаторкӯҳҳои Туркистону Зарафшон гардид, - мегӯяд доктори илмҳои географӣ Холназар Муҳаббатов».

Ба ҳамин монанд мақолаи Гулсун Восиева дар рӯзномаи «Ҷумҳурият» бо номи «Об. Тоҷикистон дар ҳалли масъалаҳои глобалӣ пешсаф аст» [5] ба табъ расидааст. Дар ин мақола муаллиф ба аҳамияти пешниҳоди Президети Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба об дар сатҳи умумиҷаҳонӣ таваққуф карда, масоили обро дар сатҳи сайёраи замин ба таҳлил мекашад: «Норасоии об на танҳо барои аҳолии афзоянда, балки барои соҳаи кишоварзӣ, иншооти нави саноатӣ, иншооти энергетикӣ, умуман, барои рушди устувори инсоният эҳсос мегардад.

Дар бист соли оянда бо назардошти тамоюли афзоиши аҳолӣ ва хоҷагии ҷаҳонӣ, болоравии истифодаи оби нӯшокӣ дар ҳаҷми 100 километри мукааб дар як сол пешбинӣ мегардад. Оби тоза ин танҳо 2,5 дарсади сарватҳои обии кураи Замин буда, қисми бештари он, асосан, дар пиряхҳо ва обҳои зеризаминӣ мутамарказ гашта, дастнорасанд. Танҳо як дарсади захираҳои оби тозаи сайёра барои истифодаи инсонҳо хизмат мерасонад».

Вале ин масъаларо дар сатҳи Тоҷикистон рӯзномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» беҳтару хубтар бо истифода аз далелҳои муътамад дар мақолаи профессор, яхшинос Абдулҳамид Қаюмов «**Таъсири тағйирёбии иқлим ба иқтисодиёт, захираҳои обӣ ва пиряхҳо**» [7] чоп кардааст. Дар мақола Абдулҳамид Қаюмов масъалаи гармшавии иқлим ва обшавии пиряхҳоро дар кӯҳҳои Тоҷикистон ҳамчун коршинос баҳои дақиқ дода, воқеиятҳоро пеши рӯи хонанда бозгӯ менамояд. Ӯ менависад: «Вақте тағйирёбии иқлим мегӯем на танҳо гармшавии иқлим, инчунин хунукшавии иқлим ҳам дар назар дошта мешавад. Аз тарафи коршиносони худӣ ва байналмилалӣ се модел тарҳрезӣ карда шудааст. Тибқи ин моделҳо пешгӯиҳои тағйир ёфтани иқлим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2030 ва то давраи 2100 пешниҳод карда шудааст. Аз ин се модел яке раванди камтар гармшавӣ, дигаре миёна ва сеюмӣ гармии аз ҳад зиёдро дар бар мегирад».

Воқеан, бад шудани вазъияти экологӣ ба зиндагии мардум ва ба табиат таъсири бад мерасонад. Яке аз омилҳое, ки боиси хароб гаштани саломатии одамон ва зарари ҷиддӣ дидани боғу роғ ва кишоварзӣ мегардад, ин бархостани чангу ғубор аст. Чангу ғубор аз ҷойҳое ба ҳаво мехезанд, ки дар он ҷо об нест. Об аст, ки фазоро аз резгардҳо тоза мекунад ва боиси фараҳмандӣ мегардад. Ин масъаларо Мирсаид Раҳмонов тавассути мақолаи «Истифодаи мақсадноки об беҳтарин васила барои коҳиши чангу ғубор аст» дар рӯзномаи «Садои мардум» [10] ба хонанда пешниҳод намудааст. Вобаста ба мавзӯъ муаллиф аз норасоии об дар кишварҳои мухталиф низ сухан мегӯяд: «Солҳои охир зиёдшавии чангу ғубор дар манотиқи саҳроӣ, ҷойҳое, ки холӣ аз обу чашмаҳои мусаффо ҳастанд, мушоҳида мешавад. Ин ҳолат ҳушдор медиҳад, ба қадри об беш аз беш расем.

Таҳлилҳо муайян намуданд, ки дар бисёр мамолики дунё, хусусан Ҳиндустон, шаҳрвандон зиёдтар аз норасоии об ранҷ мекашанд ва агар роҳи ҳалли онро пайдо накунанд, мушкилӣ боз ҳам ваҳимтар мегардад. Тибқи як гузориши СММ, то соли 2050 дастрасии об барои ҳар фард дар Ҳиндустон аз 44 дарсад камтар мешавад» [10].

Ин гуна мавзӯъҳо дар мақолаҳои «Масоили об ба амнияти вобастагӣ дорад» (СМ, №47, 27.04.2019, саҳ.2), «38 фоизи аҳолии кишвар ба оби ошомидани дастрасӣ надоранд» (ҶТ, №34, 29.07.2019), «Большой Ферганский канал - плод дружбы таджикского и узбекского народов» (Канали калони Фарғона самари дӯстии халқҳои тоҷику ӯзбек, НГ, №67, 10.10.2019, саҳ.3) ва амсоли инҳо дар саҳифаҳои рӯзномаву ҳафтаномаҳо дарҷ гаштаанд.

Об - манбаи энергетикӣ. Об на танҳо чун маводи нӯшокиву покӣ барои одамон истифода мешавад, балки дар соҳаҳои кишоварзӣ ва саноатӣ низ ҷойгоҳи махсус дорад. Ба ҷуз ин, об манбаи бузурги энергетикист.

Дар Тоҷикистон истифодаи неругоҳҳои барқи обӣ хеле маъмул аст ва қариб ки тамоми неруи барқ тавассути об истеҳсол мегардад. Чун барқ як неруи ҳаётан муҳим аст ва рушди босуботи тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ аз он вобаста аст, матбуот низ дар инъикос ва баррасии ин мавзӯъ нақши умдае дорад.

Танҳо назаре афкандан ба саҳифаҳои рӯзномаи «Ҷумҳурият» кофист, ки мо муҳиммияти ин мавзӯъро пай бибарем. «Барқи обӣ – сипари чолишҳои экологӣ»(Ҷ, №249, 15.12.2015), муаллиф Ҳарамгул Сангова, «Энергетика. Ҳадафҳои бузург татбиқ мегарданд» (Ҷ, №12, 15.01.2019, саҳ.2), муаллифон Илҳом Кенҷазода ва Холназар Касиров, «Манбаи бузурги энергетикӣ ва омили рушди устувор» (Ҷ, №134-135, 28.06.2017), муаллиф Раҳмоналӣ Чиллаев, «Роғун. Саҳифаи зарини таърих» (Ҷ, №251, 20.12.2018), муаллиф Б.Ҳакимова, «Рашт. Бунёди иншооти нави энергетикӣ» (Ҷ, №52-53, 13.03.2018, саҳ.2)… Инҳо рӯйхати мақолаҳое ҳастанд, ки шумораи умумиашон ба даҳҳо мерасад.

Ин гуна мақолаҳо ду хосият доранд: хабарӣ ва таҳлилӣ. Аксар вақт аз рӯйдодҳои энергетикӣ дар ин ё он гӯшаи Тоҷикистон хабар медиҳанд ва ҳатман аҳаммияти онро таъкид месозанд. Масалан, мақолаи хабарии «Рашт. Бунёди иншооти нави энергетикӣ» чунин оғоз мешавад: «Дар ноҳияи Рашт дар доираи «Барномаи аз худ намудани манбаъҳои барқароршавандаи энергия ва сохтмони неругоҳҳои хурди барқи обӣ барои солҳои 2016 - 2020» ва лоиҳаи «Бехатарии энергетикӣ дар водии Рашт» бо мусоидати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Дафтари барномаҳои Созмони Амнияти ва Ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА), ҳамчунин, дастгирии молиявии Шоҳигарии Норвегия чанд иншооти муҳимми энергетикӣ мавриди истифода қарор гирифт».

Аммо мақолаи «Манбаи бузурги энергетикӣ ва омили рушди устувор» асосан таҳлилӣ буда, дар бораи манбаи босамари энергетикӣ будани об ва Раванди муносибатҳои тезу тунди кишварҳои ҷаҳон дар бахши энергетикаи обӣ маълумот медиҳад. Муаллифи мақола Раҳмоналӣ Чиллаев огоҳона мавзӯъро мавриди арзёбӣ қарор медиҳад.

Солҳои охир яке аз махсусиятҳои рӯзномаи «Ҷумҳурият» он аст, ки тамоми маводҳояш кӯтоҳ, ихчам ва ҳадафрас ҳастанд. Ин гуна пеш гирифтани тарзи кор боис мегардад, ки рӯзноманигор аз беҳуданависӣ, зиёдаравӣ ҳангоми навиштан парҳез кунад. Бинобар ин, маводҳои таҳлилии рӯзнома низ кӯтоҳу нишонрас ҳастанд.

Мушоҳидаҳо моро ба хулосае меоранд, ки мавзӯи об дар матбуоти тоҷик ба таври густурда инъикос мегардад. Журналистону коршиносон ба аҳаммияти бузург доштани ин унсури ҳаётбахш ва бо чолишҳои сахти экологӣ рӯ ба рӯ шудани онро дар дар тамоми сайёраи замин ба хубӣ дарк месозанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Баҳромзода М.З. Ташаббусҳои глобалии Тоҷикистон оид ба масоили об / М.З. Баҳромзода. – Душанбе, 2018.
2. Гулов С. Мукаддимаи журналистика / С. Гулов, М. Ҷумъаев. – Душанбе, 2016.
3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш.Раҳмонов ба Мачлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (16.04.2005) [Манбаи электронӣ] URL: http://president.tj/node/199 (санаи истифодабарӣ: 10.10.2020).
4. Нашри мақолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷаллаи “Нигориши СММ” таҳти унвони “Об барои рушди устувор” (Water for Sustainable Development) [Манбаи электронӣ] URL: http://president.tj/node/17364 (санаи истифодабарӣ: 10.10.2020).
5. Восиева Г. Об. Тоҷикистон дар ҳалли масъалаҳои глобалӣ пешсаф аст / Г. Восиева // Ҷумҳурият, 2019. – 14 октябр.

6. Давлатова И. Тема воды в произведениях художников (Мавзӯи об дар асарҳои рассомон) / И.Давлатова // Народная газета, 2019. – 17 октябр.
7. Қаюмов А. Таъсири тағйирёбии иқлим ба иқтисодиёт, захираҳои обӣ ва пиряхҳо / А.Қаюмов // Ҷавонони Тоҷикистон, 2018. – 25 апрел.
8. Қодирова М. Чашми чори Чилучорчашма / М. Қодирова // Ҷумҳурият, 2019. – 10 январ.
9. Мирзозода А. Нақши об дар устураи халқҳои қадим / А.Мирзозода, О. Бухоризода // Садои мардум, 2019. - 29 январ.
10. Раҳмонов М. Истифодаи мақсадноки об беҳтарин васила барои коҳиши чангу ғубор аст / М.Раҳмонов // Садои мардум, 2019. – 18 июл.
11. Суннатӣ С. Чаро дарёфти оби тозаю безарар мушкил мешавад? / С. Суннатӣ // Садои мардум, 2019. – 28 март.
12. Кенҷазода И. Манбаи бузурги энергетикӣ ва омили рушди устувор / И.Кенҷазода, Х. Касиров // Ҷумҳурият, 2017 – 28 июн.

ТАВАҶҶУҲИ МАТБУОТИ ТОҶИК БА МУШКИЛОТИ ОБ ДАР САЙЁРА ЧУН ҚАЗИЯИ ЭКОЛОГӢ

Дар ин мақола муаллиф доир ба яке аз масъалаҳои муҳим ва глобалии замони муосир – об ҳамчун қазияи экологӣ таваҷҷуҳ намуда, аввалан, дар бораи моҳияти он сухан ронда, обро дар қатори хок, бод ва оташ яке аз чор унсури зиндагисоз медонад. Муаллиф таъкид мекунад, имрӯз, ки кураи Заминро тағйироти фоҷеабори экологӣ фаро гирифтааст ва он чун таҳдиде ба ҳаёти башар дониста мешавад, чӣ қадар боарзиш будани ин чор унсур бештар аз пеш аҳаммият пайдо мекунад. Аз нигоҳи ӯ, гармшавии фазои сайёра, обшавии пиряхҳо, ба биёбон мубаддал гаштани заминҳои сабзу хуррам, ба вуҷуд омадани гирдбодҳои бузурги харобиовар натиҷаи фалокатбори тағйироти экологист. Таъкид мешавад, ки масъалаи норасоии оби тозаву ширин тамоми сокинони сайёраро ба ташвиш овардааст. Муаллиф ба ташаббусҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чиҳати рафъи ин масъалаи муҳимми глобалӣ таваҷҷуҳ карда, иқдомоти аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ пазируфташударо тазаккур медиҳад, ки инҳо эълони “2003 – Соли оби тоза”, солҳои 2005-2015 Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои ҳаёт”, 2013 - Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об, 2018 -2028 - “Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор” мебошанд. Дар идома инъикоси ин масъалаи муҳим муаллиф онро дар матбуоти тоҷик пайгирӣ намудааст.

Калидвожаҳо: журналистика, журналист, матбуот, ҳастӣ, об, мушкилоти экологӣ, инъикос, ташаббусҳои ҷаҳонӣ, тағйирёбии иқлим.

ОТРАЖЕНИЕ ТРУДНОСТЕЙ С ОБЕСПЕЧЕНИЕМ ВОДЫ НА ПЛАНЕТЕ КАК ЭКОЛОГИЧЕСКОЙ ПРОБЛЕМЫ В ТАДЖИКСКОЙ ПЕЧАТИ

В данной статье автор обратил внимание на одно из глобальных важных проблем современности – вода как экологическая проблема и говоря о ее сущности, назвал воду одним из четырех жизнезарождающихся элементов. Автор потверждает, что сегодня Земной шар охватили катастрофические экологические изменения, которые признаются как угроза жизни человечества и еще раз подтверждается ценность этих четырех жизнеобразующих элементов.С точки зрения автора, глобальное потепление планеты, таяние ледников, превращение зеленых оазисов в пустыни и разрушаюшие смерчи являются результатом пагубных экологических изменений. Подчеркивается, что проблема нехватки чмистой и пресной воды волнует все человечество. Автор обратив внимание на инициативы Основателя мира и национального согласия – Лидера нации, Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона относительно устранения данной глобальной проблемы, напоминает об инициативах мирового сообщества – Объявление “2003 – Годом пресной воды”, 2005-2015 годы Международного десятилетия “Вода для жизни”, 2013 – Международный год сотрудничества в водной сфере, 2018 -2028 годы - “Международное десятилетие действия “Вода для устойчивого развития”. В продолжении темы отражение данной важной проблемы автор рассматривает в таджикской печати.

Ключевые слова: журналистика, журналист, печать, существование, вода, экологическая проблема, отражение, мировые инициативы, изменение климата.

REFLECTION OF DIFFICULTIES WITH PROVIDING WATER ON THE PLANET AS AN ENVIRONMENTAL PROBLEM IN THE TAJIK PRESS

In this article, the author drew attention to one of the global important problems of our time - water as an ecological problem, and speaking of its essence, he called water one of the four vital elements. The author confirms that today the globe is embraced by catastrophic ecological changes, which are recognized as a threat to human life and once again confirms the value of these four life-forming elements.From the author's point of view, global warming of the planet, melting glaciers, turning green oases into deserts and destroying tornadoes are the result of harmful environmental changes. It is emphasized that the problem of shortage of clean and fresh water worries all of humanity. The author, drawing attention to the initiatives of the Founder of Peace and National Accord - Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon regarding the elimination of this global problem, recalls the initiatives of the world community - Announcement “2003 - the Year of Fresh Water”, 2005-2015 of the International Decade “Water for Life ”, 2013 - International Year of Cooperation in the Water Sector, 2018 -2028 -“ International Decade of Action “Water for

Sustainable Development". Continuing the topic, the author considers the reflection of this important problem in the Tajik press.

Key words: journalism, journalist, print, existence, water, environmental problem, reflection, world initiatives, climate change.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Рустамова Дилафрӯз*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи телевизион ва радиошунавонӣ. **Суроғa:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ, 17. E-mail: **dilush1975@mail.ru.** Тел.: **(+992) 919-70-70-23**

Сведения об авторе: ***Рустамова Дилафруз*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, старший преподаватель кафедры ТВ и радиовещании. **Адрес:** Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **dilush1975@mail.ru.** Тел.: **(+992) 919-70-70-23**

Information about the author: ***Rustamova Dilafruz*** **-** Tajik National University, Candidate of Sciences in Philology, Senior Lecturer in the TV and radio department. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **dilush1975@mail.ru.** Tel.: **(+992) 919-70-70-23**

УДК: 07 (575/3)

«ДӮСТЛИК» - РӮЗНОМАИ ЎЗБЕКИИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

Умаров З.Т.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Журналистикаи ўзбекзабони Тоҷикистон таърихи 90-сола дорад. Агар аввалин рӯзномаи ўзбекии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон моҳи феврали соли 1929 бо номи «Қизил Тожикистон» аз чоп баромада бошад, баъдан дар аксари рӯзномаҳои вилоятиву ноҳиявӣ саҳифаҳои алоҳидаи ўзбекӣ ташкил карда шудаанд.

Дар натиҷаи ошкорбаёнии солҳои 80-уми асри ХХ ва соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон замина пеш омад, то ки рӯзномаҳои мустақил ва давлатии ўзбекӣ дар Тоҷикистон арзи ҳастӣ намоянд. Яке аз чунин рӯзномаҳо нашрияи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон – рӯзномаи «Дӯстлик» мебошад.

Тавре профессор Абдусаттор Нуралиев қайд мекунад: «Имрӯз дар журналистикаи тоҷик доир ба ташаккули матбуоти марказию соҳавӣ таҳқиқотҳои зиёд ба назар мерасанд. Аммо, мутаассифона, доир ба динамикаи инкишоф, сохтор, функсияҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, иттилоърасонии ВАО-и минтақавӣ дар Тоҷикистон ва нақши матбуоти маҳаллӣ дар ташаккули афкори шаҳрвандон аз ҷиҳати илмӣ пажӯҳиш ва арзёбӣ нагардидааст ё агар шуда бошад ҳам, хеле сатҳӣ ва нокофӣ будааст» [2, с.3].

Дар ин ҳолат гуфта метавонем, ки муҳаққиқони журналистикаи тоҷик ба мавзӯи матбуоти ўзбекии Тоҷикистон даст назадаанд. Фақат дар солҳои охир чанд мақола доир ба ин мавзӯъ ба чоп расидаасту халос.

Муҳаққиқон дар бораи рӯзномаи «Дӯстлик» дар ду-се асар чанд ишора доранд. Барои мисол, муҳаққиқ Носирҷон Маъмурзода дар китоби худ ба номи «Журналистикаи Хатлон: вазъият, тамоюлҳо ва дурнамои рушд» доир ба вазъи матбуоти вилояти Хатлон сухан гуфта, дар хусуси рӯзномаи вилоятии «Дӯстлик» танҳо як ҷумла мегӯяду халос: «Тибқи иттилои расмӣ, ҳоло дар қаламрави вилояти Хатлон ҳамагӣ 5 расонаи хабарии вилоятӣ, аз он ҷумла телевизион ва радиои давлатии Хатлон, рӯзномаҳои «Хатлон» (ба забони тоҷикӣ, ҳафтае як маротиба бо тиражи 10,5 ҳазар нусха), «Новый Хатлон» (ба забони русӣ, моҳе ду маротиба бо тиражи 4,6 ҳазор нусха) ва «Дӯстлик» (бо забони ўзбекӣ, моҳе ду маротиб бо теъдоди нашри 3,6 ҳазор нусха) ва маҷаллаи «Сафо» (моҳнома бо теъдоди нашри 1,5 ҳазор нусха) фаъолият доранд, ки муассисашон Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон аст» [2, с.65].

Ё худ муаллифи мақола дар пажӯҳиши худ ба номи «Нақши расонаҳои ўзбекии Тоҷикистон дар фазои иттилоотии ҷумҳурӣ» доир ба ин рӯзнома чунин гуфтааст: «Дар вилояти Хатлон бошад, барои тарғиби сиёсату фаъолияти ин вилоят рӯзномаи «Дӯстлик» чоп мешавад» [3, с.142].

Муҳаққиқон ба ин мавзӯъ кам таваҷҷуҳ карда бошанд ҳам, худи идораи рӯзнома ба муносибати 25-солагии нашрия китобе ба номи «Дӯстлик гулдастаси» («Гулдастаи дӯстӣ»)-ро ба чоп расонидааст, ки метавон аз он дар бораи таърихи нашрия маълумотҳоеро пайдо кард.

Аввали солҳои 90-уми асри гузашта Ватани маҳбубамон Тоҷикистон истиқлолияти давлатии худро ба даст овард. Бо шарофати соҳибихтиёрии кишвар дар соҳаҳои гуногун дигаргунӣ ва дар шуури мардум дигаргунандешӣ ба вуҷуд омад. Як гурӯҳ равшанфикрони ӯзбекзабони минтақаи Кӯлоб ҷаҳд карданд, то дар ин минтақа барои мардуми ӯзбекзабон ба забони модариашон як нашрияе ташкил кунанд. Ва инҳо Ҳайдар Ҷӯраев, Баҳром Тоғайқулов, Ҷӯрақул Аҷибов, Шоимназар Омонов, Шарифхон Аввалов ва Искандар Маҳмадалиев, ки масъулияти саҳифаи ӯзбекии рӯзномаи «Кулябская правда»-ро бар зимма доштанд, буданд. То ин вақт онҳо дар саҳифаи ӯзбекии ин нашрия кор мекарданд ва баъд аз баста шудани ин саҳифа хостанд рӯзномаи мустақили ӯзбекии худро ташкил намоянд.

Ин ташаббускорон сараввал талаботи аудитория, яъне омӯзгорони ӯзбекзабони минтақаҳои Кӯлоб ва Қӯрғонтеппаро ба назар гирифтанд. Зеро хонандагони онҳо маҳз омӯзгорони ӯзбекзабон маҳсуб мешуданд. Ин гурӯҳи ташаббускорон бо маслиҳат номи нашрияро «Элчи» («Сафир») гузоштанд, то ки сафири дӯстии халқҳо бошад.

Моҳи декабри соли 1991 аввалин шумораи рӯзномаи «Элчи» аз чоп баромад. Сармуҳарририи нашрияро Ҳайдар Ҷӯраев бар зимма гирифт. Он ба хонандагон ройгон тақсим карда шуд. Аз моҳи январи соли 1992 рӯзнома ба таври доимӣ ҳафтае як маротиба ба нашр мерасид.

Рӯзномаи «Элчи» аз тарафи хонандагон хуш пазируфта шуд. Аллакай, баъд аз нашри чанд шумора сафи обуначиён зиёд гардид.

Идораи рӯзномаи «Элчи» дар шаҳри Кӯлоб ҷой гирифта буд. Масъалаи паҳн кардани он дар минтақаи Қӯрғонтеппа ба зиммаи хабарнигори махсуси рӯзнома дар ин минтақа Шоимназар Омонов вогузор карда шуд.

Вазъи ноустувори сиёсии кишвар, ки дар аввали солҳои 90-уми асри гузашта ба вуқӯъ омада буд, ба фаъолияти рӯзномаи «Элчи» низ таъсири хешро гузошт. Ҳайати эҷодии рӯзнома ба мушкилиҳои зиёди молиявӣ рӯ ба рӯ гардид. Ва онҳо маҷбур шуданд, то идораи рӯзномаро аз шаҳри Кӯлоб ба шаҳри Қӯрғонтеппа (ҳозира шаҳри Бохтар) кӯчонанд.

Барои нигоҳ доштани рӯзнома муассиси хуб лозим буд. Сармуҳаррири рӯзнома Ҳайдар Ҷӯраев ва мухбири махсуси он дар минтақаи Қӯрғонтеппа Шоимназар Омонов ба назди муовини аввали раиси Кумитаи иҷроияи вакилони халқи вилояти Қӯрғонтеппа Исмат Эшмирзаев медароянд. Ӯ муроҷиати онҳоро ҷиҳати дастгирии молиявии нашрия қонеъ мегардонад. Бевосита бо дастгирии Исмат Эшмирзаев рӯзнома ба тобеияти Мақомоти иҷроияи вилояти Қӯрғонтеппа гузаронида мешавад.

Барои ин, шуъбаи ӯзбекии рӯзномаи «Навиди Вахш» барҳам дода шуда, кормандони он ба нашрияи «Элчи» ба кор қабул карда мешаванд. Аз идораи рӯзномаи «Навиди Вахш» ба кормандони нашрияи «Элчи» панҷ ӯтоқи корӣ ҷудо мегардад.

Рӯзномаи «Элчи» ҳамчун нашрияи расмии ӯзбекии вилояти Қӯрғонтеппа бо роҳбарии Ҳайдар Ҷӯраев ва журналистон Шоимназар Омонов, Ҷӯрақул Аҷибов, Искандар Маҳмадалиев, Яхшибой Пирматов, Худойбердӣ Қодиров, Баҳром Тоғайқулов ва Солиҷон Комилов фаъолияти худро идома дод. Вале бо сабаби нооромиҳои замона рӯзнома як муддат дар соли 1992 аз чоп боз монд.

Соли 1993 вилоятҳои Кӯлоб ва Қӯрғонтеппа барҳам дода шуда, ба ҷойи онҳо вилояти Хатлон ташкил карда мешавад. Дар вилоят ҳамчун нашрияи вилоятӣ рӯзномаҳои тоҷикӣ ва русӣ ба вуҷуд омаданд. Ва аз рӯзномаи «Хатлон» як саҳифа ба забони ӯзбекӣ ҷудо мегардад. Дар ин вақт рӯзномаи «Элчи» низ барҳам меҳӯрад.

Журналистони собиқи рӯзномаи «Элчи» ва раиси Ҷамъияти ӯзбекони вилоят Саидумар Шоимов аз вакилони халқи вилояти Хатлон тақозо мекунанд, ки барои мардуми ӯзбекзабони вилоят як нашрияи алоҳида ба забони ӯзбекӣ ташкил намоянд.

Ва талошҳои онҳо бесамар нарафта, моҳи марти соли 1993 дар заминаи рӯзномаи «Элчи» рӯзномаи нав бо номи «Дӯстлик» («Дӯстӣ») ташкил карда шуд.

Ба нашрия додани чунин ном бесабаб набуд: дар вилоят даҳсолаҳо инҷониб фарзандони тоҷику ӯзбек, намояндагони халқу миллатҳои дигар паҳлу ба паҳлуи ҳам зиндагӣ карда, барои гулгулшукуфии Тоҷикистони азиз, рушду пешрафти иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии кишвар талош доштанд [1, с.4-5].

Ба вазифаи сармуҳарририи рӯзнома Шоимназар Омонов таъйин гардид. «Дӯстлик» дар чор саҳифа ҳафтае як маротиба ба нашр мерасид.

Аз соли ташкилшавии рӯзнома дар он Ҳайдар Ҷӯраев (солҳои 1991-1992), Шоимназар Омонов (солҳои 1993-1995), Яхшибой Пирматов (солҳои 1996-2002), Солиҷон Комилов (солҳои 2003-2006) вазифаи сармуҳарририро бар уҳда доштанд.

Аҳли эҷодии нашрия фаъолияти хешро бо такя ба таҷрибаи ғании журналистикаи тоҷик пеш мебаранд. Рӯзноманигорони «Дӯстлик» аз мактаби бузурге (журналистикаи вилояти Хатлон –З.У.), ки саромадони онҳо Мирсаид Миршакар, Фотеҳ Ҳамидов, Абдуҳолиқ Содиқов, Муқим Абдураҳмонов, Тӯра Қобилов, Ҳақназар Ғоиб, Аскаралӣ Набиев, Файзалӣ Чориев ва дигар эҷодкорони тоҷику ӯзбек буда, дар рушди матбуоти вилоят нақши бориз доштанд, сабақ омӯхта, барои тарбияи дорои шуури баланд, ватандӯст, заҳматкаш, босаводу бомаърифат, васеъ намудани ҷаҳонбинии хонандагон, боло бурдани ҳисси хештаншиносии мардум, омода будани аҳли заҳмат ба рафъи ҳама гуна масъалаҳои мушкилоти рӯзгор ва дигар масъалаҳои мубрами рӯз қувваю ғайрати худро дареғ намедоранд [1, с.5].

Дар рӯзномаи «Дӯстлик» дар солҳои гуногун журналистони соҳибтаҷрибаи ӯзбекзабони вилояти Хатлон Баҳром Тоғайқулов, Адҳам Муҳаммад, Ойсара Умарова, Муҳаммадҷон Турсунов, Қарахон Турсунов, Бӯрибой Парпақов, Худойбердӣ Қодиров, Рачабқул Беков, Парда Ӯрозов, Абдулло Саид, Тахмина Муҳаммадсаид, Турдӣ Назар, Тӯрақул Маматқулов, Ҳасан Эрбобоев, Шаҳноза Қӯзиева, Абдулла Қурбонов, Шодӣ Қӯзиев, Феруза Ахмедова, Акбар Олтиев, Шаҳло Ӯрунбоева ва дигарон фаъолият намудаанд.

Имрӯз нашрия бо роҳбарии Тошмат Темиров (аз соли 2006 ин ҷониб) фаъолияти худро пеш мебарад. Дар он Абдурашид Мусоев, Абулқосим Кӯганов, Шоира Мирзоалиева, Манзура Тоғаева, Шоира Ҳамдамова фаъолияти пурсамар доранд.

Тавре раиси вилояти Хатлон Давлатшоҳ Гулмаҳмадзода дар паёми табрикии худ ба муносибати 25-солагии рӯзномаи «Дӯстлик» таъкид мекунад: «Аҳли эҷоди рӯзнома ҳамеша дар кӯшиши онанд, ки ҷонфидоӣ, қаҳрамониҳои нахустфотеҳони водии Вахш, бунёди корхонаҳои саноатӣ, сохтмони неругоҳҳои барқии обӣ, сохтмони иншоотҳои хурду бузург, роҳҳо ва ғайра, ҳиссаи фарзандони халқу миллатҳои мухталиф – тоҷикону ӯзбекон, русу тотор ва аҳвоми дигарро дар ин корҳои азими созандагӣ дар саҳифаҳои нашрия инъикос намоянд. Маводҳои ҷолибе аз бунёди неругоҳи барқи обии «Сангтӯда», сохтмони корхонаҳои саноатӣ дар ноҳияи Ёвон, сохтмону таҷдиди роҳу пулҳо дар навоҳии кӯҳистон ва ғайра гувоҳи равшани ин гуфтаҳоянд» [1, с.5].

Воқеан, рӯзномаи «Дӯстлик» ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ, иҷтимоиву фарҳангии вилояти Хатлонро то ҳадди имкон инъикос менамояд. Вале дар он маводҳои таҳлиливу танқидӣ хеле кам ба назар мерасад. Инро худи хонандагони рӯзнома низ ишора намудаанд:

«Дар рӯзномаи «Дӯстлик» маводҳои танқидӣ хеле кам нашр мегарданд. Бе танқид рӯзнома дар байни мардум эътибори зарурӣ пайдо намекунад, - менависад муштарии доимии рӯзнома аз ноҳияи Ёвон Турназар Бӯтаев дар мақолаи худ ба номи «Дӯстлик» газетаси тӯғрисида таклиф ва мулоҳазалар» [«Дӯстлик» – 2017. – 9 июл] («Пешниҳоду мулоҳизаҳо дар хусуси рӯзномаи «Дӯстлик»»). - Агар дар хусуси саҳифаҳои бадеии рӯзнома сухан гӯем, асарҳое, ки ба номи «беҳтарин» сазовор бошанд, хеле каманд. Баъзан шеъру ҳикояҳое ба чоп мерасанд, ки ба таҳрири ҷиддӣ ниёз доранд. Ба асарҳои бадеӣ «сахтгирӣ» мебояд. Дар рӯзнома он асарҳоеро чоп намудан лозим аст, ки аз ҷиҳати бадеӣ мукаммал ва пухта бошанд».

Ба таъкиди муштарӣ аксари обуначиёни рӯзнома хоҷагиҳои деҳқонӣ ба шумор мераванд, вале дар саҳифаҳои он аз ҳаёти деҳқонон кам мақола дарёфт мекунанд.

Ба андешаи ҳайати эҷодии нашрия «жанре, ки нуфуз ва рангорангии рӯзномаро афзун мегардонад, ин хабар аст. Дар назди худ мақсад гузоштем, ки дар оянда ба ин жанр эътибори бештар медиҳем. Дарвоқеъ, дар тамоми гӯшаҳои вилоятамон мухбирони ҷамоатӣ дорем. Аммо аз онҳо ба почтаамон хабару мақолаҳои таҳлиливу танқидӣ кам ворид гашта истодааст. Онҳо бештар намунаи асарҳои бадеиро ирсол менамоянд. Аммо онҳо дар ёд дошта бошанд, ки рӯзномаи мо сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ аст» [3, с.24].

Дар баробари ин, дар рӯзнома саҳифаҳои алоҳидаи «Дам олиш бекати» («Истгоҳи фароғат»), «Дилдош» («Ҳамдилӣ»), «Болалар бурчаги» («Саҳифаи кӯдакон») ҳар моҳ бо навбат нашр мегаданд, ки дар онҳо аксаран намунаҳои эҷодии шоиру нависандагони ӯзбекзабони вилоят ҷо дода мешаванд.

Теъдоди нашри рӯзнома низ сол то сол зиёд шуда истодааст. Агар дар солҳои 2000-2005 он 250-300 нусха чоп шуда бошад, дар солҳои 2008-2010 ин теъдод ба 1000 нусха расонида шудааст. Ҳоло (соли 2019) рӯзнома бо теъдоди зиёда аз 3500 нусха ба чоп мерасад.

Нақши рӯзномаи вилоятии «Дӯстлик» дар фазои иттилоотии вилояти Хатлон барҷаста нест. Ин ҳам дар ҳолест, ки он ягона рӯзномаи ӯзбекии вилояти Хатлон аст. Тавре мушоҳида мешавад, дар солҳои охир саҳифаҳои ӯзбекӣ, ки дар аксари рӯзномаҳои ноҳиявии вилояти Хатлон ҷо доштанд, аз байн рафта истодааст. Ин гуна вазъият хеле нигаронкунанда низ ҳаст. Ва ин гуна омилҳо сабаб мегарданд, то мардуми ӯзбекзабони вилоят ҷӯёи ахбор бо забони модарии худ аз ВАО-и хориҷӣ гарданд.

Масъалаи дигар, ин набудани кадрҳои ҷавони журналистикаи ӯзбекзабони вилояти Хатлон аст. Ба фарқ аз вилояти Суғд дар ин ҷо ҷавонон ба рӯзномаву рӯзномахонӣ таваҷҷуҳи зиёд надоранд ва аз тарафи идораи рӯзнома низ ҳамкориҳо дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудааст.

Дар ин гуна вазъият Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлонро мебояд ба ин масъала таваҷҷуҳи бештар зоҳир намуда, фаъолияти рӯзнома ва саҳифаҳои ӯзбекии нашрияҳои маҳаллиро ҷоннок намоянд, то ки онҳо низ тавонанд дар ҳифз ва таъмини фазои иттилоотии вилоят саҳми худро гузоранд.

А Д А Б И Ё Т

1. Дӯстлик гулдастаси. – Душанбе: Ирфон, 2016. – С. 1-5.
2. Маъмурзода Н. Журналистикаи Хатлон: вазъият, тамоюлҳо ва дурнамои рушд / Н.Маъмурзода // Журналистикаи Хатлон: вазъият, тамоюлҳо ва дурнамои рушд. – Душанбе: Ирфон, 2015.
3. Умаров З. Нақши расонаҳои ӯзбекии Тоҷикистон дар фазои иттилоотии ҷумҳурӣ / З.Умаров // Илм ва фановарӣ (маҷаллаи илмӣ) бахши филология. – Душанбе: Сино, 2015. - №4 (8). – С.139.

М А Н Б А Ъ

1. Рӯзномаи «Дӯстлик», солҳои 2001-2017.

«ДӮСТЛИК» - РӮЗНОМАИ ӮЗБЕКИИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

Дар ин мақола таърих ва ташаккули рӯзномаи ӯзбекии вилояти Хатлон, нақши он дар фазои иттилоотии вилоят ва вазъи имрӯзаи нашрия таҳлилу баррасӣ шудааст. Дар мақола омил ва заминаҳои пайдоиши рӯзномаи «Элчи», ки яке аз аввалин рӯзномаҳои мустақили ӯзбекӣ дар минтақаи Кӯлоб ба шумор меравад, оварда шудааст. Дар бораи ташкилшавии рӯзномаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон - рӯзномаи «Дӯстлик» маълумотҳои пурра дода шудааст. Нақши рӯзномаи вилоятии «Дӯстлик» дар фазои иттилоотии вилояти Хатлон барҷаста нест. Ин ҳам дар ҳолест, ки он ягона рӯзномаи ӯзбекии вилояти Хатлон аст. Тавре мушоҳида мешавад, дар солҳои охир саҳифаҳои ӯзбекӣ, ки дар аксари рӯзномаҳои ноҳиявии вилояти Хатлон ҷо доштанд, аз байн рафта истодааст. Ин гуна вазъият хеле нигаронкунанда низ ҳаст.Ваъзи имрӯзаи рӯзномаҳо таҳлил гардида, истифодаи жанрҳо баррасӣ шудааст. Дар натиҷаи таҳлилҳо муаллиф барои беҳтар намудани мазмун ва мухтавои нашрия, самаранок гардонидани фаъолияти он, мустаҳкам намудани нақши он дар фазои иттилоотии вилоят пешниҳодҳо намудааст. Муаллиф дар тадқиқоти худ аз манбаъҳои илмӣ ва сарчашмаҳо васеъ истифода кардааст. Мақолаи мазкур аввалин тадқиқоти илмӣ доир ба матбуоти ӯзбекзабони вилояти Хатлон мебошад, ки барои омӯзиши минбаъдаи ин бахш ҳамчун сарчашма ба кор бурда мешавад.

Калидвожаҳо: журналистика, рӯзнома, матбуот, «Элчи», «Дӯстлик», фазои иттилоотӣ, матбуоти ӯзбекзабон.

«ДУСТЛИК» - УЗБЕКОЯЗЫЧНАЯ ГАЗЕТА В ХАТЛОНСКОЙ ОБЛАСТИ

В данной статье анализируется история развития узбекоязычной газеты Хатлонской области, ее роль в информационном пространстве области и ее сегодняшнее состояние. В статье приведены факторы и основы появления газеты «Элчи», бывшей в числе первых независимых газет в Кулябском регионе. Дана полная информация, о формировании издания исполнительного органа государственной власти Хатлонской области – газеты «Дустлик». Несмотря на то, что областная газета «Дӯстлик» является единственной газетой на узбекском языке, ее роль остается не очень заметной в информационном пространстве Хатлонской области. Как видно из наших наблюдений, в последние годы страницы на узбекском языке в некоторых районных газетах Хатлонской области стали исчезать со страниц газет и данное явление вызывает опасения. Анализировав нынешнее состояние газет, автор рассмотрел также использование жанров. В результате анализа автор для улучшения смысла и содержания издания, его эффективной деятельности, упрочнения его роли в информационном пространстве региона выдвинул свои предложения. Автор в своём исследовании использует различные научные источники. Это первый анализ узбекоязычной газеты в Хатлонской области, что может быть использовано для дальнейшего изучения этого направления.

Ключевые слова: журналистика, газета, пресса, «Элчи», «Дустлик», информационная среда, узбекоязычные СМИ.

«DUSTLIK» - UZBEK-LANGUAGE NEWSPAPER IN KHATLON REGION

This article analyzes the history of Uzbek-language newspaper of Khatlon region, its role in the information space of the region and its current tutus. The article presents the factors and foundations of the newspaper "Elchi" which is among the first independent Newspapers in the Kulob region. Full information is given on the formation of the publication of the Executive body of state power of Khatlon region-the newspaper "Dustlik". Despite the fact that the regional newspaper "Dustlik" is the only newspaper in the Uzbek language, its role remains not very noticeable in the information space of the Khatlon region. As can be seen from our observations in recent years, pages in the Uzbek language have begun to disappear from the pages of newspapers in some district newspapers of the Khatlon region, and this phenomenon raises concerns. Analyzing the current state of Newspapers, the use of genres is considered. Because of analyses, the author for improvement of sense and the maintenance of editions, its effective activity, strengthening of its role in information space of the region put forward the offers. The author in his research using a variety of scientific sources. This is the first analysis of the Uzbek-language newspaper in Khatlon region, which is a source that will be used for further study of this area.

Key words: journalism, newspaper, press, «Elchi», «Dustlik», information environment, Uzbek-languagee newspaper.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Умаров Зуҳриддин Тоштемирович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи журналистикаи байналмилалӣ. **Суроғa:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **sarazm1993@mail.ru.** Тел.: **(+992) 902-02-62-93**

Сведения об авторе: ***Умаров Зухриддин Тоштемирович*** – Таджикский национальный университет, соискатель кафедры международной журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17.
E-mail: **sarazm1993@mail.ru.** Тел.: **(+992) 902-02-62-93**

Information about the author: ***Umarov Zuhriddin Toshtemirovich*** – Tajik National University, candidate of the department of International journalism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.
E-mail: **sarazm1993@mail.ru.** Tel.: **(+992) 902-02-62-93**

УДК: 659.1

ХАРАКТЕРНЫЕ ЧЕРТЫ СТАНОВЛЕНИЯ ГРАЖДАНСКОГО ОБЩЕСТВА И ГРАЖДАНСКОЙ ЖУРНАЛИСТИКИ В ПЕРИОД НЕЗАВИСИМОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Абдуллозода М.А., Рахимов А.А.
Российско-Таджикский (Славянский) университет

Феномен гражданской журналистики тесно связан со становлением и развитием гражданского общества и является одним из императивов демократического и светского развития современных государств. Такой путь развития закреплен, в том числе и в Конституции Республики Таджикистан, первая статья которой гласит: «Республика Таджикистан – суверенное, демократическое, правовое, светское, унитарное государство. Таджикистан,

являясь социальным государством, создает условия, обеспечивающие достойную жизнь и свободное развитие человека».[‡]

В течение тридцати лет своей государственной независимости наша страна, несмотря на гражданскую войну, развязанную внешними силами в 90-е годы прошлого века, а затем трудности социально-экономического характера, неизменно идет по пути демократического, социального и светского развития.

Для этого наше государство, с одной стороны, использует опыт передовых демократий, где гражданское общество уже сложилось, а с другой - прилагает усилия к реализации этой цели с учетом национальных и традиционных ценностей таджикского народа.

Исследователь Ш. Каримов на основе анализа теоретических разработок известных ученых описал признаки или критерии современного понимания гражданского общества таким образом: а) сообщество свободных индивидов;

б) открытое социальное образование свободных, самоинициативных граждан; в) законопослушание и уплата налогов; г) структурированная плюралистическая система; д) саморазвивающаяся и самоуправляемая система и т.п. [3, с.54-56].

На основе этих и других критериев Ш. Каримов формулирует следующее определение: «гражданское общество – правовое демократическое общество, где связывающим фактором выступают признание, обеспечение и защита естественных и приобретенных прав человека и гражданина. Это общество, ориентированное на конкретного человека, создающее атмосферу уважения к правовым традициям и законам, общегуманистическим идеалам, обеспечивающее свободу творческой и предпринимательской деятельности» [3, с.57-58].

С. Г. Кирдина квалифицировала это понятие в качестве идеологемы, у которой есть свои базовые ценности [6, с.63]. На взгляд В. Максименко

вместо понятия «гражданского общества» было бы более уместным использовать понятие «гражданское участие» [6, с.113-128].

А по формулировке А.И. Верховской, «под гражданским обществом можно понять особую сферу жизни социума, состоящую из социальных отношений, социальных взаимодействий людей, образуемых ими институтов, которые без вмешательства государства выполняют функции самоорганизации и саморегулирования» [1].

Из сказанного можно сделать вывод, что гражданское общество - это общество, где наряду с государством важную роль в общественной жизни также играют сами граждане, само население, живущее в том или ином государстве.

Следует отметить, что Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон в своих выступлениях неоднократно высказывался о роли и значении гражданского общества в решении политико-экономических и особенно социально-нравственных вопросов, волнующих наше общество. Он подчеркивал «Гражданское общество является детищем демократического, правового и светского государства, в свою очередь, насколько будет развиваться гражданское общество, настолько будет продвигаться демократическое государство. На этой основе мы в Таджикистане заложили фундамент формирования гражданского общества и в рамках Конституции, других законов страны урегулировали вопрос о создании его институтов»[§].

